**ISSN 2413-5151**

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2023. №9.

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2023. №9.

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2023. No.9.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Калемуллоев Мунир Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Туҳфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулхакович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |


*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №9.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Муњаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |


Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №9.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

| | |
|---|---|
| ***CHIEF EDITOR:*** | |
| **Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |
| **DEPUTY CHIEF EDITOR:** | |
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |
| ***DEPUTY CHIEF EDITOR:*** | |
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |
| **MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:** | |
| ***08.00.00 - Economy*** | |
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| ***12.00.00 – Jurisprudence*** | |
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| ***23.00.00 – Political sciences*** | |
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №9.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ТДУ: 336.77.067

# МАВҚЕИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Хушвахтзода Қ.Х., Оев А.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Самаранокии низоми иқтисодии ҳар кишвар аз бисёр омилҳо вобаста аст, аммо омили калидии онро дар бештари маврид тамоюлҳои рушди бахши бонкӣ ташкил медиҳанд. Дараҷаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ ҳолатеро дарбар мегирад, ки дар он низом ба ҳадафҳои стратегӣ, мувофиқи талаботи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, бо назардошти мавҷудияти омилҳои берунӣ ва мувофиқ ба тамоюлҳои муосири фаъолияти бонкӣ, дар натиҷаи амалисозии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, ки ба рушди устувор мусоидат мекунад, инъикосгар аст.

Дар шароити муосир иқтисодиёти миллиро ба бахшҳои воқеӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ гурӯҳбандӣ мекунанд, ки ҳар номгӯи қайдшудаи ин бахшҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар нақш ва аҳаммияти муассирро мебозад. Албатта, афзалияти бештари низоми молиявӣ дар фаъолнокии дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ мубрам арзёбӣ мегардад, ки низоми бонкӣ ҳамчун зерқисми ин бахш мавқеи хосаро касб менамояд.

Низоми муосири бонкӣ яке аз муҳимтарин соҳаи иқтисодии ҳар як давлати пешрафта маҳсуб ёфта дар бештари ҳолат онро маҷозан ҳамчун рагҳои хунгарди иқтисодиёт низ арзёбӣ менамоянд.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба афзалиятҳои он ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани бахши воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, дар рушди бемайлони иқтисоди миллӣ саҳми сазовори худро мегузорад. Ин бахш ҳамеша дар маркази сиёсати иқтисодии давлат қарор дошта, тақдири иқтисодиёти кишвар аз ҳолат ва динамикаи рушди он, вобаста аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақш ва вазифаи низоми бонкии кишварро дар иқтисодиёт чунин арзёбӣ намудаанд, “Низоми бонкӣ бояд ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад” [11]. Бояд қайд намуд, ки Сарвари давлат дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии кишвар ба ин бахши муҳимми иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Дар Паёми навбатии хеш дар соли 2022 Сарвари давлат ба яке аз масъалаҳои меҳварии бахши бонкӣ, ки ба хавфҳои эҳтимолӣ ва ба амалиёти қарзии низоми бонкӣ алоқаманд аст, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карданд. Бо ин мақсад, таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ бо алоқамандӣ ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар имрӯз мубрам гардида, арзёбии ҳолатҳои расидан ба ҳадафҳои гузоштташудаoriginal инъикосгар мебошад.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” барои расидан ба ҳадафҳои дарпешгузошташуда ба бахши моливяии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус бахши бонкӣ, таваҷҷуҳи хосса равона гардида, самтҳои гуногуни фаъолият муайян ва натиҷаҳои интизории мушаххас пешбинӣ карда шудаанд. Ба монанди [13]:

- ҷорӣ намудани низомҳои муосири идоракунии хавф ва усулҳои назорат дар асоси арзёбии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявӣ;

- пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ

барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо;

- такмил додани низом ва маданияти қарздиҳӣ;

- таъмини молиякунонии умумии иқтисодиёти миллӣ то 55-70%-и ҳиссаи ММД, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши қарзҳои бонкӣ - 40-50%;

- фароҳам овардани заминаҳои молиявӣ барои гузариш ба иқтисодиёти шакли индустриалию аграридошта ва ғайра;

Лозим ба ёдоварист, ки дар Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, яке аз ҳадафҳои асосии онро андешидани чораҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзҳои мухлатгузашта ва беэътимод, инчунин, таҳкими идорасозии хавфҳои молиявӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медод [10], ки аз мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Зери мафҳуми хавф - ин номуайяниҳои фаъолияти моро иҳотакунанда, ки натиҷаи он талафёбӣ, осебпазирӣ, хароҷоти иловагӣ ё ин ки баръакс, дар ҳолати интихоби саҳеҳи алтернативӣ даромади иловагӣ ва фоидаи пешбинишуда мебошад, фаҳмида мешавад.

Дар санади меъёрӣ "хавфи қарзӣ - эҳтимолияти ба амал омадани зарар дар натиҷаи аз тарафи қарзгиранда ва ё контрагент иҷро нагардидани уҳдадориҳои худ, тибқи шартҳои мувофиқашуда", шарҳ дода шудааст [5,с.2].

Агар ба низоми гурӯҳбандии хавфҳои иқтисодӣ аҳаммият диҳем, маълум мегардад, ки хавфи қарзӣ яке аз намудҳои хавфҳои молиявӣ буда, он дар бахши бонкӣ аз хавфҳои дорои дараҷаи баланд аст ва дар рафти фаъолият бештар вомехӯрад. Дар баробари ин, вай сарчашмаи тавлиди дигар хавфҳо дар бахши бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Олими рус И.В. Хоминич ҳангоми омӯзиши хавфҳои молиявӣ манбаъҳои хавфи қарзиро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст [14,с.16]:

- ➢ контрагенти мушаххас ё қарзгиранда;
- ➢ сандуқи қарзӣ – маҷмуи маблағгузориҳои қарзӣ;

Контрагенти мушаххас ё қарзгиранда ин хавфи қарзии як шартномаи қарзӣ (қарзҳои гурӯҳӣ)-ро дар бар мегирад.

Маҷмуи маблағгузориҳои қарзӣ ин маблағи қарзи додашуда ва уҳдадориҳои қарзии бадастомада мебошад. Хавфи қарзӣ дар доираи сармоягузориҳои маҷмуии қарзӣ эҳтимолияти коҳиши арзиши қисми дороиҳо ё кам шудани даромаднокии воқеии қисми дороиҳои бонкро ифода мекунад.

Н.С. Костюченко назари худро оид ба мавқеи хавфи қарзӣ чунин иброз доштааст: "хавфи қарзӣ дар ҳоле ба миён меояд, ки қарзгиранда ё дигар субъекти иқтисодӣ дар муносибатҳои қарзӣ ба сифати қарзгиранда баромад намояд" [8,с.58]. Чи тавре аз ин гуфтаҳо бармеояд, дар шароити иқтисоди бозорӣ дар фаъолияте, ки дар он муносибатҳои қарзӣ дида мешаванд, ҳатман дар он хавфи қарзӣ вуҷуд дорад.

Гурӯҳбандии хавфҳои молиявиро, ки ниҳоди байналмилалӣ оид ба назорати бонкӣ, яъне Кумитаи Базелӣ тасниф кардааст, аслан се намуди асосии хавфҳои молиявӣ - ба монанди хавфҳои қарзӣ, бозорӣ ва пардохтпазириро дар бар мегирад, ки онро бо иловаҳо чунин пешниҳод менамоем (рас. 1).

**Расми 1. Таснифи хавфҳои молиявӣ**
**Figure 1. Classification of financial risks**



Дар бисёр адабиёти илмии иқтисодӣ хавфҳои қарзиро аз рӯи сарчашмаи пайдоиш ба ду гурӯҳ - дохилӣ ва берунӣ, ҷудо намудаанд, ки онро дар расм овардаем ва шарҳи онро бамаврид меҳисобем.

Хавфи дохилии қарзӣ хавфи маҳсулоти қарзӣ дар натиҷаи эҳтимолияти талафот аз ҳисоби иҷро нагардидани уҳдадориҳои шартномавии ҷониби дигар мебошад. Ба таркиби хавфи дохилии қарзӣ хавфи пардохт накардани маблағи асосӣ ва баҳраҳо аз он, хавфи анҷом додани амалиёт ва хавфи таъминот дохиланд.

*Хавфи пардохт накардани маблағи қарзи асосӣ ва баҳраҳо* ин хавфи пардохт накардани маблағи умумии қарз ва напардохтани баҳраҳо пас аз муҳлат мебошад.

*Хавфи ба итмом расонидани амалиёт* ин хавфи аз ҷониби контрагент иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ дар вақти муайян ё иҷроиши он бо батаъхирмонӣ аст.

*Хавфи замонат* хавфи зарарест, ки бо паст шудани арзиши бозории замонат барои қарз ва ба қобилияти надоштани молу мулки замонат вобаста аст.

Хавфи берунии қарзӣ хавфи ҷониби тараф аст, ки аз эҳтимолияти пардохти дефолт (батаъхирмонӣ) ва талафоти эҳтимолӣ дар ҳолати пардохт ба миён меояд. Ин намуди хавф бо баҳодиҳии пардохтпазирӣ, эътимоднокӣ ва устувории молиявӣ алоқаманд аст.

Хавфи берунии қарзӣ хавфи контрагент, хавфи давлатӣ ва хавфи тамаркузро дар бар мегирад.

*Хавфи контрагент* хавфест, ки контрагент уҳдадориҳои шартномавии худро иҷро намекунад.

*Хавфи давлат* хавфи эҳтимолияти боздоштан, кам ё пурра рад кардани пардохти баҳраҳо ва (ё) маблағи асосии қарз бо сабабҳои марбут ба кишвари қарзгиранда аст, ки дар он шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст ва (ё) фаъолияти асосии худро дорад. Сабабҳои хавфи давлат метавонад навовариҳои давлатӣ оид ба татбиқи чораҳои танзими асъор ва назорат бошанд, ки дар натиҷа иҷроиши уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби шарикон ғайриимкон мегардад.

*Хавфи тамаркуз* хавфи тақсимоти нобаробари маблағҳои пулӣ дар байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, минтақаҳо ва шарикони ҳамдигар мебошад.

Барои таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ донистани омилҳои таъсиррасони он ва таҳлили онҳо, ки ба идоракунии хавфҳои қарзӣ таъсир мерасонанд, бо мақсади баэътидолории онҳо ва кам кардани эҳтимолияти зиён барои бонк ниҳоят муҳим мебошад. Ин омилҳо метавонанд чунин бошанд:

- вазъи иқтисодӣ ва сиёсии кишвару минтақа, омилҳои макроиқтисодӣ ва микроқтисодӣ (вазъи буҳронии иқтисодиёти давраи гузариш, ташаккули нопурраи низоми бонкӣ ва ғайра);
- дараҷаи тамаркузи фаъолияти қарзӣ дар бахшҳои ҷудогонае, ки ба тағйирот дар иқтисодиёт ҳассос ҳастанд (яъне, миқдори назарраси маблағе, ки ба доираи маҳдуди қарзгирандагон ё бахшҳо дода шудаанд);
- қобилияти қарзадокунӣ, нуфуз ва намудҳои қарзгирандагон аз рӯи моликият, вобастагӣ ва муносибати онҳо бо таъминкунандагон ва дигар қарздиҳандагон;
- муфлисшавии қарзгиранда;
- ҳиссаи калони қарзҳо ва дигар шартномаҳои бонкӣ, ки ба онҳо тааллуқ доранд;
- мизоҷон дар мушкилоти молиявӣ;
- мутамарказонидани фаъолияти ташкилоти қарзӣ ба самтҳои бесамар омӯхташуда, нав ва анъанавии қарздиҳӣ (лизинг, факторинг ва ғайра);
- ҳиссаи муштариёни нав ба нав ҷалбшуда, ки дар бораи онҳо бонк маълумоти кофӣ надорад;
- суиистифода аз ҷониби қарзгир, қаллобӣ;
- ҳамчун замонати ба фурӯш гузоштишуда ё ба зудӣ фарсуда шудани арзишҳо ва ғайриимкон будани гирифтани кафолати дахлдори қарз;
- гум кардани замонат;
- диверсификатсия (гуногунсози)-и сандуқи қарзӣ;

➢ дақиқ будани асоснокии техникию иқтисодии шартномаи қарзӣ ва тиҷоратӣ ё лоиҳаи сармоягузорӣ;

➢ зуд-зуд ворид кардани тағйирот ба сиёсати ташкилоти қарзӣ ва ба қарзҳо, ташаккули сандуқи қарзҳои додашуда;

➢ намуд, шакл, андозаи қарз, пешниҳоди он ва ғайра.

Барои ба низом овардани чунин омилҳо онҳоро гурӯҳбандӣ намуда, дар шакли зерин тасвир менамоем (ниг. ба расми 2).

**Расми 2. Таснифоти омилҳои хавфҳои қарзӣ**
**Figure 2. Classification of credit risk factors**




Сарчашма: Таҳияи муаллифон

Чи тавре дар расм дида мешавад, омилҳо ба ду гурӯҳ – макросатҳ ва микросатҳ, ҷудо мешаванд ва дар навбати худ, микросатҳ низ ба омилҳои алоқаманд ба қарзгирандагон ва алоқаманд бо бонк тасниф мешаванд. Хусусияти асосии таснифоти омилҳои ҷойдошта дар он аст, ки вай таҳлили хавфҳои қарзиро аз се ҷониби таъсиррасон баҳо медиҳад ва ин ҷараён кору натиҷаи таҳлилро самаранок мегардонад.

Қарздиҳӣ ин амалиёти таърихан анъанавии бонкӣ ва яке аз самтҳои муҳимми рушди амалиёти фаъоли бонкӣ мебошад, ки дар бештари ҳолатҳо даромаднокии қисмати дороии тавозуни бонкро таъмин менамояд. Таҷрибаи амалии бонкҳо нишон медиҳад, ки сандуқи қарзӣ қисми зиёди дороиҳои бонкро ташкил медиҳад, аз ин сабаб, бонкҳо ба сифат ва ҳолати он манфиатдор мебошанд. Аз дигар ҷониб, яке аз нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк, ки самаранокии онро арзёбӣ менамояд, ин сифати сандуқи қарзии он мебошад. Сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар умум барои фаъолияти иқтисодии давлат ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ аҳаммияти хосса дорад, чун дар асоси ин нишондиҳанда мавқеи пардохтпазирии низоми молиявӣ ва сохторҳои он баҳо дода мешавад.

Қобили зикр аст, ки дараҷаи нишондиҳандаҳои молиявии баъзе кишварҳои ҷаҳон (диаг. 1) дар сатҳи мухталиф буда, дар омори овардашуда нишондиҳандаҳои кишварҳои минтақа дар дараҷаи баланд қарор дорад. Ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол манфӣ арзёбӣ карда мешавад, ки он таъсири худро бевосита ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат мерасонад.

**Диаграммаи 1. Нишондиҳандаҳои молиявии баъзе аз кишварҳои ҷаҳон дар давоми соли 2021**
**Diagram 1. Financial indicators of some countries of the world for 2021**




Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси- https://www.ceicdata.com/en санаи муроҷиат 17.10.2021.

Дараҷаи пасти ин нишондиҳанда таъсири манфии худро ба сифати сандуқи қарзӣ ва дигар нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ, аз қабили даромаднокии дороиҳо, даромади баҳрагирии холис, сармоя, аз ҷумла ба меъёри пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ расонида, самаранокии фаъолиятро коста мегардонад. Сифати сандуқи қарзӣ аз нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти бонкӣ буда, он самаранокии фаъолияти бонкро бозгӯӣ мекунад. Дар баробари ин, сифати сандуқи қарзии умуман бахши бонкӣ, мутаносибан, метавонад ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсиррасон бошад.

Дар баробари таъсири манфии хавфи қарзӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, вобастагии онро бевосита ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат низ арзёбӣ намудан мумкин аст, ки мо онро маҷмуан чунин иброз медорем: низоми бонкӣ ҷузъи калидии низоми молиявии мамлакатро ташкил медиҳад ва натиҷаҳои мусбат ва ё манфии нишондиҳандаҳои устувории молиявии он метавонад таъсири мунтаносиби худро ба иқтисодиёти кишвар расонда бошад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми коркарди барномаву стратегияҳо ба ин нишондиҳанда таваҷҷуҳи хоса бояд равона намуд, чунки барои сармоягузор ва ё контроагент донистани нишондиҳандаи сифати сандуқи қарзӣ ҷиҳати баҳодиҳии фаъолияти мақсаднок муҳим арзёбӣ мегардад.

Мубрамияти таҳлили хавфҳои қарзиро дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди маълумоти дар диаграммаи 2 овардашуда арзёбӣ менамоем.

**Диаграммаи 2. Сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Diagram 2. Quality of the loan portfolio of the banking system of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма*:* Таҳияи муаллифон дар асоси омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Ҳисобҳои таҳлилӣ бозгӯи онанд, ки бақияи сандуқи қарзӣ дар давраи таҳлилшаванда –с.2021 нисбат ба с.2007 2,2 маротиба афзоиш ёфта, ба ҳисоби миёна ҳамасола 11,2%-и афзуншавиро нишон медиҳад. Нововбаста аз ин, ҳиссаи қарз дар ММД бо муқоиса ба маҳакҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар боло қайд гардид, қонеъкунанда набуда, дар соли 2021 аз рӯи ҳиссаи дороиҳои низоми молиявӣ дар ММД 25,2% [13]-ро ташкил медод, ки аз он 22,7% - ба бахши бонкӣ тааллуқ дошта, аз рӯи ҳисобҳи бақияи сандуқи қарзии низоми бонкӣ 11,8%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, маълумоти диаграмма нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи сифати сандуқи қарзӣ (NPL > 90 рӯз) дар давраи таҳлилшаванда динамикаи ноустуворро дорост ва самаранокии фаъолияти бахши бонкӣ дар он давраҳое, ки нишондиҳанда дараҷаи баландро нишон медиҳад, дар сатҳи лозима таъмин нагардидааст ва аз дигар ҷониб, ин нишондод дараҷаи баланди хавфҳои қарзиро нишон медиҳад. Барои баҳодиҳии сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар зер сандуқи қарзиро аз рӯи таснифоти қарз дар шакли диаграмма барои солҳои 2011-2021 пешниҳод менамоем.

**Диаграммаи 3. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн. сомонӣ)**
**Diagram 3. Quality of the loan portfolio of financial and credit organizations (mln. somonis)**




Сарчашма**:** Таҳияи муаллифон дар асоси Бюллетини омори бонкӣ. 2015. -12(245). -С.98; Бюллетини омори бонкӣ. 12(281) 2018.-С.85; Бюллетини омори бонкӣ. 12(293) 2019.-С.92; Бюллетини омори бонкӣ. 12(305) 2020.-С.92; Бюллетини омори бонкӣ. 12(315) 2021.-С.61.

Маълумоти диаграммаи 3 бақияи сандуқи қарзии ТҚМ-ро дар интиҳои давра аз рӯи гурӯҳбандии қарз инъикос менамояд. Шуруъ аз соли 2013 пастшавии сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ мушоҳида мегардад, ки аз як тараф, омили асосии онро пешниҳоди қарзҳои барзиёд ва бе таҳлилҳои мушаххас, ки қобилияти қарзадокунии ҳамаҷонибаи мизоҷро муайян менамояд ва аз ҷониби дигар бухрони дар солҳои 2014-2015 баамломада ташкил медиҳанд. Чи тавре аз диаграмма дида мешавад, дар соли 2016 ҳиссаи қарзҳои бэътимод ба ҳадди ниҳоӣ расида буд, ки аз он 34,4% ё худ 3,3 млн. сомонӣ аз ҷамъи сандуқи қарзӣ мебошад. Ҳолати бавуқуъомада тағйироти куллиро дар низоми бонкии мамлакат ба бор оварда, сабаби муфлисгардии як қатор бонкҳо ва таҳаввулоти нав дар низоми бонкӣ гардид. Бо мақсади солимгардонии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, мақоми ваколатдор ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва баэътидолории хавфҳо нақшаи чорабиниҳоро роҳандозӣ намуд.

Яке аз ҳадафҳо баргардонидани қарзҳои батаъхирафтода ва ё андешидани чораҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзҳои муҳлатгузашта ва беэътимод мебошад. Механизми амалии чунин ҷараён метавонад бо чунин роҳҳо ба эътидол оварда шавад:

- кор бо муштариёне, ки қарзҳои онҳо ба таъхир афтодааст;
- ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ситонидани қарзҳои батаъхирафтода;
- муроҷиат ба мақомоти дахлдор ҷиҳати ситонидани қарзҳои беэътимод;
- ба фурӯш гузоштани амволи ба замонат гузошташуда ҳамчун таъминоти қарз ва ба ин восита баргардонидани қарз.

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур омилҳои гуногуни таъсиррасон ва мушкилотҳо дар бахши бонкиро метавон қайд намуд, ки ҳалли онҳо метавонад ба масъалаи мазкур мусоидаткунанда бошад. Ба монанди:

- такмил ва мутобиқгардонии раванди қарздиҳӣ дар низоми бонкӣ, риояи низомнокии он;
- рақобати заиф байни ташкилотҳои қарзӣ;
- дастрасии бонкҳо ба воситаҳои пулии арзону дарозмуҳлат;
- пешниҳоди маҳсулотҳои қарзии мувофиқ ба талаботи истеъмолгарон;
- хизматрасонии дастрас ва талаботи мушкили қарзгирӣ;
- баҳраҳои қарзии нисбатан баланд;
- набудани роҳнамо барои замонат;
- суғуртакунии қарзи пешниҳоднамудаи бонк;
- тадбирҳои ислоҳнамоии ҳисоботи аудиторӣ.

Маҷмуан, хавфҳои қарзӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун зуҳуроти манфӣ арзёбӣ мегарданд, ки пайомадҳои манфии онҳо дар фаъолияти ин ниҳодҳои молиявӣ дар мақола баррасӣ гардидаанд. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд аз усулҳои муосиру мухталифи баҳодиҳӣ, мониторинг ва назорати хавфҳои қарзӣ истифода намуда, онҳоро идора намоянд, то ба суботи молиявии онҳо ва дар умум, ба низоми молиявии кишвар таҳдид накунанд.

Ҳамин тавр, хавфҳои қарзӣ аз зумраи унсурҳои баҳодиҳандаи сифати сандуқи қарзӣ, самаранокии фаъолияти бонкӣ, устувории низоми бонкӣ ва суботи низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад, аз ин лиҳоз, аз ҳолат ва дурнамои он фаъолияти иқтисодии давлат дар умум вобаста мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Ҳомидов А.У.**

**АДАБИЁТ**


1. Бюллетини омори бонкӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php
2. Веселов, В.В. Проблемы управления кредитным риском в банковском секторе / В.В. Веселов, А.А. Шерстобитова // Современные проблемы и перспективы – 2013. –№5. –С.89-92.
3. Давлатов И.Х. Влияние мирового финансового кризиса на банковскую систему Таджикистана / И.Х. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -2012. -№2/2(83). -С.150-155.
4. Давлатов И.Х. Приоритетные направления Стратегии развития банковского сектора Таджикистана и пути их реализации / И.Х. Давлатов // Вестник Таджикского технического университета. – 2012. -№2(18). -С.88-93.
5. Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №168 аз 19 ноябри с. 2021 тасдиқ шудааст.
6. Жариков В.В. Управление кредитными рисками: учебное пособие / В.В. Жариков, М.В. Жарикова, А.И. Евсейчев. -Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2009. -244 с.
7. Кабушкин Н.И. Управление банковским кредитным риском / Н.И. Кабушкина. -М.: Новое знание, 2014. -336 с.
8. Костюченко Н.С. Анализ кредитных рисков / Н.С. Костюченко. -СПб: ИТД «Ски- фия», 2010. -440 с.
9. Лаврушин О.И. Банковские риски: учебное пособие / О.И. Лаврушин, Н.И. Валенцевой. -М.: КНОРУС, 2007. -232 с.
10. Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти БМТ барои солҳои 2015-2019. -Душанбе, 2015.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 26.12.2019. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prezident.tj
12. Раджабов Р.К. Оптимальный кредитный портфель коммерческих банков в условиях высокого риска. Монография / Р.К. Раджабов, Б.Ф. Исупова. –Душанбе, 2015. -285 с.
13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016.
14. Хоминич И.П. Финансы организаций: управление финансовыми рисками: учебник и практикум для СПО / И.П. Хоминич, И.В. Пещанской. -М.: Издательство Юрайт, 2018. -345 с.
15. Юсупов Д.С. Устойчивость банковской системы в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы / Д.С. Юсупов, Х.Х. Исматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2021. -Т. 88. -№3. -С.40-52.


**МАВҚЕИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ ҚАРЗӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ ВА АҲАММИЯТИ ОН БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Фаъолияти қарздиҳӣ яке аз самтҳои умдаи амалиёти бонкӣ буда, бонкҳо аз ин амалиёт даромадро дар намуди фоиз ба даст меоранд ва ҳиссаи ин даромад дар моддаҳои фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявии

кишвар дар зинаи аввал қарор дорад. Муссаллам аст, ки агар сифати сандуқи қарзии субъект баланд бошад, фаъолияти минбаъдаи он муътадил ва бар зидди ҳама гуна таҳдидҳо устувор мемонад. Сифати сандуқи қарзӣ дар баробари ҳамчун нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти бонкӣ боз индикатори калидии баҳодиҳандаи суботи молиявии низоми бонкӣ ва бахши молиявии кишвар маҳсуб мeёбад. Бо мақсади муайянкунии муҳиммияти таҳлили ин нишондиҳанда муаллифон дар мақола ба зуҳуроти хавфҳои қарзӣ, омилҳои таъсиррасони онҳо ва алоқаманд будани нишондиҳандаи он бо фаъолияти иқтисодии субъектони хоҷагидорӣ таҳқиқоти илмиро ба роҳ мондаанд, ки дар ҷараёни он баъзе аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар бо дигар мамлакатҳо муқоиса гардидааст. Ҳамчунин, вазъи сандуқи қарзии низоми бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, сифати он арзёбӣ ва чораҳо ҷиҳати беҳгардонии он пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, сандуқи қарзӣ, хавфи қарзӣ, омилҳои таъсиррасон, таснифоти қарз, таҳлил, баҳодиҳӣ, сифат.

## ПОЗИЦИЯ АНАЛИЗА КРЕДИТНЫХ РИСКОВ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ И ЕГО ЗНАЧЕНИЕ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Кредитная деятельность является одним из основных направлений банковских операций, и банки получают доход от этой операции в виде процентов, причем доля этого дохода в статьях прибыли финансово-кредитных организаций страны учитывается в первую очередь. Следует помнить что, если качество старого сундука субъекта будет высоким, его дальнейшая активность останется стабильной против любых угроз. Качество кредитного портфеля рассматривается не только как показатель эффективности банковской деятельности, но и как один из ключевых показателей оценки финансовой устойчивости банковской системы и финансового сектора страны. С целью определения важности анализа данного показателя авторами статьи было проведено научное исследование проявлений кредитных рисков, их влияющих факторов и актуальности данного показателя для хозяйственной деятельности хозяйствующих субъектов, в котором некоторые из макроэкономических показателей страны сравнивались с другими странами. Также было проанализировано состояние кредитного портфеля банковской системы, оценено его качество и предложены меры по его улучшению.

**Ключевые слова:** банковская система, кредитный портфель, кредитный риск, влияющие факторы, кредитная классификация, анализ, оценка, качество.

## POSITION OF CREDIT RISK ANALYSIS IN THE BANKING SYSTEM AND ITS SIGNIFICANCE FOR THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Credit activity is one of the main directions of banking operations, and banks receive income from this operation in the form of interest, and the share of this income in the income items of the country's financial and credit organizations is at the first level. It is important that if the quality of the subject's old chest is high, its further activity will remain stable and stable against any threats. The quality of the loan portfolio is considered not only as an indicator of the effectiveness of banking activities but also as one of the key indicators for assessing the financial stability of the banking system and the financial sector of the country. In order to determine the importance of analyzing this indicator, the authors of the article conducted a scientific study of the manifestations of credit risks, their influencing factors, and the relevance of this indicator for the economic activities of business entities, in which some of the country's macroeconomic indicators were compared with other countries. The state of the loan portfolio of the banking system was also analyzed, its quality was assessed and measures were proposed to improve it.

**Keywords:** banking system, credit portfolio, credit risk, influencing factors, credit classification, analysis, evaluation, quality.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: (**+992) 919-16-98-64**
***Оев Анис Давлатович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи аудит ва ревизия. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: **oev.anis.d@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-51-11-12**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: (**+992) 919-16-98-64**
***Оев Анис Давлатович*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры аудита и ревизии. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **oev.anis.d@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-51-11-12**

**Information about authors:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** **-** Tajik national university, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Phone: (**+992) 919-16-98-64**
***Oev Anis Davlatovich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Audit and Revision. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: **oev.anis.d@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-51-11-12**

ТДУ: 336.741

# ТАРАҚҚИЁТИ НИЗОМИ ПАРДОХТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

*Собирзода Н.М., Ҳалимов И.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Ҷанбаҳои назариявию методии тараққиёти низоми пардохти миллӣ дар доираи дигар таҳқиқоти мо доир ба масъалаи мавриди назар баррасӣ шудааст [2,с.35; 7,с.11]. Аз ин лиҳоз, дар доираи мақолаи мазкур ҷанбаҳои амалии низоми пардохт мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Баррасии заминаҳои меъёрию ҳуқуқии низоми пардохти миллӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки БМТ идоракунии низоми пардохти кишварро бо назардошти нӯҳ ҷузъи муҳимми он дар давраи солҳои 2015-2020 амалӣ намудааст. Аз ин лиҳоз, дар Стратегияи рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2020, низоми пардохти миллӣ аз ҷузъҳои асосии зерин иборат мебошад:

- воситаҳои пардохт, ки барои роҳандозӣ ва интиқоли маблағҳо аз суратҳисобҳои пардохткунандагон ба суратҳисобҳои пардохтгирандагон дар ташкилотҳои қарзӣ истифода мешаванд;
- инфрасохторҳои пардохтӣ, ки барои истифодаи воситаҳои пардохтӣ ва гузаронидани клиринг, коркард ва ирсоли иттилоот дар бораи пардохт, инчунин, интиқоли маблағҳо байни ташкилотҳои қарзии пардохткунанда ва пардохтгиранда лозим мебошанд;
- низомҳои электронии баҳисобгирии амалиётҳо бо коғазҳои қиматнок барои бақайдгирӣ ва сабти иттилоот оид ба дигаршавии молики коғазҳои қиматноки хусусӣ ва давлатӣ;
- ташкилотҳои қарзие, ки барои анҷом додани пардохтҳо ба муштариён суратҳисобҳо мекушоянд ва воситаҳои пардохту хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд;
- корхонаю ташкилотҳое, ки ҳамчун операторони шабакаҳои амалиётӣ ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ, клирингию ҳисоббаробаркунӣ амал намуда, ба ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми гузаронидани пардохтҳо хизмат мерасонанд;
- механизмҳои бозорӣ, аз қабили созишномаҳо, аҳдномаҳо, амрномаҳои ҳатмӣ, шартномаҳо оид ба созмон додани воситаҳои гуногуни пардохт ва хизматрасонӣ, муайян намудани нархи онҳо, инчунин, пешниҳод ва дастрас намудани хизматрасонӣ;
- қонунҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва тартибҳое, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор, судӣ ва танзимкунанда муқаррар гардида, механизми интиқоли маблағҳо ва бозори хизматрасониҳои пардохтиро муайян ва танзим менамоянд [6].

Ба назари мо, технологияи иттилоотӣ ва имкониятҳои иқтисодиёти рақамӣ низ бояд ҳамчун як ҷузъи таркибии низоми пардохти миллӣ баррасӣ гарданд.

Дар замони муосир, ташкилоту марказҳои зиёди байналмилалӣ тавассути муайян намудани раддабандиҳои гуногун, сатҳи рушди иқтисодиёти рақамии давлатҳои алоҳидаро арзёбӣ мекунанд, ки барои омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни иқтисодиёти рақамӣ равона гардидааст. Яке аз муҳимтарин заминаҳои технологияи иттилоотии иқтисодиёти рақамӣ ин шабакаи “интернет” мебошад, ки бе мавҷудияти он амалӣ шудани равандҳои иқтисодиёти рақамиро тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Инчунин, дастрасӣ ба интернет имкон медиҳад, ки низоми пардохти миллӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ вусъат ёбанд.

Зикр кардан зарур аст, ки дар арсаи байналхалқӣ сатҳи дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет ва миқдори истифодабарандагони он ба ҳисоб гирифта шуда, дар асоси он ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ баҳо медиҳанд. Дар ҷадвали 1 маълумот оид ба истифодаи интернет дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Сатҳи истифодаи интернет дар Осиёи Марказӣ, ба ҳолати соли 2021**
**Table 1. Internet usage level in Central Asia, as of 2021**

| Давлатҳо | Шумораи аҳолӣ дар соли 2021 | Шумораи истифодабарандагони интернет дар соли 2000 (нафар) | Шумораи истифодабарандагони интернет дар соли 2021 | Шумораи истифодабарандагони интернет нисбат ба аҳолӣ, % | Ҳиссаи истифодабарандагони интернет дар кишвар нисбат ба минтақаи Осиё, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 18994962 | 70000 | 14669853 | 77,2 | 0,6 |
| Қирғизистон | 6628356 | 51600 | 3123000 | 47,1 | 0,1 |
| Тоҷикистон | 9749627 | 2000 | 3013256 | 30,9 | 0,1 |
| Туркманистон | 6117924 | 2000 | 1262794 | 20,6 | 0,1 |
| Ӯзбекистон | 33935763 | 7500 | 17161534 | 50,6 | 0,6 |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси маълумотҳои оморӣи Internet World Stats таҳия шудааст. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.internetworldstats.com/stat3.htm (санаи истифодабарӣ: 10.05.2022)

Аз додаҳои ҷадвали 1, мушоҳида мегардад, ки дар оғози соли 2021 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 749 627 нафарро ташкил дода, аз ин миқдор 3 013 256 нафарашон аз шабакаи интернет истифода мебаранд ва ин нишондиҳанда 30,9%-и аҳолии кишварро ташкил медиҳад, ки бо чунин нишондод дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҷойи чаҳорумро ишғол менамояд. Тавре аз додаҳои ҷадвал мушоҳида мешавад, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҷойи аввалро Ҷумҳурии Қазоқистон бо нишондоди 77,2% ишғол менамояд, ки ин нишондиҳандаи баланд мебошад. Мавқеи дуюмро дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо нишондиҳандаи 50,6% ва мавқеи сеюмро Ҷумҳурии Қирғизистон бо нишондиҳандаи 47,1% ишғол менамоянд. Дар ин раддабандии байналхалқӣ, Ҷумҳурии Туркманистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ мавқеи охиронро ишғол менамояд, ки ҳамагӣ 20,6%-и аҳолӣ дар ин давлат аз шабакаи интернет истифода мебаранд.

Такя ба гуфтаҳои болозикр саволе ба миён меояд, ки барои чӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ сатҳи гуногуни истифодабарии заминаи иттилоотии интернет мушоҳида мешавад? Баъзе мутахассисон бар он ақидаанд, ки сатҳи гуногуни истифодаи шабакаи интернет дар минтақа аз нархи он вобастагӣ дорад. Мувофиқи таҳлилҳои аз тарафи ширкати “Cable”–и Британияи Кабир, ки доир ба нархи шабакаи интернет дар байни 230 кишвари ҷаҳон гузаронида шудааст, аз ҳама нархи арзони интернет дар Ҳиндустон муайян шудааст. Нархи хизматрасонии интернет дар ин давлат ба ҳисоби миёна 0,26 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Мавқеи дуюмро аз рӯи натиҷаи таҳлил, Ҷумҳурии Қирғизистон ишғол менамояд. Аммо, тавре додаҳои ҷадвали 1 шаҳодат медиҳанд, Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба сатҳи истифодаи шабакаи интернет аз ҷониби аҳолӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, мақоми сеюмро ишғол менамояд. Тибқи маълумоти ширкати Cable дар Қирғизистон тарофаҳои мухталифи хизматрасонии интернетӣ пешниҳод гардида, аз ҳама арзонтарини он 0,08 доллари ИМА ва аз ҳама қиматтарин бошад, ба 0,48 доллари ИМА барои 1 гигабайт иттилоот муайян шудааст. Дар Қазоқистон бошад, 1 гигабайт интернет арзонтарин 0,28 доллари ИМА ва қиматтарини он 0,79 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯи раддабандии ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Ӯзбекистон вобаста ба нархи интернет мақоми 69-умро бо 3,27 доллари ИМА барои 1 гигабайт иттилоот ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми 103-юмро бо нархи 4,8 доллари ИМА барои 1 гигабайт иттилоот, ишғол менамояд. Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Турманистон бо нархи 10 доллари ИМА барои 1 гигабайт иттилоот дар шабакаи ҷаҳонии интернет, мақоми охиронро ишғол менамояд. Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ нархи истифодаи хизматрасонии шабакаи интернет хело гарон мебошад. Арзиши баланди интернет бештар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Турманистон ба назар мерасад. Вобаста ба мавҷудияти гаронии хизматрасонии интернет дар Ҷумҳурии Туркманистон зикр кардан зарур аст, ки ин кишвар сиёсати дарҳои бастаро пеш гирифтааст ва шояд ин омили муҳим маҳсуб гардад.

Аз маълумотҳои омории ду ширкати байналмилалӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки яке аз омилҳои дар сатҳи паст қарор доштани истифодаи шабакаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин нархи гарони хизматрасонии ширкатҳои мобилию интернетӣ мебошад. Аммо, дар мисоли Ҷумҳурии Қирғизистон мушоҳида мешавад, ки гарчанде нархи хизматрасонии интернет арзон бошад ҳам, сатҳи истифодаи он ба нархи интернет мувофиқ нест. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ба ғайр аз нархи хизматрасонии интернет, дигар омилҳои инфрасохторию телекомуникатсионие мавҷуд мебошанд, ки ба сатҳи истифодаи он таъсири манфии худро мерасонад. Барои дақиқ арзёбӣ кардани ин омилҳо, бояд бо назардошти вижагиҳои иқтисодиёти миллӣ, таҳлилҳои амиқ гузаронида шаванд. Вале, аз сабаби ба доираи ҳадафи таҳқиқ ба мадди назар нагирифтани ин омилҳо баррасии амиқи масъалаи мавриди назар муҳим намебошад.

Бояд иброз намуд, ки яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ ва хизматҳои клирингию пардохтӣ, ин таъмини бехатарии иттилоот мебошад, зеро, дар замони муосир бо баробари рушди технологияҳои иттилоотӣ, ҷиноятҳои кибернетикӣ ташаккул ва пойдор гардиданд, ки ба инфрасохтори техникию технологӣ ва иқтисодиёти давлатҳои алоҳида хатар эҷод менамоянд. Дар сатҳи байналмилалии раддабандии амнияти иттилоотӣ аз ҷониби **Global Cybersecurity index** арзёбӣ карда мешавад. Бори охир, натиҷаи он соли 2017 расман муайян ва нашр карда шудааст. Ин раддабандӣ аз рӯи 5 нишондиҳандаи асосӣ арзёбӣ мешавад:

1. Ҷанбаҳои қонунгузории бехатарии иттилоот;
2. Ҷанбаҳои техникӣ;
3. Ҷанбаҳои ташкилӣ;
4. Малакаи кишвар дар бунёди низоми бехатарии иттилоот;
5. Ҳамкории байналмилалӣ дар самти бехатарии иттилоот.

Индекси амнияти иттилоотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳоло кишвари мо аз ҷиҳати таъмини амнияти кибернетикӣ рушд накардааст ва дар ин самт низ бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад. Зеро, дар замони муосир, дар сатҳи байналмилалӣ аз тарафи давлатҳои абарқудрат барои расидан ба ҳадафҳои геополитикии хеш, ҳамлаҳои кибернетикӣ ба иттилооту технологияҳои давлатҳои алоҳида мушоҳида мешаванд. Ин хатар тақозо месозад, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ, ин тарафи масъала низ ба назар гирифта шавад. То ҳоло дар кишвари мо ягон ширкати ватание фаъолият наменамояд, ки ба хизматрасонии таъмини амнияти иттилоотӣ нигаронида шуда бошад.

Мувофиқи “Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барномаи бехатарии иттилоот дар марҳилаи сеюми рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба назар гирифта шудааст, ки солҳои 2031-2040–ро дар бар мегирад ва то расидан ба давраи мазкур, муҳлати тулонӣ дар пеш аст. Вале, кишвари моро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои заруриро нисбатан барвақт андешад, чунки дар давлатҳои пешрафта, масъалаи амнияти иттилоотӣ мавриди ҳалу фасл шуда, дар доираи рушди иқтисодиёти рақамӣ такомул меёбад. Бо назардошти “Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бояд таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳқиқ шуда, ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон дар самти амнияти иттилоотӣ, ҳамкориҳо вусъат дода шавад.

Яке аз омили муҳимми рушди рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва ҳамчунин идоракунии самараноки низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ, ин гузариши мақомоти давлатӣ ба низоми электронии гардиши ҳуҷҷатию муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад. Гузариш ба ҳукумати электронӣ аз як тараф барои субъектони хоҷагидорӣ имконияти паст намудани хароҷоти трансаксиониро таъмин намуда, ба афзоиши самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, дар доираи фаъолияти мақомоти давлатӣ, сатҳи бюрократӣ паст гашта, фаъолияти онҳо сифатан тағйир меёбад. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир, рушди ҳукумати электронӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи “Стратегияи миллии рушд то соли 2030” муайян карда мешавад.

Тавре дар боло зикр гардид, яке аз маъмултарин нишондиҳандаи сатҳи байналмилалӣ, ин индекси рушди ҳукумати электронӣ мебошад, ки ҳамасола аз тарафи СММ муайян карда мешавад ва мақоми кишварҳои ҷаҳон аз рӯи якчанд нишондиҳандаҳо

арзёбӣ мегарданд. Ба назари мо, рушди низоми пардохти миллӣ ва хизматрасониҳои пардохтӣ низ аз сатҳи рушди ҳукумати электронӣ дар кишвар вобаста аст. Нишондиҳандаҳои индекси рушди ҳукумати электронии бархе аз мамлакатҳои ҷаҳон дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Индекси рушди ҳукумати электронӣ дар соли 2020 дар раддабандии 191 давлати ҷаҳон**

**Table 2. E-government development index in 2020 in the ranking of 191 countries of the world**

| Мақом | Кишвар | EGDI | Индекси хизматрасониҳои шабакавӣ | Индекси инфрасохтори телекоммуникатсионӣ | Индекси сармояи инсонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дания | 0,9758 | 0,9706 | 0,9979 | 0,9588 |
| 2 | Кореяи Ҷанубӣ | 0,9560 | 1 | 0,9684 | 0,8997 |
| 5 | Австралия | 0,9432 | 0,9471 | 0,8825 | 1 |
| 7 | Шоҳигарии Англия | 0,9358 | 0,9588 | 0,9195 | 0,9292 |
| 9 | ИМА | 0,9297 | 0,9471 | 0,9182 | 0,9232 |
| 11 | Сингапур | 0,9150 | 0,9647 | 0,8899 | 0,8904 |
| 29 | Қазоқистон | 0,8375 | 0,9235 | 0,7024 | 0,8866 |
| 36 | Россия | 0,8244 | 0,8176 | 0,7723 | 0,8883 |
| 45 | Хитой | 0,7948 | 0,9059 | 0,7388 | 0,7396 |
| 53 | Туркия | 0,7718 | 0,8588 | 0,6280 | 0,8287 |
| 83 | Қирғизистон | 0,6749 | 0,6471 | 0,5902 | 0,7873 |
| 87 | Ӯзбекистон | 0,6665 | 0,7824 | 0,4736 | 0,7434 |
| 100 | Ҳиндустон | 0,5964 | 0,8529 | 0,3515 | 0,5848 |
| 133 | Тоҷикистон | 0,4649 | 0,3176 | 0,3496 | 0,7275 |
| 158 | Туркманистон | 0,4034 | 0,1765 | 0,3555 | 0,6783 |
| 191 | Сомалӣ | 0,1293 | 0,2941 | 0,0939 | 0 |

Сарчашма: Аз тарафи муаллифон дар асоси маълумотҳои омории Исследование ООН: Электронное правительство 2020, Цифровое правительство в десятилетии действий по достижению устойчивого развития, ООН Нью-Йорк, 2020, стр.267-274. [Электронный ресурс]. URL:https://publicadministration.un.org (дата обращения: 16.06.21)

Мувофиқи додаҳои оморӣ оид ба индекси рушди ҳукумати электронӣ дар сатҳи ҷаҳон соли 2020, Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми 133-юмро бо нишондиҳандаи 0,4649 ишғол менамояд. Дания бо нишондиҳандаи 0,9758 дар ҷои аввал қарор дорад. Дар байни давлатҳои ИДМ ҷои аввалро Ҷумҳурии Қазоқистон ишғол менамояд. Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз Ҷумҳурии Туркманистон қарор дорад, вале рушди муосири муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки ин нишондиҳанда барои татбиқи ҳадафи рақамикунонии иқтисодиёт суръат бахшида метавонад. Ба назари мо, рушди ҳукумати электронӣ дар кишвар боиси он мегардад, ки низоми пардохти миллӣ самарабахш ва хизматрасониҳои пардохтӣ хусусан, гардиши ғайринақдии пул дар иқтисодиёт тавсеа ёбанд.

Омилҳои баррасишудаи болозикр метавонанд ба нишондиҳандаҳои пардохти электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо дар раванди хизматрасониҳои клирингию пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанд. Аз ин лиҳоз, дар ҷадвали 3 нишондиҳандаҳои пардохти электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо низомбандӣ шудааст.

Тамоюли пардохти электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо яке аз нишондиҳандаҳои рақамикунонии пардохтҳо дар кишвар мебошад ва инчунин, аз дастрасии мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ ба хизматрасониҳои пардохтии электронӣ шаҳодат медиҳад.

Агар ба додаҳои ҷадвали 3 назар намоем, мушоҳида мегардад, ки миқдори пардохти электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо дар давраи солҳои 2017-2021 бо таври назаррас афзоиш ёфтааст. Зеро, агар дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 84,9 млн адад расида бошад, соли 2021 ба 204,6 млн адад баробар шудааст, ки 119,7 млн адад ва ё 140,9% зиёд мебошад. Зикр кардан зарур аст, ки дар таркиби миқдори пардохтҳои электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо, ҳиссаи назаррасро пардохтҳо тавассути интиқолнома ташкил медиҳанд, ки дар соли 2021 ба 90,7%-и миқдори умумӣ баробар аст.

**Ҷадвали 3. Тамоюли нишондиҳандаҳои пардохти электронии ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо (тариқи барномаҳои электронӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 3. Trend of indicators of electronic payment of credit organizations and their clients (through electronic programs) in the Republic of Tajikistan**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2021 нисбати 2017 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **мутлақ** | **нисбӣ** |
| Формоишҳо дар шакли электронӣ, млн. адад, ҳамагӣ | 84,9 | 125,3 | 126,0 | 170,2 | 204,6 | 119,7 | 140,9 |
| - аз он ҷумла тариқи шабакаи интернет | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 1,0 | 1,0 | 0,6 | 150,0 |
| - тавассути телефони мобилӣ | 0,05 | 0,1 | 0,6 | 10,9 | 16,3 | 15,8 | 31,6 (мар) |
| - тавассути интиқолнома | 75,2 | 120,3 | 121,0 | 156,8 | 185,5 | 110,7 | 147,2 |
| - тавассути ҳуҷҷати пардохти электронӣ | 7,1 | 3,9 | 3,9 | 5,3 | 1,6 | -5,5 | -77,5 |
| - тавассути супоришнома | 9,3 | 4,8 | 4,2 | 14,2 | 1,7 | -7,6 | - 81,7 |
| - тавассути чекҳо | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | -0,1 | - 33,3 |
| Ҳаҷми умумии пардохтҳои электронӣ млрд сомонӣ, аз ҷумла | 681,7 | 706,4 | 870,0 | 1025,5 | 1229,8 | 548 | 80,3 |
| - тариқи интернет | 7,3 | 10,2 | 15,0 | 34,5 | 23,3 | 16,0 | 2,2 мар |
| - тавассути телефони мобилӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 1,7 | 4,6 | - 4,5 | 45 мар |
| - тавассути интиқолнома | 369,2 | 430,6 | 470,0 | 765,3 | 804,3 | 435,0 | 117,8 |
| - тавассути ҳуҷҷати пардохти электронӣ | 220,0 | 217,0 | 356,0 | 409,1 | 346,8 | 126,8 | 57,6 |
| - тавассути супоришнома | 293,5 | 261,7 | 380,0 | 445,3 | 405,0 | 111,5 | 37,9 |
| - тавассути чекҳо | 18,9 | 14,1 | 15,3 | 14,9 | 20,4 | 1,5 | 7,9 |

Сарчашма: Бюллетени омории бонкӣ дар солҳои 2017-2021.

Мавқеи дуюмро пардохтҳои аҳолӣ тавассути телефони мобилӣ ишғол мекунанд, ки дар соли 2021 ба 7,9%-и миқдори умумии пардохтҳои электронӣ баробар аст. Боиси зикр аст, ки миқдори пардохтҳои электронӣ тавассути шабакаи интернет, ҳуҷҷати пардохти электронӣ, супоришномаҳо ва чекҳо хеле ҳиссаи ночиз доранд ва миқдори онҳо низ коҳиш ёфтаанд.

Тавре аз ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, ҳаҷми умумии пардохтҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2021 тадриҷан афзоиш ёфтааст. Агар ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 681,7 млрд сомонӣ баробар бошад, дар соли 2021 1229,5 млрд сомониро ташкил кардааст, ки 548 млрд сомонӣ ё худ 80,3% зиёд мебошад. Зикр кардан зарур аст, ки ҳиссаи хизматрасониҳои пардохтӣ дар миқдори умумии пардохтҳои электронӣ, аз ҳаҷми пардохтҳо куллан фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, дар соли 2021 тавассути интернет 23,3 млрд сомонӣ пардохтҳо анҷом дода шуда, 1,9%-и ҳаҷми умумии пардохтҳоро ташкил кардааст. Тавассути телефонҳои мобилӣ дар соли 2021 ба маблағи 4,6 млрд сомонӣ хизматрасониҳои пардохтӣ амалӣ шудааст, ки 0,4%-и ҳаҷми умумии пардохтҳоро дар кишвар ташкил кардааст. Ин нишондиҳанда дар солҳои охир тамоюли афзоянда дошта бошад ҳам, вале ба ин нигоҳ накарда дар ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пардохтии электронӣ хеле ҳиссаи хурд дорад.

Агар ба дигар нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути интиқолнома, ҳуҷҷати пардохти электронӣ, супоришнома ва чекҳо назар намоем, мушоҳида мегардад, ки дар давраи солҳои 2017-2021 назаррас афзоиш ёфтаанд. Хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути интиқолнома дар соли 2021 ба 804,3 млрд сомонӣ расидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2017 дар ҳаҷми 435,0 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Агар таносуби ҳаҷми умумии пардохтҳо ва хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути интиқолномаро дар соли 2021 муқоиса намоем, он 65,4%-и пардохтҳоро ташкил медиҳад. Чунин тамоюл дар дигар хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути ҳуҷҷати пардохти электронӣ, супоришнома ва чекҳо низ мушоҳида мегардад. Вале, таъкид кардан зарур аст, ки ин хизматрасониҳои пардохтӣ нисбат ба интиқолнома дар ҳаҷми умумии пардохтҳо ҳиссаи камтар доранд.

Бо сабаби мавқеи асосӣ доштани ҳисоббаробарсозиҳои нақдӣ, дар кишвар зарур аст, ки нишондиҳандаҳои марбут ба миқдори нуқтаҳои пардохти пули нақд ва банкоматҳо барои пардохти пули нақд арзёбӣ карда шаванд. Аз ин лиҳоз, маълумот доир ба ин нишондиҳандаҳои муҳимми низоми пардохти миллӣ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Миқдори таҷҳизотҳои пардохти пулӣ тавассути истифодаи кортҳои пластикӣ ва бе истифодаи кортҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 4. Number of payment devices using plastic cards and without using cards in the Republic of Tajikistan**

| Моҳ ва сол | Ҳамагӣ банкоматҳо ва терминалҳо (адад) | аз ҷумла: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Банкоматҳо барои пардохти нақдина (адад) | Миқдори НППН (адад) | Терминалҳои электронӣ (адад) |
| Соли 2012 | | | | |
| 31.12.12 | 1182 | 429 | 488 | 265 |
| Соли 2013 | | | | |
| 31.12.13 | 1600 | 548 | 739 | 313 |
| Соли 2014 | | | | |
| 31.12.14 | 2280 | 704 | 1144 | 432 |
| Соли 2015 | | | | |
| 31.12.15 | 2976 | 762 | 1564 | 650 |
| Соли 2016 | | | | |
| 31.12.16 | 3254 | 799 | 1755 | 700 |
| Соли 2017 | | | | |
| 31.12.17 | 3010 | 685 | 1381 | 1944 |
| Соли 2018 | | | | |
| 31.12.18 | 5177 | 678 | 1485 | 3014 |
| Соли 2019 | | | | |
| 31.12.19 | 6226 | 878 | 1813 | 3535 |
| Соли 2020 | | | | |
| 31.12.20 | 6991 | 1281 | 1899 | 3811 |
| Соли 2021 | | | | |
| 31.12.21 | 6290 | 1412 | 1848 | 3030 |
| 2021 нисбати 2012 | 5,3 маротиба | 3,3 маротиба | 3,8 маротиба | 11,4 маротиба |

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ мутобиқи солҳо. – 2021. –С.75-76.

Аз додаҳои ҷадвали 4 мушоҳида мегардад, ки миқдори банкоматҳо ва терминалҳо дар кишвар тайи солҳои 2012-2021 тадриҷан афзоиш ёфтаанд. Агар дар соли 2012 миқдори банкомату терминалҳо ба 1128 адад баробар бошад, солҳои минбаъда тадриҷан зиёдшуда, соли 2021 ба 6290 адад расидааст, ки 5,3 маротиба зиёд мебошад. Вале, додаҳои ҷадвали 4 дарак медиҳанд, ки дар соли 2021 миқдори банкомату терминалҳо нисбат ба соли 2021 ба 701 адад ё 11,1% коҳиш ёфтааст.

Агар ба тамоюли банкоматҳо барои пардохти нақдина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, дар 10 соли охир, дар маҷмуъ, тамоюли афзоянда дорад. Зикр кардан зарур аст, ки дар солҳои 2012-2016 тадриҷан афзоиш ёфта, аз 429 адад то ба 799 адад расидааст. Вале, дар соли 2017-2018 коҳиш ёфта, мутаносибан ба 685 ва 678 адад расидааст, ки ба 86-85%-и нишондиҳандаи 2016 баробар аст. Таъсири беморӣ ҳамагир Covid-19 ва заминаҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар, аз ҷумла рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ тақозо намуданд, ки миқдори банкоматҳои пардохти пули нақд афзоиш ёбанд. Аз ин лиҳоз, аз соли 2019 оғоз карда афзоиши миқдори банкоматҳои пардохти пули нақд пас аз таъмири онҳо ва ё навсозӣ, афзоиш ёфтаст. Зикр кардан зарур аст, ки дар соли 2021 то ба 1412 адад баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2012 3,3 маротиба зиёд мебошад.

Аз додаҳои ҷадвали 4 мушоҳида мегардад, ки миқдори нуқтаҳои пардохти пули нақд низ тамоюли афзоянда дошта, дар солҳои 2012-2021 3,8 маротиба зиёд шуда, дар соли 2021 ба 1848 адад расидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020, ба миқдори 51 адад

камтар мебошад. Дар ин давра терминалҳои электронӣ низ тадриҷан афзоиш ёфта аз 265 адади соли 2012 то ба 3030 адад дар соли 2021 расидаанд, ки 11,4 маротиба зиёд мебошад. Вале, чун миқдори НППН дар соли 2021 коҳишёбӣ дар миқдори терминалҳои электронӣ мушоҳида мешавад, ки 781 адад ё 25,8% коҳиш ёфтааст.

Чунин вазъ гирифтани нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои пардохтӣ тақозо менамоянд, ки миқдори таҷҳизоти пардохти пули нақд нисбати шумораи аҳолӣ ва дорандагони кортҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021 мавриди баррасӣ қарор дода шаванд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Миқдори таҷҳизоти пардохти пулӣ нисбати шумораи аҳолӣ ва дорандагони кортҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 5. The number of payment devices in relation to the population and payment card holders in the Republic of Tajikistan**

| Солҳо | Ҳамагӣ банкоматҳо ва терминалҳо (адад) | Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар) | Шумораи банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар аҳолӣ | Шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ (ҳазор нафар) | Шумораи банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2012 | | | | | |
| 31.12.12 | 1182 | 7987,4 | 1,5 адад | 520,7 | 22,7 адад |
| Соли 2013 | | | | | |
| 31.12.13 | 1600 | 8161,1 | 2 адад | 745,6 | 21,5 адад |
| Соли 2014 | | | | | |
| 31.12.14 | 2280 | 8352,0 | 2,7 адад | 1 070,6 | 21,2 адад |
| Соли 2015 | | | | | |
| 31.12.15 | 2976 | 8551,2 | 3,5 адад | 1 427,0 | 20,8 адад |
| Соли 2016 | | | | | |
| 31.12.16 | 3254 | 8742,8 | 3,7 адад | 1 605,3 | 20,3 адад |
| Соли 2017 | | | | | |
| 31.12.17 | 3010 | 8931,2 | 3,4 адад | 1 672,3 | 18,0 адад |
| Соли 2018 | | | | | |
| 31.12.18 | 5177 | 9126,6 | 5,7 адад | 1 791,6 | 28, 9 адад |
| Соли 2019 | | | | | |
| 31.12.19 | 6226 | 9313,8 | 6,7 адад | 2 420, 7 | 25,7 адад |
| Соли 2020 | | | | | |
| 31.12.20 | 6991 | 9506,3 | 7,3 адад | 3 016,9 | 23,1 адад |
| Соли 2021 | | | | | |
| 31.12.21 | 6290 | 9726,3 | 6,5 адад | 3 371,0 | 18,6 адад |
| 2021 нисбати 2012 | 4,3 маротиба | 21,8 фоиз | 5 адад | 5,5 маротиба | -4,1 адад |

Сарчашма: Муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ мутобиқи солҳо таҳия намудаанд. – 2018; 2019; 2020; 2021. -С.75-99.

Тавре додаҳои ҷадвали 5 шаҳодат медиҳанд, дар давраи таҳлилӣ, яъне солҳои 2012-2021, шумораи аҳолии кишвар аз 7987,4 ҳазор нафар то ба 9726,3 нафар расида, дар маҷмуъ 21,8% афзоиш ёфтааст. Агар ба шумораи банкоматҳо ва терминалҳо ба 10 000 нафар аҳолӣ назар намоем, дар ин давра аз 1,5 адад то ба 6,5 адад расидааст, ки ба 5 воҳид зиёд мебошад. Вале, фаромӯш набояд кард, ки истифодабарандагони банкоматҳо ва терминалҳои пардохтӣ нафароне мебошанд, ки мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ маҳсуб меёбанд ва танҳо шаҳрванди кишвар будан кофӣ намебошад. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки таносуби миқдори банкомату терминалҳои пардохтиро нисбати мизоҷони кортҳои пардохтӣ ё миқдори дорандагони кортҳо мавриди таҳлил қарор дода бошем. Аз додаҳои ҷадвали 5 бар меояд, ки шумораи дорандагони кортҳои пардохтӣ аз соли 2012 то соли 2021 тадриҷан зиёд шуда, аз 520,7 ҳазор то 3 371,0 ҳазор адад расидааст, ки 5,5 маротиба

зиёд мебошад. Вале, агар ба миқдори банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ нигарем, мушоҳида мегардад, ки ин нишондиҳанда дар солҳои таҳлилӣ тамоюли поёнравӣ дорад. Зеро дар соли 2012 миқдори банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ 22,7 ададро ташкил карда, соли 2021 ба 18,6 адад расидааст, ки 4,1 адад камтар аст. Аз ин лиҳоз, зикр кардан зарур аст, ки иқтидори хизматрасониҳои пардохтӣ тавассути терминалҳо ва банкоматҳо дар кишвар дар соли 2021 нисбати соли 2012 коҳиш ёфтааст. Зикр кардан зарур аст, ки ба ин ҳолат ноустувории фаъолияти бонкҳо дар кишвар низ таъсир мерасонад, ки дар таҳқиқоти Юсупов Д.С. асоснок шудааст [9,с.40].

Ин вазъ тақозо менамояд, ки ба мушкилоти хизматрасониҳои пардохтӣ аз дигар ҷанба низ назар намоем. Сухан дар бораи он меравад, ки дар раванди истифодаи кортҳои пардохтӣ чӣ андоза ҳаҷми амалиётҳо барои пардохти молу хизматҳо сарф гардида, чӣ миқдор амалиётҳо ба нақдина кардани маблағ вобаста аст, бояд мавриди арзёбӣ қарор дода бошем (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. Шумора ва ҳаҷми амалиётҳои анҷомдодашуда тариқи истифодаи кортҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2012-2021)**
**Table 6. Number and volume of transactions performed using payment cards in the Republic of Tajikistan (2012-2021)**

| Моҳ ва сол | Миқдори умумии кортҳои пардохтӣ *(ҳазор адад)* | Ҳаҷми умумии амалиётҳо *(млн. сомонӣ)* | Аз ҷумла: | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Амалиёт оид ба пардохти молу хизматрасониҳо *(млн сомонӣ)* | Нақд кардани маблағ *(млн сомонӣ)* |
| Соли 2012 | | | | |
| 31.12.12 | 539,1 | 2 997,1 | 199,6 | 2 797,5 |
| Соли 2013 | | | | |
| 31.12.13 | 761,2 | 3 472,0 | 167 | 3 472,0 |
| Соли 2014 | | | | |
| 31.12.14 | 1 107,1 | 4 458,0 | 194 | 4 264,0 |
| Соли 2015 | | | | |
| 31.12.15 | 1 446,1 | 6 249,0 | 267 | 5 983,0 |
| Соли 2016 | | | | |
| 31.12.16 | 1 620,3 | 7 137,0 | 277 | 6 859,0 |
| Соли 2017 | | | | |
| 31.12.17 | 1 694,2 | 8 329,0 | 388 | 7 941,0 |
| Соли 2018 | | | | |
| 31.12.18 | 1 817,5 | 10 467,0 | 510 | 9 957,0 |
| Соли 2019 | | | | |
| 31.12.19 | 2 483,2 | 12 598 | 798 | 11 830 |
| Соли 2020 | | | | |
| 31.12.20 | 3 247,8 | 22 531 | 1 393 | 21 138 |
| Соли 2021 | | | | |
| 31.12.21 | 4 031,3 | 36 048 | 2 674 | 33 374 |
| 2021 нисбати 2012 | 6,5 маротиба | 12 маротиба | 13,4 маротиба | 12 маротиба |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ мутобиқи солҳои 2018-2021 таҳия шудааст. – 2018. -С.92-93, 2020. -С.99-100; 2021. -С.77-78.

Тавре додаҳои ҷадвали 6 шаҳодат медиҳанд, дар соли 2012 ҳаҷми пардохтҳо тавассути кортҳои пардохтӣ ба 2 997,1 млн сомонӣ баробар буда, соли 2021 ба 36 048 млн сомонӣ расидааст, ки 12 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2021 ҳамагӣ 3%-и ҳаҷми умуми пардохтҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд, ки хеле ҳиссаи хурд дорад. Агар ба таркиби ҳаҷми умумии амалиётҳо оид ба пардохти молу хизматҳотҳо ва нақд кардани маблағ тавассути кортҳо назар кунем, мушоҳида мегардад, ки мутаносибан ба 13,4 ва 12 маротиб афзоиш кардаанд. Вале зикр кардан зарур аст, ки ҳангоми амалиётҳо тавассути кортҳо нақши калидиро нақд кардани маблағ ташкил

медиҳад. Зеро, дар ҳаҷми умумии пардохтҳо тавассути кортҳо дар соли 2021 нақд кардани маблағ назаррас буда ба 92% ва пардохти молу хизматҳо ба 8% мерасад, ки аз эҳтиёҷи зиёд ба нуқтаҳои пардохти пули нақд дар кишвар дарак медиҳад. Аммо, коҳишёбии миқдори банкомат ва терминалҳо ба 10 000 нафар дорандагони кортҳои пардохтӣ аз тамоюли носоз доштани ин нишондиҳандаҳои низоми пардохт дар кишар шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар давра ба давра такомулдиҳиро тақозо менамояд, ки бояд дар давраҳои мутобиқ ба Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 амалӣ карда шавад. Инчунин, дар давраи ояндаи рушди низоми пардохти миллӣ тавассути истифодаи интернет, ҳукумати электронӣ, дастгоҳҳои пардохтии электронӣ ва дигар ҷузъҳои таркибии низоми пардохт дар кишвар зери назари мақомоти давлатӣ қарор гиранд.

**АДАБИЁТ**


1. Бюллетени омори бонкӣ. Бонки милли Тоҷикистон барои солҳои: 2015-2020. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/tj/statistics/statistical_bulletin.php (санаи истифодабарӣ: 27.01.2022).
2. Исматов Х.Ҳ. Ҷанбаҳои назариявию методии низоми пардохти миллӣ / Х.Ҳ. Исматов, И.М. Халимов // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. -Хуҷанд, 2021. -№4(89). - С.26-36.
3. Маълумотҳои омории Internet World Stats. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.internetworldstats.com/stat3.htm (санаи истифодабарӣ: 10.05.2022).
4. Низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL:https://www.nbt.tj/tj/payment_system/overview.php (санаи истифодабарӣ: 27.01.2022)
5. Омори ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ. [манбаи Электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj/tj/payment_system/interbank_statistics.php (санаи истифодабарӣ: 28.01.2022)
6. Стратегияи рушди низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2020.
7. Хушвахтзода Қ.Х. Вазъи муосири низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х.Хушвахтзода, И.М. Ҳалимов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - №10. -С.5-13.
8. Цифровое правительство в десятилетии действий по достижению устойчивого развития, ООН. -Нью-Йорк, 2020. -С.267-274. [Электронный ресурс]. URL:https://publicadministration.un.org (дата обращения: 16.06.21).
9. Юсупов Д.С. Устойчивость банковской системы в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы / Д.С. Юсупов, Х.Х. Исматов / Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. - 2021. -Т. 88. -№3. -С.40-52.


## ТАРАҚҚИЁТИ НИЗОМИ ПАРДОХТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур тараққиёти низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор додашудааст. Барои ноил шудан ба вазифа ва мақсадҳои дар мақола гузошташуда, нишондиҳандаҳои зерин ба монандӣ: истифодаи интернет дар кишвар, индекси ҳукумати электронӣ, пардохтҳои электронии бонкӣ ва миқдору ҳаҷми пардохтҳои электронӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар доираи таҳқиқ саҳми унсурҳои низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудааст. Барои рушди минбаъдаи низоми пардохти миллӣ пешниҳод шудааст, ки аз интернети баландсифат, воситаҳои муосири пардохт, тавсеаи амнияти кибернетикӣ ва ҳукумати электронӣ истифода шаванд. Инчунин, дар раванди омӯзиш ба пардохтҳои электронӣ, ки тавассути низоми пардохти миллӣ амалӣ шудаанд, диққати хосса дода шудааст. Дар хотимаи таҳқиқот тавсияҳо доир ба рушди низоми пардохт дар кишвар оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** низоми пардохт, низоми пардохти миллӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, пардохтҳои электронӣ, ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ, ташкилотҳои қарзию молиявӣ, операторони низоми пардохт.


## РАЗВИТИЕ ПЛАТЕЖНОЙ СИСТЕМЫ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


В данной статье рассматривается развитие платежной системы Республики Таджикистан в условиях цифровизации национальной экономики. Для достижения поставленной задачи и целей в статье анализируются следующие показатели: использование интернета в стране, индекс электронного правительства, электронные банковские платежи, количество и объем электронных платежей. В рамках исследования рассматривается вклад элементов платежной системы Республики Таджикистан в развитие цифровой экономики. Для дальнейшего развития национальной платежной системы предлагается использовать высококачественный интернет, современные платежные средства, расширение кибербезопасности и электронное правительство. Также особое внимание в процессе исследования уделяется электронным платежам, осуществляемым в рамках национальной платежной системы. В конце исследования приведены рекомендации по развитию платежной системы в стране.



**Ключевые слова:** платежная система, национальная платежная система, безналичные платежи, электронные платежи, межбанковские расчеты, кредитные и финансовые организации, операторы платежных систем.

**DEVELOPMENT OF PAYMENT SYSTEM IN CONDITION OF DIGITALIZATION OF NATIONAL ECONOMY**

This article deals with the development of the payment system of the Republic of Tajikistan in the conditions of digitalization of the national economy. To achieve the task and goals, the author analyzes the following indicators as use of Internet in the country, the e-government index, electronic bank payments, the number and volume of electronic payments. The contribution of elements of the payment system of the Republic of Tajikistan to the development of the digital economy is considered in this research as well. For the further development of the national payment system, it is proposed to use high-quality Internet, modern means of payment, expansion of cybersecurity and e-government. Also, special attention is paid to electronic payments made within the framework of the national payment system. At the end of the research, the author offers some recommendations on the development of the payment system in the country.

**Keywords:** payment system, national payment system, non-cash payments, electronic payments, interbank settlements, credit and financial organizations, payment system operators.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлил. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 902448080**
***Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, муаллими калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, И. Сомонӣ 169. Телефон: **926-39-00-00**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Нурали Мирали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и анализа. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 902448080**
***Халимов Иномджон Мамаджонович*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, старший преподаватель кафедры финансов и кредита. **Адрес**: Согдийская область, г. Худжанд, проспект И.Сомони, 169. Телефон: **926-39-00-00**

**Information about authors:** ***Sobirzoda Nurali Mirali*** **-** Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Analysis. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902448080**
***Khalimov Inomjon Mamajonovich*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, senior lecturer at the Department of Finance and Credit. **Address:** Sughd region, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Phone: **926-39-00-00**

ТДУ: 331.5.024

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАШАККУЛИ КАСБҲОИ НАВ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

*Шамсов И.С., Юсупов Ш.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои фароҳам овардани рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон, всеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, тақозои замон мебошад. Рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки модели муосири рушди иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда, сармоягузории байналмилалӣ ҷалб карда, истеҳсолоти мавҷуда тағйир дода шавад ва истеҳсолоти инноватсионӣ ба вуҷуд ояд, бозори дохилӣ таъмин карда, содирот афзоиш дода шавад.

Дар бисёр кишварҳои пешрафта, дар натиҷаи ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ истеҳсолот такмил ёфта, роботикунонӣ ва автоматикунонии ҷойҳои корӣ, интеллекти сунъӣ ташаккул меёбад (ба вуҷуд омадани хонаҳои интеллектуалӣ, шаҳрҳо, мошинҳо ва ғ.), инчунин, иваз кардани шаклҳои анъанавии хизматрасонӣ бо технологияҳои рақамӣ ба таври объективӣ боиси тағйирёбии бозор, дар бозори меҳнат дар кишварҳои пешрафта гардид.

Дар кишварҳои пешрафта аксарияти аҳолӣ ба интернет дастрасӣ доранд ва дар воҳидҳои бузурги истеҳсолӣ автоматикунонӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Худ аз худ маълум аст, ки автоматикунонӣ аз ресурсҳои меҳнатӣ ҷойҳои корро озод мекунад, ки ин метавонад дар оянда шумораи бекоронро зиёд кунад.

Аммо дар баробари ин, автоматикунонӣ боиси пайдо шудани касбҳои нав мегардад, ки ин ба ресурсҳои меҳнатӣ дар бобати гирифтани маҳорати иловагӣ ё баланд бардоштани ихтисос талаботи нав мегузорад. Одатан мутахассисоне, ки дар соҳаи технологияи рақамӣ фаъолият доранд, маоши баланд мегиранд.

Ба ибораи дигар, иқтисодиёти рақамӣ "қувваи кории рақамиро" талаб мекунад. Дар ин замина, рақамикунонӣ ба довталабони кор имкон медиҳад, ки тавассути истифодаи порталҳои муосири ҷустуҷӯи рақамӣ ва дастрасӣ ба махзани васеи ҷойҳои холӣ имкониятҳои касбиро беҳтар кунанд. Раванди ба кор қабул кардан ва ҷустуҷӯи кор суръат мегирад, ки ин сатҳи бекориро коҳиш медиҳад.

Дар Иёлоти Муттаҳида беш аз 130 миллион нафар дар платформаи LinkedIn сабти ном шудаанд, ки як қисми зиёди аҳолии кории ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар Русия аллакай беш аз 33 миллион нафар дар платформаи hh.ru ҷойгир шудааст - ин сеяки аҳолии қобили кор аст.

Дар марҳалаи кунунии рушди Тоҷикистон, дар заминаи рушди умумии иқтисоди рақамӣ маҳз ҳамин таҷрибаи кишварҳои пешрафта қобили таваҷҷуҳ аст, яъне омода кардани мутахассисони соҳибихтисос оид ба технологияҳои рақамӣ бояд авлавият дошта бошад. Аз таҷрибаи аксари кишварҳои ҷаҳон, ки дар пешбурди иқтисодиёти рақамӣ муваффақанд, дар шакли схематикӣ метавон баъзе самтҳоро нишон дод, ки ба ташаккули он таъсир мерасонанд (нақшаи 1).

**Нақшаи 1. Самтҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ**
**Scheme 1. Areas of development of the digital economy**




Таҳияи муаллиф

Рақамсозии иқтисодиёт тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосир метавонад хароҷоти транзаксияро барои дарёфти ҷойҳои корӣ коҳиш диҳад.

Дар ин шароит вай ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири муайян мерасонад. Ин метавонад самтҳои муайяни рушди бозори меҳнатро нишон диҳад, ки дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ба амал меоянд, аз ҷумла инҳоро дар бар мегиранд:

-автоматика ва роботикунонӣ дар баробари коҳиши касбҳои анъанавӣ ба эҷоди касбҳои нав, аз ҷумла, касбҳои нав, аз қабили касби блогер, маркетинги рақамӣ, тахассуси кор бо массивҳои бузурги додаҳо, ҳифзи иттилоот ва ғайра мусоидат мекунад, ки дар ҷаҳони имрӯза пайдо шудаанд. Дар ин нақша гуфта мешавад, ки «дар давоми 15 соли охир рушди интернет ба аз байн рафтани 500 ҳазор ҷойи корӣ мусоидат кард, аммо дар баробари ин, 1,2 миллион ҷойи дигар таъсис дода шуд» [2].

Аҳолии кишварҳои пешрафта дар иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ нисбат ба боқимондаи сайёра бештар иштирок мекунанд. Дар натиҷа, шароити бозори меҳнат дар ин кишварҳо босуръат тағйир меёбад;

- татбиқи воситаҳои муосири рақамӣ талаб мекунад, ки тахассуси корҷӯ ба ҷойҳои холии пешниҳодшуда мувофиқат кунад. Аз ин нуқтаи назар, пайдоиши порталҳои шуғли рақамӣ метавонад ба коҳиш додани иқтисодиёти сояафкан, тавассути коҳиш додани хароҷоти транзаксия мусоидат кунад. Чунин порталҳо дар кишварҳои пешрафта зиёданд, масалан, бизнес-моделҳо, хизматҳои электронӣ ва ғайра;

- ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба довталабон имкон медиҳад, ки дар «режими дурдаст» кор кунанд, ки онро дар кишварҳои пешрафта ҳамчун фрилансер меноманд. Дар адабиёти иқтисодӣ навишта шудааст, ки «дар мамолики мутараққӣ ҳиссаи фрилансерҳо зиёда аз 30%-ро ташкил медиҳад, дар Русия ҳиссаи кори дурдаст ва кормандони мустақил ҳанӯз кам аст - ҳамагӣ 1-2% [3];

- имконияти васеи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишварҳои пешрафта ба рушди таълими фосилавии электронӣ мусоидат намуд. Воқеан, тавсеаи таҳсилоти онлайнӣ дар кишварҳои пешрафта, дар рушди касбии кормандон саҳми муҳим мегузорад ва салоҳиятҳои иловагиро дар фаъолияти худ инкишоф медиҳад.

Аз сабаби суст рушд ё истифодаи нобаробари технологияҳои рақамӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон чунин имконият вуҷуд надорад, зеро технологияҳои нави рақамӣ ҳанӯз соҳаҳои иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳони рӯ ба инкишофро пурра фаро нагирифтаанд;

- истифодаи васеътари технологияҳои рақамӣ ба қувваи корӣ имкон медиҳад, ки зинапояи касбро боло баранд. Бо суръат бахшидан ба раванди дарёфт ва ба кор қабул кардани кор метавонад ба коҳиши сатҳи бекорӣ низ таъсир расонад. Гуфтан мумкин аст, ки дар ҳама кишварҳои пешрафта платформаҳои рақамӣ мавҷуданд, ки дар онҳо резюмеи корҷӯён ҷойгир карда мешавад.

Бекорӣ барои ҳамаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон муҳим аст, аммо онҳо бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои танзими бозори меҳнат чораҳо меандешанд. Бо вуҷуди ин, қариб ҳамаи кишварҳои пешрафтаи Аврупои Ғарбӣ барои муҳоҷирон ҷолибанд; аз рӯи миқёси муҳоҷират Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, ИМА, Ҷопон бартарӣ доранд, камтар аз Шветсия, Финландия, Канада, Австралия ва ғайра. Мавқеи кишварҳои гуногун дар робита ба муҳоҷирони камтахассус сахт боқӣ монда, аксарияти онҳо бекор мемонанд ва ё дар ҷойҳое кор мекунанд, ки аҳолии маҳаллӣ аз кор саркашӣ мекунанд. Пас аз низоми қатъии рейтингии интихоб ба муҳоҷирони баландихтисос ва аз ҷиҳати иқтисодӣ серталаб иҷозатномаи кор ва иқомат дар шакли суръатбахш дода мешавад.

Рушди босуръати автоматикунонӣ ва роботикунонӣ шумораи корҳои мавҷударо хеле тағйир медиҳад. Ҳавасмандгардонии фаъолиятҳои нави иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ барои эҷоди ҷойҳои нави корӣ муҳим аст. Дар натиҷаи рақамикунонии иқтисодиёт ногузир озод шудани ҷойҳои корӣ ба амал омад, ки дар он кормандон вазифаҳои ночизи функсионалиро иҷро мекарданд, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани қарорҳои технологии инноватсионӣ аҳаммияти худро гум кардаанд.

Ҳамин тариқ, ҷойҳои корӣ дар бахши камихтисос озод карда мешаванд. Аз тарафи дигар, дар соҳаи касбҳои баланди интеллектуалӣ талабот ба мутахассисони соҳибихтисос, ки малака ва салоҳиятҳои марбут ба ҳалли масъалаҳои технологияи баланд доранд, зиёд ва қонеъ нагардида истодааст.

**Расми 1. Вобастагии ҳаҷми ҷойҳои кории озодшуда аз сатҳи тахассусии бахшҳои меҳнат**
**Figure 1. Dependence of the volume of freed jobs on the level of qualification of labor sectors**




Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо изҳор менамоем, ки кишвари мо айни замон афзоиши фаъолонаи сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамиро, ки барои дастгирии инноватсия ва афзоиши мутавозини ҷойҳои корӣ заруранд, талаб мекунад. Бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз ҳамаи бартариҳо, ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ки ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИ) сармоягузорӣ шудааст, дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта паст боқӣ мемонад.

Солҳои охир бисёр кишварҳо дар бозори меҳнат ба мушкилоти ҷиддии марбут ба автоматикунонии истеҳсолот дучор шуданд, ки – сатҳи бекорӣ дар ин кишварҳо назар ба даҳ соли пеш хеле баланд шуд.

**Ҷадвали 1. Сатҳи автоматикунонӣ дар кишварҳои интихобшуда ва шумораи коргароне, ки аз автоматизатсия зарар дидаанд дар соли 2020**
**Table 1. Level of automation in selected countries and number of workers affected by automation in 2020**

| **Давлатҳо** | **Автоматикунонии эҳтимолӣ (%)** | **Шумораи коргароне, ки аз автоматикунонӣ зарар дидаанд (миллион нафар)** |
|---|---|---|
| Япония | 56 | 35,6 |
| Ҳиндустон | 52 | 235,1 |
| Хитой | 51 | 395,3 |
| Русия | 50 | 35,4 |
| Германия | 48 | 20,5 |
| Испания | 48 | 8,7 |
| Англия | 43 | 11,9 |
| Америка | 46 | 60,6 |
| Италия | 50 | 11,8 |
| Канада | 47 | 7,2 |

Сарчашма: Аз ҷониби муаллифон дар асоси: Harnessing automation for a future that works. Available at: http://www.mckinsey.com/global-themes/digital-disruption/harnessing-automation-for-a-future-that-works].

Агентиҳои кадрӣ ҳангоми пур кардани ҷойҳои холии ба вуҷуд омада, бо душвориҳои муайян дучор меоянд, чунки дар бозори меҳнат мутахассисони баландихтисос талаб карда мешаванд.

Мутахассис асоси ташкилот, сармояи инсонии он мегардад, ки қодир ба тавлиди фоида ва арзиши иловашуда мебошад. Ҷустуҷӯи чунин мутахассисон бо зарурати таҳияи пайвастаи барномаҳои ҳавасмандкунӣ ва зиёд кардани музди кор алоқаманд хоҳад буд.

Тағйирёбии босуръати технологияҳо боиси зарурати рушди доимии салоҳиятҳои нав мегардад ва дар давраи фаъоли ҳаёт тағйир додани 8-10 ихтисосро талаб мекунад. Дар пасманзари ин тамоюлҳо мо дигаргуниҳоро дар шаклҳои ташкили ширкатҳо мебинем. Тафовут ба шаклҳои анъанавии ташкилии ширкатҳо мавҷуд аст, ки маҷмуи тадбирҳои мутобиқшавӣ нисбат ба технологияҳои навро истифода мебаранд (кори дурдаст, кори мобилӣ, биноҳои ҷамъиятӣ) ва ба истилоҳоти рақамӣ, ки дар ибтидо дар натиҷаи таҳияи технологияҳои инноватсионӣ, ки бо режими чандир ва сохторӣ дар доираи лоиҳа хос аст.

Мутобиқӣ дар миқдор ва ҳаракати ҷойҳои корӣ, тағйир додани вақти кор, азнавташкилдиҳии фазои кор дар корхонаҳо, табдили ҳамкории байни корфармоён ва

кормандон ифода меёбад. Ин гуна баланд бардоштани чусту чолоки на ҳамеша бо зиёд шудани озодии кормандон синоним аст. Шаклҳои нави фаъолият ба вуҷуд омада, шумораи коргарони мустақил ва озод меафзоянд. Тақсимоти анъанавӣ ба саноат ва хизматрасонӣ аҳаммияти камтар пайдо мекунад - инқилоби чоруми саноатӣ фарқияти равшани байни ду соҳаро нест мекунад.

Ояндаи бозори меҳнат дар иқтисоди рақамӣ аз ҷониби маҷмуи муайянкунандаҳо, муайян карда мешавад. Дар ин росто, ҳамвор кардани сатҳи нобаробарии рақамӣ дар бозорҳои меҳнатии минтақавӣ ва беҳбуди амнияти иқтисодии кишвар дар маҷмуъ муҳим аст. Муҳаққиқон дар бораи нобаробарии рақамӣ сухан ронда, пеш аз ҳама, ба рушди шабакаҳои додаҳо ва фарохмаҷроии онҳо ишора мекунанд. Дар робита ба бозорҳои меҳнат, сухан дар бораи нобаробарии рақамӣ, бояд ба мавҷудияти дастрасии бефосила ба интернети фарохмаҷро барои ҳама (аҳолӣ ва ташкилотҳо), ки ба ҷустуҷӯи кор ва ҷалби кадрҳо машғуланд, инчунин, сатҳи фарогирии интернет дар маҳаллаҳои алоҳида қайд карда шавад.

Ҳамзамон, мо қайд мекунем, ки мутобиқати нобаробарии рақамии бозорҳои меҳнатии минтақавӣ ба таҳкими соҳибихтиёрии иқтисодии давлат ва таъмини амнияти иқтисодии он бевосита таъсир мерасонад. Инчунин, маълум аст, ки доктринаи минтақаи интеллектуалии рақамӣ сатҳи мувофиқи тахассуси кадрҳоро "дар амалияи татбиқи ин консепсия" талаб мекунад.

Ба ибораи дигар, амнияти иқтисодиро дар иқтисодиёти рақамӣ бидуни таъмини баробарии рақамии минтақаҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки яке аз унсурҳои он бояд воридшавии мутахассисони нави тахассуси мувофиқ ва омода барои кор дар муҳити муосири рақамӣ бошад. Худи мафҳуми «нобаробарии рақамӣ» танҳо ба назария ва амалияи илмӣ ворид карда мешавад ва аз ин рӯ, тадқиқоти минбаъдаро тақозо мекунад.

То ба ҳол муҳаққиқон ба ин савол ҷавоби ягона нагирифтаанд - оё рақамисозӣ боиси бад шудан ё беҳтар шудани мушкилоти сохтории бозори меҳнат мегардад? Фаъолияти бозори меҳнати ҷорӣ ва оянда аз омилҳои гуногун вобаста аст. Рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва соҳибихтиёрии он аҳаммияти калидӣ дорад.

Ба далели ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ, инчунин, автоматикунонии равандҳо дар муассисаҳои қарзӣ ва бонкӣ кормандони бахши аввалия маҷбуранд, ки ҷойҳои кории худро тарк кунанд ва бозомӯзӣ гузаранд.

Маълум шуд, ки раванди кам кардани амалҳои фардӣ ва хизматрасонии шахсии муштариён ногузир бо воситаҳои автоматӣ иваз карда мешавад. Ин раванд ҳам ба корҳои пастихтисос ва ҳам ба корҳои баландихтисос дар дигар касбҳои рӯзмарра таъсир мерасонад. Таърихи баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар натиҷаи инқилоби илмию техникӣ, ки натиҷаи пешрафти техникӣ мебошад, ба паст шудани нархҳо дар бозори меҳнат, зиёд шудани талаботи ниҳоӣ, таъмини шуғли зиёд ва ҷуброни хароҷоти ибтидоии интиқоли қувваи корӣ таъсир мерасонад.

Дар баъзе соҳаҳо рақамисозии дарпешистода метавонад танҳо сохтори шуғлро тағйир диҳад, дар дигар соҳаҳо метавонад шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад, дар дигар соҳаҳо баръакс, шумораи онҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Аммо ин ё он тавр, он қариб ба ҳама касбҳо таъсир мерасонад. Ин ба туфайли рушди технологияҳо ба монанди: интеллекти сунъӣ, технологияҳои виртуалӣ, технологияҳои коркарди маълумотҳои калонҳаҷм.

Яке аз самтҳои ояндадори таҳлили бозори меҳнат ин истифодаи технологияи Big Data (маълумотҳои калонҳаҷм) мебошад, ки имкон медиҳад маълумот дар бораи эҳтиёҷоти корӣ ва таъмини он дар бозорро дар ҳаҷми бузург ва бо назардошти таъсири омилҳои зиёди ошкору пинҳон ба он коркард карда шавад.

Қобилияти кор бо онҳо барои мутахассисони соҳаҳои гуногуни саноат як саводнокии асосӣ мегардад. Ширкатҳо дар соҳаҳои мухталиф аллакай эҳтиёҷ ба мутахассисони дорои малакаҳои рақамиро эҳсос мекунанд ва дар шароити тағйирёбии амиқ дар равандҳо, технологияҳо ва маҳсулот кор карда метавонанд. Аммо талабот ба чунин мутахассисон аз пешниҳод хеле зиёд аст.

Тибқи гузориши BCG, Rosatom ва WorldSkills, дар ҳоле, ки кишварҳо ба иқтисоди инноватсионӣ мегузаранд, онҳо бо яке аз мушкилоти асосии бозори меҳнат рӯбарӯ мешаванд - норасоии шумораи кофии кадрҳои дорои тахассуси зарурӣ.

Бисёре аз донишгоҳҳо мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ низ омода мекунанд. Аммо, тавре ки маълум аст онҳо то ҳол талаботи иқтисоди рақамиро пурра қонеъ карда наметавонанд. Мушкилоти асосӣ кӯҳнашудаи барномаҳо, набудани мутахассисони амалкунанда дар байни омӯзгорон ва набудани лоиҳаҳои амалӣ мебошад.

Бо дарназардошти мушкилоти дар боло зикргардида, иқтисоди рақамӣ дар бозори меҳнат, ки аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта бармеоянд, метавон касбҳои наверо, ки махсусан дар оянда талабот доранд ва дар нақшаи 2 нишон дода шудаанд, ҷудо намуд.

Имрӯз иқтисоди Тоҷикистон татбиқи низомҳои зерини тадбирҳои рушди бозори меҳнатро тақозо мекунад, то дар оянда ба шароити иқтисоди рақамӣ мувофиқат кунад:

**Нақшаи 2. Касбҳои нав, ки махсусан дар иқтисодиёти рақамӣ талабот доранд**
**Plan 2. New professions that are especially in demand in the digital economy**




Таҳияи муаллиф

1. Дар системаи маориф механизми технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим ҷорӣ карда, инчунин, омода намудани кадрҳои техникӣ пурзӯр карда шавад. Дар кишварҳои хориҷӣ ба чуқуртар омӯхтани илмҳои табиатшиносӣ, муҳандисӣ алалхусус техника, технология ва математика бисёртар аҳаммият медиҳанд.

2. Эҷоди инфрасохтори таълимӣ мутобиқи эҳтиёҷоти нави иқтисоди рақамӣ, ки дар он бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои муошират байни донишҷӯён дода шавад.

3. Дар байни муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои мавҷуда, ташкилотҳои илмӣ ва корхонаҳои технологӣ алоқаи зич муқаррар карда шавад. Дар ин ҷо чизи асосӣ ин аст, ки корфармо бояд танҳо дар доираи такмили низоми таълим дар таҳияи стандартҳои таълимӣ ширкат варзад.

4. Барои тавсеаи сармоягузории бахши хусусӣ, ки ба таҳкими неруи инсонӣ нигаронида шудааст, ҳама гуна системаҳои ҳавасмандкуниро истифода баред, яъне, табдил додани захираҳои инсонӣ ба сармояи инсонӣ.

5. Эҷоди инфрасохтори пешрафтаи илмию техникӣ, ки дар доираи он шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории фаъолияти илмталаби иқтисодӣ таъмин карда шавад.

6. Таъмини кор (дар сектори давлатӣ) ё дастгирии коргароне, ки аз сабаби автоматикунонӣ ё роботизатсия корашонро аз даст додаанд. Дар ин ҷо системаи назорат ва дастгирии аҳолиро аз ҷиҳати танзими тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнат ҷорӣ кардан лозим аст.

7. Ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои бахши соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар иқтисодиёти рақамӣ нигаронида шудаанд, инчунин, дастгирии давлатии шаклҳои нави соҳибкорӣ.

8. Дар ҳамаи вазорату идораҳо ба қадри имкон технологияи навро аз худ кунанд ва ҷиҳати иҷрои вазифаҳои худ маҳорати нав ба даст оранд.

Умуман, тибқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, иқтисоди рақамӣ ба мундариҷаи худ фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси технологияҳои нав, дар тамоми соҳаҳо ва соҳаҳои ҳаёти инсон амалӣ карда мешаванд. Рақамикунонии иқтисодиёт ба мазмуни

бозори меҳнат таъсири дучониба дорад, аз як тараф, тавассути автоматикунонӣ ва роботикунонии истеҳсолот боиси афзоиши бекорӣ мегардад, ки танзими фаъоли давлатиро тақозо мекунад. Аз тарафи дигар, технологияи нав боиси пайдоиши касбҳои нав мегардад ва ба ин васила барои ҷалби шуғл ҷойҳои нави холӣ пайдо мешаванд, ки нисбат ба сифати таълим талаботи баланд мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтае, ки дар онҳо технологияҳои рақамӣ бештар рушд мекунанд ва бархӯрди систематикӣ ба омӯзиши таъсири иқтисоди рақамӣ ба рушди бозори меҳнат имкон медиҳад, ки дар оянда усулҳои танзим дуруст муайян карда, афзоиши рақобатпазирии иқтисоди ватанӣ таъмин карда шавад.

### АДАБИЁТ


1. Алиев М.Д. Таъсири иқтисоди рақамӣ ба бозори ҷаҳонии меҳнат / М.Д. Алиев // Бозори ҷаҳонии меҳнат. Иқтисоди байналмилалӣ. – 2018. -№3. -С.40.
2. Гончаров С.С. Цифровизация изначальная / С.С. Гончаров // Эксперт-Сибирь. - 2018. -№13-14. -С.20-23.
3. Грамматчиков А. Золотой век «цифры» наступает / А. Грамматчиков // Международное публичное и частное право. - 2017. -№3. -С.10-15.
4. Иванов В.В. Цифровая экономика: от теории к практике / В.В. Иванов, Г.В. Малинецкий // Инновации. - 2017. -№12. -С.3-12.
5. Коровин Г. Цифровизация промышленности в контексте новой индустриализации РФ. Общество и экономика. [Электронный ресурс]. URL: URL: https://rg.ru/2018/02/20/v-rossii-sozdadut-50-kubitnyj- kvantovyj-kompyuter.html (дата обращения 06.11.2018)
6. Лопатин В.Н. Риски информационной безопасности при переходе к цифровой экономике / В.Н. Лопатин // Государство и право. - 2018. -№3. -С.77-88.
7. Мильская Е.А. Формирование процессов цифровизации в экономике (на примере Санкт-Петербурга) / Е.А. Мильская, Е.И. Соханенко // Труды научно-практической конференции с международным участием 16-17 ноября 2017 «Промышленная политика в цифровой экономике: проблемы и перспективы (Экопром-2017). -С.59-65.
8. Мирзоалиев А.А. Масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар шароити имрӯза / А.А. Мирзоалиев, П.И. Холиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2022. -№2. -С.155-162.
9. Павлютенкова М.Ю. Электронное правительство как вектор инновационных государственных преобразований в России / М.Ю. Павлютенкова // Вестник РУДН. Серия Политология. - 2016. -№4. -С.121-129.
10. Ризоқулов Т.Р. Андозбандӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: мушкилот ва дурнамо / Т.Р. Ризоқулов, О.М. Алиев, Қурбонзода М.Р. // Паёми ДДТТ. - 2021. -№4/2(34). -С.243-249.
11. Холматов М.М. Некоторые особенности организации цифровой экономики Таджикистана / М.М. Холматов // Таджикистан: экономика и управление. Научный журнал ТНУ. –Душанбе, 2020. -№2. -С.78.
12. Шамсов И.С. Международный опыт цифровизации национальных экономик стран мира / И.С. Шамсов // В сборнике: Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы стратегического управления территориальным развитием, 2022». – Кубань, 2022.
13. Шамсов И.С. Методологические подходы к вопросам взаимодействия рынка труда и подготовки кадров в условиях цифровизации экономики / И.С. Шамсов // Материалы международной научно-практической конференции «Современные проблемы экономики и менеджмента». -Воронеж: Истоки, 2021. -С.116-125. ISBN 978-5-4473-0319-8.
14. Шамсов И.С. Направления совершенствования государственной политики занятости в условиях становления цифровизации экономики / И.С. Шамсов // В сборнике: Государство и бизнес в современной экономике: Материалы III Международной научно-практической конференции; под. ред. П.А. Канапухина, Т.Д. Ромащенко, Е.А. Федюшиной. -Воронеж: Научная книга, 2022. -242 с. – ISBN 978-504446-1655-0/
15. Шамсов И.С. Проблемы повышения финансовой устойчивости в ГУП «ТАЛКО» / И.С. Шамсов, Ф.Дж. Бобоев // В сборнике: Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы стратегического управления территориальным развитием 2022». –Краснодар, 2022. -С.43-56.


## РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ТАШАККУЛИ КАСБҲОИ НАВ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ


Дар мақола асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ки дар ин самт каме пешравӣ доранд, дар пешбурди иқтисодиёти рақамӣ махсусан қобили таваҷҷуҳ аст. Самтҳои муайяни рушди бозори меҳнат, ки дар зери таъсири ташаккули унсурҳои иқтисоди рақамӣ ташаккул ёфтаанд, баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, автоматикунонӣ, роботикунонии на танҳо равандҳои истеҳсолот, балки равандҳои иҷтимоӣ, инчунин, дар миқёси ҳамаи комплексҳои хоҷагии халқ ҷорӣ намудани технологияи рақамии ҳозиразамон. Мушкилоти иқтисоди рақамӣ дар бозори меҳнат, ки аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта бар меоянд ва боиси пайдоиши касбҳои нав мешаванд, метавонанд дар оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оянд. Аммо дар баробари ин, автоматикунонӣ боиси пайдо шудани касбҳои нав мегардад, ки ин ба ресурсҳои меҳнатӣ дар бобати гирифтани маҳорати иловагӣ ё баланд бардоштани ихтисос талаботи нав мегузорад. Одатан мутахассисоне, ки дар соҳаи технологияи рақамӣ фаъолият доранд, маоши баланд мегиранд. Ба ибораи

дигар, иқтисодиёти рақамӣ "қувваи кории рақамиро" талаб мекунад. Дар ин замина, рақамикунонӣ ба довталабони кор имкон медиҳад, ки тавассути истифодаи порталҳои муосири ҷустуҷӯи рақамӣ ва дастрасӣ ба махзани васеи ҷойҳои холӣ имкониятҳои касбиро беҳтар кунанд. Раванди ба кор қабул кардан ва ҷустуҷӯи кор суръат мегирад, ки ин сатҳи бекориро коҳиш медиҳад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, бозори меҳнат, автоматизатсия, роботизатсияи ҷои кор, зеҳни сунъӣ, фрилансер, кадрҳо, технология, инфрасохтори илмию техникӣ, маркетинги рақамӣ, дастгирии давлатӣ.

## РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ФОРМИРОВАНИЕ НОВЫХ ПРОФЕССИЙ НА РЫНКЕ ТРУДА

В статье обосновано, что в продвижение цифровой экономики особо примечателен опыт развитых стран, имеющих в этом аспекте определенный прогресс. Рассмотрены определенные направления развития рынка труда, формируемые под влиянием становления элементов цифровой экономики. В частности, автоматизация, роботизация не только производственных, но и социальных процессов, а также внедрение современных цифровых технологий в масштабе всех народнохозяйственных комплексов. Анализированы вызовы цифровой экономики на рынке труда, вытекающие из опыта развитых стран и обуславливающие возникновение новых профессий, которые могут иметь место и в Республике Таджикистан в перспективе. Однако в то же время автоматизация приводит к появлению новых профессий, что предъявляет новые требования к трудовым ресурсам в плане приобретения дополнительных навыков или повышения квалификации. Обычно высокооплачиваемыми являются рабочие места, появление которых связано с цифровизацией экономики. Другими словами, цифровая экономика требует «цифровой рабочей силы». В этом контексте оцифровка также позволяет соискателям улучшить карьерные возможности за счет использования современных цифровых поисковых порталов и доступа к обширной базе данных вакансий. Ускоряется процесс найма и поиска работы, что снижает уровень безработицы.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, рынок труда, автоматизация, роботизация рабочих мест, искусственный интеллект, фрилансер, кадры, технология, научно-техническая инфраструктура, цифровой маркетинг, государственная поддержка.

## DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY AND ITS IMPACT ON THE FORMATION OF NEW PROFESSIONS IN THE LABOR MARKET

The article substantiates that in promoting the digital economy, the experience of developed countries, which have some progress in this aspect, is especially noteworthy. The considered areas of development of the labor market, formed under the influence of the formation of elements of the digital economy. In particular, automation, robotics of not only production, but also social processes, as well as the introduction of modern digital technologies on the scale of all national economic complexes. The challenges of the digital economy in the labor market arising from the experience of developed countries and causing the emergence of new professions that may occur in the Republic of Tajikistan in the future are analyzed. However, at the same time, automation leads to the emergence of new professions, which places new demands on the workforce in terms of acquiring additional skills or upgrading qualifications. Typically, highly paid jobs are those that appear due to the digitalization of the economy. In other words, the digital economy requires a "digital workforce". In this context, digitization also allows job seekers to improve career opportunities through the use of modern digital search portals and access to an extensive job database. The process of hiring and finding a job is accelerated, which reduces the unemployment rate.

**Keywords:** digital economy, labor market, automation, workplace robotics, artificial intelligence, freelancer, human resources, technology, scientific and technical infrastructure, digital marketing, government support.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шамсов Илёс Сафарович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 918-78-89-38.** E-mail: **shamsov1976@mail.ru**
***Юсупов Шодмон Насурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-12-39-40.** E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шамсов Илёс Сафарович*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 918-78-89-38.** E-mail: **shamsov1976@mail.ru**
***Юсупов Шодмон Насурович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-12-39-40.** E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

**Information about authors:** ***Shamsov Iles Safarovich*** – Tajik National University, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-78-89-38**. E-mail: **shamsov1976@mail.ru**
***Yusupov Shodmon Nasurovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-12-39-40**. E-mail: **Shodmon26101982@mail.ru**

ТДУ: 339.133

# МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ХОРИҶА

*Ашуров И.С., Баҳодурова Қ.Қ.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ**

Дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ дар хориҷа ва дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ чораҳои назаррас андешида мешаванд.

Дар кишварҳое, ки иқтисодиёти бозаргонӣ доранд, давлат барои шароит муҳайё намудан, дастгирии соҳибкориро дар як қатор соҳаҳо дар маддӣ аввал гузоштааст [2; 3; 4; 13; 15]. Дар кишварҳои капиталистӣ, ҳолати кунунии муҳити молиявии равнақи соҳибкорӣ натиҷаи раванди эволютсионӣ буд, ки аҳаммият ва зарурати соҳибкориро барои рушди иқтисодиёт аз ҷониби давлат эътироф карда, бо кумаки системаи давлатии ҳавасмандкунӣ ва дастгирӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои таъсир ба онҳо шуруъ карданд. Ҳамзамон, соҳибкорон дар ҳамкории муттасил бо мақомот дар ҳама сатҳҳо - миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ кор мекунанд [14].

Таҷрибаи бунёди муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дар Ҷопон, ки унсури муҳимми иқтисодиёт ба шумор меравандд, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тамоми инфрасохтори дастгирӣ ва рушди Ҷопон аз ҷониби Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна идора карда мешавад (БМЕД), ки стратегияи глобалии Ҳукумати Ҷопонро амалӣ мекунад. Ин сохтор бо як қатор ташкилотҳои хусусӣ ва давлатӣ, марказҳои илмӣ, аз ҷумла бо ташкилотҳои инноватсионӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёна фаъолона ҳамкорӣ мекунад, нақши калидиро мебозад. Ин ниҳод чор парки технологӣ, бизнес-инкубатор, 9 институт оид ба такмил додани технология ва идоракунии корхонаҳои хурду миёнаро дар бар мегирад. Мақомоти Ҷопон ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушд ва болоравии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна диққати махсус медиҳад. Ҷопон системаи (БМЯ) -ро васеъ истифода мебарад, ки мониторинги доимии рушд ва ҳолати КХМ-ро таъмин мекунад. Дар асоси маълумоти системавӣ таҳқиқотҳо гузаронида мешаванд, самаранокии маҷмуи тадбирҳои таъсир ва танзими давлат таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад.

То имрӯз, Ҷопон системаи дастгирии универсалии тиҷорати хурду миёна тақрибан дар ҳама сатҳҳо ва дар ҳама самтҳо таҳия, татбиқ ва бомуваффақият истифода бурда истодааст.

Таҷрибаи Чин дар таҳияҳои барнома оид ба бунёди муҳити молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ, хусусан тиҷорати хурд низ ҷолиб аст. Дастгирии фаъол ва пешбурди тиҷорати хурду миёна яке аз афзалиятҳои Ҳукумати Чин мебошад. Дар системаи идоракунии ҳама корхонаҳои хурд ва миёна дар Хитой, "идоракунии коллективӣ" кайҳо боз амалӣ карда шудааст, вақте ки амалан ягон маркази ягонаи идоракунӣ вуҷуд надорад, аммо мақомоти идоракунии филиал таъсис дода шуда, мақоми махсуси ҳамоҳангсозии имкониятҳои воридшавӣ вуҷуд дорад. Бозорҳои хориҷии корхонаҳои хурду миёна аз ҷониби Маркази ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои берунаи корхонаҳои хурду миёнаи Чин назорат карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар Чин хадамоти иттилоотии ҷамъиятӣ, дар тамоми минтақаҳои (China SME Online (CSMEO) амал мекунад ва ҳар рӯз беш аз 200 ҳаз. муштариён аз хизматрасониҳои он истифода мебаранд. Шабакаи иттилооти CSMEO бо мақсади фароҳам овардани маълумоти муосир дар бораи тағйирот ва тамоюлҳои ҷории қоидаҳо, пайдоиши санадҳои нави меъёрӣ, ҳаҷми талабот дар бозорҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ таъсис дода шудааст.

Шабака маълумоти мукаммал ва муосирро дар бораи вазъи бозори маҳсулоти тиҷорати хурд, хусусиятҳои маҳсулоти баландсифати аз ҷониби сегменти КХМ истеҳсолшаванда, намоиш медиҳад.

Ҳукумат омодагии гурӯҳҳои мухталифи кадрҳоро баррасӣ мекунад. Ин ҳадафи дарозмуддати стратегии рушди соҳибкории хурду миёна мебошад, ки ба шаклҳои зиёди кумаки давлатӣ ниёз дорад. Аввалан, дар заминаи муассисаҳои мавҷудаи тайёркунии кадрҳо дар соҳаи иқтисодиёт, инчунин, муассисаҳои махсусгардонидашудаи тайёркунии кадрҳои роҳбарикунанда бояд омӯзиши афзалиятноки корхонаҳои хурду миёна амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, имтиёзҳо барои пардохти чунин омӯзиш муҳим аст.

Дуюм, диққати махсус додан ба тарбияи тренерон барои тайёр намудани кадрҳои корхонаҳои хурду миёна, тадриҷан омода намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорон, ки ҷавобгӯи талаботҳои имрӯзаи корхонаҳои хурду миёна мебошад. Инчунин, зарур аст, ки рушди соҳибкории хурду миёна дар самти ташкили системаи омӯзиши шахсии худ барои кадрҳои зарурӣ ҳавасманд карда шавад.

Сеюм, ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёна, ташаккули бозори мутахассисон барои онҳо зарур аст. Тадбирҳои мазкур бояд ба таъминоти корхонаҳо бо кадрҳои сатҳи баландтарин нигаронида шаванд. Ҳукумати ҶМЧ рушди системаи навовариҳои техникиро дар ҳама корхонаҳо ҳавасманд ва дастгирӣ менамояд. Бо мақсади ҳавасмандгардонии татбиқи дастовардҳои илм ва технология ба истеҳсолот ва ташкили механизми рушди технология аз ҷониби кормандони корхонаҳо, давлат чунин мешуморад, ки илм ва технология бояд ҳамчун «саҳми муштарак» баррасӣ карда шаванд.

Сифат ва ҳаҷми хизматрасонии молиявӣ ба корхонаҳои хурду миёна беҳтар шуда, каналҳои гардиши сармояи корхонаҳои хурду миёна тадриҷан васеъ шуда истодаанд [7].

Таҷрибаи Чин дар ташкил ва такмили системаи бунёди муҳити молиявӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, бешубҳа, дар рушди системаи дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон муфид хоҳад буд.

Намунаи муҳити молиявии рушди соҳибкории хурду миёнаи Фаронса ва Олмонро ҳамчун кишварҳои пешрафтаи Аврупо бояд ба назар гирифт.

Дар Фаронса, чун дар дигар кишварҳои капиталистӣ, ташкилотҳо фаъоланд, ки фаъолияташон бо дастгирии тиҷорати хурд ва миёна мустақиман алоқаманд аст.

Яке аз онҳо Агентии соҳибкорӣ (APCE) мебошад, ки бо дастгирии Ҳукумати Фаронса таъсис дода шудааст. Агентӣ воситаҳои зиёдеро барои дастгирии тиҷорати хурд ва миёна пешниҳод мекунад. Яке аз омилҳои муҳим ин имконияти гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкор метавонад бо бонкҳо оид ба масъалаҳои қарз тамос гирад, бо ширкатҳои суғурта машварат кунад ва инчунин, муҳосиб пайдо кунад. Инчунин, тавассути интерактивӣ пур кардани варақаҳои онлайнӣ ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии корхона, тағйир додани оинннома ё қатъи фаъолияти соҳибкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Инчунин, ҳукумат барои бақайдгирии содагардонидашудаи соҳибкор бо додани мақоми худмашғулӣ имконият фароҳам меорад. Бояд гуфт, ки дар Фаронса ба бекорон диққати махсус дода мешавад, ки хоҳиши кушодани тиҷорати худро доранд. Системаи махсуси пуштибонӣ мавҷуд аст, ки принсипи асосии он аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод кардани соҳибкори нав дар тули се сол ва инчунин, барои як сол аз пардохтҳо ба фондҳои иҷтимоӣ мебошад. Ғайр аз он, соҳибкорони Фаронса, ки тиҷорати нави худро дар манотиқи кишвар, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ рушд накардааст кушоданд, аз давлат дар шакли пурра аз пардохтҳо ба фондҳои ҳифзи иҷтимоӣ имтиёзҳои махсус мегиранд.

Дар Олмон, ҳама соҳибкорони навтаъсис имконият доранд, ки аз давлат ба маблағи 50 ҳазор евро қарзи имтиёзнокро бо муҳлати 20 сол баргардонанд. Фаъолияти инноватсионӣ ва илмӣ аз ҷониби давлат ба таври фаъол дастгирӣ карда мешавад, зеро давлат хароҷоти корхонаҳои хурду миёнаро дар ҳаҷми то 40 ҳаз. евро ҷуброн мекунад. Ҳамкории тиҷоратии байни корхонаҳои хурду миёна ва мактабҳои олӣ мунтазам рушд карда истодааст. Имрӯз дар Олмон, зиёда аз 80% хатмкунандагон фаъолияти касбии худро дар корхонаҳои хурд оғоз мекунанд.

Бо сабаби имтиёзҳои мухталиф барои корхонаҳои хурду миёна ва иҷораи кам барои онҳо, ширкатҳои бузурги олмонӣ аксар вақт ба якчанд қисм тақсим мешаванд, зеро дар ин ҳолат коҳиши назарраси хароҷот ба назар мерасад ва ҷузъҳои хурди ширкатҳои калон

барои сармоягузорони хориҷӣ хеле ҷолиб мешаванд, ки ҳаҷми сармоягузориҳои онҳо тақрибан ба 25 триллион евро дар як сол мерасад [1].

Дар айни замон, рушди муҳити молиявии соҳибкории хурду миёна дар ИМА боиси омӯзиш ва истифода мебошад. Ташкили муҳити молиявии самаранок ва дастгирии самараноктарини давлатӣ ба соҳибкории хурду миёна дар ИМА бо иштироки бевоситаи Идораи тиҷорати хурд (SBA) дар назди Президенти Иёлоти Муттаҳида ташкил шудааст, роҳандозӣ карда мешавад.

SBA вазифаҳои асосии зеринро ҳал менамояд:

- ❖ дастгирии молиявии корхонаҳои хурд;
- ❖ дар гирифтани фармоишҳои давлатӣ мусоидат менамояд;
- ❖ ғояҳои нави соҳибкориро баррасӣ мекунад;
- ❖ ба идоракунӣ хизматҳои машваратӣ ва ёрии техникӣ мерасонад [16].

Қарздиҳӣ ба тиҷорати хурд дар Иёлоти Муттаҳида аз ду манбаъ меояд: идораи тиҷорати хурд ва бонкҳои тиҷоратӣ. Ҳиссаи зиёди қарзҳоро маъмурияти тиҷорати хурд пешниҳод менамояд.

Барои дастгирии тиҷорати хурд як қатор чораҳо андешида шуданд, аз ҷумла, имтиёзҳои андозӣ ва қонунгузорӣ. Дар байни онҳо тадбирҳои муҳимтарини пешниҳодшуда ва татбиқшуда инҳоянд:

❖ кам кардани андози сармоягузорӣ (7% кам кардани ширкатҳое, ки фурӯши солонаашон дар тули се соли пеш аз соли андозӣ аз 5 миллион доллар зиёд нест);

❖ озодкунӣ аз андоз аз афзоиши арзиши бозории сармоя (кам кардани андоз аз фурӯши сармояи ширкате, ки на камтар аз 5 сол мавҷуд аст то 50%, бо сармояи на бештар аз 50 миллион доллар);

❖ суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунанда (25% кам кардани андозаи музди меҳнат барои корфармоён ва шахсони дар таъминоти онҳо қарордошта);

❖ таъсиси "минтақаҳои соҳибкорӣ";

❖ мусоидат ба расмиёт гирифтани қарзи корхонаҳои хурд дар доираи пешниҳод ва иҷрои ҳуҷҷатҳо.

Дар солҳои охир, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар натиҷаи қабул ва татбиқи баъзе санадҳои қонунгузорӣ [8; 9; 10; 11; 6; 12] ва қабули Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории чораҳои иловагӣ оид ба таъмини рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи моликияти хусусӣ ва сифат ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ” як қатор қарорҳои ҳукумат, ки ба рушди тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ нигаронида шудаанд, рушди устувори иқтисодиёт, диверсификатсия ва модернизатсияи он сурат мегирад, муҳити зарурӣ барои тиҷорат ва соҳибкорӣ ташаккул меёбад.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 16 июли соли 2012 "Дар бораи коҳиши назарраси ҳисоботи оморӣ, андозӣ, молиявӣ, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва тартиби иҷозатномадиҳӣ" ба фаъол гардидани субъектҳои соҳибкорӣ такони тоза бахшид, барои фаъолияти онҳо шароити бештар фароҳам овард. Бо фармони мазкур аз 1 августи соли 2012-ум 80 тартиби иҷозатномадиҳӣ бекор карда шуд, ки бешубҳа монеаҳои бюрократии зиёдеро дар роҳи тиҷорати хурд рафъ намуда, озодии фаъолияти соҳибкориро вусъат доданд. То аввали соли 2015, тиҷорати хурд 98% ҳисоботҳои андоз, омор ва бақайдгирии декларатсияи гумрукӣ дар шакли электронӣ анҷом дода шуданд [1,с.4329-4340].

Дар Ӯзбекистон дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ механизми танзими маъмуриву иқтисодии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Муваффақияти ин механизм ҳоло аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста аст.

Дар кишвар пайваста барои дастгирии оила, таъмини саломатии руҳонӣ, равонӣ ва ҷисмонии он, шароити ҳаёти солим пайваста кор мебарад.

Ба рушди тиҷорати оилавӣ ва ташаккули мақоми ҳуқуқии он диққати ҷиддӣ дода мешавад. Санадҳо оид ба рушди соҳибкории оилавӣ қабул карда шуданд ва мавриди амал қарор мегиранд. Дар 5 соли охир ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкории хусусӣ тақрибан 5 маротиба зиёд гардид.

Таҳқиқи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар якчад мамлакати ҷаҳон ба мо имконият дод, ки онро ҷунин хулосабандӣ намоем:

1. **Бояд изҳор намуд, ки** дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ дар хориҷа дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ чораҳои назаррас андешида мешаванд.

2. Таҷрибаи бунёди муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ дар Ҷопон, ба ташкили Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна, Корпоратсияи давлатии рушди тиҷорати хурд, Корпоратсияи Миллии Молиявии Ҷопон асос ёфтааст. Агентии давлатӣ оид ба соҳибкории хурд ва миёна дорои чор парки технологӣ, бизнес-инкубатор, 9 институт оид ба такмил додани технология ва идоракунии корхонаҳои хурду миёнаро дар бар мегирад. Мониторинги доимии рушди ҳолати соҳибкорӣ гузаронида мешавад ва тибқи он самаранокии маҷмуи тадбирҳои таъсир ва танзими давлат таҳлил ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Механизми дастгирӣ бо роҳи пешниҳоди қарзҳо, кафолати қарзҳо, кумак дар таълим ва бозомӯзии кадрҳо ва таъмини дастрасии бемамониат ба иттилооте, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна заруранд, ҳама гуна кумакро таъмин мекунанд.

Дар Фаронса, Агентии соҳибкорӣ таъсис дода шудааст, ки ба соҳибкорон машваратҳои онлайнӣ медиҳад. Сохторе мавҷуд аст, ки фаъолияти он бо маблағгузории фаъолияти корхонаҳои хурду миёна - ташкилоти давлатӣ OSEO алоқаманд аст. Тавассути ин созмон, Ҳукумати Фаронса лоиҳаҳои хурди инноватсиониро маблағгузорӣ мекунад. Ташкилот ҳамчун кафил ва замонати қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳои шарик ба корхонаҳои хурд ва миёна дода шудаанд, амал мекунад. Барномаи NACRE, ки аз ҷониби Вазорати иқтисод, саноат ва шуғл таъсис ёфтааст, қарзҳои бефоиз пешниҳод мекунад, ки пардохти онҳо дар тули се соли аввал пас аз оғози фаъолият равона карда шудаанд.

Барои Тоҷикистон озодкунӣ аз андоз аз афзоиши арзиши бозории сармоя, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунандаи ИМА метавонад барои рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон татбиқи тадбирҳои маҷмуӣ оид ба минбаъд такмил додани муҳити корӣ имкон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ рушд ва таъмин карда шавад. Хусусан ба рушди тиҷорати оилавӣ ва ташаккули мақоми ҳуқуқии он диққати ҷиддӣ дода шудааст, ки албатта, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи он барои Тоҷикистон аҳаммияти бузург дорад, алалхусус дар робита бо таҳияи стратегияи дарозмуддати рушд ва бунёди муҳити молиявии дастгирии соҳибкории хурду миёна. Омӯзиш ва истифодаи ин таҷриба ба рушди ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва институтсионалии системаи давлатии дастгирии Тоҷикистон ва танзими тиҷорати хурд ва миёна дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он саҳми назаррас хоҳад гузошт.

**АДАБИЁТ**


1. Арипов О.А. Приоритетные направления развития малого бизнеса и предпринимательства в Узбекистане / О.А. Арипов // Российское предпринимательство. – 2017. -Том 18. -№24. -С.4329-4340. doi: 10.18334/rp.18.24.38638
2. Авилова А.В. Малое предпринимательство в контексте Российских реформ и мировой опыт. Учебник / А.В. Авилова. -М.: ЮНИТИ, 2005.
3. Баяндин Н.И. Мониторинговая система ведения конкурентной разведки для предприятий малого бизнеса / Н.И. Баяндин, В.С. Кретов // Гуманитарные науки в Сибири. - 2013. -№1. -С.25-28.
4. Босчаева З.Н. Формула малого предпринимательства как основы развития регионов / З.Н. Босчаева. -М.: Экономика, 2012.
5. Постановление Президента Республики Узбекистан от 01.02.2017 г. №ПП-2750 «О дополнительных мерах по совершенствованию механизмов оказания государственных услуг субъектам предпринимательства» // Народное слово. – 2017. -№24(6688).
6. Постановление Президента Республики Узбекистан от 10.02.2017 г. № ПП-2768 «О создании Гарантийного фонда развития малого предпринимательства». Сборник Законов РУ. [Электронный ресурс]. URL: https://nrm.uz/contentf?doc=492400_postanovlenie_prezidenta_respubliki_uzbekistan_ot_10_02_2017_g_n_pp-2768_o_sozdanii_garantiynogo_fonda_razvitiya_malogo_predprinimatelstva.
7. Растущий малый и средний бизнес в России и за рубежом: роль и место в экономике. –М., 2010. [Электронный ресурс]. URL: http://www.ruaee.ru/datas/menu/final-report-mid-sized_businesses_-russia-abroad-281010.pdf (дата обращения: 21.02.2019).

8. Указ Президента Республики Узбекистан «О мерах по дальнейшему кардинальному улучшению деловой среды и предоставлению большей свободы предпринимательству» УП-4455 от 18 июля 2012 года.
9. Указ Президента Республики Узбекистан «О дополнительных мерах по дальнейшему совершенствованию инвестиционного климата и деловой среды в Республике Узбекистан» УП-4609 от 7 апреля 2014 года.
10. Указ Президента Республики Узбекистан «О дополнительных мерах по обеспечению ускоренного развития предпринимательской деятельности, всемерной защите частной собственности и качественному улучшению делового климата» УП-4848 от 5 октября 2016 года.
11. Указ Президента Республики Узбекистан «О мерах по дальнейшему упрощению процедур и ускорению реализации объектов государственной собственности для использования в предпринимательских целях» УП-4933 от 17.01.2017 г // Сборник Законов РУ. – 2017. – №3(41).
12. Указ Президента Республики Узбекистан «О Стратегии действий по дальнейшему развитию Республики Узбекистан». УП-4947 от 7 февраля 2017 года.
13. Kondrakov N.P. Bases of small and average business: Practical tutorial / N.P. Kondrakov, I.N. Kondrakov. -M.: Research Center INFRA-M, 2013. (In rus).
14. Kuprin A.A. Formation and a role of small business in the ransformed economy of Russia: monograph / A.A. Kuprin // Sosnovy bor branch RANEPA. -SPb.: Asterion, 2013. (In rus).
15. Shirokov B.M. Small business. Financial environment of business / B.M. Shirokov. -M.: Finance and statistics, 2017. (In rus).
16. Walters J.S. Big Vision, Small Business: 4 Keys to Success wihout Growing Big / J.S. Walters. -M.: Balance Business Books, 2018. (In rus).


## МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ХОРИҶА


Дар мақола дар асоси таҳқиқи муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷопон, Фаронса, Олмон, Чин ва Ӯзбекистон қайд карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявии солим, шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ дар хориҷа, дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ, озодкунӣ аз андоз аз афзоиши арзиши бозории сармоя, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунандаи барои истифода дар Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Барои Тоҷикистон озодкунӣ аз андоз аз афзоиши арзиши бозории сармоя, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунандаи ИМА метавонад барои рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд. Муаллифон қайд менамоянд, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи он барои Тоҷикистон аҳамияти бузург дорад, алахусус дар робита бо таҳияи стратегияи дарозмуддати рушд ва бунёди муҳити молиявии дастгирии соҳибкории хурду миёна. Омӯзиш ва истифодаи ин таҷриба ба рушди ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва институтсионалии системаи давлатии дастгирии Тоҷикистон ва танзими тиҷорати хурд ва миёна дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он саҳми назаррас хоҳад гузошт.



**Калидвожаҳо**: муҳити молиявӣ, соҳибкорӣ, Ҷопон, Фаронса, Олмон, Чин, Ӯзбекистон, таҳия, татбиқ, барномаҳо, рушд, соҳибкорӣ, муҳити молиявии солим, шаклҳо, дастгирии давлатӣ, озодкунӣ аз андоз, афзоиши арзиши сармоя, суғуртаи тиббӣ, худмашғул, истифода, Тоҷикистон


## ФИНАНСОВАЯ СРЕДА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ЗА РУБЕЖОМ


В статье на основе изучения финансовой среды бизнеса в Японии, Франции, Германии, Китае и Узбекистане отмечается, что разработка и реализация программ развития бизнеса и обеспечение здоровой финансовой среды, формы государственной поддержки бизнеса решают существующие социально-экономические проблемы за рубежом на всех уровнях государственных органов, освобождение от налога на прирост рыночной стоимости капитала, медицинское страхование самозанятых лиц предлагается к использованию в Таджикистане. Для Таджикистана освобождение от налога на прирост капитала, медицинское страхование самозанятых лиц в США может помочь развитию предпринимательства. Авторы отмечают, что опыт зарубежных стран и его использование имеет большое значение для Таджикистана, особенно в связи с разработкой долгосрочной стратегии развития и созданием финансовой среды для поддержки малого и среднего предпринимательства. Изучение и использование этого опыта внесет значительный вклад в правовое, организационное и институциональное развитие системы государственной поддержки Таджикистана и регулирования малого и среднего бизнеса на уровне страны и ее регионов.



**Ключевые слова:** финансовая среда, предпринимательство, Япония, Франция, Германия, Китай, Узбекистан, развитие, реализация, программы, предпринимательство, здоровая финансовая среда, формы, государственная поддержка, освобождение от налогов, прирост капитала, медицинское страхование, самозанятость, использование, Таджикистан


## FINANCIAL ENVIRONMENT FOR BUSINESS ABROAD


The article, based on the study of the business financial environment in Japan, France, Germany, China and Uzbekistan, notes that the development and implementation of business development programs and the provision of a healthy financial environment, forms of state support for business to solve existing socio-economic problems abroad in all levels of government bodies, tax exemption from the increase in the market value of capital, health insurance for self-employed persons is proposed for use in Tajikistan.For Tajikistan, exemption from capital gains tax, health insurance for the self-employed in the US can help develop entrepreneurship. The authors note that the experience of foreign countries

and its use is of great importance for Tajikistan, especially in connection with the development of a long-term development strategy and the creation of a financial environment to support small and medium-sized businesses.

**Keywords:** financial environment, entrepreneurship, Japan, France, Germany, China, Uzbekistan, development, implementation, programs, development, entrepreneurship, healthy financial environment, forms, government support, tax exemption, capital appreciation, health insurance, self-employment, use, Tajikistan

**Маълумот дар бюораи муаллифон**: ***Ашуров Ихтиёр Саидович* –** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға:** 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
***Баҳодурова Қумриниссо Қаюмовна* -** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 А.

**Сведения об авторах:** ***Ашуров Ихтиёр Саидович*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории. **Адрес:** 734001, Таджикистан, город Душанбе, улица Мирзо Турсунзаде, 30
***Баходурова Кумриниссо Каюмовна* -** Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Таджикской академии сельскохозяйственных наук, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан ,Город Душанбе, проспект Рудаки, 21 А.

**Information about authors:** ***Ashurov Ikhtiyor Saidovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory. **Address**: 734001, Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Tursunzade street, 30
***Bakhodurova Kumrinisso Kayumovna*** - Institute of Economics and System Analysis of Agricultural Development of the Tajik Academy of Agricultural Sciences, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 21 A

**ТДУ: 331.16.8(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ОН: МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ СОҲА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Юнусов Т.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир дар шароите, ки муносибатҳои ноустувор дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба чашм мерасанд, истодагарии давлат дар муқовимати иқтисодию сиёсӣ тавассути дороии заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ сурат мегирад.

Яке аз самтҳои муҳимми мавқеъгирӣ дар бозори ҷаҳонӣ ин сайёҳӣ мебошад. Бо мақсади устуворона ворид шудан ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтор ва саноати сайёҳӣ шарти асосӣ буда, танзими самаранокии ин соҳа яке аз ҳадафҳои муҳим ба шумор меравад. Болоравии нишондиҳандаҳои иқтисодии сайёҳӣ аз танзими оқилонаи он вобаста буда, боиси пайдоиш ва ташаккулёбии самтҳои гуногуни он мегардад. Дар натиҷа, ҳамасола болоравии нишондиҳандаи вуруди сайёҳон ба чашм мерасад. Нишондиҳандаҳои асосии васфкунандаи рушди сайёҳӣ – теъдоди нафарони ба сифати сайёҳ ба мамлакат ворид шуда ва миқдори ширкатҳою ташкилотҳои сайёҳӣ ва ҳаҷми даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ ба шумор меравад.

Инчунин, сайёҳӣ чун соҳаи меҳнатталаб метавонад ба афзоиши сатҳи шуғл оварда, бо ҳамин сатҳи бекориро дар мамлакат паст намояд. Азбаски кор дар соҳаи сайёҳӣ бо сатҳи баланди хизматрасонӣ ба сайёҳон алоқаманд аст, метавон ба кор бештар занҳои деҳотро, ки ҳиссаи онҳо дар сохтори бекорони мамлакат назаррас мебошад, ҷалб намуд. Ба ғайр аз ин, шароити табиӣ-иқлимӣ ва ҷуғрофии мамлакат омили созгори ҷойгиркунонии объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар навбати худ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дар ин маҳалҳо пешбинӣ менамояд (чун сохтмони объектҳои иҷтимоӣ, ба шуғл фарогирии аҳолии деҳот ва дигарҳо).

Дар давраи то соли 2020-ум, яъне, давраи то пандемия рушди ҷанбаҳои гуногуни сайёҳӣ ба чашм мерасид ва дар доираи он географияи хизматрасонии сайёҳӣ васеъ мегардид, ки нишондодҳои оморӣ исботи ин гуфтаҳост.

Мувофиқи нишондодҳои омори расмӣ, ки аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардидааст соли 2019 ба ҷумҳурӣ 1257 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ ташриф овардаанд, ки нисбати соли 2018-ум 21,1% зиёд аст, яъне афзоиши сафарҳои сайёҳӣ дар давоми ин солҳо беш аз 20%-ро ташкил медод, ки ин баландтарин нишондиҳанда бо фоиз дар миқёси бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ба шумор мерафт. Агар нишондиҳандаи ташрифи сайёҳонро дар соли 2019 ба соли 2017 нисбат диҳем, пас суръати афзоиш беш аз 2,5 маротибаро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаи воридшавии сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2019 (ҳазор нафар)**
**Table 1. The indicator of the arrival of tourists to the Republic of Tajikistan in the period of 2013-2019 (thousands of people)**

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи умумии шаҳрвандони хориҷӣ, ки вориди Тоҷикистон шудаанд (ҳазор нафар) | Шумораи умумии шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба Тоҷикистон ба сифати сайёҳ ворид шудаанд (ҳазор нафар) |
|---|---|---|
| 2013 | 320 | 208 |
| 2014 | 246 | 213 |
| 2015 | 463 | 413 |
| 2016 | 420 | 344 |
| 2017 | 490 | 431 |
| 2018 | 1154 | 1038 |
| 2019 | 1242 | 1126 |

Сарчашма: Аз маълумотҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, дар фосилаи давраи солҳои 2013-2019 шумораи сайёҳони ба ҷумҳурӣ воридшуда, тамоюл ба афзоиш дошт (танҳо дар соли 2016 тамоюли мазкур каме коҳиш ёфта, пас ба эътидол омадааст).

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳангоми хуруҷи бемории COVID-19, яъне дар давраи пандемия тамоми бахшҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ба буҳрони шадиди иқтисодӣ гирифтор шудаанд. Сайёҳӣ низ аз ин ҳолат барканор намонд, зеро дар давраи пандемия бахши сайёҳӣ, алалхусус сафарҳои сайёҳии байналмилалӣ ба андозаи 72% коҳиш ёфт.

Мувофиқи маълумотҳои СУС СММ дар давраи пандемия сайёҳии байналхалқӣ ба нишондиҳандаи соли 1990 баробар гардид. Коҳишёбии сайёҳии байналхалқӣ дар давраи соли 2020 ба андозаи 72%, пеш аз ҳама, ба маҳдудиятҳои сафар, ҳаросҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои сайёҳӣ ва мубориза глобалӣ ҷиҳати нигоҳдошти коронавирус вобаста аст. Ин ҳолат боис гардид, ки дар давоми 30 соли охир, соли 2020-ум «Бадтарин соли сайёҳӣ» эътироф гардид. Мутобиқи маълумотҳои охир аз моҳи январи соли 2020 то моҳи марти соли 2021 шумораи сафарҳои сайёҳии байналмилалӣ ба андозаи 1052 млн. нафар мутобиқи соли гузашта, коҳиш ёфтааст ва ин ҳолат то нимаи аввали соли 2022-ум идома дошт. Коҳишёбии сафарҳои сайёҳии байналхалқӣ ба нишондиҳандаи даромаднокии сайёҳии байналхалқӣ таъсири худро расонидааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаи сафарҳои сайёҳии байналмилалӣ ва даромад аз он (дар давраи солҳои 2013-2021)**

**Table 2. Indicator of international tourist trips and income from it (for the period of 2013-2021)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 (нисбат ба соли 2019) | 2021 (нисбат ба соли 2019) |
| Шумораи умумии сайёҳон (млн.нафар) | 1087 | 1133 | 1186 | 1235 | 1326 | 1400 | 1460 | 408,6 (-72%) | 685,3 (- 45,9%) |
| Даромади умумӣ аз ҳисоби сайёҳии байналмилалӣ (млрд. дол. ИМА) | 1159 | 1245 | 1260 | 1220 | 1340 | 1700 | 1781 | 356 (-78,1%) | 712,7 (- 51,1 %) |

Сарчашма: https://tourism.interfax.ru/ru/news/articles

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки соли 2019 сайёҳии байналмилалӣ ва дохилӣ ба ММД-и ҷаҳонӣ 8,9 трлн. доллари амрикоӣ ворид намудааст, аммо вобаста ба пандемия ва таъсири молиявии COVID-19 дар соли 2020-ум ба сайёҳии байналмилалӣ ба андозаи 1,4 трлн. доллари амрикоӣ хисорот ворид гардид. Аз ҳама бештар давлатҳое зарар дидаанд, ки дар давраи то пандемия аз рӯи даромаднокии сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун кишварҳои пешвои сайёҳӣ маҳсуб меёфтанд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Нишондиҳандаи хисорот ва ё ворид нагардидани маблағи муайян ба иқтисодиёти давлатҳо вобаста ба ҳолати пандемӣ дар давраи соли 2020 нисбати соли 2019-ум**

**Table 3. Indicator of damage or non-inflow of a certain amount into the economy of the states due to the pandemic situation in 2020 compared to 2019**

| № | Давлатҳо | Зарар (миқдори маблағе, ки дар давраи соли 2020 нисбати соли 2019 ба иқтисоди давлатҳо аз сайёҳӣ ворид нагардид) (млрд. дол. ИМА) |
|---|---|---|
| 1 | ИМА | 147,0 |
| 2 | Испания | 46,7 |
| 3 | Фаронса | 42,1 |
| 4 | Тайланд | 37,5 |
| 5 | Олмон | 34,6 |
| 6 | Италия | 29,6 |
| 7 | Британияи Кабир | 27,8 |
| 8 | Австралия | 27,1 |
| 9 | Япония | 26,1 |
| 10 | Гонконг | 24,2 |

Мувофиқи пешгӯии бонки умумиҷаҳонӣ барқароргардии ҳолати даромадофарии сайёҳии байналхалқӣ дар давраи то соли 2025 имконпазир хоҳад буд.

Мувофиқи таҳлилҳо ҳолати пандемӣ ба бахши сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бетаъсир намонд, зеро ҷараёни рушди сайёҳии кишвар аз ҳолати сайёҳии байналмилалӣ вобаста аст. Дар натиҷа, нишондиҳандаи сафарҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ба андозаи қариб се маротиба коҳиш ёфт.

**Диаграммаи 1. Нишондиҳандаи воридшавии сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2022 (ҳазор нафар)**

**Diagram 1. The indicator of the arrival of tourists to the Republic of Tajikistan in the period of 2015-2022 (thousands of people)**




Чи тавре аз диаграмма маълум аст, дар давраи пандемия шумораи сафарҳои сайёҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон яку якбора коҳиш ёфт, ки ин на танҳо мутааллиқи Тоҷикистон аст. Ин ҳолат хусусияти муваққатӣ дошта, дар як давраи кӯтоҳ паси сар хоҳад шуд, зеро сайёҳӣ нисбати дигар бахшҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, камтар осебпазир буда, муҳлати барқароршавии кӯтоҳро дар бар мегирад. Бинобар ин, чи тавре, ки аз диаграммаи 1 бар меояд, дар давраи солҳои 2021-2022 ҷараёни барқароршавии ҳолати сайёҳӣ ба назар мерасад.

Бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикисон аз январи соли 2022 барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавӣ бидуни раводид ҷорӣ гардид ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ карда шавад. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидаст [10].

Воқеан ҳам миёни дигар бахшҳои иқтисодӣ, сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таркиби иқтисодиёти миллии аксар кишварҳо ба шумор рафта, афзоиши ҳаҷми ММД, шумораи ҷойҳои корӣ, афзоиши даромаднокӣ ва некуаҳволии шаҳрвандони мамлакатро таъмин менамояд.

Чи тавре ки аз ҷадвал бар меояд, соҳаи сайёҳӣ бо суръати шиддатнок рушд ёфта истодааст ва он сарчашмаи оияндадор ва босамараи рушди даромади миллӣ, хосса барои он мамлакатҳое мебошад, ки бо шароити муносиби табиӣ-иқлимӣ, имконоти рекреатсионӣ ва ёдгориҳои маданӣ-таърихии худ фарқ менамоянд [14,с.27-38].

Ҳолати мазкур дар Тоҷикистон низ ба чашм мерасад. Оид ба заминаҳои таърихии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон Пивоварова Н.В. чунин баён намудааст: «Сайёҳӣ дар сарзимини Тоҷикистон се давраро фаро мегирад, яъне замони то Шуравӣ, замони Шуравӣ ва замони истиқлолият, яъне мутобиқи маълумотҳо, сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар нимаи 2-юми асри XX, ки ба замони Шуравӣ рост меояд, ташаккул ёфтааст»

[11]. Тибқи маълумоти дастрас, ҳама аломатҳои рушди сайёҳӣ дар сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд, ки сайёҳӣ ба маънии муосир ин ҷо дар асри XX, ки ба замони Шуравӣ рост меояд, ташаккул ёфтааст.

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаи ҳаҷм ва сохтори ММД дар як қатор кишварҳо ва мақоми сайёҳӣ дар таркиби он**

**Table 4. Indicator of the volume and structure of GDP in a number of countries and the tourism sector in it**

| № | Давлат | ММД трлн. долл | | Сохтор % | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2022 | хизматрасонӣ | саноат | кишоварзӣ |
| 1 | ИМА | 21,4 | 21,4 | 80,6 % | 18,5 % | 0,9% |
| 2 | Хитой | 14,3 | 23,4 | 50,4% | 41,2% | 8,4% |
| 3 | Россия | 1,7 | 4,7 | 62,3 % | 33,3 % | 4,4% |
| 4 | Британияи Кабир | 2,8 | 3,3 | 79,2% | 20,2% | 0,6% |
| 5 | Ҳиндустон | 2,9 | 10,2 | 53,9 % | 29,1 % | 17,0% |
| 6 | Олмон | 3,8 | 4,9 | 68,1% | 31% | 0,9% |
| 7 | Фаронса | 2,7 | 3,4 | 78,8 % | 19,5 % | 1,7% |
| 8 | Ҷопон | 5,1 | 5,4 | 70,8% | 28,1% | 1,1% |
| 9 | Бразилия | 1,8 | 3,5 | 72,2% | 22,6% | 5,2% |
| 115 | Тоҷикистон | 9,1 млрд, долл | 12,4 млрд. долл. | - | - | - |

Сарчашма. Аз маълумотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва СММ.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ дар сарзамини Тоҷикистон тадқиқотҳои бошиддати ҷуғрофӣ, омӯзиши фаъоли низомҳои кӯҳӣ бурда мешуданд. Ҳамзамон, инфрасохтори сайёҳӣ ба қадри муҳим нав карда шуда, низомҳои роҳҳои нақлиётии автомобилӣ ва роҳи оҳан рушд меёбанд, инчунин, низоми алоқаи ҳавоӣ ҳам дар миқёси ҷумҳурӣ ва ҳам дар миқёси умумиитифоқ низ ба андозаи муайян рушд мекунад. Ҳамаи ин шароитҳо бевосита ба рушди сайёҳӣ мусоидат менамуданд. Аз ҷумла, аввалин корхонаҳои махсусгардонидашудаи ба истеҳсоли хизматрасониҳои сайёҳӣ нигаронидашуда бунёд гардиданд, хизматрасонии маҷмуии сайёҳон рушд меёфт [4].

Акнун саноати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асари шароити табиӣ-иқлимӣ ва ҷуғрофии кишвар яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисодиёти миллӣ гардидааст. Дар мамлакат иқтидори бузург ва имконоти васеъ барои рушди ҷаҳонгардӣ ва сайёҳии вурудӣ (ташрифӣ) мавҷуд мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонии рушди сайёҳӣ нишон медиҳад, ки маҳз кӯҳистон будани маҳал пояҳои ҷойгиршавӣ ва рушди марказҳои сайёҳии ҷаҳониро муайян менамояд. Бешак, низомҳои кӯҳии олам, чун Алп, Карпат, Қрим ва Кавказ маконҳои ҷуғрофии сербинандатарин ва серташрифи сайёҳии ҷаҳонии муосир мебошанд. Кӯҳҳои Тоҷикистон бо иқтидори нодир ва нотакрори сайёҳии худ ба ин маконҳои ҷуғрофии олам баробар шуда ва метавонанд яке аз маконҳои ҷолибе барои ҷаҳонгардӣ ва сайёҳии ҷаҳонӣ бошанд [1,с.123-131].

Бо мақсади ба мамлакат ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои дахлдор роҳандозӣ гардиданд, иншооти варзишӣ (асосан кӯҳӣ-варзишӣ) ва истироҳатгоҳҳо сохта ва бозсозӣ карда шуданд, объектҳои табобатӣ-солимгардонии мавҷудбуда навсозӣ карда шуда, инчунин, объектҳои нав сохта мешаванд.

Дар солҳои охир тартиби 150 меҳмонхонаҳои мутобиқ ба талаботи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ сохта шуда ё бозсозӣ ва муҷаҳҳаз карда шудаанд, ҳолати объектҳои инфрасохтори сайёҳии амалкунанда беҳгардонӣ карда шудаанд. Дарраҳои кӯҳии Варзоб, Ромит, Балҷувон ва мавзеи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Помир) расман чун минтақаҳои сайёҳӣ эълон карда шудаанд. Лоиҳаҳо оид ба сохтмони инфрасохтори сайёҳӣ дар ин мавзеъҳо маблағи 400 миллион сомонӣ (қариб 40 миллион доллари ИМА)-ро ташкил медиҳанд [12]. Ҳамаи ин ба баландшавии назарраси ҷолибияти сайёҳии мамлакат оварда расонид. Сарватҳои мазкурро ба кор бурда, дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон метавон бомуваффақона соҳибкориро дар соҳаи сайёҳии ташрифӣ ташкил намуд.

Пас аз қабул намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” (иловаҳои охирин 28 декабри соли 2013 ва соли 2017 ворид карда шудаанд, худи қонун бошад, 3 сентябри соли 1999 қабул шуда буд), қабул намудани барномаҳо ва стратегияи рушди соҳаи сайёҳӣ лаҳзаҳои мусоид барои роҳандозӣ намудани соҳибкории сайёҳӣ дар мамлакат фаро расиданд.

Бо вуҷуди ҳама ин, иқтидори сайёҳии мамлакат ба таври муносиб истифода нашудааст ва вазъи воқеии соҳа ба стандартҳои байналмилалии сайёҳӣ ҷавобгӯ нест, инчунин, шароити мусоид барои будубоши сайёҳони хориҷӣ ба таври басанда муҳайё карда нашудаанд.

Рушди сайёҳии вурудӣ чунин паёмадҳои мусбат барои иқтисодиёти миллӣ дошта метавонад:

- воридшавии асъори хориҷӣ аз ҳисоби роҳхатҳои сайёҳӣ, аз ҷониби сайёҳон харид кардани молҳо ва хизматрасониҳо аз корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва аҳолии маҳаллӣ;
- ташкили ҷойҳои кории иловагӣ;
- рушди корхонаҳои меҳмоннавозӣ ва хӯроки умум, маҷмааҳои варзишӣ, солимгардонӣ, дилхушӣ.

Мавҷуд будани сарватҳо худ ба худ рушди бомуваффақонаи соҳаи сайёҳии вурудиро кафолат намедиҳад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси рушди онро чунин омилҳо бунёд менамоянд:

- камшавии номутаносибӣ дар байни иқтидори захиравӣ ва сатҳи истифодабарии он;
- ташвиқ ва таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ барои ҷалб намудани истеъмолкунандагони онҳо;
- дастгирии давлатии сайёҳии ташрифӣ.

Тибқи маълумоти коршиносони WTO (СУС-Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ) ва муҳаққиқони алоҳида, иқтидори захиравии сайёҳии вурудӣ дар Тоҷикистон амалан беҳудуд мебошад, вале аксари объектҳои иқтидори сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳои душворрас ҷойгир мебошанд, вазъи роҳҳои автомобилгарди ба онҳо баранда он қадар муътадил ва муносиб нест, алоқаи ҳавоӣ аксаран маҳдуд аст, нархи чиптаҳои ҳавопаймоӣ нисбатан баланд аст.

Пояҳои моддии объектҳои ҷойгиркунонии сайёҳон (истироҳатгоҳҳо, муассисаҳои табобатӣ-солимгардонӣ ва осоишгоҳҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда шудаанд (бидуни осоишгоҳҳои Баҳористон ва Шоҳамбарӣ (бозтаҷдид шуданд)), чунки аксари онҳо дар замони Иттиҳоди Шуравӣ бунёд шуда буданд (осоишгоҳҳои Хоҷаобигарм, Зумрад, Обигарм, Гармчашма ва дигарҳо). Ҳоло дар мамлакат 70 адад осоишгоҳ ва курортҳо, 21 пойгоҳҳои сайёҳӣ амал менамоянд [12].

Дар замони пешрафти саноат ва дар ин замина ба шароити нави хоҷагидорӣ ворид намудан ва ба гардиш ҷалб намудани миқдори зиёди сарватҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва табиӣ, ҳолати экологӣ носолим гардидааст. Вобаста ба саноатикунонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, пешрафти илмӣ-техникӣ ба амал меояд, равандҳои шаҳришавии аҳолӣ суръат мегирад, ки ин ҳолат боис мегардад, ки солимии аҳолӣ нохуб шавад, зеро дар раванди он ба ҳолати ҷисмонӣ ва ақлонии инсон фишор бештар ворид мешавад ва дар инсон хастагии ҷисмонӣ ва ақлонӣ пайдо мешавад. Дар ин ҳолат аз ҷониби инсон дарки муҳимми тарзи ҳаёти солим ба назар мерасад. Одамон мехоҳанд, ки ҳамеша намои хуби ҷисмонӣ ва ақлонӣ, солимӣ ва қобилияти кории худро нигоҳ доранд ва ё эҳё намоянд. Маҳз ба ин хотир, хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ ташаккул ва рушд дода мешаванд, зеро ин шакли хизматрасонии сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳимми такондиҳандаи фаъолият дар соҳаи хизматрасонии маҷмаавии сайёҳӣ мебошад.

Аз ин хотир, дуруст ба роҳ мондани ташкил ва танзими соҳаи сайёҳӣ ва таркиби хизматрасониҳои ба сайёҳӣ алоқаманд, самаранокии иқтисодии соҳаро боло мебардорад.

Маҷмуи хоҷагиҳои табобатӣ-солимгардонии дар замони Иттиҳоди Шуравӣ бунёдгардида ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мерос мондааст. Объектҳои табобатӣ-солимгардонии Тоҷикистон ба маҷмааи ягона дохил шуда буданд. Давлат сиёсати ягонаи

рушди маҷмуии табобатӣ-солимгардониро роҳандозӣ менамуд, ки ба истеъмолкунандаи оммавӣ нигаронида шуда буд. Маблағгузории фаъолият ва рушди хоҷагиҳои табобатӣ-солимгардонӣ асосан аз ҳисоби суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, маблағҳои корхонаҳо ва дигар манбаҳо ба ҷо оварда мешуд [6,с.140-144].

Сохтори танзими маҷмуи корхонаҳои табобатӣ-солимгардонӣ бо баҳисобгирии мавҷудияти бозори умумидавлатии хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ ташаккул ёфта буд. Низоми соҳавии фурӯши роҳхатҳои осоишгоҳҳо (осоишгоҳ ва курортҳо) бо усули банақшагирӣ-тақсимкунии фурӯши хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ амал менамуд, ки сарбории беҳтарини хоҷагиҳои табобатӣ-солимгардониро таъмин мекард.

Бо пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои табобатӣ-солимгардонии Ҷумҳурии Тоҷикистон айёми рукути иқтисодӣ оғоз гардид. Шумораи одамони ба осоишгоҳҳо ва дигар объектҳои хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ ташрифоранда якбора кам шуд. Пастшавии рушди соҳаи мазкур асосан бо сатҳи пасти даромадҳои аҳолӣ ва норасогии маблағгузории худи хоҷагиҳо алоқаманд буд.

Ислоҳоти иқтисоди мамлакат ба дигаршавии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии моликият дар бозори хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ оварда расонид. Низоми ягонаи умумидавлатии фурӯши хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ барҳам хурд. Муносибатҳои бозорӣ, бозбинии тарзҳои муомилаи давлатиро ба ташкил ва танзимкунии соҳаи мазкур ва пешомадҳои рушди он талаб менамуданд.

Низоми мавҷудаи идоракунии хоҷагиҳои табобатӣ-солимгардонӣ дар ҳолати тазод бо ислоҳоти соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад менамояд. Мақомоти алоҳидаи идоракунии давлатӣ соҳаи сайёҳӣ таъсис наёфта буд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммии масъалаи солимии аҳолии мамлакатро дарк намуда, солҳои охир ба рушди бозори хизматрасониҳои табобатӣ-солимгардонӣ, ки дар шароити мамлакати мо асоси рушди соҳаи сайёҳӣ ҳисобида мешаванд, муносибати худро ба куллӣ дигар намуд. Давлат барои солимии аҳолӣ масъулияти баланд мебарад, бинобар ин, чораҳои гуногун баҳри пешрафти соҳаи мазкур тавассути дастгирии давлатӣ ва танзими бомуваффақонаи он татбиқ карда мешавад, ки ба таври мусбӣ дар пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

Солҳои охир дар мамлакат объектҳои нави табобатӣ-солимгардонӣ ва варзишӣ-сайёҳӣ сохта шуда ва бозсозӣ карда мешаванд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонад. Дар шаҳрҳои калони мамлакат намунаҳои корхонаҳои муваффақи якҷоягии тиб, солимгардонӣ, SPA-технология (аббревиатураи лотинии «Sanus per Aquam» - «солимӣ бо ёрии об») ва сайёҳӣ ба фаъолият шуруъ намудаанд: осоишгоҳи Баҳористон дар шаҳри Гулистон, маркази тиббии Ромашка дар Душанбе, марказҳои солимгардонии Ҳавотоғ дар Истаравшан, Камолот дар Конибодом ва дигарҳо. SPA-толорҳо, аквапаркҳо, меҳмонхонаҳои дорои SPA-толорҳо ва дигар объектҳои табобатӣ-солимгардонӣ бунёд карда мешаванд.

Соли 2011 осоишгоҳи “Баҳористон” кушода шуд, ки дар соҳили обанбори “Баҳри тоҷик” (дар гузашта, то соли 2016 – обанбори Қайроқум), дар шимоли Тоҷикистон – дар вилояти Суғд ҷойгир аст. Ин ҷо 5 бинои табобатӣ-солимгардонӣ ва дигар иншоот сохта шудааст, ки барои мукаммалгардонии осоишгоҳ хизмат менамоянд. Осоишгоҳ дорои коргоҳҳои шӯяндагӣ, пазандагӣ, тарабхона ва шароити ба стандартҳои байналмилалии хизматрасонии сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамчунин, ин ҷо ҳама шароити созгор барои истироҳат, осоиш ва солимгардонии ҷисмонӣ ва руҳии истироҳаткунандагон ва сайёҳон муҳайё карда шудааст, чун: толори варзишӣ, толори фитнес, ҳавзи оббозӣ, роҳи велосипедгард, китобхона, толори компютерии бо интернети баландсуръат пайвастбуда, толори кино ва шаҳрчаи кӯдакона барои фарзандони истироҳаткунандагон. Дар шуъбаҳои табобатӣ ҳуҷраҳо барои амалиёти гуногуни тиббӣ мавҷуд мебошанд, ки бо таҷҳизоти тиббии муосир муҷаҳҳазонида шудаанд. Бо шарофати таҷҳизоти ташхисии нодир ва донишҳои амиқи мутахассисон дар худи ҳамин ҷо ҳама тадқиқоти тиббӣ гузаронида мешаванд, бемории мизоҷ муайян карда шуда, табобат ва амалиёти зарурии солимгардонӣ таъин карда мешаванд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки шумораи мизоҷони осоишгоҳ ҳам аз ҳисоби аҳолии мамлакат ва ҳам аз ҳисоби сайёҳони хориҷӣ зиёд карда шавад. Ҳамин тавр, дар соли 2019 осоишгоҳ тавонист, ки ба зиёда аз 3000 шаҳрвандони

хориҷӣ хизматрасонӣ кунад, 8 шартномаи ҳамкорӣ бо ширкатҳои сайёҳии хориҷаи наздик баста шуд. Самаранокии қарордодҳо бо оҷонсиҳои сайёҳӣ дар соли 2019 ба андозаи 25% зиёд шуд [9].

Дар соли 2022 бошад, осоишгоҳи "Баҳористон" ба 952 нафар сайёҳони хориҷӣ хизматрасонӣ намудааст, ки 456 нафари онҳо аз Ҷумҳурии Қазоқистон, 276 нафар – аз Ҷумҳурии Қирғизистон, 67 нафар – аз Ҷумҳурии Исломии Эрон, 46 нафар – аз Федератсияи Россия, 27 нафар – аз Австралия, 19 нафар – аз ИМА, 18 нафар – аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, 17 нафар – аз Ҷумҳурии мардумии Чин, 10 нафар – аз Британияи Кабир, 4 нафарӣ – аз Озорбойҷон ва Арманистон, 2 нафарӣ – аз Ҷумҳурии Белорус ва Канада ва 1 нафарӣ – аз Бразилия, Италия, Муғулистон ва Полша мебошанд [3].

Соли 2012 осоишгоҳи овозадори "Хоҷаобигарм" аз тобеияти Иттифоқҳои Касаба ба сарпарастии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт. Дарҳол аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар осоишгоҳ таъмири куллӣ ба ҷо оварда шуд. Бо баҳисобгирии талаботи афзуншаванда ва миқдори касалиҳои муайян дар осоишгоҳ амалиётҳои нави табобатӣ, чун шустани рудаҳо, сузандармонӣ, ҳавзҳои хушбӯ ва дигарҳо амалӣ карда шуданд. Макони лойдармонӣ бозсозӣ карда шуд ва инчунин, амалиёти солимгардонӣ бо парафин ва озокерит ташкил карда шуданд. Дармонгоҳи мавҷудбуда бо таҷҳизоти зарурии табобатии махсус, озмоишгоҳҳо, хуҷраҳои духтурӣ ва амалиётӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Барои ба ҷо овардани корҳои сохтмонӣ ва таъмирӣ, дирексияи сохтмони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шуд.

Соли 2015 пойгоҳи дар мамлакат ягонаи лижаронии кӯҳии "Сафеддара" (собиқ Сафедорак) дар ноҳияи Варзоб, ки дар муддати 15 соли охир вазъи ногувор дошт, хусусӣ гардонида шуд. Дар бозсозии объекти мазкур маблағи 2,5 миллион доллари ИМА сармоягузории хусусӣ сафарбар карда шуд. Акнун ин ҷо маҷмааи варзишӣ-солимгардонӣ ва сайёҳии дорои меҳмонхонаи муосир, тарабхона, масири лижаронӣ, роҳи бандии ҳавоӣ, истгоҳи барфгардҳо ва дигар иншооти варзишиву солимгардонӣ ва дилхушӣ пайдо шуд.

Ҳоло ҳам дар баъзе муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ хизматрасонии замонавии муносиб мавҷуд нест ва онҳо ба мушкилоти беҳдоштӣ ва санитарӣ дучор меоянд. Меҳмонхонаҳои дорои сатҳи сазовори хизматрасонӣ асосан дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ҷойгир мебошанд. Ҷойгиркунии сайёҳон дар меҳмонхонаҳо ҳамчунин дар дигар шаҳрҳои бузурги мамлакат – Хоруғ, Бохтар, Кулоб ва Хуҷанд имкон дорад. Меҳмонхонаҳои дорои нархи иҷораи хуҷра то маблағи 50 доллари ИМА баъзан бо мушкилоти кандашавии барқ ва оби гарм рӯ ба рӯ мешаванд, ҳатто набудани оби гарм дар баъзе меҳмонхонаҳо ҳолати маъмул аст (хусусан дар меҳмонхонаҳое, ки дар ноҳияҳои маъмурӣ воқеанд). Дар ноҳияҳои кӯҳӣ шабгузаронии сайёҳон дар пойгоҳҳои сайёҳӣ, аз ҷумла, дар объектҳои бекорхобида низ имкон дорад. Ин ҷо аҳолии маҳаллӣ баъзан ҳатто бемузд ба сайёҳон дар хонаҳои худ шабгузаронӣ ва меҳмондорӣ пешниҳод менамоянд.

Мушкилоти шароити беҳдоштӣ-санитарӣ дар роҳҳо, хатсайрҳои сайёҳӣ ва маконҳои будубош, пеш аз ҳама, сайёҳони нисбатан сарватмандро, ки кайфияти баландро мепазиранд, ба ҳарос меоварад. Сайёҳони ин табақа, гарчанде шумораи онҳо дар байни шаҳрвандони хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифоранда зиёд набошад ҳам, метавонанд барои хизматрасониҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ дар мавриди ба онҳо пешниҳод намудани шароити муносиб маблағи бештареро дареғ надоранд.

Мавҷудияти иқтидори кормандони саноати сайёҳӣ дар шароити муосир, яке аз омилҳои асосии рушди соҳа баҳисоб меравад. Бо вуҷуди анъанаҳои бойи меҳмондорӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарҳанги соҳибкории сайёҳӣ намерасад. Пеш аз ҳама, ин ба нотавонии кормандони корхонаҳои саноати сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ барои нигоҳ кардан ба хизматрасониҳои худ аз диди мизоҷони худ – сайёҳон дахл дорад. Чун қоида, асоси муваффақият дар соҳаи сайёҳӣ ин сатҳи баланди касбият, назаррабоӣ, хушмуомилагии кормандон ҳангоми робита ва муошират бо сайёҳон, маданият ва фарҳанги хизматрасонӣ, ҳисси баланди масъулият ба кори худ мебошад.

Ба пиндори мо ва бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳангоми роҳандозии ислоҳоти соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал намудани чунин масъалаҳои афзалиятнок зарур аст:

- ҷоннок намудани нигоҳдорӣ ва паҳнкунии намои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо иштирок дар намоишҳо ва ярмаркаҳои байналмилалӣ, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо), тарғиб ва ташвиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳии миллӣ дар миқёси ҷаҳонӣ;
- гузаронидани бозсозии объектҳои сайёҳии мавҷудбуда ва сохтани объектҳои нави сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар. Аз ҷумла дар ҳудудҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ВМКБ, минтақаи Рашт, Фону Яғноб ва ғайра;
- гузаронидани тасниф ва сертификатсияи меҳмонхонаҳо, пойгоҳҳои сайёҳӣ, осоишгоҳҳо ва дигар объектҳои ҷойгиркунонӣ ва хизматрасонӣ ба сайёҳон;
- роҳандозӣ намудани ислоҳоти танзими меҳмонхонаҳо ва дигар объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ;
- сохтани меҳмонхонаҳои хурд (хонагӣ), осоишгоҳҳои хусусӣ ва оилавӣ дар ҳудудҳои кӯҳии кишвар;
- омодакунӣ ва баландбардории ихтисоси кормандони меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо, пойгоҳҳои сайёҳӣ ва истироҳатгоҳҳо;
- бозсозии роҳҳои автомобилгарди ба объектҳои сайёҳӣ баранда;
- сохтани объектҳои беҳдоштӣ-санитарӣ (ба хусус ҳоҷатхонаҳо) дар масирҳои сайёҳӣ.

Дар натиҷаи роҳандозӣ намудани маҷмуи тадбирҳои номбаршуда оид ба рушди сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад яке аз иштирокчиёни фаъоли бозори сайёҳии ҷаҳонӣ гардад. Сайёҳӣ дар оянда метавонад ба яке аз бахшҳои калидии иқтисоди миллӣ табдил ёбад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ёров Ҷ.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Акназаров К.К. Туристская индустрия как отрасль национальной экономики / К.К. Акназаров // Материалы научно-теоретической конференции “Развитие туризма в годы независимости Республики Таджикистан”, 28 мая 2016 года. -Душанбе, 2016. -С.123-131.
2. Амонова Д.С. Основные направления развития туризма в контексте региональных особенностей Республики Таджикистан / Д.С. Амонова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2018. -№1. -С.52-59.
3. Бахористон – царство весны. [Электронный ресурс]. URL: http://www.narodnaya.tj/ (дата обращения: 25.05.2022)
4. Бехешти С.С. Формирование и развитие горного туристского комплекса (на материалах Юго-Восточного Таджикистана): автореф. дис...канд.геогр. наук / Бехешти Сейедахмад Сейеднасер. –Душанбе, 2018. -145 с.
5. Ёров Дж.Н. Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие сектора АПК (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соиск. уч. степени кандидата экономических наук / Дж.Н. Ёров. -Душанбе, 2009. -164 с.
6. Зикирова Ш.С. Проблемы и перспективы государственного регулирования санаторно-курортного комплекса / Ш.С. Зикирова // Российское предпринимательство. – 2011. -№2. -вып.1(177). -С.140-144.
7. Машокиров Дж.Н. Некоторые проблемы развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан / Дж.Н. Машокиров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2014. -Часть 1. -№2/10(152). -С.252-257.
8. Мухаббатов Х.М. Природно-ресурсный потенциал горных регионов Таджикистана. Монография / Х.М. Мухаббатов. -М.: Граница, 1999. -196 с.
9. Натиҷаҳои тадқиқоти Осоишгоҳи Баҳористон дар соли 2019 ва нақшаҳои рушд дар соли 2020. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.bahoriston.com/ (саннаи мурочиат: 21.01.2023)
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикисон. - 23-юми декабри соли 2022. –Душанбе. 2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj
11. Пивоварова Н.В. История туризма в Таджикистане (XX начало XXIвв.): автореферат кандидатской диссертации / Н.В. Пивоварова. –Душанбе, 2010. -223 с.
12. Сайти расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.traveltajikistan.tj (санаи мурочиат: 10.05.2020).
13. Умаралиев Р.А. Великий Шёлковый путь как основа социально-экономической интеграции: современное видение / Р.А. Умаралиев, В.Ш. Хетагурова // В сб.: Фундаментальные и прикладные исследования: проблемы и результаты. Труды международной научно-практической конференции. -М., 2014. -С.225-229.
14. Хетагурова В.Ш. Кластерный подход при разработке стратегии развития туризма на постсоветском пространстве (на примере Республики Кыргызстан) / В.Ш. Хетагурова, Р.А. Умаралиев // Современные проблемы сервиса и туризма. - 2016. -Т.10. -№1. -С.27-38.

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА САМТҲОИ АСОСИИ ОН: МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ СОҲА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар замони муосир дар шароите, ки муносибатҳои ноустувор дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба чашм мерасанд, истодагарии давлат дар муқовимати иқтисодию сиёсӣ тавассути дороии заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ сурат мегирад. Бинобар ин, муаллиф зикр менамояд, ки яке аз самтҳои муҳимми мавқеъгирӣ дар бозори ҷаҳонӣ ин сайёҳӣ мебошад. Бо мақсади устуворона ворид шудан ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтор ва саноати сайёҳӣ шарти асосӣ буда, танзими самаранокии ин соҳа яке аз ҳадафҳои муҳим ба шумор меравад. Болоравии нишондиҳандаҳои иқтисодии сайёҳӣ аз танзими оқилонаи он вобаста буда, боиси пайдоиш ва ташаккулёбии самтҳои гуногуни он мегардад. Дар натиҷа ҳамасола болоравии нишондиҳандаи вуруди сайёҳон ба чашм мерасад. Муаллиф ишора бар он кардааст, ки сайёҳӣ чун соҳаи меҳнатталаб метавонад ба афзоиши дараҷаи шуғл оварда, бо ҳамин васила сатҳи бекориро дар мамлакат паст намояд. Дар давраи то соли 2020-ум яъне давраи то пандемия рушди ҷанбаҳои гуногуни сайёҳӣ ба чашм мерасид ва дар доираи он географияи хизматрасонии сайёҳӣ васеъ мегардид. Инчунин, ҳангоми хуруҷи бемории COVID-19, яъне дар давраи пандемия тамоми бахшҳои иқтисоди ҷаҳонӣ ба буҳрони шадиди иқтисодӣ гирифтор шудаанд. Сайёҳӣ низ аз ин ҳолат барканор намонд, зеро дар давраи пандемия бахши сайёҳӣ, алалхусус сафарҳои сайёҳии байналмилалӣ ба андозаи 72% коҳиш ёфт. Мувофиқи маълумотҳои СУС СММ дар давраи пандемия сайёҳии байналхалқӣ ба нишондиҳандаи соли 1990 баробар гардид. Коҳишёбии сайёҳии байналхалқӣ дар давраи соли 2020 ба андозаи 72%, пеш аз ҳама, ба маҳдудиятҳои сафар, ҳаросҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои сайёҳӣ ва муборизаи глобалӣ ҷиҳати пешгирии (нигоҳдошти) коронавирус вобаста аст. Албатта, ин ҳолат хусусияти муваққатӣ дошта, дар давраи то соли 2025 паси сар хоҳад шуд.

**Калидвожаҳо:** бозори ҷаҳонӣ, сайёҳӣ, инфрасохтор, саноати сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, ҳолати пандемӣ, шароити табиӣ-иқлимӣ, табобатӣ-солимгардонӣ, объектҳои сайёҳӣ.

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА И ЕГО ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ: ВОПРОСЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ОТРАСЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В современных условиях, когда в мировой экономике наблюдаются нестабильные отношения, противостояние стран в мировой экономике происходит благодаря наличию социально-экономического и духовного потенциала. Поэтому автор констатирует, что одной из самых важных позицией на мировом рынке является туризм. С целью устойчивого вхождения на мировой туристский рынок, необходимо формировать инфраструктуру и индустрию туризма, а также рационально урегулировать эффективность этого сектора. Повышение экономических показателей туризма зависит от его рационального регулирования, формирования различных его направлений. В результате ежегодно наблюдается рост въезда туристов в страну. В статье указывается, что туризм как трудоёмкая отрасль может способствовать увеличению занятости, и таким образом снизить уровень безработицы в стране. В период до 2020 года, то есть допандемический период, наблюдалось развитие всех аспектов туризма и на его основе начали расширяться географические рамки туристского обслуживания. Кроме того, во время вспышки COVID-19 все сектора мировой экономики столкнулись с серьезным экономическим кризисом. Туризм тоже не остался в стороне, в период пандемии сектор туризма, в частности, международные туристские поездки снизились на 72%. Согласно данным ВТО ООН, во время пандемии показатели международного туризма были равны показателям 1990 года, и поэтому 2020-ый год был признан самым худшим годом для туризма. Уменьшение международного туризма в период 2020 года на 72% связано с ограничениями поездок потребителей туристических услуг и глобальной борьбой с коронавирусом. Конечно, это имеет временный характер и закончится в период до 2025-го года.

**Ключевые слова:** международный рынок, туризм, инфраструктура, индустрия туризма, развитие туризма, туристские услуги, условия пандемии, природно-климатические условия, лечебно-оздоровительный, туристские объекты.

## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF TOURISM DEVELOPMENT AND ITS MAIN TRENDS: ISSUES OF REGULATION OF THE INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In modern conditions, when unstable relations are observed in the global economy, the confrontation between countries in the world economy occur due to the presence of socio-economic and spiritual potential. Therefore, the author states that one of the most important positions in the world market is tourism. With the aim of sustainable entry into the world tourist market, it is necessary to form the infrastructure and tourism industry, as well as rationally resolve the effectiveness of this sector, is one of the important goals. Improving the economic indicators of tourism depends on its rational regulation, causing the origin and formation of its various directions. As a result, there is an increase in the entry of tourists to the country. The article indicates that tourism as a laborious industry can contribute to an increase in employment, and thus reduce unemployment in the country. In the period until 2020, that is, before the pandemic period, the development of all aspects of tourism was observed and on its basis the geographical framework of tourist services will be expanded. In addition, during the Covid-19 outbreak, all sectors of the world economy were faced with a serious economic crisis. Tourism also did not stand aside, during the pandemic sector of tourism, in particular, international tourist trips decreased by 72%. According to the UN WTO during the pandemic, the indicators of international tourism were the existence of the 1990 indicators, and therefore the 2020th year was recognized as the worst year of tourism. Reducing international tourism in the period 2020 by 72% depends on the restrictions of the trip, consumers of tourism services and the global wrestling with coronavirus. Of course, this is temporary and takes place in the period until 2025.

**Keywords:** international market, tourism infrastructure, tourism industry, tourism development, tourist services, a pandemic condition, natural-climatic conditions, medical and health, and tourist facilities.

**Маълумот оид ба муаллиф**: ***Юнусов Талабшо Абдулваҳобович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17. Телефон: **937-02-04-05**

**Сведения об авторе:** ***Юнусов Талабшо Абдулвахобович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономической географии и туризма. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **937-02-04-05**

**Information about the author:** ***Yunusov Talabsho Abdulvakhobovich*** - Tajik National University, assistant of the Department of Economic Geography and Tourism. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **937-02-04-05**

**ТДУ: 338.439.5**

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ

***Рауфӣ А., Сафарзода Г.Г.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, раванди ташаккули фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳавасмандии умумиро дар назар дорад. Он манфиатҳои соҳибони корхонаҳо ва коргарони одӣ, давлат, бонкҳои тиҷоратӣ, институтҳои сармоягузорӣ, инчунин, таъминкунандагон ва қарздиҳандагонро бо ҳам муттаҳид мекунад.

Г.В. Савитская бар ин назар аст, ки «тақсимоти фоида бевосита ҳадафи асосии сиёсати идоракунии фоида – баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии соҳибони корхонаро амалӣ менамояд» [13,с.34]. Сиёсати мутавозин имкон медиҳад, ки сохтори пардохти дивидендҳо ба соҳибони корхона оптимизатсия карда, фоида дар давраҳои минбаъда афзоиш ёбад.

Тавре дар адабиёти иқтисодӣ қайд карда шудааст, ҳадафи асосии тақсими фоида, дарёфти таносуби оптималӣ байни қисми истеъмолшуда ва капитализатсияшудаи фоида мебошад. Ин таносуб бояд, пеш аз ҳама, ба талаботе, ки дар стратегияи дарозмуддати рушди корхона муайян карда шудаанд, мувофиқ бошад.

Аз ин рӯ, раванди тақсимкунӣ бояд ба як қатор равандҳо асос ёбад, масалан: «пайвастани сиёсати тақсимот бо сиёсати умумии идоракунии фоидаи корхона; афзалияти ба назар гирифтани манфиат ва тафаккури соҳибони корхона; устувории сиёсати тақсимоти фоида; пешгӯии сиёсати тақсимоти фоида; арзёбии самаранокии сиёсати таҳияшудаи тақсимоти фоида».

Сиёсати самараноки тақсим ва истифодаи фоида ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки такрористеҳсолии васеъро маблағгузорӣ кунанд ва фаъолияти худро тавассути таъсиси шабакаҳо, филиалҳо ё диверсификатсияи маҳсулотро васеъ намоянд. Ин аз ҳисоби истифодаи манбаҳои арзонтари маблағгузорӣ - захираҳои молиявии худӣ, ки асосан аз ҳисоби фоида ба вуҷуд омада, ба даст оварда мешавад. Дар ин ҳолат, корхона метавонад хароҷоти вобаста ба ҷалби маблағҳои қарзиро ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Бояд гуфт, ки раванди идоракунии тақсим, истифодабарӣ ва раванди ба даст овардани фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ метавонад тавассути ба таври баррасии мунтазами омилҳои гуногуне, ки ба тақсимоти фоида таъсир мерасонанд, инчунин, ба ҳадди ақал расонидани таъсири манфии онҳо ба ин раванд, сурат гирад.

Ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки мушаххас муайян намудан ва дуруст истифода намудани онҳо метавонад самаранокии фаъолияти корхонаҳоро таъмин намояд. Гуногунии омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, зарурати гурӯҳбандӣ кардани онҳоро ба миён меорад, ки ҳамзамон, барои муайян намудани самтҳои асосии ҷустуҷӯи захираҳои баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ муҳим мебошанд. Бо назардошти он, ки корхона ҳам субъект ва ҳам объекти муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, тақсимоти онҳо ба берунӣ ва дохилӣ муҳим мебошад.

Ивашковский С.Н., омилҳои ба ҳаҷми фоида таъсиррасонро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуда, чунин тасниф намудааст [7,с.26]:

1) Дар соҳаи истеҳсолот: ҳаҷм, сифати маҳсулот, ассортимент, сатҳи нархҳои шартномавӣ.

2) Дар соҳаи муомилот: ташкили корҳои оперативӣ оид ба фурӯши маҳсулот, риояи шартҳои шартнома, ҳамкорӣ бо истеъмолкунандагон ва ғайра.

3) Омилҳое, ки аз фаъолияти корхона вобастагӣ надоранд: қатъ шудани таъминоти моддию техникӣ, сари вақт расонидани воситаҳои нақлиёт барои интиқоли маҳсулоти тайёр ва ғайра.

Таснифи омилҳои С.Н. Ивашковский, ки дар боло баррасӣ шуд, ба андешаи мо, дараҷаи омилҳои фоидаро пурра нишон намедиҳад. Ба ҳамин маъно консепсияи И.А. Бланк ҷолиби диққат мебошад, ки имкон медиҳад гурӯҳбандии омилҳои фоидаро ба таври системавӣ пешниҳод намоем [3,с.25].

Ҳамзамон, омилҳое, ки ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсир мерасонанд, мувофиқи меъёрҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Омилҳои дохилӣ - омилҳое, ки аз фаъолияти худи корхона вобастаанд ва тарафҳои фаъолияти коллективи кормандонро тавсиф медиҳанд. Омилҳои беруна – омилҳое, ки аз фаъолияти корхона вобаста нестанд, аммо онҳо метавонанд ба фоида таъсири назаррас расонанд. Дар ҷараёни таҳлил, таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои фаъолият аз таъсири беруна “озод карда шаванд”, ки барои арзёбии объективии дастовардҳои коллектив муҳим мебошад.

Омилҳои дохилиро ба истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ҷудо намуда, омилҳои истеҳсолӣ мавҷудият ва истифодабарии воситаҳо ва олотҳои меҳнат, захираҳои меҳнатию молиявиро тавсиф дода дар навбати худ ба экстенсивию интенсивӣ ҷудо мешаванд.

Омилҳои экстенсивӣ ба ҷараёни гирифтани фоида ба воситаи тағйиротҳои миқдорӣ таъсир мерасонанд: ҳаҷми воситаҳо ва олотҳои меҳнат, захираҳои молиявӣ, вақти кори дастгоҳ, шумораи коргарон, фонди вақти корӣ ва омилҳои интенсивӣ ба воситаи тағйиротҳои «сифатӣ» ба ҷараёни гирифтани фоида таъсир мерасонанд: баландбардории ҳосилнокии дастгоҳ ва сифати он, истифодабарии намудҳои пешқадами масолеҳҳо ва такмилдиҳии технологияи коркарди онҳо, тезонидани суръати гардиши воситаҳои гардон, баландбардории ихтисос ва ҳосилнокии меҳнати кормандон, кам кардани меҳнатғунҷоиш ва масолеҳғунҷоишии маҳсулот, такмилдиҳии ташкили меҳнат ва истифодаи самараноктари захираҳои истеҳсолӣ. Ба омилҳои ғайриистеҳсолӣ метавон дохил кард: фаъолияти таъминотӣ - тиҷоратӣ, ҳифзи муҳити зист ва шароитҳои иҷтимоии меҳнат, шароити иқлим ва ғ.

Самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат маҳз ба омилҳои интенсивӣ иртибот дорад. Аммо роҳи экстенсивии рушд афзалиятҳои ба худ хос дорад ва дар марҳилаҳои муайяну шароитҳои муайян ҳамчун мақсади ташаккулёбии фоидаи корхона ва ҳамчун рушди умумии иқтисодиёт бештар самаранок мебошад.

Ба ақидаи мо, омилҳои истеҳсолот - воситаҳои меҳнат, олотҳои меҳнат ва захираҳои меҳнат на танҳо омили ташаккулёбии фоидаи корхона, балки ба ҳайси муайянкунандаи захираҳои афзоиши он хизмат мекунад. Истифодаи самараноки онҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар ифодаи аслӣ, баландбардории сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Дар натиҷа, ҳаҷми захираҳои барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот истифодашуда кам мешавад, ки дар пастшавии масолеҳғунҷоиш, фондғунҷоиш, меҳнатталабӣ, арзиши аслии маҳсулоти мушаххас инъикос меёбад ва баръакс истифодаи ғайрисамараноки захираҳо ба зиёд шудани ҳаҷми онҳо ба як воҳиди маҳсулот оварда мерасонад. Чунин ҳолат шиддатнокии рушд ва самаранокии фаъолияти хоҷагидории корхонаро коҳиш медиҳад.

ҳангоми амалигардонии фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, умуман ҳамаи ин омилҳо дар алоқамандии якдигар қарор доранд. Аз ин сабаб, омӯзиш ва таҳлили онҳо ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имконият медиҳад, ки роҳҳо ва захираҳои афзунсозии фоидаро сари вақт дарёфт намуда, даромади баландро соҳиб гарданд, дар бозор рақобаттобовар бошанд ва фаъолияти дурусту самараноки худро бо истифода аз даромад ба роҳ монда тавонанд.

С.А. Мироседи [11,с.63] ва Ю.С. Веремеева [10,с.82] ба омилҳои беруна, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, шароити бозор, сатҳи нархҳои захираҳои истеҳсолӣ, шароити нақлиёт, сатҳи рушди муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва муҳити зистро мансуб медонанд. Омилҳои дохилиро муаллифон ба омилҳои асосӣ (ҳаҷми фурӯш, арзиши истеҳсолот, сохтори маҳсулот, нарх ва рақобатпазирии маҳсулот, коҳиши амортизатсия) ва омилҳои ғайриасосӣ (вайронкунии нархҳо, вайронкунии шароити меҳнат, паст шудани

сифат, вайронкуниҳои ташкилӣ, ки боиси ҷарима ва муҷозоти иқтисодӣ мешаванд) тақсим мекунанд.

О.В. Демчук ва С.Г. Арефьева [5,с.7] ба қатори омилҳои берунӣ, омилҳои ваъзи бозорӣ (дараҷаи рақобатпазирии маҳсулот, тағйирёбии нархҳо, дараҷаи беқурбшавӣ) ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ (сиёсати давлат дар соҳаи андозбандӣ, субсидияи давлатӣ), ба қатори омилҳои дохилӣ- моддӣ- техникӣ (истифодаи экстенсивӣ ва интенисивии захираҳои истеҳсолӣ), ташкилӣ-идоракунӣ (сатҳи ташкили истеҳсолот ва меҳнат), иқтисодӣ (низоми иқтисодии ҳавасмандкунӣ дар корхона), иҷтимоӣ (шароитҳои меҳнат)-ро ҷудо мекунанд.

Мо бар он ақидаем, ки дараҷаи таъсири омилҳои номбаркардашуда на танҳо аз таносуби онҳо, балки ҳам аз марҳилаҳои сикли ҳаётии корхона, аз ваколат ва касбияти менеҷерони корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таъсири баъзе омилҳоро миқдоран баҳо додан, масалан, нуфузу эътибори корхона (имкониятҳои имконпазир, пардохтпазирӣ, сифати маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ ва ғ.) ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасонро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар онҳо захираҳои зиёдкунии фоида ниҳон шудаанд, ки асосиашон инҳо ба ҳисоб мераванд:

- таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар асоси баландбардории самаранокии истеҳсолот;
- ҳавасмандкунии фурӯши маҳсулот;
- тағйирдиҳии сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда ва фурӯхташаванда аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти бештар даромаднок;
- камкунии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- муқарраркунии вобастагии нарх аз сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, рақобатпазирии он, талабот ва таклифоти монанд;
- зиёдкунии фоида аз дигар самтҳои фаъолияти корхона.

Ҳамаи омилҳои ба фоидаи корхонаҳои санаотии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасонро баррасӣ намуда, онҳоро дар намуди расми зерин тасвир мекунем (расми 1).

Ба ақидаи мо, омилҳои ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, бояд предмети таҳлили ҳаматарафаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бошанд, зеро аз чунин таҳлил самаранокии фаъолияти корхонаҳо вобаста аст. Бо вуҷуди ин, нақши ҳар як омилро ба инобат гирифтан зарур аст, то ки самаранокии фаъолияти корхона ва фоиданокии он таъмин карда шавад. Ҳар як корхонаи саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, бояд механизми худии ташаккулёбӣ ва афзоиши фоидаро кор карда барояд.

Умуман, истифодаи омилҳои афзоиши фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд аз рӯи принсипҳои зерин амалӣ гардонида шавад:

1) дараҷаи баланди касбияти кадрҳои идоракунӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ, ки ба сари вақт ошкоркунии муаммоҳо ва ташкили самараноки фаъолияти корхона мусоидат мекунад;
2) таъмини манфиатҳои корхона, фоиданокӣ ва устувории молиявии он дар оянда;
3) коркарди барномаи баландбардории самаранокии фаъолияти корхона, ки ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаро дар бар мегирад;
4) дастгирии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз ҷониби давлат.

Дар қатори омилҳои дохилии ба фоидаи корхонаҳои саноатии маҳсулоти ширӣ таъсиррасон, бо вуҷуди тамоюли мусбати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳое ба назар мерасанд, ки ба рушди истеҳсолот монеа эҷод мекунанд, аз ҷумла, норасоии захираҳои молиявӣ ва сармоявӣ, сатҳи нокифояи омодагии касбии кадрҳои ихтисосманд, ҳамкории сусти давлат ва бахши хусусӣ, номукаммалии маҷмуи қарздиҳиву молиявии корхонаҳои саноатӣ ва сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат.

Дастрасии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба воситаҳои молиявӣ маҳдуд буда, дар натиҷаи он, дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои сатҳи пасти рушди корхонаҳои саноатӣ, истифодаи техника ва таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳнашуда, сатҳи пасти истеҳсолоти технологӣ ва сифати паст ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ба мушоҳида мерасанд.

**Расми 1. Таснифоти омилҳои ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таъсиррасон**

**Figure 1. Classification of factors affecting the profit of industrial enterprises producing dairy products**

**Гурӯҳи омилҳо ва хусусиятҳои таснифи он**

| | |
|---|---|
| Муносибат нисбати корхона | Берунӣ ва дохилӣ |
| Намуди фаъолияти корхона | Омилҳои фаъолияти амалиётӣ, инвеститсионӣ |
| Сарчашмаи бавуҷуд омадани омилҳо | Иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, сиёсӣ, экологӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ |
| Сатҳи баамалбарории онҳо | Омилҳои сатҳи макро-, мезо ва микро |
| Хусусияти таъсири омилҳо ба ҷараёни ташаккулёбии фонд | Экстенсивӣ, интенсивӣ |
| Давомнокии таъсири омилҳо | Омилҳои таъсири доимӣ, мавсимӣ, якбора |
| Сатҳи таъсир | Омилҳои сатҳи ибтидоӣ ва минбаъда |
| Дараҷаи асоснокии омилҳо | Объективӣ, субъективӣ |
| Нақши омилҳо дар ташаккули фоида | Бо ташаккулёбии даромад ва ташаккулёбии хароҷот алоқаманд |
| Шакли таъсири омилҳо | Бевосита, бавосита |
| Шакли меъёри баҳодиҳӣ | Миқдорӣ ва сифатӣ |
| Назоратӣ - таъсиррасонӣ | Назоратшаванда ва назоратнашаванда |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон.

Муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти ширӣ, дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нуқтаи муҳим буда, дар сурати дурустии он имкони ташаккули натиҷаи молиявии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, яъне максимизатсияи фоида дар назар аст.

Арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ чунин функсияҳои муҳимро иҷро мекунад:

- назорат ва ҳисоби ҳамаи хароҷотҳо барои татбиқ ва фурӯши маҳсулоти ширӣ;
- пойгоҳ барои пайдо шудани нархи яклухт, барои маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва баҳисбогирии даромаднокӣ ва фоида;
- асоснокунии иқтисодии истифдодаи оқилонаи сармоягузориҳои мавҷуда барои азнавтаҷҳизонидани техникӣ, азнавсозӣ ва рушди корхонаҳои мавҷуда;
- тартиби бехтар намудани ҳаҷми корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ;
- асоснокунии иқтисодӣ ва қабули дилхоҳ қарорҳои роҳбарӣ ва дигар.

Дар баробари иваз шудани сохтори истеҳсолӣ, суммаи хароҷот барои маҳсулот низ метавонад тағйир ёбад. Сатҳи хароҷотҳои тағйирёбанда барои як воҳиди маҳсулоти

омодашуда, ҳаҷм ва сатҳи хароҷотҳои доимӣ низ нишондиҳандаҳои худро тағйир медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои сохторӣ, ҷудо намудани таъсири ҳамаи бандҳоро ба натиҷаи мутлақ ва нисбии сарфа ё сарфаи барзиёди хароҷот имкон медиҳад. Барои он, ки меҳнатталабӣ, масолеҳғунҷоиш, энергияталабии маҳсулот ва хусусияти тағйирёбии онҳо, ҳамчунин, таъсири худи арзиши маҳсулот баҳогузорӣ карда шавад, сохтори хароҷот таҳлил карда мешавад. Таъсири бандҳои алоҳидаи хароҷот ба арзиши аслии як сомонии маҳсулоти истеҳсолшуда, вобаста ба сатҳи хароҷот аз рӯи ҳар як элемент ва банди хароҷотҳо баррасӣ шуда, асоси тамоилҳои он баҳогузорӣ карда мешавад.

Сатҳи хароҷот нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти бозоргир дар ҳар як банди хароҷотӣ ҳисоб карда мешавад. Сари вақт мутаассир шудан ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ аз аҳаммияти меъёрӣ, қабул кардани қарорҳои дурусти идоракунӣ дар бораи барҳам додани онҳо, омӯзиши динамика ва иҷрои нақшаро дар сатҳ ва сохтори хароҷот имкон медиҳад. Сатҳи хароҷот ба як сомонии маҳсулоти омодашуда, нишондиҳандаи ҳаматрафае мебошад, ки алоқаи байни арзиши аслӣ ва фоидиаро инъикос менамояд. Ҳамчунин, сатҳи даромаднокӣ, фоиданокӣ ва арзиши аслиро нишон медиҳад.

Ба тағйирёбии сатҳи хароҷотҳо ба як сомонии маҳсулоти истеҳсолшуда, омилҳое, ки бо он алоқаи мустақим доранд, таъсир мерасонанд. Сатҳи хароҷот ба маҳсулоти алоҳида, хароҷотҳои мустақими меҳнат, бандҳои маҷмуи арзиши аслии сохтори он мебошад. Ҳамчунин, тағйирёбии нархҳо ба ашёи хом, тарофаҳо ба энергия ва интиқоли дохилии ашёи хом дар сохторҳо, хароҷотҳои нақлиётӣ-омоданамоӣ, нархи маҳсулот, сифати маҳсулоти тартиби амалкунандаро вайроннамуда ва ивази конъюктураи бозор мебошад.

Самаранокии идоракунии фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баланд шудани обрӯю эътибор ва садоқати кормандон нисбат ба кор буда, ҳосилнокии меҳнат на танҳо ба шароити меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ ва амалиёти маъмурият, балки ба муҳити иҷтимоиву равонии байни коргарон низ вобаста аст ва маҳз менеҷер метавонад муҳитеро ташкил намояд, ки ба ҳадафҳои худ тавассути қонеъ намудани ниёзҳои кормандон ноил гардад.

Хусусияти ташаккули бозори минтақавии шир ва маҳсулоти ширӣ бештар аз шароити минтақавии табиии иқтисодии истеҳсолот, инфрасохтори мавҷудаи бозор ва ҳиссаи соҳаҳое, ки бо истеҳсол ва фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ алоқаманд аст, вобаста мебошад.

Фаъолияти бомуваффақияти бозори шир ва маҳсулоти ширӣ бештар аз ҷониби истеъмолкунанда муайян карда шуда, аз қобилияти пардохтпазирии он вобаста аст.

Барои фаъолияти бомуваффақи бозори шир ва маҳсулоти ширӣ робитаи иқтисодии субъектони асосии бозор: корхонаҳои истеҳсоли шир, коркард ва фурӯши он нақши худро мебозад.

Нақши омилҳои макроиқтисодӣ дар чунин шароит ба андозае бузург аст, ки ҳатто метавонад дар рушди минтақавии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ таъсири манфии худро расонад.

Ба омилҳои ба рушди минтақавии бозори шир ва маҳсулоти ширӣ таъсиррасон дохил мешавад:

1. **Таносуби нархҳои байнисоҳавӣ.** Дар ин ҷо захираҳои сӯзишворӣ ва ҳаққи қувваи барқ дохил мешавад, ки нархи пасти онҳо ба арзиши аслии маҳслуот таъсири мусбӣ раоснида, бо паст гардидани онҳо нархи маҳсулоти ширӣ паст гардида, боиси фоиданокии соҳа мегардад. Бо таъсири нархҳои ҷаҳонӣ ба сӯзишворӣ ва таъсири нархи қувваи барқ дар ҷумҳурӣ, арзиши шир ва маҳсулотҳои ширӣ низ боло рафта, корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро ба зарар гирифтор намуд ва баланд бардоштани нархи фурӯши маҳсулот бо сабаби қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ маҳдуд карда шуд.

2. **Қобилияти харидории аҳолӣ ва динамикаи даромади воқеӣ.** Бо паст гардидани музди меҳнат ва зиёд шудани ҳаҷми таваррум, қобилияти харидории аҳолӣ босуръат паст гардида, ба фурӯши маҳсулоти ширӣ таъсир расонид.

3. **Танзими давлатии истеҳсолоти агросаноатӣ, аз ҷумла бозори шир ва маҳсулоти ширӣ.** Яке аз омилҳои муҳимтарине, ки ба танзими давлатӣ дохил мешавад, ҷудо

намудани сармоягузориҳо ва қарзҳои имтиёзнок барои истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ мебошад. Тибқи таҳлил, сармоягузорӣ ба самти мазкур дида намешавад ва фоизи қарзҳо бошанд, бо сабаби баланд буданашон маҳдуд гардидаанд, чунки ба фоиданокии истеҳсолот таъсири худро мерасонад.

**4. Идораи иҷтимоиву иқтисодии давлатӣ бо роҳи коркард ва амалисозии барномаҳои гуногун, нақшаҳо ва дурнамоҳо.** Аз рӯи ақидаи А.Ф. Серков, зиндашавии истеҳсолоти агросаноатӣ бо роҳи низоми амиқи пайвастшавии танзими давлатӣ ба даст меояд [14,с.93]. Бо мақсади рақобатпазирии шир ва маҳсулоти ширӣ, низоми нархҳои давлатиро бо дотатсияи истеҳсолоти шир ва маҳсулоти ширӣ ва таъмини даромаднокии корхонаҳои истеҳсоли шир ва маҳсулотҳои ширӣ ворид намудан лозим аст.

Барои мисоли банди "Таносуби нархҳои байнисоҳавӣ" таҳлили сохтори хароҷотҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти шириро гузаронида, маълум намудем, ки қисмати зиёди хароҷот ба хароҷоти ҳаққи қувваи барқ рост омада, маҳз он бевосита ба арзиши аслии маҳсулоти ширӣ таъсири худро расонидааст. Ивазшавии тарофаҳои пардохти ҳаққи қувваи барқ барои истифодабарандагони соҳаи саноат мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" дар ҷавдали зерин тавсиф ёфтааст:

**Ҷадвали 2. Тарифҳои неруи барқ ва гармӣ**
**Table 2. Electricity and heat tariffs**

| № | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барои истифодабарандагони корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисанотӣ, дирам ба 1 кВт соат |
|---|---|---|
| **1** | 3 июни соли 2014, №376 | 30,60 |
| **2** | 1 октябри соли 2016, №417 | 35,65 |
| **3** | 28 апрели соли 2017, №222 | - |
| **4** | 29 августи соли 2017, №412 | 40,99 |
| **5** | 21 июни соли 2018, №339 | - |
| **6** | 25 сентябри соли 2018, №473 | 47,13 |
| **7** | 22 июни соли 2019, №329 | 55,14 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллифон аз рӯйи: Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ.

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" аз 3 июни соли 2014 таҳти №376 ҳаққи пардохти қувваи барқ барои истифодабарандагони корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ ба 1кВт соат **30,60**-ро ташкил дода, тарифҳо то ин муддат 6 маротиба иваз гардидааст. Айни ҳол, тарифҳои пардохти қувваи барқ тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019 таҳти №329 барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ **55,14** дирам ба 1кВт соат ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2014- **24,54** дирам ба 1кВт соат ё **0,8** маротиба зиёд гардидааст.

Имрӯзҳо барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи истеҳсолот, ки ба масраф ва истифодаи қувваи барқ бо сабаби гаронии он дар кишвар вобаста аст, мутахассисон бо истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бунёди неругоҳҳои хурди обиро дар минтақаҳо пешниҳод намуда, зарурати ба системаи ягонаи мутамарказ пайваст намудани онро дарҷ менамоянд. Неругоҳҳои барқии хурд, мустақилияти комилро аз таъминоти мутамаркази барқ, аз қатъ шудани таъминоти мутамаркази неруи барқ (ё набудани он) корхонаҳои саноатии дорои сикли технологии муттасил, аз ҷумла корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ки истеҳсол ва нигоҳубини он дар муқоиса бо дигар маҳсулотҳо нозуктар аст, таъмин мекунад [6,с.64].

Бояд тазаккур дод, ки ҳалли масъалаҳои алоқаманд ба гаронии қувваи барқ, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад, дар бунёди неругоҳҳои хурди обӣ масъалаи аввалиндарҷа мебошад. Раванди ислоҳот дар самти электорэнергия боиси афзоиш ва рушди соҳибкории хурду миёна гардида, дар баланд гардидани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ нақши асосиро мебозад. Агар дар тарофакунонии қувваи барқ ва зиёдшавии пардохтҳо бо истифодаи неругоҳҳои барқии обии хурд роҳҳои ҳалли он ёфта шавад, пас самти мазкур рӯ ба рушд меорад.

Дар корхонаҳои саноатии истеҳсолии маҳсулоти ширӣ, сатҳи баланди фарсудашавии фондҳои асосӣ, таҷрибаи дароз кардани муҳлати хизмати таҷҳизот, ки оқибмонии ояндаро дар самаранокии истеҳсолот мегузорад, бо сабаби интизоми пасти кормандон дар истеҳсолот, идоракунии нодоуруст ва кӯҳна шудани муҳлати фондҳои асосӣ, сатҳи баланди садамаи таҷҳизотҳо ба назар мерасад. Маврид ба зикр аст, ки таҳҷҳизотҳои барқии дар истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифодамешуда, сарфаи қувваи барқашон зиёд мебошад.

Паст кардани арзиши аслии маҳсулот, диверсификатсияи маҳсулот, банақшагирии молиявӣ, кам кардани хароҷотҳо, таъсиси бозорҳои нав, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ба иҷора додан ва ё фурӯши моликияти дар истифода қарорнадошта, ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои нав дар истеҳсолот ва реструктуризатсия сарчашмаҳои асосии афзоиши фоида дар корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Ахмадиева З.Р. Прибыл как экономическая категория / З.Р. Ахмадиева // Вестник науки и образования. – 2019. -№9(63). -часть 2. -С.18-22.
2. Бабо А. Прибыль / А. Бабо. -М.: Прогресс, 1993. -С.105.
3. Бланк И.А. Управление прибылью / И.А. Бланк. -М.: Омега, 2010. -С.63.
4. Бобоев О. Вопросы организации и управления предприятии в условиях рынка: Монография / О. Бобоев. -Душанбе: Хумо, 2012. 688 с.
5. Демчук О.В. Прибыль и рентабельность предприятия: сущность, показатели и пути повышения / О.В. Демчук, С.Г. Арефьева // Проблемы экономики и менеджмента. – 2015. -№8(48). -С.6-9.
6. Джураева Д.Х. Развитие рынка услуг по обеспечению электроэнергией населения: состояние и перспективы (на материалах города Душанбе) / Д.Х. Джураева. –Душанбе, 2021.
7. Ивашковский С.Н. Экономика для менеджеров: микро и макроуровень / С.Н. Ивашковский. -М.: Дело, 2019. -С.59. Электронный ресурс: pressi nerson.
8. Комилов С.Дж. Инфраструктурное обеспечение инновационного развития промышленного производства / С.Дж. Комилов, Б.К. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№5/2. -С.11-16.
9. Мадаминов А. Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистсан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. -№4(2). -С.217-224.
10. Мироседи С.А., Веремеева Ю.С. Факторы и резервы увеличения прибыли предприятия // Международный научный журнал «Символ науки», 2000. -№5. [Электронный ресурс]. URL: cyberleninka.ru.
11. Мироседи С.А. Реструктуризация – путь к повышению эффективности деятельности промышленного предприятия. «Научно-практический электронный журнал Аллеи науки». – 2018. -№3(19). [Электронный ресурс]. URL: Alley – science.ru.
12. Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ / Рауфӣ А. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. -№3. -С.49-59.
13. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учебник / Г.В. Савицкая. -М.: ИНФРА-М, 2009. -С.74.
14. Серков Ф.А. Экономические механизмы развития интеграционных процессов в условиях аграрного рынка Беларуси и России / Ф.А. Серков; соавт.: А.И. Амосов и др.; Всерос.НИИ экономики сел. Хоз-ва и др. -М.: Вектор-ТиС, 2010. -С.167.
15. Хоналиев Н.Х. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития / Н.Х. Хоналиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -С.200.
16. Ширяев В.А. Управление предприятием: моделирование, анализ, управление / В.А. Ширяев, И.А. Баев, Е.В. Ширяев. -М.: Либроком, 2015. -272 с.


## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА БАЛАНДБАРДОРИИ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ


Дар мақола омилҳои таъсиррасон ба фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз рӯи адабиёти иқтисодӣ омӯхта шуда, аз ҷониби муаллифон ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд. Дақиқ муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои сари вақт бартараф намудани онҳо дарёфт карда шавад ва ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ зиёд карда шавад. Омили асосии таъсиррасон ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ арзиши аслӣ буда, кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ роҳи оптималии афзоиши фоида ба ҳисоб меравад. Ба ҳаҷми фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баробари талаботи истеъмолкунандагон ва дигар омилҳои берунӣ, ҳамчунин, омилҳои дохилӣ, аз ҷумла хароҷоти музди меҳнат ва хароҷоти қувваи барқ низ таъсир расонидааст. Умуман омилҳои дар мақола номбаркардашуда ба ҳам алоқаманд буда, дараҷаи таъсири онҳо на танҳо аз таносуби онҳо, балки ҳам аз

марҳилаҳои сикли ҳаётии корхона, аз ваколат ва касбияти менеҷерони корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ вобаста аст.
**Калидвожаҳо:** фоидаи корхонаҳои саноатӣ, омилҳои таъсиррасон, арзиши аслӣ, хароҷоти истеҳсолӣ, талабот, маҳсулоти ширӣ, сифати маҳсулот, ҳаҷми истеҳсол, рушди интенсивӣ, нархи маҳсулоти ширӣ.

## ФАКТОРЫ ВЛИЯЮЩИЕ НА ПРИБЫЛЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ, ПРОИЗВОДЯЩИХ МОЛОЧНУЮ ПРОДУКЦИЮ

В статье по данным экономической литературы изучены факторы влияющие на прибыль промышленных предприятий, производящих молочную продукцию и разделены автором на группы. Точное определение факторов, влияющих на промышленные предприятия по производству молочной продукции, позволяет найти пути их своевременного устранения и увеличения размера прибыли промышленных предприятий по производству молочной продукции. Основным фактором, влияющим на размер прибыли промышленных предприятий, производящих молочную продукцию, является первоначальная себестоимость, а снижение издержек производства считается оптимальным способом увеличения прибыли. На величину прибыли промышленных предприятий, производящих молочную продукцию, влияют потребительский спрос и другие внешние факторы, а также внутренние факторы, в том числе затраты на оплату труда и электроэнергию. В целом перечисленные в статье факторы связаны друг с другом, и степень их влияния зависит не только от их соотношения, но и от этапов жизненного цикла предприятия, от авторитета и профессионализма менеджеров промышленных предприятий, производящих молочную продукцию.
**Ключевые фразы:** прибыль промышленных предприятий, влияющие факторы, себестоимость, производственные затраты, спрос, молочные продукты, качество продукта, объем производтсва, интенсивное развитие, цена на молочные продукты.

## FACTORS AFFECTING THE PROFIT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES PRODUCING DAIRY PRODUCTS

In the article, based on economic literature, factors influencing the profit of industrial enterprises producing dairy products are studied and divided by the author into groups. Accurate determination of the factors influencing industrial enterprises for the production of dairy products allows us to find ways to eliminate them in a timely manner and increase the profit margin of industrial enterprises for the production of dairy products. The main factor influencing the profit margin of industrial enterprises producing dairy products is the initial cost, and reducing production costs is considered the best way to increase profits. The profit margin of industrial enterprises producing dairy products is influenced by consumer demand and other external factors, as well as internal factors, including labor and energy costs. In general, the factors listed in the article are related to each other, and the degree of their influence depends not only on their relationship, but also on the stages of the enterprise's life cycle, on the authority and professionalism of managers of industrial enterprises producing dairy products.
**Keywords:** profit of industrial enterprises, influencing factors, cost prise, production cost, demand, milk products, product quality, production volume, intensive development, price of dairy products.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Рауфӣ Абдуғаффор*** **-** Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналхалқӣ. **Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 63/3. E-mail: **eco_institute@mail.ru**. Телефон: **918 70 12 18**
***Сафарзода Гулбегим Гурез*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аспиранти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**. Телефон: **(+992) 908-08-38-83**

**Сведения об авторах:** ***Рауфи Абдугаффор****-* Таджикский технологический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры промышленного и международного маркетинга. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Н.Каробоева, 63/3. E-mail: **eco_institute@mail.ru**. Телефон: **918 70 12 18**
***Сафарзода Гулбегим Гурез****–* Таджикский государственный педагогический Университет имени Садриддина Айни, аспирант кафедры экономики и управления. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru.** Телефон: **(+992) 908-08-38-83**

**Information about authors*: Raufi Abdugaffor*** - Tajik tehnological University, Doctor of Economics, Professor of sub-faculty Industrial and economical marketing. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Qaraboeva Avenue, 63/3. Phone: **+992 918 70 12 18**. E-mail: **eco_institute@mail.ru**
***Safarzoda Gulbegim Gurez*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, post-graduate of the sub-faculty economic and management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru.** Phone: **(+992) 908-08-38-83**

ТДУ: 332.

# ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН

*Алиджанова С.А.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дигаргуниҳои глобалӣ симои муосири хоҷагии ҷаҳониро ифода менамоянд, ки табаддулоти ҷиддиро дар ҳама соҳаҳои фаъолияти одамон тақозо менамояд. Дар шароити муосир аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари аз ҷиҳати экологӣ-фарҳангӣ муаррифӣ мекунанд. Бо мақсади гузариш ба рушди иқтисодӣ аз тарафи кишварҳои дунё механизмҳо оид ба пешгирии тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии хавфҳои экологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ коркард шудаанд. Соли 1997 Созишномаи Киоти қабул карда шуд, ки он барои коҳиш додани партовҳои гази карбон ба атмосфера равона шуда буд. Соли 2015 Созишномаи Париж қабул шуда буд, ки дар он аз тарафи кишварҳои абарқудрати дунё барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда оид ба коҳиш додани партови гази карбон ба атмосфера ва назорати баландшавии ҳарорати миёнаи сайёра (на зиёда аз $20^0C$) муқаррар шуда буд [2,с.56].

Ҳамасола шумораи ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ афзоиш ёфта истодааст, ки бо коркард ва амалигардонии барномаҳои гуногун оид ба муайян намудан ва пешгирии оқибатҳои манфӣ барои муҳити атроф ва саломатии инсон машғул ҳастанд [8,с.178].

Барои муайян намудани тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ, индексҳои рушди устувор мавриди таҳлил бояд қарор гиранд, ки имконияти баҳогузории миқдориро фароҳам оварда, мамлакатҳои дунё аз рӯи нишондиҳандаҳо ва принсипҳои иқтисодиёти сабз раддабандӣ карда шаванд.

Дар таҷрибаи иқтисодиёти ҷаҳон индексҳои асосии рушди устувор васеъ истифода мешаванд, ки барои муайян намудани мавқеи ин ё он мамлакат истифода мешаванд. Ба сифати ин индексҳо баромад мекунанд:

- **Индекси инкишофи иқтидори инсонӣ** – инкишофи инсонро дар мамлакатҳои гуногун нишон дода, чунин нишондиҳандаҳоро истифода мебарад: давомнокии миёнаи ҳаёт, сатҳи зиндагонӣ ва сатҳи саводнокӣ. Ин индекс дар доираи Барномаи тараққиёти СММ муайян карда шуда, бештар таъиноти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;
- **Индекси ислоҳкардашудаи пасандозҳои соф** – суръати андӯхти пасандозҳои миллиро бо дарназардошти харобшавии захираҳои табиӣ ва зарар аз ифлосшавии муҳити атрофро нишон дода, аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ муайян карда мешавад ва хислати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;
- **Индекси умумиҷаҳонии хушбахтӣ** – сатҳи хушбахтиро дар мамлакатҳои дунё бо дарназардошти нишондиҳандаҳои таъсиррасонии инсон ба табиат, давомнокии ҳаёт ва қонеъмандӣ бо зиндагӣ муайян карда мешавад. Ин индекс аз тарафи ташкилоти байналмилалии New Economic Foundation ҳисоб карда шуда, бештар хислати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;
- **Индекси "сайёраи зинда"** – вазъи гуногуншаклии биологиро ба воситаи тамоюлҳои барқароршавии намудҳои гуногуни ҳайвонот ифода мекунад. Ин нидекс аз тарафи Ҷамъияти зоологии Лондон ва Фонди умумиҷаҳонии табиати норасида (WWF) ҳисоб карда шуда, таъиноти экологӣ дорад;
- **Индекси пешрафти иҷтимоӣ** – қобилияти ҷамъиятро барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти одамон муайян менамояд. Ин индекс аз тарафи Harvard Institute for Strategy & Competitiveness ҳисоб карда шуда, бештар таъиноти иҷтимоӣ-экологӣ дорад;
- **Индекси инкишофёбии мамлакатҳои дунё** – дастовардҳои мамлакатҳоро аз рӯи нишондиҳандаҳои некуаҳволӣ ва пешрафт (иқтисодиёти соҳибкорӣ, идоракунӣ, маориф, тандурустӣ, бехатарӣ, озодии шахсӣ, сармояи иҷтимоӣ, экология) муайян карда, аз ҷониби The Legatum Institute ҳисоб карда шуда, таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси экологии таъсирбахш** – барои таъминоти ҷараёнҳо таъинот дорад, ки метавонанд ба рушди устувори мамлакатҳо таъсири манфӣ расонанд. Ин индекс аз тарафи

Комиссияи амалии Укёнуси Ороми Ҷанубии таҳиқотҳои Геофизикӣ (SOPAC), Барномаи муҳити атрофи СММ ҳисоб карда шуда, хислати экологӣ дорад;

- **Индекси устувории ҷамъият** – устувории мамлакатро ба воситаи ҳамгироии нишондиҳандаҳои некуаҳволии инсонӣ, экологӣ ва иқтисодӣ ҳисоб менамояд. Ин индекс аз тарафи Фонди ҷамъияти устувор муайян карда мешавад ва бештар таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси ҷавогӯ барои зист** – мушкилотҳоро ба таври миқдорӣ ҳисоб менамояд, ки метавонанд дар тарзи ҳаёти солими инсон дар тамоми дунё ифода ёбанд, инчунин, нишондодҳои муътадилӣ, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити атроф, маориф ва инфрасохторро муайян менамояд. Ин индекс аз тарафи The Economist Intelligence Unit ҳисоб карда шуда, таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси пешрафт оид ба ҳадафҳои рушди устувор** – бо худ ҷадвали ҳисоботиро ифода мекунад, ки барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти мамлакатҳо аз рӯи ҳадафҳои рушди устувор то давраи соли 2030 истифода мешавад. Ин индекс аз тарафи UN Sustainable Development Solutions Network (SDSN) ҳисоб карда шуда, бештар хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси солимии уқёнус** – нишондиҳандаи солимии уқёнусҳо, ки аз тарафи ташкилоти Conservation International ҳисоб карда шуда, хислати экологӣ дорад;
- **Индекси глобалии мутобиқшавии Нотр-Дам** – таъсирнокии умумии мамлакатҳоро ба тағйиротҳои иқлим ва дигар мушкилотҳои глобалӣ бо дарназардошти омодагӣ барои баланд намудани устуворӣ муайян карда мешавад. Ин индекс аз тарафи Notre Dame Global Adaptation Initiative муайян карда шуда, хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси мамлакатҳои хуб** – нишон медиҳад, ки ҳар як мамлакат дар сайёра кадом саҳми худро барои некуаҳволии тамоми инсоният мегузорад ва чӣ қадар ба худ мегирад. Ин индекс аз тарафи Simon Anholt муайян карда шуда, таъиноти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси идоракунии захираҳо** – сифати идоракунии захираҳоро дар 81 мамлакат ҳисоб мекунад, ки онҳо дар якҷоягӣ 82% нафти дунё, 78% газҳо ва ҳиссаи зиёди канданиҳои заминиро, аз он ҷумла 72% мисро истеҳсол менамоянд. Ин индекс аз тарафи Natural Resource Governance Institute ҳисоб кардашуда, соф нишондоди иқтисодӣ мебошад;
- **Индекси глобалии иқтисодиёти сабз** – натиҷаҳои ҳар як мамлакатро аз рӯи нишондиҳандаҳо, ба монанди пешвоӣ ва тағйирёбии иқлим, самаранокии бахшҳои иқтисодиёт, бозорҳо ва инвеститсияҳо барои муҳити атрофро ифода мекунад. Ин индекс аз тарафи Dual Citizen LLC ҳисоб карда шуда, хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дорад;
- **Индекси демократияи экологӣ** – дараҷаи онро муайян мекунад, ки ҳар як мамлакат уҳдадориро ҳамчун қоида қабул кардаанд, ки ҷамъоварӣ ва ошкорсозии иттилооти экологӣ, иштироки ҷамъият дар қабули қарорҳои экологиро муайян менамояд. Ин индекс аз тарафи World Resources Institute ҳисоб карда шуда, хислати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;
- **Индекси глобалии самаранокии маданияти обӣ** – барои васеъшавии имкониятҳои истеҳсолкунандагони соҳаи моҳипарварӣ ва сиёсатмадорон барои қабули қарорҳо оид ба хароҷоти экологӣ ва фоидаи парвариши моҳиҳои баҳрӣ истифода мешавад. Ин индекс аз тарафи Seafood Ecology Research Group at the University of Victoria ҳисоб карда шуда, хислати иқтисодӣ-экологӣ дорад;
- **Индекси пешрафти аслӣ** – сатҳи таъсироти мусбат ва манфиро ба муҳити атроф ва хароҷоти иҷтимоии истеҳсолоти иқтисодӣ ва истеъмолот дар мамлакат баҳри саломатӣ ва некуаҳволии аҳолӣ муайян мекунад. Ин индекс бештар характери экологӣ-иқтисодӣ дорад;

- **Индекси устувории экологӣ** – дастовардҳои мамлакатро дар соҳаи экология ва идоракунии захираҳои табиӣ нишон медиҳад. Ин индекс аз тарафи Донишгоҳи Йел ва Колумбия ҳисоб карда мешавад, ки хислати экологӣ-иқтисодӣ дорад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки индекси устувории экологӣ ҳамчун усули баҳодиҳии миқдорӣ ва таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои экологии 180 мамлакати дунё аз тарафи донишгоҳи Йел ва Колумбия коркард шудааст [11]. Раддабандии мамлакатҳо дар асоси 24 нишондиҳандаи ба 10 категория гурӯҳбандишуда, ба монанди сифати ҳаво, таъминот бо об, санитария, гуногуншаклии биологӣ, иқлим, энергетика, ифлосшавии ҳаво ва ғайраҳо ташаккул дода мешавад.

Ҳадафи стратегии иқтисодиёти сабз баланд намудан ва таъминоти некуаҳволии аҳолӣ ба воситаи коҳиш додани хавфҳои экологӣ баромад мекунад. Аз тарафи ширкати консалтингии Амрикоӣ Dual Citizen LLC индекси глобалии иқтисодиёти сабз коркард шудааст (The Global Green Economy Index (GGEI)), ки то кадом андоза мамлакатҳо мушкилотҳои экологӣ ва масъалаҳои татбиқи иқтисодиёти сабзро ҳал карда истодаанд [13]. Дар доираи ҳисоб намудани индекси мазкур нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар 160 кишвари дунё ба монанди нишондодҳои пешвоӣ, иқлим, самаранокии бахшҳои мухталифи иқтисодӣ, бозорҳо ва инвеститсияҳо барои муҳити атроф истифода мешаванд.

Дар ҷадвали 1, раддабандии маҷмуавӣ барои даҳ кишвари мақомҳои аввалинро ишғол мекарда аз рӯи индекси мазкур барои соли 2020 оварда шудааст. Марҳилаи мазкур барои усули махсуси ҳисобҳо интихоб карда шуданд, ки марҳилаи давраи муайянро ба назар мегиранд.

**Ҷадвали 1. Раддабандии маҷмуавии даҳ кишвари пешрафта аз рӯи самаранокии экологӣ ва иқтисодиёти сабз барои соли 2020 [12]**

**Table 1. Overall ranking of ten developed countries by environmental efficiency and green economy for 2020**

| Индекси устувории экологӣ* | | Индекси глобалии иқтисодиёти сабз** | |
|---|---|---|---|
| **Мамлакат** | **Натиҷа** | **Мамлакат** | **Натиҷа** |
| Швейтсария | 87,42 | Шведсия | 0,7608 |
| Фаронса | 83,95 | Швейтсария | 0,7594 |
| Дания | 81,60 | Исландия | 0,7129 |
| Малта | 80,90 | Норвегия | 0,7031 |
| Шведсия | 80,51 | Финляндия | 0,6997 |
| Британияи Кабир | 79,89 | Олмон | 0,6890 |
| Люксембург | 79,12 | Дания | 0,6800 |
| Австрия | 78,97 | Тайван | 0,6669 |
| Ирландия | 78,77 | Австрия | 0,6479 |
| Финляндия | 78,64 | Фаронса | 0,6405 |

* бузургии ҳадди аксар: 100,00; ** бузургии ҳадди аксар: 1,00;

Аз рӯи маълумоти ҷадвали 1, дидан мумкин аст, ки кишварҳои аврупои ғарбӣ аз рӯи нишондиҳандаи иқтисодиёти сабз ва устувории экологӣ мавқеи устуворро дар раддабании маҷмуавӣ доранд, ки оид ба кӯшиши онҳо барои ташаккули сиёсати экологӣ ва татбиқи иқтисодиёти сабз дар кишварҳои худ шаҳодат медиҳад.

Яке аз мушкилотҳои муҳимтарини давраи муосир, ин таъсисдиҳии чунин модели иқтисодӣ мебошад, ки барои беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии ҳама мамлакатҳо мусоидат карда, ҳамзамон, баробарии иҷтимоиро таъмин намуда, хатарҳои экологиро коҳиш диҳад. Модели анъанавии рушди иқтисодӣ ба харобшавии муҳити атроф ва шиддатёбии нобаробари иҷтимоӣ оварда расонид.

Дар давраи муосир мамлкатҳои Иттиҳоди Аврупо дар доираи консепсияи рушди устувор, ташаккулёбии сиёсати самараноки энергетикӣ ва экологиро нишон дода истодаанд. Ҳамасола дар кишварҳои Аврупо шумораи барномаҳои стратегии коркардашуда оид ба баланд намудани сатҳи самаранокии энергетикӣ, коркарди стратегияҳои корпоративӣ дар соҳаи экология афзоиш ёфта истодааст. Қабули маҷмуи

барномаҳои «The Circular Economy» ва харитаи роҳии «The Roadmap to a Resource Efficient Europe» Аврупоро ба роҳи нави рушд ва ҷорӣ намудани моделҳои иқтисодии самаранок равона намуда истодааст. Агентии аврупоӣ оид ба муҳити атроф (EAOC) мониторинги доимиро барои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мегузаронад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба консепсияи рушди устувор диққати ҳамаҷониба зоҳир карда мешавад, ки бо масъалаҳои муҳити атроф алоқаманд мебошанд.

Дар Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои стратегияи Иттиҳоди энергетикӣ ин табдилёбии Иттиҳоди Аврупо ба пешсафи ҷаҳонӣ дар соҳаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда ба ҳисоб меравад. Истифодабарии сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда дар Аврупо ду ҳадафи асосӣ дорад:

Ҳадафи якум, пешгирӣ намудани тағйироти манфии иқлим ба воситаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда дар Иттиҳоди Аврупо оид ба коҳишёбии партови гази карбон ба 40% дар соли 2030.

Самти дуюм, таъмини бехатарии энергетикӣ мебошад, ки дар баландшавии нақши сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда ва коҳишёбии вобастагӣ аз воридоти ангишт, газ, нафт ва сӯзишвории ядроӣ ифода меёбад [1,с.392].

Ҳавасмандгардонии инноватсияҳои экологӣ ва самтҳои нави иқтисодиёти сабз, рағбатҳои бозорӣ ва сиёсиро тақозо менамоянд. Инноватсияҳо дар соҳаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда метавонанд манфиатҳои зиёдеро таъмин намоянд, аз он ҷумла таъсисдиҳии ҷойҳои корӣ, коҳишёбии сарборӣ ба муҳити атроф ва баландшавии рақобатпазирии иқтисодиёт.

Мамлакатҳои Аврупои Шимолӣ дар шароити муосир ҳамчун тарафдорони ақидаи экологизатсияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иштироки фаъолонаи давлат ба иқтисодиёт баромад мекунанд. Махсусан дар аксарияти мамлакатҳои Скандинавӣ сатҳи баланди нишондоди иҷтимоӣ хос аст, ки аз тарафи ҷамъияти шаҳрвандӣ тавлид шуда, дар асоси он алоқаи тарафайни байни давлат ва ҷамъият амалӣ карда мешавад, ки мафҳуми “модели некуаҳволии давлатии скандинавия” номида мешавад.

Шведсия аввалин кишварест, ки “оид ба ҳифзи муҳити атроф” қонун қабул карда, доир ба масъалаҳои муҳити атроф соли 1972 конференсияро дар чорчӯбаи СММ гузаронида буд. Шведсия тавонист рушди иқтисодиро вусъат дода, ҳамзамон, партовҳои моддаҳои зарароварро коҳиш диҳад. Шведсия мақсад гузошт, ки то соли 2040 аз истифодабарии нафт, газ, ангишт даст кашида, пурра ба энергетикаи сабз, яъне сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда гузарад [15].

Айнан мавҷудияти алоқаи тарафайн имкон фароҳам меоварад, ки чораҳоро оид ба ташаккулёбии низоми иқтисодиёти сабз дар кишвари Дания татбиқ намоянд, ки ҳамчун “модели даниягии рушди сабз” маъмул аст. Институтсионализатсиякунонии чорабиниҳои амалишаванда аз рӯи принсипи ибтикор аз поён, яъне ибтикори худи шаҳрвандон ба амал меояд, ки истеъмолкунандагони ниҳоӣ дар низоми хоҷагидорӣ баромад мекунанд, аз ҳисоби чунин принсип дигаргуниҳо ба миён меоянд. Ба сифати координатори калидии дигаргуниҳои бамиёнмеомада мақомоти давлатӣ – Вазорат оид ба ҳифзи муҳити табиат ва энергиткаи Дания баромад мекунад. Дар сохтори ин вазорат департаментҳои калидӣ ҳастанд, ки ба онҳо дохил мешаванд Агентии миллӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи табиат.

Дар ҷараёни гузариши Дания ба принсипҳои хоҷагидории иқтисодиёти сабз, чунин чорабиниҳо коркард ва амалӣ карда шуданд:

1. Дигаргунсозии низоми андози давлат гузаронида шуд. Ба ҷойи вазифаи ғайрифаъоли фискалӣ, вазифаи фаъоли танзимкунӣ истифода шуд. Дар натиҷа, низоми андозҳо коркард ва ҷорӣ карда шуд, ки амалигардонии ҳамагуна ҷараёнҳои хоҷагидории ба муҳити атроф зарарсасонро ҳавасманд намегардонад. Дар ин ҷо сухан оид ба андозҳо барои истифодабарии барзиёди гармӣ аз тарафи корхонаҳои саноатӣ, андоз барои партовҳои гази карбон меравад. Инчунин, дар ин росто андоз барои бартарафкунии партовҳои маишӣ ҷорӣ карда шуд. Ҳамаи ин ба ҷорӣ намудани технологияҳои коркарди беш аз 90% партови маишӣ ва корхонаҳо сабаб шуд.

2. Низоми компенсатсионии пардохтҳо аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ ташаккул дода шуд, ки барои инкишофи технологияҳои сабз ва ҷорӣ намудани онҳо дар корхонаҳои хурду миёна мусоидат намуд. Инчунин, дар ин кишвар моделҳои нави

инвеститсияҳои сабз ба иқтисодиёти миллӣ коркард шуданд, ки дар алоқамандии бахши саноат ва молия дар чорчӯбаи фаъолияти ҳамкори иқлимии кишвар асос ёфтаанд.

Ҳамин тавр дар Дания низоми самараноки танзими маъмурии фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои таъминкунандаи маҳсулоти маишӣ ва ғайраҳо таъсис дода шуд, ки дар доираи он бартарафсозии партовҳо дар madди аввал меистанд.

Аз гуфтаҳои боло зарур аст, ки модели аввалини ташаккулёбии иқтисодиёти сабзро ҷудо намоем, ки дар он фаъолияти давлат ва бахши бизнес ба иҷтимоиёт нигаронида шуда, алоқаи зич байни онҳо ба назар мерасад, ки бо сатҳи баланди боварии тарафайни ҷамъият ва ҳокимияти давлатӣ тавсиф карда мешавад.

Дар мамлакати Олмон иқтисодиёти сабз ҳамчун фишанги мубориза бо хатарҳои иқлимӣ ва баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ қабул карда шудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои рушди уствор ва ташккулёбии сохтори хоҷагидории ба иқтисодиёти сабз мутобиққунанда ҳамчун фишанги таъминоти бехатарии иқтисодӣ дар Олмон Стратегияи рушди устувор коркард ва амалӣ карда мешавад. Стратегияи рушди устувори Олмон чораҳоро дар бар мегирад, ки ба воситаи онҳо ҳукумати ин кишвар татбиқи ҳадафҳои рушди устуворро то давраи соли 2030 дар сатҳи миллӣ ба нақша гирифтааст. Олмон фаъолона бо коркарди сиёсати экологӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ машғул аст. “Асоси пурқуввати экологии ин мамлакат онро ҳамчун пешвои соҳаи ҳифзи муҳити атроф ва рушди устувор муаррифӣ менамояд, ки мисоли хуби инъикоси имконпазири мутобиқати рушди иқтисодӣ бо истеҳсолоти партови гази карбони камдошта мебошад [6]. Соли 2002 Олмон стратегияи миллии рушди устуворро қабул кард («Perspectives for Germany – Our Strategy for Sustainable Development») [14]. Ин стратегия ба нишондодҳои мақсадноки аниқ такя менамояд, ки доимо дар нашриёти даврӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Дар ин стратегия қайд карда шудааст, ки барои татбиқи иқтисодиёти сабз тағйиротҳо дар одатҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ заруранд, ки сатҳи зиндагонии баланди наслҳои ояндаро дар тамоми дунё таъмин карда метавонанд [4].

Самтҳои татбиқи ҳадафҳои рушди устувор бо принсипҳои асосӣ вобаста карда шудаанд, ки дар Стратегияи рушди устувор чунин муайян карда шудаанд: сармояи ба наслҳои гуногун тааллуқдошта, сифати зиндагонӣ, муттаҳидшавии иҷтимоӣ ва уҳдадории байналмилалӣ, ки бо мақсадҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат алоқаманд мебошанд.

Муттаҳидкунии ҳадафҳои Барномаи то давраи соли 2030 дар Стратегияи рушди устувори олмонӣ бо чунин мафҳумҳо таъмин карда шудааст: ҳадафи сиёсӣ, ки бо нишондодҳои мустаҳкам карда шуда, ба ҳар як ҳадафи рушди устувор вобаста карда шудааст. Нишондодҳо барои моделсозии ҳар як ҷиҳати мавзуи дахлдор таъинот надошта, балки ба сифати нишондодҳои асосии ҷудокунии ҷиҳатҳо хизмат мекунанд, ки аҳаммияти хосса доранд. Нишондодҳо аз тарафи офиси омории Федеролӣ таҳлил карда шудаанд, ки он мақоми ҷории коркардро ифода карда, нишонаҳои хаёлиро барои баҳодиҳии сатҳ ва мутобиқаткунии мақсадҳо истифода мебаранд.

Ҳадафҳои рушди устувор, ки дар барномаи то давраи соли 2030 инъикос ёфта, дар Стратегияи рушди устувори олмонӣ муайян карда шудаанд, дар асоси мисолҳои об ва энергия ҳамчун ду соҳаҳои ҳаётан муҳимми соҳаи экологии шаҳрҳо ва минтақаҳо омезиш карда шудаанд [10].

Нақшаи амалии Барномаи “Иқлим 2050”, ки аз тарафи ҳукумати Олмон моҳи ноябри соли 2016 тасдиқ карда шудааст, ҳамчун харитаи роҳӣ “муайянкунандаи самти партови гази карбони нул дар Олмон” тавсиф карда мешавад. Нақшаи фаъолият принсипҳои роҳбарикунанда, марҳилаҳо ва чораҳоро барои соҳаҳои зерин ташаккул медиҳад: энергетика, сохтмон, нақлиёт, мошинасозӣ ва таҷҳизот, кишоварзӣ, истифодаи замин ва ҷангал. Нақшаи фаъолият мақсадҳои бартарафсозии тағйирёбии иқлимро муқаррар менамояд, ки аз тарафи ҳукумати Олмон дар соли 2010 муайян шуда буданд. Мутобиқи он дар соли 2030 партовҳои гази карбон ба атмосфера аз тарафи корхонаҳо, хонаводаҳо ва нақлиёт бояд ақалан ба 55% нисбат ба соли 1990 коҳиш дода шаванд.

Солҳои наздик стандартҳои экологӣ, гузариш ба генератсияи сабз ва дарки бахши энергетика оид ба зарурати баланд намудани самаранокии моддии захиравӣ, афзоиши минбаъдаи талабот ва маҳсулот, ҷараён ва хизматҳои сабзро таъмин менамояд. Дар баробари ин, талаботҳои афзуншудаистодаи экологӣ ба бозори беруна низ имкониятҳои

иловагиро барои ширкатҳои технологии сабз таъсис медиҳанд, ки дар Олмон пойдор гардидаанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки самаранокии экологии технологияҳо ва захираҳо дар татбиқи иқтисодиёти сабз нақши калидиро иҷро мекунанд. Маҳсулотҳои техникии сабзи истеҳсолкунандагон дар мубориза бо мушкилотҳои экологӣ низ нақши муассир доранд. Ба сифати индустрияи байнисоҳавӣ низоми иқтисодиёти сабз ба табаддулоти сабз дар ҳама соҳаҳои саноат мусоидат менамояд.

Дар бозори дохилии Олмон татбиқи нақшаи фаъолияти барномаи "Иқлим -2050" талабот ба технологияҳои коҳишдиҳандаи партови гази карбонро дар назар дошта шуда афзоиш ёфта, ин кишвар бояд то соли 2050 ба партови нулии гази карбон ба атмосфера ноил гардад.

Дар байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Швейтсария яке аз аввалин шуда принсипҳои иқтисодиёти сабзро барои истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ татбиқ намудааст. Дар кишвари Швейтсария ҳукумат ҳама шаҳрвандони худро барои истифодабарии оқилонаи захираҳо даъват менамояд, зеро шумораи аҳолӣ афзоиш ёфта, мутобиқан истеъмолот зиёд гардида истодааст. Бинобар ин, дар ин мамлакат сиёсати экологӣ фаъолона амалӣ карда мешавад, ки барои ҷорӣ намудани усулҳои оптималии истифодабарии устувори захираҳо мусоидат менамояд.

Дар ИМА иқтисодиёти сабз ва бехатарии иқтисодӣ дар низоми стратегияи сиёсӣ муқаррар карда шудааст. Дар давраи муосир ИМА дар ҷодаи инноватсияҳои энергетикӣ пешсаф мебошанд, ки бо миқдори зиёди патентҳо дар ин соҳа тавсиф карда мешавад. ИМА байни дигар кишварҳои дунё дар васлкунӣ ва ҷорӣ намудани низомҳои нави энергияи барқароршаванда, сохтмони объектҳои самараноки сарфакунандаи энергия ва истифодабарии шумораи зиёди технологияҳои сарфакуннандаи сӯзишворӣ, низоми нақлиёти сарфакунандаи энергия, воситаи нақлиёти барқӣ ва дигарҳо пешсаф мебошанд. Новобаста ба ин пешравиҳо дар ин мамлакат мушкилиҳои ба худ хос мавҷуд мебошад. Дар замони муосир ҳолате ба назар мерасад, ки манфиатҳои сиёсӣ барои паст шудани сатҳи барномаҳои арзишманди экологӣ сабаб мегарданд. Ба чунин мушкилотҳо стандартҳои давлатии энергияи барқароршаванда ва ҳисобҳо барои андози федералӣ барои энергияи бод (шамол) ва офтоб ба ҳисоб мераванд. Ба ҷои ин самтҳо дар маркази сиёсати нави энергетикии миллӣ нафти худӣ ва барномаи истеҳсоли газ қарор доранд.

Дар ИМА гумон карда мешавад, ки инқилоби саноатӣ иерархияи иқтисодиро дар тули асри XX мутобиқ намуда, пешравӣ дар таъиноти экологии иқтисодӣ афзалиятҳоро дар асри XXI хоҳад нишон дод, ки дар он бозори васеъшаванда ба назар мерасад. Барномаи ҳифзи муҳити атрофи СММ дар назар дорад, ки дар тамоми дунё зиёда за 5 млн. ҷои корӣ оид ба кабудизоркунӣ мавҷуд буда, ин намуди шуғл дар давраи солҳои 2006-2020 ду маротиба зиёд гардидааст. Дар дохили мамлакати ИМА афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ дар бахши энергияи барқароршаванда дар як сол 3,4%-ро ташкил дода, нисбат ба дигар бахшҳо чор маротиба зиёдтар мебошад.

Инвеститсияҳо танҳо барои энергияи барқароршаванда дар тули солҳои 2004-2020 зиёда аз шаш маротиба зиёд гардиданд. Инвеститсияҳо дар ҳаҷми 2,3 триллион доллар барои бозори васеи энергияи бе партови гази карбон дар тули даҳсолаҳои охир ба нақша гирифта шудаанд. Дар ИМА инвеститсияҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар такомули лоиҳаҳои энергетикӣ мегаваттҳои тозаи навро тавлид намуда, ҷойҳои нави корӣ ва энергияи тозаи экологиро таъсис доданд. Умуман такомули соҳаи саноати энергетикӣ нисбат ба иқтисодиёт бо суръати баландтар рушд карданд.

Ба ҳамаи гуфтаҳои боло нигоҳ накарда, ИМА ба соҳаи энергетикаи худ нисбат ба стратегияҳои истеҳсолии Хитой ва Олмон наонқадар муносибати ҷиддӣ медиҳад. Дар натиҷа, то ҳол дар ИМА истеҳсолоти анъанавӣ нисбат ба бахши энергетикаи барқароршавандаи тоза, биосӯзишворӣ, электромобилҳо ва ғайраҳо афзалият дорад.

Нисбат ба Хитой, ИМА иқтисодиёти идорашавандаи марказӣ намебошад. Қарорҳои инвеститсионии бахши хусусӣ инноватсияҳо ва рушдро ҳавасманд гардонида, сарчашмаи асосии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, қисми зиёди сиёсати экологии энергияи тозаи ИМА маҳдуд буда, ин самт ба таври кофӣ маблағгузорӣ карда нашудааст ва дастгирии пурраи сиёсиро надорад.

Дар кишвари Хитой инкишофи иқтисодиёти сабз аз нуқтаи назари бехатарии экологӣ ва зарурати таъмини рақобатпазирии байналмилалӣ мушоҳида карда мешавад.

Тавре мутахассисони таҳқиқкунандаи иқтисодиёт ва вазъи экологии Хитой қайд мекунанд "мушкилии ифлосшавии муҳити атроф дар Хитой, махсусан дар қисмати шимолии он яке аз масъалаҳои баҳсталаб мебошад. Махсусан, танҳо дар тули солҳои охир дар пойтахти Хитой, шаҳри Пекин чандин маротиба хатари сатҳи "зард" ва то ҳатто "сурх" эълон шуда буд. Чунин вазъият бештар бо ифлосшавии ҳаво аз ҳисоби зиёд будани вазни қиёсии ангиштсанг дар тавозуни энергетикии мамлакат (64%) ба миён омадааст" [16].

Бинобар ин, инкишофи иқтисодиёти сабз, ки дар технологияҳои бехатарии экологӣ ва истифодабарии захираҳои барқароршаванда барои Хитой зарур арзёбӣ карда мешавад. Масъалаи муҳимми стратегӣ барои дурнамои бехатарии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, мушкилоти хатари иқтисодӣ ва экологӣ муҳим баҳогузорӣ карда мешавад. Дарки зарурати иқтисодиёти сабз барои бехатарии иқтисодӣ ва рушди устувори Хитой, инчунин, ҳамгироии ин ҳадафҳо дар таҷрибаи аслии иқтисодӣ дар якҷанд марҳилаҳо ба миён омадааст:

Марҳилаи якум, назорат аз болои ифлосшавии муҳити атроф: тадбирҳо барои инкишофи иқтисодиёти ба экология нигаронидашуда (солҳои 1970-1980).

Марҳилаи дуюм, рушди устувор, яъне марҳилаи иқтисодиёти ба экология нигаронидашуда (солҳои 1990). Ҷоиз ба қайд аст, ки Хитой аввалин кишваре мебошад, ки барномаи умумимиллиро дар Конференсияи СММ оид ба муҳити атроф ва рушд соли 1992 пешкаш карда буд.

Марҳилаи сеюм, муносибати ҳамоҳангсозии байни инсон ва табиат мебошад, ки солҳои 2000-2006-умро дар бар гирифта, таҳқиқотҳо барои иқтисодиёти ба экология нигаронидашуда, амалӣ карда шуданд.

Марҳилаи чорум, нигоҳи илмӣ ба рушди босуръати иқтисодиёти ба экология нигаронидашуда (солҳои 2003-2012).

Марҳилаи панҷум, тамаддуни экологӣ ва маҷмуи чораҳо оид ба ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, марҳилаи пурзӯргардии таъиноти экологии иқтисодиёт (аз соли 2007 то ин ҷониб). Ин марҳиларо ҳамчун ҷаҳиши калони сиёсӣ барои ташаккули иқтисодиёти ба экология нигаронидашуда ва ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисодиёти сабз дар Хитой номидан мумкин аст [16].

Муносибатҳои Хитой ба сиёсати энергияи тозаи экологӣ хислатҳои хосси худро дорад. Кишвари Хитой коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои энергияи экологӣ тавлидкунандаро, инчунин, содироти онро ба дигар кишварҳо ба афзалияти миллӣ дохил намуд. Бинобар ин, идеология ва тамоми пояи институтсионалии инкишофи иқтисодиёти сабз аз боло муқаррар карда шуда, агенти иқтисодии барои иқтисодиёти сабз манфиатдор ҳукумати марказии Хитой баромад мекунад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки Хитой дар ҷорӣ намудани иқтидорҳои энергияи барқароршаванда пешсаф буда, нисфи энергияи бод (шамол) ва офтобӣ (инчунин, панелҳои офтобӣ) дар Хитой истеҳсол мешавад. Дар баробари ин, Хитой истеъмолкунандаи калони энергия дар дунё ба ҳисоб меравад (соли 2010 Хитой аз рӯи ин нишондиҳанда ИМА гузашт). Лекин ин кишвар дар самти партофти гази карбон низ пешсаф мебошад, зеро 70% энергияи дар Хитой истеҳсол мешуда, ба воситаи ангишт истеҳсол карда мешавад.

Хитой зарурати технологияҳои тозаи ангиштро бо баробари дигар технологияҳои барқароршаванда қайд мекунад. Барои такомул додан ва сабзгардонии саноати ангишт, Хитой мақсад гузоштааст, ки партовҳои гази карбонро ба воҳиди ММД то 17%, энергияғунҷоиши ММД-ро то 16% ва коҳиш додани истифодабарии обро то 30% таъмин намояд. Дар давраи муосир Хитой иқтидори калонтарини энергияи барқароршавандаро дар дунё дорад, ки 25% ҳаҷми энергияи дунёро фаро мегирад. Ин кишвар истеҳсолкунандаи калонтарини дунё доир ба истеҳсоли гидроэнергия ба ҳисоб меравад.

Ба Хитой муяссар гардид, ки барномаҳои омӯзишии захираҳои меҳнатиро бо мақсади нигоҳдории пешсафӣ дар соҳаи энергияи тозаи экологӣ амалӣ намояд. Роҳбарияти Хитой зарурияти инкишофи энергияи тозаи экологиро дарк менамояд. Лекин,

аз сабаби диққати махсуси роҳбарияти мамлакат ба инкишофи содироти маҳсулотҳои энергияи тозаи экологӣ, дар аксар ҳолатҳо амалигардонии дигаргуниҳои энергетикӣ наонқадар самаранок татбиқ карда мешаванд, ки ба онҳо худи Хитой эҳтиёҷот дорад. Аз 30 адад шаҳрҳои ифлосшавандаи дунё, 20 адад дар манотиқи Хитой қарор доранд.

Дар баробари ин, мушкилотҳои экологӣ ба яке аз мақомҳои аввал дар фавти бармаҳали аҳолӣ сабаб гардидааст. Азбаски одамон дар бисёр ҳолат муқобили чунин сиёсат баромад мекунанд, чунин норозигиҳо роҳбарияти Хитойро барои танзими дохилӣ маҷбур менамоянд. Дар умум Хитой дар соҳаи истеҳсолот ва истеъмолоти энергияи барқароршаванда дар ҷаҳон пешсаф буда, унсури зарурии стратегияи рушди он стратегияи ба содирот нигаронидашуда баромад мекунад.

Мамлакате, ки яке аз аввалинҳо шуда принсипҳои иқтисодиёти сабзро ҳамчун стратегияи миллӣ ворид кардааст, ин Кореяи Ҷанубӣ мебошад. Аз ҳисоби роҳбарии оқилона аз тарафи ҳукумат, ин кишвар ба яке аз иқтисодиёти пешрафтаи дунё мубаддал гардид. Новобаста ба ин, воқеияти аслии давраи муосир, тағйироти куллиро дар страгияи миллӣ тақозо намуд. Бинобар ин, соли 2008 Президенти Кореяи Ҷанубӣ Ли Мён Бак ибтикореро бо номи «Low Carbon Green Growth» (“Рушди сабз бо партови гази карбони камтарин”) пешкаш намуд, ки дар он диққати асосӣ ба технологияҳои “сабз” дар энергетика, нақлиёт дар соҳаи коркарди партовҳо ва таҳқиқотҳои гуногуни экологӣ зоҳир карда шуд [9]. Дар нақшаи энергетикии миллӣ то соли 2030, стратегияи энергетикии мамлакат дақиқ ифода ёфтааст. Дар ин самт панҷ принсипҳо ва нишондодҳои дастрасии он нишон дода шудаанд: 1) дастрасии мустақилияти энергетикӣ; 2) гузариш ба истифодаи сарфакоронаи энергия; 3) ҷамъияти аз сӯзишвории истихроҷшаванда озод; 4) таъминоти бехатарии энергетикӣ; 5) таъсис додани муҳаррикҳои нави рушд ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба воситаи инкишофёбии технологияҳои сабз [7].

Вазифаи афзалиятнок дар стратегияи рушди сабз, афзоишёбии назарраси ҳиссаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия дар тавозуни энергетикии миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи муосир сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия дар Кореяи Ҷанубӣ тахминан 8% истеҳсоли энергияро ташкил медиҳад. Вазорати савдо, саноат ва энергетикаи ин кишвар нақша дорад, ки то соли 2040 ҳиссаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергияро то 30-35% расонад [3].

Дар кишвари Қазоқистон иқтисодиёти сабз ҳамчун омили таъминоти бехатарии иқтисодӣ ва рақобатпазирии байналмилалӣ дарк карда шудааст. Казоқистон дорои иқтидори васеи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда буда, дар миқёси Осиёи Миёна ҳосилкунандаи калонтарини гази карбон ба ҳисоб меравад. Ҳангоми мавҷудияти афзалиятҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, ҳиссаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия дар истеҳсоли электроэнергия дар Казоқистон дар сатҳи паст қарор дорад: ин нишондиҳанда тақрибан 1,1% ташкил медиҳад. Роҳбарияти Қазоқистон нақша дорад, ки ин ҳиссаро то соли 2050 ба 50% расонад.

Рушди иқтисодиёти сабз дар низомҳои иқтисодии муосир дар худ масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити атрофро фаро гирифта, ҳамчун консепсия зарурати рушди ҳаматрафаи мувозинатиро чун имконияти рушди дарозмуддат муайян менамояд. Дар Қазоқистон инкишофи иқтисодиёти сабз барои расидан ба чунин мақсадҳо нигаронида шудааст:

- таъминоти рушди иқтисодии устувор. Иқтисодиёти Қазоқистон бо дараҷаи пасти диверсификатсия тавсиф карда шуда, ҳамзамон, соҳаҳои асосӣ ин саноати нафту газ, саноати кӯҳӣ ва кишоварзӣ ба шумор мераванд. Инчунин, дар ин кишвар инфрасохтори сустинкишофёта ба хароҷоти баланд дар кашонидан ва коркарди молҳо сабаб гардидааст;
- афзоишёбӣ ва нигоҳдории сармоя. Дар ин самт сухан оид ба сармояи табиӣ меравад. Вазифаи асосӣ дар ин соҳа нигоҳдории сарчашмаҳои оби ошомиданӣ, рушди устувори кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Мушкилоти дастрасии оби ошомиданӣ, истеҳсол ва тақсимоти электроэнергия то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Бар замми ин, усулҳои муътадили хоҷагидорӣ ва истеъмолоти захираҳои табиии барқарорнашаванда, як қатор мушкилоти муҳити атрофро шиддатнок карданд. Мувофиқан, дар Қазоқистон реҷаи хатари экологӣ дар минтақаҳои баҳри Арал вуҷуд дорад, ки дарояндаи наздик бо хатарҳои бехатарии об дучор шудани ин кишвар аз эҳтимол дур нест;

• нигоҳдории сармояи андӯхташудаи инсонӣ ва иҷтимоӣ (мисол, таъминоти дастрасии баробар барои ҳама аҳолӣ ба хизматҳои давлатӣ, иҷтимоӣ ва пешниҳоди кафолатҳо). Дар Қазоқистон нишондоди индекси инкишофи иқтидори инсонӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, ба ин нигоҳ накарда қисми зиёди аҳолӣ ҳамчун бекор ва ё бо ҷои кори ғайритахассусӣ таъмин мебошанд. Инчунин, аз рӯи маълумоти расмӣ сатҳи камбизоатии аҳолӣ махсусан дар ноҳияҳои кишоварзӣ хеле баланд мебошад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар Қазоқистон иқтисодиёти сохторан номуътадил ба назар расида, мушкилотҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва экология афзоиш ёфта истодаанд. Дар ин ҷо сухан оид ба вобастагии калони мамлакат аз содироти мол ва хизматҳо ба бозорҳои байналмилалӣ, тақсимоти нобаробари даромад байни субъектони истеҳсолот ва аҳолӣ, сатҳи пасти зиндагонии аҳолӣ ва дастрасии маҳдуди аҳолӣ ба хизматҳои асосӣ меравад. Мушкилотҳои бо ҳифзи муҳити атроф алоқамандбуда, истифодабарии ғайрисамараноки захираҳои табиӣ, норасоии об, хароҷоти баланди энергетикӣ дар бахши истеҳсолӣ, истифодабарии усулҳои номуътадили хоҷагидории кишоварзӣ ва вобаста ба ин мушкилоти бехатарии озуқаворӣ, инчунин, низоми номукаммали бартарафсозии партовҳо ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Консепсияи гузариши Қазоқистон ба иқтисодиёти сабз ҳамчун фишанги таъминоти бехатарии иқтисодиёти миллӣ ба ҳафт самтҳои калидӣ такя мекунад. Самти якум, инкишоф додани сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда. Самти дуюм, сарфаи энергия ва самаранокии энергетикӣ. Самти сеюм, инкишофи устувор ва самаранокии маҳсулоти табиӣ бе ивазкунандаҳои сунъӣ дар соҳаи кишваорзӣ. Самти чорум, идоракунии бартарафсозӣ ва коркарди партовҳо. Самти шашум, истифодабарии оқилона ва самараноки захираҳои обӣ. Самти ҳафтум, нигоҳдорӣ ва идоракунии самараноки экосистемаҳо [5].

Тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки самти аосии он ба масъалаҳои экологӣ, нигоҳдории ҳаҷми фаъолияти истеҳсолӣ бо дарназардошти истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ ва коҳиш додани сарборӣ ба муҳити атроф нигаронида шудааст. Дар таҷрибаи байналмилалӣ барои ин самтҳо чораҳои гуногуни экологӣ истифода шуда, сармоягузориҳо ба фаъолияти ҳифзи табиат ба назар мерасанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки инкишофи иқтисодиёти сабз ҳамгироии кишварҳои дунёро барои истифодабарии технологияҳои камхарҷи энергия, коҳиш додани партови гази карбон, коркарди такрории партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ дар назар дорад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Шаховская, Л.С. Газовый рынок России и США: вчера, сегодня, завтра / Л.С. Шаховская, В.И. Тимонина // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2020. -Т. 10. -№11-1. -С.389-398.
2. Эколого-экономический индекс регионов РФ. Методика и показатели расчета / С.Н. Бобылев, В.С. Минаков, С.В. Соловьева, В.В. Третьяков; под ред. Резниченко А.Я., Шварца Е.А., Постновой А.И. -М.: WWF России, РИА Новости, 2012. -148 с.
3. Briefing Note: South Korea Shifting Further Away from Coal. [Электронный ресурс]. URL: http://ieefa.org/wp-content/uploads/2019/04/South-Korea-Shifting-Further-Away-from-Coal_April-2020.pdf
4. German: Sustainable Development Strategy. The Federal Government. [Электронный ресурс]. URL: https://www.bundesregierung.de/resource/blob/998220/455740/7d1716e5d5576bec62c9d16ca908e80e/2017-06-20-angfassung-n-en-data.pdf
5. Green Economy: Realities & Prospects in Kazakhstan. [Электронный ресурс]. URL: https://www.sk.kz/upload/iblock/8d9/8d97878e7ec2466e04ab62e5d8f4c3a3.pdf. Санаи муроҷиат: 21.02.2022
6. Green growth in action: Germany. OECD. [Электронный ресурс]. URL: https://www.oecd.org/germany/greengrowthinactiongermany.htm
7. Green Growth Korea. [Электронный ресурс]. URL: http://www.greengrowth.go.kr/menu001/sub002/GRG_001_201.do
8. Green" economy: theory, foreign experience, modern problems and prospects of Russia / V.A. Bondarenko, A.V. Guzenko, N.V. Guzenko, I.N. Efremenko // European Proceedings of Social and Behavioural Sciences EpSBS. Krasnoyarsk Science and Technology City Hall. -Krasnoyarsk, 2020. -С.174-182.
9. Ha, Y-H, Byrne, J. The rise and fall of green growth: Korea's energy sector experiment and its lessons for sustainable energy policy // WIREs Energy Environ. [Электронный ресурс]. URL: https://onlinelibrary.wiley.com/doi/full/10.1002/wene.335

10. Roland Berger GmbH (eds.) (2018): GreenTech made in Germany 2018: Environmental Technology Atlas for Germany. P. 20. [Электронный ресурс]. URL: https://www.greentech-made-in-germany.de/fileadmin/user_upload/atlas/20180410_rb_greentech_5.0_web.pdf.
11. The Environmental Performance Index (EPI). [Электронный ресурс]. URL: https://epi.envirocenter.yale.ed.
12. The Environmental Performance Index (EPI). [Электронный ресурс]. URL: https://epi.envirocenter.yale.edu; The Global Green Economy Index. Dual Citizen. [Электронный ресурс]. URL: https://dualcitizeninc.com/global-green-economy-index
13. The Global Green Economy Index. Dual Citizen. [Электронный ресурс]. URL: https://dualcitizeninc.com/global-green-economy-index.
14. The strategy of Sustainability. The Federal Government. [Электронный ресурс]. URL: https://www.bundesregierung.de/breg-en/issues/sustainability/the-strategy-214722
15. The Treaty on the Functioning of the European Union. [Электронный ресурс]. URL: https://eurlex.europa.eu/legal-content/EN/TXT/?uri=CELEX%3A12012E%2FTXT
16. Xiaoxue Weng, Zhanfeng Dong, Qiong Wu and Ying Qinv. 2015. China’s path to a green economy: Decoding China’s green economy con-cepts and policies. IIED Country Report. IIED. -London. -P.7.

## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ХОҶАГИИ ҶАҲОН

Мақолаи мазкур барои муқаррар намудани хусусият ва тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳон бахшида шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон маҳсулотҳои техникии сабзи истеҳсолкунандагон дар мубориза бо мушкилотҳои экологӣ низ нақши муассир доранд. Ба сифати индустрияи байнисоҳавӣ низоми иқтисодиёти сабз ба табаддулоти сабз дар ҳама соҳаҳои саноат мусоидат менамояд. Муқаррар карда шудааст, ки рушди иқтисодиёти сабз дар низомҳои мухталифи иқтисодии муосир дар худ масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити атрофро фаро гирифта, ҳамчун консепсия зарурати рушди ҳаматрафаи мувозинатиро ҳамчун имконияти рушди дарозмуддат муайян менамояд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти сабз, рушди устувор, энергияи барқароршаванда, техникаи сабз, маҳсулоти сабз, консепсия рушд, индексҳои асосии рушди устувор

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В МИРОВОМ ХОЗАЙСТВЕ

Статья посвящена выявлению особенностей и тенденций развития зеленой экономики в мировом хозайстве. Определено, что в мировой экономике зеленая техническая продукция производителей в борьбе с экологическими проблемами играет основную ключевую роль. В качестве межотраслевой индустрии, система зеленой экономики способствует зеленой революции во всех отраслях промышленности. В результате исследования выявлено, что рост зеленой экономики в различных экономических системах, включая вопросы рационального использования природных ресурсов и защиту окружающей среды, вместе с тем выступает как необходимая концепция всестороннего развития равновесия как возможности долгосрочного развития.

**Ключевые слова:** зеленая экономика, устойчивое развитие, зеленая продукция, возобновляемая энергетика, зеленая техника, концепция развития, основные индексы устойчивого развития.

## FEATURES OF GREEN ECONOMY DEVELOPMENT IN THE WORLD ECONOMY

The article is devoted to identifying the features and trends in the development of the green economy in the global economy. It has been determined that in the global economy, green technical products of manufacturers in the fight against environmental problems play a key role. As a cross-industry industry, the green economy system contributes to the green revolution in all industries. As a result of the study, it was revealed that the growth of the green economy in various economic systems, including the issues of rational use of natural resources and environmental protection, at the same time acts as a necessary concept for the comprehensive development of equilibrium as an opportunity for long-term development.

**Keywords:** green economy, sustainable development, green products, renewable energy, green technology, development concept, main sustainable development indices.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд микроноҳияи 17, бинои 1. E-mail: **sura14@mail.ru.** Телефон: **926-30-22-32**

**Сведения об авторе:** ***Алиджанова Сурайё Абдушукуровна*** – Таджикский государственный университета права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр, дом 1. E-mail: **sura14@mail.ru.** Телфон**: (+992) 926-30-22-32**

**Information about the author:** ***Alidzhanova Surayo Abdushukurovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Economic Theory. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, house 1. E-mail: **sura14@mail.ru.** Phone: **(+992) 92 630 22 32**

ТДУ: 330.101.8

# МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА ТАФСИРИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШ

*Ҳусейнзода А.Ф.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст, ки “принсипҳои калидии фаъолияти минбаъда бо талоши ҳалли маҷмуи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, инчунин, фароҳам овардани заминаҳои устувор барои ташаккули иқтисодиёти дониш алоқаманд аст. Вазифаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар давраи дарозмуҳлат инҳо хоҳанд буд: пешбурди фарогирии иҷтимоӣ тариқи баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва беҳдошт; фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ” [13,с.50]. Ин вазифаи бунёдӣ, ки дар Стратегия пешбинӣ шудааст, дар таъмини ташаккули сифатҳои иқтисоди дониш, ки имрӯз тамоюли умумибашарӣ гирифтааст, равона гардидааст.

Воқеан ҳам, дар шароити муосир раванди дигаргунсозӣ дар иқтисодиёти кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар асл низомҳои алтернативии иқтисодӣ, пеш аз ҳама, иқтисоди дониш ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст. Ин навъи иқтисодиёт дар асарҳои Ҷ. Галбрейт ва Д. Белл мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муайян шудааст, ки ин намуди иқтисодиёт ҳиссаи соҳаи хизматрасонии хело калон буда, дар истеҳсоли ММД нисбат ба соҳаи истеҳсолот бартарӣ дорад [3,с.60-89]. Масалан, солҳои 2009-2010, пас аз соли 2010 бахши хизматрасонии ИМА 80% ММД, ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо 69,4%, Австралия 69%, Ҷопон 67,7%, Канада 70% рост меояд [12,с.42]. Пайваста бо рушди компютер ва технологияи иттилоотӣ номи иқтисодиёти кишварҳо пешрафта шуданд. Баъзе олимон (Кастеллс М.) онро иқтисодиёти иттилоотӣ номиданд, ки бисёр олимон нақш ва аҳаммияти рӯзафзуни донишро дар рушди иқтисодии ҷамъият қайд кардаанд [5,с.17-30; 14,с.92]. Онҳо донишро ҳамчун захираи асосии иқтисодии иқтисодиёти нав ва иқтисодиёти дониш муайян карданд. Воқеан, дар шакли муосири иқтисодиёт муқаррароти бартаридоштаи равандҳои тавлидот ва татбиқи донишҳо дар эҷоди неъматҳои иқтисодӣ ва мутобиқан некуаҳволии аҳолии кишвар хос аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки омили асосии афзоиши ҳаҷми ҷамъшудаи дониш мебошад, ки сол то сол пайваста меафзояд. Аз ин рӯ, мавзуи илми иқтисод, ки муносибатҳои иқтисодии марбут ба истеҳсол (насл), тақсим, мубодила ва истеъмоли донишро дар бар мегирад, аломати артериявии воридшавии кишвар ба иқтисодиёти дониш мебошад.

Бо назардошти ин, дар ин мақола тасмим гирифтем, ки ба таърифи моҳияти иқтисоди дониш муфассалтар таваққуф кунем, зеро ташаккули иқтисодӣ бар пояи дониш ба яке аз самтҳои асосии стратегии сиёсати давлатҳои рӯ ба рушд ва дар ҳоли рушд табдил ёфта истодааст. Дар соли 2000, дар Саммити Лиссабон, Шурои Аврупоро дар асри оянда муайян кард, ки то соли 2010 “иқтисоди рақобатпазиртарин ва динамиктарин дар ҷаҳон ба дониш асос ёфтааст, ки қодир ба тавлиди рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Бо зиёд шудани миқдор ва сифати корҳо ва пурзӯр намудани ризоияти ҷамъиятӣ” [8,с.495].

Дар воқеъ, дастовардҳои илмии муосир ва рушди босуръати технология бешубҳа имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки қаблан тасаввурнашаванда буданд. Аммо дар айни замон, мутобиқ нашудан ба манзараи муосири иқтисодӣ, ки на он қадар бо қувваи бераҳмона, ки аз захираҳои моддӣ ғизо мегирад, балки аз сармояи ғайримоддӣ – иттилот, навоварӣ, қобилияти пайдоиши дуруст дар ҷаҳоне, ки коммуникатсия вуҷуд дорад, ташаккул ёфтааст ва худи ҷаҳон оммавӣ шуда ба “деҳаи глобалӣ” табдил меёбад, ки дар он ҳар як тасмим ва ҳар қадам бо вокуниши фаврӣ рӯ ба рӯ мешавад. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар нимаи дуюми қарни XX бо рушди технологияҳои иттилоотӣ суръат гирифта, рақобатро боз ҳам шаддидтар мекунад ва ҳамасола сарватҳои табии ҳамчун як козира дар мубориза байналмилалӣ барои бартарии иқтисодӣ арзиши худро гум мекунанд. Мо аз давраи иқтисодиёти истеҳсоли оммавӣ ба давраи иқтисоди дониш дохил шуда истодаем.

Ибораи “иқтисоди дониш” бо кумаки олими австро-амрикоии Фритс Мачлуп васеъ паҳн шуда, танҳо дар аввал ӯ иқтисоди донишро ҳамчун як бахши иқтисодиёт ҳисоб кард, на ҳамчун ивазкунандаи пурраи марҳилаи саноатии иқтисодиёт [10,с.462]. Яке аз ин иститутсионалистоне, ки тағйироти сохтори иқтисодиёти муосирро омӯхтааст, П. Дракер мебошад. Соли 1969 китоби ӯ “Асри танаффуси тадриҷан” ба табъ расид, ки дар он саволеро ба миён мегузорад, ки кадом захира дар иқтисодиёти муосир мавқеи асосӣ дорад? Иқтисодиёти муосир ба иттилоот, эҷод ва паҳнкунии он асос ёфтааст. Маҳз мавҷудият ё набудани дониш сатҳи маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳоро муайян мекунад.

Баъзе иқтисоддонҳо бо назардошти ҷомеаи муосир асосҳои назариявии зерини иқтисоди донишро қайд мекунанд [4,с.198].

-дар сохтори истеҳсолот захираҳои иттилоотӣ бартарӣ пайдо карданд, бинобар ин, масъалаҳои тақсимоти захираҳои маҳдуди ба иқтисодиёти анъанавӣ хос ба миён намеояд;

-дар иқтисодиёт торафт бештар мол ва хизматрасониҳои техналогия баланд истеҳсол карда мешавад, ки дар натиҷа вобастагии истеҳсолот аз мамлакатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноат кам мешавад;

-омили асосии рушди иқтисодӣ аз ҷониби мардум амалӣ гардонидани неруи зеҳнии онҳо буда, фоидаовартарин сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мебошад.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ низ моҳият ва меъёрҳои арзёбии иқтисоди дониш баррасӣ шудаанд. Масалан, Бобоҷонов Р.М. иқтисодиёти донишро ҳамчун иқтисодиёте, ки дар он омили рушди дониш ва сармояи инсонӣ таъкид намуда, зарурати таҳия ва татбиқи консепсияи рушди иносонро дар марҳалаи нави рушди мамлакат баррасӣ намудааст [1,с.55-59]. Олимони дигари ватанӣ Комилов С.Ҷ. Алиева Г.Ш иқтисоди донишро ҳамчун шакли муносибатҳои иқтисодиву иҷтимое, ки дар доираи он истеҳсол, ба расмият даровардан, паҳн кардан ва истифодаи дониш ба амал баровroutарда мешавад, баррасӣ намуда, аз ин лиҳоз, рушди инноватсиониро ҳамчун шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ тавсиф намудаанд [7,с.187-193]. Дар мақолаи Мирсаидов А.Б. иқтисодиёти зеҳнӣ ва ё донишро бахши махсуси иқтисодиёт, ки ба истеҳсолу фурӯши молу хизматрасонӣ асос ёфтааст, ки дар натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ба вуҷуд омадаанд, таъкид шуда, таҳсилотро ҳамчун индукстрияи ояндаи рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа эътироф карда шудааст [11,с.5-21].

Вақтҳои охир ба ташаккули консепсияи иқтисоди дониш ва таҳияи нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки имкони баҳо додани сатҳи инкишофи иқтисодиёти донишро дар ин ё он кишвар медиҳанд, диққати калон дода мешавад. Аз ҷумла, таҳти сарпарастии Бонки ҷаҳонӣ оид ба ин масъала тадқиқоти зиёд гузаронида мешавад. Тавре дар як тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ таъкид шудааст; иқтисоди дониш иқтисодиётест, ки дар он донишҳо барои баланд бардоштани рушди иқтисодӣ ба даст оварда мешавад, тавлид ва паҳн карда мешавад [15,с.23-27]. Иқтисоди дониш ба чаҳор “рукн” – самтҳои асосии рушди иқтисодӣ: низоми дониш, инфрасохтори иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ: низоми самараноки инноватсионӣ ва низоми институтсионалӣ асос ёфтааст.

Мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ ба истилоҳ “Индекси иқтисоди дониш” (KEG) – нишондиҳандаи шартӣ (KE-index) пешниҳод карданд, ки дар асоси он натанҳо сатҳи иқтисодиёти донишро, балки дар ин ё он кишвар муқаррар кардан мумкин аст, тамоюли рушди чунин иқтисодиётро низ муайян намоянд. Методологияи ҳисоб кардани индекси KEI чунин аст: 132 кишвар интихоб шуда, сатҳи рушди иқтисодиёти дониш дар асоси 81 параметр, ки дар чаҳор самти зикршуда гурӯҳбандӣ шудаанд, арзёбӣ шудааст. Барои ҳар як самт индексҳои мобайнии алоҳида ҳисоб карда мешаванд. Дар баробари ин, индекси низоми маълумот, индекси инноватсия ва индекси ТИК ба як “индекси дониш”- и алоҳида якҷоя карда мешаванд.

Масалан, индекси низоми дониш аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд: сатҳи саводнокии калонсолон (1), дараҷаи омодагии касбии кормандон (2); сифати таълим аз фанҳои илму математика (3); дастрасӣ ба интернет дар муассисаҳои таълимӣ (4); хароҷоти давлат ба маориф ба ҳисоби фоизи ММД (5), кормандони дорои таҳсилоти касбӣ ба ҳисоби фоиз қувваи корӣ (6); дохилшавӣ ба донишгоҳҳо (7) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти дониш бо афзоиши дороиҳои ғайримоддӣ тавсиф карда мешавад, калиди бартарии рақобат, пешрафти илмию техникӣ мебошад, ки онро бо ёрии инноватсия ва сармояи зеҳнӣ ба даст овардан мумкин аст. Он кишварҳое, ки ин далел дастури истифода барои онҳо шудааст, дар ҳоли афзоиш аст, дар ҳоле, ки кишварҳои дигар дар хориҷи кишвар мутахассис меҷуянд ва камбудии сармояи инсониро бо коҳиши захираҳои табии худ ҷуброн мекунанд.

Ин барои Тоҷикистон низ дахл дорад, ки дар он ҷо эҳтиёҷоти маблағгузорӣ барои ноил шудан ба рушди илмию техникӣ ночиз ба назар мерасад. Қисми зиёди корхонаҳо воқеан ҳам барои ташаккули технологияҳои нав ё навсозии техналогияи кӯҳна маблағгузорӣ намекунанд. Муҳимтар аз ҳама – дониш на танҳо дар маҳсулот ва хизматҳо таҷассум ёфтааст, балки донише, ки аксар вақт бунёдӣ аст, ҳамчун асос барои назарияҳо ва консепсияҳои рушд, инчунин, арзёбии техналогияи нав, низомҳои ташкилии ҷомеаи рушдёбанда, одам муносибати ӯ бо табиат, имкониятҳои барқароркунии онҳо динамикаи бузурги илмҳои ҳаёт ва масъалаҳои ахлоқӣ ва ғайра ба миён омадааст. Динамикаи мунтаззами иқтисодиёт, шиддатнокии афзояндаи мубодилаи иттилоот ва афзоиши бесобиқаи дониш мусоидат мекунад (дониш донишро эҷод мекунад).

Пешрафти рушди иқтисодии инсон ва дониш аз дигаргунии куллии омилҳои рушд далолат мекунад. Ҷойи меҳнат, сармоя ва сарватҳои табииро иттилоот, дониш ва неруи инсонӣ гирифтанд. Ҳоло арзиши бозори молҳо ва хизматҳо дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ асосан аз захираҳои дониш иборат аст. Дар бораи он ки дониш аз захираҳои анъанавӣ чӣ фарқ дорад, бисёр навишта шудааст. Онҳоро молҳои ҷамъиятӣ меноманд, зеро дониш бо истифода аз он кам намешавад, он новобаста аз фазо вуҷуд дорад.

Ин боз як хусусияти бунёдии иқтисодиёти донишро дар назар дорад: шахс дар ин ҷо аз нуқтаи назари сармояи инсонӣ, яъне арзиши капитализатсияи шахс бо назардошти маблағҳои ба ӯ гузошташуда дар муқоиса бо сармоягузории моддӣ баррасӣ намешавад.

Ба назари мо, сармояи инсониро метавон як ҷузъи таркибии неруи инсонӣ арзёбӣ кард. Аз ин ҷост, ки молҳо ба “молҳои мукаммал” табдил меёбанд, ки бисёр хизматҳои иловагиро дар бар мегирад. Ширкатҳо технологияҳои тиҷоратии худро истифода бурда, ба тамошобинон ҳамеша маҳсулот ва хизматҳои нав пешкаш мекунанд.

Гарчанде ин раванд тулонӣ ва баҳсбарангез аст, хусусиятҳои асосии он аллакай намоёнанд. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи нақши рӯзафзуни донишҳои назариявӣ, илмӣ, яъне абстрактӣ, умумӣ, кодгирӣ, сифатӣ меравад, ки аз хусусиятҳои давраи пешин фарқ мекунад.

Масалан, агар ба таърихи инқилоби саноатии асрҳои XVIII-XIX рӯй оварем, маълум мешавад, ки ба ибораи Д. Белл [2,с.20], «ихтироъкорони боистеъдод ба илм ва қонунҳои бунёдие, ки дар зери таъсири онҳо ихтироот ба вучуд меомад, парво надоштанд. Раванди гудохтани оҳан, паровози Ҷорҷ Стивенсон, муҳаррики буғи Ҷеймс Ватт ва як қатор ихтирооти дигар, ки дар байни солҳои 1750 ва 1850 ба амал омадаанд, натиҷаи кори таҷрибаомӯзон, ихтироъкорон ва саноатчиён буданд, ки фишанги асосии онҳо тачриба, маҳорат ва ақли солим буданд. Пахн ва татбиқи донишҳои илмӣ аз миқёси имрӯза дур набуд ва шумораи онҳо низ хеле маҳдуд буд. Имрӯз баръакс, пайдо кардани чунин технологияҳое, ки барои таҳияи он назария аҳаммияти аввалиндараҷа надорад, душвор аст. Истеҳсоли пластмасса ва асбобҳои рӯзгор, сохтмон, авиатсия ва космонавтика, тиб ва фарматсевтика - ҳамаи ин дониши асосҳои назариявии соҳаи илмҳои гуногунро талаб мекунад. Аз ин рӯ, мо метавонем ба таври ҳақиқӣ изҳор намоем, ки донишҳои илмӣ бунёди омили асосии рушди иқтисоди муосири иттилоотӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти тамоми ҷомеа мебошад.

Мавқеи маркази донишҳои назариявӣ бо хусусияти дуюми фарққунандаи типи ба вуҷуд омадаистодаи иқтисодиёт - характери навоваронаи он бевосита алоқаманд аст. Ҷомеашинос ва футуролог Д.Белл, ки мо дар боло зикр кардем, аз ҷумла чунин мешуморад, ки «ҳоло чизи комилан нав аст, кодификатсияи донишҳои назариявӣ ва нақши калидии он дар инноватсия ҳам дар соҳаи эҷоди, соҳибкории инноватсионӣ «муҳаррик»-и иқтисоди нав аст, ки бидуни он мавҷудияти он ғайриимкон аст. Ва асоси инноватсия, дар навбати худ, донишҳои нав, аз ҷумла роҳҳои нави татбиқи донишҳои қаблан гирифташуда мебошанд. Тиҷоратикунонии таҳияҳо, пешбурди талабот ба илм ба

маънои бозорӣ, яъне ҳамчун манфиати пулакии истеъмолкунанда, вазифаҳои асосии давлат ва корпоратсияҳои калон дар рушди системаҳои инноватсионии миллӣ мегарданд. Дар ин ҷо нишондиҳандаи ҳаҷми сармояи таваккалӣ (венчурӣ) дар кишварҳои пешрафта дар бахши инноватсия гузошта шудааст. Дар Иёлоти Муттаҳида дар солҳои 1990-ум 0,21% ММД ва дар ибтидои асри XXI тақрибан 0,5% ММД-ро ташкил медод. Ҳиссаи сармоягузориҳои венчурӣ, ки ба марҳилаҳои аввали фаъолияти инноватсионӣ тааллуқ доранд, хеле зиёд аст (тақрибан 1/3 дар кишварҳои OECD ва 1/2 дар Финландия ва Швейтсария). Дар бисёр кишварҳо рушди илм тавассути андозҳои махсус ва дигар имтиёзҳо ҳавасманд карда мешавад (дар ҳама кишварҳои ОЭСР, хароҷоти ҷорӣ аз пойгоҳи андоз тарҳ карда мешаванд, кредитҳои андоз дода мешаванд ва дигар чораҳои дастгирии давлатӣ татбиқ карда мешаванд) [6,с.153].

Ҳамчун хусусияти сеюми иқтисоди дониш мо хусусияти шабакавӣ ва глобалии сохтор ва мантиқи ҳамкории субъектҳои хоҷагидориро дар он қайд мекунем. Бо пайдоиш ва паҳншавии васеи технологияҳо ва бо истифода аз интернет, тамоми тиҷорат ба шабака табдил меёбад. Равандҳои тиҷоратӣ махсус гардонида шудаанд ва ҳамзамон, ба занҷирҳо муттаҳид мешаванд. Зиёда аз он ба шарофати глобализатсия ва интернатсионализатсия, ин занҷирҳо аллакай аксар вақт иштирокчиёни дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон ҷойгиршударо фаро мегиранд. Ҳамин тавр, баъзе ширкатҳо дар ҷустуҷӯи бозорҳои нав ҳастанд, дигарон маҳсулоте ихтироъ мекунанд, ки бо он ба ин бозорҳо ворид шаванд, дигарон ин маҳсулотро таҳия мекунанд, чорякҳо онро истеҳсол мекунанд, панҷякҳо онро ба истеъмолкунандагон пешкаш мекунанд. Аутсорсинг босуръат инкишоф меёбад - амалияи ба пудратчиёни беруна додани баъзе вазифаҳои (одатан ғайриасосии) ширкат ҳамаи ин пудратчиён ва шарикони ширкатро метавон ҳамчун узвҳои занҷире баррасӣ кард, ки ба натиҷаи ягона нигаронида шудааст, сарфи назар аз мустақилияти ташкилии онҳо ва афзояндаи ғайримарказикунонии раванди истеҳсолот ва маркетинг вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки ҳамаи звеноҳои чунин занҷир бояд дарякҷоягӣ кор кунанд. Бинобар ин, онҳо бояд маблағҳои калон барои технологияҳои иттилоотӣ, барои идоракунии муносибатҳо бо мизоҷону таъминкунандагон ва ба даст овардани донишҳои нав сарф кунанд. Тадқиқотчиён собит карданд, ки дар баробари дигар чизҳо ин гуна шабакаҳо хароҷоти транзаксияро кам мекунанд ва аз ин рӯ, инкишофи минбаъдаи онҳо самти хеле умедбахши такмили ташкили фаъолияти иқтисодӣ дар ҳамаи сатҳҳои он ба назар мерасад [9,с.139]. Характери шабакавии иқтисодиёти дониш, хусусияти зерини онро муайян мекунад: амали дар он ба ном қонуни афзоиши даромад, ки ба низоми иқтисодӣ ва фоидаи иқтисодӣ дар парадигмаи анъанавӣ, саноатӣ хос нест. Моҳияти ин қонун дар он аст, ки агар манбаи истифодашаванда хусусияти шабакавӣ дошта бошад (масалан, почтаи электронӣ, факсҳо, модемҳо, телефонҳои мобилӣ, компютерҳои сайёр ва дигар навовариҳои технологӣ, ки ба зудӣ ҷойи харидоронро пайдо мекунанд, ки майли афзоишёбӣ доранд, мавҷудияти мол зиёд мешавад), пас вай фоидаи маржиналӣ бо зиёд шудани миқдори ин захираҳо меафзояд. Дар воқеъ, фоидаҳое, ки дар натиҷаи "сармоягузориҳои ғайримоддӣ", ки бо хароҷоти баланди рушд тавсиф мешаванд, балки арзиши такрории онҳо кам шуда, талабот зиёд мешавад ва боздеҳи он меафзояд. Маҳз ҳамин захираҳо дар иқтисодиёти ҳозира торафт бештар истифода мешаванд.

Ин қонун ба захираи асосии иқтисодиёти дониш: сармояи инсонӣ, ки ҳиссаи он дар арзиши иловашуда мунтазам меафзояд низ дахл дорад. Дар доираи сармояи инсонӣ, дар асоси муқарраротӣ дар асарҳои Т.Стюарт, Р.Кроуфорд, Ҷ.Тобин ва дигар назарияшиносони ин самт ифодаёфтаи мо иқтидори зеҳнӣ ва иҷтимоии ҳам фард ва ҳам созмонро дарк мекунем, ки истифодаи он дар фаъолияти хоҷагидорӣ метавонад мутаносибан ба зуҳури ин қобилиятҳо ба соҳибаш фоида оварда расонад. Сармояи инсонӣ дар сатҳи макро- натиҷаи хароҷоти ҷомеа ба маориф, нигоҳдории тандурустӣ, тарбияи умумӣ ва ҷисмонӣ мебошад. Маблағгузорӣ ба ин соҳаҳо барои ба даст овардани самара дар ояндаи дароз нигаронида шудааст, вале аҳаммияти ин маблағгузориҳо барои иқтисодиёти миллӣ, бе муболиға хеле калон аст, ки онро ҳамаи мамлакатҳои рушдкарда, ки хароҷоти иҷтимоӣ ба 25-30%-и ММД мерасад, пурра ба амал мебароранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДД - Қудратзода П.Қ.**

## АДАБИЁТ


1. Бабаджанов Р.М. Концепция человеческого развития (вопросы методологии) / Р.М. Бабаджанов // Труд и социальная защита. Научно-исследовательский институт труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан. -Душанбе, 2010. -№4(7). -С.55-59.
2. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования / Д. Белл. -М.: Academia, 1999. -С.20, 189.
3. Дятлов С.А. О теории информационной экономики / С.А. Дятлов // Общество и экономика. - 1995. -№3. Мелюхин И.С. Информационное общество: истоки, проблемы, тенденции развития / И.С. Мелюхин. -М.: Изд. МГУ, 1999. Моисеев Н. Информатизация общества как этап новейшей истории / Н. Моисеев // Информация и самоорганизация. 1996. -№1. Садыков Т.У. ИНОН и основы теории информационной экономики / Т.У. Садыков // Вестник КазГУ. Серия экономическая. - 1998. -№10.
4. Иноземцев ВЛ. За пределами экономического общества / ВЛ. Иноземцев. -М.: Academia - Наука, 1998.
5. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс. -М.: ГУ ВШЭ, 2009.; Кастельс М. Информационное общество и государство благосостояния: Финская модель / М. Кастельс, П. Химанен. -М.: Логос, 2002.; Castells M. Mobile Communication and Society: A Global Perspective. -Cambridge: MA, MIT Press, 2006
6. Князев Ю. Как определить современное общество: постиндустриальное, информационное, общество знаний, научно-инновационное / Ю. Князев // Общество и экономика. – 2006. -№10. -С.153.
7. Комилов С.Дж. Инновационное развитие как новый тип экономических отношений / С.Дж. Комилов, Г.Ш. Алиева // Состояние и перспективы конкурентно-инновационного развития малого и среднего на основе взаимодействия с крупным бизнесом в условиях международной интеграции экономики Республики Казахстан: Сборник трудов Международной конференции (23 декабря 2016г). -Астана, 2016. -С.187-193.
8. Концепция экономики знаний. [Электронная ресурс]. URL: https://referatwork.ru/category/tehnologii/view/495750 (дата обращения: 20.01.2022).
9. Костюк В.Н. Специфика экономики, основанной на знаниях / В.Н. Костюк // Общественные науки и современность. – 2004. -№4. -С.139.
10. Махлуп Ф. Производство и распространение знаний в США / Ф. Махлуп. -М.: Прогресс, 1966. -462 с. («The Production and Distribution of Knowledge in the United States». 1962).
11. Мирсаидов А.Б. Институциональные основы инновационного развития экономики: концепции когнитивной науки / А.Б. Мирсаидов // Материалы международной научно-практической конференции. Выход постсоветского пространства из системной кризисной цикличности: императивы международного сотрудничества на базе ЕАЭС в условиях нового витка глобальной нестабильности; под ред. чл.-корр. РАН В.А. Цветкова. -М.: ЦЭМИ РАН / ИПР РАН, 2015. -Т.2. -213 5 с.; Мирсаидов А.Б. Индустрия образование: содержание и механизмы его развитии / А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистан. – 2020. -№3. –С.12-21.
12. Рост сферы услуг. Доклад Всемирного банка 2011г. [Электронная ресурс] URL: http://www.worldbank.org/depweb/beyond/wrru/wnr_11.pdf (дата обращения: 10.02.2022).
13. Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030. -С.50.
14. Abramowitz A, Devid P.A. American Macroeconomic Growth in the Era of Knowledge-Based Progress: The Long-Run Perspective // An Economic History of the United State: The Twentieth Century. - 2000. -Vol. 3. -P.1-92.; Forey D. Science, Technology and Market. World. Social Science Report. UNESCO Publishing/Elsevier. - 1999. Валлерстайн И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире / И. Валлерстайн; пер с англ. П.М. Кудюкина под общей ред. Б.Ю. Кагарлицкого. -СПб.: Университетская книга, 2001.; Келли К. Новые правила для новой экономики / К. Келли // Знание – сила. - 1998. -№4.
15. Forey D. Economics of Knowledge / D. Forey. -L.: The MIT Press, 2004. -С.23-27.


## МУНОСИБАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА ТАФСИРИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШ


Дар мақолаи мазкур, дар шароити рақобат оид ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, нақши хизматрасонӣ дар ММД, давлатҳои рушдкардаи рӯйи дунё ва рушди технологияи муосир оварда шудааст. Инчунин, ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба дониш дар қисми назаривии мақола оварда шудааст, ки барои пешниҳоди муаллиф оид ба мафҳуми дониш хело осон шудааст. Дар қисми дигари мақола, асосҳои назариявии зерини иқтисоди донишро аз тарафи донишмандон пешниҳод намудаанд, ки хело саривақтист. Нишондиҳандаҳои индекси низоми дониш аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ оварда шудааст, ки мавқеи иқтисоди дониш дида мешавад. Иқтисодиёти дониш, ин таҷрибаи баланди давлатҳои пешрафта аст, ки дар мақолаи мазкур оварда шуда, барои давлати ҷавони мо низ манфиатовар арзёбӣ гардиааст.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, дониш, иқтисодиёти дониш, шохис, таҷрибаи ҷаҳонӣ, технологияи муосир.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД НА ИНТЕРПРЕТАЦИЮ СОДЕРЖАНИЯ ЭКОНОМИКИ ЗНАНИЙ


В данной статье в условиях конкурса на Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года представлена роль услуг в ВВП развитых стран мира и развитии современных технологий. Также в теоретической части статьи представлены взгляды зарубежных и отечественных ученых на понятие “знания”. Также в статье были представлены теоретические основы экономики знаний, что очень своевременно. Индексные показатели системы знаний представлены на основе мирового опыта. Экономика знаний - это высокий опыт развитых стран, который представлен в данной статье.

**Ключевое слово:** экономика, знания, экономика знаний, индекс, мировой опыт, современные технологии.

**THEORETICAL VIEW ON THE INTERPRETATION OF THE CONTENT OF THE KNOWLEDGE ECONOMY**

This article, in the context of the competition for the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2030, presents the role of services in the GDP of developed countries and the development of modern technologies. Also, the theoretical part of the article presents the views of foreign and domestic scientists on the concept of “knowledge”. The article also presented the theoretical foundations of the knowledge economy, which is very timely. Index indicators of the knowledge system are presented based on global experience. The knowledge economy is the high experience of developed countries, which is presented in this article.

**Keywords:** economy, knowledge, economy of knowledge, index, world experience, modern technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳусейнзода Ардашер Фарҳодӣ* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 93-100-73-65**. E-mail: **husenzoda1998@gmail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хусейнзода Ардашер Фарходи* -** Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры финансов и банковского дела. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 93-100-73-65**. E-mail: **husenzoda1998@gmail.ru**

**Information about the author:** ***Khuseynzoda Ardasher Farkhodi*** - Dangara State University, assistant at the Department of Finance and Banking. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Markazi street, 25. Phone: **(+992) 93-100-73-65**. E-mail: **husenzoda1998@gmail.ru**

ТДУ: 334.788.4

# МУНОСИБАТИ КЛАСТЕРӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ҲАМГИРОИИ СУБЪЕКТҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

***Олимов А.Х.***

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Дар шароити муосири равандҳои фаъолонаи ҷаҳонишавӣ, зарурати фароҳам овардани бартариятҳои рақобатпазирӣ ҳам барои иқтисодиёт миллии ҳар як давлат дар маҷмуъ ва ҳам барои субъектҳои хоҷагидории муҳиммияти махсус пайдо мекунад. Вобаста ба ин олимони тоҷик дар пайравӣ ба ҳамкасбони хориҷии худ, солҳои охир кластерикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро дар таҳқиқотҳои худ пешниҳод мекунанд, ки самаранокӣ ва рушди онро таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври эътимодбахш исбот кардааст.

Истилоҳи кластер ҳамчун категорияи иқтисодӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ба илми иқтисод ворид карда шудааст. Муаллифи равиши кластерӣ дар иқтисод барандаи ҷоизаи Нобел, олими амрикоӣ Майкл Э.Портер мебошад. Дар асари ӯ («Бартарияти рақобатпазирии миллатҳо», 1990) назарияи рақобатпазирии миллӣ ва маҳаллӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он нақши асосӣ ба ташкили кластери соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт гузошта шудааст.

Баъдтар, М.Портер кластерро ҳамчун як гурӯҳи ширкатҳо ва ташкилотҳои вобаста аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам алоқаманд, ки дар як минтақаи муайян фаъолият мекунанд ва ҳамдигарро чун сохтори ягона пурра мекунанд, муайян мекунад [15].

Назарияи кластерии М.Портер дар ду даҳсолаи охир дар асарҳои бисёре аз иқтисодшиносони хориҷӣ, ки чун қоида дар таҳқиқоти худ ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти кластерҳоро таҳлил намудаанд, васеъ паҳн гардида, инкишоф ёфтааст. Вобаста ба таҳқиқотҳои гузаронидаи олимони хориҷӣ, олимони ватанӣ низ дар пажуҳишҳои худ фаъолона истифода ва инкишоф додани ин назарияро оғоз намуданд. Аммо, сарфи назар аз паҳншавии васеи назарияи кластер ва истифодаи истилоҳи кластер, маънои илмии онҳо ҳам барои илми хориҷӣ ва ҳам барои илми ватанӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад. Далели раднашавандаи ин мавҷуд, набудани таърифи якхела, аз ҷониби умум эътирофшудаи моҳияти кластер ҳамчун шакли ташкили фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ба ақидаи мо, назария каластер ҳанӯз хеле ҷавон буда, дар давраи ташаккулёбӣ мебошад ва аз ин нуқтаи назар таърифи ягонаи он то ҳол баҳсбарангез боқӣ мемонад.

Барои исботи ақидаи худ, мо, кӯшиш намудем як қатор таърифҳои кластерро, ки олимони хориҷӣ пешниҳод кардаанд, дар мақола ҷой диҳем:

Кластер ҳамҷояшавии ширкатҳое мебошад, ки метавонанд аз сабаби наздикии ҷуғрофӣ ва вобастагии мутақобила самараи синергетикӣ ба вуҷуд ояд [17].

Кластерҳо муассисаҳои бо ҳам алоқаманд ва ёридиҳандае мебошанд, ки рақобатпазирии онҳо бо робитаҳои байниҳамдигарӣ муайян карда мешавад [13].

Кластер як гурӯҳи ширкатҳоест, ки ҳам ба таври амудӣ ва ҳам уфуқӣ ба ҳам пайвастанд ... ва чунин муносибатҳо тавассути бозор муайян карда мешаванд [3].

Кластер - як гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҳамсоя ва ҳамгирошавандаи мутақобила ва ташкилотҳои алоқаманде, ки дар як минтақаи муайяни диверсификатсияшуда амал мекунанд ва ҳамдигарро пурра мекунанд [3].

Кластер шарикии устувори ҳудудию соҳавии корхонаҳо ва ташкилотҳо мебошад, ки бо барномаи инноватсионии ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ, муҳандисӣ ва идоракунӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии аъзоёни кластер муттаҳид шудааст [10].

Дар айни замон, дар шароити рақобати ҷаҳонӣ, ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, рушди босуръати муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани бозорҳои нави ҷаҳонӣ, рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ қодир аст, ки рушди иқтисодиёти кишвар, истифодаи васеи технологияхои инноватсионӣ, шаклҳои нави идоракуниро дар асоси муносибати байнисоҳавӣ таъмин намояд.

Мушкили ҷойгиронӣ ва махсусгардонӣ яке аз душвортарин мушкилоти илми иқтисодӣ ба шумор меравад. Категорияи асосии иқтисодии ҷойгиронӣ тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад, ки ба он афзоиши қонунии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа боис мегардад. «Ҷойгиронӣ ва махсусгардонӣ ифодакунандаи бевоситаи тақсимоти ҷамъиятӣ-ҳудудии меҳнат буда, нуқтаи зарурии тавсеаи такрористеҳсол ба шумор мераванд ва ба хусусияту суръати он таъсири фаъол мерасонанд» [1].

Қонунҳои асосии рушди ҳар як тарзи истеҳсолот дар айни замон, қонунҳои ҷойгиронии ҳудудии он мебошад. Дар шароити истеҳсоли одии мол, ин қонуни арзиш мебошад, ки тақсимоти меҳнат ва воситаҳои истеҳсолотро на танҳо аз рӯйи соҳаҳо, балки дар минтақаҳо дар шакли номуташаккилона (стихиявӣ) танзим мекунад, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бошад, он бо меъёри фоида дар асоси нархҳои истеҳсолот ифода мегардад.

Масалан, А.Е. Каминский чунин андеша дорад, ки «ҷойгиронии хоҷагии қишлоқ паҳлуи миқдории махсусгардониро ифода мекунад ва ба саволи чӣ қадар ва чӣ гуна маҳсулот дар ин ё он минтақа, вилоят, ноҳия, корхонаи алоҳидаи кишоварзӣ истеҳсол мегардад ё бояд истеҳсол гардад, посух медиҳад» [4].

К.П. Оболенский бар ин ақида аст, ки «мусалламан – банақшагирӣ аз рӯйи ҳудуд худ ҷойгиронии истеҳсолот аст» [5]. Дар кори дигари худ К.П. Оболенский як шарҳи каме дигаргунтари ин мафҳумро меорад: «ҷойгиронии хоҷагии қишлоқ ин мавқеи корхонаҳои кишоварзии самти муайяни истеҳсолӣ мебошад. Бешубҳа, мавқеи географиии хоҷагиҳои барои соҳаҳои гуногун махсусгардонидашуда худи ҳамон ҷойгиронӣ мебошад» [12].

Зарурати гузаштани Тоҷикистон ба иқтисодиёти индустралӣ-аграрӣ дар назди соҳаи кишоварзӣ вазифаи мегузорад, ки аз шаклҳои анъанавии рушд ба рушди инноватсионии истеҳсолот гузарад. Маҳз қафомонии технологию техникии комплекси агросаноатии мамлакат мушкилоти таъмини амнияти озуқавории онро муайян мекунад. Дар воқеъ, таъмин намудани роҳи инноватсионии рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа ва умуман ҷумҳурӣ танҳо тавассути махсусгардонӣ ва кооператсияи байниминтақавӣ, ҷустуҷӯи афзалиятҳои рақобатпазирии маҳсулоти комплекси агросаноатии кишвар имконпазир аст.

Дар марҳилаи кунунӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ҷараёнҳои ба вучуд овардани шаклхои нави ташкили муносибатҳои иқтисодӣ васеъ паҳн шудаанд. Каластерикунонии минтақаҳои алоҳида имрӯз яке аз роҳҳои асосии ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳо, беҳбуди мувозинати савдои минтақа, афзоиши шуғл, баланд бардоштани устуворӣ ва рақобатпазирии комплекси агросаноатии ҳудудӣ мебошад. Кластерикунонӣ чун қоида, ба равиши соҳавӣ мухолиф буда, назари алтернативии мафҳуми рақобатро ифода мекунад. Моҳияти равиши кластерӣ аз он иборат аст, ки дар он тулонитарин занҷири арзиши иловашуда, идора карда мешавад. Самаранокии усули кластерикунонӣ аз он иборат аст, ки махсусгардонии нисбатан пасти соҳавии иқтисодиёти минтақа бартараф карда шавад. Кластерикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ба давлат имкон медиҳад, ки бо дарназардошти иқтидори субъектҳои иқтисодии минтақа, муносибати бисёрҷанбаро ба рушди минтақа ташаккул диҳад.

Дар асоси консепсияи рақобатпазири М. Портер, мо омилҳои асосии бартариятҳои рақобатипазирии сохторҳои кластериро қайд мекунем:

- омилҳо ва шароити талаботи дохилӣ: сифати талабот, сохтори он, динамикаи тағйирёбии сохтори талабот ва ғайра;

- шартҳои ҳамкории мутақобила бо корхонаҳои хизматрасонӣ (кластерҳои саноатӣ): минтақаи қабули ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, минтақаи қабули таҷҳизот, соҳаҳои истифодабарии ашёи хом, технология;

- омилҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ: стратегия ва сохтори ширкатҳо, институтҳои рушди кластерҳо, усулҳои ташкили онҳо, механизмҳои идоракунӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки равиши кластерӣ, ки аслан дар омӯзиши мушкилоти рақобатпазирӣ (модели М.Портер оид ба рақобатпазирӣ) истифода шудааст, дар ҳалли доираи васеи вазифаҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва идоракунӣ истифода мешавад.

Дар марҳалаи кунунӣ рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, ки бо амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ хос аст, шаклҳои нави ташкили сохтори равандҳои иқтисодӣ

(таъсири байнииқтисодӣ, байнисоҳавӣ) ояндадор мебошанд ва тақсимоти анъанавии иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба соҳаҳо аҳаммият ва амалияи худро гум кардааст.

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон ташаккул ва рушди мунтазами шакли кластерӣ, ташкили сохтории муносибати ҳамгироӣ байни соҳаҳои кишоварзӣ, коркард ва муомилот дар сатҳи мезоиқтисод вуҷуд надорад.

Рушди кластерҳои минтақавӣ айни замон дар мадди назари роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таҳлилгарон ва ҳамаи он касоне, ки ба мушкилоти иқтисодиёти минтақавӣ ва идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунанд, қарор дорад. Аз як тараф, бунёди кластерҳо нуқтаи марказии татбиқи нишондоди лоиҳавии идоракунии кишвар мебошад, ки бо дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қайд гардида, дар айни замон амалӣ карда мешавад.

Аз тарафи дигар, бисёре аз минтақаҳо ба дарки тамоми афзалиятҳои муносибатҳои кластерӣ шуруъ намуданд. Дар натиҷа, ташаккул ва рушди кластерҳо аз сиёсати умумии кишвар ба як қисмати стратегияи минтақаҳо мубаддал гашта истодааст.

Мувофиқи назарияи Майкл Портер, кластер - ин гурӯҳи ширкатҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамсояи ба ҳам алоқаманд (таъмингар, истеҳсолкунанда ва ғ.) ва ташкилотҳои ба онҳо марбут (муассисаҳои таҳсилотӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, ширкатҳои инфрасохторӣ), ки дар соҳаи муайян амал намуда, ҳамдигарро пурра мекунанд [16].

Рушди муосири иқтисодиёт боиси ҷустуҷӯ ва дар амал татбиқ намудани шаклҳои нави хоҷагидорию ташкили қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад. Масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои аллакай танҳо аз ҳисоби татбиқи усулҳои стандартӣ ва воситаҳои менеҷмент ҳал шуда наметавонад. Дар робита ба ин, илми ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ ҷустуҷӯи механизмҳои ҳамгироӣ ва ҳамомезишии (интерференсияи) иқтисодӣ ҷиҳати ноил гаштан ба самараҳои фузунсозанда (мултипликативӣ) ва ҳамамалро (синергиро) ба ҳайси мақсад муайян мекунанд.

Муносибати кластерӣ қодир аст, ки муҳтавои сиёсати минтақавиро куллан тағйир диҳад. Дар ин ҳолат кӯшишҳои маъмурият бояд на ба дастгирии корхонаҳо ва соҳаҳои алоҳида, балки ба рушди робитаҳои мутақобила: байни таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон, байни истифодабарандагони ниҳоӣ ва истеҳсолкунандагон, байни худи истеҳсолкунандагон ва ниҳодҳои давлатӣ ва ғ. равона карда шавад.

Дар доираи банақшагирии барномавии мақсаднок, заминаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии сохторҳои кишоварзӣ, такрористеҳсоли васеи сармояи инсонӣ, ҳамгироии кластерӣ метавонад ҳамчун асос барои таҳия ва татбиқи барномаҳои инноватсионии навкунии воситаҳои истеҳсолот дар сатҳҳои макро ва мезоиқтисод истифода шавад. Инчунин дар шароити бартарияти бизнеси бузурги корпоративӣ дар зеркомплексҳои кишоварзӣ, монополия ва олигополизатсияи бозорҳои маҳаллӣ барои ашёи хом ва озуқаворӣ, ташкили кластерҳо ҳамчун самти ояндадори рушди шаклҳои хурди агробизнес баромад карда метавонад.

Дар ин замина мо натиҷаҳои таҳлили муқоисавии корпоратсияҳо ва сохторҳои кластерии амудӣ, ки соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати коркардро муттаҳид мекунанд, пешкаш менамоем (ҷадвали 1).

Ҳамзамон, ҳамгироӣ дар кластер набояд бо муомилоти бозорӣ, ки ба моделҳои корпоратсияҳои амудӣ ва доираи иттифоқи стратегӣ муттаҳид шудаанд, мутаносибан ҳамроҳ карда шаванд, балки ба истифодаи муштараки он ё додани ваколатҳои мушаххаси алоҳида ташкил карда шавад.

Омилҳои асосие, ки ба ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- мақомоти минтақавӣ ба ташаккули кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ мусоидат мекунад;
- татбиқи маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷалби маблағҳои калон;
- сохторҳои корпоративие, ки барои ташаккули ядрои кластер иқтидори пурқувват доранд.

Омилҳои асосие, ки имкониятҳои ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатиро маҳдуд мекунанд, инҳоянд:

**Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавии сохторҳои кластерӣ ва корпоративии амудӣ муттаҳидшуда**
**Table 1. Comparative analysis of cluster and vertically integrated corporate structures**

| Хусусиятҳои тавсифӣ | Сохторҳои корпоративӣ-амудӣ муттаҳидкардашуда | Сохторҳои кластерӣ |
|---|---|---|
| Хусусияти истеҳсолот | Махсусгардонии қатъӣ, маҳсулоти стадартизатсиякунонидашуда, хусусияти омавӣ | Равиши инноватсионӣ, махсусгардонии чандир дар ҳудуди минтақавӣ |
| Сохтори истеҳсолот | Ҳамкории байниқтисодии интегратсионӣ, идоракунии марказонидашуда | Идоракунии сохторҳои мустақили хоҷагиро шурои координатсионӣ ба амал мебарорад |
| Хусусияти молиякунонӣ | Сармояи корпоративӣ (саҳомӣ, шахсӣ) | Хусусияти молиякунонии шарикӣ, ҷалби фаъоли сохторҳои молиявӣ-қарзӣ |
| Хусусияти рақобатпазирӣ | Дар бозорҳои берунӣ, дар дохили минтақа | Дар ҳудуди маҳдуд (дар дохили кластер) |
| Ҷойгиршавии ҳудудӣ | Маҳаллӣ ва трансминтақавӣ | Аз рӯйи маҷмуи соҳаҳо, ки ба кластер дохиланд |
| Нишондиҳан-даҳои иқтисодӣ | Аз рӯйи маҳсулоти ниҳоӣ | |
| Шуғли аҳолӣ | Фаъолнокии пасти қувваи корӣ | Фаъолнокии баланди қувваи корӣ |
| Идоракунии давлатӣ | Соҳавӣ ва институсионалӣ | Чорабиниҳо ба идоракунии кластер равона карда шуданд |
| Механизми амалнамоӣ | Расмӣ | Расмӣ |

- огоҳ набудани намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо дар самти ташаккул ва татбиқи кластерҳо;

- манфиатдор набудани гурӯҳҳои тиҷоратии корпоративии амудӣ ба ташаккули кластерҳои агросаноатӣ;

- нокифоя инкишоф ёфтани инфрасохтори институтсионалӣ ва истеҳсолӣ барои дастгирии рушди кластерҳои агросаноатӣ;

- сатҳи нокифояи рушди робитаҳои интегратсионӣ байни субъектҳои кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард;

- сатҳи пасти алоқаи корпоративӣ ва мубодилаи иттилоотию коммуникатсионӣ байни корхонаҳо;

- нарасидани мутахассисон оид ба татбиқи технологияҳои кластерӣ;

- мавҷуд набудани заминаи самараноки методологӣ, ки истифодаи технологияҳои ташкилии кластериро, ки барои шароити институтсионалӣ ва иқтисодии комплекси агросаноатӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин менамояд.

Дар натиҷа, барои ташаккул ва рушди сохторҳои кластерӣ дар комплекси агросаноатии мамлакат зарур аст:

- якум, мавҷуд будани алоқаҳои интегратсионии муқарраршуда дар байни субъектҳои комплекси агросаноатӣ, ки дар ҳудуди муайян ҷойгиранд;

-дуюм, мавҷудияти интегратори пешқадам (корхонаи аз ҷиҳати молиявӣ устувор, ки дар бозори мақсаднок мавқеи пешсафро ишғол мекунад);

- сеюм, ядрои кластери агросаноатӣ - корхонаи калони саноатӣ, ки дар атрофи он корхонаҳои хурду миёна мутамарказ шудаанд, алоқаҳои инфраструктурӣ, ки занҷири истеҳсолию технологиро ташкил медиҳанд;

- чорум, мавҷудияти инфрасохтори пешрафтаи илмӣ, инноватсионӣ ва таълимӣ, ки имкон медиҳад сохтори кластерӣ дар заминаи инноватсионӣ ташаккул ёбад.

Татбиқи кластерҳо дар ташкили ҳамкории мутақобилаи субъектҳои системаҳои кишоварзӣ, амалӣ намудани чунин маҷмуи тадбирҳои муҳим аст:

– аз нав дида баромадани консепсияи идоракунии комплекси агросаноатии минтақа, ки таснифоти аниқи соҳаҳо ва корхонаҳоро аз рӯйи иқтидори иқтисодиёташон пешбинӣ мекунад;

- маҷмуи самтҳо ва усулҳои таъсири маъмуриятчигӣ дар сатҳи минтақавӣ;

- баланд бардоштани мақоми сиёсати агросаноатии минтақавӣ бо таҳияи санадҳои қонунгузории зарурӣ;

- муайян намудани тамоми маҷмуи воситаҳо ва иқтидори захиравӣ ҳангоми тартиб додани консепсияи рушди комплекси агросаноатии минтақавӣ;

– ташаккули сохтори идоракунии комплекси агросаноатии минтақа ба мақсади рушди инноватсионӣ-кластерӣ.

Ҳамзамон, самаранокии сохтори кластерӣ бештар ба сатҳи баробари муносибатҳои мубодила ва тақсимоти байнисоҳавӣ, асоснокии илмии таносуби хароҷот алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, навсозии сохтори комплекси агросаноатии ҳудудӣ бо имкони татбиқи модели кластерии танзими муносибатҳои интегратсияи байнихоҷагӣ, ташаккули муҳити институтсионалӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои мубодилаи дохилигурӯҳии сармоя ва захираҳо, татбиқи нақшаҳои самарабахши шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим мебошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Абдуллоев А.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Васильев Н.В. Специализация и размещения сельскохозяйственного производства в СССР / Н.В. Васильев. -М.: Мысль, 1965. –453 с.
2. Иншаков О.В. Механизм социально-рыночной трансформации и устойчивого развития АПК России / О.В. Иншаков. -Волгоград: Изд-во ВолГУ, 1995.
3. Клейнер Г.Б. Формирование стратегии функционирования инновационно-промышленных кластеров / Г.Б. Клейнер, Р.М. Качалов, Н.Б. Нагрудная. -М.: ЦЭМИ РАН, 2007.
4. Кругман, П. Пространство: последний рубеж / П. Кругман // Пространственная экономика. - 2010. -№3. -С.15-23.
5. Лаврикова, Ю.Г. Кластеры: стратегия формирования и развития в экономическом пространстве региона / Ю.Г. Лаврикова. -Екатеринбург: Ин-т экономики УрО РАН, 2008. -148 с.
6. Левенцов В.А. Анализ современных форм и особенностей развития стратегических альянсов / В.А. Левенцов // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. - 2017. -№5(23). -С.85-92.
7. Месхи Б.Ч. Модели развития промышленного предприятия как процесса взаимодействия производства и природной среды / Б.Ч. Месхи, С.М. Крымов, О.А. Чернецова // Вестник Донского государственного технического университета. - 2010. -Т.10. -№6(49). -С.926-936.
8. Мокрушин А.А. Корпоративный потенциал структурной модернизации региональных агропродовольственных систем современной России / А.А. Мокрушин, А.И. Суслов // Вестник Адыгейского государственного университета. Сер. Экономика. - 2012. -Вып. 1.
9. Мокрушин А.А. Способ структурной организации взаимодействия вертикально интегрированных корпораций с региональными экономическими системами Южного федерального округа / А.А. Мокрушин // Известия Кабардино-Балкарского научного центра РАН. - 2011. -№5(43).
10. Мокрушин А.А. Стратегия и инструментарий развития взаимодействия вертикально-интегрированных корпораций и региональных экономических систем Южного федерального округа / А.А. Мокрушин // Региональная экономика: теория и практика. 2011. №30.
11. Муравьев, А.И. Предпринимательство / А.И. Муравьев, А.М. Игнатьев, А.Б. Крутик. -М.: Лань, 2018. -696 с.
12. Оболенский К.П. Определение показателей эффективности производства / К.П. Оболенский // Экономика сельского хозяйства. –1972. -С.23.
13. Овчинников В.Н. Интеграционные императивы модернизации и конкурентоспособности экономики России в глобализирующемся пространстве / В.Н. Овчинников, Н.П. Кетова // Экономический вестник Ростовского государственного университета. - 2004. -Т. 2. -№2.
14. Панибратов, А. Ю. Введение в бизнес / А.Ю. Панибратов. -М.: Издательство СПбГУ, 2017. -188 с.
15. Портер М. Конкуренция / М. Портер. -М.: ИНФРА-М, 2003.
16. Портер, М. Конкуренция / М. Портер. - 2-е изд. -М., СПб., Киев: Вильяме, 2006. -С.73.
17. Родионова О.А. Интеграция в сфере агропромышленного производства: тенденции, механизмы реализации / О.А. Родионова. -М.: ВНИИЭТУСХ, 2000.
18. Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
19. Филиппов, Ю.В. Основы развития местного хозяйства / Ю.В. Филиппов, Т.Т. Авдеева. -М.: Логос, 2015. -974 с.
20. Фролов А.В. Организационно-экономические инструменты формирования кластеров в региональной экономике / А.В. Фролов // Вестник Оренбургского государственного университета. - 2011. -№13(132).


## МУНОСИБАТИ КЛАСТЕРӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ҲАМГИРОИИ СУБЪЕКТҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ


Дар мақолаи мазкур роҳҳои ташкили ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити нави ҳамкориҳои байналмилалӣ пешниҳод гардидааст. Дар мақола муаллиф хусусиятҳои фарқунандаи сохторҳои корпоративӣ-амудӣ муттаҳидкардашуда ва сохторҳои кластериро таҳлил намудааст. Муаллиф омилҳои асосии ташаккул ва маҳдудкунандаи рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба

хулосае омадааст, ки самаранокии сохтори кластерӣ бештар ба сатҳи баробари муносибатҳои мубодила ва тақсимоти байнисоҳавӣ, асоснокии илмии таносуби харочот алоқаманд аст. Рушди кластерҳои минтақавӣ айни замон дар мадди назари роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, таҳлилгарон ва ҳамаи он касоне, ки ба мушкилоти иқтисодиёти минтақавӣ ва идоракунии давлатӣ таваччуҳи чиддӣ зоҳир мекунанд, қарор дорад. Аз як тараф, бунёди кластерҳо нуқтаи марказии татбиқи нишондоди лоиҳавии идоракунии кишвар мебошад, ки бо дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қайд гардида, дар айни замон амалӣ карда мешавад. Аз тарафи дигар, бисёре аз минтақаҳо ба дарки тамоми афзалиятҳои кластерӣ шурӯъ намуданд. Дар натиҷа, ташаккул ва рушди кластерҳо аз сиёсати умумии кишвар ба як қисмати стратегияи минтақаҳо мубаддал гашта истодааст. Навсозии сохтории комплекси агросаноатии ҳудудӣ бо имкони татбиқи модели кластерии танзими муносибатҳои интегратсияи байнихочагӣ, ташаккули муҳити институтсионалӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои мубодилаи дохилигуруҳии сармоя ва захираҳо, татбиқи нақшаҳои самарабахши шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим мебошанд.

**Калидвожаҳо:** кластер, рақобатпазирӣ, иқтисодиёти индустралӣ-аграрӣ, махсусгардонӣ, кооператсияи байниминтақавӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, сохторҳои корпоративӣ, робитаҳои интегратсионӣ, комплекси агросаноатӣ.

## КЛАСТЕРНЫЙ ПОДХОД К ОРГАНИЗАЦИИ ИНТЕГРАЦИИ СУБЪЕКТОВ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА

В данной статье представлены пути организации интеграции хозяйствующих субъектов в новых условиях международного сотрудничества. В статье автор проанализировал отличительные черты вертикально интегрированных корпоративных структур и кластерных структур. Автор проанализировал основные факторы формирования и ограничения развития агропромышленных кластеров в Таджикистане и пришел к выводу, что эффективность кластерной структуры во многом связана с равным уровнем обменных и межраспределительных отношений, научным обоснованием соотношения затрат. Развитие региональных кластеров в настоящее время находится в центре внимания руководителей органов государственной власти, аналитиков и всех, кто уделяет серьезное внимание проблемам региональной экономики и государственного управления. С одной стороны, создание кластеров является центральным пунктом реализации проектных показателей управления страной, на что указывают поручения Президента Республики Таджикистан в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан» на период до 2030 года», которые в настоящее время реализуются. С другой стороны, многие регионы начали осознавать все преимущества кластерных отношений. В результате формирование и развитие кластеров из общей политики страны превращается в часть региональной стратегии. Структурное обновление регионального агропромышленного комплекса с возможностью реализации кластерной модели межхозяйственного интеграционного регулирования, формирование институциональной, экономической, информационно-коммуникационной среды для внутригруппового обмена капиталом и ресурсами, реализация планов эффективного партнерства между государством и частным сектором имеют важное значение.

**Ключевые слова:** кластер, конкурентоспособность, индустриально-аграрная экономика, специализация, межрегиональная кооперация, инвестиционные проекты, корпоративные структуры, интегрированные отношения, агропромышленный комплекс.

## CLUSTER APPROACH TO ORGANIZING THE INTEGRATION OF SUBJECTS OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX

This article presents ways to organize the integration of economic entities in the new conditions of international cooperation. In the article, the author analyzed the distinctive features of vertically integrated corporate structures and cluster structures. The author analyzed the main factors in the formation and limitation of the development of agro-industrial clusters in Tajikistan and came to the conclusion that the effectiveness of the cluster structure is largely related to the equal level of exchange and inter-distribution relations, scientific substantiation of the cost ratio. The development of regional clusters is currently in the focus of attention of heads of state authorities, analysts and everyone who pays serious attention to the problems of the regional economy and public administration. On the one hand, the creation of clusters is the central point in the implementation of project indicators for managing the country, as indicated by the instructions of the President of the Republic of Tajikistan in the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan. until 2030" and is currently being implemented. On the other hand, many regions have begun to realize all the advantages of cluster relations. As a result, the formation and development of clusters is turning from the general policy of the country into a part of the regional strategy. Structural renewal of the regional agro-industrial complex with the possibility of implementing a cluster model of inter-farm integration regulation, the formation of an institutional, economic, information and communication environment for the intra-group exchange of capital and resources, the implementation of effective partnership plans between the state and the private sector are important.

**Keywords:** cluster, competitiveness, industrial-agrarian economy, specialization, interregional cooperation, investment projects, corporate structures, integrated relations, agro-industrial complex.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Олимов Аловиддин Хайруллоевич*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **(+992) 917-05-90-90.** E-mail: **olimov-1976@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Олимов Аловиддин Хайруллоевич* -** Таджикский аграрный университет имени Шириншоха Шотемура, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита в АПК. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 146. Телефон: **(+992) 917-05-90-90.** E-mail: **olimov-1976@mail.ru**

**Information about the author:** ***Olimov Aloviddin Khairulloevich*** - Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Credit in the AIC. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 146. Phone: **(+992) 917-05-90-90.** E-mail: **olimov-1976@mail.ru**

ТДУ: 336.76

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ЗИДДИБУҲРОНИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

*Каримова Т.Ҳ.*

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва мавқеи соҳаи хизматрасонӣ дар таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии кишвар ва сифатан беҳтар шудани сохтори ММД зиёд мегардад. Аммо дар шароити баланд шудани сатҳи кушода будани иктисодиёти миллӣ, афзоиши рақобат ва паҳн шудани таҳдидҳои беруна, эҳтимолияти ба амал омадани буҳронҳо дар соҳа ба миён меояд. Дар ин шароит корхонаҳои соҳаи хизматрасониро зарур аст, ки даромаднокии фаъолияти худро тавассути такмили системаи идоракунии он нигоҳ доранд.

Омодагии роҳбарияти корхонаҳо барои саривақт вокуниш нишон додан ба ҳолатҳои буҳронӣ, барои рушди устувор имкон медиҳад. Барои муайян намудани роҳҳои самараноки баромадан аз ҳолатҳои буҳронӣ ва таҳияи стратегияи самараноки идоракунӣ зарур аст, ки фаъолияти корхонаи соҳаи хизматрасонӣ давра ба давра тафтиш карда шавад, то ҳар як қафомонӣ аз нақшаи хизматрасонӣ саривақт ошкор карда шавад.

Чунин амал бояд дар тамоми марҳилаҳои банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти корхона амалӣ карда шавад: идоракунии раванди қабули фармоишҳо, хизматрасонӣ, маркетинг, захираҳои инсонӣ ва молия, ки имкон медиҳад омили буҳронӣ муайян карда шавад. Барои баромадан аз вазъиятҳои буҳронӣ, пеш аз ҳама, баҳодиҳии вазъи молиявии корхона зарур аст. Ин арзёбӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои буҳронӣ ва бо назардошти натиҷаҳои марҳилаи қаблӣ анҷом дода мешавад. Баррасии объектҳо барои таҳлили тавсифи дараҷаи вазъи молиявии корхона имкон медиҳад [9,с.264].

Барои рафъи вазъиятҳои буҳронӣ модели амалии идоракунии равандҳои буҳронӣ дар корхонаҳо пешниҳод карда мешавад.

Модели пешниҳодшудаи идоракунии буҳрон, бояд ба ширкатҳо дар ташкили як мақоми мустақили идоракунии буҳрон, дар низоми назорати дохилии корхона, таҳияи нақшаи маҷмуии идоракунии буҳрон, ки омилҳои фаророрасии буҳрон, сатҳи буҳрон, инчунин, усулҳои қабули қарорҳо барои бартараф кардани буҳронро дар бар мегирад, кумак расонад.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои сохтории рушди бозори хизматрасонии кишвар нишон медиҳад, ки тайи 6 соли охир ба таври назаррас бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии корхонаи соҳаи хизматрасонӣ ва коҳиши рақобатпазирии онҳо мушоҳида шудааст. Таъмини рушди устувори корхонаҳо, пеш аз ҳама, бо қобилияти роҳбарон барои пешгирии фарорасии буҳрон, саривақт муайян кардани сатҳи буҳрон, андешидани чораҳои фаврии зиддибуҳронӣ, кам кардани талафоти эҳтимолии идоракунӣ, ҳадди ақал кам кардани хавфи идоракунӣ, такмил додани он алоқаманд аст.

Омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои хизматрасонӣ нишон дод, ки дар шароити зудтағйирёбандаи фаъолияти корхонаҳои хизматрасонӣ онҳо ба хатарҳои гуногун дучор мешаванд. Хавфҳои иқтисодӣ қариб тамоми фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасониро фаро гирифта, сабабҳои асосии буҳрони корхонаҳои хизматрасонӣ мебошанд. Барои муайян кардани таъсири хатарҳои иқтисодӣ бояд таҳлили мунтазами онҳо дар асоси истифодаи усулҳои муосир гузаронида шавад, ки ин дар ниҳоят барои таҳияи механизми иқтисодии коҳиш додани он имкон медиҳад.

Дар асоси омӯзиши андешаҳои олимони гуногун, аз ҷониби мо муқаррар карда шуд, ки ду намуди таҳлили хатар вуҷуд дорад: миқдорӣ ва сифатӣ. Агар таҳлили сифатӣ барои муайян намудани омилҳо ва соҳаҳои потенсиалии хавф, муайян намудани намудҳои он имкон бахшад, пас таҳлили миқдорӣ арзёбии хавфро дар бар мегирад, ки имкон медиҳад, онҳо муқоиса карда шаванд [8,с.72].

Аз ҷониби мо муқаррар карда шуд, ки усули маъмултарини таҳлили самаранокии фаъолияти сохтори ташкилии идоракунии корхонаҳои хизматрасонӣ, таҳлили бозгашти хароҷот барои хизматрасонӣ мебошад, ки хароҷоти фаъолияти дастгоҳи маъмуриро дар

бар мегирад, ба истисноии маблағгузории асосӣ (харидани биноҳо, таҷҳизоти офис ва дигар маблағгузорӣ, ки бевосита бо таъмини фаъолияти системаи идоракунии корхона вобаста аст).

Омӯзиши вазъи бӯҳронӣ дар корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва шиносоӣ бо фаъолияти баъзе корхонаҳо нишон дод, ки корхонаҳои давлатӣ дар бахшҳои анъанавии хизматрасонӣ асосан ба далели истифодаи усулҳои кӯҳнаи идоракунӣ ва шаффофият надоштан ва истифодаи маблағҳои аз аҳолӣ ҷалбшуда ба бӯҳрон дучор шудаанд. Махсусан, механизми ҳозираи кори корхонаҳои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, рӯз то рӯз эътимоди мардумро ба сифати хизматрасонӣ аз даст дода, дар фаъолияти онҳо хусусияти бесарусомониро ба вуҷуд меоварад.

Ин корхонаҳо ба шароити нав мутобиқ шуда натавонистанд. Аммо бештари корхонаҳои навтаъсиси хизматрасонӣ, дар соҳаи расонидани намудҳои замонавии хизматрасонӣ бо сабаби зараровар будани фаъолияти онҳо, арзиши баланди истеҳсолӣ, кам будани маҳорати маркетингии роҳбарони корхонаҳо ба бӯҳрон дучор шуданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки аксари корхонаҳои навтаъсис аллакай дар марҳилаи воридшавӣ ба бозор ва дар марҳилаи камолот ба мушкилот дучор шудаанд. Ба чунин корхонаҳо, корхонаҳои консалтингӣ, сайёҳӣ ва хизматрасонӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Мутаассифона, танҳо 40-50%-и корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ тавонистаанд аз бӯҳрон рафъ карда, миқёси фаъолияти худро инкишоф диҳанд ва ин корхонаҳо нақшаи зиддибӯҳронии рушди бизнес доштанд. Дар аксар корхонаҳо шуъбаҳои рафъи бӯҳрон мавҷуд нестанд, танҳо кормандони ваколатдор ҳастанд. Ба фикри мо, дар шароити рақобати тезу тунд дар корхонаҳои соҳа низоми доимии идоракунии бӯҳрон ё дар шароити набудани захираҳои молиявӣ барои нигоҳ доштани чунин низом, шуъбаҳои муваққатии зиддибӯҳронӣ ташкил кардан лозим буд [9,с.265].

Мушкилоти дигар ин тайёр набудани роҳбарони корхонаҳо ба ташкили низоми идоракунии зиддибӯҳронӣ дар корхонаҳо аз сабаби набудани малакаҳои зарурӣ мебошад. Дар чунин шароит, ба назари мо, барои ташкили низоми идоракунии зиддибӯҳронии корхона, ҷалб намудани мушовирони хориҷӣ мақсаднок аст. Аммо дар корхонаҳои хурду миёна ҷалби чунин мутахассисон хеле гарон аст. Дар ин ҳолат, онҳо бояд ба кадрҳои дохилии худ такя кунанд [5,с.278].

Ҳамин тариқ, барои идоракунии корхона дар ҳолати бӯҳронӣ, доштани таҷрибаи хуби идоракунии зиддибӯҳронии корхонаҳо муҳим аст. Барои ба кадрҳои истеҳсолот гузарондани чунин таҷриба корхонаҳои калон метавонанд коргарони худро ба курсҳои такмили ихтисос фиристанд ва ё дар дохили корхона бо ҷалби мутахассисони дахлдор тренингҳо ташкил намоянд. Аз ин рӯ, таъмини рушди устувори корхонаҳо, пеш аз ҳама, бо қобилияти роҳбарон дар пешгирии фарорасии бӯҳрон, саривақт муайян кардани сатҳи бӯҳрон, андешидани чораҳои фаврии зиддибӯҳронӣ, кам кардани талафоти эҳтимолии идоракунӣ, кам кардани хавфи идоракунӣ, такмил додани маҳорати зиддибӯҳронии мутахассисон ва гайра алоқаманд аст [1,с.190].

Вобаста ба вазъи молиявии корхонаҳои хизматрасонӣ, тағйирот дар муҳити институтсионалии фаъолияти онҳо ва дигар нишондиҳандаҳое, ки фаъолияти корхонаро тавсиф мекунанд, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Таснифоти дараҷаи бӯҳрон**
**Table 1. Classification of crisis level**

| № | Дараҷаи муфлисшавӣ | Дараҷаи бӯҳрон | Хусусияти умумӣ | Роҳҳои баромадани корхона аз ҳолати бӯҳронӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | эҳтимолӣ | муътадил | бӯҳроне, ки барои фаъолияти корхона таъсири ночиз дар давраи кӯтоҳмуддат дорад ва ба осонӣ онро паси сар кардан мумкин аст | муътадилсозии фаъолияти молиявии ҷорӣ |
| 2. | баланд | вазнин | бӯҳроне, ки ба натиҷаҳои фаъолияти корхона таъсири назаррас мерасонад, аммо | коркард ва амалисозии тадбирҳои комплексӣ бо мақсади солимгардонии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | хусусияти миёнамуҳлат дорад | вазъи молиявии корхона |
| 3. | ниҳоят баланд | ҳалокатовар | бухроне, ки ба натиҷаҳои фаъолияти корхона таъсири таҳдидкунанда расонида, онро барои муфлисшавӣ водор месозад. | қабули чораҳои самаранок оид ба азнавсозии корхона ё барҳамдиҳии он |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф коркард карда шудааст.

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, вобаста ба вазъи молиявии корхонаҳои хизматрасонӣ ва эҳтимолияти бухрон онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум корхонаҳо ё соҳаҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд, ки вазъи бухрони муътадил арзёбӣ мешавад. Дар ин корхонаҳо на он қадар бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии корхона мушоҳида карда мешавад, ки барои муътадил гардондани он самаранок истифода бурдани иқтидори дохилӣ кифоя аст.

Барои гурӯҳи дуюми корхонаҳо, ки хусусияти бухрон вазнин арзёбӣ гардидааст, пешниҳод карда мешавад, ки маҷмуи тадбирҳои комплексӣ оид ба устуворгардонии вазъи молиявии корхона коркард ва амалӣ карда шаванд

Ба гурӯҳи сеюм корхонаҳое дохил мешаванд, ки вазъияти бухрон дар онҳо ҳалокатовар баҳо дода мешавад. Дар сурати ба амал омадани ин гуна бухрон дар корхонаҳо барои аз нав ташкил кардани корхона ё барҳам додани он чораҳо қабул кардан лозим аст.

**Расми 1. Модели ташхиси фаврии таҳдиди бухрон ба корхона**
**Figure 1. Model of immediate diagnosis of the threat of crisis to the enterprise**




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Аз ин рӯ, ҳар як корхона, новобаста аз марҳилаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ба бухрон осебпазир аст. Ин осебпазирӣ ба қобилияти рушди корхона таъсир мерасонад ва ба корхона мушкилоти амалиётӣ меорад, ки бояд бартараф карда шаванд. Бартараф кардани чунин бухронҳо бештар аз стратегияҳои тактикӣ барои ноил шудан ба ҳадафи ширкат вобаста аст. Аммо дар шароити Тоҷикистон таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо як қисми ками ширкатҳое, ки ба бухрон рӯбарӯ ҳастанд, метавонанд наҷот ёбанд.

Ба фикри мо, барои гурӯҳҳои якуми корхонаҳо модели доимии ташхиси фаврии таҳдиди муфлисшавӣ пешниҳод шудааст. Ин низом имкон медиҳад, ки аломатҳои бухрон

дар фаъолияти корхона саривақт муайян карда шуда, бад шудани вазъи молиявии корхонаро пешгирӣ намуда, ба тезутунд шудани буҳрон монеъ шавад. Фаъолияти ин модел дар шароити аввалин аломатҳои буҳрони муътадил зарур аст (ҷадвали 1).

Модели пешниҳодшудаи ташхиси фаврии бухрон дар корхонаҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти корхона мунтазам арзёбӣ карда шавад, эҳтимолияти буҳронро саривақт муайян карда ва барои бартараф кардани он чораҳо андешида шавад. Модели пешниҳодшударо бо амалияи тиббии муоинаи беморон бо шуоъҳои рентгенӣ муқоиса кардан мумкин аст, ки ин ба онҳо имкон медиҳад сабабҳои касалии одамро дар давраи аввали пайдоиши он муайян кунанд. Маҳз дар ҳамин раванд барои ҳалли буҳронҳо пеш аз шадид шудани онҳо чораҳо андешида мешаванд.

Низоми ташхиси фаврии таҳдиди буҳрон дар корхона омилҳоеро чен мекунад, ки ба буҳрони корхонаҳо осебпазиранд. Ба ин омилҳо дохил мешаванд: истеҳсолот, маркетинг, захираҳои инсонӣ, тадқиқот ва таҷрибаомӯзӣ, системаи молия ва идоракунии корхона. Ин низом имкон медиҳад, ки эҳтимоли буҳронро пешакӣ пешгӯӣ карда, аз муфлисшавӣ ва ё кам кардани зиёни ширкат аз оғози буҳрон, ба ҳадди ақал кам кардани хатари буҳрон ва идомаи тиҷорати шахсони аз буҳрон зарардида мусоидат намояд.

Бояд гуфт, ки дар амал роҳбарони корхонаҳо аксар вақт ба ҳодисаҳои буҳрони кӯтоҳмуддат эътибори зарурӣ намедиҳанд ва онҳоро ба таври ҷиддӣ қабул намекунанд, чунин мешуморанд, ки онҳо бо тағйироти омилҳои берунӣ алоқаманданд. Аммо, бояд гуфт, ки саривақт ташхиси таҳдиди буҳрон ҳатто дар шароити рушди устувори корхона, барои пешгирӣ намудани хар гуна тамоюлҳои манфии фаъолияти корхона мусоидат мекунад. Дар ҳолати буҳрони шадидтар ташхиси фаврӣ дигар кифоя нест ва бояд ташхиси ҳамаҷонибаи таҳдиди муфлисшавии корхона гузаронида шавад.

Барои корхонаҳое, ки дар вазъияти вазнини буҳронӣ қарор доранд, барои рафъи буҳрон тадбирҳои комплексие, ки ба эътидол овардани молиявии корхона нигаронида шудаанд, кор карда баромадан ва ба амал баровардан зарур аст. Маҳз пас аз ташхиси ҳамаҷонибаи таҳдиди муфлисшавии корхона ва муайян кардани омилҳои бадшавии фаъолияти молиявӣ зарур аст, ки усулҳои рафъи вазъи буҳронии корхона таҳия карда шаванд.

Тадбирҳое, ки ба муътадил гардондани молиявии корхона дар маҷмуъ нигаронида шудаанд, дар расми 2 нишон дода шудаанд.

**Расми 2. Тадбирҳои комплексӣ оид ба солимгардонии вазъи молиявии корхона**
**Figure 2. Complex measures to improve the company's financial situation**




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Ин маҷмуи чорабиниҳо бояд тадбирҳои бартараф кардани муфлисшавии корхонаҳо, барқарор намудани устувории молиявӣ ва таъмини устувории фаъолияти молиявиро дар муддати дароз дар бар гиранд. Пеш аз ҳама, ба ин гуна корхонаҳо лозим аст, ки барои барқарор намудани қобилияти пардохти корхона чораҳо дида баромада, усулҳои пардохти уҳдадориҳои таъхирнопазири молиявии худро ҷорӣ намоянд. Барои ин хароҷоти истеҳсолии корхона, шумораи коргарон ва ғайраро кам кардан лозим аст.

Тадбирҳои андешидашуда ба барқарор намудани қобилияти пардохтпазирии корхона ва таъмини фаъолияти муътадили онҳо барои ҳарчи зудтар ба ҳолати пештарааш (пешазбуҳронӣ) баргардонидани корхона равона карда мешаванд. Чунин корхонаҳо бояд хароҷоти худро барои фаъолиятҳое, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхона алоқаманд нестанд, кам кунанд.

Яке аз самтҳои асосии солимгардонии молиявии чунин корхонаҳо, ҷустуҷӯи захираҳои дохилии баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолот ва ноил шудан ба кори безарар тавассути истифодаи неруи кадрии корхона, баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии хизматрасониҳо мебошад. Бояд ба имконияти ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандон ва ҷалб намудани харидорони нав бештар диққат дода шавад.

Вазъияти фалокатовари корхонаҳои гурӯҳи сеюм дигар имкон намедиҳад, ки дар корхона муфлисшавӣ пешгирӣ карда шавад. Ягона илоҷи ин гуна корхонаҳо таҷдид ва ё тамоман барҳам додани он мебошад. Зеро, дар шакли пештара нигоҳ доштани корхонаҳо аллакай бесамар аст.

Таҷдид ё барҳам додани корхона метавонад бо усулҳои гуногун сурат гирад. Тадбири ниҳоӣ барои ин гуна корхонаҳо пурра ё қисман фурӯхтани корхона мебошад [1,с.192]. Аммо, ин гуна тадбир чораи охирин буда, аз кам будани таҷрибаи роҳбарии роҳбарони корхона шаҳодат медиҳад. Ҳалли беҳтар дар чунин шароит, тартиб додан ва амалӣ гардондани барномаи самарабахши зиддибуҳронист, ки маҷмуи тадбирҳои таҷдиди корхонаро ба шакли дигар ё барқарор намудани онро дар шакли нав ва дар шароити нав пешбинӣ менамояд. Тадбирҳое, ки дар ин марҳила андешида мешаванд, ҳам ченакҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ ва ё ченакҳои миқдорию сифатиро дар бар мегиранд. Сохтори ин тадбирҳо дар расми 3 нишон дода шудааст.

**Расми 3. Роҳҳои таҷдид ва ё барҳамдиҳии корхона**
**Figure 3. Ways to renew or liquidate the enterprise**




Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Тавре аз расми 3 дида мешавад, тадбирҳои идоракунии зиддибуҳронӣ оид ба таҷдиди корхона инҳоянд: тағйир додани миқёси корхона, бартараф кардани монеаҳо, тағйир додани самти корхона ё аз нав сохтани корхона ва ғайра.

Тағйир додани миқёси корхона ҳам бо афзоиши миқёси истеҳсолот ва ҳам бо кам шудани миқёси он имконпазир аст. Афзоиши миқёси корхонаҳои ба назар гирифташаванда бояд бо роҳи якҷоя ва ҳамроҳ шудани корхона бо дигар корхонаҳои муваффақ ба амал бароварда шавад.

Кам кардани миқёси корхонаро ҳамчун навъи алоҳидаи таҷдид бо роҳи тақсим кардани корхона ба воҳидҳои алоҳидаи аз ҷиҳати молиявӣ ё корхонаҳои хурди алоҳида, бо роҳи фурӯхтани молу мулки корхона, кам кардани сармояи саҳомӣ, ба иҷора додани амвол ба амал баровардан мумкин аст.

Бо усулҳои анъанавӣ кам кардани миқёси корхона, инчунин, маънои кам кардани хароҷот аз ҳисоби кам кардани шумораи коргарон, ба иҷора додани як қисми биноҳои корхонаро дорад. Ҳамаи ин тадбирҳо имконият медиҳанд, ки даромаднокии истеҳсолот аз ҳисоби кам кардани арзиши аслии маҳсулот бе тағйироти сифатӣ зиёд карда шавад.

Навъи дуюм - бартараф намудани монеаҳо дар фаъолияти корхонаҳо омили муҳим дар идоракунии зиддибуҳронии корхонаи соҳаи хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад, махсусан дар шароите, ки мушкилоти молиявии корхонаҳо хусусияти муваққатӣ доранд. Бартараф кардани монеаҳо тадбири анъанавии идоракунӣ мебошад, ки барои барқарор намудани кори муътадили корхона, камаш ба муддати муайян шароит фароҳам меоварад.

Навъи сеюм - таҷдид ин равиши таҳаввулотии тағйир додани фаъолияти корхона мебошад. Таҳаввулоти фаъолияти корхона раванди тадриҷан тағйир ёфтани фаъолияти корхонаро аз ҳолати буҳронӣ ба ҳолати дигар дар назар дорад. Тағйироти тадриҷан дар фаъолияти корхона ба туфайли фаъолияти эҷодии кормандон имконпазир аст, на бо дахолати фаъоли роҳбарон. Таҳаввулоти корхона, чун қоида, дар корхонаҳои хурд, махсусан дар марҳилаҳои аввали фаъолияти онҳо, вақте ки кормандони ширкат ғояҳои нави амалинашуда доранд, воқеитар аст.

Аз се намуди дар боло зикршуда таҷдиди корхона ҷолиб аст, зеро он сармоягузории калонро талаб намекунад. Он аксар вақт бо захираҳои мавҷуда амалӣ карда мешавад, гарчанде ки баъзан баъзе сармоягузорӣ талаб карда мешавад.

Навъи чорум - тағйирот дар сохтори истеҳсолот. Тағйир додани сохтори истеҳсолии корхона бо ду роҳ имконпазир аст. Усули якум тағйироти самти сохтори истеҳсолот бо иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ бе ҷорӣ намудани технологияҳои нав мебошад. Усули дуюм - тағйир додани сохтори истеҳсолот бо ҷорӣ намудани технологияҳои нав.

Дар сурати аввал, ҳангоми тағйир додани сохтори истеҳсолот бо иқтидорҳо ва технологияҳои мавҷуда тадбирҳо андешидан лозим аст, ки фаъолияти корхона беҳтар карда, самтҳои мувофиқи фаъолияти он муайян карда шаванд. Бояд гуфт, ки таҷдиди фаъолияти корхона тадқиқоти васеи маркетингӣ, такмили сохтори ташкилӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунандаро талаб мекунад. Ғайр аз ин дар сохтори корхона, шуъбаи махсуси маркетинг ташкил кардан лозим аст, ки ба навъу сифати маҳсулот ва ба бозор самарабахш тақсим кардани маҳсулот таъсир расонад.

Дар мавриди дуюм, барои азнавташкилдиҳии корхонаҳои муфлисшуда, иқтидори истеҳсолиро бо ҷалби технологияи нав ба куллӣ тағйир додан лозим аст. Чунин таҷдид маблағҳои калон, карорҳои ҷиддии ташкилию идоракунӣ, аз нав дида баромадани сиёсати кадриро дар корхона талаб мекунад. Барои муайян кардани имконоти самарабахши тағйир додани истеҳсолот як қатор лоиҳаҳои гуногунро тартиб додан ва баҳо додан лозим аст.

Навъи панҷум – таъмини рушди корхона бо ҷалби сармояи хориҷӣ ё маблағҳои қарзӣ. Ҷалби маблағҳои қарзӣ барои идомаи фаъолияти корхона дар шароити буҳрон имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда дар фаъолияти корхона бартараф карда шаванд. Агарчи дар муддати кӯтоҳ фаъолияти корхона зараровар бошад ҳам, тадриҷан тағйир додани навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, ба шароити нав мутобиқ шудани фаъолияти корхона имкон медиҳад, ки чунин корхонаҳо дар муддати дароз нигоҳ дошта шаванд.

Дар чунин шароит таъмини рушди корхона хеле мушкил аст, ки амалиёти ҳамоҳангшудаи шуъбаҳо ва кормандони корхонаро бо ҷалби машваратчиёни (коршиносони) берунӣ талаб мекунад. Барои ба шароити тағйирёбанда мутобиқ кардани фаъолияти корхона чораҳои дахлдор дидан лозим аст.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқ зарурати таъсиси системаи идоракунии зиддибуҳрониро дар ҳар як корхона, сарфи назар аз миқёси истеҳсолот ва соҳаи фаъолият нишон доданд.

Маълум аст, ки иқтисоди Тоҷикистон дар баробари буҳронҳои беруна, ҷаҳонӣ ва минтақавӣ осебпазир аст. Чунин осебпазирӣ ташаккул ва такмил додани низоми самараноки идоракунии корхонаро талаб мекунад, ки ба коҳиш ё рафъи оқибатҳои манфии буҳрон дар сохторҳои ташкилии корхона нигаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои хизматрасонӣ шумораи зиёди субъектҳои соҳибкориро ташкил медиҳанд ва онҳо тақрибан 40,8% ММД-и кишварро ташкил медиҳанд. Барои нигоҳ доштани тамоюли афзоиши ҳаҷми хизматрасонӣ дар сохтори ММД, таҳияи модели самараноки идоракунии зиддибуҳронӣ дар ҳама гуна корхонаҳои саноатӣ хеле муҳим аст. Ин ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки бе бадшавии устувории молиявии корхона ба тағйирот дар муҳити тиҷорат сари вақт вокуниш нишон диҳанд, дар бораи тағйирёбии шароити бозор ва идоракунии буҳрон маълумоти зарурӣ дошта бошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**


**АДАБИЁТ**

1. Аистова М.Д. Реструктуризация предприятий: вопросы управления. Стратегии, координация структурных параметров, снижение сопротивления преобразованиям / М.Д. Аистова. -М.: Альпина Паблишер, 2009. -287 с.
2. Астахов В.П. Анализ финансовой устойчивостью фирмы и процедуры, связанные с банкротством / В.П. Астахов. -М.:КНОРУС, 2005.
3. Базаров Т.Ю. Управление персоналом / Т.Ю. Базаров, Б.Л. Еремин. -Юнити, 2007.
4. Белых Л.П. Реструктуризация предприятия: учеб. пособие для вузов / Л.П. Белых, М.А. Федотова. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. -399 с.
5. Дягель О.Ю. Формирование механизма антикризисного управления развитием предприятий сферы услуг: теоретико-методологический аспект// Теория и практика общественного развития. – 2012. -№11. -С.276-281.
6. Ендовицкий, Д.А. Генезис финансового менеджмента и его содержание на современном этапе развития экономики / Д.А. Ендовицкий // Экономический анализ: теория и практика. – 2010. -№30(195). -С.2-9.
7. Каримова Т.Х. Антикризисное управление предприятием: адаптация к изменившимся условиям функционирования / Т.Х. Каримова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2013. -№2/4(114). -часть 2. -С.127-132.
8. Каримова Т.Х. Проблемы формирования цепочки долгов и управление финансовым состоянием предприятий сферы услуг в Республике Таджикистан / Т.Х. Каримова, Б.М. Джумъаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2017. -№2/1. -С.70-74.
9. Каримова Т.Х. Пути улучшения финансового состояния промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях антикризисного менеджмента / Т.Х. Каримова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2014. -№2/10(152). -С.262-266.
10. Кистерева, Е.В. Финансовые коэффициенты при финансовом оздоровлении и банкротстве [Текст] / Е.В. Кистерева // Финансовый менеджмент. -М., 2008. -№4. -С.32-41.
11. Кузнецова О. Особенности регулирования банкротства Китая / О. Кузнецова, Т. Раждаева // Успехи современного естествознания. -М., 2012. -№4. -С.111-112.
12. Неверов А. Роль реорганизации в превентивном антикризисном управлении предприятием [Текст] / А. Неверов // Проблемы теории и практики управления. - 2009. -№9. -С.116-120.
13. Пять важных подходов к осуществлению реструктуризации [Текст] / К. Кордон [и др.] // Маркетинг. - 1999. -№3. -С.75-82.
14. Сулаймонов Б.А. Реструктуризация предприятий на современном этапе / Б.А. Сулаймонов // Молодой ученый. -2016. -№10. -С.894-896.
15. Умаров Х.У. Кризис в Таджикистане. Глубина действия. Формы проявления. Пути преодоления / Х.У. Умаров. -Душанбе: Ирфон, 2010. -С.204-206.



**ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ЗИДДИБУҲРОНИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ**

Дар мақола вазъи молиявии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, роҳҳои баромадан аз ҳолатҳои буҳронӣ дар асоси таҳияи стратегияи самараноки идоракунӣ пешниҳод карда шудаанд. Зарур шуморида шудааст, ки фаъолияти корхонаи соҳаи хизматрасонӣ давра ба давра мавриди тафтиш қарор дода шуда, қафомонии фаъолияти он аз нақшаи пешкашкунии хизмат саривақт ошкор карда шавад. Дар мақола ҳамчунин, нишондиҳандаҳои сохтори рушди бозори хизматрасонии мамлакат ва нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои бахши хизматрасонӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст. Барои рафъи вазъияти буҳронӣ, модели амалии идоракунии равандҳои буҳронӣ дар корхонаҳо пешниҳод карда шудаст. Муайян карда шуд, ки таъмини рушди устувори корхонаҳо, пеш аз ҳама, бо қобилияти роҳбарон барои пешгирии идоракунии буҳрон, саривақт муайян кардани андозаи буҳрон, андешидани чораҳои фаврии зиддибуҳронӣ, кам кардани талафоти эҳтимолӣ, ба ҳадди ақал расонидани хавфи муфлисшавӣ,

такмил додани низоми идоракунии кадрҳо алоқаманд аст. Дар мақола аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши андешаҳои олимони гуногун, усулҳои миқдорӣ ва сифати арзёбии хатар ошкор карда шудааст. Истифодаи усулҳои куҳнаи анъанавии идоракунӣ ва сатҳи пасти шаффофият дар истифодаи маблағҳои ҷалбшуда сабаби асосии ба буҳрон дучор шудани корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ба шумор меравад. Аз ҷониби муаллиф гурӯҳбандии корхонаҳо вобаста ба вазъи молиявиашон ба роҳ монда шудааст.

**Калидвожаҳо**: идоракунии зиддибуҳронӣ, корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, муфлисшавӣ, хатар, вазъи буҳронӣ, модели ташхиси фаврии таҳдиди муфлисшавӣ, тадбирҳои комплексӣ, таҷдиди корхона.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА АНТИКРИЗИСНОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯМИ СФЕРЫ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье исследуется финансовое положение предприятий сферы услуг и на основе разработки эффективной стратегии управления предлагаются пути выхода из кризисных ситуаций. Считается необходимым, чтобы деятельность предприятия в сфере услуг периодически проверялась и своевременно выявлялось отставание его деятельности от плана оказания услуг. Также в статье оцениваются структурные показатели развития рынка услуг страны и экономические показатели предприятий сферы услуг. Предложена практическая модель управления кризисными процессами на предприятиях для разрешения кризисных ситуаций. Определено, что обеспечение устойчивого развития предприятий в первую очередь связано со способностью менеджеров предотвращать кризисные ситуации, оперативно определять масштабы кризиса, принимать оперативные антикризисные меры, снижать возможные потери, минимизировать риск возникновения кризисных ситуаций, банкротства, а также усовершенствовать систему управления персоналом. В статье, на основе изучения мнений различных ученых, автором раскрыты количественные и качественные методы оценки риска. Использование старых традиционных методов управления и низкий уровень прозрачности использования привлекаемых средств являются основными причинами кризиса предприятий сферы услуг. Автор классифицировал предприятия по их финансовому положению.

**Ключевые слова:** антикризисное управление, предприятия сферы услуг, банкротство, риск, кризисная ситуация, модель экспресс-диагностики угрозы кризиса, комплекс мероприятий, реконструкция предприятия.

## IMPROVEMENT THE MECHANISM OF CRISIS MANAGEMENT OF SERVICE ENTERPRISES IN A MARKET ECONOMY

The article examines the financial situation of service enterprises and, based on the development of an effective management strategy, suggests ways out of crisis situations. It is considered necessary that the activities of the enterprise in the service sector are periodically checked, and the backlog of its activities from the plan for the provision of services is detected in a timely manner. The article also evaluates the structural indicators of the development of the country's service market and the economic indicators of service enterprises. A practical model for managing crisis processes at enterprises for resolving crisis situations is proposed. It has been determined that ensuring the sustainable development of enterprises is primarily associated with the ability of managers to prevent crises, quickly determine the extent of the crisis, take prompt anti-crisis measures, reduce possible losses, minimize the risk of crises, bankruptcy, and improve the personnel management system. In the article, based on the study of the opinions of various scientists, the author discloses quantitative and qualitative methods of risk assessment. The use of old traditional management methods and the low level of transparency in the use of attracted funds are the main reasons for the crisis of service enterprises. The author classified enterprises according to their financial position.

**Keywords**: crisis management, service enterprises, bankruptcy, risk, crisis situation, crisis threat rapid diagnosis model, set of measures, enterprise reconstruction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримова Тахмина Ҳабибуллоевна*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 987-19-86-22**. E-mail: **takhmina1983@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каримова Тахмина Хабибуллоевна*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, заведующая кафедрой менеджмента. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **(+992) 987198622.** E-mail: **takhmina1983@mail.ru**

**Information about the author:** ***Karimova Tahmina Khabibulloevna*** **-** International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Management. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5. Phone: **(+992) 987198622.** E-mail: **takhmina1983@mail.ru**

ТДУ: 338.46

# ОМИЛҲОИ МУҲИММИ МУАССИР ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА САМАРНОКИИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Усмонзода Ф.Б.*
**Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш 1 сентябри соли 2023 пас аз кушодашавии бинои навбунёди Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара бори дигар таъкид доштанд, «…илму дониш аз замонҳои хеле қадим то даврони мо неруи асосӣ ва воситаи пешбарандаи ҳар як ҷомеа, аз ҷумла Тоҷикистони мо ба ҳисоб меравад» [14]. Роҳбари давлат бо эҳтиром изҳор доштанд «…ки маҳз тавассути рушди босуботи соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон мо тавонистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем» [14].

Бо истиқрори сулҳу ваҳдат дар кишвари мо, дар натиҷаи кӯшишҳои беназири Пешвои муаззами миллат дар ҷумҳурӣ шароити мусоид барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ муҳайё гардид. Махсусан, соҳаи маориф ҳама вақт зери назари хоси роҳбари давлат қарор дорад ва яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар шинохта шудааст, зеро бунёди ҷомеаи солиму рушдёфта маҳз тавассути ташаккул додани илму маорифи пешрафта, ба роҳ мондани таълиму тарбияи мақсадноки ба арзишҳои миллӣ асосёфта, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон, муҳайё кардани шароити муосири таълим, яъне бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани имкон дошта метавонад.

Яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди устувори соҳаи маориф ва муҳайё намудани шароит барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот таъмини маблағгузории соҳа ва афзоиши мутақобили он мебошад. Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаи калидиро сол ба сол зиёд карда истодааст.

Таҳлили маблағгузории соҳаи маориф дар панҷ соли охир дар умум нишон медиҳад, ки рушди ҳамасолаи маблағгузорӣ ва вобастагии он аз Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) дар сатҳи тавсиявии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 боқӣ мондааст (расми 1). Тибқи стратегияи мазкур, вобаста ба сенарияҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳиссаи маблағгузории соҳаи маориф вобаста ба ММД аз 5,5 то 7% пешбинӣ шудааст.

**Расми 1. Афзоиши маблағгузори соҳаи маориф вобаста ба ММД ва буҷети давлатӣ**
**Figure 1. The increase in funding of the education sector in relation to the GDP and the state budget**




Солҳои 2017-2022 маълумоти ҳақиқӣ. Соли 2023-маълумоти нақшавӣ. Тибқи маълумоти ВМИҶТ сохта шудааст.

Агар ба сохтори буҷети соҳа вобаста ба сарчашмаи ташаккули он назар кунем, мебинем, ки дар соли 2023 77%-и онро маблағҳои буҷетӣ ташкил медиҳад, ки он нисбат ба соли 2022 3% зиёд буда, нисбат ба соли 2021 1% кам мебошад. Маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ дар соли 2020 7%, соли 2021 5% ва солҳои 2022 ва 2023 8%-и буҷети соҳаро ташкил медиҳад. Дар соли 2023 якбора 3% камшавии ҳиссаи маблағҳои Барномаи сармоягузории давлатӣ нисбат ба солҳои пешин ба нақша гирифта шудааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тағийрёбии сохтори буҷети соҳаи маориф дар давоми солҳои 2020-2023**
**Table 1. Changes in the structure of the education budget during 2020-2023**

| Солҳо | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сохтори буҷети маориф | Бо млн. сомонӣ | Бо фоиз | Бо млн. сомонӣ | Бо фоиз | Бо млн. сомонӣ | Бо фоиз | Бо млн. сомонӣ | Бо фоиз |
| Маблағҳои буҷетӣ | 3733 | 74,6 | 4664 | 77,7 | 4664 | 74 | 5552 | 77,0 |
| Маблағҳои махсус | 375 | 7,5 | 319 | 5,3 | 513 | 8,1 | 560 | 7,8 |
| Барномаи сармоягузории давлатӣ | 897 | 17,9 | 1017 | 17 | 1127 | 17,9 | 1098 | 15,2 |
| Ҳамагӣ | 5005 | 100 | 6000 | 100 | 6304 | 100 | 7210 | 100 |

Тибқи маълумоти ВМИҶТ сохта шудааст.

Бо назардошти кам шудани шумораи донишҷӯён дар гурӯҳҳои шартномавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва паст шудани арзиши таҳсил эҳтимоли дар солҳои минбаъда кам шудани ҳиссаи маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ дар буҷети соҳа вуҷуд дорад. Бо назардошти муҳиммияти маблағҳои махсус дар рушди муассисаҳои таълимӣ, махсусан ҳавасманд намудани омӯзгорон, камшавии он бояд аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ, аз ҷумла аз кушодани курсҳои кӯтоҳмуддат, ихтисосҳои ба қавле «бозоргир», ба таври амалӣ фаъол намудани паркҳои технологӣ ва бо ҷалби грантҳои байналмилалӣ ҷуброн карда шавад.

Агар ба афзоиши маблағгузорӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот назар кунем, дар панҷ соли охир (2019-2023) афзоиши маблағгузории соҳаи маориф ба ҳисоби миёна ба 13,4%, дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ба 15%, таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 10,2%, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба 8,2%, таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 16,8%, ва таҳсилоти олии касбӣ ба 13,6% баробар мебошад.

**Расми 2. Афзоиши маблағгузории вобаста ба зинаҳои таҳсилот**
**Figure 2. Increase in funding depending on the levels of education**




Тибқи маълумоти ВМИҶТ тартиб дода шудааст.

Аз расми 2 бармеояд, ки афзоиши бештари маблағгузорӣ дар панҷ соли охир ба таҳсилоти миёнаи касбӣ рост меояд. Махсусан, дар давоми солҳои 2019, 2020, 2021 буҷети муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мувофиқан 21%, 26% ва 17% афзоиш ёфтааст, ки ин аз афзоиши миёнаи соҳа (13,3%) қариб ду барорбар зиёд мебошад.

Афзоиши маблағгузории ба 1 таълимгиранда низ гуфтаи мазкурро тасдиқ мекунад (ҷадвали 2). Аз ҷадвал бармеояд, ки дар панҷ соли охир афзоиши маблағгузорӣ бештар ба зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (81%), сипас ба таҳсилоти томактабӣ (61%) ва олии касбӣ (60%) рост меояд. Ба зинаи таҳсилоти умумӣ, ки зинаи муҳимтарини маориф маҳсуб мешавад, ҳамагӣ 23% афзоиш дар панҷ сол рост меояд (афзоиши солона 4,6%). Албатта, як сабаби ин кам шудани шумораи таълимгирандагон дар зинаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва афзоши бесобиқаи шумораи хонандагон дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Новобаста ба ин, афзоиши солонаи 4-5%-и буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 17-26%-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муқоисанашавандаанд. Ин масъала бояд ҳангоми банақшагирии буҷет дар солҳои оянда мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

**Ҷадвали 2. Афзоиши маблағгузории зинаҳои таҳсилот вобаста ба як таълимгиранда***
**Table 2. Increase in funding of education levels depending on one learner**

| Зинаҳои таҳсилот | Хароҷот ба 1 нафар таълимгиранда, бо сомонӣ | | | | | 2022 нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Таҳсилоти томактабӣ | 2594 | 2755 | 2934 | 3922 | 4169 | 1,61 |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1225 | 1318 | 1196 | 1413 | 1512 | 1,23 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 2631 | 2978 | 3432 | 3880 | 4075 | 1,55 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 1835 | 2057 | 2527 | 2801 | 3329 | 1,81 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 3 157 | 3478 | 3443 | 4169 | 5046 | 1,60 |

Тибқи маълумоти ВМИҶТ омода карда шудааст.

Дар ҷадвали 2 маблағгузории сарикасӣ ба таври умумӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот оварда шудааст. Агар маблағгузории мазкур вобаста ба ҳар муассиса, махсусан муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таҳлил шавад, фарқияти бештар маълум мешавад, ки ба хусусиятҳои шаклҳои амалкунандаи банақшагирии буҷет вобастагӣ доранд.

Таҳлили маблағгузории соҳа нишон медиҳад, ки он ба иқтидори молиявии кишвар баробар мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии он зарур аст, ки роҳҳои банақшагирӣ, истифодабарӣ ва назорати дастрасӣ ба ҳадафҳо беҳтар карда шуда, сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба ғайр аз буҷет дарёфт ва ҷалб карда шаванд.

Омили дигаре, ки ба рушди соҳа, махсусан таъмини сифати таҳсилот таъсир мерасонад, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибихтисос мебошад. Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст, дар зинаи таҳсилоти томактабӣ дар соли 2019 ба ҳисоби миёна 51% кормандон дорои таҳсилоти омӯзгорӣ мебошанд. Аз онҳо мураббияҳои калон – 55,6%, омӯзгорон – 61,2% ва мураббияҳо – 49,5%-ро ташкил медиҳанд. Шумораи умумии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2010-2018 30,8% зиёд шуда, дар соли таҳсили 2019-2020 124593 нафарро ташкил додааст. Аз шумораи умумии омӯзгорон 92224 нафар ё худ 74% дорои таҳсилоти олӣ мебошанд. Бо вуҷуди афзоиши ҳайати умумии омӯзгорон таносуби шумораи хонандагон ба ҳар як омӯзгор низ афзоиш ёфтааст (аз 16,7 нафар дар соли 2010 то 17 нафар дар соли 2019). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки талабот ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ нисбат ба пешниҳод хеле баланд аст [12, б. 65 ва 110].

Тибқи маълумоти Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 126354 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2019 1761 нафар зиёд мебошад. Аз ин шумора 76,2% (96276 нафар) дорои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд, 4,7% таҳсилоти олии нопурра доранд, 5% таҳсилоти миёнаи касбӣ, 12,1% таҳсилоти миёнаи касбии педагогӣ ва 1,9%

дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳастанд. Аз шумораи умумии шахсоне, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ҳастанд, 9984 нафар дорои таҳсилоти олии ғайриомӯзгорӣ мебошанд. Шумораи омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи касбии ғайриомӯзгорӣ 6286 нафарро ташкил медиҳад. Албатта, ин омилҳо ба сифати таҳсилот бе таъсир намемонад.

Бесабаб нест, ки Роҳбари давлат, Пешвои муаззами миллат дар дар идомаи суханрониашон дар Рӯзи дониш 1 сентябри соли 2023 ба омӯзгорон муроҷиат намуда, изҳор доштанд: «Ман ба ҳар яки шумо, ки рисолати муқаддасу бузурги таълиму тарбияи наслҳои ояндасозро ба дӯш доред, муроҷиат карда, такроран таъкид менамоям, ки дар кадом зинаи таҳсилот фаъолият дошта бошед, дар навбати аввал, ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти худ эътибори доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоед. Нисбат ба худ ва шогирдонатон серталаб бошед, фаромӯш накунед, ки агар шумо шогирдони худро мутобиқ ба талаботи замонаи пешрафт таълиму тарбия надиҳед, сифати таълиму тарбияро баланд набардоред ва дар ин кори ниҳоят муҳим саҳлангорӣ намоед, бароиояндаи миллат, ҷомеа ва давлат мушкилот эҷод мекунед» [14].

Ин аст рисолати омӯзгор, масъулияти баланди инсонофарӣ-доимо дар талоши дониш, баланд бардоштани касбият будан, дар сафи аввали ҷамъият қарор доштан ва бо талаботи ҷаҳони муосир тарбия ва раҳнамоӣ намудани шогирдон, то насли наврас дар ҷаҳони муосир роҳгум назанад ва бо дилу дидаи равшан ва малакаву дониши пурра аз техникаву технологияҳои муосир ба сӯи фардои дурахшон устуворона қадам занад.

Низоми имрӯзаи маорифи ҷумҳурӣ ҳамаи имкониятҳоро барои баланд бардоштани касбият – соҳиби таҳсилоти миёна ва олии касбӣ шудан, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштан, муҳайё намудааст. Аз ҳама муҳим бо баланд шудани касбият музди меҳнат низ баланд мешавад. Гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос бошад, имконият медиҳад, ки омӯзгор соҳиби дараҷаи тахассусии баландтар шавад, ки ин низ ба баландшавии музди меҳнати омӯзгор ва мақоми омӯзгор дар ҷамъият таъсири мусбат мерасонад.

Тибқи моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “мазмуни мақоми омӯзгор вобаста ба хусусиятҳои касбӣ маҷмуи омилҳои зеринро, ки мақоми омӯзгорро дар ҷамъият муайян менамоянд, дар бар мегирад:

– қадру қимати касби омӯзгорӣ;

– талабот ба меъёрҳои тайёрии касбӣ ва маҳсули меҳнати омӯзгор;

– дараҷаи эътироф ва дастгирии омӯзгор аз тарафи давлат;

– ҳурмату эҳтироми омӯзгор дар ҷамъият, муассисаи таълимӣ, оила ва байни таълимгирандагон;

– шароити таъминоти моддии омӯзгор;

– ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии омӯзгор”[7].

Чи хеле ки мебинем, қонунгузор низ мақоми омӯзгорро ба тайёрии касбии омӯзгор ва натиҷаи маҳсулоти меҳнати омӯзгор, ки аз он мавқеъ ва эҳтиромаш дар ҷамъият пайдо мешавад, вобаста медонад.

Нисбат ба “шароити таъминоти моддии омӯзгор” ва “ҳолати ҳифзи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии омӯзгор” бояд қайд намуд, ки тибқи моддаи 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” барои омӯзгорон 16 намуд имтиёз пешбинӣ шудааст.

Таҳлили моддаи мазкур нишон медиҳад, ки асосан механизми пешниҳоди имтиёзҳо муайян аст. Танҳо тартиби амалишавии се имтиёз - “Аз хизматрасонии коммуналӣ ройгон ё имтиёзнок истифода баранд”, “Ба омӯзгорони муассисаҳои таьлимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағи ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки барои омӯзгор қобили қабул муқаррар карда мешаванд”, ва “Омӯзгороне, ки бемории музмин доранд, баъди на камтар аз ҳар 10 соли кори муттасили омӯзгорӣ ба рухсатии дарозмуддати то яксолаи пардохтшаванда ҳуқуқ доранд” таҳия ва тасдиқ нашудаанд [7]. Амалишавии ин се имтиёз, ки ба аҳволи молиявӣ ва саломатии омӯзгор бевосита дахл доранд, метавонад омили хуби ҳавасмандии омӯзгор гардад.

Бояд қайд намуд, ки Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар асоси нақшаҳои миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023, 2024-2026 ва 2027-2030 татбиқ мегардад. Соли ҷорӣ Нақшаҳои миёнамуҳлати амал

барои солҳои 2021-2023 ба анҷом мерасад ва алҳол аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф ва гурӯҳҳои корӣ лоиҳаи нақшаҳои миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023 омода шуда истодааст. Бо назардошти таҳлили овардашуда, таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафиа ва рӯбатарққӣ пешниҳод менамоем, ки имконияти ворид намудани бандҳои алоҳидаи пешниҳоди зер ба нақшаи мазкур омӯхта шавад:

- механизмҳои маблағгузории муосир – маблағгузории сарикасӣ, меъёрӣ, лоиҳавӣ, грантӣ махсусан барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷорӣ карда шаванд. Ҷалби грантҳои давлатӣ ва аз фондҳои гуногуни байналмилалӣ бояд як сарчашмаи устувори таъмини хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад;

- механизми маблағгузорӣ бояд муассисаҳои таълимиро ҷиҳати сарфаи маблағҳо, самаранок истифода бурдани басти вазифаҳо, ихтисор намудани онҳо ҳавасманд намояд;

- ҷиҳати ҳавасманд намудани омӯзгорон барои фаъолияти муназзам ва бетанаффус иловапулӣ барои собиқаи корӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (моддаи 54 банди 3) оварда шудааст, вале дар амал истифода намешавад, ҷорӣ карда шавад;

-механизми амалӣ намудани имтиёзҳое, ки тартиби пешниҳод ва сарчашмаи маблағгузории он муайян карда нашудааст, омода карда шуда ба таври дахлдор тасдиқ гардад;

-масъалаи сертификатсиякунонии омӯзгорон баррасӣ ва ҷорӣ карда шавад. Ин таҷриба дар давлатҳои гуногун- Армения, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон амалӣ карда шудааст. Омӯзгороне, ки соҳиби сертификатҳои миллӣ ё байналмилалӣ мешаванд0 метавонанд аз 30 то 50% иловапулӣ ба музди меҳнаташон гиранд. Масалан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон чунин сертификатҳои байналмилалии забономӯзӣ ҳамчун TOEFL, IELTS Academic (барои забони англисӣ), TestDaF (барои забони олмонӣ) эътироф шуда, аз сертификатҳои миллӣ дида, бештар иловапулӣ пардохт карда мешаванд;

-барои омӯзгорони ҷавоне, ки нав ба омӯзгорӣ оғоз мекунанд аз ҳисоби омӯзгорони собиқадори дорои тахассуси олӣ устод (куратор, наставник) муайян карда шуда, барои ӯ иловапулӣ (ё соати иловагӣ) муайян карда шавад;

- бо назардошти зарурати иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ пешниҳод карда мешавад, ки омӯзгор пас аз додани дарсҳояш озод бошад (яъне зарурати то охири рӯзи корӣ дар мактаб будани омӯзгор шарт нест), вале дар давоми ҳафта 2-3 соат ба корҳои ҷамъиятӣ машғул шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Астратова Г.В. Современные тенденции развития рынка услуг высшего образования // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ». – 2016. -Том 8. -№4. [Электронный ресурс]. URL: http://naukovedenie.ru/PDF/95EVN416.pdf (доступ свободный). Загл. с экрана. Яз. рус., англ.
2. Зарплата учителя в Польше, работа в школе (polshainfo.com).
3. Какие существуют доплаты и надбавки для школьных учителей? -Таълим / Образование (idum.uz).
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №350 «Дар бораи марҳилаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ».
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2007, №505 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»).
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, №626 «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Точикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023».
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф».
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ».
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ».
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 23 декабри соли 2022.
11. Сколько зарабатывают учителя в разных странах. Как работают и сколько получают учителя в разных странах мира. Как видят учителя в разных странах (abalvlup.ru).
12. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526).
13. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ карда шудааст).
14. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш, 01.09.2023, ноҳияи Данғара. http://prezident.tj/node/31416.

15. The Transformation of Higher Education Systems in Six Post-Soviet Countries: Causes and Consequences of Organizational Change Andrey V. Rezaev Professor and Chair of Comparative Sociology, St. Petersburg State University, Russia rezaev@hotmail.com Valentin S. Starikov Research Fellow, International Research Laboratory “Transnationalism and Migration Processes”, St. Petersburg State University, Russia starikov.valentin@gmail.com. Comparative sociology 16 (2017).
16. https://eduregion.ru/k-zhurnal/lgoty-uchitelyam-chto-polozheno-i-kak-poluchit/?ysclid=ljq21b98tc399435529.

## ОМИЛҲОИ МУҲИММИ МУАССИР ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА САМАРНОКИИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола оид ба роҳҳои баланд бардоштани самаранокии маблағгузории соҳаи маориф ва роҳҳои беҳтар намудани мавқеи омӯзгор ва ҳифзи иҷтимоии омӯзгор сухан меравад. Таъкид мегардад, ки дар шароити муосир роҳҳои беҳтар истифода бурдании маблағҳои ҷудогардида бояд пайдо карда шавад. Ҳамзамон, механизмҳои амалӣ кардани имтиёзҳое, ки дар қонунгузорӣ омадаанд, бояд коркард карда шавад.

**Калидвожаҳо**: маориф, маблағгузорӣ, музди меҳнат, омӯзгор, ҳифзи иҷтимоии омӯзгор.

## ВАЖНЫЕ СОВРЕМЕННЫЕ ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ И ЭФФЕКТИВНОСТИ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье говорится о путях повышения эффективности финансирования сектора образования, а также путях повышения статуса учителя и социальной защиты учителей. Подчеркивается, что в современных условиях необходимо найти более эффективные механизмы использования выделяемых средств. При этом должны быть проработаны механизмы реализации льгот, предусмотренных законодательством.

**Ключевые слова**: образование, финансирование, заработная плата, учитель, социальная защита учителя.

## IMPORTANT MODERN FACTORS IN IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION AND EFFICIENCY OF THE EDUCATION SECTOR IN MODERN CONDITIONS

The article talks about ways to improve the efficiency of financing the education sector and ways to improve the status of teachers and social protection of teachers. It is emphasized that in modern conditions it is necessary to find more effective mechanisms for the use of allocated funds. At the same time, mechanisms for the implementation of benefits provided for by law should be worked out.

**Keywords**: education, financing, salary, teacher, teacher's social protection.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Усмонзода Фатҳиддин Бадриддин*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии сохтмон. **Суроға**: 734042, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10. Телефон: **(+992) 905000983**. E-mail: **fathiddinismonov@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Усмонзода Фатхиддин Бадриддин*** – Таджикиский технический университет имени академика М.Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления строительством. **Адрес**: 734042, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект академиков Раджабова, 10. Телефон: **(+992) 905000983**. E-mail: **fathiddinismonov@mail.ru**

**Information about the author**: ***Usmonzoda Fathiddin Badriddin*** – Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economics and Construction Management. **Address**: 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov Avenue, 10. Phone: **(+992) 905000983**. E-mail: **fathiddinismonov@mail.ru**

ТДУ: 336.02

# МАҚОМИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАВАРРУМ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

*Хушвахтов Д.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди минтақавӣ ба самте нигаронида мешавад, ки мувофиқ гардонии тақозою арзаи пул ва дигар таносубҳои иқтисодии дар афзоиши нархҳо намудоршударо таъмин намояд.

Имрӯз иқтисоддонони аксар мамлакатҳо омилҳои сар задании таваррумро мавриди таҳлилу идоракунӣ қарор дода, роҳҳои бартараф намудани он ва пешгирӣ намудани аз ҳадди ақал зиёд шудани ин зуҳуротро дарёфт карданӣ шуда истодаанд. Бо назардошти ба ҳисоби миёна таваррум дар як сатҳи муайян нигоҳ доштанаш, мунтазам тағйирёбии он бояд, ки ҳамчун объекти хулосабарории муфид қарор дошта бошад. Ба ҳисоби миёна ба ҳаҷми болоравии таваррум бо андозаи 3%-и солона ҳамчун омили таъсирбахш барои пешравии иқтисодиёт аҳаммияти калон дода мешавад. Дар ин раванд суръати баланди болоравии таваррум боиси касодии иқтисодӣ ва паст гардидани сатҳи зиндагӣ мегардад.

Тоҷикистон, ки дар давраи ташаккул ёфтани муносибатҳои бозорӣ қарор дорад, муносибатҳои молию пулӣ ҳарчи бештар аз истифодабарии имкониятҳои дохилӣ аҳаммият пайдо мекунад, зеро бо зиёд шудани таносуби бозори дохилӣ аз ҳисоби молҳои хориҷӣ ҳолати талабот ба асъори хориҷӣ меафзояд. Ҳамзамон, маҳдуд будани миқдори молу хизматрасониҳои воридшавии асъори хориҷӣ дар ниҳояти кор сатҳи таваррумро метезонад ва ҳамаи ин тадбирҳои лозимаро тақозо менамояд.

Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирӣ ба муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ нигаронида шуда, яке аз чорабинии муҳим ин “такмил додани низоми танзими пруденсиалӣ, такмилдиҳии назорати маҷмуӣ, гузариши ботадриҷ ба низоми ҳадафгирии таваррум” мебошад [6,с.66]. Аз ин ҷо пайгирӣ намудан бо омӯзиш ва таҳқиқи низоми идоракунии таъсири омилҳо ба таваррум дар вазифаи муҳим мебошад.

Дар натиҷаи болоравии сатҳи нархҳо беқурбшавии пул ба амал меояд. Ҳамзамон, омиле, ки боиси зиёд болоравии сатҳи нархҳо мегардад, ин афзудани хароҷотҳои истеҳсолӣ мебошад. Дар ин замина ташаккул ёфтани зуҳуроти таваррумӣ бисёрпаҳлу мавқеъ гирифта, дар маҷмуъ, боиси номутаносибии байни унсурҳои гуногуни такророистеҳсоли васеъ, аз қабили пасандоз ва истеъмолот, тақозо ва арза, даромад ва хароҷоти буҷет, миқдори пули дар муомилотбуда ва талаботи аҳолӣ ба пул мегарданд. Ба таври умум, ҳамаи ин ҳолатҳо аз тариқи афзоиши нархҳо майл пайдо мекунад. Ҳамин тавр, аз амалияи ҷамъиятӣ чунин бармеояд, ки зери мафҳуми таваррум ин паст шудани қобилияти харидории пул, афзоиши умумии нархҳо ё ин ки ҷараёни зиёд шудани миқдори пули нақд дар муомилот мебошад.

Барои шарҳи ҷараёни таваррум нишондиҳандаи дараҷаи таваррум истифода бурда мешавад. Ҳолати муайян ва андозагирӣ намудани таваррум, аслан, чунин аст, ки дараҷаи таваррум, индекси нархҳои истеъмолӣ бо нархҳои соли ҷорӣ ва индекси нархҳои истеъмолӣ бо нархҳои соли гузашта мавриди истифода қарор дода мешавад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дараҷавии таваррум шаклҳои он чунин мебошад. Нигаред ба ҷадвали 1. Чи тавре аз пайдарпайии ҷадвали 1 бармеояд, дараҷаи ташаккулёбӣ ва таъсиррасонии таваррум тафриқавӣ буда, ин раванд аз сатҳи дигаргуншавии нархҳо вобаста мебошад. Ин ҷо зарурате дар пеш меистад, ки заминаҳои тағйирёбии хароҷоти истеҳсолӣ ва хизматрасониҳо дар ташаккул ёфтани нарх мавриди танзим ва ҳавасмандгардонии ташкилию иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор гирад. Ин масъала бевосита ба сохтори таваррум алоқамад мебошад. Дар мавриди таъсис ва амал намудани таварруми тақозо, арза ва таркиби таносуби тақозо ва маҷмуи арза, афзоиши хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, инчунин, диаргуншавии таносуби байни соҳавӣ майл пайдо мекунад. Шароит ва омили дигаре, ки сабаби ба амал омадани таваррум мегардад, ин интишори пул ба ҳисоб меравад. Дар доираи фаъолияти эмиссионии давлат, чи тавре аз таҷрибаи

давлатҳо бармеояд, ташаккул додани маблағгузорӣ, пӯшонидани қарзи дохилӣ ва таъмини устувории буҷет нигаронида мешавад, ки ин ҳам дар ниҳояти кор ба майлгирии таваррум сабаб мешавад.

**Ҷадвали 1. Шакл, моҳият ва дараҷаи таъсиррасонии таваррум ба иктисоди минтақавӣ**
**Table 1. The form, nature and degree of influence of inflation on the regional economy**

| Шаклҳои таваррум | Моҳияти шакли таваррум | Дараҷаи таъсиррасонӣ |
|---|---|---|
| Таварруми муътадил; | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол то 10% инъикос мекунад | Таъсири манфӣ нарасонида, баръакс боиси афзоиши арзаи молу хизматҳо мешавад. |
| Таварруми ҷаҳанда | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол то 100% инъикос мекунад | Кам шудани маблағгузорӣ оварда мерасонад ва боиси васеъ шудани доираи иқтисоди сиёҳ мегардад. |
| Таварруми аз эътидол зиёд | Афзоиши дараҷаи нархҳоро дар як сол беш аз 1000% ва дар як моҳ то 50% ифода мекунад | Дараҷаи баланди номувофиқгардонии тақозою арзаи пул ва дигар таносубҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Қайд кардан ба маврид аст, ки байни даромадҳои аҳолӣ, нархҳо ва ташаккул ёфтани таваррум алоқамандӣ ҷой дорад. Аслан, бо баланд гардидани музди кор дараҷаи нархҳо мувофиқан тағйир меёбанд. Ҳамин тавр чунин пайдарпайи бо иштироки субъектҳои бозорӣ ва фазои рақобат раванди таваррумиро тақвият медиҳад, аз ҷумла, дар мавриди муқаррар намудани нархҳои бозории монополӣ. Дар чунин ҳолат низоми идоракунии таваррум ва арзёбӣ намудани таъсири он дар минтақаҳо аз танзими рақобати шаффоф ва баэътидол овардани болоравии нархҳо мебошад. Яъне, рақобати солим шароити муҳимми пешгирии ҷараёни таваррумӣ баромад мекунад. Дар ин раванд таҳқиқи ҷараёнгирии таваррум, моҳият ва мундариҷаи илмии он аз мазмун ва мундариҷаи он бар меояд [3,с.22].

Маълум аст,ки дар шароити имрӯз дар гардиши нишондиҳандаҳои муомилотии байни кишварҳо майли ҳаҷми воридот бештар аст. Яъне, молҳое, ки ба мамлакат барои муомилаи озод оварда мешаванд. Дар соли 2021 гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ 6359,1 млн. долларро ташкил дода бошад, воридот 4209,5 млн. долларро ташкил медиҳад, ки ин 66,2% мебошад [11,с.310].

Бо назардошти афзудани дараҷаи нархҳо аз мамлакатҳои воридоткунанда, сатҳи нархҳо дар кишвар афзуда, шароити афзудани ҷараёнҳои таваррумиро мегирад. Чунин ҳолат ба сатҳи иқтисодиёт ва зиндагӣ таъсир мерасонад.

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, шакл ва характери таъсиррасонии таваррум ба дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ гуногун баамал меояд. Масалан, афзоиши миқдори пул дар муомилот ва болоравии дараҷаи нархи молҳо то 10% дар як сол боиси афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ва маҷмуи арза мегардад, чунин ҳолат ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд. Шакли дигари он таварруми ҷаҳанда ва таварруми аз эътидол зиёд ба тараққиёти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Чунин ҳолат аз рӯи моҳияти оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ зуҳуроти зеринро фаро мегирад, ки онҳо асосан қобилияти худидоракунии механизми бозориро нисбатан коста мегардонад. Бо афзоиши таваррум ахборот оид ба сатҳи нархҳо ва ҷойгиршавии сармоя, ба истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон намерасад. Дар ин ҳолат норасоӣ ва маҳдудгардии доираи ахборот ба амал меояд. Зиёда аз ин, қобилияти харидории одамон кам мешавад. Бо ҷараёнгирии таваррум даромади ҳақиқии аҳолӣ кам мешавад. Вазъи иҷтимоии субъектҳое, ки музди меҳнаташон муқаррар шудааст, алалхусус кормандони буҷетӣ майли камшавиро мегиранд. Ҳамзамон, бо афзоиши сатҳи таваррум дараҷаи истеъмолот ва пасандози онҳо низ майли камшавиро мегирад. Дар мавриде, ки соҳибкорӣ муҳаррики иқтисод мебошад, ин раванд аз ҳисоби ҷараёнҳои таваррумӣ мақомашро тағйир медиҳад. Дараҷаи фаъолияти соҳибкорӣ заиф гардида, суръати беруншавии иқтидори сармоявиро тезонида, боиси ҳаракати сармоя берун аз марзу буми кишвар мегардад. Таъсири таваррум дар доираи муносибатҳои хизматрасониҳои молиявӣ ба он оварда мерасонад, ки ин арзиши маблағҳои қарздодашуда ва пасандозҳоро паст мегардонад. Дар ин раванд

қарздиҳандагон ва пасандозкунандагон иқтидори даромадҳои худро коста мегардонанд. Дар робита ба буҷет бошад, таваррум ба бе қурб шудани маблағҳои андоз боис мегардад. Маблағҳои ба буҷет дар чунин ҳолат иқтидори молиявии худашонро дар роҳи ҳалли муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ гум мекунанд. Ҳамаи ин дар ниҳоят низоми молиявиро дар муқовимат бо бухронҳо заиф гардонида, дар ин замина камшавии маблағҳои молиявӣ ва иқтидори харидории онҳо сабаби болоравии нархҳо ва беқурбшавии пул мегардад.

Ҳамин ҷиҳатҳоро ба эътибор гирифта, барои ҳалли муаммоҳои таваррумӣ аз ҷониби коршиносон ва муҳаққиқони бахши иқтисод ва молия ақидаҳои гуногунро коркард ва пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла олими ангис Олбана Филлипс маълумоти омории иқтисодиро дар замони худ мавриди таҳлил қарор дода, алоқамандии байни дараҷаи бекорӣ ва музди корро муайян намудааст. Мувофиқи тадқиқоти ӯ, вақте тақозо дар бозори меҳнат ба қувваи корӣ меафзояд, дараҷаи бекорӣ кам мешавад. Дар шакли графикӣ чунин маълум мегардад, ки байни таваррум ва сатҳи бекорӣ алоқамандии баръакс ҷой дорад. Бо паст гардидани дараҷаи таваррум дараҷаи бекорӣ зиёд шуда, дар мавриди паст кардани дараҷаи бекорӣ сатҳи таваррум баланд мегардад.

Дар робита ба чунин оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҳисоби таваррум мақоми махсусро сиёсати давлатии зидди таваррумӣ мегирад. Имрӯз дар ин самт ду шакли сиёсати давлатӣ – сиёсати экспансионӣ ва сиёсати боздоранда мавриди истифода қарор мегирад.Дар доираи сиёсати экспансионӣ кӯшиши давлат барои зиёд кардани маҷмуи тақозо равона карда мешавад. Дар ин ҷо фишанги истифодашаванда интихоби роҳи пасткунии меъёри андозҳо ва зиёд кардани хароҷоти давлатӣ ба шумор меравад. Сиёсати боздоранда ин аз тарафи давлат пеш гирифтани майли қобилияти харидории аҳолӣ тавассути зиёд кардани меъёри андозҳо ва кам кардани хароҷоти давлатӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар назария ва амалияи иқтисодӣ омӯзиши қонуниятҳои ташаккулёбии зуҳуроти таваррумӣ мақоми хосса мегирад. Дар ин самт равияи кейнсионӣ ва монетаристӣ маъмул мебошад.

Дар равияи кейнсионии омӯзиши дигаргуншавии таваррум афзоиш додани маҷмуи арза тавассути маҷмуи тақозо, алалхусус, тақозо ба маблағгузорӣ баромад мекунад. Равияи монетаристӣ, тибқи ақидаҳои Милтон Фридман, аз афзоиш додани маҷмуи арза бо роҳи кам кардани хароҷоти давлатӣ, баланд бардоштани меъёри қарз ва кам кардани меъёри андоз пешниҳод гардида, воситаи муҳимми зидди зуҳуроти таваррумӣ ҳисобида мешавад.

Сиёсати ҷубронкунии даромад низ мақоми таъсирбахш дорад. Бо роҳи зиёд кардани музди кор, идрор, нафақапулӣ ва дигар сарчашмаҳои даромад зуҳуроти таваррумӣ каме майли пастшавӣ мекунад. Вобаста ба ин танзими нархи молҳои сабати истеъмолӣ, кам кардани миқдори пули нақд дар муомилот бо роҳи фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки таваррум дар ҳар як мамлакат хусусияти худро дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масалан, аз сабаби кам шудани истеҳсолоти саноатӣ ва аз кор боз мондани қисме аз корхонаҳои саноатӣ дар бозори дохилӣ то ҳол вазни қиёсии молҳои аз ҳориҷ воридшаванда зиёд мебошад.

Ин ҳолат талаботро ба асъори хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба доллари ИМА меафзояд. Дар дохили ҷумҳурӣ бошад, сарчашмаи воридшавии асъори хориҷӣ, асосан, аз фурӯши пахта ва алюминий мебошад. Бо мақсади нигаҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ ҳамеша чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Яке аз ҳамин гуна чорабинии зиддитаваррумӣ дар ҷумҳурӣ фаъолияти мунтазами бозори асъории байнибонкӣ шумор меравад.

Тавре қайд гардид, таварруми пул бо дараҷаи нархҳо андоза карда мешавад. Тибқи ақидаи Р. Кэмпбелл, Макконел ва Стэнли Л. Брю, «Таваррум ин болоравии сатҳи умумии нархҳо мебошад» [5,с.163]. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири нарх майли тафриқавӣ дорад, яъне нарх дар ҷараёни таваррум ба ҳамаи молҳо як хел тағйир намеёбад. Баъзе аз молҳо бо дараҷаи нархи баланд, дигаре бетағйир майл мегирад. Аз раванди муносибатҳои молию пулӣ бармеояд, ки зиёд шудани пул дар муомилот бештар ба баландшавии молҳои истеъмолии ниёзи аввал боис мегардад. Бо баландшавии нархҳо, асосан, ҳолат ва сатҳи даромади истеъмолкунандагон тағйир меёбад. Алалхусус, дар давраҳои охир баландшавии сатҳи таваррум эҳсос карда мешавад. Ва чунин тамоюл

метавонад ба дараҷаи ташаккулёбии даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир расонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии зуҳуроти таваррумӣ, асосан, ба ҳолат ва вазъияти бахши воқеии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, хусусан, дар сатҳи зарурӣ авҷ нагирифтани ҳаҷми истеҳсолот, афзудани хароҷоти истеҳсолӣ, баландшавии сунъии нархҳо, алалхусус, болоравии нархи молҳои аз берун воридшаванда. Дар ин замина таваррум ҳамчун системаи назорат ва бонизом баррасишаванда фаҳмида шуда, дар таъмини рушди иқтисоди минтақавӣ, тибқи талаботи иқтисодии амалкунанда мақоми низоми идоракунии таваррумро нишон медиҳад.

Ин бевосита аз мазмуни иқтисодии мафҳуми таваррум бармеояд, ки дар он чунин қайд шудааст: «аз ҳад зиёд шудани роҳҳои муомилоти пул ва эҳтиёҷоти муомилоти мол, боиси беқурбшавии воҳиди пул ва мутаносибан болоравии нарх мегардад» [12,с.105]. Ҳамин тавр таваррум ин натиҷаи тағйирёбии ҳаҷми пул ва характери гардиши молу маҳсулот аст. Яъне, дар ин ҷо маълум мегардад, ки ташаккулёбии таваррум ба гуногунии таркиби он вобаста мебошад.

Дар афкори иқтисодии ҷаҳонӣ ва ватанӣ назарияҳое пешниҳод шуданд, ки дар маҷмуъ муайянкунандаи моҳияти таваррум ҳамчун объекти идоракунӣ мебошанд. Ба ақидаи Ш. Раҳимзода, "болоравии нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад, таваррум (инфлятсия) ном дорад" [9.с,175].

Таваррум аз мавқеи мактаби иқтисодшиносони классикӣ дар шакли низоми худтанзимкунанда баромад мекунад. Дар ин асос шуғли пурра ва ҳолати муътадили бозор ҷой надорад. Шакли беҳтарини сиёсати афзалиятнок ин принсипҳои дахолат накардани давлат ба иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Таваррум ҳамчун натиҷаи зиёд шудани миқдори пул дар доираи муомилот шарҳ дода мешавад. Чунин мавқеъ аз он бармеояд, ки бо кам гардонидани миқдори зиёдатии пул дар муомилот, мустаҳкамии қобилияти харидории пул имконият пайдо мекунад. Заминаи классикии шарҳи вазъи номуътадилӣ аз ҳисоби ҳолатҳои фавқулода баромада, ҷараёни таваррумӣ берун аз алоқамандӣ ба омилҳои истеҳсолӣ шарҳ меёфт.

Тарафдорони назарияи неоклассикӣ бошад, фарзияи худро дар бораи пайдоиши таваррум ҳамчун натиҷаи муҳосираи пул бо баробаркунии мубодила MV = PQ, ки аз ҷониби Ирвинг Фишер пешниҳод шудааст, таъйид менамоянд [8,с.45].

Мувофиқи назарияи таварруми Кейнсионӣ, - "талаботи самарабахш", сабабҳои асосии таваррум шароити нопурра ва ғайрисамаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина қайд кардан ба маврид аст, ки мақоми низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисоди минтақавӣ ба ташаккулёбӣ ва сафарбаркунии элементҳои таркибии талаботи самаранок вобаста мебошад.

Низоми идоракунии таваррум дар таъмини рушди иқтисоди минтақавӣ аз ҳисоби ҳамоҳангӣ бо Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси чорабиниҳо вобастагӣ дорад. Дар ин асос танзими таваррум бо роҳи идоракунии ҳаҷми пул ва талабот дар ин самт имконияти зиёди камшавии дараҷаи нархҳои истеъмолӣ ва таъмини устувории қобилияти харидории пул мебошад. Бо амалӣ гардонидани сиёсати фаъоли зиддитаваррумӣ дар муддати кӯтоҳ таваррум коҳиш меёбад. Ҳамзамон, бо зиёд намудани хароҷоти давлатӣ дар самти рушди бахши воқеии иқтисодиёт имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки пули миллӣ, мол ва хизматрасонии молистеҳсолкунони дохилӣ ҳамоҳанг гардида, бо дастгирӣ аз ҳисоби меъёри андозҳо, камгардонии монеаҳои маъмурӣ, васеъгардонии инфрасохтори соҳибкорӣ, васеъ намудани дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ вусъати нав пайдо намояд.

Низоми иловагии пулӣ то ба шуғлнокии пурра расидани иқтисодиёти миллӣ самаранок аст. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати рушди иқтисоди ин ё он минтақаро тақозо менамояд. Яъне, асоси механизми идоракунии таваррумӣ ҳолатҳои ҳамбастагии байни захираҳои иқтисодӣ ва қобилияти истифодабарӣ, сафарбаркунии иқтидори захиравӣ мебошад.

Аз нигоҳи идоракунии таваррумӣ назарияҳои ҳалкунанда хусусиятҳои хосро дар бар мегиранд. Масалан, дар мавриди назарияи таварруми интизоршаванда вақте таваррум бо суръати баланд меафзояд, субъектҳои хоҷагидор, алалхусус соҳибкорон назоратро аз рӯйи

дороиҳои худ пурзӯр менамоянд, ки боиси дигаргуншавии нархҳо ва афзудани таваррум мегардад. Дар мавриди тағйир наёфтани таваррум, назарияи таварруми хароҷот бо афзудани хароҷоти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба амал омада, зарурати муфидгардонии идоракуниро бештар мегардонад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳолатҳои идорашавандагии таваррумӣ хеле зарур буда, ташаккули низоми самаранок дар ин самт воситаи рушди минтақаҳо дар мавриди дигаргуншавии раванди таваррумӣ баромад мекунад.

Коркарди чорабиниҳо оид ба самти пешгирии таваррум дар доираи ин ё он назария зарурати ба эътибор гирифтани шароити мушаххаси маконӣ ва минтақавӣ дорад. Объекти идоракунӣ дар раванди таваррумӣ зарурати ба эътибор гирифтани характери умумиро мегирад. Дар ин самт барои беҳтаргардонии механизми идоракунии таваррум, аз назари мо, ба эътибор гирифтани "иқтидори таваррумӣ" хеле муҳим мебошад. Дар заминаи ташаккули молу хизматҳо бо нархи давравии базавӣ вазифаи идоравӣ пайдо карда, идоракунӣ самти муфид мегирад. Тибқи ақидаи Д.Р. Белоусов, чунин усули баҳодиҳӣ ҷудо карда мешавад: [1,с.16-17].

**Ҷадвали 2. Усули баҳодиҳӣ ва мазмуни онҳо**
**Table 2. Evaluation method and their content**

| №р/т | Заминаи усули баҳодиҳӣ | Мазмуни усули баҳодиҳии таваррум |
|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми даромадҳо, | Сармоягузории хароҷоти истеҳсолӣ такрористеҳсолоти одиро дар шароити баландшавии нарх ба захираҳо таъмин менамоянд |
| 2 | Фарқият байни хароҷот ва ҳаҷми реалии даромадҳо | Дар умум ҳаҷми даромади таваррумро ифода мекунад |
| 3 | Дараҷаи «иқтидори таваррум» | Тақсимоти даромади умумии талабкардашуда ба даромади ҳақиқӣ ҳисоб карда мешавад |
| 4 | Афзоиши қиматшавии маҳсулот | Талабот ба захираҳои молиявиро таъмин намуда, чун иқтидори таваррумӣ ҳисоб карда мешавад. |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр дар мавриди баланд бардоштани мақоми низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди минтақавӣ, истифодаи васеи усули баҳодиҳии таваррум имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо аз ҳисобӣ алоқамандии сиёсати монетарӣ ва сиёсати фискалӣ, бо сафарбар намудани имкониятҳои сиёсати дурусти ҳисоббаробаркунӣ ва муфидгардонии пулҳои нақдӣ дар доираи муомиолти молу маҳсулот таъмин карда шавад. Ҳамзамон, аз назари мо, ин имконият медиҳад, ки сиёсати воридотивазкунанда суръат гирад ва бо ин роҳ вобастагии иқтисоди миллӣ аз асъори хориҷӣ камтар гардад. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор фишангҳои идоракунии таваррумро дар самти таъмини устувории асъори миллӣ таъсирбахш мегардонад. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии тамоми субъектҳои иқтисодию молиявии минтақаҳо (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) ва фаъолгардонии меҳнати самаранок, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ва мавқеъгирии онҳо дар рақобат афзуда, иқтидори содиротии минтақаҳо, умуман кишвар, меафзояд ва таъсири таваррум камтар мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Белоусов Д.Р. Механизм инфляции в современной экономике России (финансово-воспроизводственный аспект): диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. -М., 1998. -С.16-17.
2. Гафуров П.Д., Турахонзода Ш.Н. Теоретические и эмпирические аспекты взаимосвязи и взаимовлияния валютного курса и ВВП // Финансово-экономический вестник. - 2020. - №1(21). – С.70-77.
3. Дельмар А. История монетарной системы. -М.: Дом книги, 1998. – С. 22.
4. Зоркальцев В.И. Индексы цен и инфляционные процессы. -Новосибирск: Наука, Сибирская издательская фирма РАН, 1996.
5. Кемпбелл Р. М. Экономикс. Т1/ Р.М. Кемпбелл, С.Л. Брю. –М: Республика, 1992.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. -110с.
7. Пол. Э. Самуэльсон Экономика / Пол. Э. Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус. -Санкт Петербург, 2000.
8. Фишер И. Покупательная сила денег/сост, вступ. статья М.К. Бункина, А. М. Семенов. – М.: Дело, 2001.
9. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз/Ш.Раҳимзода. –Душанбе: "Эр–граф", 2018.
10. Статистика финансов: Учебник / Под ред.проф.В.Н. Салина. – М.: Финансы и статистика, 2000. – 816 с.

11. Статистический ежегодник Республики Таджикистан // Агентство по статистики при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2022.
12. Экономическая энциклопедия / Науч.- ред. совет изд-ва «Экономика»: Ин-т экон. РАН; Гл. Ред. Л.И. Абалкин. - М.: ОАО «Издательство «Экономика», 1999.

## МАҚОМИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАВАРРУМ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИНТАҚА

Мақола ба баррасии низоми идоракунии таваррум дар рушди иқтисоди минтақавӣ бахшида шудааст. Дар он муаллиф кӯшиш кардааст, ки чорабиниҳои таваррумиро ҳамчун объекти идоракунӣ шарҳ диҳад. Яъне, низоми чорабиниҳои зидди таваррумӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар раванди рушди минбаъдаи минтақавӣ шарҳ меёбанд. Чунин мавқеи пажуҳишӣ дар шароити ноустувории иқтисодӣ имкониятеро фароҳам меорад, ки фишангҳои мувофиқ гардонии тақозою арзаи пул баробари сатҳи умуми мавриди истифодабарӣ қарор гирифта, таносубҳои иқтисодиро бештар аз ҳисоби тақвияти идоракунии минтақавӣ таъмин гардонем.

**Калидвожаҳо:** низоми идоракунии таваррум, тақвияти идоракунии минтақавӣ, алоқамандии таваррум, нарх, музди меҳнат, баҳодиҳии таваррум, хусусиятҳои минтақавӣ.

## РОЛЬ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНФЛЯЦИЕЙ В РАЗВИТИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Статья включает систему управления инфляцией в развитие региональной экономики. В ней автор попытался объяснить инфляционные меры как объект управления. То есть система антиинфляционных мер объясняется как объект управления в процессе дальнейшего регионального развития. Такая исследовательская позиция в условиях экономической нестабильности дает возможность использовать рычаги регулирования спроса и предложения денег на том же уровне, что и общий, обеспечивая большую экономическую сбалансированность за счет усиления регионального управления.

**Ключевые слова:** система управления инфляцией, усиление регионального управления, взаимосвязь инфляции, цена и заработная плата, оценка инфляции, региональные особенности.

## THE ROLE OF THE INFLATION MANAGEMENT SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY

The article includes an inflation management system in the development of the regional economy. In it, the author tried to explain inflation measures as an object of management. That is, the system of anti-inflationary measures is explained as an object of management in the process of further regional development. Such a research position in conditions of economic instability makes it possible to use the levers of regulating the demand and supply of money at the same level as the general one, ensuring greater economic balance by strengthening regional governance.

**Keywords:** inflation management system, strengthening regional management, the relationship between inflation, price and wages, inflation assessment, regional characteristics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хушвахтов Дилшод Сангалиевич*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **909944469.** E-mail: **dilshod_khushvakhtov@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хушвахтов Дилшод Сангалиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры финансов. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **909944469.** E-mail: **dilshod_khushvakhtov@list.ru**

**Information about the author:** ***Khushvakhtov Dilshod Sangalievich*** - Tajik State Financial and Economic University, applicant for the Department of Finance. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/14. Phone: **909944469**. E-mail: **dilshod_khushvakhtov@list.ru**

ТДУ: 338.8

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРӢ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ОН ДАР МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ

*Хакимзода М.М.*

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Хусусиятҳои ташаккули рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақаи сераҳолӣ ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ дар шароити дигаргунсозии иҷтимоию иқтисодӣ зарурати тавзеҳи се масъаларо ба миён меорад:

1. муносибати байни категорияҳои «афзоиш» ва «рушд»;
2. хусусиятхои комплекси озуқаворӣ ҳамчун объекти тадқиқот;
3. муайян намудани сарҳади минтақаҳое, ки вобаста ба онҳо проблемаҳои рушди устувор баррасӣ мешаванд [1].

Дар мавриди мувофиқати категорияҳои «афзоиш» ва «рушд» бояд қайд кард, ки дар шароити таназзули иқтисодӣ бисёр олимон дар бораи зарурати баланд бардоштани суботи иқтисодӣ тавассути рушди иқтисод сухан ронда, дуруст қайд мекунанд, ки рукуди давомдор боиси он мегардад. оқибатҳои бебозгашт ба бор меоранд ва ба «қафомонии абадӣ» табдил меёбанд. Гузариш ба рушди босуботи иқтисодӣ як амри сиёсати иқтисодӣ мегардад, ки барои гузаштан ба категорияи кишварҳои дорои иқтисоди пешрафта нигаронида шудааст.

Аммо мақсади аз тарафи умум қабулшудаи танзими давлатӣ на танҳо афзоиш, балки рушд аст. Ҳамин тавр, П.Самюэльсон рох доданашаванда будани саъю кӯшишро барои афзоиши одии миқдорин истҳсолот қайд намуд. Афзоиши нишондиҳандаҳои миқдорӣ бояд бо тараққиёти дохилии тамоми сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳамроҳӣ карда шавад. Баъдтар, бисёре аз муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ қайд карданд, ки афзоиши беназорати миқдорӣ хилофи консепсияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ буда, метавонад ба мавҷудияти тамоми башарият хатар эҷод кунад, зеро он боиси афзоиши глобалии мушкилоти экологӣ, иҷтимоӣ, энергетикӣ, ашёи хом ва ғайра мегардад. [2].

Бо вуҷуди ин, дар доираи назарияҳои минтақавӣ ва ҳатто бештар дар татбиқи амалии тадбирҳои сиёсати минтақавӣ сухан пеш аз ҳама дар бораи рушди иқтисодӣ меравад, на дар бораи рушд. Барои ин шарҳҳои зиёде мавҷуданд:

- якум, афзоиши иқтисодро муайян кардан осонтар аст, бинобар ин истифода бурдани он ҳамчун дастури сиёсати иқтисодӣ барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ хеле осонтар аст;
- дуюм, дар дохили як кишвар на аз рушд, балки дар бораи номутаносибии минтақавӣ дар суръати рушди иқтисодӣ ҳарф задан одилонатар аст.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки як қатор олимон зери мафҳуми афзоиш маҳз рушдро дар назар доранд [3].

Бо дарназардошти ин, дар шароити кунунӣ зарурати рушди устувори иқтисодиро, на рушди иқтисодӣ таъкид кардан лозим аст. Сарфи назар аз баъзе шабоҳатҳои байни мафҳумҳои «рушди иқтисодӣ» ва «афзоиши иқтисодӣ», онҳо яксхела нестанд. Агар афзоиши иқтисодӣ асосан афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва истеъмолро дар бар гирад, пас рушди иқтисодӣ тағйирёбии табиии мақсадҳо, омилҳо, маҳдудияти захираҳо, механизмҳои фаъолият ва намудҳои некуаҳволиро дар бар мегирад. Бо дарназардошти маҳдудияти объективии иқтидори рушди устувори иқтисодӣ дар доираи сохтори ташаккулёбандаи истеҳсолот консепсияи «таҳқиқоти қаблӣ» сохта мешавад, ки вазифаи асосии он на фақат баланд бардоштани суръати афзоиши иқтисодӣ, балки барои ноил шудан ба суръати баланди наздикшавии воқеӣ ба арзиши афзалиятноки хусусиятҳои афзалиятнок мебошад.

Дар байни ҳадафҳои асосии консепсияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ бояд ташаккули бозори пешрафтаи озуқавории маҳсулоти рақобатпазир ва таъмини амнияти озуқавории кишвар қайд карда шавад. Бояд қайд намуд, ки комплекси озуқаворӣ дар ҳаёти ҳар як ҷомеа мавқеи хоссаро ишғол мекунад, зеро маҳз дар ҳамин ҷо қисми зиёди маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсол карда мешавад, ки мавҷудияти онҳо шарти муҳимтарини

ҳаёти инсон ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад . Бо дарназардошти ин мақсади асосӣ ҷустуҷӯйи доимии роҳҳои таъмини он, такмил додани механизми муносибатҳои байнисоҳавии комплекси озуқаворӣ дар асоси ташкили иттиходияҳҳи гуногуни минтақавӣ ба роҳ монда шудааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки заминаҳои ташакули минтақа дар таъмини амнияти озуқавории кишвар хеле бузург аст [4].

Аз ҷиҳати методологӣ ҳангоми баррасии ташаккули комплекси озуқаворӣ ва афзалиятхои рақобатпазирии он дар минтақаи сераҳолӣ аниқ кардани таркиби соҳаҳои саноати онро тавсия кардан лозим аст, зеро таркиби ҳудудӣ на ҳамаи соҳаҳо а сохторҳои саноатиро дарбар мегирад. Онҳо танҳо дар сатҳи макромиллӣ пурра пешниҳод гардидаанд. Ҳамин тариқ, дар сатҳи вилоят мезо-сатҳ дар бисьёр мавридҳо бо соҳаҳои ба тракторсозӣ ва машинасозии соҳаи кишоварзӣ, машинасозӣ барои саноати озуқаворӣ ва коркарди маҳсулот алоқаманд кам карда мешаванд. Дар сатҳи ноҳияҳо микро-сатҳ на дар ҳама ҷо дорои саноати коркарди хусусии худ, аз ҷумла мошинасозӣ, мебошад. Аз ин рӯ, чи қадаре ки сатҳи комплекси озуқавории вилоят паст бошад, миқдори соҳаҳои саноатӣ, ки онро ташаккул медиҳанд, кам мешавад ва дарачаи мураккабии он хамон кадар зиёд мешавад.

Дар шароити муосир идоракунии стратегии комплекси озуқаворӣ бояд ба ҳалли масъалаҳхои асосноксозии тагйироти сохторӣ ва усулҳои алтернативии таъмини фаъолияти зеркомплексҳо ва дар асоси онҳо муайян намудани самтхои афзалиятноки рушди он, фарохам овардани фазои мусоиди иҷтимоию меҳнатӣ дар деҳот ва пурзӯр намудани сиёсати иҷтимоии давлатҳо равона карда шавад., [5] .

Бояд қайд намуд, ки масъалаи асосӣ, ки ҳангоми ҳалли проблемаҳои рушди комплекси озуқаворӣ ба миён меояд, на танҳо таркиби соҳавии он, балки мавҷудияти муносибатҳои вокеии ҳаётие мебошад, ки дар рафти рушди форматсияҳои ҳамгиро ва амаликунии мутақобилаи соҳаҳо ба вучуд меоянд, ки дар истехсолот, коркардҳамлу нақл ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии комплекси озуқаворӣ ва тақсимоти даромади соф дар байни онҳ иштирок менамояндо. Вале равшан тахмин кардан мумкин аст, ки дар натиҷаи дигаргунсозиҳо дар тамоми соҳаҳои комплекси озуқаворӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ва саноати озуқаворӣ парокандагии бештар дар самти коркарди аввалияи ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба миён омадааст.

Бо баррасии нақши минтақаҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои иқтисодии минтақавӣ бояд муносибати нави консептуалӣ нисбати мазмуни мафҳуми «минтақа» мавриди истифода қарор дода шавад, Мо тахмин менамоем, ки ин равиш бояд ба талаботи асосӣ ҷавобгӯ бошад:

- тағйироти марбут ба ислоҳоти идоракунии иқтисодиётро дар асоси ғайримутамарказкунонии он ва қисман додани ҳуқуқҳо ба дигар субъектҳо инъикос намояд;

- ба марҳалаи кунунии ислоҳоти иқтисодӣ ва сохтори давлат, ки бо тақсимоти иқтисодӣ ва ҳудудии кишвар муайян карда мешавад, мувофиқат намояд [6].

Ба ақидаи профессор Саидмуродов Л.Х. «Минтақа қисми қаламрави кишвар мебошад, ки бо хусусиятҳои муайяни иқтисодӣ ва ғайрииктисодӣ (табиӣ), аз қабили мавқеи ҷуғрофӣ, шароити табиӣ, инчунин дигар омилҳо фарқ мекунад» [7].

Дар асарҳои худ профессор Каримова М.Т. қайд мекунад, ки «мафҳуми минтақа ҳамчун як қаламрави муайяне фаҳмида мешавад, ки аз дигар ҳудудҳо бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад ва дорои як андоза якпорчагӣ ва алоқамандии унсурҳои таркибии он мебошад» [8].

Бо дарназардошти ин, минтақа як сохтори маъмурию ҳудудӣ дар таркиби ҳар як ҳар як давлат мебошад, ки дорои мақоми субъект, салоҳият, ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти худ тибқи Конститутсияи ҷумҳурӣ ва Оинномаи вилоятҳо мебошад. Ба фикри мо, мазмуни консепсияи минтақавии рушди устувор шарти зарурии татбиқи муносибатҳои бозаргонӣ дар иктисодиёти мамлакат - эътирофи корхона хамчун субъекти асосии мустақили хоҷагидорӣ амр карда мешавад.

Воҳиди фазое, ки ба баланд бардоштани устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад, минтақаи дараҷаи вилоятӣ мебошад, ки дар он нақши танзими давлатӣ махсусан намоён буда, робитаи иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ тавассути аҳолӣ муқаррар карда мешавад. Хусусиятҳои иқтисоди минтақавӣ хусусияти то андозае «бурида»-и онро дар бар мегирад, зеро дар он ҷо эмиссияи пул вуҷуд надорад ва сиёсати молиявӣ самти дигарро мегирад. Илова бар ин, дар сатҳи минтақавӣ омили табиӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад [9].

Ҳамчун як самти ҷудогонаи тадқиқоти муосири минтақавӣ оид ба устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ, бояд асарҳоеро, ки ба равишҳои институтсионалӣ асос ёфтаанд, таъкид кард [10]. Ба сиёсати мақомоти вилоятӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори иқтисодӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Субъектҳои ҷумҳурӣ бештар минтақаҳо ҳисобида мешаванд, зеро маҳз мақомоти субмиллӣ дар давлатҳо дорои доираи хеле васеи ваколатҳо мебошанд, ки ба онҳо имкон медиҳанд то оиди сиёсати иқтисодии худи мақомоти минтақавӣ суханронӣ намоянд.

Ба ғайр аз назарияҳои институтсионалӣ боз ду гурӯҳи назарияҳои рушди минтақавиро қайд кардан мумкин аст: неоклассикӣ, ки ба вазифаи истеҳсолӣ асос ёфтааст ва моделҳои афзоиши маҷмӯӣ, ки синтези моделҳои неокейнсианӣ ва иқтисодӣ-ҷуғрофӣ маҳсуб меёбанд. Камбудии асосии ҳамаи назарияҳои рушди минтақавӣ, ба қавли профессор О.Кузнетсова, такяандозии нокофии онҳо ба назарияи ҷойгиршавии корхонаҳо мебошад [11].

Ин камбудиҳо дар моделҳои ҷойгиркунии динамикӣ бартараф карда мешаванд. Истифодаи ин моделҳо ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

- хусусияти иерархивӣ- мавҷии тақсимоти корхонаҳо дар саросари қаламрав маънои онро дорад, ки номутаносибии рушд дар байни минтақаҳо нест карда намешавад, яъне ҳамеша минтақаҳое, ки дараҷаҳои гуногуни устуворӣ доранд, арзи вуҷуд хоҳанд дошт,;

- бо итминон гуфтан мумкин нест, ки тафовути байни минтақаҳои пешқадам ва минтақаҳои аутсайдер, чуноне ки ҷонибдорони назарияҳои маҷмӯии рушди минтақавӣ тахмин мекунанд, пайваста афзоиш хоҳад ёфт. Ба фикри мо, дар шароити воқеӣ сармоя аз марказҳои калонтарини иқтисодӣ ба ноҳияҳои ғайримарказӣ ҷорӣ мешавад, ки ин ба баланд шудани устувории тараққиёти онҳо мусоидат менамояд;

- номутаносибии мавҷуда дар сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо якбора дода намешавад, зеро марказҳои афзоиш метавонанд дар ҷойҳои нав, аз ҷумла дар ноҳияҳои ғайцримарказӣ ба миён оянд;

- омилҳои гуногуни баланд бардоштани устувории рушди минтақавӣ вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо сиёсати иқтисодии мақомоти минтақавӣ мебошад.

Дар айни замон парадигмаи нави рушди минтақавӣ ба вуҷуд омадааст, ки маънии он иборат аст, аз он ки «иқтисодиёт объекти ягона нест, балки организми бисёрминтақавӣ мебошад, ки дар асоси таъсири мутақобилаи амудӣ ва уфуқӣ амал мекунад» [12]. Мутобиқи ин парадигма, ки ягонагии минтақавиро дар сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ рад мекунад, ин роҳи баланд бардоштани устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ тавассути:

- ҷустуҷӯи ягонагӣ дар гуногунии минтақавӣ;
- роҳандозии истифодаи афзалиятҳои ҳар як минтақа ва ҳамкории байниминтақавӣ;
- мутобиқ намудани манфиатҳои ҷомеаҳои минтақавӣ;
- татбиқи принсипи имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон мебошад.

Маҳз аз мавқеи парадигмаи мураттабшуда, аз рӯи ақидаи мо, бояд мантиқ ва мундариҷаи консепсияҳои пешниҳодшудаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ карда шавад, ки имкон медиҳад сенарияи рушди макроиқтисодии рушд ва инъикоси фазоии он - сенарияҳои минтақавии рушди субъектҳои иқтисод ҳамоҳанг карда шавад. Ташаккули консепсияи рушди устувори иқтисод боиси зарурати таҳияи стратегияҳои рушди устувори ҳар як минтақа бо ҳамгироии минбаъдаи ин стратегияҳо мегардад. Стратегияи минтақавии рушди устувори минтақаҳои гуногун (ашёи хом, саноатӣ, кишоварзӣ, комплексӣ, харобшуда, аҳолиашон зич ва камаҳолӣ) аз ҳамдигар ва аз хусусиятҳои миёнаи стратегияи муттаҳидаи миллӣ фарқ хоҳанд кард. Табиист, ки гузариш ба тараққиёти устувори экологӣ- иҷтимоӣ-иқтисодии баъзе минтақаҳо набояд аз хисоби таназзули дигар ноҳияҳо сурат гирад.

Профессор Саидмуродов Л.Х. қайд мекунад, ки «...зери мафҳуми рушди иқтисодиёти минтақаҳо пурзӯршавии мавқеи рақобатпазирии минтақаҳои мамлакат, истифодаи фаъолонаи сиёсати саноатӣ, таҳкими рушди устувори системаи минтақаҳо ва беҳтар намудани сифати зиндагиро дар минтақаҳ дар назар дошта шудааст» [13.

Дар минтақаҳо амалӣ нагардидани консепсияҳо ва сенарияҳои фаромиллӣ ҳар боре, ки тадбирҳои якхелаву яквақтаи ислоҳоти иқтисодӣ талқин карда мешаванд, ошкор мегардад. Оқибати чунин кӯшишҳои бемаънӣ деформатсияи ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳо мебошад, ки дар натиҷаи бефаъолият ва тобовар набудани минтақаҳои гуногун ба радикализми ягона қисман сабук карда мешавад. Гуногуншаклии минтақавӣ маҳдудкунандаи асосии радикализм дар ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчунин монеаи бартарии ягон ҷанба ё воситаи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Шарти таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва ташаккули комплекси озуқаворӣ ва бартариятҳои рақобатии он ҷойгиркунии оқилонаи схемаи истеҳсолот мебошад. Бисьёр хусусиятҳои сохти хозираи фазоии комплекси озуқаворӣ ҳамчун субъекти иқтисод бо омилҳои табиӣ, ҷуғрофӣ ва таърихӣ (қаламрав, шароити иқлим, зичӣ ва таркиби этникии аҳолӣ, консентратсияи захирахои табиӣ, аҳолӣ, сармояи истеҳсолӣй) муайян карда мешаванд. Проблемаҳои минтақавӣ бештар ба хусусиятҳои ташкили фазоии иқтисодиёт, ки дар замони шӯравӣ рушд ёфта буданд, алоқаманданд. Ба инҳо тамаркузи аз ҳад зиёди шумораи зиёди саноат, махсусгардонии маҳдуди минтақаҳо, хеле дур будани истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, пайвастани инфрасохтори иҷтимоӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ, бекории музмин дар минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда, мавҷудияти минтақаҳои зиёди дорои фалокати экологӣ, таназзули кишоварзӣ ва гайра дохил мешаванд.

Ба сифати сабабҳои тамоюлоти ноокилони фазоии комплекси озуқаворӣ хусусиятҳои сифатии системаи мавҷудаи сиёсӣ-иқтисодиро бояд номбар кард:

-истифодаи васеи захираҳои табиӣ, ки бесамарии истифодаи онҳо (азхудкунии пайвастаи минтақаҳои нави ашёи хом) ҷуброн мекунад;

-ҳарбикунонии иқтисодиёт (ба вуҷуд овардани агломератҳои том бо афзалияти комплекси ҳарбию саноатӣ);

-норасоии доимии захираҳо барои эҷоди инфрасохтори иртиботӣ ва иҷтимоӣ;

-экстремизми иҷтимоӣ;

-роҳ додан ба саҳлангорӣ дар рафти банақшагирӣ ва идоракунии равандҳои иқтисодӣ.

Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодие, ки раванди гузаштан аз системаи маъмурию фармонфармоӣ ба иқтисоди бозоргониро ҳамроҳӣ мекунанд, ногузиранд. Аммо давомнокии онҳо бештар аз якхела будани рушди минтақавӣ ва сатҳи устувории иқтисодии онҳо, аз фарқиятҳои байни минтақаҳо дар қобилияти мутобиқшавӣ ба равандҳои бозор вобаста аст. Аз рӯи сабабҳои мазкур, минтақаҳои зерин осебпазиртарин ҳисобида мешаванд:

- минтақаҳои дорои ғунҷоиши баланди соҳаҳое, ки дар давраи гузариш ба шароити нархгузории бозор зиёновар гаштанд ё талабот ба маҳсулоти онҳо коҳиш ёфтааст;

- ноҳияҳои ғайримарказие, ки вазъияташон аз сабаби афзоиши босуръати таруфаҳои наклиёт нисбат ба нархи маҳсулот бадтар шудааст;

-минтақаҳое, ки маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ ва субсидияҳои истеҳсолиро аз даст додаанд.

Агар минтақа дорои якчанд хусусиятҳои номбаршуда бошад, вазъи бӯҳронии он бадтар мешавад. Дар иқтисодиёти гузариш бисьёр проблемаҳо аз сабаби номутаносибии дигаргунсозиҳои бозор дар соҳаҳои гуногун ба миён меоянд. Ин дар зиддиятҳои байни инертсияи ҷойгиркунии унсурхои моддии сарватхои миллӣ (захираҳои табиӣ, фондҳои асосӣ) ва серамалии шароитҳои иқтисодии истехсолот ва мехнат зохир мегардад [13].

Дар самтҳои асосии сиёсати минтақавӣ оид ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ зарурати рафъи оқибатҳои зиддиятҳои байни минтақаҳо ва марказҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Роҳи окилонаи бартараф намудани ин зиддиятҳо таъмин намудани мустақилияти максималии иқтисодӣ ба минтақаҳо мебошад. Дар баробари ин, мақомоти ҳокимияти ҷумҳурӣ бояд аз вазифаҳои тақсимоти байниминтақавӣ даст кашанд ва дар

буҷети ҷумҳуриявӣ танҳо барои барномаҳои иҷтимоӣ, нигоҳ доштани қобилияти мудофиавӣ, хизматрасонии қарзи беруна ва ғайра маблағ ҷамъ карда шавад. Дар натиҷа, сиёсати буҷети минтақавӣ ба омили воқеии муайянкунандаи сатҳи зиндагӣ ва устувории рушди иқтисодии минтақа табдил меёбад.

Ташаккули стратегияи рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар сатҳҳои макро ва микро тақозо мекунад, ки таъсири бевоситаи таъсиррасонии идоракунанда на танҳо ба равандҳои иқтисодӣ, балки ба субъектҳои хоҷагидории минтақа дар шакли банақшагирии рушди комплексҳои муҳимтарини истеҳсолӣ, маблағгузории сармоягузориҳои дарозмуддат, ташкили инфрасохтори бозор, барномаҳои дахлдори мақсаднок ва лоиҳаҳои бузург бо иштироки ҳам давлат ва ҳам бахши хусусӣ ҷорӣ карда шавад,. Маҷмӯи тадбирҳои танзими давлатии устувории рушди иқтисоди минтақавӣ ба консепсияи ягонаи назариявӣ итоат намекунад. Дар баробари ин, тамоми тадбирҳои баланд бардоштани ҷолибияти минтақаҳо барои сармоягузорони хусусӣ метавонанд ба ду гурӯҳ тақсим шаванд:

1. Беҳтар намудани хусусиятҳои қаламрав, мукаммалгардонии инфрасохтор (дар ин самт инфрасохторро бояд ҳамчун нишондиҳандаи синтетикии шароитҳои хоҷагидорӣ ва устувории тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа дарк намуд).

2. Пешниҳоди маҷмуи муайяни имтиёзҳо ба сармоягузороне, ки ба минтақа рӯ меоранд.

Стратегияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии комплекси озуқаворӣ истифодаи ҳар ду намуди тадбирро истисно намекунад. Бо вуҷуди ин, рушди инфрасохтор барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад, дар ҳоле ки дастгирии молиявии ширкатҳо танҳо таъсири муваққатӣ медиҳад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо бояд ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мусоидат кунанд ва дар ин замина роҳи рушди устувори иқтисодии комплекси озуқаворӣ ба даст оварда мешавад.

Асосҳои методологии рушди устувори иқтисодиёт, ки мо онро дида баромадем, имкон дод, ки комплекси озуқаворӣ хамчун объекти мустақили тадқиқот муайян карда шуда, нақш ва мавқеи он дар системаи комплекси хоҷагии халқ муайян карда шавад, зарурат асоснок карда шуда, механизми рушди устувори он дар шароити муосири дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ коркард карда шавад.

Аз нигоҳи методологӣ, дар асоси баррасиҳои боло ва воқеияти имрӯз имконпазир ва мувофиқ мешуморем:

- комплекси озуқаворӣ ҳамчун сохтори мустақил дар системаи комплекси хочагии халқи мамлакат баррасӣ карда шавад;

- моҳияти комплекси озуқаворӣ ҳамчун маҷмуи соҳаҳои бевосита бо истехсоли махсулоти озукаворӣ алоқаманд, аз ҷумла истеҳсоли ашёи хом, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши он муайян карда шавад.

Ҳадафҳои стратегии марҳалаи нави рушди комплекси озуқаворӣ баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти миллӣ дар бозори ҷаҳонии озуқа, фароҳам овардани афзалиятҳои рақобатпазири дарозмуддат ва устувор, тавсеа ва зиёд намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Мушкилоти татбиқи онҳо бо афзоиши ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар натиҷаи чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, вобаста аст. Ҷангҳои тиҷоратӣ ва афзоиши протексионизм, аз ҷумла дар шакли маҳдудиятҳои якҷониба, боиси коҳиши иқтисоди ҷаҳонӣ ва тиҷорат гаштааст. Пандемияи коронавирус таъсири омилҳои манфиро ба дурнамои рушди бозори ҷаҳонии озуқаворӣ афзоиш додааст. Дар ин шароит соҳаҳои саноати озуқаворӣ динамикаи мусбати нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии фаъолиятро нигох медоранд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Большой экономический словарь // Под ред. А. Азрилияна. М.: Институт новой экономики, 1997.
2. Бернар И., Колли Ж.К. Толковый экономический и финансовый словарь. Французская, русская, английская, немецкая, испанская терминология. Т.1. М.: Международные отношения, 1994.
3. Интернационализация хозяйственной жизни и глобальные проблемы современности / Под ред. Г. Чибрикова, И. Фаминского, М. Осьмовой, М. Кулакова. М.: Издательство МГУ, 1989.

4. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. –Душанбе: Ирфон, 2014. - 204 с.
5. Концепция регулирования социально- экономического развития АПК регионов Ассоциации "Большая Волга". Саратов: ИСЭП АПК РАН, 1996. С.93
6. Кузнецова О. Теоретические основы государственного регулирования экономического развития регионов // Вопросы экономики. 2002. № 4. С. 60-61.
7. Кузьмин С. Сдвиги и проблемы в социально-экономическом развитии России // Экономист. 2002. №7. С.28-30.
8. Мау В., Яновский К. Политические и правовые факторы экономического роста в российских регионах // Вопросы экономики. 2001. № 11. С. 18-21.
9. Путь в XXI век: стратегические проблемы и перспективы российской экономики. М.: ОАО «Издательство «Экономика», 1999. С. 568.
10. Шарипова Д.М. Заминаҳои ташаккули амнияти озуқаворӣ дар минтақа // Маҷмӯи мақлаҳои илмӣ. Маводҳои конференсияи илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Саноаткунонии истеҳсолоти аграрӣ-омили рушди устувори соҳа». Душанбе – 2020. С. 59 – 62.
11. Рахимов З.А. Региональные особенности формирования агропродовольственных комплексов в Таджикистане // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе – 2015. №4(47). С. 133-136.
12. Сухорукова А.М. Регулирование пищевой промышленности региона: вопросы теории, методологии, практики. - Саратов: СГСЭУ, 1999. С. 61-62.
13. Саидмуродов Л.Х. Регионы Республики Таджикистан: диагностика и методы оценки социально-экономического развития / Л.Х. Саидмуродов, Ф.М. Муминова, Х.К. Юнусзода, Б.Г. Сафаров. Монография. – Душанбе: ТГФЭУ, 2021. – 164 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ КОМПЛЕКСИ ОЗУҚАВОРӢ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ОН ДАР МИНТАҚАИ СЕРАҲОЛӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф хусусиятҳои ташаккули комплекси озуқаворӣ ва афзалиятҳои рақобатпазирии он дар минтақаи сераҳолиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки ҳадафҳои стратегии марҳалаи нави рушди комплекси озуқаворӣ баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти миллӣ дар бозори ҷаҳонии озуқа, фароҳам овардани афзалиятҳои рақобатпазири дарозмуддат ва устувор, тавсеа ва зиёд намудани содироти маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд. Мушкилоти татбиқи онҳо бо афзоиши ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар натиҷаи чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, вобаста аст. Ҷангҳои тиҷоратӣ ва афзоиши протексионизм, аз ҷумла дар шакли маҳдудиятҳои якҷониба, боиси коҳиши иқтисоди ҷаҳонӣ ва тиҷорат гаштааст. Пандемияи коронавирус таъсири омилҳои манфиро ба дурнамои рушди бозори ҷаҳонии озуқаворӣ афзоиш додааст. Дар ин шароит соҳаҳои саноати озуқаворӣ динамикаи мусбати нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии фаъолиятро нигох медоранд.

**Калидвожаҳо:** комплекси озуқаворӣ, афзалиятҳои рақобатпазир, ҳадафҳои стратегии марҳалаи нави рушди комплекси озуқаворӣ, динамикаи мусбати нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва молиявии фаъолият.

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА И ЕЕ КОНКУРЕНТНЫЕ ПРЕИМУЩЕСТВА В ГУСТОНАСЕЛЕННОМ РЕГИОНЕ

В данной статье автором рассмотрены особенности формирования продовольственного комплекса и ее конкурентные преимущества в густонаселенном регионе. Автор приходит к мнению о том, что стратегическими задачами нового этапа развития продовольственного комплекса являются рост конкурентоспособности национальных товаропроизводителей на мировом продовольственном рынке, формирование длительных и устойчивых конкурентных преимуществ, расширение и увеличение агропродовольственного экспорта. Сложности их реализации связаны с усилением социально-экономической нестабильности, обусловленной глобальными вызовами и угрозами. Торговые войны, рост протекционизма, в том числе в форме односторонних ограничений, привели к замедлению мировой экономики и торговли. Пандемия коронавируса усилила влияние негативных факторов на перспективы развития мирового продовольственного рынка. В этих условиях отрасли продовольственного комплекса сохраняют положительную динамику производственных и финансовых результатов деятельности.

**Ключевые слова:** продовольственный комплекс, конкурентные преимущества, стратегические цели нового этапа развития продовольственного комплекса, положительная динамика производства и финансовые показатели деятельности.

## FEATURES OF THE FORMATION OF THE FOOD COMPLEX AND ITS COMPETITIVE ADVANTAGES IN A DENSELY POPULAR REGION

In this article, the author examines the features of the formation of the food complex and its competitive advantages in a densely populated region. The author comes to the conclusion that the strategic objectives of the new stage of development of the food complex are the growth of the competitiveness of national commodity producers in the global food market, the formation of long-term and sustainable competitive advantages, the expansion and increase in agri-food exports. The difficulties of their implementation are associated with increased socio-economic instability caused by global challenges and threats. Trade wars and the growth of protectionism, including in the form of unilateral restrictions, have led

to a slowdown in the global economy and trade. The coronavirus pandemic has increased the impact of negative factors on the development prospects of the global food market. Under these conditions, food industry sectors maintain positive dynamics in production and financial performance.

**Keywords**: food complex, competitive advantages, strategic goals of the new stage of development of the food complex, positive production dynamics and financial performance indicators.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ* -** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.**Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169. Телефон: **927749981**

**Сведения об авторе:** ***Хакимзода Маъруф Махмуди*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат экономических наук, доцент, кафедра бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Телефон: **927749981**

**Information about the author:** ***Khakimzoda Maruf Mahmudi*** - Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Accounting and Auditing. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Phone: **927749981**

ТДУ: 336.142.2

# ПРИНСИПҲО ВА ШАРОИТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ БУҶЕТИКУНОНӢ ДАР ПОЯИ РАВИШИ ЛОИҲАВӢ

***Ҳанифаи Э.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва зуҳуруҳотҳои бавуҷудмеомадаи ба онҳо алоқаманд, ки яке аз онҳо афзоиш ёфтани хароҷоти буҷаи кишвар мебошад, масъалаҳои вобаста ба баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷадиҳии хароҷотҳои буҷет аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари кишварҳои хориҷӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва барои ёфтани ҳалли масоили баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷа додани хароҷотҳо ба буҷетикунонӣ нигаронидашуда, яъне буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд рӯ овардаанд, ки асоси онро ташкил намудани хароҷотҳо вобаста ба барномаҳои қабулгардида ташкил медиҳад. Он имконият медиҳад, ки хароҷотҳо тавассути меъёрҳои дар барнома дарҷ гардида ба роҳ монда шаванду дар натиҷа уҳдадориҳои тақсимкунандагон баланд гардида, самранокӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Ҳанӯз охири соли 2017 дар Паёми худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа намуда буданд, ки «Буҷети рушд дар баробари иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии афзояндаи давлат ба густариши фаъолияти инноватсиониву сармоягузорӣ, татбиқи босифати барномаҳои соҳавӣ ва бунёди иншооти инфрасохторӣ мусоидат менамояд. Барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва тақсимоту истифодаи мақсадноки онҳо зарурати тақвият бахшидани корҳо дар самти таҳияву татбиқи буҷет дар асоси барномаҳои тарҳрезишуда пеш меояд. Дар ин раванд, бояд ба усулҳои муосири арзёбии стратегияву барномаҳои қабулгардидаи рушд эътибори ҷиддӣ дода, маблағгузории барномавӣ минбаъд аз рӯи натиҷа ва самаранокии он татбиқ карда шавад. Амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба танзими тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ беҳтар гардида, назорати истифодаи шаффофи молияи давлатӣ ва татбиқи барномаҳои соҳавӣ таъмин карда шавад. Чунин тадбирҳо ба такмили раванди маблағгузорӣ дар маҳал низ мусоидат менамоянд» [10]. Ин ба он далолат медиҳад, ки баъд аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави равандҳои буҷетикунонӣ, ки ба натиҷа нигаронида мешаванд, оғоз мегардад.

Ҳамин тавр чи хеле, ки қайд карда будем, буҷети барномавӣ аз буҷети маъмул бо он фарқ мекунад, ки ҳар як банди хароҷот дар он ба барнома дохил карда шуда, бо ин ё он натиҷаи стратегӣ вобаста гардонида шуда аст, ки он дар навбати худ ба фаъолияти ягон мақомот алоқаманд мебошад. Ба ақидаи С.А. Бескоровайная «натиҷаи стратегӣ гуфта, фоидаи устувори дарозмуҳлати ҷамъиятиро меноманд, ки аз рӯи дурандешии мақомотҳо ба миён меояд, ки ин тағйирёбиро онҳо ба ҳаёти чамъиятӣ ворид месозанд ва дар зери таъсирашон мебошад. Дар навбати худ натиҷаҳои стратегии фаъолияти мақомотҳо бо афзалиятҳо ва натиҷаҳои интизорбудаи ҳукумат тавъам мебошанд» [4,с.6].

Бо ҳамин тартиб буҷети мақомот аз барномаҳои тартибӣ таркиб меёбад. Барои ҳамин ҳам ҳар як мақомот бояд буҷети худро ташкил намуда, ҳимоя намояд ва барои таъмин гардидани равандҳо бо иттилооти зарурӣ оид ба хароҷотҳо ва самаранокии амалишавии онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад. Дар ин ҳолат ҳар як намуди фаъолият ва ҳар як амали мақомот бояд дар доираи барнома амалӣ гардида, барномаҳои алоҳида бошанд, ба як мақомоти асосӣ тааллуқ доштанашон беҳтар мебошад. Дар ин ҳолат ба тавсифи гурӯҳбандии барнома ва муайян сохтани алоқамандиҳои функсионалии онҳо рӯй овардан зарур мебошад. Дар маҷмуъ, тавсифи барномаҳои барои ба ҳадафҳои стратегии буҷетикунонӣ ноил гардидан нигарноидашуда, аз гурӯҳбандии хос бархӯрдор шуданашон аҳаммияти муҳим дорад (расми 1).

Агар гурӯҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманди буҷетикунониро бо натиҷаҳои ниҳоии стартегии фаъолияти мақомот тарҷеҳ кунем, онгоҳ фаъолшавии сохтори барномаҳо ба вуҷуд омада, он ба ҳайси ҳуҷҷати ибтидоии сохтории идора ва

**Расми 1. Таснифоти гурӯҳбандии тавсифи барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумии онҳо**
**Figure 1. Descriptive classification of targeted programs and their general purpose**




танзимкунанда, инчунин, тақсимкунандаи захираҳои буҷетӣ баромад намуда, натиҷаҳои стратегии ниҳоиро муайян хоҳад кард, ки дар навбати худ тибқи муҳтавои он буҷетикунонии барномавӣ ба ҳайси асос татбиқи худро ба роҳ монда метавонад. Онгоҳ баъзе барномаҳое, ки мавриди таҳлил қарор мегиранд, аз лиҳози самаранокӣ баҳогузорӣ карда шуда, баъзеяшон аз эътибор соқит карда мешаванду, харочотҳои баъзеяшон кам карда мешаванд. Ғайр аз ин барномаҳоеро низ муайян месозанд, ки онҳоро ё муттаҳид сохтан зарур аст ва ё маблағгузориҳои иловагӣ ба онҳо пешниҳод намудан лозим аст. Баъд аз таҳлилу баррасии мавкеи барномаҳо бояд системаи самаранокӣ аз лиҳози иҷтимоиву иқтисодӣ, экологӣ, бехатарӣ ва эътимоднокӣ бархурдорбудае ба роҳ монда шавад, ки дорои тавсифоти оптималӣ дошта бошад. Зеро, ки ба натиҷаҳои стратегӣ ноил гардидани барномаи асосӣ ба ҳадафҳои ҳамҷавор ноил гардидан низ мусоидат хоҳад кард. Масалан системаи дурусти истеҳсоли ягон намуди маҳсулот бояд ба рушди барномаҳои ба

бозори фурӯши ин маҳсулот нигаронидашуда мусоидат намуда, инчунин, барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ низ муосид бошад ва он гоҳ имкониятҳои ба ҳадафҳои дар доираи барнома гузошташуда ноил гардидан фарохтар хоҳанд гашт.

Дар доираи мақсадҳои дар расми 1 инъикос гардида метавон арз намуд, ки воситаҳои буҷетӣ барои маблағгузориҳои ин ё он мақомот бояд дар доираи барномаҳо таснифот гардида, ҷудо карда шаванд, ки он барномаҳо фарогири фаъолиятҳои пешбинишуда ва мушаххас бошанд. Арзиши амалиётҳои дар барномаи мушаххас таъин гардида, набояд ба дигар барномаҳо масраф гардад. Дар ҳолати акс муайян кардани арзиши пурраи ҳар як барнома ба норасогиҳо вохӯрданаш мумкин аст.

Оид ба мақсади менҷмент, мустақилият ва масъулият месазад зикр намоем, ки барномаҳо бояд дорои қисматҳои идоракунандаи худӣ бошанд, ки идораи он қисматҳо ба ухдаи шахси мушаххас (менеҷер ё топ-менеҷер) вогузор карда шуда бошад.

Чун «Аз мақомот ба мақомот, аз барнома ба барнома мазмуни техникӣ ва ҷузъиёти корҳо тағйир ёфтанашон имконпазир аст, аммо ҳолатҳои зерини умумии дастурамали вазифавии менеҷерро таъин намудан мумкин аст, ки он шомили амалҳои коркард намудани ҳадафҳои солона ва миёнамуҳлат, мониториги хароҷотҳо ва идораи маҷрои пулӣ, тақсимоти таъинотҳои барномавӣ ва зербарномаҳо, бурдани машваратҳои молиявӣ, ухдадорӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, омодасозии барномаҳо ва тавсияҳо ба ҳукумати кишвар, бурдани назорат аз болои кормандони доираи барнома ва тамоми ашхоси ҳуқуқии ба барнома шомилшуда, омодасозии ҳисоботҳо барои роҳабрият ва ғ. мебошад» [9,с.40].

Ҳамин тавр буҷетикунонии барномавӣ методологияе мебошад, ки банақшагирӣ, иҷроиш, танзим ва назорати буҷетро амалӣ намуда, алоқамандиҳои равандҳои тақсимоти хароҷотҳои давлатӣ ва натиҷаҳои амалишавии барномаҳоеро барқарор мекунад, ки ин барномаҳо дар асоси ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои буҷет коркард карда шудаанд.

Агар мақсади асосии буҷетикунонии барномавӣ баланд бардоштани самаранокии хароҷотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошад, пас афзун гардидани устуворӣ ва самаранокии фискалии фаъолияти субъектони идоракунандаи он ва алоқамандии зичи хароҷотҳои буҷет бо ҳадафҳои стратегӣ аҳаммияти хос дорад. Зеро, асоси буҷети барномавиро таснифоти барномавии хароҷотҳо ташкил медиҳад, ки онҳоро бевосита дар доираи сиёсати иқтисодии ҳукумат муайян месозанд ва тамоми нишондиҳандаҳои асосии хароҷотҳои буҷет, баргузории аудит, тадбирҳо оид ба ҳавасмандкуниҳо ва авомили ба инҳо баробаркардашуда ташкилдиҳандагони асосии таъминоти самранокии амалисозии барномаҳо ба ҳисоб мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели ягонаи буҷетикунонии барномавӣ мавҷуд набошад ҳам, аммо тавсифоти маҷмуавии баъзе элементҳои онҳо вобаста аз самти барномаи буҷети кишвар ҳамҷавор буда метавонанд, ки дар маҷмуъ, дорои принсипҳои ба он созгор бояд бошанд. Дар мавриди принсипҳои методологии татбиқи буҷети барномавӣ таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки муҳаққиқон бештар ба панҷ принсипи асосӣ такя мекунанд [ниг. масалан ба: 1; 2; 11; 7; 8; 9].

1. **Принсипи таъминоти иттилоотӣ ва бамаврид будан**, ки аз ҷамъоварӣ ва баинобатгирии маълумотҳои натиҷаҳои амалишавии барномаҳо дар раванди омодасозии буҷет иборат мебошад. Доираи фарогирии принсипи мазкурро ба миён омадани фазои фискалӣ дар ҳолати ташаббусоти барномаҳои навин ташкил медиҳад, ки зарурати афзоиш додани хароҷотҳоро аз байн мебарад. Тариқи барпо доштани алоқамандиҳои самаранокии амалишавии барномаҳо ва ҳаҷми маблағгузориҳои онҳо фазои мусоиди қабули қарорҳо ба вуҷуд меоянд.

2. **Принсипи кифоягии иттилоотӣ** дар назар дорад, ки системаи устуворе ташаккул дода шавад, ки битавонад ба баҳогузории ҳамаҷонибаи барнома мусоидат намояд. Баҳогузории самранокии барномаҳо асос барои қабули қарорҳои дахлдор буда, раванди баҳогузориҳои бахшҳои иқтисодиро фаро намегирад ва дар доираи иттиллот оид ба дараҷаи мувофиқати натиҷаҳои ноилгардида ба сиёсати давлатӣ ва талаботҳои ҷамъиятӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии барномаҳо ва дурустии барномаҳо фаъолият мекунад.

3. **Принсипи ҳамгирої** дар назар дорад, ки барои самаранокии модели буҷетикунонӣ маълумотҳои равандҳои буҷетӣ нақши муҳим дошта бошанд ҳам, аммо маълумотҳои мониторинги буҷет дар тамоми равандҳои буҷетӣ ба инобат гирифта шуда, сиёсати буҷетӣ, саривақт ба натиҷаҳои мониторинг диққат додан ва ҷудо намудани барномаҳои афзалияташон кам зарур буда, аҳаммити хос доранд ва барои таҳлил ва самаранокии иҷрошавии барномаҳо мусоидат хоҳанд кард;

4. **Принсипи синергия ва кооператсия** системаи банақшагирии синергетикии буҷетро дар назар дорад, ки равишҳои комплекси буҷетикунонӣ дар минтақаҳоро фаро гирифта, ниҳоди иҷтимоии банақшагирӣ ва равандҳои буҷетӣ дар доираи як мақомотро дар назар дорад.

5. **Принсипи чандирияти идоракунӣ** ба шахсони уҳдадор ва воҳидҳои сохторӣ барои ҷудо намудани афзалиятҳои ба самаранокӣ муосидаткунанда фазои фароҳам меоварад.

Аз тарафи дигар, принсипҳои аз ҷониби муҳаққиқон қайд карда шуда, фарогири пайвастагии мантиқӣ бошанд ҳам, аммо барои мусоидат намудани талаботҳои расмӣ ва ғайрирасмии равандҳои буҷети барномавӣ ва эътимод ба ниҳодҳои буҷетӣ, ба ақидаи мо ба назар гирифтани принсипи маълумотдиҳӣ ба ҷомеа нақши муҳим мебозад.

6. **Принсипи пешниҳод намудани иттилоот ба ҷомеа** (пешниҳоди муаллиф). Принсипи мазкур, ки дар бисёр кишварҳо таҷриба мешавад, пешниҳоди маълумоти пешина, ҳозира ва ояндаи фаъолияти буҷети барномавиро дар назар дорад. Пешниҳод намудани маълумотҳои мувофиқ (бо воситаи ВАО) ба ҷомеа нуқтаи муҳимми шаффоифияти равандҳои буҷети барномавии ҳадафманд гардида, ба самаранокона хароҷот шудани воситаҳои буҷетӣ мусоидат хоҳад кард.

Бояд гуфт, ки барои самаранок татбиқ намудани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, фароҳам овардани шароитҳои хос амри зарурӣ мебошад. Ин шароитҳоро ба се даста метавон тақисм намуд:

**1) Фароҳам овардани ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар.** Фазои сармоягузорӣ ва ҷаззобияти он яке аз масъалаҳои мубрами илми иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, омили калидие мебошад, ки сармоягузорон онро ба назар гирифта, қарорҳои дахлдор оид ба татбиқ ва амалигардонии сармоягузориро қабул мекунанд «Чун ташаккулёбӣ ва рушди ҷаззобияти сармоягузорӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ба системаи иқтисодӣ-иҷтимої нигаронида шудааст, пас маҳз аз рӯи тағйирёбии ҷараёни сармоягузорӣ ва сохтори онҳо метавон оид ба тағйирёбиҳои ҷаззобияти сармоягузорӣ хулоса баровард. Чунин хулоса барои бештари сатҳҳо одилона шуда метованад» [6,с.10]. Аммо, бояд дар назар дошта шавад, ки вобаста ба амалишавии функсияҳои субъектони раванди сармоягузорӣ, онҳо байни ҳам алоқа намуда, дар ҳар лаҳзаи вақти ба равандҳои сармоягузорӣ тааллуқдошта ҳамчун мароқзоҳиркунандаи ин раванд баромад мекунанд. Масалан, аҳолӣ метавонад ҳам таъминкунандаи қувваи корӣ, ҳам намояндаи мақомоти идоракунандаи равандҳои буҷетикунонии барномавии ҳадафманд ва ҳам намояндаи сохторҳои соҳибкорӣ бошад ва чунин бисёртарафии аз чониби субъекотни равандҳои сармоягузорӣ ба зуҳур меомада ихтилофи тахассусии ҳар кадом гурӯҳро аз байн бурда, дар натиҷа, ҳамон алоқамандии кооператсионӣ ба вуҷуд меояд. Мутлақо зоҳир гардидани ин омил боиси муосидати шароитҳои фаъолгардонӣ ва афзуншавии ҷаззобияти сармоягузорӣ мегардад.

Ба ақидаи Л.А. Раменская «ҷаззобияти сармоягузорӣ аз худ иҷтиҳоди мутаҳҳидгардидаи иқтисодӣ (сармоягузорӣ) ва шакли психологӣ (ҷаззобият, ҷолибият), яъне баҳоҳои субъективии воқеияти объективро (ба ҳайси омили субъективие, ки ба қабули қарори ба сармоягузорӣ вобаста таъсир мерасонад, баҳои субъективии сармоягузор оид ба нишондиҳандаҳои ҳолати субъекти хоҷагидор ва майли инфиродии он ба хавф баромад мекунад) инъикос мекунад» [14,с.182]. Муаллиф ҷаззобияти сармоягузориро ҳамчун бастаи маҷмуи тадбирҳое муаррифӣ мекунад, ки дар маҷмуъ, талаботи пардохтпазирии сармояро асоснок ва ҷалб гардидани онҳоро ҳавсманд мекунанд.

Дар заминаи фароҳамоварии шароити мусоиди ҷаззобияти сармоягузорӣ, гурӯҳҳои зерин метавонанд ба ҳайси сарчашмаи сармоягузорӣ баромад намоянд:

Дар навбати аввал **давлат** меистад. Давлат маблағгузориҳо ба сармогузориро метавонад тариқи маблағгузориҳои мустақим аз буҷет, қарзҳои имтиёзӣ ба барномаҳои сармоягузорӣ ва қарзҳои давлатии кафолатнок амалӣ намояд. Иштироки давлат дар раванди маблағгузориҳо ба сармоягузориҳо, ба уствории сиёсӣ ва риояи қавонини мушаххас ва паст гардидани хавфҳои лоиҳаҳои барномавӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ҷониби дигар, шаклҳои ташкили фаъолияти сармоягузорӣ ба монанди маблағгузориҳои барномаҳо дар шакли давлативу-хусусӣ (ШДБХ) ва соҳиби саҳмияҳои асосӣ будани давлат, ба давлат имконият медиҳанд, ки назорати барномаҳоро дуруст ба роҳ монда, ба сармояи хусусӣ кафолати устувории сармояҳояшон дода шавад.

Баъдан сарчашмаи дигаре метавонанд **бонкҳо ва сармоягузорони қарзӣ** бошанд, ки мақсади асосии онҳо гирифтани фоида аз қарзашон мебошад. Барои онҳо имкониятҳои баргардонидани саривақтӣ ва пурраи маблағҳои қарзӣ ва фоизи онҳо ҷолибияти хосса дорад ва ҳамин хусусияти қарзбаргардонӣ ба ҳайси омили асосии ҷозиб баромад мекунад.

Дар қисмати сеюм сармоягузороне меистанд, ки ҳадафашон дар оянда гирифтани фоида буда, барои расидан ба он ба хавфҳо аҳаммият намедиҳанд. Маслан, сармоягузорони молиявӣ, ки маблағгузориҳояшонро ба афзоиш ёфтани арзиш нигаронидаанд. Сармоягузориҳои онҳо одатан барои хариди бастаи саҳмияҳо ва бо гузашти вақт ба фурӯш мондани онҳо нигаронида мешавад. Фоидаи онҳо танҳо аз фурӯши саҳмияҳо ба даст меояд. Аммо, онҳо сармояҳояшонро бештар ба бахшҳое масраф мекунанд, ки лоиҳаҳои даромаднокиашон баланд мебошад.

Инчунин, бахши мазкурро сармоягузорони стратегӣ пур мекунанд. Онҳо хариди саҳмияҳоро дар ҳаҷми бузург (ҳамаи саҳмияҳо) дар назар доранд ва иштироки онҳо метавонад муддатҳои дароз (ё ба таври ҳамешагӣ) тул кашад. Ҳолатҳое мешавад, ки ин сармоягузорон объектҳоро пурра аз худ мекунанд ва ё бо дигар объектҳо муттаҳид месозанд. Дар ин замина мақсади асосии сармоягузори стратегӣ афзоиш додани тиҷорати худаш ва дастрасӣ ёфтанаш ба имкониятҳо, технологияҳо ва захираҳои нав мебошад.

Ғайр аз инҳо сармоягузоронеро қайд намудан лозим аст, ки онҳо танҳо ба баланд шудани арзиши саҳмияҳо такя менамоянд ва онҳо сармояи худро танҳо дар доираи лоиҳаҳои ба корхонаҳо тааллуқдошта мегузоранд. Барои ҷалби сармояи ин гурӯҳ бояд нишондиҳандаҳои молиявии корхона тамоюли афзоишашон намоён бошад.

Ҳамин тавр ҷаззобияти сармоягузории кишвар барои рушди барномаҳои ҳадафманди буҷет афзалиятҳои сершумореро фароҳам меоварад. Дар ин замина сармоягузорӣ ва ҷалб намудани он аз буҷаи давлат аз афзалияти махсус бархурдор мегардад, чун аз ҷониби давлат кафолат пешниҳод гардида, самти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар нигоҳи сармоягузорони потенсиалӣ боз ҳам ҷолибтар мегардад.

**2) Фароҳам овардани муҳити мусоиди рақобатӣ дар кишвар.** Масоили ташаккули муҳити рақобатпазирӣ барои бахшҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти хосса дошта, шарти зарурии таъсири самаранокии механизмҳои рушди иқтисодӣ вобаста ба ҳалли масоили иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди рақобатпазирии бахшҳои иқтисодиёт тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ба қавли П.И. Аҳмадова «ташаккули муҳити рақобатӣ маънои созмони чунин миқдори корхонаҳои соҳаи савдо, субъектони муносибатҳои бозорӣ ва чунин шароитҳоеро дар тамоми бахши иқтисодӣ дар назар дорад, ки имконияти таъминкунии ташаккули механизми худтавлидкунандаи рақобатиро фароҳам биоварад. Ҳаракатнокӣ ва ҷаҳонишавии муҳити берунаи иқтисодӣ омилҳои стратегии муваффақиятҳои рақобатиро ҳалкунанда месозанд. Барои ҳамин субъектони иқтисодӣ бояд барои рушди дарозмуддат самтҳои мухталифро баҳогузорӣ намуда, алтернативаҳои стратегӣ дошта, робитаҳоеро барқарор созанд, ки ба самаранокии фаъолият ва алоқаҳои хоҷагидорӣ асос ёфта бошанд» [3,с.227]. Аз ин ҷо бармеояд, ки рақобатпазирӣ мавҷудияти маҳорату қобилият ва имкониятҳои саривақт ба шароитҳои тағйирёбандаи бозор мусоид шуданро дар назар дорад, ки ҳамроҳ ба он таъмини талаботи аҳолӣ бо масолеҳ ва хизматрасонӣ ва рушди инфиродиро пайгирӣ менамояд.

Дар бештари кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ дуруст рушд ёфта, муҳити рақобатӣ ба таври эволютсионӣ ба вуҷуд омада, дар баъзе кишварҳо бошанд, тариқи ташкили шароитҳои мусоиди муносибатҳои бозорӣ ба миён омадааст. Тавре Н.И. Усик қайд

менамояд «муҳити рақобатӣ – ин шароитҳои ниҳодии координатсияи фаъолияти субъектони бозор мебошад. Аслан сиёсати рақобатӣ аз элементҳои қонунгузори рақобатӣ ва соҳаи ҳимояи рақобат ташкил мешавад. Моделҳои сиёсати рақобатӣ тавассути системаҳои сиёсӣ (маъмурӣ) ва ё ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Барои муҳофизати ҷомеа аз ҳокимияти монополӣ принсипи тақсимоти ҳоикимият ба қонунгузор, судӣ ва иҷроиш татбиқ карда мешавад. Таҳқиқи сиёсати рақобатии давлатӣ ва ташаккули муҳити рақобатӣ моро ба он дарке оварда расонид, ки ба ҷои механизми ракобатӣ, системаи координатсияи иқтисодӣ ташаккул ёфт» [15,с.34].

Механизмҳои баланд бардоштани рақобатпазирӣ фарогири равандҳои ташкилдиҳӣ мебошанд ва мушкилоти дар ташаккулёбии онҳо ҷой дошта, тавсифи мuҷтамаӣ доранд, ки баҳисобгирӣ ва таҳлили омилҳои зиёд ва тамоюлҳои гуногунро тақозо менамояд. Вобаста ба ин мазмун Хушвахтзода Қ.Х. ва Бобохонзода М.Ҷ. қайд менамоянд, ки «…механизми баланд бардоштани рақобатпазирӣ … дар худ равандҳои ташкилдиҳӣ ва худташаккулёбиро дар бар мегирад. Ташкил ва амалнамоии рақобатпазирӣ ба қисми проблемаҳои мушкили комплексӣ дохил мешавад, ки баҳисобгирӣ ва таҳлили омилҳои зиёд ва тамоюлҳоро талаб менамояд. Аксар ҳолатҳо, ташкили рақобатпазирии корхонаҳо ва соҳаҳо, ки худро дар дигар шароитҳо ва минтақаҳо хуб нишон додаанд, норавшан маънидод шуда, бо хусусиятҳои минтақавии муайян пайваст намешаванд. Бешубҳа, барои минтақаҳои гуногун роҳи рушди инноватсионӣ аз аввалин роҳе мебошад, ки афзалиятнокии истеҳсолоти маҳсулотро тамоман дар дигар асос ташкил медиҳад» [16,с.7]. Аз ин бармеояд, ки муҳити рақобатӣ бо ташаккулиёбии давлатӣ ва минтақаҳо алоқамандии зич дорад.

Бешак муҳити рақобатӣ дар доирае вусъат меёбад, ки дар ҳудуди географии он минтақаи инфрасохтори рушдёфта мавҷуд буда, абзори ниҳодии мусоид (сиёсати дурусти андозӣ, қарзӣ, молиявӣ ва ғ.) дар доираи васеи ҳудудӣ (ҳам минтақа ва ҳам давлат) татбиқ карда шавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани шароитҳои мусоиди ниҳодӣ ва ниҳодҳои бевоситаи иқтисодӣ ба татбиқи рақобатпазирӣ саҳми беандоза хоҳад гузошт. Зеро механизмҳои бозорӣ чун аз табиаташон офаридаи табиат набуда, маҷмуи қоидаҳои аз ҷониби инсон фикр карда баромадашуда мебошанд. Бояд мутобиқ ба манфиати субъектони бозор бошанд ва албатта ҳамин воқеият ҳамкориро ба миён меорад, ки омили мавҷудияти муҳити рақобатӣ ва таъмини механизми рақобатпазирӣ мегардад.

**3) Фароҳам овардани шароит барои густариши фановариҳои рақамӣ ва инноватсионӣ.** Равандҳои инноватсионӣ дар маҷмуъ, фаъолияти аз як шакл ба шакли дигар гузаронидани технология ва донишҳои илмиро дар бар гирифта, барои табдилёбиҳои системаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсир мегузорад. Таҳлили рушди иннноватсионӣ дар замони муосир яке аз равандҳои мубрам ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои тасиррасони рушди илмиву техникӣ ва фарох гардидани равандҳои хоҷагидориро дар назар дорад.

Ҷанбаи аслии равандҳои иннноватсионӣ дар замони муосир, мутобиқ гаштан ба зуҳуротҳои муосир мебошад. Чуноне, ки И.В. Разинкина ва Н.В. Лазарев қайд менамоянд «мутобиқ шудан ба табдилёбиҳои шароитҳои рақамӣ ва ё ба индустиря 4.0 масъалаи калидие мебошад, ки на танҳо дар назди роҳбарони соҳаҳо меистад, балки масъалаи асосии тамоми субъектони иқтисодие мебошад, ки мехоҳанд дар оянда ва айни замон рушд кунанд» [13,с.2757]. Дар ин замина ҳаминро бояд қайд намоем, ки навовариҳои техникӣ, ташкилӣ, амалиётӣ ва ғайраҳое, ки ҳангоми табдилёбиҳои маркетингӣ ба вуқуъ меоянд ва бо онҳо дар раванди фаъолияти иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванд, инноватсия буда, то чӣ андоза ба татбиқи онҳо омода будани шахсони қарорқабулкунанда, рушди бахшҳои ба онҳо тобеъ буда, вобастагӣ дорад.

Тавре И.Е. Жуковская, А.И. Ишназаров ва А.Д. Жуковский зикр мекунанд «…инноватсия аз худ навоварии татбиқшудаеро инъикос мекунад, ки рушди босифати равандҳои самараноки истеҳсолӣ ва ё истеҳсоли маҳсулоти дар бозор серхаридорро таъмин менамояд. Барои ҳамин ҳам хусусияти ҳатмии инноватсияи илмӣ-техникӣ, дараҷаи баланди навоварӣ, қудрати моддикунонӣ дар истеҳсолот бо мақсади гирифтани фоида барои таъмни талаботҳои муайян ва инчунин, татбиқи он дар амалияи соҳаҳои фаъолияти

гуногун мебошад. Меъёри калидии инноватсия на танҳо мавҷудияти ғоя мебошад, балки татбиқи он дар амалия ба ҳисоб меравад» [5,с.24].

Рушди инноватсионӣ ва самараи инноватсияҳо бевосита дар равандҳои фаъолияти инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд. Зеро фаъолияти инноватсионӣ дар худ равандҳои тавлиди маҳсулот тариқи амалисозии намуди инноватсионии он ва гирифтани даромад аз онро фарогир буда, бо татбиқи донишҳои нав алоқаманд мебошад. Аз тарафи дигар, давраи муосир бо шароитҳое бархӯрд мекунад, ки равандҳои ба молияи давлатӣ тааллуқдошта ба рӯйдодҳое чун баланду поёншавии арзишҳо ва алоқамандиҳои шаклҳои мураккаби хоҷагидорӣ рӯ ба рӯ гардида, фаъолияти назоратбарӣ дар системаи молиявии давлатӣ ва хариди масолеҳ аз буҷаи давлат назорати махсусро талаб мекунад. Дар ин замина назорат ва идоракунии равандҳои буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷроиши қонунии захираҳои буҷетӣ, эътимоднокии равандҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ усулҳои таъсиррасони устувории буҷетро талаб менамояд. Усулҳои маъмули назорати давлатӣ аз қабилӣ санҷишҳои даврӣ ва назорати мақомоти давлатӣ тибқи қонунгузории кишвар ба роҳ монда шудаанд. Аммо дар шароитҳои табодули рақамӣ ва иттилоотикунониву рақамикунонии равандҳо, усулҳо ва шаклҳои бурдани назорат ва фаъолияти идоранамоӣ тағйир меёбанд. Чуноне, ки Ю.Н. Прохоров қайд менамояд « … дар чунин шароитҳо усулҳои фаъолияти назоратӣ тағйир меёбанд: назорати платформаҳои рақамӣ (системаҳои абрии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва буҷетӣ ва ғ.) инчунин, истифодаи мониторинг барои огоҳонидани назорат, идораи хавфҳо дар бахши харид ва ғ. Аммо ин инноватсияҳо коркардҳои муайян ва фарогиршавии қонуниро талаб мекунанд» [12,с.9]. Аз ин гуфтаҳо метавон чунин хулоса баровард, ки мукаммалсозии фаъолияти назоратӣ дар замони муосир, дар доираи татбиқи воситаҳои рақамӣ бояд бо мақсади васеъ гардонидани ваколатҳои мақомотҳои назоракунанда, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои бурдани назорати ба қоидавайронкуниҳо наовардан, таъмини дастарсӣ ба маълумоти воқеӣ ва зарурӣ, инчунин, барои кам кардани хавфҳои банақшагирӣ ва ташаккули санадҳои зарурии мутобиқ ба меъёрҳои мавҷудбуда, амалӣ гардад.

Ҳамин тавр барои самаранокона татбиқ намудани принсипҳо ва шароитҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, шартҳои барқарорсозӣ ва тафриқакунии марказҳои уҳдадориҳо бо роҳҳои таъмини амалишавии барномаҳои махсус ва ҷудокардашудаи (лоиҳаҳои ба онҳо вобаста карда шуда) воҳидҳои сохтории ба тақсимоти воситаҳои буҷетӣ сарукор дошта зарур буда, инчунин, зарурати гурӯҳбандии лоиҳаҳо вобаста ба ҳадафҳои барномавиро (нововбаста аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ) ба миён меорад. Дар ин замина, хароҷотҳо пурра тибқи таснифоти барномаҳо фарогирӣ карда шуда, маблағгузориҳои тамоми сатҳҳо бояд тавсифи ҳадафмандона дошта, вобаста аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ ба баҳодиҳии миқдорӣ созгор бошанд. Нуқтаи асосии ташаккули буҷети барномавӣ дар таҷассуми алоқамандии зичи функсияҳои давлат ва ҳадафҳои стратегии он ифода мегардад, ки дар доираи фаъолияташ уҳдадориҳои марказҳои хароҷотҳо ва тақсимкунандагони воситаҳои буҷетиро муайян месозад .

Ҳамин тавр татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд имкониятҳои муайянсозии хароҷотҳои молиявии давлат ва ба кадом самтҳо равона гардидани онҳоро муайян ва мушаххас месозад ва фарогири ҳаҷми калони иттилоот буда, буҷетро ба ҳадафҳои ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ равонагардида нигаронида, ҳадафҳои стратегии буҷетиро барои давраҳои дарози банақшагирии стратегӣ менигаронад ва сохтори буҷетро сода намуда, барои шаффофии равандҳои буҷетӣ шароит фароҳам меоварад. Аммо бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барои амалишавии ин ҳадафҳо, ҳангоми гузаштан ба буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, равандҳои сиёсӣ, назоратӣ ва маблағгузории буҷет аз ҷонибаи ҳукумат ва роҳбарият дастгирии ҳамаҷониба ёбанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳофизов Ҳ.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулхаева Ш.Р. Формирование и развитие системы программного бюджетирования на региональном уровне (на материалах регионов Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук. 08.00.05 / Ш.Р. Абдулхаева. -Душанбе, 2020. -185 с.
2. Алабдали Хайдар М.К. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения / Алабдали Хайдар М.К. // Научное образование. -СПб, 2021. -№3(12). -С.163-167.

3. Ахмадова П.И. Формирование конкурентной среды как приоритетное направление совершенствования сферы торговли в регионе / П.И. Ахмадова // Инженерный вестник Дона. -Ростов-на-Дону, 2011. -№1. -С.226-236.
4. Бескоровайная С.А. Современный этап бюджетного реформирования в Российской Федерации / С.А. Бескоровайная // Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. -М., 2011. -№3. -С.5-8.
5. Жуковская И.Е. Инновационные тенденции влияния передовых информационно-коммуникационных технологий на экономическое развитие Узбекистана в условиях формирования цифровой экономики / И.Е. Жуковская, А.И. Ишназаров, А.Д. Жуковский // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. -СПб., 2020. -№1(121). -С.23-30.
6. Казакова О.Б. Формирование инвестиционной привлекательности как результат системных взаимодействий субъектов хозяйствования / О.Б. Казакова // XII Международная конференция «Российские регионы в фокусе перемен». Сборник докладов. -Екатеринбург: Издательство УМЦ УПИ, 2018. -Ч.2. -С.9-17.
7. Карандасов С.В. Особенности применения программно-целевого метода планирования и финансирования расходов бюджета в России / С.В. Карандасов // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Экономика. -М., 2011. -№(2). -С.82-89.
8. Карпова Д.П. Программно-целевой метод планирования и финансирования как инструмент повышения эффективности государственных расходов / Д.П. Карпова, С.И. Карандасов // Финансы и кредит. -М., 2012. -№5(485). -С.74-79.
9. Козлов С.Н. Технология подготовки программного бюджета / С.Н. Козлов // Вестник Нижегородского государственного инженерно-экономического университета. -Княгинино, 2012. -№7. -С.39-54.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/16771
11. Программный бюджет: цели, классификация и принципы построения // Финансовый журнал / М.П. Афанасьев, Б.И. Алехин, А.И. Кравченко, П.Г. Крадинов. -М., 2010. -№3. -С.5-18.
12. Прохоров Ю.Н. Развитие методов и инструментов цифрового мониторинга контрольной деятельности в бюджетной и закупочной сфере / Ю.Н. Прохоров // Финансовые рынки и банки. -М., 2022. -№10. -С.8-12.
13. Разинкина И.В. Инновационная деятельность в условиях цифровой экономики / И.В. Разинкина, Н.В. Лазарев // Креативная экономика. -М., 2020. -Том 14. -№11. -С.2757-2772.
14. Раменская Л.А. Формирование инвестиционной привлекательности предприятий лесного сектора для различных групп инвесторов / Л.А. Раменская // Вестник МГУЛ. Лесной вестник. -Мытищи, 2008. -№3. -С.182-188.
15. Усик Н.А. Формирование конкурентной среды и конкурентная политика / Н.А. Усик // Теоретическая экономика. -Ярославль, 2012. -№4(10). -С.33-42.
16. Хофизов Х.А. Институциональные аспекты страхования инвестиционного риска в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№8. -С.33-39.
17. Хушвахтзода Қ.Х. Механизми баландбардории рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Бобохонзода М.Ҷ. // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2021. -№2. -С.6-14.

## ПРИНСИПҲО ВА ШАРОИТҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ БУҶЕТИКУНОНӢ ДАР ПОЯИ РАВИШИ ЛОИҲАВӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба принсипҳои умумӣ ва шароитҳои мусоидаткунандаи буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд маълумот дода шуда, саҳми онҳо дар равандҳои ташаккул ва татбиқи буҷети барномавиву ҳафманд дида баромада шудаанд. Дар назар дошта мешавад, ки буҷетикунонии барномавӣ методологияе мебошад, ки банақшагирӣ, иҷроиш, танзим ва назорати буҷетро амалӣ намуда, алоқамандиҳои равандҳои тақсимоти хароҷотҳои давлатӣ ва натиҷаҳои амалишавии барномаҳоеро баркарор мекунад, ки ин барномаҳо дар асоси ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ оид ба татбиқи воситаҳои беҷет коркард карда шудаанд. Муаллиф бар он назар аст, ки барои самаранок татбиқ намудани принсипҳои асосии буҷетикунонӣ дар пояи равиши лоиҳавӣ, фароҳам овардани шароитҳои хос ба монанди фароҳам овардани шароит барои густариши фановариҳои рақамӣ ва инноватсионӣ, муҳити мусоиди рақобатӣ дар кишвар ва ҷаззобияти фазои сармоягузорӣ дар кишвар ба равандҳои татбиқсозии буҷетикунонии барномавӣ мусоид хоҳад буд. Зеро татбиқи буҷети барномавиву ҳадафманд имкониятҳои муайянсозии хароҷотҳои молиявии давлат ва ба кадом самтҳо равона гардидани онҳоро муайян ва мушаххас месозад ва фарогири ҳаҷми калони иттилоот буда, буҷетро ба ҳадафҳои ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ равонагардида нигаронида, ҳадафҳои стратегии буҷетиро барои давраҳои дарози банақшагирии стратегӣ ва сохтори буҷетро сода намуда, барои шаффофии равандҳои буҷетӣ шароит фароҳам меоварад. Барои амалан татбиқ шудани ҳадафҳои буҷетикунонии барномавиву ҳадафманд, ҳангоми гузаштан ба он, равандҳои сиёсӣ, назоратӣ ва маблағгузории буҷет аз ҷонибаи ҳукумат бояд дастгирӣ ёбад.

**Калидвожаҳо:** буҷет, барнома, ҳадаф, лоиҳа, принсипҳо, шароитҳо, татбиқ, маблағгузорӣ, сармоя, фазои мусоид.

## ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ И УСЛОВИЯ ВНЕДРЕНИЯ БЮДЖЕТИРОВАНИЯ НА ОСНОВЕ ПРОЕКТНОГО ПОДХОДА

В данной статье представлена информация об общих принципах и условиях внедрения программно-целевого бюджетирования, а также рассмотрено их влияние на процессы формирования и реализации программно-целевого бюджета. Считается, что программное бюджетирование – это методология, осуществляющая планирование, исполнение, регулирование и контроль бюджета, и поддерживающая связи между процессами распределения государственных расходов и результатами реализации программ, которые базируются на стратегических целях, принемая с учетом приоритетов государственной политики по реализации бюджетных средств. Автор считает, что для эффективной реализации основных принципов бюджетирования на основе проектного подхода необходимо создание специальных условий (создание условий для внедрения цифровых и инновационных технологий, благоприятной конкурентной среды в стране, привлекательность инвестиционного климата в стране которые будут благоприятствовать процессам внедрения программного бюджетирования. Поскольку реализация программно-целевого бюджета определяет и конкретизирует возможности определения финансовых расходов государства и направлений, по которым они должны быть расходованы, и включает в себя большой объем информации, программно-целевой бюджет должен быть ориентирован на социально-экономическое развитие, и в нем должны учитываться стратегические цели бюджета на длительные периоды стратегического планирования, а структура бюджета упрощается и создает условия для прозрачности бюджетных процессов. Для практической реализации целей программно-целевого бюджетирования при переходе к нему, политические, контрольно-финансовые процессы бюджета должны поддерживаться государством.

**Ключевые слова:** бюджет, программа, цель, проект, принципы, условия, реализация, финансирование, инвестиции, благоприятная среда.

## MAIN PRINCIPLES AND CONDITIONS FOR INTRODUCING BUDGETING ON THE BASIS OF THE PROJECT APPROACH

This article provides information on the general principles and conditions for the implementation of program-target budgeting, as well as their influence on the processes of formation and implementation of the program-target budget. It is believed that program budgeting is a methodology that carries out planning, execution, regulation and control of the budget, and maintains links between the processes of distribution of public expenditures and the results of program implementation, which are based on strategic goals, taking into account the priorities of public policy for the implementation of budgetary funds. The author believes that for the effective implementation of the basic principles of budgeting based on the project approach, it is necessary to create special conditions, such as creating conditions for the introduction of digital and innovative technologies, a favorable competitive environment in the country, the attractiveness of the investment climate in the country, which will favor the implementation of program budgeting. Since the implementation of the program budget determines and specifies the possibilities for determining the financial expenditures of the state and the directions in which they should be spent, and includes a large amount of information, the program budget should be focused on social and economic development, and it should take into account strategic budget objectives for long periods of strategic planning, and the budget structure is simplified and creates conditions for the transparency of budget processes. For the practical implementation of the goals of program-targeted budgeting during the transition to it, the political, control and financial processes of the budget must be supported by the state.

**Keywords:** budget, program, goal, project, principles, conditions, implementation, financing, investment, enabling environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **906-01-66-66**

**Сведения об авторе:** ***Ханифаи Эмоми Азимзода*** – Таджикский национальный университет, кандидат кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспепкт Рудаки, 17. Телефон**:** **906-01-66-66**

**Information about the author:** ***Hanifai Emomi Azimzoda*** – Tajik National University, candidate of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **906-01-66-66**

ТДУ: 336.6

# ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ

*Бобоев М.У.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд**

Дар замони муосири рушди иқтисодиёт ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ яке аз самтҳои муҳимми раванди идоракунии бизнес ин таъминоти иттилоотӣ мебошад. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии ташкилот ин маҷмуи захираҳои иттилоотӣ (манбаи иттилоотӣ) ва тарзи ташкили он мебошад, ки барои татбиқи расмиёти таҳлилӣ ва идоравии фаъолияти молиявию хоҷагидории ин ташкилот зарур ва мувофиқ аст [8,с.344].

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, рушд ва мустаҳкамшавии муносибатҳои иқтисодӣ таъминоти иттилоотӣ ба қатори функсияҳои асосии менеҷмент дохил мешавад [12,с.22]. Аз ин ҷо, ба функсияҳои асосии менеҷмент дохил мешаванд: банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, таъминоти иттилоотӣ, назорат.

Таъминоти иттилоотӣ ин низоми иттилоотии менеҷмент – раванди интихоби пайвастаи мақсадноки нишондиҳандаҳои иттилоотии дахлдор барои таҳлил, банақшагирӣ ва омода кардани қарорҳои самараноки идоракунии оперативӣ оид ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти молиявии ташкилот зарур мебошад [2,с.303].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, таъминоти иттилоотӣ ин ҷамъоварӣ, коркард, пешниҳод ва истифодабарии иттилоот барои ин ё он мақсади идоракунӣ мебошад.

Менеҷменти молиявӣ яке аз намудҳои менеҷмент ба ҳисоб меравад. Менеҷменти молиявӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ, ин идоракунии ташаккул ва ҳаракати захираҳои молиявии ташкилот бо мақсади қабули қарорҳои идоравии самараноки тактикӣ ва стратегӣ мебошад [6,с.126].

Мақсади асосии менеҷменти молиявӣ ин таъмини рушди некуаҳволии соҳибмулкони ташкилот дар давраи ҷорӣ ва перспективӣ мебошад, ки бо роҳи зиёд кардани фоида ва баланд бардоштани арзиши бозории бизнес амалӣ карда мешавад. Таъмини устувории молиявӣ, зиёд кардани фоида ва паст кардани хавфҳои молиявии ташкилот, нигоҳдории бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ, оптимизатсияи гардиши ҷараёни пулӣ дар ташкилот ба вазифаҳои асосии менеҷменти молиявӣ дохил мешаванд [4,с.7].

Барои татбиқи вазифаҳои асосии низоми идоракунии молиявӣ низоми самараноки менеҷменти молиявӣ зарур аст, ки таъминоти ташкилӣ, иттилоотӣ, таҳлилӣ, пешгӯӣ ва назоратро дар бар мегирад [10,с.116].

Механизми муосири менеҷменти молиявӣ ҳамчун қисми механизми хоҷагидории ташкилот унсурҳои зеринро дарбар мегирад: воситаҳои молиявӣ; фишангҳои молиявӣ; усулҳои молиявӣ; таъминоти иттилоотӣ; нишондиҳандаҳои самаранокӣ; таъминоти захиравӣ; таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ (расми 1).

**Расми 1. Унсурҳои механизми менеҷменти молиявӣ**
**Figure 1. Elements of the financial management mechanism**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [9; 13]

Таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ ҳамчун унсури механизми менеҷменти молиявӣ ин маҷмуи захираҳо ё манбаъҳои иттилоотии дохилӣ ва беруниро дарбар мегирад, ки барои қабули қарорҳои самараноки идоравӣ истифода мешавад [4,с.11].

Дар менеҷменти молиявӣ намудҳои гуногуни иттилоот истифода мешавад, ки ба сарчашмаҳои берунӣ ва дохилӣ тақсим мешавад (расми 2).

**Расми 2. Таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ**
**Figure 2. Information support of financial management**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [8; 15]

Чӣ тавре ки аз расми 2 дида мешавад, дар менеҷменти молиявӣ намудҳои гуногуни иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ истифода бурда мешавад. Иттилооти берунӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: меъёрӣ, оморӣ, бозорӣ, соҳавӣ, буҷетӣ, тиҷоратӣ. Ба нишондиҳандаҳои маъмули иттилооти берунӣ, ки дар менеҷменти молиявӣ истифода мешавад, инҳо мисол шуда метавонанд: ҳаҷми МУД, сатҳи таваррум, нархи коғазҳои қиматнок, меъёри бозтамвил, меъёри фоизи қарз, қурби асъор, нархи металлҳои ранга, нархи нахи пахта, меъёрҳои хароҷоти тасдиқшуда, индекси нархҳо, нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ва ғ.

Иттилооти дохилӣ бошад, иттилооти баҳисобгирӣ ва молиявӣ, буҷетӣ, андозӣ, меъёрӣ, таҳлилиро дарбар мегирад. Дар навбати худ бояд қайд кард, ки бештари иттилооти берунӣ дар асоси иттилооти дохилӣ муайян ва ҳисоб карда мешавад. Ба нишондиҳандаҳои иттилооти дохилӣ инҳо мисол шуда метавонад: ҳаҷми дороиҳо, ҷамъи уҳдадориҳо, сармояи худӣ, даромад аз фурӯш, арзиши аслии маҳсулот, фоидаи амалиётӣ, фоида то пардохти андоз, фоидаи соф, ва ғ.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои сарчашмаҳои дохилӣ аз рӯйи маълумоти намудҳои гуногуни баҳисобгирӣ муайян карда мешавад. Маҳз чунин иттилоот барои менеҷменти молиявӣ арзиши бештар дорад, зеро пурра ба талаботи принсипҳои муҳимият, мукаммалӣ, эътимоднокӣ, саривақтӣ, релевантнокӣ, муқоисавӣ, самаранокӣ ва кифояти зарурӣ мувофиқат мекунад. Дар замони муосир низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи субъекти хоҷагидорӣ аз нуқтаи назари самти мавзуии фаъолияти баҳисобгирӣ - баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, оперативӣ ва омориро фаро мегирад. Аз нуқтаи назари самти функсионалии фаъолият чунин намудҳои баҳисобгириро метавон фарқ кард: истеҳсолӣ, кадрӣ, стратегӣ, сегментӣ, экологӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва ғайра [1,с.23].

Мавриди зикр аст, ки то ҳол дар низоми менеҷменти молиявӣ муҳимтарин намуди иттилоот ин иттилооти ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Иттилооти молиявӣ асоснок ва боэътимод буда, аз он истифодабарандагони дохилӣ (маъмурият, соҳибмулкон, шарикон, шӯрои директорон, менеҷерон, сардорони истеҳсолот ё коргоҳ, кормандон) ва берунӣ (саҳомон, сармоягузорони воқеӣ, кредиторон, харидорон, мақомоти андоз, таъминкунандагон, иттифоқи касаба, матбуот ва умуман ҷамъият) истифода мебаранд. Истифодабарандагон аз иттилооти муҳосибӣ суд ва ё манфиат мегиранд, аз ин ҷо ҳамаи онҳо ба саҳеҳию шаффофияти иттилоот ҳавасманд мебошанд. Муҳим он аст, ки иттилоот бояд барои қабули қарорҳо асос шуда тавонад. Ҳамин тавр, риоя намудани талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), такмили барномаҳои коркарди ахборот бо назардошти хусусиятҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва талаботи таҳлили молиявию аудити ташкилот хеле зарур мебошад [16,с.20].

СБҲМ яке воситаҳои кафили сифати иттилооти ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи Асосҳои консептуалии ҳисоботи молиявӣ мақсади ҳисоботи молиявӣ ин пешниҳоди иттилооти молиявӣ дар бораи ташкилоти ҳисобот диҳанда мебошад, ки ба сармоягузорон, қарздеҳон ва дигар кредиторон барои қабули қарор муфид мебошад. Агар иттилооти молиявӣ муфид бошад, он бояд саривақт ва дақиқ маълумотро инъикос кунад. Муфиднокии иттилооти молиявӣ зиёд мегардад, агар он муқоисашаванда, санҷидашаванда, саривақтӣ ва фаҳмо бошад. Хусусиятҳои асосии сифати иттилооти молиявӣ релевантнокӣ ва пешниҳоди одилона мебошанд. Муқоисапазирӣ, санҷидашаванда, саривақтӣ ва фаҳмоӣ сифатҳое мебошанд, ки муфидии иттилоотро афзун мекунанд [19].

Тибқи банди 10 СБҲМ (IAS) 1 “Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ” маҷмуи пурраи ҳисоботи молиявӣ шаклҳоро зеринро дарбар мегирад:

1) ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ дар охири давра;
2) ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ барои давра;
3) ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармояи худӣ барои давра;
4) ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ дар давра;
5) тавзеҳот, ки дорои иттилооти муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва дигар иттилооти тавзеҳотӣ мебошанд;
6) ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ дар аввали давраи гузашта, ки ташкилот сиёсати баҳисобгириро ретроспективӣ татбиқ мекунад [18].

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз тамоми шаклҳои ҳисоботи молиявӣ барои мақсади менеҷменти молиявӣ нишондиҳандаҳо истифода бурда мешаванд. Иттилооти ҳисоботи молиявӣ барои таҳлили молиявӣ, таҳияи нақшаи молиявӣ, назорати молиявӣ, ҷалби инвеститсияҳо, гирифтани қарзҳо, ташкили корхонаҳои нав, васеъ кардани доираи фаъолият, тақсимоти суди саҳмияҳо, харидани саҳмияҳо, ҳавасмандгардонии кормандон, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, гузаронидани аудит, санҷиши андозӣ ва ғайраҳо то ҳол асоситарин маълумот ҳисобида мешавад.

Ба номгӯйи нишондиҳандаҳои асосии ҳисоботи молиявӣ, ки дар менеҷменти молиявӣ истифода бурда мешаванд, инҳо дохил мешаванд:

- ✓ ҳаҷми умумии маблағи дороиҳо;
- ✓ ҷамъи маблағи дороиҳои гардон;
- ✓ ҷамъи маблағи дороиҳои ғайригардон;
- ✓ ҷамъи маблағи сармояи худӣ;
- ✓ ҷамъи маблағи ухдадориҳои кӯтоҳмуддат;
- ✓ ҷамъи маблағи ухдадориҳои дарозмуддат;
- ✓ маблағи афзоиши сармояи худӣ;
- ✓ фоидаи тақсимнашуда;
- ✓ даромади соф аз фурӯш;
- ✓ арзиши аслии фурӯш;
- ✓ фоидаи умумӣ;
- ✓ хароҷоти фурӯш;
- ✓ хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ;
- ✓ фоидаи амалиётӣ;

- ✓ фоидаи то пардохти андоз аз фоида ва фоизҳо (EBIT);
- ✓ фоидаи то пардохти андоз аз фоида;
- ✓ фоидаи (зарари) соф; ва ғ. [4,с.14].

Дар таъмини иттилоотии менеҷменти молиявӣ масъалаҳои зерин муҳимтарин ба ҳисоб меравcovered:

1) ташаккули ҳисоботи молиявӣ;

2) алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои молиявӣ.

Ҳисоботи молиявӣ бояд тибқи талаботи қонунгузории соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ таҳия ва пешниҳод карда шавад. СБҲМ яке аз воситаҳои боэътимоди пешниҳоди иттилооти молиявӣ ба соҳибмулкон, сармоягузорон, қарздеҳон ва таъминкунандагон барои қабули қарорҳои дурусти идоравӣ ба ҳисоб меравад [3,с.20]. Аз мутахассисон риояи қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи сиёсати баҳисобгирии қабулшуда талаб карда мешавад. Аз ҳисобукитоби дуруст ё алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаҳо аз ҳисоботи молиявӣ ҳисоби индикаторҳои молиявӣ ва қабули қарорҳои самараноки идоравӣ вобастагӣ дорад.

Амалия нишон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо талаботи иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор (бештар саҳомон, қарздеҳон, сармоягузорон) ба қадри кофӣ қонеъ гардонида намешавад. Ба ин якчанд омилҳо таъсир мерасонанд, ба монанди норасоии салоҳияти касбии мутахассиси ба ташаккули иттилооти молиявӣ масъул, номукаммалии низомҳои иттилоотӣ ва воситаҳои барномавӣ, роҳ додан ба хатогиҳо дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, риоя накардани талаботҳои қонунгузории соҳаи баҳисобгирӣ ва СБҲМ.

Нақши муҳосиб ҳамчун мутахассиси масъул барои ташаккули маълумот дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилот, мунтазам меафзояд. Яъне ӯро ҳамчун мутахассиси барои ташаккули иттилооти молиявӣ ҷавобгар ҳисоб мекунанд. Маълумоти саривақтӣ ва дуруст дар бораи фаъолияти корхона воситаи муҳими арзёбии ҳолати бизнес ва муайян кардани стратегияи рушди минбаъдаи ташкилот мебошад. Чунин иттилоотро муҳосиб дорад ва ягона таъминкунандаи иттилооти молиявии бо ҳуҷҷат асоснок ва мунтазам пешниҳодшуда, иштирокчии асосии қабули қарорҳои гуногуни тактикӣ ва стратегии идоракунӣ мебошад [5,с.37].

Ҳамчунин мушкилоти асимметрияи иттилоот, ки аз набудани иттилооти саривақтии саҳеҳ дар бораи эмитентҳо, механизми самараноки интихоб ва мониторинги қарзгирон ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ иборат аст, барои сармоягузорони эҳтимолӣ ва кредиторони субъектҳои корпоративӣ низ муҳим аст. Консепсияи иттилооти асимметрӣ (Asymmetric Information Concept) яке аз консепсияҳои базавии менеҷменти молиявӣ мебошад. Иттилооти асимметрӣ маънои тақсимоти нобаробари он дар байни иштирокчиёни бозорро дорад, яъне категорияҳои алоҳидаи шахсон метавонанд иттилооте дошта бошанд, ки ба ҳамаи иштирокчиёни бозор баробар дастрас нестанд. Консепсияи мазкур мавҷудияти бозорро шарҳ медиҳад, зеро ҳар як иштирокчии он умедвор аст, маълумоте, ки ба ӯ дастрас аст, шояд барои рақибонаш маълум набошад ва аз ин рӯ, ӯ метавонад қарори самаранок қабул кунад.

Ҳисоботи молиявие, ки ба саҳмдорон, сармоягузорон ва кредиторон дастрасанд, маҷмуи маҳдуди нишондиҳандаҳоро дар бораи натиҷаи фаъолияти ташкилотро дар бар мегиранд. Иттилооти маҳдуде, ки барои таҳлил аз ҷониби истифодабарандагони беруна истифода мешавад, хусусияти хоси идоракунии корпоративӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани самаранокии воситаҳои бозори молиявӣ ва паст кардани хавфҳо, ба сармоягузорон ва кредиторон аксар вақт иттилоте лозим аст, ки дар ҳисоботи молиявӣ ифшо нашудааст, масалан: хавфҳои пешбинишуда, диверсификатсияи фаъолият, сохтори моликият, маълумот дар бораи тахассус ва шумораи кормандон, ва ғайра. Аз ин ҷо таъмини иттилоотии чунин гурӯҳи иштирокчиёни муносибатҳои корпоративӣ (бо мақсади ҷалби захираҳои молиявии беруна) вазифаи муҳимтарини идоракунии корпоративӣ мегардад [12,с.25].

Дар таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ низомҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ нақши муҳим доранд, ки бе истифодаи онҳо ахбороти саривақтӣ, муфид ва боэътимодро ба даст овардан имкон надорад. Субъектҳои хоҷагидории ватанӣ

(корхонаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, савдо, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои буҷетӣ) дар фаъолияти худ маҳсулотҳои барномавии гуногунро истифода мебаранд, ки самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин мекунанд.

Дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидории давлатҳои хориҷӣ, асосан Федератсияи Россия, Белоруссия ва Қазоқистон нисбатан маҳсулотҳои барномавии маъмул ба монанди «КИС: Финансовый анализ», «1С-АФСП», системаи «БЭСТ-Ф», системаи «Audit Expert» истифода бурда мешаванд.

Дар ҷадвали 1 таҳлили муқоисавии маҳсулотҳои барномавӣ дар соҳаи менеҷменти молиявӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Таҳлили муқоисавии маҳсулотҳои барномавӣ дар соҳаи менеҷменти молиявӣ**
**Table 1. Comparative analysis of software products in the field of financial management**

| *Номи барнома* | *Таҳиягар* | *Тавсифи умумии барнома* |
|---|---|---|
| 1. «КИС: Финансовый анализ» | ҶС «КИС» | - Ин барнома дар асоси Microsoft Excel таҳия карда шудааст ва ҳисоботи таҳлилӣ бо методикаи аз тарафи истеҳсолкунанда таҳияшуда, инчунин бо методикаи худи ташкилот бо истифодаи инструментҳои Microsoft Excel ташаккул меёбад.<br>- Ҳисоботи таҳлилӣ пурра ба Microsoft Word интиқол дода мешавад.<br>- Таҳлилҳое, ки бо «КИС: Финансовый анализ» гузаронида мешаванд, ҳисоби нишондиҳандаҳои стандартии молиявӣ, таҳлили амудӣ ва уфуқӣ, арзёбии рейтингии ташкилотро дар бар мегирад. |
| 2. «1С-АФСП» | Ширкатҳои «ИНЭК» ва «1С» | - Барои гузаронидани таҳлили молиявӣ асосан тавозун (ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ) ва ҳисоботи фоида ва зарар истифода бурда мешавад.<br>- Ин барномаи компютерии таҳлилӣ барои таҳлили вазъи молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳои ҳама гуна намуди фаъолият дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявӣ мебошад.<br>- Барномаи «1С-АФСП» фаъолияти корхонаро аз рӯйи ҳамон нишондиҳандаҳои «КИС: Финансовый анализ» таҳлил мекунад. Хусусияти фарққунандаи «1С-АФСП» арзёбии ҷолибияти сармоягузории корхона мебошад. |
| 3. Системаи «БЭСТ-Ф» | Ширкати БЭСТ | - Дар байни маҳсулотҳои барномавӣ системаи «БЭСТ-Ф» бо мавҷудияти ду блоки корӣ фарқ мекунад: таҳлили беруна, таҳлили дохилӣ.<br>- Таҳлили берунӣ ба монанди системаҳои иттилоотии қаблан баррасишуда («КИС: Финансовый анализ», «1С-АФСП») гузаронида мешавад.<br>- Таҳлили дохилӣ дар асоси базаи маълумоти барномаи муҳосибии «БЭСТ-5» гузаронида мешавад ва<br>- Таҳлили дохилӣ ҷузвдонҳои зеринро дар бар мегирад: тавозун, таҳлили амалиётӣ, таҳлили гардиши мол ва таҳлили хароҷоти фурӯш. |
| 4. Системаи «Audit Expert» | Ширкати «Эксперт Системс» | - Барномаи «Audit Expert» аз дигар барномаҳо бо имконияти азнавбаҳодиҳии натиҷаҳои молиявии фаъолият ё ҷамъи тавозуни корхона фарқ мекунад.<br>- Бо ин маҳсулоти барномавӣ ҳисоботи молиявӣ ё нишондиҳандаи молиявии талабкардаи истифодабаранда пешгӯйӣ карда мешавад.<br>- Барномаи «Audit Expert» имкон медиҳад, ки ҳисоботи молиявии кишварҳои дигарро таҳлил карда шавад.<br>- «Audit Expert» як системаи таҳлилӣ барои ташхис, арзёбӣ ва мониторинги вазъи молиявии як ё гурӯҳи корхонаҳо дар асоси маълумоти молиявӣ ва идоракунӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ мебошад.<br>- Аз барномаи мазкур хадамоти молиявию иқтисодии ташкилотҳои азим, бонкҳо, ширкатҳои аудиторӣ, мақомоти давлатӣ метавонанд истифода баранд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [7,с.40-41; 11; 14; 17]

Ба андешаи мо, омӯзиш ва истифодаи барномаҳои номбаршуда дар амалияи ташкилотҳои ватанӣ барои ташкили менеҷменти молиявӣ манфиатовар аст. Мутахассисон

метавонанд вобаста ба зарурият аз имкониятҳои чунин маҳсулотҳои барномавӣ истифода баранд. Аз тарафи дигар, ин барномаҳо барои мутахассисони мо фаҳмо аст ва аз нигоҳи молиявӣ нисбатан дастрас мебошад.

Дар доираи рушди таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ нақши пурзӯри системаи CRM-ро бояд қайд кард. Системаи CRM (Customer Relationship Management) имкон медиҳанд дар ҳар лаҳза ҳолати муосири суратҳисобҳои ташкилотҳоро дастрас кунанд, натиҷаҳои таҳлили компютериро истифода баранд ва чорабиниҳои молиявиро ба нақша гиранд, инчунин қарзи дебитории муштариёни худро назорат мекунад. Ҷорӣ намудани системаи CRM дар низоми менеҷменти молиявии ташкилот имкон медиҳад, ки системаи муносибатҳои молиявии байни ташкилот ва контрагентҳо сода карда шавад ва пойгоҳи иттилоотии он ба тартиб оварда шавад, ки ҳам ба арзёбии объективии вазъи ҳозираи ташкилот ва ҳам ба қабули қарорҳои идоравӣ дар оянда таъсир мерасонад [10,с.117].

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, бояд қайд кард, ки таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ яке аз унсури механизми менеҷменти молиявӣ буда, маҷмуи иттилооти берунӣ ва дохилиро дарбар мегирад. Муҳимтарин иттилооти дохилӣ ин ҳисоботи молиявӣ мебошад ва бештари нишондиҳандаҳо барои мақсадҳои менеҷменти молиявӣ истифода мешаванд. Дар таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ низомҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ ва маҳсулотҳои барномавӣ нақши муайян доранд, ки интихоб ва истифодаи онҳо дар фаъолияти ташкилотҳо барои қабули қарорҳои самараноки идоравӣ мусоидат мекунанд.

**Муқарриз: д.и.и. профессори ДДҲБСТ – Дадоматов Д.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Балакирева, Н.М. Роль современных видов учета в информационном обеспечении финансового менеджмента / Н.М. Балакирева // Качество дистанционного образования, новые технологии управления бизнесом: концепции, проблемы, решения: Материалы XVIII Международной научно-практической конференции, Москва, 14 декабря 2016 года. –М.: Международный институт менеджмента ЛИНК, 2017. -С. 23-25.
2. Барбарошие Е., Назар Н. Значение информационного обеспечения для экономической безопасности предприятий // Teoria şi practica administrării publice. – 2015. – С. 302-303.
3. Бобоев, М.У. Гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №5. – С.20-27.
4. Бобоев, М.У. Менеҷменти молиявӣ: Китоби дарсӣ / М.У. Бобоев. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – 192 с.
5. Бобоев, М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности / М.У. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.
6. Бобоев, М.У., Ғайбуллоева, Д.А. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2021. – №1(44). – С. 125-135
7. Быкова, Т.Е. и др. Информационное обеспечение финансовых решений в оптимизации финансового менеджмента компаний //Скиф. Вопросы студенческой науки. – 2019. – №. 3 (31). – С. 38-42.
8. Ковалев В.В. Финансовый менеджмент: теория и практика. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007. – 1024 с.
9. Никулина, И.Е. Современный механизм финансового менеджмента: просто о сложном / И.Е. Никулина, Л.С. Гринкевич, И.В. Хоменко // Фундаментальные исследования. – 2016. – № 5-2. – С. 395-402.
10. Пакова О.Н., Коноплева Ю.А., Урядова Т.Н. Цифровая трансформация финансового менеджмента в банковской сфере // Вестник Северо-Кавказского федерального университета. 2021;(6):115-121. https://doi.org/10.37493/2307-907X.2021.6.13
11. Программы БЭСТ // https://bestnet.ru/programs/best-5/
12. Федорович Т.В. Информационное обеспечение финансового менеджмента как одна из функций управления в крупных бизнес-структурах // Финансы и кредит. – 2008. – №. 21 (309). – С. 20-27.
13. Финансовый менеджмент: учебное пособие / Ю.А. Долгих, Т.В. Бакунова, Е.А. Трофимова, Е. С. Панфилова; под ред. Ю.А. Долгих; М-во науки и высшего образования РФ. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2021. -118 с.
14. Фирма ИНЭК // https://1c.ru/vendors/inec/1cafsp.html
15. Чекмарева, К.А. Обеспечение полноты информации для формирования финансовой стратегии корпорации / К.А. Чекмарева, Т.А. Леванова // Управление финансами компаний и финансовых институтов: Сборник материалов Региональной заочной научно-практической конференции, Чебоксары, 22–23 декабря 2016 года. – Чебоксары, 2017. – С. 138-141.
16. Шобеков, М.Ш. Ҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ / М.Ш. Шобеков, М.У. Бобоев, Т.Т. Ҷонбеков. – Душанбе: ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. – 400 с.
17. Audit Expert - программа анализа финансового состояния предприятия // https://www.expert-systems.com/financial/ae/desc/

18. IAS 1 Presentation of Financial Statements // https://www.ifrs.org/issued-standards/list-of-standards/ias-1-presentation-of-financial-statements.html/content/dam/ifrs/publications/html-standards/english/2023/issued/ias1/
19. IFRS Foundation / Conceptual Framework for Financial Reporting // https://www.ifrs.org/issued-standards/list-of-standards/conceptual-framework.html/content/dam/ifrs/publications/html-standards/english/2023/issued/cf/

## ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ

Дар мақола масъалаҳои таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ таҳқиқ карда шудааст. Унсурҳои механизми менеҷменти молиявӣ дида баромада шуда, таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ тасниф карда шудааст, ки якчанд нишондиҳандаҳои иттилооти берунӣ ва дохилиро дарбар мегирад. Иттилооти ҳисоботи молиявӣ ҳамчун муҳимтарин намуди иттилоот дар менеҷменти молиявӣ асоснок карда шуда, номгӯйи нишондиҳандаҳои асосии ҳисоботи молиявӣ барои мақсадҳои менеҷменти молиявӣ номбар карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ ташаккули ҳисоботи молиявӣ ва алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои молиявӣ масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравaнд. СБҲМ воситаи боэътимоди таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ қайд карда шуда, омилҳои ба талаботи иттилоотии истифодабарандагони манфиатдор таъсиррасон номбар карда шудааст. Инчунин дар мақола нақши низоми технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ шуда, таҳлили муқоисавии маҳсулотҳои барномавии дар менеҷменти молиявӣ истифодашаванда дар асоси омӯзиши сарчашмаҳо оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** менеҷменти молиявӣ, таъминоти иттилоотии менеҷменти молиявӣ, иттилооти берунӣ, иттилооти дохилӣ, ҳисоботи молиявӣ, СБҲМ, маҳсулотҳои барномавӣ

## ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ФИНАНСОВОГО МЕНЕДЖМЕНТА

В статье исследуются вопросы информационного обеспечения финансового менеджмента. Рассмотрены элементы механизма финансового менеджмента и приведена классификация информационного обеспечения финансового менеджмента, который включает несколько показателей внешней и внутренней информации. Информация финансовой отчетности обоснована как наиболее важный вид информации в финансовом менеджменте, и приведен перечень ключевых показателей финансовой отчетности для целей финансового менеджмента.По мнению автора, формирование финансовой отчетности и алгоритм расчета финансовых показателей считаются наиболее важными вопросами в информациоонном обеспечении финансового менеджмента. Отмечено, что МСФО является надежным инструментом формирования и представления финансовой отчетности, а также перечислены факторы, влияющие на информационные потребности заинтересованных пользователей. В статье рассматривается роль системы информационных технологий, а также на основе изучения источников представлен сравнительный анализ программных продуктов, используемых в финансовом менеджменте.

**Ключевые слова**: финансовый менеджмент, информационное обеспечение финансового менеджмента, внешняя информация, внутренняя информация, финансовая отчетность, МСФО, программные продукты

## INFORMATION SUPPORT FOR FINANCIAL MANAGEMENT

The article examines the issues of information support of financial management. The elements of the mechanism of financial management are considered and the classification of information support of financial management is given, which includes several indicators of external and internal information. Financial reporting information is substantiated as the most important type of information in financial management, and a list of key indicators of financial reporting for the purposes of financial management is given.According to the author, the formation of financial statements and the algorithm for calculating financial indicators are considered the most important issues in the information support of financial management. It is noted that IFRS is a reliable tool for the formation and presentation of financial statements, and the factors influencing the information needs of interested users are listed. The article discusses the role of the information technology system, and also, based on the study of sources, presents a comparative analysis of software products used in financial management.

**Keywords:** financial management, financial management information support, external information, internal information, financial statements, IFRS, software products

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз, CIPA. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92 774 11 64**

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Мирзохаёт Усмонович*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и кредита, CIPA. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И. Сомони, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Телефон: **(+992) 92 774 11 64**

**Information about author:** ***Boboev Mirzokhayot Usmonovich*** – Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Credit, CIPA. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 226. E-mail: **bmirzohayot@mail.ru**. Phone**: (+992) 92 774 11 64**

**ТДУ: 331.108.62**

# ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНӢ


*Умарзода Навруз Нурулло*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Ҳақиқати иҷтимоии муосирро бе муҳоҷирати аҳолӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Давлатҳо – пешвоҳои рушди ҷаҳонӣ, афзалиятҳоро аниқ муайян намуда, бо истифодаи равиши интихобӣ кӯшиш мекунанд, ки муҳоҷирати ҷаҳониро ҳамчун омили муҳимми рушди сармояи инсонӣ, иқтисодиёт ва ҳамаи соҳаҳои иҷтимоӣ истифода баранд. Мисоли равшан ИМА мебошад, ки дар он ҷо бо ёрии муҳоҷирони воридшудаи баландихтисос, илм, соҳаи технологияҳои баланд ва тиб рушд карда истодааст, қувваи кории хориҷии тахассусашон паст бошад, бизнеси хурду миёнаро бо дастони корӣ таъмин карда истодааст. Кишварҳое ба мисли Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Исроил, Англия, Олмон дар канор намондаанд.

Воқеан муҳоҷиратро ҳамчун ҷараёни танҳо таъсири мусбидошта баррасӣ кардан лозим нест. Дар асл, муҳоҷират як навъи "катализатор"-и иҷтимоӣ мебошад. Агар давлат мушкилоти системавӣ дар идоракунӣ ва мубориза бо коррупсия дошта бошад, шиддати байниқавмӣ, ҷинояткорӣ, иқтисодиёти соягӣ, шуғли ғайриқонунӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ғ. афзоиш меёбад.

Бо афзоиши ҳаҷми муҳоҷирати корӣ, захираҳои меҳнатии хориҷӣ бештар ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвари қабулкунанда, инчунин, рушди бозори меҳнати соҳаҳои алоҳида, баробар кардани нобаробариҳои демографӣ таъсир мерасонад.

Арзёбии таъсири муҳоҷирати меҳнатии воридшаванда ба рушди иқтисодӣ ба як қатор омилҳо мушкилӣ меоварад: васеъ паҳн гаштани шуғли ғайриқонунӣ, норасоии низоми баҳисобгирии омори муҳоҷират, вобастагии таъсири натиҷаҳо аз ҳаҷман ва давомнок истифодабарии қувваи кории хориҷӣ. Инчунин, бояд қайд кард, ки натиҷаи ҷалб кардани қувваи кории баландихтисос дар баъзе маврид аз муҳоҷирати меҳнатии воридшавандаи ихтисосашон паст фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, таҳлили муҳимтарин таҳқиқоти илмии хориҷӣ имконият дод, ки типологияи оқибатҳои мусбӣ ва манфии захираҳои меҳнатии хориҷӣ барои кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ташкил ёбад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Оқибатҳои истифодабарии захираҳои меҳнатии хориҷӣ барои кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ**
**Table 1. Consequences of the use of foreign labor resources for the countries receiving labor migrants**

| Оқибатҳои мусбӣ | Оқибатҳои манфӣ |
|---|---|
| **Оқибатҳо барои бозори меҳнат** | |
| Сабук кардани мушкилоти норасоии қувваи корӣ. | Демпинг дар бозори меҳнат, ки ба пастшавии музди меҳнати коргарони ватанӣ меорад. |
| Шуғли муҳоҷирон дар хоҷагиҳои хонаводагӣ мусоидат ба шуғли занон. | Афзоиши бекорӣ миёни аҳолии маҳаллӣ ва маргинализатсияи коргарони ихтисосашон паст. |
| Баланд бардоштани шуғл дар фаъолияти соҳибкорӣ ва бизнеси хурд. | Криминализатсияи қисмҳои алоҳидаи бозори меҳнат. |
| Таъмини шуғл дар корҳои ғайритахассусӣ. | |
| Шуғли муҳоҷирон дар соҳаи “бенуфуз”-и иқтисодиёт, таъсири амудии зудҳаракатии коргарони маҳаллӣ. | |
| **Оқибатҳо барои рушди сармояи инсонӣ** | |
| Афзоиши сифати қувваи корӣ бо роҳи ҷудо кардани ҷавонон ва коргарони ихтисоснок (дар сегменти қувваи коргарии баландихтисос). | Дар шароити бартарӣ додани қувваи кории ихтисосашон паст ва мавҷуд будани омезиши тамоюли пастшавии сатҳи умумии сармояи инсонии миллӣ |
| | Афзоиши камбизоатӣ (деклассатсяи муҳоҷирон бо сабаби аз даст додани ҷои корӣ) |

| | |
|---|---|
| **Оқибатҳо барои рушди иқтисодиёт, барои соҳаи истеҳсолоти маҳсулот ва хизмат** | |
| Пайдоиши захира барои тағйиротҳои минтақавӣ дар иқтисодиёт аз ҳисоби имконоти кӯчонидани муҳоҷирон дар минтақаҳои алоҳида. | Бастани имкониятҳои ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакунандаи қувваи корӣ. |
| Паст шудани арзиши қувваи корӣ ва хароҷотҳое, ки бо он алоқаманд аст | Паст шудани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнат аз сабаби истифодаи қувваи кории арзон бо ворид намудани таҷҳизот ва технологияҳои нав. |
| Ҳавасмандкунии шуғли иловагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди инфрасохтор, ки ба тақозои коргарони хориҷӣ вобаста ба мол ва хизматрасон мебошад. | Консентратсияи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаҳо ва минтақаҳое нест, ки эҳтиёҷ ба кори иловагиро эҳсос мекунанд, балки дар ҷойҳое, ки метавон зуд пул кор кард. |
| Дар сурати муҳоҷирати воридшавандаи қувваи кории баландихтисос, афзоиши навоварӣ ва баланд шудани ҳосилнокии меҳнат имконпазир аст. | |
| Баланд бардоштани рақобатпазирии молу хизматрасониии маҳаллӣ тавассути коҳиш додани хароҷот. | |
| Афзоиши сармоягузориҳои мустақим (аз ҷумла хориҷӣ) аз ҳисоби мавҷудияти қувваи кории арзон. | |
| Рушди соҳаи нақлиёт ҳам нақлиёти давлатӣ ва ҳам хусусӣ. | |
| **Оқибатҳо ба соҳаи молиявӣ ва ташаккули буҷети давлат** | |
| Афзоиши ҷамъоварии андозҳо аз ҳисоби музди меҳнати муҳоҷирон, ворид шудани пардохтҳои ҳатмӣ (боҷи давлатӣ, пешпардохт ва ғайра) ва ҳисоб кардан ба фондҳои иҷтимоӣ. | Афзоиши хароҷоти кумакпулиҳои иҷтимоӣ барои муҳоҷирони бекор. |
| Афзоиши пардохт барои манзил ва хоҷагии манзилию коммуналие, ки муҳоҷирон истифода мебаранд. | Афзоиши хароҷоти давлатӣ барои сиёсати муҳоҷират. |
| Сарфаи хароҷот барои таҳсил. | Таъсири иловагии муҳоҷирон ба соҳаи иҷтимоӣ ва инфрасохтор. |
| Суст шудани суръати таваррум аз ҳисоби эҳтимоли зиёд будани пасандозҳо дар байни коргарони хориҷӣ. | Аз даст додани сармоя аз ҳисоби интиқоли як қисми музди меҳнати муҳоҷирон ба хориҷа. |
| | Фишори иловагии манфӣ ба қурби пули миллӣ |
| **Оқибатҳо барои фаъолияти иқтисодии берунӣ** | |
| Афзоиши шумораи корхонаҳои муштарак бо субъектҳои хоҷагидории кишварҳои воридкунандаи захираҳои меҳнатӣ. | |
| Афзоиши савдо байни кишварҳои содиркунанда ва воридкунандаи захираҳои меҳнатӣ. | |

Умарзода Н.Н. Муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва роҳҳои танзими давлатии он дар Тоҷикистон. Монография. -Душанбе, 2022. -С.118-122.

Дар бораи қисмҳои дар ҷадвал овардашуда шарҳи бештар медиҳем.

1. **Оқибатҳо барои бозори меҳнат.** Муҳоҷирати меҳнатии воридшаванда дар навбати аввал ба бозори меҳнати кишвари қабулкунанда таъсир мерасонад. Чуноне қайд шуда буд, ин таъсиррасонӣ оқибатҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Аввалан, воридоти қувваи корӣ мушкилоти норасоии қувваи кориро коҳиш медиҳад. Аксарияти кишварҳои мутараққӣ ба давраи коҳишёбии шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат аз сабаби коҳиш ёфтани сатҳи таваллуд ворид шуданд. Умуман, ин мушкилиро метавон бо ду роҳ ҳаллу фасл кард: якбора баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатӣ. Варианти аввал аз ҳама мусоид аст, аммо вақт ва рушди технологиро талаб мекунад. Варианти дуввум, алалхусус барои бизнеси хурд ва миёна қаноатмандии фавриро пешниҳод менамояд.

Дуюм, шуғли муҳоҷирон дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ба шуғли занон мусоидат мекунад. Ҷойҳои кории мураббиён, парасторон ва хонашинон дар як муддати кӯтоҳ дар кишварҳои пешрафта ба муҳоҷирон мансуб гаштанд. Аммо, қобилияти истифодаи қувваи

кории арзони хориҷӣ барои бисёре аз занон омили ҳавсмандкунандаи дастрасии онҳо ба кор мебошад.

Сеюм, шуғл дар бизнес ва соҳибкории хурд меафзояд. Ин таъсирот ҳангоми ҷалби қувваи кории баландихтисос ва пастихтисос ба назар мерасад.

Одатан, бизнеси хурд аз андозаи хароҷот, алалхусус дар марҳилаи таъсисёбӣ ва барқароршавӣ, вобастагии мустақим дорад. Захираҳои меҳнатии хориҷӣ имконият медиҳад, ки дар сурати норасоии қувваи корӣ аз онҳо истифода шаванд, инчунин, арзиши онҳо коҳиш ёбад. Ин натиҷа ҳангоми истифодаи муҳоҷирони ғайриқонунӣ, хусусан дар кишварҳое, ки дар бозори меҳнат кафолати баланди иҷтимоӣ доранд, мушоҳида мешавад.

Чорум, муҳоҷирати меҳнатӣ таъмини шуғл дар корҳои ғайритахассусиро таъмин мекунад. Тағйироти ҷиддӣ дар сохтори иҷтимоии кишварҳои мутараққӣ ба бозори меҳнат таъсири ҷиддӣ расонид. Барои синфи миёнаи афзоянда, ҷойҳои корие, ки қувваи кории бетахассус талаб мекунад, аз ҷиҳати ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ бенуфуз ҳисобида мешавад. Вобаста ба ин, ҷараёни муҳоҷирати ихтисоси паст дошта, ҷойҳои кории бенуфузро бо қувваи кории зарурӣ таъмин менамояд, гарчанде ки бо худ як қатор хатарҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро дар бар мегирад.

Панҷум, шуғли муҳоҷирон дар бахшҳои "бенуфуз" -и иқтисодиёт ба зудҳаракатии амудии коргарони маҳаллӣ мусоидат намуда, онҳоро барои такмили ихтисос ва пайдо кардани ҷойҳои бонуфуз ва музднок ҳавасманд менамояд. Дар вазъияте, ки коргарони маҳаллӣ барои такмили ихтисос ва хоҳиши пайдо кардани ҷойҳои кории муздноки баланд надоранд, эҳтимолияти бекор мондан ё хориҷ шудан аз ин минтақа хеле баланд аст.

Муҳоҷирати меҳнатӣ, барои бозори меҳнатии кишварҳои қабулкунанда як қатор оқибатҳои манфӣ дорад. Ин, пеш аз ҳама, ба бекорӣ ва музди меҳнат дахл дорад. Аз мавқеи идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират зарур аст, ки мунтазам динамикаи бекорӣ ва сатҳи музди меҳнатро барои танзими фаврӣ ба тамоюлҳои манфӣ, ки метавонанд бо афзоиши ҷараёни муҳоҷират тезутунд гардад, мониторинг гузаронида шавад [16,с.130].

Таъсири дигари манфӣ барои давлати қабулкунанда криминализатсиякунии баъзе бахшҳои бозори меҳнат мебошад. Ба ғайр аз саркашии андозсупорӣ, криминализатсия, чун қоида, сатҳи умумии рақобатро дар як сегмент коҳиш медиҳад, ки ба паст шудани суръат ва рушди технологӣ оварда мерасонад. Мо набояд дар бораи маҷмуи оқибатҳои манфии иҷтимоию сиёсии чунин зуҳурот фаромӯш кунем.

2. **Оқибатҳо барои рушди сармояи инсонӣ.** Муҳоҷирони меҳнатие, ки ба ҷомеаи нав ворид шудаанд, як қисми умумии сармояи инсонии давлати қабулкунанда мешаванд. Вобаста аз дараҷаи ихтисос ва маълумот, синну сол ва вазъи саломатӣ, ҷараёни муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад сатҳи рушди сармояи миллиро ҳам афзоиш ва ҳам коҳиш диҳад.

Дар иқтисоди постиндустриалӣ, ки бар дониш ва технологияҳои режимҳои 5-ум ва 6-ум асос ёфтааст, сармояи инсонӣ ба як манбаи стратегии рушди устувор, рақобатпазирии миллӣ ва болоравии некуаҳволии мардум табдил меёбад.

Рушди кишварҳои Ғарб барои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷолиб буда, онҳо кӯшиш мекунанд, ки сифати қувваи кориро тавассути интихоби коргарони ҷавон ва баландихтисос беҳтар намоянд. Дар айни замон, рақобати глобалӣ дар сатҳи дохилисоҳавӣ, байнисоҳавӣ, байнидавлатӣ мушоҳида мешавад. Масалан, ИМА на танҳо қувваи корӣ, инчунин, роҳҳои таълимиро барои пур кардани нуқтаҳои афзоиши кадрҳои баландихтисос истифода мебарад. Ҳар сол бахши IT бо мутахассисони беҳтарини Ҳиндустон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Россия ва ғайра пур карда мешавад.

Бо назардошти густариши қувваи кории пастихтисос, сатҳи умумии сармояи инсонии миллӣ коҳиш меёбад. Вазъиятро манфӣ ба назар гирифтан лозим аст, вақте ки воридшавии кормандони пастихтисос ҳангоми аз кишвар рафтани кадрҳои баландихтисос сурат мегирад. Бо чунин тамоюли ҷойивазкунӣ, коҳишёбии сармояи инсонӣ назаррас аст.

Инчунин, бояд қайд кард, ки музди кам дар сегменти қувваи кории арзон метавонад ба камшавии сармояи инсонии муҳоҷирон бинобар камбизоатии онҳо оварда расонад. Дар чунин ҳолатҳо, коргари хориҷӣ даромади худро бояд ба хӯрокворӣ, хизматрасонии

тиббӣ, такмили ихтисос ва ғайра сарф кунад. Эрозияи батадриҷи сармояи инсонии муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо ба баланд шудани сатҳи камбизоатӣ, балки ба кам шудани саҳми онҳо ба иқтисодиёт, ҳам тавассути фаъолияти меҳнатӣ ва ҳам аз ҳисоби истеъмоли молу хизматрасониҳо оварда мерасонад.

3. **Оқибатҳо барои рушди иқтисодиёт, барои соҳаи истеҳсолоти маҳсулот ва хизмат**. Афзоиши ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатии воридшавандаи хориҷӣ ба зиёд шудани саҳми муҳоҷирон ба ММД-и кишварҳои қабулкунанда оварда мерасонад. Муҳоҷирон шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатро афзоиш дода, бо дараҷаи муайяни маълумот, малака ва салоҳият омадаанд ва дар рушди сармояи инсонии кишварҳои қабулкунанда саҳм мегузоранд.

Ҳамзамон, дар сурати муҳоҷирати воридшаванда, қувваи кории баландихтисос, афзоиши фаъолияти инноватсионӣ имконпазир аст, ки ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат оварда мерасонад. Масалан, муҳоҷирати қувваи кории баландихтисос дар ИМА ба афзоиши таҳқиқот ва навовариҳо, инчунин, ба пешрафти технологӣ мусоидат мекунад [17].

Таъсири дигари мусбии муҳоҷирати меҳнатии содиршаванда, имконияти истифодабарии захираҳои он барои тағйироти минтақавӣ дар иқтисодиёт аз ҳисоби кӯчонидани муҳоҷирон мебошад. Давлат тавассути идоракунии ғайримустақим бар асоси ташкили нуқтаҳои афзоиш, бояд ҷараёнро ба минтақаҳое равона намояд, ки дар он ҷо эҳтиёҷот ба қувваи корӣ вуҷуд дорад. Мутаассифона, истифодаи ин таъсир дар ҳолати қувваи кории пастихтисос мавҷуд будан хело мушкил аст.

Таъсири мусбати ҷалби коргарони хориҷӣ ин коҳиши арзиши қувваи корӣ ва хароҷоти умумиест, ки бо истифодабарии онҳо алоқаманд мебошад. Тавре дар боло қайд карда шуд, ин таъсир ҳам ҳангоми истифодабарии муҳоҷирати қонунӣ ва ҳам муҳоҷирати ғайриқонунӣ мушоҳида мешавад. Кам шудани хароҷот, аввалан, ба афзоиши фоидаи ташкилотҳо оварда мерасонад. Дуюм, бо назардошти мавҷудияти қувваи кории арзон афзоиши сармоягузориҳои мустақим (аз ҷумла сармояҳои хориҷӣ) ҳавасмандгардонӣ карда мешаванд. Таҷрибаи Чин нишон медиҳад, ки қувваи кории арзон, бо шароити шаффофи бизнес ва кафолатҳои моликияти хусусӣ, ҷараёни устувори пули хориҷиро дар истеҳсолот ва дар натиҷа, афзоиши ММД-ро таъмин менамояд. Сеюм, дар шароити рақобати бозори дохилӣ ва хориҷӣ қувваи кории арзон рақобатпазирии ташкилотҳоро афзоиш медиҳад ва ворид шудани молу хизматрасониро ба бозорҳои нав осон мекунад.

Мо дар бораи ҳавасмандгардонии шуғли иловагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди инфрасохтор, ки тақозои коргарони хориҷӣ ба молу хизматрасонӣ вобаста аст, набояд фаромӯш кунем. Дар ин замина, баланд бардоштани ҳиссаи музди меҳнати муҳоҷирон, ки онҳо барои истеъмол дар дохили кишвар истифода мешаванд, таъсири мусбӣ мебошад. Инчунин, ҷамъоварии маблағҳои муҳоҷирон дар суратҳисобҳои бонкӣ самараи хуб меорад ва воситаи амонатии бонкӣ имкон медиҳад, ки ин маблағҳоро ба иқтисодиёти давлати қабулкунанда сармоягузорӣ шаванд.

Афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ба зиёд шудани талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ, аз ҷумла рушди ҳамлу нақли давлатӣ ва хусусӣ оварда мерасонад. Барои кушодани хатсайрҳои нави нақлиёт, афзоиши шумораи парвозҳо ва паркҳои нақлиётӣ такони иловагӣ мебахшад. Ҳамаи ин ба афзоиши фоидаи ширкатҳои нақлиётӣ аз ҳисоби "самараи миқёс" оварда мерасонад.

Барои кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба рушди иқтисодӣ, истеҳсолот ва хизматрасонӣ як қатор оқибатҳои манфӣ вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки таъсири манфӣ ба ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакунандаи меҳнат мушоҳида карда мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки соҳибкорон ва корхонаҳо ҳангоми ворид шудани миқдори зиёди қувваи кории арзон, ҳавасмандии худро барои таҳия ва ба кор андохтани таҷҳизоти каммасраф аз даст медиҳанд.

Ин таъсири манфӣ ба пайдоиши дигари омили манфӣ меорад: бо сабаби мушкилоти истифодаи қувваи кории арзон ҳангоми ворид намудани таҷҳизоти нав, ҳосилнокии меҳнат коҳиш меёбад. Набудани афзоиши ҳосилнокии меҳнат боиси «ях» шудани музди меҳнат мегардад. Боздошти афзоиши сатҳи некуаҳволии ҳам муҳоҷирон ва ҳам коргарони

маҳаллӣ ба вуқуъ меояд. Ин ба равандҳои истеъмол ва ҷамъшавии воситаҳои пулӣ аз ҷониби ин гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

4. **Оқибатҳо ба соҳаи молиявӣ ва ташаккули буҷети давлат.** Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам ба буҷети давлати қабулкунанда ва ҳам ба муҳити молиявӣ таъсир мерасонанд. Ба бозори меҳнат ворид шудани коргарони хориҷӣ боиси зиёдшавии объекти андозбандӣ мегардад. Инчунин, андозҳо ва пардохтҳои муайянро корфармо бо истифодаи меҳнати муҳоҷирон пардохт мекунад. Бо афзоиши селаи муҳоҷирон, ҷамъоварии андозҳо аз музди меҳнати муҳоҷирон, ворид шудани пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет (боҷи давлатӣ, пешпардохт ва ғайра) ва пардохтҳо ба фондҳои иҷтимоӣ меафзояд. Ҳарчанд сатҳи тахассуси муҳоҷирон баландтар бошад, ҳамон миқдор даромади пулӣ ба буҷети давлати қабулкунанда меафзояд. Албатта дар ин замина сухан танҳо дар бораи унсури ҳуқуқӣ меравад.

Омилҳое, ки ба самараи молиявии таъсиррасон, пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои муайяни худи муҳоҷирони воридшаванда, ба монанди синну сол ва сабабҳои муҳоҷират кардан вобастагӣ дорад. Таҳқиқоти Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) нишон дод, ки муҳоҷирони ҷавони бетахассус нисбати давлат, ки баъд аз синни 40-45 солагӣ ба онҳо хароҷот мекунад, бештар андоз пардохт мекунанд.

Як натиҷаи дигари мусбӣ ин баланд шудани пардохтҳо барои истифодаи манзилию коммуналӣ аз ҷониби муҳоҷирон мебошад. Ин таъсир аз андозаи ҷараён ва рушди инфрасохтор ва бозори иҷораи манзил вобастагӣ дорад. Чун қоида, ҷараёни афзояндаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба сохтани хобгоҳҳо, биноҳои истиқоматӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, зич ҷойгир кардани муҳоҷирон, ташаккули геттои этникӣ метавонад арзиши амволи ғайриманқулро дар ин соҳаҳо коҳиш диҳад, ки ба камшавии воридоти андоз аз моликияти ғайриманқул оварда мерасонад, агар он аз арзиши воқеии он ҳисоб карда шавад.

Таъсири мусбии муҳим ин пинҳон намудани сарфаи буҷети давлатии кишвари қабулкунанда аз хароҷот барои гирифтани таҳсил, кумаки тиббӣ, инчунин, дастгирӣ дар доираи барномаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Натиҷаи дигари оқибатҳои мусбӣ ин коҳишёбии таваррум аз ҳисоби майли бештар доштани коргарони хориҷӣ барои пасандозҳо ва интиқоли пулӣ ба хориҷи кишвар мебошад [11]. Дар асл, ҳам пасандозҳо ва ҳам интиқоли пулӣ метавонанд ҳаҷми пулро дар гардиш коҳиш диҳанд, ки ба сатҳи таваррум таъсири мусбӣ мерасонанд.

Вазъияти дигар ҳангоми интиқоли маблағҳои муҳоҷирон мебошад. Агар муҳоҷир ба ватани худ бо асъори кишвари қабулкунанда интиқол диҳад, пас қурби пули миллии кишвари қабулкунанда бояд мустаҳкам шавад. Таъсир бештар мешавад, агар ҳамон қадар бештар пул интиқол дода шавад. Агар муҳоҷир бо асъори кишварҳои сеюм пул интиқол диҳад, вазъияти баръаксро метавон мушоҳида кард.

Дар баробари оқибатҳои мусбати истифодаи қувваи корӣ дар низоми молиявии давлати қабулкунанда, як қатор хароҷотҳо низ вуҷуд дорад.

Аввалан, бояд таъсири иловагии муҳоҷиронро ба соҳаи иҷтимоӣ ва инфрасохтор қайд кард. Ин мушкилот хусусан дар замони буҳрон ва кам шудани талабот ба қувваи корӣ шадидтар аст. Дар ин давра, хароҷот барои кумаки иҷтимоӣ ба муҳоҷирони бекор ва кумак барои бозгашт афзоиш меёбад. Тавре дар боло қайд гардид, арзиши нисбатан пасти қувваи кории хориҷӣ, аз ҷумла, пурра мавҷуд набудани кафолатҳои иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳам аз ҷониби корфармо ва ҳам аз ҷониби давлат дида мешавад. Чунин пасандозҳо дар сатҳи хурд метавонад ба афзоиши хароҷоти иҷтимоӣ дар макросатҳ оварда расонад, ки бояд ба қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ворид карда шаванд [12].

Дуюм, афзоиши селаи муҳоҷирати воридотӣ ба афзоиши хароҷоти давлат дар самти сиёсати муҳоҷират оварда мерасонад. Пеш аз ҳама, хароҷот ба ташкили инфрасохтор барои қонунигардонӣ ва мутобиқсозии муҳоҷирон алоқаманд аст. Функсияҳои иҷозатдиҳӣ ва назоратии мақомоти давлатӣ афзоиши хароҷотро пас аз зиёд шудани шумораи кормандони хориҷӣ талаб мекунад.

Сеюм, ҳарчанд аксари коршиносон чунин мешуморанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ бо ифодаи арзишӣ ба иқтисодиёти давлати қабулкунанда бештар аз интиқоли маблағҳо мебошад, интиқоли пул (ремиттанс) ихроҷи сармоя ба хориҷа мебошад. Таъсиррасонӣ ба

ҳаҷми умумии интиқолҳо амалан номумкин аст, зеро онҳо яке аз ҳадафҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд ва андозсупории иловагӣ аз ин чараёни молиявӣ метавонад танҳо ба пайдоиши тарҳҳои ноаёни ҷори шудани селаи пулӣ оварда расонад.

5. **Оқибатҳо барои фаъолияти иқтисоди берунӣ**. Мавҷудияти робитаҳои наздики муҳоҷират миёни давлат-донор ва давлат-қабулкунанда ба ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии ду кишвар наметавонад бе таъсир бошад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи афзоиши савдои мутақобила ва шумораи корхонаҳои муштараки савдо меравад.

Таъсири муҳоҷират ба тиҷорати дуҷониба, пеш аз ҳама, бо се сабаб шарҳ дода мешавад. Аввалан, муҳоҷирони воридшаванда анъанаҳо, қонунҳо, забонро хуб медонанд ва бо бизнес-таҷрибаи ҳам кишвари донор ва ҳам давлати қабулкунанда хуб шиносанд. Мутаносибан, ҳузури онҳо барои рафъи фосилаи иттилооти байни фурӯшандагон ва харидорони ҳарду ҷониб кумак мекунад ва ба ин васила амалӣ кардани имкониятҳои савдо ва барқарор кардани робитаҳои қавӣ дар асоси эътимод мусоидат мекунад. Дуюм, шабакаҳои муҳоҷирон метавонанд шартномаҳоро тавассути таҳримҳои ғайрирасмӣ татбиқ кунанд, ки дар ҳолати қоидаҳои заифи институтсионалӣ истифода мешаванд ва хароҷоти савдоро коҳиш медиҳанд. Ва саввум, муҳоҷирон мустақим ё ғайримустақим моли ватанашонро тарғиб мекунанд, барои онҳо талабот ва тақсимотро ташкил медиҳанд. Баррасии оқибатҳои мусбат ва манфии таъсири воридоти қувваи корӣ ба иқтисодиёти давлати қабулкунанда, асосан аз хусусияти систематикии муҳоҷирати меҳнатӣ ва мураккабии он барои таҳлили илмӣ шаҳодат медиҳанд. Таъсироти муайяни мусбӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат метавонанд ба тамоюлҳои манфии дарозмуддат таконе бахшанд, ки зарурати идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷиратро тақозо мекунад ва вазифаи онҳо зиёд кардани таъсири мусбӣ ва кам кардани хароҷот хоҳад буд. Хусусиятҳои чунин сиёсати муҳоҷират, пеш аз ҳама, мураккабӣ ва саривақтӣ гирифтани маълумоти эътимодноки оморӣ мебошад.

Дуюм, зарурати ташкили системаи нишондиҳандаҳо барои мониторинги ҳамаҷонибаи таъсири қувваи кории хориҷӣ ба паҳлуҳои гуногуни рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат ба миён меояд. Хулоса, дар охир бояд қайд намоем, ки шаффофияти марзҳо ва имконияти баромада рафтан ба хориҷа, ба афзоиши селаи муҳоҷират дар Тоҷикистон мусоидат кард. Дар аввалҳои солҳои 90 ангезаи асосии хуруҷи муҳоҷирон, кӯшиши кӯчидан ба ватани этникӣ буд. Айни замон, сабабҳои селаи муҳоҷирон бо бад шудани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад. Дар натиҷа, намуди нави муҳоҷират ба вуҷуд омад, ин муҳоҷирати меҳнатие мебошад, ки на ин ки дар Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ аҳаммияти муҳим дорад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

## АДАБИЁТ


1. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 // Маҷмуаи оморӣ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С.86.
2. Вечканов Г.С. Современная экономическая энциклопедия / Г.С. Вечканов, Г.Р. Вечканова. -СПб.: Лань, 2002. -С.769.
3. Выхованец О.Д. Образовательная миграция как часть миграционной политики России // Доклад на заседании Научного Совета ФМС России. [Электронный ресурс]. URL: http:// www. fms. gov.ru / about / science / science_ session/forth /vih.pdf
4. Денисенко, М.Б. Миграциология / М.Б. Денисенко, В.А. Ионцев, Б.С. Хорев. -М.: Изд-во МГУ, 1989. -96 с.
5. За справедливый подход к трудящимся мигрантам в глобальной экономике. МОТ, Доклад VI. -Женева, 2004. -С.113.
6. Ивахнюк ИВ. Развитие миграционной теории в условиях глобализации. // Журнал Век глобализации. - 2015. -№1. -С.36-51. [Электронный ресурс]. URL: http://www.intelros.ru/pdf/ (дата обращения: 13.09.2016).
7. Ивахнюк, И.В. Международная трудовая миграция: учеб. пособие / И.В. Ивахнюк. -М.: ТЕИС, 2005. -286 с.
8. Ионцев, В.А. Международная миграция населения: теория и история изучения / В.А. Ионцев. -М.: Диалог-МГУ, 1999. -370 с.
9. Кадыров Д.Б., Джабборов Ф.А. Государственное регулирование экономического развития Республики Таджикистан: стратегические приоритеты // Оценка регулирующего воздействия: стратегическое партнерство органов власти, бизнеса и НКО. Сб. науч. тр. Междунар. молодежн. науч.-практ. конф. (Екатеринбург, 18–20 апреля 2018 г.); [отв. за вып.: Я.П. Силин, Е.Б. Дворядкина]. -Екатеринбург: Урал. гос. экон. ун-та, 2018. -С.13.
10. Каримов О.К. Трудовая миграция в годы независимости Республики Таджикистан в условиях глобализации / О.К. Каримов // АХБОРИ ДДҲБСТ. – 2009. -№3(39). -С.5.

11. Колисницына М.Г. Международная трудовая миграция: теоретические основы и политика регулирования / М.Г. Колисницынв, И.К. Суворова // Лекционные и методические материалы. Экономический журнал ВШЭ. - 2005. - №4. -565 с.
12. Коновалов В.К. Международная трудовая миграция и экономический рост / В.К. Коновалов // Человек и труд. – 2010. -№12.
13. Кравченко І.С. Формування робочої сили: мегаекономічний аспект / І.С. Кравченко // Демографія та соціальна економіка. – 2011. -№1(15). -С.73.
14. Курман, М.В. Актуальные проблемы демографии / М.В. Курман. -М.: Статистика, 2006. -С.107-108.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират". [Манбаи электронӣ]. URL: (http://base.mmk.tj/
16. Одинаев М.А. Экономико-статистическое моделирование демографических процессов Республики Таджикистан / М.А Одинаев, О.С. Табарзода// Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – 2021. –№3. – 0,6 љ.ч
17. Умарзода Н.Н. Муаммоҳои муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва роҳҳои танзими давлатии он дар Тоҷикистон. Монография / Умарзода Н.Н. -Душанбе, 2022. -182 с.

## ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои методии танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии берунӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки муҳоҷирати меҳнатии воридшаванда дар навбати аввал ба бозори меҳнати кишвари қабулкунанда таъсир мерасонад. Чуноне ки қайд шуда буд, ин таъсиррасонӣ оқибатҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Аввалан, воридоти қувваи корӣ мушкилоти норасоии қувваи кориро коҳиш медиҳад. Аксарияти кишварҳои мутараққӣ ба давраи коҳишёбии шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат аз сабаби коҳиш ёфтани сатҳи таваллуд ворид шуданд. Умуман, ин мушкилиро метавон бо ду роҳ ҳаллу фасл кард: якбора баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатӣ.

**Калидвожаҳо:** мураккабӣ ва саривақтӣ, қобили меҳнат, норасоии қувваи корӣ, сатҳи таваллуд, ҳосилнокии меҳнат, селаи муҳоҷират, шумораи умумии аҳолӣ, муҳоҷирон мустақим, фурӯшандагон ва харидорон, системаи нишондиҳандаҳо.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНОСТРАННОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

В данной статье рассматривается методологические аспекты государственного регулирования иностранной трудовой миграции. В данной статье отмечается, что входящая трудовая миграция в первую очередь влияет на рынок труда принимающей страны. Как уже упоминалось, это влияние имеет положительные и отрицательные последствия. Во-первых, импорт рабочей силы уменьшает проблему нехватки рабочей силы. Большинство развитых стран вступили в период снижения общей численности населения трудоспособного возраста из-за снижения рождаемости. В целом эту проблему можно решить двумя путями: резким повышением производительности труда и стимулированием трудовой миграции.

**Ключевые слова:** сложность и своевременность, трудоспособность, дефицит рабочей силы, рождаемость, производительность труда, миграционный поток, общая численность населения, прямые мигранты, продавцы и покупатели, система показателей.

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF STATE REGULATION OF FOREIGN LABOR MIGRATION

This article examines the methodological aspects of state regulation of foreign labor migration. This article notes that incoming labor migration primarily affects the labor market of the host country. As already mentioned, this influence has positive and negative consequences. First, importing labor reduces the problem of labor shortages. Most developed countries have entered a period of decline in the total working-age population due to declining birth rates. In general, this problem can be solved in two ways: a sharp increase in labor productivity and stimulation of labor migration.

**Keywords:** complexity and timeliness, ability to work, labor shortage, birth rate, labor productivity, migration flow, total population, direct migrants, sellers and buyers, scorecard.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умарзода Навруз Нурулло*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 918-95-93-93**. E-mail: **umar.0700@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Умарзода Навруз Нурулло*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель, кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/1. Телефон: **(+992) 918959393.** E-mail: **umar.0700@mail.ru**

**Information about the author:** ***Umarzoda Navruz Nurullo*** **–** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Taxes and Taxation. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova street, 64/1. Phone: **(+992) 918959393.** E-mail: **umar.0700@mail.ru**

ТДУ: 336.2.03

# МОДЕЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зарурати танзими давлатии иқтисодиёт кайҳо асоснок карда шудааст ва он ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам таҷрибаи ҷаҳонӣ дар мисоли кишварҳои Аврупо ва ИМА дар асрҳои XIX-XX исботи илмии худро ёфтааст. Вобаста ба танзими иқтисодиёт моделҳо хело мухталифанд, сар карда аз модели кейнсионӣ, институтсионалӣ, навкейнсчигӣ, монетарӣ, классикӣ ва ғайраҳо. Дар ин мақола масъалаҳои амалии татбиқи моделҳоро баррасӣ менамоем.

Ба ақидаи муаллиф, набояд фаромӯш кард, ки ҷорӣ намудани гаронии андози аз эътидол зиёд, ин як воситаи поймол кардани манфиатҳои шахсии соҳибкорон, ба миён омадани иқтисоди сиёҳ (пинҳон кардани даромадҳо) ва содироти сармоя ба дигар кишвар ё минтақа оварда мерасонад.

Қайд кардан зарур аст, ки модели неоклассикии танзими андозбандӣ бар назарияи "иқтисоди пешниҳод" асос меёбад ва дар он яке аз шартҳои асосӣ рушди пасандозҳо ва густариши фаъолияти иқтисодӣ ва сатҳи пасти андозҳо ба шумор рафта, гаронии зиёди андозбандӣ суръати рушди иқтисодиро коҳиш дода, равандҳои буҳрониро тақвият мебахшад ва метавонад боиси паст гардидани сатҳи рушди истеҳсолот гардад.

Аз давраи қабул шудан то имрӯз ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд, ки ба силсилаи таҷрибагузорониҳо ва ислоҳи камбудиҳо дар системаи муосири андоз ва дар Кодекси андоз ҳамчун ҳуҷҷати асосии танзимгари андоз монанд аст. Маълум, ки аз хатои дигарон, системаи андози худро бо системаи андози дигарон муқоиса намуда омӯхтан осонтар аст, вале ин муқоиса бояд дар кишварҳои аз ҷиҳати рушди дар як сатҳ буда, сурат гирад. Норизоии субъектҳои хоҷагидор нисбати сохтори мавҷудаи системаи андоз якчанд сабаб дорад, ки аз ҳама асосияш он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикисон байни қонунҳои қабулшуда ва сатҳи иҷрои онҳо фарқияти калоне мавуд аст. Муаммои муҳим дар иҷро нашудани қонунҳои қабул шудааст, масалан, қонунгузорӣ дар бобати дахолат накардани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар маҳаллҳо ба корҳои молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ мунтазам вайрон карда мешаванд. Ҳалли масъалаи мазкур бо гузаштан ба иқтисоди рақамӣ бартараф карда мешавад.

Масъалаи дигар ин пурра бартараф нагардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва ё сиёҳ мебошад, ки дар тамоми давлатҳои дунё ҷой дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ, иқтисоди пинҳонӣ чунин таърифгузорӣ мегардад: “иқтисоди пинҳонӣ (сиёҳ)” истеҳсолот, тақсимот, табдили мол ва истифодаи маводи моддиву молӣ ва хизматрасониест, ки аз назорат яктарафа мондааст. Ин масъала низ метавонад заминаи зиёдшавии даромадҳои буҷетӣ гардида, гаронии андозро барои иқтисодиёт танзим намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қарзҳои кредитории корхонаҳои саноатӣ дар соли 2021 23,9 млрд. сомониро ташкил намудааст, ки ба ҳар як корхонаи саноатӣ 13,8 млн. сомонӣ рост меояд. Инчунин, дар корхонаҳои саноатӣ бузургии зарари миёна дар соли 2020 3,8 млрд. сомониро ташкил додааст. Дар савдо ва хӯроки умумӣ бошад, дар ин давра фоидаи солона 1,7 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Агар ба назар гирем, ки соли 2018 ин нишондод 0,6 млрд. сомонӣ фоида дар соҳаи саноат ва 0,5 млрд. сомониро дар соҳаи савдо ташкил додааст, камшавии соҳаи саноат ба 4 баробар ва афзоиши савдо бо 3,5 баробар дар тули ду сол баробар аст, ки ин аз шубҳанок будани ҳисобот дарак медиҳад. Агар аз миқдори умумии андози даромад ва андоз аз фоидаро барорем, маблағи хеле каме боқӣ мемонад. Дар хоҷагии қишлоқ низ як ҳолати ноҳинҷоре ба назар мерасад: истеҳсолот ҳар сол зарар меоварад. Аз рӯи ин метавон хулоса намуд, ки андозбандии мавҷуда соҳаҳои истеҳсолиро танзим нанамуда, хизматрасонӣ ва тиҷоратро танзим карда истодааст.

Муаммои дигар ин андозбандии дукарата буда, пеш аз ҳама, дахл дорад ба андози ҳаҷми фурӯши чакана. Бинобар сабаби мавҷуд набудани тавсияи саҳеҳи яклухт ва чакана дар хариду фурӯши манзил, ки аз андозбандӣ яктарафа боқӣ мемонанд.

Аксарияти нишондиҳандаҳо тамоюли рушд доранд, аз ҷумла шумораи андозсупорандагон дар соли 2022 нисбати соли 2012 ба 128 807 нафар, шумораи умумии андозсупорандагон дар соли 2022 нисбати соли 2012 ба 151 790 нафар, ҳарчанд шумораи санҷишҳо дар соли 2022 нисбати соли 2012 ба 251 адад зиёд шуда бошад ҳам, лекин таносуби шумораи тафтиш ба шумораи андозсупорандагон ду маротиба зиёд шуда, агар соли 2012 ба сари як тафтиш 33 нафар рост меомад, дар соли 2022 ба як тафтиш 66 нафар андозсупоранда рост меояд, ки аз кам шудани назорат ва сифати он шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, маблағҳои рӯёнидашуда аз тафтишҳо дар таносуби шумораи андозсупорон кам шудааст, ки аз танзими саривақтии андозӣ талаб мекунад. Ин ҳолатҳо дар системаи муносибати байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти андоз ҷойдошта, самараи қарорҳои қабулшударо кам намуда, ба ақидаи мо, барои мукаммал намудани механизмҳои танзими андоз дар ин масъала бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

- ✓ рақамикунонии низоми андоз ва баланд бардоштани музди меҳнати кормандон;
- ✓ ислоҳоти системаи нафақа дар самти фонди ҷамъшавандаро гузаронидан зарур аст, то ин, ки кормандон ба гирифтани маоши қонунӣ ҳавасманд гарданд;
- ✓ пурра аз байн бардоштани андози дукарата. Ба ААИ диққати махсус бояд ҷудо намуд, бояд таҷҳизотҳои истеҳсолии аз хориҷа воридшаванда аз ААИ озод карда шаванд;
- ✓ ба қайд гирифтани муассисаҳои хурду миёна дар мақомоти андоз бояд сода гардонида шаванд, то ки ташкил додани онҳо осон ва шумораашон зиёд гардад;
- ✓ дар воситаҳои ахбори омма имтиёзҳои андоз ва ба кадом гурӯҳ дахл доштани онҳо ҳаматарафа тарғиб карда шавад;
- ✓ қонунгузории андоз, пеш аз ҳама, Кодекси андоз бояд барои ҳар андозсупоранда содаву фаҳмо бошад.

Дар давраи муосир танзими давлатӣ яке аз ҷузъиётҳои муҳимми сохтори иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Бозор ба ҷобаҷокунии маблағҳо таъсири бузург мерасонад, аммо механизмҳои бозорӣ на ҳама вақт самаранок фаъолият мекунанд. Дар робита ба ин, танзими давлатии иқтисоди миллӣ ҳамчун объекти таҳқиқшаванда муҳиммияти махсусро пайдо мекунад.

Танзими давлатии иқтисоди миллӣ, низоми чорабиниҳои хусусияти қонунгузорӣ, итоаткунӣ ва назоратро дар бар мегирад, ки ба воситаи корхонаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади муътадил нигоҳ доштани низоми иқтисодию иҷтимоӣ ва мутобиқгардонии он ба шароити тағйирёбанда таъсир мерасонад.

Имрӯзҳо, дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гаронии андоз миёни андозсупорандагон баробар тақсим нагардидааст. Сабаби асосии ин меъёрҳои баланди андозҳо, низоми имтиёзноки дақиқ асоснок карданашудаи андозбандии корхонаҳо ва субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи он, самаранокии пасти гаронӣ бо саркаши аз андозсупорӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи фаъолият ва як қатор камбудиҳо дар қонунгузории андоз ба шумор мераванд.

Танзими андоз ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири сахт мерасонад. Аз як тараф, давлат бо ёрии ҷорӣ кардани афзалиятҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, озод кардан аз андозсупорӣ кумак мекунад, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиётро таъмин менамояд, самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиро дастгирӣ намуда, ба такмили зерсохтҳои истеҳсолӣ ва ғайра мусоидат менамояд. Аммо аз тарафи дигар, давлат бо ҷорӣ кардани миқдори зиёди андозҳо ва меъёри баланди онҳо садди роҳи рушди иқтисодии кишвар мегардад.

Таҷрибаи ислоҳоти андозбандӣ дар Тоҷикистон хусусияти низомнок набудани ин тағйиротҳои қонунгузориро дар амал нишон медиҳад. Ин тағйирот бештар ба мақсадҳои фискалии давлат вобаста буданд. Ин маънои онро дорад, ки низоми андозбандӣ доиман такмил меёбад.

Дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишангҳои ҳавасмандкунии андозӣ нақши муҳим доранд. Ба ин фишангҳо имтиёзҳои андозӣ, афзалиятбахшии андозӣ ва низоми махсуси андозбандӣ шомил мегарданд.

Дар ин марҳила, имтиёзҳои андозро аз афзалиятҳои андоз бояд фарқ кард. Имтиёзҳои андоз ҳаҷми уҳдадориҳои ҷориро кам мекунанд, сатҳи гаронии андозии андозсупорандаро поин мебаранд, аммо афзалиятҳои андозӣ бошанд, танҳо муваққатан ҳаҷми пардохтҳои ҷории андозҳоро кам мекунанд ва андозсупоранда баъдан, бояд онҳоро дар ҳаҷми пурра пардохт кунад.

Механизми танзими андозбандӣ, ба андешаи Гордеева О.В., унсурҳои зеринро дар бар мегирад: таркиби низоми андозбандӣ; банақшагирӣ ва пешгӯӣ; афзалиятҳои андозбандӣ; маъмурикунонии андоз; ҳуқуқи андозбандӣ ва ҳаққи иҷрои қонун [3,с.25].

Механизмҳои танзими андоз, на танҳо чораҳои хусусиёти фискалӣ ва танзимкунанда доштаро дар бар мегирад, балки чораҳои ҳавасмандкуниро низ дар бар мегирад.

Механизмҳои танзими андозбандӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз миқдори муқарраргардидаи андоз ва меъёри андозҳо вобастагӣ доранд. Танзими андозбандӣ аз ҷониби давлат, тавассути механизмҳои андозбандӣ аз қабили ҳавасмандкунии андозӣ, идоракунии андозбандӣ ва ғайра амалӣ мегардад.

Чи тавре маълум аст, ҷамъоварии андозҳо аз идоракунии андозбандӣ, аз ниҳодҳои андозбандӣ ва кори онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон, бақайдгирии саривақтии андозсупорандагон, шиносоӣ бо Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва гузаронидани санҷишҳои андозӣ вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, аз ҷониби давлат барои паст намудани гаронии андоз, эҷоди ҳавасмандкуниҳои муайян барои васеъ кардани истеҳсолоти корхонаҳо, азнавсозии фондҳои асосӣ, навсозии истеҳсолот ва сармоягузорӣ, чораҳои гуногун андешида мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ ҷараёни қабули қарорҳои муҳим идома доранд, ки он буҳрони кунуниро ҳамчун фурсат барои "беҳтар аз пештар шароит фароҳам сохтан" истифода хоҳад бурд. Дар давоми дувоздаҳ соли охир ин чорумин буҳрон барои кишвар аст. Мушкилоти ҷорӣ кишварро дар замони осебпазирии фискалӣ ва хатари баланди буҳронӣ ба қарздорӣ дучор намуд. Сарфи назар аз суръати баланди рушди иқтисодӣ, ҳамаи ин бӯҳронҳо нишон доданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баҳри рушди иқтисодиёт саъйи ҷиддӣ намояд, то ин ки дорои захираҳои зарурии фискалӣ ва ин вокуниш ба муаммоҳои омехтаи куҳна ва нав гардад.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти андоз дар таҳияи лоиҳаи Кодекси замонавии андоз ва содакардашуда бо мақсади аз нав дида баромадани матни умумии Кумитаи андоз ва таваҷҷуҳ ба таъмини ҳадди аксари ихтиёран риоя кардани талаботи андозсупорандагон нигаронида шудааст. Якум, ҷорӣ намудани ислоҳоти андоз дар имтиёзҳо мебошад, ки ба таври ихтиёрӣ соҳибкоронро ҳавасманд менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки диққати асосӣ дар фаъолияти мақомоти андоз бо таҳлили эътимоднокии ҳама маълумоти дар ҳисоботи андозсупорандагон зикргардида ва гузаронидани санҷишҳо дар асоси номувофиқатҳои ошкоршуда равона карда шавад. Гузариш ба санҷишҳои андозбандии ба хавф асосёфта, самаранокии фаъолияти мақомоти андозро беҳтар намуда, соҳибкоронро ба пешниҳоди ҳисоботи боэътимоди андоз ҳавасманд мекунад [12,с.32-34].

Яке аз мушкилот дар татбиқи чораҳои муҳимми маъмурияти андоз ва мутобиқати онҳо дар нокифоягии ҳамкориҳои байниидоравии сиёсати андоз, инчунин мавҷуд набудани арзёбии пайдарпайи таъсири танзими андоз ва имтиёзҳои андоз ба буҷети давлатӣ, идоракунии молияи давлатӣ мебошад. Истифодаи механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, баҳисобгирии нопурраи имтиёзҳо аз ҷониби андозсупорандагон ҳанӯз ҳам имкониятҳои нокифояи хизматрасониҳои электронии андозсупорандагон, имкониятҳои техникии технологияҳои муосир оид ба интиқоли маълумот ва табодули иттилоот, мувофиқ набудани баъзе муносибатҳои андоз байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ба чашм мерасанд.

Иқтисоди рақамӣ маҷмуи ҷараёнҳои иқтисодиест, ки хусусияти фаъолона истифода бурдани он бо мавҷудияти маълумотҳои рақамӣ, автоматӣ ва системаи коркарди автоматикунонидашуда, таҳлили ин маълумот бо мақсади баланд бардоштани самараи

иқтисодӣ мебошад. Назорати андоз - тафтиши татбиқи иҷрои уҳдадориҳои андоз аз ҷониби мақомоти ваколатдоршуда мувофиқи қонунгузории муқаррагардида мебошад [2,с.12-17].

Сабабҳои ҷорӣ кардани рақамисозӣ дар системаи андоз:

• муҳаррики рушди иқтисоди бозорӣ;

• дар рушди илм ва технология саҳмгузор аст;

• такмили низоми молиявӣ ва иқтисодӣ вазифаи давлат аст;

• зарурати ба низом даровардани ахбороти андоз ва пешниҳоди маълумот дар бораи онҳо, инчунин, бо тариқи дастрасии пӯшида;

• зарурати ташкили ҳамкории байни мақомоти андоз бо субъектҳои андозбандӣ.

Вақтҳои охир, муҳокимаи фаъол оид ба мушкилоти муайян кардани заминаи ҳуқуқӣ дар робита бо муносибатҳои ҳангоми тавлид, нигоҳдорӣ ва муомилоти дороиҳои молиявии рақамӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, вазифаҳои ҳалталаб таҳия ва мушаххас намудани механизми андозбандии маҳсулот ва амалиётҳои нав дар иқтисоди рақамӣ мебошанд.

Аммо, мушкилоти комилан объективии андозбандии субъектҳои иқтисоди рақамӣ мавҷуданд, ки то ҳол дар ягон давлати дунё ҳалли худро наёфтаанд. Якум, муайян кардани он, ки кадом ширкатҳо бояд андози рақамиро супоранд ва дар куҷо онро супоранд, хеле душвор аст.

Ҷиҳати такмили системаи маъмурикунонии андоз то андозае ба консепсияи иқтисоди рақамӣ ва таҳкими механизмҳои ҳавасмандгардонии тиҷорат, инчунин, кам кардани хароҷотҳо вобаста ба риояи қонунгузории андоз асос ёфтааст. Ҷорӣ гардидани барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ҳамчун барномаи нав барои солҳои 2020-2025, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии рушди маъмурикунонии андозро муайян мекунад, чунин самтҳои ислоҳотиро дар бар мегирад:

1. Такмили сиёсати андоз, эҷоди рақобати солим ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ.

2. Навсозиҳои доимии системаи худкори маъмурияти андоз, ҳамкории фосилавӣ (ғайришахсӣ) бо андозсупорандагон, мақомоти давлатӣ ва мақомотҳои маҳаллӣ.

3. Баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ.

4. Баланд бардоштани сифати кори мақомоти андоз [1,с.18].

Вобаста ба такмили маъмурикунонии андоз як қатор тадбирҳо аз тарафи мақомоти андоз андешида истодаанд, ки боварии мардумро дар оянда оид ба сиёсати пешгирифта зиёд менамояд. Чунин раванд боиси содатар гардидани муносибати андозсупорандагон бо мақомоти андозро тақозо менамояд. Бо ин восита, ҳар як андозсупорандаро мақомоти андоз зарур мешуморад, ки дар оянда муносибати фосилавии пардохти андозро иҷро намоянд. Чунин тадбирҳо аз соли 2014 то имрӯз ҷиҳати автоматикунонии анбори электронӣ ва татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ натиҷаи хуб додааст. Бо ин восита ҳукумат дониши ҳуқуқии бахши андоз ва технологияи рақамиро густариш медиҳад ва дар натиҷа, ҳар як амалиёти андоз мустақилона аз тарафи ҳар як андозсупоранда риоя хоҳад гардид.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши механизмҳои танзими низоми андози амалкунанда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки Кодекси амалкунанда дар мамлакат, пеш аз ҳама, ба кам кардани хароҷоти соҳибкор ва давлат, сарфа намудани вақт, суръати анҷоми амалиётҳо, шаффофияти фаъолияти ҳамаи онҳо, маҳдуд сохтани иқтисодиёти пинҳонӣ, канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ мусоидат намуда, дар назар аст, ки воридоти даромадҳои буҷетӣ марҳила ба марҳила зиёд мегарданд. Системаҳои андози тамоми мамлакатҳо низ ба ин тамоюлҳо осебпазиранд, аммо дар бисёр кишварҳо чараёни рақамикунонии андоз ниҳоят суст аст. Омилҳои мураккабе, ки дар аксар вақт ба самти андозбандӣ таъсир мерасонанд, мақомоти андозро дар бисёр ҳолатҳо аз истифодаи пурраи технологияҳои муосир боз медорад. Ҳама вақт аз таҳлили ҳамаҷонибаи имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ вобаста аз мақсадҳои андоз сухан ронем, зарурияти мукаммалгардонии воситаҳои мушаххаси маъмурикунии андоз пайдо мешаванд. Дар ин самт афзалиятҳо оид ба ҷонибҳои мухталифе, ки дар раванди андозбандӣ ба вуҷуд меоянд, дар татбиқи баъзе технологияҳои рақамӣ, инчунин, ҳалли оптималии ҳар як тараф нақши назаррас доранд.

Вобаста ба таҳқиқи гузаронидашуда, мо модели оптимизатсионии коррелятсионӣ, регресионии вобастагии механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт аз дигар омилҳоро дида мебароем.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, тахти №643. -18 с.
2. Вайпан В.А. Правовое регулирование цифровой экономики / В.А. Вайпан // Предпринимательское право. Приложение «Право и Бизнес». – 2018. -№1. -С.12-17.
3. Гордеева, О.В. Эффективное налоговое регулирование социально-экономического развития регионов: автореферат дис. ... кандидата экономических наук: 08.00.05, 08.00.10 / О.В. Гордеева. -Самара, 2009. -25 с.
4. Гулмирзоев Д.Г. Назарияи андоз ва андозбандӣ / Д.Г. Гулмирзоев. -Душанбе, 2000. -С.34-37.
5. Давлатов, Д.С. Налоги как основной фактор обеспечения социально-экономического развития региона / Д.С. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - 2020. -№10. - С.86-92.
6. Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана. Монография / И.Р. Иброхимов. –Душанбе: Ирфон, 2004. -51 с.
7. Налоги в рыночной экономике. -М.: Знание, 1993. -С.68.
8. Налоги в условиях экономической интеграции / под ред. В.С. Барда и Л.П. Павловой. -М., С.169–170.
9. Налоги и налоговое право. Авт.коллек. под ред. Брызгалина. -М., 1998. -449 с.
10. Налоги и налоговое право. Учебное пособие / Под ред. А.В. Брызгалина. -Л., 1998. -296 с.
11. Проблемы совершенствования налогового механизма в условиях обеспечения экономического роста. Монография. –Душанбе, 2012.
12. Смирнова Е.Е. Налоговый контроль в цифровой экономике / Е.Е. Смирнова // Финансы. – 2017. -№11. -С.32-34.
13. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение: Учебник / Х.Р. Улугходжаева. -Душанбе: Ирфон, 2003. -С.83.
14. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение Республика Таджикистана / Х.Р. Улугходжаева. -Душанбе: Ирфон, 2003.
15. Юлдошев Я.Н. Государственный бюджет. Учеб. пособие / Я.Н. Юлдошев. –Душанбе, 2002.


## МОДЕЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи модели механизмҳои танзими андозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фишангҳои ҳавасмандкунии андозӣ нақши муҳим доранд. Ба ин фишангҳо имтиёзҳои андозӣ, афзалиятбахшии андозӣ ва низоми махсуси андозбандӣ шомил мегарданд. Дар ин марҳила, имтиёзҳои андозро аз афзалиятҳои андоз бояд фарқ кард. Имтиёзҳои андоз ҳаҷми ухдадориҳои ҷориро кам мекунанд, сатҳи гаронии андозии андозсупорандаро поин мебаранд, аммо афзалиятҳои андозӣ бошанд, танҳо муваққатан ҳаҷми пардохтҳои ҷории андозҳоро кам мекунанд ва андозсупоранда баъдан, бояд онҳоро дар ҳаҷми пурра пардохт кунад. Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши механизмҳои танзими низоми андози амалкунанда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки Кодекси амалкунанда дар мамлакат, пеш аз ҳама, ба кам кардани хароҷоти соҳибкор ва давлат, сарфа намудани вақт, суръати анҷоми амалиётҳо, шаффофияти фаъолияти ҳамаи онҳо, маҳдуд сохтани иқтисодиёти пинҳонӣ, канорагирӣ аз андозбандӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ мусоидат намуда, дар назар аст, ки воридоти даромадҳои буҷетӣ марҳила ба марҳила зиёд мегарданд. Системаҳои андози тамоми мамлакатҳо низ ба ин тамоюлҳо осебпазиранд, аммо дар бисёр кишварҳо ҷараёни рақамикунонии андоз ниҳоят суст аст. Омилҳои мураккабе, ки дар аксар вақт ба самти андозбандӣ таъсир мерасонанд, мақомоти андозро дар бисёр ҳолатҳо аз истифодаи пурраи технологияҳои муосир боз медорад. Ҳама вақт аз таҳлили ҳамаҷонибаи имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ вобаста аз мақсадҳои андоз сухан ронем, зарурияти мукаммалгардонии воситаҳои мушаххаси маъмурикунии андоз пайдо мешаванд. Дар ин самт афзалиятҳо оид ба ҷонибҳои мухталифе, ки дар раванди андозбандӣ ба вуҷуд меоянд, дар татбиқи баъзе технологияҳои рақамӣ, инчунин, ҳалли оптималии ҳар як тараф нақши назаррас доранд. Вобаста ба таҳқиқи гузаронидашуда, мо модели оптимизатсионии коррелятсионӣ регресионии вобастагии механизмҳои танзими андозии иқтисодиёт аз дигар омилҳоро дида мебароем.



**Калидвожаҳо:** модел, механизм, танзим, андоз, Тоҷикистон, шакл, восита, рушд, татбиқ, раванд, иқтисодиёт, омил.


## МОДЕЛЬ МЕХАНИЗМОВ НАЛОГОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье автор проанализировал и рассмотрел модель механизмов налогового регулирования экономики Республики Таджикистан. Налоговые льготы играют важную роль в экономическом развитии Республики Таджикистан. Эти рычаги включают налоговые льготы, налоговый приоритет и специальную систему налогообложения. На данном этапе налоговые льготы следует отличать от налоговых преимуществ. Налоговые кредиты уменьшают объем текущих обязательств, снижают налоговую нагрузку на налогоплательщика, а налоговые преференции лишь временно уменьшают объем текущих налоговых платежей, и налогоплательщик

затем должен их уплатить в полном объеме. В результате анализа и изучения механизмов регулирования действующей налоговой системы в условиях Республики Таджикистан можно сделать вывод, что действующий Кодекс в стране в первую очередь учитывает снижение издержек предпринимателя и государства, экономию времени, скорость совершения операций, прозрачность всех из них, создание скрытой экономики, уход от налогообложения и предотвращение коррупционных факторов. Ожидается, что доходы бюджета будут увеличиваться поэтапно. Налоговые системы всех стран также уязвимы перед этими тенденциями, но во многих странах процесс цифровизации налогов идет крайне медленно. Сложные факторы, часто влияющие на направление налогообложения, во многих случаях не позволяют налоговым органам в полной мере использовать современные технологии. Всякий раз, когда мы говорим о комплексном анализе возможностей использования цифровых технологий для целей налогообложения, возникает необходимость совершенствования конкретных инструментов налогового администрирования. В этом направлении существенную роль играют предпочтения различных сторон, возникающие в процессе налогообложения, при внедрении некоторых цифровых технологий, а также оптимальное решение каждой стороны. На основе проведенного исследования рассматривается оптимизированная корреляционно-регрессионная модель зависимости механизмов налогового регулирования экономики от других факторов.

**Ключевые слова:** модель, механизм, регулирование, налог, Таджикистан, форма, инструмент, разработка, реализация, процесс, экономика, фактор.

**MODEL OF TAX REGULATION MECHANISMS OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author has analyzed and considered the model of tax regulation mechanisms of the economy of the Republic of Tajikistan. Tax incentives play an important role in the economic development of the Republic of Tajikistan. These tools include tax benefits, tax priority and special taxation system. At this stage, tax benefits should be distinguished from tax advantages. Tax credits reduce the volume of current liabilities, lower the tax burden of the taxpayer, but tax preferences only temporarily reduce the volume of current tax payments, and the taxpayer must then pay them in full. As a result of the analysis and study of the mechanisms of regulation of the current tax system in the conditions of the Republic of Tajikistan, it can be concluded that the current Code in the country is primarily aimed at reducing the costs of the entrepreneur and the state, saving time, speed of completion of operations, transparency of all of them, limited creation of a hidden economy, avoidance of taxation and prevention of corruption factors, it is expected that the budget revenues will increase step by step. Tax systems of all countries are also vulnerable to these trends, but in many countries the process of tax digitization is extremely slow. Complex factors that often affect the direction of taxation prevent tax authorities from fully using modern technologies in many cases. Whenever we talk about the comprehensive analysis of the possibilities of using digital technologies for tax purposes, the need to improve specific tax administration tools appears. In this direction, the preferences of various parties that arise in the taxation process, in the implementation of some digital technologies, as well as the optimal solution of each party, play a significant role. Based on the conducted research, we consider the optimized correlation regression model of the dependence of the tax regulation mechanisms of the economy on other factors.

**Keywords:** model, mechanism, regulation, tax, Tajikistan, form, tool, development, implementation, process, economy, factor.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru.** Телефон: **985-99-49-99**

**Сведения об авторе:** ***Гулахмадзода Зулфикор Ахмад*** – Таджикский националный univеристет, соискатель финансово. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru**. Телефон: **985-99-49-99**

**Information about the author:** ***Gulakhmadzoda Zulfiqor Ahmad*** - Tajik National University, financial applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **zulfiqor1988@mail.ru**. Phone: **985-99-49-99**

ТДУ: 316.6

# ТАҲЛИЛИ ОМИЛИИ ТАЪСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИҶТИМОӢ БА САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ

*Нурализода А.Н., Салиева Ҳ.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе**

Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ аз омилҳои гуногуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар ин самт, таъсири омилии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсирбахш баромад мекунад. Яъне, дар ин ҷода рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ нақши муҳимро бозида, барои ноил гардидан ба дараҷаи рушди бахшҳои гуногуни иқтисодиёт фишанги таъсир баромад мекунад. Аз ин ҳисоб баланд бардоштани дараҷаи зиндагӣ имконияти худро танҳо аз ҳисоби устуворӣ мегирад. Бинобар ин, ҳолати мазкур дар шакли низоми муайян аз рӯйи шакл ва сохти давлатдорӣ дар ташаккул додани дараҷа ва динамикаи сатҳ ва сифати зиндагӣ таъсири бевосита доранд. Масъалаи баланд бардоштани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ин мақсади асосии сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат мебошад. Аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин бар меояд, ки “мо талош дорем, ки барои ҳар як сокини мамлакат шароити зиндагии шоистаро муҳайё созем ва ҳамаи нақшаву барномаҳоямон маҳз ба хотири амалӣ гардонидани ҳамин ҳадафи олии давлат қабул ва амалӣ карда мешаванд” [7,с.8]. Дар доираи чорабиниҳои давлатӣ, инкишофи ниҳодҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва рушди шохаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳи махсус ба иқтисоди бозоргонии иҷтимоӣ нигаронида мешавад. Дар ин самт масъалаҳои рушди иқтисодӣ, маълумлтнокӣ ва солимии ҷомеа дар ниҳояти кор, шартҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба шумор мераванд.

Вобаста ба ин, дастгирии давлатии баланд бардоштани дараҷаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, алалхусус даромади аҳолӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди тиҷорат, рушди бахшҳои воқеӣ, таъмини устувории нарх ва шуғл, беқурбшавӣ, баланд бардоштани маълумотнокӣ ва солимии ҷомеа омилҳои муҳимми дастгирии давлатии сатҳи некуаҳволӣ ба шумор мераванд.

Тибқи ақидаи А.Е. Суринов даромади аҳолӣ ин “қисми даромади миллие мебошад, ки дар раванди истеҳсолот ба вуҷуд омада, барои қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии аҳолӣ зарур мебошанд» [9,с.15]. Бояд қайд намуд, ки даромади аҳолӣ омили муҳимми баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ мебошад. Барои ба даст овардани дараҷаи зарурии маълумотнокӣ ва беҳтар гардидани вазъи солимӣ, даромад ҳамчун омили муайянкунанда баромад мекунад.

Бо ин мақсад дар доираи чорабиниҳои давлатӣ аз давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои бартараф кардани ҳама гуна монеаҳо, ба амал бароварданиислоҳоти бозор ва баланд бардоштани омилҳои муҳимми дарҷаи хизматрасонии иҷтимоию сатҳи некуаҳволӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва дар амал татбиқ меёбанд. Мақсад аз ингуна чорабиниҳо ноил шудан ба нишондиҳандаҳои асосии беҳтар кардани сатҳ ва сифати зиндагӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, қайд кардан бамаврид аст, ки дар ин самт баъзе монеаҳои оид ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ба монанди: вобастагии воридотӣ, ба таври бояду шояд фаъолият накардани саноат, нокифоягии техника ва технологияҳои нав, мавқеи ноустувор доштани молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори истеъмолӣ, паст будани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ, паст будани музди меҳнати соҳаи иҷтимоӣ, паст будани дараҷаи шуғл ва ғайра ҷой доранд. Бо ин мақсад, бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои номбурда хоҳ нохоҳ ба дараҷаи сатҳ ва сифати зиндагӣ таъсир мерасонанд. Таҷрибаи мамлакатҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои мазкур дараҷа ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар робита ба сатҳи зиндагии аҳолӣ меёбад. Дар робита ба ҳамин, аз назари мо, дидабаромадани дараҷаи муқоисавии баъзе нишондиҳандаҳои таҳлилии сатҳи ҷумҳуриявӣ аҳаммияти калон дорад (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои некуаҳволии мардум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Dynamics of indicators of people's well-being in the Republic of Tajikistan**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
- истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии заминро бадтар кунад.

- шаҳрвандон метавонанд барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти худ объектҳои моликияти давлатию коммуналиро мувофиқи қонун истифода баранд;

- маҷбурӣ гирифтани объектҳои ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ бо пардохти пурраи арзиши онҳо танҳо дар шароити вазъияти ҷангӣ ё вазъияти фавқулода иҷозат дода мешавад;

- ҳеҷ касро ғайриқонунӣ аз ҳуқуқи моликият маҳрум кардан мумкин нест;

- молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраааш давлат гирифта метавонад.

Бо назардошти ин нуктаҳо, пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраааш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд тибқи қонун объектҳои ҳуқуқи моликияти давлатӣ ва коммуналиро барои қонеъ гардонидани талаботи худ истифода баранд.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад».

Ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, яке аз дигар ҳуқуқҳои иқтисодии инсон – ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ бисёр наздик мебошад. Аммо бар хилофи вазъи муқаррароти конститутсионӣ дар бораи ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар моддаи алоҳида муқаррар нагардида, танҳо дар боби аввал – “Асосҳои сохтори конститутсионӣ”, дар банди дуюми моддаи 12, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро муқаррар мекунад, гуфта мешавад, ки давлат дар қатори дигар фаъолиятҳои марбут ба моликият фаъолияти соҳибкориро кафолат медиҳад. Мавқеъ надоштани ин ҳуқуқ дар боби дувуми Конститутсия, ки “Ҳуқуқ, озодӣ вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” унвон дошта, маҳз дар ҳамин боб ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд матраҳ шудаанд, ҳамчунин, адами муқаррароти конститутсионии асоситарин паҳлуҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди фаъолияти соҳибкории вакилон, шахсони соҳибмансаб ва кормандони мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, ҳимояи рақобат дар фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ғ. далели он аст, ки барои баррасии ин ҳуқуқ ҳамчун ҳуқуқи конститусионӣ танҳо кафолати моддаи 12 дар робита ба фаъолияти соҳибкорӣ нокифоя аст ва шарҳу тафсирҳои духӯраро дар пай хоҳад дошт. Вобаста ба ин нукта пешниҳоди мо ин аст, ки ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва муқаррароти конститутсионии он ба тариқи моддаи алоҳида дар боби дуюми Конститутсия илова карда шавад. Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон муқаррароти асосии ин ҳуқуқ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» сабт шудаанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ташаббуси мустақил ва мунтазам бо таваккали худ, фаъолият оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва машғул шудан ба савдо бо мақсади ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад.

Муқаррароти асосӣ дар бораи моҳияти ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар қонуни зикршуда муқаррар шудаанд, ба таври зерин аст:

- ҳар кас ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ки қонун манъ накардааст;

- мақоми ваколатдори давлатӣ уҳдадор аст, ки ҳифзи рақобатро дар фаъолияти соҳибкорӣ таъмин намояд;

- давлат ба фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо, қонуни мазкур ҳанӯз мукаммал набуда, дар он аз ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ сухан рафтааст, вале уҳдадориҳои давлат дар баробари таъмини ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкориро комилан фурӯгузор кардааст. Ҳамчунин, дар қонуни мазкур дар мавриди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муқаррарот вуҷуд надорад, дар ҳоле ки фаъолияти соҳибкорӣ бевосита ба ин масъала марбут аст. Агарчи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" амал мекунад ва дар моддаҳои 8[1] (Ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба гирифтани чеки мол, чекки хазинадорӣ ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти мол), 11 (Тартиби кори фурӯшанда) ва 38 (Ваколатҳои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ) баъзе паҳлуҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ танзим шудаанд, аммо ҳамчун ҷузъи фаъолияти соҳибкорӣ будани масъулият доштани соҳибкорон дар баробари истеъмолкунандагон тақозо мекунад, ки ин масъулиятҳо ба таври мушаххас дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» низ зикри худро ёбанд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, пешниҳод мешавад, ки дар Қонуни мазкур моддаҳои «Уҳдадориҳои давлатии ҳимояи субъектҳои соҳибкорӣ» ва «Ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» илова карда шаванд.

Ҳамин тавр, дида мешавад, ки бештарини ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудаанд, фақат дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳу тафсил ёфтаанд. Ин ҳолат то андозае ба амалӣ кардани онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз сӯйи дигар, баъзе ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Конститутсияи ҶТ комилан дарҷ нашудаанд. Дар зер бо овардани чунин ҳуқуқҳо пешниҳодоти худро ҷиҳати такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар дар бобати ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ манзур месозем.

Яке аз аввалин ҳуқуқи иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ фурӯгузор шудааст, ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ мебошад. Ҳамчунон ки маълум аст, ин ҳуқуқ яке аз ҳуқуқҳои муҳимме мебошад, ки аз ҷониби санадҳои байналмилалӣ кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, дар банди якуми моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаи 11-и Паймони байналмилалии СММ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, моддаи 27-и Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, моддаи 28-и Конвенсия оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб ва ғайра ба таври возеҳу равшан ифода ёфтаанд.

Конститутсияи ҶТ агарчи моддаи махсус барои ин ҳуқуқро ҷудо накардааст, аммо ишораҳои кӯчак дар ин робита дар моддаҳои 1 (банди 3) ва 39 ҷой доранд. Дар мисоли аввал, эълом мешавад, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [5]. Аммо дар ин мавриԁ маълум аст, ки сухан дар бораи фароҳам овардани чунин шароит меравад, на кафолати сатҳи зиндагии арзанда. Моддаи 39 бошад, фақат кафолати таъмини иҷтимоиро дар мавридҳои мушаххас додааст, ки наметавонад ҳамчун таъмини сатҳи зиндагии арзанда қабул карда шавад [5].

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки бештари хатарҳои иҷтимоӣ, ки бо оқибатҳои иқтисодӣ алоқаманданд ва пайдо шудан ё таҳдиди пайдоиши онҳо ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоию иқтисодиро ба миён меоваранд, дар талаф ё кам шудани даромад (музди меҳнат), зарурати хароҷоти иловагӣ барои пешбурди зиндагӣ зоҳир мешаванд. Барои рафъи ноамнии иқтисодӣ, ки аз хавфҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, пеш аз ҳама, пардохтҳои нақдӣ ҳамчун як шакли ҳифзи иҷтимоӣ пешбарӣ карда мешаванд. Маҳз кумакпулиҳои давлатӣ, нафақа, таъминоти модӣ дар системаи суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ ба ин хотир пешбинӣ шудаанд, ки ба шахси дар вазъияти душвори зиндагӣ қарордошта имкони таъмин кардани худ ва аъзои оилаашро, пеш аз ҳама, ба маҳсулоти зерин фароҳам оваранд: маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои фаъолияти муътадили организми инсон ва нигаҳдории саломатии он заруранд, маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа ва маҷмуи хизматрасониҳо, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои асосии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заруранд.

Қобили зикр аст, ки сатҳи зиндагӣ, ки бояд давлат ба ҳар кас ҳамчун ҳадафи сиёсати умумимиллии иҷтимоӣ кафолат диҳад, дар давлатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ

ба таври конститутсионӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳамзамон, барои муайян кардани он мафҳумҳои гуногун, аз қабили «сатҳи зиндагии арзанда» (Озарбойҷон, Беларус, Молдова), «сатҳи кофии зиндагӣ» (Арманистон, Украина), «ҳаёти арзанда» (Федератсияи Русия) истифода мешаванд [6]. Ҳуқуқи мазкур, инчунин дар сатҳи байналмилалӣ муқаррар шудааст, ки боло баррасӣ шуд.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани вазъи таъмини инсон бо ҳама чизҳои зарурӣ ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ дар ду мафҳум – «сатҳи шоистаи зиндагӣ» ва «сатҳи кофии зиндагӣ» истифода мешавад, ки ба назари муаллиф, мазмуну мундариҷаи гуногун доранд.

Чунин ба назар мерасад, ки сатҳи кофӣ танҳо зинда мондани фард ё оила, яъне қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ибтидоии инсониро таъмин мекунад. Маҳз ҳамин фаҳмишест, ки масалан, дар Конститутсияи Украина ба мундариҷаи ҳадди ақали зиндагӣ муқаррар шудааст, ки ба ҷуз аз ғизо, либос ва манзил, дар сатҳи конститутсионӣ ҳеҷ гуна ниёзҳои дигари инсониро дар бар намегирад. Дар баробари ин, сатҳи зиндагӣ бояд на танҳо мавҷудият, балки рушди ҳам маънавӣ ва ҳам физиологии инсонро таъмин намояд. Чунонки М. Шумило, дуруст тазаккур медиҳад, истилоҳи «сатҳи кофии зиндагӣ» хеле мазмуни маҳдуд дорад [13,с.245]. Сатҳи кофӣ ин шароите аст, ки ба инсон имкон медиҳад зинда монад ва сатҳи шоиста шароитест, ки ба шумо имкон медиҳад зиндагӣ кунед ва ҳуқуқу уҳдадориҳои худро пурра амалӣ созед. Аз ин рӯ, категорияҳои «шоиста» ва «кофӣ» аз ҷиҳати мазмун гуногунанд. Зиндагии шоиста ба андозаи бештар моҳияти давлати иҷтимоиро инъикос мекунад, ки мавҷудияти он бидуни татбиқи талаботи адолати иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Як далели ҷолиб он аст, ки бо вуҷуди он ки Конститутсияи Тоҷикистон, кафолати сатҳи зиндагии кофӣ ё арзандаро надодааст, ба ҳар ҳол, муқарраротн муайяни қонунгузории миллӣ аз таваҷҷуҳи давлат ба таъмини ҳаёти инсон, ки сазовори арзишҳои волои иҷтимоӣ аст, шаҳодат медиҳанд. Дубора тазаккур медиҳем, ки банди сеюми моддаи 1-и Конститутсия, ки дар он гуфта мешавад “Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад”, ба маънои кафолати шароити зиндагии арзанда аст, аммо хуб мебуд муқарраротн монанд дар боби дуюми Конститутсия – “Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” пешбинӣ мегардид. Ҳамзамон, дар қисми сеюми моддаи 1-и Конститутсия сухан дар бораи “шароити зиндагии арзанда” меравад, на ин ки “сатҳи арзандаи зиндагӣ”.

Мутаассифона, принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 15-уми майи соли 2009 [7] тамоман муқаррар карда нашудаанд. Аз тарафи дигар, худи ин қонун ниҳоят ба таври фишурда ва умумӣ омода шудааст, ки ҳамагӣ шомили 10 модда буда, муҳимтарин муқарраротн танзими ҳадди ақали зиндагиро фурӯгузор кардааст. Бо таваҷҷуҳ бар ин нукта, таҷдид ва такмили қонуни мазкурро бо назардошти вазъи ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар лозим دониста, ҳамчунин қайд мекунем, ки принсипҳои ташаккули маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ бояд дар таҳрири нави ин Қонун ба таври зайл муқаррар карда шаванд: меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа; қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ; қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа.

Яъне дар асл, дар асоси муқарраротн қонун, музди меҳнат, ки дар Тоҷикистон бо сатҳи мувофиқи зиндагӣ муайян карда шудааст, бояд на танҳо талаботи ҳадди ақали инсон, балки рушди шахсияти ӯро низ таъмин кунад ва хароҷоти ғизо, либос, манзил, таҳсил, хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагониро дар бар гирад.

Агар чунин мазмуни ҳадди ақали зиндагӣ (сатҳи кофӣ/арзандаи зиндагӣ) роҳандозӣ шавад, комилан ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқат хоҳад кард.

Аммо, ҳамчунон бояд гуфт, ки хулосаҳои дахлдор хеле назариявӣ мебошанд, зеро онҳо дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи муқаррароти қонунгузории миллӣ, самти умумии он, ки дар таҷрибаи татбиқи меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор роҳандозӣ нашудаанд, бароварда шудаанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоем, ки ба Конститутсияи Тоҷикистон тағйирот бо илова кардани моддаи алоҳида дар бораи ҳуқуқи шахс ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ворид карда шавад, ки бояд дар таҳрири зайл ифода гардад: «Ҳар кас ба сатҳи шоистаи зиндагӣ барои худ ва оилааш, аз ҷумла ба ғизо, либос, манзил, таҳсил, хизматрасонии тиббӣ ва ба таври қатъӣ беҳтар кардани шароити зиндагӣ ҳуқуқ дорад».

Конститутсияи Тоҷикистон давлати моро ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ (моддаи 1) эътироф намуда, бо ин роҳ дар назди худ вазифаҳои асосии фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон, таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандонро гузоштааст. Муқаррароти дахлдор бо роҳи таъмини самти иҷтимоии иқтисодиёт, ки асоси татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва оилаҳои онҳо, аз ҷумла ба ҳифзи иҷтимоӣ ва сатҳи муносиби зиндагӣ мебошад, ба амал бароварда мешавад.

Бо Фармони Президенти кишвар «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти № 1005 қабул шудааст, ки анҷоми корҳои зеринро дар соҳаи ҳуқуқи иҷтимоӣ зарур медонад: таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои таъминоти иҷтимоӣ бо дар назар доштани мутаносибии байни сабади истеъмолӣ ва нархҳои воқеии бозорӣ; ҷорӣ намудани механизми таъминоти иҷтимоӣ барои барқарор намудани қобилияти корӣ ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ баромадани корманд; амалигардонии рушди низоми ғайридавлатии таъминоти нафақа бо дастгирии бевосита ва назорати доимии давлатӣ; таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои амалии суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва рушди тадбирҳои оммавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим; бунёд ва ҷорӣ намудани низоми «равзанаи ягона» дар раванди бақайдгирӣ ва бурдани шаклҳои алоҳидаи ҳифзи иҷтимоӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани механизмҳои муносиби маблағгузории таъминоти иҷтимоӣ; аз байн бурдани маҳдудиятҳо ҳангоми пардохти нафақапулиҳои суғуртавӣ (меҳнатӣ), ҷорӣ намудани механизмҳои озодона ихтиёрдорӣ намудани андӯхти нафақавӣ, мероси нафақа аз ҷониби шахси нафақагир; ҳифзи иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакони дар вазъи мушкили ҳаётӣ қарордошта тавассути пешниҳоди кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар асоси арзёбии дараҷаи ниёзмандӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии хизматрасониҳои иҷтимоӣ; бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии заноне, ки дар рухсатии нигоҳубини кӯдак қарор доранд, таҷдиди назар намудани андозаи кумакпулӣ вобаста ба нигоҳубини кӯдак; ба таври дахлдор ба роҳ мондани хизматрасонии таълимӣ ва тиббии ройгон ба қишри камбизоати аҳолӣ [4].

Ҷузъи муҳимми татбиқи муқаррароти мазкур таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, зеро онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқи субъективии инсон ба вуҷуд меоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Ин ҳадафҳои Консепсия ошкор мекунанд, ки низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ ба таври кофӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Ҳангоми таъмини ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ талаботи махсуси категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ба қадри зарурӣ ба назар гирифта намешавад. Илова бар ин, вазъи иқтисодии қишрҳои ҷомеаи тоҷик, ки дар пайи мунокишаҳои ҳарбии Русия ва Украина ба камбуди даромади оилавӣ дучор шудаанд, вазъро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ боз ҳам бадтар мекунад. Вобаста ба ин, қонунгузорӣ дар ин соҳа бояд ба фароҳам овардани имкониятҳо барои таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии муносиби шаҳрвандон нигаронида шавад [4].

Илова бар ин, дар мавриди «амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар асоси имкониятҳои иқтисодии давлат», ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз

соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии соли 1966 истифода шудааст, бояд хотиррасон кард, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии зикршуда зиёда аз 50 сол пеш қабул шудаанд ва аз ин рӯ, ба қадри кофӣ наметавонанд талаботи ҳадди ақалро нисбат ба ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки сиёсати иҷтимоии давлати муосири асри XXI бояд ба онҳо мувофиқат кунад, инъикос намоянд.

Яке аз дигар ҳуқуқҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодии инсон, ки дар Конститутсияи ҶТ дида намешавад, вале дар Кодекси меҳнат ба таври умумӣ муқаррар карда шудааст, ҳуқуқ ба корпартоӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқ ба корпартоӣ тақрибан дар қонунгузории ҳамаи кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонии саноатӣ муқаррар карда шудааст. Ин дар ҳолест, ки барои муқаррар кардани чунин ҳуқуқ усулҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Ҳуқуқ ба корпартоӣ бевосита дар Конститутсияҳои Фаронса, Испания, Шветсия ва Украина сабт шудааст, ё аз ҳуқуқи конститутсионии иттифоқҳои касаба масалан, дар Олмон, Канада, Швейтсария гирифта шудааст, ё дар қонуни алоҳидаи махсус қайд карда шудааст (ИМА, Зеландияи Нав) ё аз рӯйи принсипҳои умумии ҳуқуқ, аз ҷумла аз рӯйи принсипи «он чи мамнуъ набошад, иҷозат дода мешавад» (Финляндия, Норвегия), ё ба санадҳои байналмилалӣ (Нидерландия) асос ёфтааст [3,с.608]. Дар баробари таъмини ҳуқуқ ба корпартоӣ, инчунин шартҳое пешбинӣ карда шудаанд, ки корпартоиро маҳдуд ва ё манъ мекунанд ва ба муқобили корпартоиҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудаанд.

Маълум аст, ки корпартоӣ яке аз шаклҳои муборизаи меҳнаткашон барои ҳуқуқҳои худ мебошад. Мазмуни ҷамъиятиву сиёсии корпартоӣ аз он иборат аст, ки дар як ва ё якчанд корхона муташаккилона бо мақсади маҷбур кардани корфармоён ба иҷрои талабҳои коргарон ҷараёни кор қатъ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон танҳо коргарон ҳақ доранд корпартоӣ кунанд. Ин ҳуқуқ барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоии онҳо истифода мешавад.

Ҳангоми истифода бурдани ҳуқуқи шаҳрвандон ба корпартоӣ ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд ва таъмин гарданд:

- манфиатҳои амнияти миллӣ;
- нигаҳдории тандурустии шахсони дигар;
- риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар.

Ҳеҷ касро барои иштирок кардан ё накардан дар корпартоӣ маҷбур кардан мумкин нест. Манъи корпартоӣ танҳо дар асоси қонун ва ҳукми суд имконпазир аст.

Бо назардошти шароитҳои муосири иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва нуфузи ҳар чи бештари ширкатҳои бузург ба ҷараёнҳои бозори меҳнат, ки вазъи коргарон ва кормандони одиро дар ҳимояи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии вобаста ба фаъолияти кориашон мушкилтар месозад, ба назари мо, таҳкими ҳуқуқ ба корпартоӣ дар Конститутсияи кишвар, аз як тараф ба таҷдид ва такмили қонунгузории ҷорӣ, аз тарафи дигар, ба пурзӯр шудани механизми ҳимояи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба фаъолияти меҳнатӣ марбутанд, мусоидат менамояд.

Бо такя ба пешниҳодоти боло метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шумори зиёде аз ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро эътироф намудааст, бо вуҷуди ин, дар ин самт ба тағйиру иловаҳое, ки қисмате аз онҳо дар мақола баррасӣ гардиданд, ниёз дорад. Аз ин рӯ, "ҳамчун субъекти асосӣ баромад намудани мардум дар таҳкиму кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон дар сатҳи конститутсионӣ" [12,с.254] тақозо мекунад, ки Конститутсия ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳое бояд бошад, ки бинобар шароиту омилҳои гуногуни ҳаёти имрӯзӣ ҷузви ҳуқуқҳои бунёдии инсон гаштаанд.

**Муқарриз: д.и.ҳ, профессори ДМТ - Азиззода У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: дисс... доктора юридических наук: 12.00.02 / А.М. Диноршоев. – М., 2015. – С. 429.

2. Диноршоев, А.М. Значение конституционного закрепления социально-экономических и культурных прав и свобод человека для реализации социальной политики государства / А.М. Диноршоев, Г.Д. Солехзода // Правовая жизнь. – 2020. – № 2(30). – С. 90-101.
3. Киселев И.Я. Трудовое право России и зарубежных стран. Международные нормы труда / И.Я. Киселов. – М.: Эксмо, 2006. – 608 с.
4. «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6-уми феврали соли 2018, № 1005. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ -2018-2028.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз солҳои 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016. [Манбаи электронӣ]. URL: www.prokuratura.tj/legislation/the-constitution-of-the-republic-of-tajikistan.html.
6. Конституции стран мира на русском языке. [Электронный ресурс]. URL: https://legalns.com/компетентные-юристы/правовая-библиотека/конституции-стран-мира.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 15 майи соли 2009. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/.
8. Рахмон Д.С. Некоторые проблемные аспекты восприятия прав человека в рамках теории права // Правовая жизнь. Издательство юридического факультета ТНУ. - №2 (26). – Душанбе, апрель-июнь 2019. – С. 19-32.
9. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ- ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. - Душанбе, 2019. - 479 с.
10. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - №2/10. - Душанбе, 2017. - С. 2014-209.
11. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. 12.00.01.– Душанбе, 2017. – 241 с.
12. Саъдизода Дж. Отражение прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - №2/8(215). – Душанбе, 2016. – 253-257 с.
13. Шумило М.М. Международные стандарты в области социальной защиты / М.М. Шумило //Университетские научные записки. – 2012. – № 3. – С. 245.

## ТАҲКИМИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚҲОИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҳуқуқҳои асосии иҷтимоиву иқтисодии инсон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақеъ наёфтаанд ва ё ба таври номукаммал ҷой дода шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон бо зикри зарурати таҳкими конститутсионии ҳуқуқҳои мавриди назар, ба ин нукта таваҷҷуҳ месозанд, ки баъзе аз бунёдитарин ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, аз қабили ҳуқуқ ба кафолати сатҳи шоистаи зиндагӣ, ҳуқуқ ба корпартоӣ дар Конститутсияи кишвар дарҷ наёфтаанд. Дар мавриди зарурати возеҳтар кардани мақоми ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати ҳуқуқи конститутсионӣ андешаҳо баён мегарданд. Ҳамчунин, муаллифон мафҳуми "сатҳи шоистаи зиндагӣ"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, вазъияти ин ҳуқуқ дар конститутсияҳои кишварҳои собиқ шуравиро таҳлил намуда, пешниҳод менамоянд, ки ба Конститутсияи Тоҷикистон тағйирот бо илова кардани моддаи алоҳида дар бораи ҳуқуқи шахс ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ворид карда шавад. Ҳамчунон, ба андешаи муаллифон моҳияти ҳуқуқи конститутсионӣ ба моликият дар қонунгузории кишвар бисёр печида ва номукаммал буда, дар як қонуни алоҳида муқаррар карда нашудааст. Бо баррасӣ кардани ҳадафҳои «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» муаллифон ба ин натиҷа мерасанд, ки ҷузъи муҳимми татбиқи онҳо таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, зеро онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқи субъективии инсон ба вуҷуд меоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллифон таъкид мегардад, ки қонунгузорӣ дар ин соҳа бояд ба фароҳам овардани имкониятҳо барои таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳифзи иҷтимоии муносиби шаҳрвандон нигаронида шавад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, конститутсия, таҳкими конститутсионӣ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқ ба корпартоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи шоистаи зиндагӣ.

## КОНСТИТУЦИОННОЕ ЗАКРЕПЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются те социально-экономические права человека, которые не имеют конституционного закрепления в Республике Таджикистан. Упоминая о необходимости конституционного закрепления рассматриваемых прав, авторы обращают внимание на то, что некоторые из самых основных социально-экономических прав, такие как право на обеспечение достойного уровня жизни, право на забастовку, не имеют место в конституции страны. Высказываются мнения относительно необходимости уточнения статуса права на предпринимательскую деятельность как конституционного права. Также рассматривается понятие «достойный уровень жизни», анализируется положение этого права в конституциях постсоветских стран и предлагается внести изменения в Конституцию Таджикистана путем добавления отдельной статьи о праве человека на достойный уровень жизни. Отдельно отмечается, что сущность конституционного права собственности в законодательстве страны очень сложна и неполна, более того она не закреплена в отдельном законе.Рассматривая цели «Концепции

правовой политики Республики Таджикистан на 2018–2028 годы», авторы приходят к выводу, что важной составляющей их реализации является правовое обеспечение социально-экономических прав, поскольку они имеют первостепенное значение в регулировании общественных отношений, возникающих в процессе осуществления субъективных прав человека. В связи с этим авторы подчеркивают, что законодательство в данной сфере должно быть направлено на создание возможностей для обеспечения достойного уровня жизни и адекватной социальной защиты граждан.

**Ключевые слова:** право, экономические и социальные права и свободы, конституция, конституционное закрепление, конституционные права, право собственности, право на забастовку, право на достойный уровень жизни.

**CONSTITUTIONAL CONSOLIDATION OF SOCIO-ECONOMIC HUMAN RIGHTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses those socio-economic human rights that do not have constitutional provisions in the Republic of Tajikistan. Mentioning the need for constitutional consolidation of the rights in question, the authors draws attention to the fact that some of the most basic socio-economic rights, such as the right to ensure a decent standard of living, the right to strike, do not have a place in the country's constitution. Opinions are expressed regarding the need to clarify the status of the right to entrepreneurial activity as a constitutional right. The concept of “decent standard of living” is also considered, the position of this right in the constitutions of the post-Soviet countries is analyzed, and it is proposed to amend the Constitution of Tajikistan by adding a separate article on the human right to a decent standard of living. Separately, it is noted that the essence of the constitutional right of ownership in the legislation of the country is very complex and incomplete, moreover, it is not enshrined in a separate law. Considering the goals of the "Concept of the Legal Policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028", the authors comes to the conclusion that an important component of their implementation is the legal provision of socio-economic rights, since they are of paramount importance in regulating social relations arising in the process of exercising subjective human rights. In this regard, the authors emphasizes that legislation in this area should be aimed at creating opportunities to ensure a decent standard of living and adequate social protection of citizens.

**Keywords:** law, economic and social rights and freedoms, constitution, constitutional consolidation, constitutional rights, property rights, the right to strike, the right to a decent standard of living.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саъдизода Ҷаҳонгир*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985-38-38-67**. E-mail: **jahon_1967@mail.ru**
***Қурбонов Ҷаъмахон Сайвалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Саъдизода Джахонгир*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**
***Курбонов Джаъмахон Сайвалиевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры международного права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Information about authors:** ***Sadizoda Jakhongir –*** Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Human Rights and Comparative Law**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**
***Kurbonov Dzhamakhon Sayvalievich –*** Tajik National University, assistant at the department of international law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 931879999.** E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

ТДУ: 34.02

# ОИД БА МАСОИЛИ ҲУҚУҚ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Искандаров Ш.Ф., Шосаидзода Ш.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳуқуқ дар парадигмаи категорияҳои «чӣ гуна бояд бошад ва чӣ гуна ҳаст» (Г.В. Харт ва Фуллер – ҳуқуқи идеалӣ ё ормонӣ ва ҳуқуқи воқеӣ).** Аз рӯзҳои аввали машғул шудан бо омӯзишу таҳлили ҳуқуқ, то ҳанӯз, вақте ки дар бораи ҳуқуқ фикр мекунем ва кӯшиш мекунем, ки моҳияти онро дарк кунем, мушкилӣ мекашем ва кӯшишамон чандон натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ҳар боре, ки фикрҳо дар ин самт мутамарказ мешаванд, он, яъне дарки ҳуқуқ ҳамчун объекти мураккаби дониш, дар алоқамандӣ ва мулоҳизаҳои мантиқии муайян имконнопазир мегардад. Баъзан чунин фикр моро ба ташвиш меорад, ки мо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳолати воқеии ҳуқукро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва як падидаи меъёрию ҳуқуқӣ дар як шакли ягонаи инъикоскунандаи равшани гуногунҷанбагӣ таърихан тағйирёбанда, динамикии муфид, падидаи меъёрии позитивӣ, ки табиати ҳуқуқиро инъикос менамоянд, наметавонем муайян намоем. Вале ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқ дар ҳеҷ шакли муайяне вуҷуд дошта наметавонад, баръакс ҳуқуқ моҳиятан ҳамчун падидаи арзишӣ-меъёрӣ вуҷуд дорад ва инро таҷрибаи бою мисолҳои мушаххас тасдиқ мекунанд. Ба шарофати қонун, ҳазорсолаҳо инҷониб одамон талаботи худро қонеъ мегардонанд. Қонун худ як шакли ифодаи ҳуқуқ аст. Аммо, вақте ки шумо дар бораи ҳуқуқ ҳамчун як чизи том, як падидаи фарҳангӣ фикр карданро оғоз мекунед, пас дарки дурусти он хеле мураккабтар мешавад. Он мисли хамелеон, дар ҳар маврид тағйир меёбад ва аз бисёр ҷиҳатҳо нофаҳмо мегардад, аммо худи мавҷудияти ҳуқуқ ҳамеша моро водор мекунад, ки онро бидонем.

Мушкилии дигар дар муайян намудани чигунагии ҳуқуқ дар назария ва дар амалия аст. Оё ҳуқуқе, ки дар ҳама давру замон вуҷуд дошт, ба он чизе ки мо дар сатҳи назариявӣ медонем ё тасаввур мекунем, мувофиқат мекунад? Аммо масъалаи фарқияти ҳуқуқ, ки чӣ гуна он бояд бошад ва ҳуқуқе, ки дар парадигмаи категорияҳои «муқаррарӣ ва мавҷуда», «де-факто ва де-юре» ҳаст, таърихи дурудароз дорад. Ин савол ҳамеша дар баҳс байни позитивистҳо ва ҷонибдорони равиши табиии ҳуқуқ санги асосӣ буд. Онро, ки ҳуқуқ дар сатҳи амалия ва назария метавонад тафовут дошта бошад, баъзе ҳуқуқшиносон инкор мекунанд, баъзеи дигар онро як чизи муқаррарӣ медонанд. Худи ин вазъият моро ба фаҳмиши (омӯзиши) вазъияти ҳуқуқ водор мекунад.

Ҳар қадар ақли мо, шуур ва таҷрибаи мо ба фазои ин мавҷудияти абстрактии серҷабҳа чуқуртар дохил шавад, мо мураккабӣ, гуногунрангӣ ва ношиносии онро торафт равшантар дарк мекунем. Вақте довталаб ё донишҷӯйи факултети ҳуқуқ ба саволи чӣ будани «ҳуқуқ» ба осонӣ ҷавоб медиҳад, профессори соҳаи ҳуқуқ ба дурустии гуфтаҳояш шубҳа мекунад ва душворӣ мекашад, тазод ба назар мерасад. Аммо муаммо ва мушкили ҳақиқӣ на он аст, ки яке мавқеи мушаххас дошта бошаду дигаре не, балки миёни онҳо, яъне миёни ин навъҳои дониш чӣ фосила аст. Ҳарчанд масъалаи ҳуқуқ воқеияти ягона аст, аммо ҳамчун объекти дониш хеле васеъ ва зиддиятнок аст. Ин масофа ҳамчун фазои андеша барои мо мушкилоти ба низомнокӣ ва устувории амалияи ҳуқуқӣ алоқамандро ба миён меорад. Ихтилофҳое, ки дар ин ҷо вуҷуд доранд, метавонанд сарчашмаи мушкилоти дигаре шаванд, ки ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам оқибатҳои манфиро барои мақсадҳои ҳуқуқ дар пай доштанашон имкон дорад.

Масъалаи дигари хеле мушкилу муҳим дар айни замон дар назарияи ҳуқуқ масъалаи авлавияти пайдоиши волоияти ҳуқуқ ё муносибатҳои иҷтимоии дорои хусусиятҳои ҳуқуқӣ мебошад. Сарфи назар аз он, ки дар амалияи ҳуқуқи муосир ҳар ду ҳамчун омили пайдоиши ҳуқуқи ҷорӣ дида мешавад, аммо жарфан ҷустуҷӯйи як навъи ҷавоб ба он, асосан бо мушкилоти муайян кардани афзалияти пайдоиши тухм ё мурғ дар ҷаҳони органикӣ баробар карда мешавад. Гарчанде дар дунёи қадим Плутарх дар суҳбат бо

Александр, Сулла, Фирма ва Соси Сенекион дар асоси хулосаву далелҳои раднашавандаи мантиқӣ ин масъаларо дуруст ба нафъи мурғ[†] ҳал карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин, воситаи асосии фаҳмиши олам – шуур ҳанӯз дар ҳалли ҳамин гуна масъалаҳо душвориҳо мекашад. Одами муосир ҳатто дар бораи вазифаҳои биологии тухми мурғ, ки дар асл вазифаҳои бачадонро иваз кардааст, фикр намекард. Барои ӯ тухм ҳам мисли қонуният ҳамеша худкифо, мустақил, чизи тавлидкунанда ва асил буд.

Дар ҳама ҷомеа дар шинохту дарки чунин арзишҳои аслии ҳадаф, аз қабили ахлоқ, ҳуқуқ, дин, урфу одат ва тартибот, агар шуури ҷамъиятӣ аз касбият дур бошад ва касбӣ бошад, дар навбати худ, аз зиёӣ ва зиддиятҳои байни онҳо вуҷуд дошта бошад, пас маълум мешавад, ки ин шакли ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ проблемаҳои хеле ҷиддӣ дорад. Ва онҳо дар шаклҳои гуногун, баъзан ношинос ва ғайримантиқӣ зоҳир мешаванд. Мушкилот дар ин фазо на танҳо дар шинохти худи арзиш, балки дар фаҳмиши ҳуқуқ низ ба миён меоянд ва дар рафти татбиқи ҳуқуқ, ки тасаввуроти моро нисбат ба воқеият вайрон карда, мақсади дилхоҳ – адолатро аз мо дур карда, озодии моро маҳдуд ва баробарҳуқуқиро дар ҷамъият вайрон мекунад, хеле мураккабтар мешаванд. То ки ақли мо ба вазъияти душвор наафтад ва мо арзишҳои худро ба осонӣ қурбонӣ накунем, мо дар ин мақола кӯшиш мекунем, ки ба ин мушкилот аз нуқтаҳои гуногуни ибтидоӣ мурочиат кунем ва роҳи коҳиш додани шиддати ихтилофҳо ва зиддиятҳои мавчударо пайдо кунем. Намедонем, ки то кучо муваффақ мешавем, аммо бо нияти нек кӯшиш мекунем, зеро баргузидаҳои таърих гуфтаанд, ки «амалро ният баҳо медиҳад» [2,с.1722].

**Сайри таърихӣ ба таҳлили онтологии масъала.** Мо дар худи ибтидои ҳазорсолаи сеюм мебошем. «Ҳомо сапиенс» дар тули чилҳазорсолаи таърихи худ дар роҳи инсоншавӣ ва иҷтимоишавӣ бисёр чизҳоро аз сар гузарондааст. Табиати асосии ӯ, савқи табиӣ, рефлексҳо мунтазам такмил меёфт, шуури одами қадимтарин ба ҷаҳон кушода шуда, дар айни замон дарки он чиро, ки ӯро иҳота кардааст, мефаҳмид. Равандҳои одамшавӣ ва иҷтимоишавии шахсият бинобар эҳтиёҷот, талабот, зарурати идомаи ҳаёт аввалин одамони пешазтаърихиро водор кардааст, ки роҳҳо ва бо мурури замон роҳҳои ҳам бешуурона ва ҳам оқилонаи ҳалли мушкилотеро, ки дар назди онҳо карор доранд, ҷустуҷӯ кунанд. Шаклҳои вокуниши инсон ба муҳити атроф, амали инсонии ӯ, ки инстинктҳои биологӣ (муносибати беақлона ба воқеият) дикта мекунанд, тадриҷан роҳи гузаштан ба амали оқилонаро мекушоянд. Дар ин марҳила ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ аз принсипҳои ирратсионалӣ ва сарчашмаҳои ғайрирасмӣ (консепсияи Вебер) роҳи дониши оқилона ва ифодаи расмиро оғоз намуд. Мардум аввал аз худҳакамӣ ба баҳсҳои бошууронаи судӣ гузаштанд ва баъдан озмоиш ва қасосгирии дастаҷамъиро бо қарорҳои оқилона ва мантиқии сохторӣ иваз карданд. Ҳамин тариқ, одамон масъулияти беадолатонаи шахсони бегуноҳро бартараф карданд, мурофиа бо интихоби далелҳо ва дигар унсурҳои зарурӣ барои татбиқи адолат ҳамроҳ мешуд.

Фазилат, Адолат, Ҳақиқат ҳамчун идеалҳои аввалини фаҳмиши инсонӣ дар навъҳои ибтидоии худ ба бесарусомонӣ, бадӣ, беадолатӣ, куштор ва фиреб муқобилат мекарданд.

Ғайриақлгароӣ ва ақлгароӣ дар оғози тамаддунҳо дар рафтори инсонҳо аз худ дарак додаанд. Афсонаҳо, дин, расму оин, ахлоқу ҳуқуқ ба «матои» амалҳои беақлона ва оқилонаи одамони ибтидоӣ ворид шуда, тадриҷан ба шаклҳои ташкили ҳамзистии одамони пеш аз таърих ва аввалин одамони таърихӣ дар доираи оилаҳои эндогамӣ ва экзогамӣ бо шаклҳои хосси матрилокалӣ ва патрилокалии ҳамзистӣ таъсири назаррас расониданд.

**Барои мулоҳиза**: Намуди биологии «Ҳомо сапиенс» бо тамоми офаридаҳои аз умқи шуур сарчашмагирифта, Руҳи мутафаккир, яъне бо дин, қонун, ахлоқи худ ҳамчун маҳсули мусбӣ бар бадӣ ва беадолатии эҷодкардаи худ муқобил баромад. Таҳлили таҷрибаи таърихӣ ва тафаккури оқилона нишон медиҳад, ки ин муқовимат бо ҳама дастоварду

---

[†] «Охир, ҷаҳон аз ҳама чиз пеш буд, ки комилтарин буд, аммо бовар кардан дуруст аст, ки комил пеш аз нокомил аст, чун тамоми нуқсон ва ҷузъҳои том... Пас, ҳеҷ кас «одам аз тухм» ё «мурғи тухм» намегӯяд, балки танҳо «тухми мурғ» ва «оилаи инсон» мувофиқи он, ки якум аз дуюм ба вуҷуд омада, эҳё мегардад ва ба воситаи тавлиди худ ӯ ё дар назди табиат қарзи худро пардохт мекунад. Ниг.: Плутарх, Застольные беседы. -Ленинград: Наука, 1990. -С.35-36.

муваффақиятҳои Руҳи мутафаккир ҳанӯз дар ягон ҷо аз байн нарафтааст. Вай ба вуҷуд омадани проблемаҳо ва зиддиятҳои зиёдеро ба миён овард, ки дурнамои инкишофи шуури ҷамъиятӣ ва ояндаи инсониятро хира мекард. Некию бадӣ, адолату ноадолатӣ, баробарӣ ва нобаробарӣ, озодӣ ва ғуломӣ, низом ва бетартибӣ, чун ду паҳлуи як масъалаи ниёзҳои табиии одамон, аз дарун ба шуури фардӣ ва ҷамъиятӣ дар интихоби роҳи зиндагӣ даъватҳо мепартоянд. Ин зиддиятҳо ва муқобилият, ки хусусияти динамикӣ, диалектикӣ ва баъзан устуворро дар партави як ҳодисаи томи иҷтимоӣ дар равиши ташаккули ҷомеаҳо доро мебошанд, ба тафаккури инсонӣ, ки ин ҳодисаҳои объективии ҷамъиятиро бояд дарк намояд, ҳар лаҳза мушкилиҳои ақлонӣ эҷод менамоянд.

**Манъи фикр – дарки мушкилӣ**! Яъне, мо бояд лаҳзае аз идомаи дискурсивии фикр худро озод намоем, зеро дар ин нукта як муаммое истодааст, ки онро бояд ҳал намуд. Агар одамон дар тули беш аз даҳ ҳазор соли тамаддун ба решакан кардани бадӣ, боздоштани ҷангҳо ва аз байн бурдани қонунвайронкуниҳо қодир нашуданд, табиист, ки дар назди Руҳи мутафаккир, дар назди он сохторҳо, ки барои раванди шинохтани ҳақиқат ва инкишофи дунёи инсонӣ масъулиятро бошуурона ба дӯши худ гирифтаанд ва ба дӯши худ хоҳанд гирифт, саволҳои зиёде ба вуҷуд меояд. Моҳиятан саволи асосӣ дар назди ақлу ҳуқуқ ба миён меояд. Агар то ба имрӯз арзишҳои олии инсонӣ, ки дар тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, аз таъсири ҳамон як сабабҳои субъективӣ пӯсида, пароканда шаванд; агар дар тули таърих бисёр давлатҳо ва фарҳангҳои бузург бо ҳамин омилҳо нобуд шуда бошанд [5,с.280-281]; агар одамон дар давоми асрҳо бо таъсири як мақсад ҷиноят содир кунанд; агар принсипҳои ҳамзистии мо дар доираи оила, гурӯҳи муайян ва ҷамъият мисли пештара поймол карда шаванд, пас ин чунин маъно дорад, ки ақли мо, аксуламали мо ва тарзу усулҳои тарбия дар парадигмаҳои шуури ҷамъиятӣ камбудию норасоиҳои худро дорад.

Агар ҳазорҳо сол бо таҳдиди ҷазо мегӯем, ки дуздӣ кардан лозим нест, куштан лозим нест, таҷовуз кардан ва зино кардан мумкин нест, аммо ба ҳар ҳол дуздӣ, куштан, таҷовуз ва зиноро давом дода истодаем, ҳатто донистa аз оқибати муҷозоти минбаъда. Пас, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки воситаҳои мо ҳам дар шакли тарбия ва ҳам дар шакли вокуниш ба амалҳои инсонӣ дар тамоми таърихи тамаддун бефоида баромад.

Вале, моро чунин фикр наҷот медиҳад, ки оҳиста-оҳиста пеш рафта истодаем ва раванди инсоншавии одам аз тарафи худи одам ба мо умед мебахшад... Магар ин аз ҳад зиёд нест...? Оё мо дар ҷустуҷӯйи худ хато мекунем? Мо қонунияти психологияи мусбат – «он чизе, ки моро намекушад, моро қавӣ мегардонад»-ро инкор намекунем, аммо ин гуна қонуният ҳудуди худро дорад... Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки шумораи кушташудагон аз замони ибтидоӣ дар як минтақаи мушаххас то чӣ андоза кам ё зиёд шудааст. Аммо метавон гуфт, ки ба далели ҷангу ноором иҳое, ки зери таъсири ақл ва худбоварӣ ба вуқуъ мепайвандад, дар қиёс бо даврони бешуурӣ теъдоди фавтҳои бармаҳал ҳанӯз ҳам тадриҷан афзоиш меёбад. Масалан, танҳо дар Аврупо дар ҷангҳо ва низоъҳои гуногун дар асри XVII тақрибан 3 миллион нафар; дар асри XVIII 5 миллион, дар асри XIX қариб 10 миллион ва дар асри XX қариб 100 миллион кас кушта шуданд. Ва муҳимтар аз ҳама, набояд фаромӯш сохт, ки ин маълумот ба он қитъа дахл дорад, ки дар се қарни охир дар ҷаҳон намунаи тараққиёти он маҳсуб мешуд. Дар асри XXI вазъият боз ҳам бадтар шудааст.

Имрӯз аксарияти кишварҳо: Ироқ, Сурия, Ливия, Яман, Украина, Афғонистон ва ғайраҳо дар оташи ҷанги шаҳрвандию беруна месӯзанд. Шаҳрҳои бостонӣ, қалъаҳо, ёдгориҳои таърихӣ, обеъктҳои навини стратегӣ, манзилҳои бузурги истиқоматӣ ва фарҳангию меъморӣ, ки дар тули ҳазорсолаҳо сохта шуда, ҳамчун як ҷузъи таърихи зинда аз ҷониби наслҳои оянда қарнҳо бояд қадршиносӣ мегаштанд, аз рӯйи замин бераҳмона нобуд мешаванд. Имрӯз, ҳама чиз дар як лаҳза нобуд мешавад ва арзишҳо ба соҳибони дигар дар пеши чашми артиши озодихоҳон ва шояд ҳатто ба худи ин артиш мегузарад. Танҳо дар соли 2017, тибқи маълумоти СММ, шумораи гурезагон дар ҷаҳон 68,5 миллион нафарро ташкил додааст [1]. Инҳо нафароне ҳастанд, ки барои наҷоти ҷони худ ва ё хешовандонашон маҷбуранд хонаҳои худро тарк кунанд. Дар байни онҳо ноболиғон низ мебошанд.

Мувофиқи эродҳои бамавқеи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар ин давра беш аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонӣ ва вахшиёнаи террористону ифротиён қарор гирифтанд. Воқеият ин аст, ки ҷуғрофиёи паҳншавии низоъҳо торафт васеъ шуда истодааст, чолишҳои глобалӣ имрӯз ба пояҳои бунёдии тартиботи ҷаҳонӣ ва принсипҳои муносибатҳои байналмилалӣ фишор меоранд. Идомаи минбаъдаи ин вазъ метавонад боиси амиқтар шудани чолишҳо ва таҳдидҳо дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, башардӯстона ва амниятӣ дар манотиқи мухталифи ҷаҳон гардад» [3].

Саволе ба миён меояд: одам бо маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои байналхалқӣ куҷо ҳаракат мекунад, ин махлуқи зирактарини сайёраи мост, ки кайҳо боз рисолати роҳнамои сайёраро ба зимма гирифтааст? Чӣ бояд кард? Ҳатто дар охири асри бистум нависандаи машҳури ҷаҳон Чингиз Айтматов – дӯст ва ҳамкори Мирзо Турсунзодаи мо, бо руҳи серталаб аз ҳар ҷиҳат (баҳои А. Турсон), дар сухани ифтитоҳии худ дар маросими ифтитоҳи Форуми ходимони фарҳанги ҷаҳонии Иссиккӯл (1986) дар бораи ин вазъиятҳои муҳимми ҷаҳонӣ ва роҳҳои баромадан аз онҳо чунин гуфта буд: «Дар шароити хатари рӯзафзуни ҳаёт ҳамаи мо ба ақл такя мекунем. Воқеан, мо ба ақл дар аҳаммияти ҷаҳонӣ дар ҷаҳони худ, ҳамчун як ҷавҳари масъулиятноки олӣ, ки моро аз мушкилот муҳофизат мекунад, такя мекунем, гарчанде ки ақл худи мост. Шукрона аз он ки ақл қодир ба худшиносии беохир, таҳаввулоти беохир аст. Ин таҳаввулоти интеллектуалӣ, ки дар гирдоби зиддиятҳои шадиди ҷаҳонӣ торафт суръат мегирад, ҳоло болоравии нави сифатӣ, марҳилаи нави рушдро аз сар мегузаронад. Шояд ин ҷаҳиш, ҷаҳиш ба сӯйи худҳифозатӣ, ки барои зинда мондан зарур аст, лаҳзае аст, ки одами оқил ба дараҷаи одами хирадманд боло меравад. Ҳама чиз дуруст ва мантиқӣ аст. Чингиз Туракулович аломатҳои аввалини вайрон шудани тозагии экологии сайёраи моро дида, наҷотро дар такя ба ақлу хирад, дар гузариши интизории он ба хирад мебинад. Ҳарчанд ба мо то ҳол дар бораи фарқи байни «одами оқил» ва «одами хирадманд» комилан рӯшан нест, худи гузоштани суол дар ин дидгоҳ ҳам барои мо ва ҳам барои донишманди гиромӣ Акбари Турсон мутаассир аст.

Акбари Турсон дар бораи ин суханронии инқилобии Чингиз Туракулович чунин менависад: «Ин ҷаҳонбинии фалсафию бадеӣ дар фаҳмиши охирини худ чиҳати нави тафаккури умумиҷаҳониро ба миён мегузорад: он бояд бо мазмуни нави ахлоқӣ пур шавад: аз ин ба баъд сухан бояд фақат дар бораи ташаккули шуури чаҳонии ахлоқӣ ва маънавӣ равад. Ташаккули чунин шуури бисёрҷанба як тағйирёбии нав дар ноосфераро нишон хоҳад дод: марҳилаи эволютсионии гузариш аз Ақл ба Ҳикмат» [6, с. 6]. Ҷойгоҳи андешаҳои Чингиз Айтматов ва баҳои илмии Акбар Турсонро аз рӯйи параметру парадигмаҳои нави зиндагӣ баён намудан зарур аст. Аммо ба ҳар ҳол, ҳуқуқшиносонро, худи методологияи гузоштани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, дурусттараш, таъкид ба муносибат кардан ба масъала дар заминаи ҳалли он нигарон мекунад. Ҳуқуқшиносон, ба фарқ аз файласуфон, дар ҳар амалу падида омилеро меҷӯянд, ки ин амал ё падида ва иртиботи онҳоро асоснок месозад. Ва ин бо мақсади ба зиммаи худ гузоштани масъулият ва дар оянда аз байн бурдани чунин ҳодисаҳо сурат мегирад. Дар ин сурат олимоне ҳастанд, ки дар бораи қуввае, ки қобилияти мубориза бурданро бо бадӣ дорад, равшан сухан меронанд. Аммо худи манбаи бадӣ як падидаи бесобиқа аст. Албатта, мутафаккирони бузург инро беҳтар медонанд ва аз рӯйи категорияҳои сабабу натиҷа баҳо медиҳанд. Ҳамаи ин мушкилот, нохушиҳо, фалокатҳо, ҷангҳо, бесарусомониҳо дар ҳаёт аз ягон ҷойи беруна фиристода нашудаанд, аксар вақт натиҷаи амали беақлонаву оқилонаи худи инсон аст. Аз ин рӯ, Чингиз Айтматов дар мавриди ақл ҳарф зада, тавзеҳ медиҳад, ки «ақл худи моем» ва нокомии бошууронаи «парастиши ақл» рӯй овардан ба «парастиши хирад»-ро пешниҳод мекунад, Акбари Турсон бошад, боз ҳам қатъитар аст ва менависад. ки «аспи чусту чолоки тафаккури маҳдуди касбӣ, ки аз банди ахлоқӣ холӣ аст, аспи иҷтимоии аз ҳад зиёд дилгармкунандаро ба бунбасти таҳаввулӣ бурд...» [6,с.6].

Ҳамин тариқ, баъзе ҳуқуқшиносон, решаи мушкилоти болоро дар зеҳни инсонӣ мебинанд, ки баъзан танҳо ба он такя мекунем. Зимнан, ба ин аспи «тезпиёда» воқеан як ҷилави ахлоқӣ лозим аст, ки дар дасти савораи аз ҷиҳати ахлоқӣ буда, метавонад дардҳои худро дарк кунад ва аз маҳфилҳои зараровар даст кашад, ирода барои баҳодиҳии объективӣ ба равандҳои баамаломадаро дорад. Чунин «савор» метавонад бо тамоми

сарчашмаҳои оқилона ва ғайримантиқии дониш оқилона ва ҳассосона сарукор бигирад. Дар ҳаёти пуршиддати сиёсиву ҳуқуқии худ қонуну категорияҳои фалсафаро ба инобат гирифта, вобастагии худро аз замону шароит ва дар ҳар сурат дарк намуда, дар ҳама тазодҳои ҳуқуқӣ, одилона ба категорияҳои муқарррарӣ ва воқеӣ, такя кунад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҳудуди имконпазир ва ғайриимкони худро медонад ва бидуни ҳеҷ гуна ташаннуҷи «ман»-и худаш ҳамеша нописандии худро дарк ва ислоҳ мекунад. Даъвати якҷонибаи ақл ба мубориза, ҳамчун роҳи такмили он, қобили таҳсин аст, вале нодида гирифтани хатоґиҳо ва иштибоҳоти он, аз назари ҳуқуқӣ ба номукаммалӣ оварда мерасонад, ки он ба методологияи тадқиқот «ҷорӣ» шудааст.

Маҳз дар ҳамин ҳолат тафаккур, ки ба иллатҳои сершумор асос ёфтааст, кӯшиш мекунад, ки на танҳо умумӣ будани масъалаи ҳуқуқро дарк намояд, балки як навъ ҳуқуқи умумӣ, фарогир ва идеалӣ ба вуҷуд оварад. Дар чунин ҳолате ки, аз як тараф, раванди ақлгароӣ ва ба расмият даровардани ҳуқуқ характери бисёрҷанба ва сервекторӣ (бисёрсамтӣ) пайдо мекунад, дар мавриде, ки он бо зиддиятҳо ва дардҳо печида бошад. Аз тарафи дигар, агар ақлу ақлгароӣ бо боварии хосси худ ва яктарафа будани худ ба чунин иллатҳои ҷиддӣ кашида шудаанд, бояд қонун ҳамчун маҳсули шуури худ, чизи идеалӣ, зарурӣ ва мусбат шуморида шавад. Ҳарчанд таҷриба ва натиҷаи амали оилаҳои ҳуқуқӣ дар таърихи башарият дар ин самт ҳанӯз бovaрибахш нест, то ҳол ба ҳуқуқ ҳамчун беҳтарин чизе, ки ҳаст, бовар бояд кард. Чаро? Зеро шуури инсон оромии олами инсонӣ, субот, имкони ободӣ ва аз ҳама муҳим, озодию хушбахтии одамонро дар ин олами иҷтимоии гуногунсоҳа маҳз дар ҳуқуқ мебинад.

Бале, дар ҳақиқат инсоният ҳанӯз аз он ҳолате дур аст, ки дар он хоҳишҳои нафсонӣ ва ҳуқуқ воқеан вуҷуд дошта метавонанд. Шояд мо априорӣ, бо услуби Кантӣ, ба мушкилоти ҳуқуқ назар меафканем ва тасаввур мекунем, ки он чизро то ҳол ба даст наовардаем, ё вақти он расидааст, ки розӣ шавем, ки «ҳуқуқ тавре ки ҳаст, бояд аз ҳуқуқе, ки бояд бошад, ҷудо карда шавад» [7,с.20] (яъне, ҳамчун маҳсули ақли мо ё як муқаррароти то ҳол кашфношуда). Дар ин ҳолат, дониши назарӣ ё мафҳумӣ бо мушкилоти душвортар рӯ ба рӯ мешавад, зеро дар асл, он воқеан чунин нест. Оё ин маънои онро дорад, ки қонуни идеалии мо танҳо ҳамчун иллюзияи мо дар пеши назари мо истодааст? Не, ин шуда наметавонад. Барои ҳуқуқи идеалии мо ҳамчун меъёри баробарӣ, озодӣ ва адолат ҳарчанд дар ҳақиқат вуҷуд надорад, вале бар хилофи хаёлҳои мо, ки амалӣ намешавад, имкону замина барои татбиқи он вуҷуд дорад.

**Муқарриз: н.и.ҳ, дотсенти ДМТ - Миралиев И.Х.**

## АДАБИЁТ


1. [Манбаи электронӣ]. URL: http://docplayer.ru/76691124-Doklad-verhovnogo-komissara-organizacii-obedinennyh-naciy-po-delam-bezhencev.html (санаи муроҷиат: 17.05.2023)
2. Ҳадиси паёмбари ислом Муҳаммад (с) дар боби эҳсон // Хатиби Табрезӣ. Мишкот-ул-масобеҳ. Ҷ. 3. – С. 1722.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 17.12.2017.
4. Плутарх, Застольные беседы. – Ленинград: Наука, 1990. – С. 35-36.
5. Тойнби А.Дж. Цивилизация перед судом истории / А.Дж. Тойнби. Пер. с англ.; под ред. д.и.н. В.И. Уколовой и к.и.н. Д.Э. Харитоновича. – М.: «АЙРИС-ПРЕСС», 2003. – С. 280-281.
6. Турсон А. Всемирный известный писатель с всемерно отзывчивой душой / А. Турсон // Народная газета, 2018. – 12 дек. – С. 6.
7. Харт Г.Л.А. Философия и язык права / Г.Л.А. Харт. – М.: Канон, 2017. – С. 20.


## ОИД БА МАСОИЛИ ҲУҚУҚ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН


Дар мақолаи мазкур муаллифон бо дарназардошти ғоя ва дидгоҳҳои мухталифи ҳуқуқфаҳмӣ ва гуногунии дарки ҳуқуқ дар илми назарияи ҳуқуқшиносӣ кӯшише намудаанд, ки ба марғзори олами ҳуқуқ ворид шуда, дар асоси дастовардҳои илмии Шарқу Ғарб ва бо истифода аз усулҳои илмии ҷадид назари тозаи худро ба асли ҳастии ҳуқуқи идеалӣ ва воқеӣ арза намоянд. Сазовор ба қайд аст, ки зиёд аз ҳукму андешаҳои ҳақиқатнигоронаю ақлгароёнаи муаллифон паҳлу ва холигиҳои ҷудогонаи ҳуқуқро ҳамчун ҳодисаи иҷтимоӣ ва меъёрӣ кашф намудааст. Дар мақола ҳамоиши мавзуни усулҳои ҳуқуқшиносӣ, иҷтимошиносӣ, диншиносӣ ва фалсафӣ мутаносиб аз илми шарқию ғарбӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар мақола дар заминаи таҳлили амиқи масъалаи мавриди таҳқиқ зарурати дарки объективонаи ҳуқуқ ҳамчун ҳодисаи воқеӣ бо дарназардошти раванди таърихӣ ва истифода аз усулҳои ҳам ақлонӣ ва ҳам ғайриақлонӣ изҳор ва асоснок карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** фаҳмиши ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, адолат, ҳақиқат, маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, ахлоқ, ақлгарой, ғайриақлгарой, фазилат, ҳуқуқи инсон, дарки ҳақиқат.

## К ВОПРОСУ О ПРАВЕ И ПРАВАХ ЧЕЛОВЕКА

В данной статье авторы с учетом различных идей и подходов к правопониманию, различий в восприятии права, существующих в науке о праве, старались рассмотретпроблемы правового мира, на основе научных достижений Востока и Запада и использования новых научных методов изложить свои оригинальные идеи о существовании реального и идеального права. Следует отметить, что рациональные выводы и заключения авторов раскрывают многие отдельные аспекты и пробелы права как социального и нормативного явления. В статье в гармоническом сочетании используются юридические, социологические, религиоведческие и философские методы познания восточных и западных наук. На основе глубокого анализа исследуемой проблемы высказывается и обосновывается необходимость объективного восприятия права как реального явления с учетом исторического процесса и использованием как рациональных, так и иррациональных методов.

**Ключевые слова:** правовое понимание, право, справедливость, истина, правовое познание, правовое сознание, мораль, рационализм, иррационализм, добродетель, права человека, восприятие истины.

## ON THE QUESTION OF LAW AND HUMAN RIGHTS

In this article, the authors, taking into account different ideas and views of jurisprudence and diversity of understanding of law in the science of jurisprudence, have tried to enter the border of the world of law on the basis of the scientific achievements of the East and the West and using new scientific methods. It is worthy of note that many of the authors' honest and rational judgments and opinions have discovered the different aspects and differences of law as a social and normative phenomenon. In the article, a synthesis of jurisprudential, sociological, theological and philosophical methods of Eastern and Western science is used. In the article, on the basis of a deep analysis of the research issue, the need for an objective understanding of law as a real phenomenon, taking into account the historical process and the use of both rational and non-rational methods, is expressed and justified.

**Keywords:** Legal understanding, law, justice, truth, legal virtue, legal consciousness, ethics, rationality, irrationality, virtue, human rights, understanding of the truth.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Искандаров Ш.Ф.* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 918 66 06 06.** E-mail: **isharafjon@mail.ru**
***Шосаидзода Ш.Ш.* -** ёрдамчии директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **(+992) 93-600-55-66**. E-mail: **dahkat_1988@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Искандаров Ш.Ф.* –** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **isharafjon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-66-06-06**
***Шосаидзода Ш.Ш.* -** помощник директора Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук. E-mail: **dahkat_1988@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-600-55-66**

**Information about authors:** ***Iskandarov Sh.F.* –** Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Human Rights and Comparative Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **isharafjon@mail.ru.** Phone**: (+992) 918-66-06-06**
***Shosaidzoda Sh.Sh.* -** Assistant Director of the Center for Islamic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences. E-mail: **dahkat_1988@mail.ru.** Phone**: (+992) 93-600-55-66**

**ТДУ: 343.2**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ ОИД БА ҒАЙРИҚОНУНӢ ГУЗАШТАН АЗ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ

***Насруллоев Х.Т.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир, яке аз методи пешрафта ва маъмул ин бо роҳи усули муқоисавӣ–ҳуқуқӣ такмил додани қонунгузорӣ мебошад, чунки дар раванди мазкур қонунгузории дигар мамлакатҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллии он ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мешавад.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон, низомҳои қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқэҷодкунии давлатҳо ва ғайра хизмат мекунад. Низоми ҳуқуқии ҳар як давлат аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ, институти ҳуқуқ ва соҳаи ҳуқуқ иборат мебошад, ки вобаста аз хусусиятҳои хосси худ аз дигар давлатҳо фарқ мекунад. Ҳеҷ як низоми ҳуқуқии миллӣ дар танҳоӣ инкишоф намеёбад, он дар натиҷаи омезиш бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ инкишоф меёбад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло Ю.А. Минакова воқеан дуруст қайд мекунад, ки: «дарки равишҳои асосие, ки дар кишварҳои хориҷӣ ба ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ истифода мешаванд, ба мо имкон медиҳад, то истифодаи баъзе аз онҳоро дар қонунгузории кишвари худ арзёбӣ кунем» [2,с.167-175].

Ҳамин тавр, истифодаи таҷрибаи ҳуқуқии пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар заминаи анъанаҳои муқарраршудаи қонунгузории мамлакатҳои пешрафта такмил дода шавад.

Ҷиноятҳое, ки бо ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар иртиботанд, дар бештари давлатҳо ба категорияи ҷиноятҳои вазнин шомиланд. Аксари кирдорҳое, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои қонуни ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ инъикос намудаанд, якхела нестанд. Онҳо вобаста ба объект, хусусияти кирдор ва оқибатҳои ин ҷиноятҳо, тарзҳои содир гардидан ва аломатҳои субъективии ҷиноят аз якдигар фарқ доранд.

Ҷиҳати такмили қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои омӯзиши ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ин кишварҳо, ба мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаблан дар ҳайати ИҶШС буданд ва аз ин рӯ, дорои умумияти муҳимми таърихӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқи ҷиноятии масъалаҳои марбут ба гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ мебошанд.

Таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо барои гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ (м. 335 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], м. 237.4 Кодекси пенитенсиарии Ҷумҳурии Эстония (минбаъд КП ҶЭ) «Даромадани бадқасдона ба Ҷумҳурии Эстония» ва м. 258 КП ҶЭ «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Эстония ва хатти назорати муваққатӣ» [3], м. 284 ҚҶ Ҷумҳурии Латвия «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ» [4], м. 318 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Озарбойҷон» [5], м. 329 КҶ Ҷумҳурии Арманистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ» [6], м. 344 КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Гурҷистон» [7], м. 378 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон» [8], м. 235 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Туркманистон» [9], м. $332^2$ КҶ Украина «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Украина» [10], м. 371 КҶ Ҷумҳурии Беларус «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Беларус» [11], м. 392 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон «Қасдан ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон» [12], м. 362 КҶ Ҷумҳурии Молдова «Гузариши ғайриқонунӣ аз сарҳади давлатӣ» [13], м. 223 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Ғайриқонунӣ ба хориҷа рафтан ё ғайриқонунӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид

шудан» [14], м. 322 КҶ Федератсияи Русия «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Федератсияи Русия» [15]) ҷавобгарӣ муқаррар намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби қонунгузор дар боби 31 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ», ки ба фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» марбут аст, ҷойгир карда шудааст [1].

Ҷиноятҳои баррасишаванда дар ҳама кишварҳои пасошуравӣ, ба истиснои Молдова, Украина ва Эстония (Русия, Беларус, Гурҷистон, Арманистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Латвия) ҳамчун ҷиноятҳои зидди тартиби идоракунӣ тасниф карда шудаанд. Қонунгузории Молдова ҷинояти баррасишавандаро дар боби 17 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва амнияти давлатӣ» ҷой дода, объектро васеъ намуда, тартиби идоракунӣ ва амнияти давлатиро ба ҳам мепайвандад [13]. Аммо дар КҶ Украина бошад, ба бобҳо ҷудо намудани кодекс вуҷуд надорад [10].

Фаслҳое, ки дар онҳо ин меъёрҳо ҷойгир шудаанд, тақрибан номҳои якхела доранд. Ҳамин тариқ, дар Федератсияи Русия (минбаъд ФР) меъёри қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои убури ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби қонунгузор дар фасли X «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» [15], дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон меъёри дахлдор — дар фасли V «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [14], дар КҶ Ҷумҳурии Туркманистон — дар фасли X «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ» [9], дар КҶ Ҷумҳурии Беларус — дар фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили давлат ва тартиби ба амал баровардани ҳокимият ва назорат» [11], дар КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон — дар фасли XI «Ҷиноятҳо ба муқобили давлат» [7], дар КҶ Арманистон — дар фасли 11 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» [6], дар КҶ Озарбойҷон — дар фасли XI «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ», — дар КҶ Қирғизистон дар фасли IX «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва дар КҶ Украина — дар фасли XIV «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар доираи ҳифзи сирри давлатӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, таъмини даъват ва сафарбарӣ» [10] ҷойгир карда шудааст. Дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон [12], Молдова [13] ва Латвия [4] ба фаслҳо тақсим кардани қисми махсуси кодексҳои ҷиноятӣ вуҷуд надорад.

Объекти бевоситаи таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии ҶТ, ҳамчунин аксари таркибҳои баррасишудаи Кодекси ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бехатарии сарҳади давлатӣ, тартиби муқарраргардидаи гузаштан аз онро ташкил медиҳад, яъне, ҷиноят ба дахлнопазирии сарҳади давлатӣ таҷовуз мекунад.

Қобили зикр аст, ки дар тамоми кишварҳои пасошуравӣ (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон) меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад ба шакли бланкетӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Таркиби ҳамаи ҷиноятҳои баррасишаванда расмӣ буда, тарафи объективии он дар диспозитсияҳои меъёрҳои Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои собиқ ИҶШС, дар шакли амалҳои фаъол – гузаштан, гузариш, даромадан, баромадан тавсиф шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки тарафи объективии ғайриқонунии гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар кишварҳое, ба монанди Тоҷикистон [1], Русия [15], Арманистон [6] ва Туркманистон [9], бо набудани ҳуҷҷатҳои муайян ва иҷозати дахлдор ифода меёбад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи қ. 1-и м. 335 КҶ ҶТ дар муқоиса бо қисмҳои якуми моддаҳои дахлдори кишварҳои номбурда дар он аст, ки истилоҳи «ғайриқонунӣ» танҳо дар меъёри қ. 1, м. 335 КҶ ҶТ истифода шудааст.

Дар кишварҳое, ба мисли Арманистон [6], Озарбойҷон [5] ва Туркманистон [9] ҳифзи сарҳад ҳамчун аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят пешбинӣ шудааст. Вале ин маънои онро надорад, ки таркиби ҷинояти баррасишаванда дар кишварҳои номбаршуда якхеланд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи асосӣ байни ин кишварҳо навъҳои санксия мебошад. Масалан, дар қ.1 м. 329 КҶ Ҷумҳурии Арманистон, ду навъи алтернативии ҷазо – ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар қ. 2 моддаи мазкур бошад, танҳо як навъи ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст [6]. Дар санксияҳои қ. 1 м. 235 КҶ Ҷумҳурии

Туркманистон ду навъи алтернативии ҷазо (корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ бо гузоштани уҳдадории истиқомат дар маҳалли муайян) ва дар қ. 2–юми он бошад, танҳо як навъи ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар гардидааст [9]. Санксияи қ. 1 м. 318 КҶ Озарбойҷон ду навъи алтернативии ҷазоро пешбинӣ кардааст (ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ) ва қ. 2–и он танҳо як навъи ҷазоро пешбинӣ кардааст – маҳрум сохтан аз озодӣ [5].

Субъекти ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ тибқи қонунгузории кишварҳои мазкур умумӣ аст: шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ (16–солагӣ) расидааст. Мавҷудияти мукаллафӣ (солимфикрӣ) шарти ҳатмӣ барои муайян кардани гуноҳи субъект мебошад.

Тарафи субъективӣ шакли қасди бевоситаро дар бар мегирад. Аз кодексҳои кишварҳои пасошуравӣ шакли қасди бевосита танҳо дар диспозитсияҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Беларус нишон дода шудааст. Гарчанде диспозитсияҳои моддаҳои дахлдор дар дигар кодексҳои кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар м. 335 КҶ ҶТ аломати қасди бевоситаро нишон надодааст, вале сохти таркиби ҳуқуқии ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ танҳо дар бораи қасди бевосита шаҳодат медиҳад. Ангеза ва мақсад ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад. Аз қонунҳои ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ мавҷудияти мақсади махсус танҳо дар м. 332[2] Кодекси ҷиноятии Украина пешбинӣ шудааст [10]. Сабаб, мақсад ва ҳолати рӯҳӣ ҳамчун аломатҳои ҳатмии тарафи субъективии гузаштани ғайриқонунии сарҳад ҷудо карда намешаванд. Ҳамин тариқ, онҳо ба сифати кирдор таъсир намерасонанд, балки танҳо ҳангоми таъини ҷазо барои содир кардани он ба назар гирифта мешаванд. Ҷинояти мазкур аз лаҳзае, ки шахс сарҳадро ғайриқонунӣ убур мекунад, хотимаёфта ҳисобида мешавад. Мутобиқи Кодексҳои амалкунандаи давлатҳои пасошуравӣ, ҷойи содир намудани ҷинояти мазкур сарҳади давлатӣ мебошад. Лаҳзаи анҷоми ҷиноят бо гузаштани воқеии сарҳад дар рӯйи замин танҳо дар сурате рост меояд, ки агар он берун аз гузаргоҳҳо гузарад. Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад тавассути гузаргоҳҳо бояд аз лаҳзаи анҷом додани расмиёти назорати сарҳадӣ бо гузоштани мухр дар ҳуҷҷатҳои дахлдор (қонунӣ гузаштан аз сарҳад) анҷомшуда ҳисоб карда мешавад.

Дар аксар мавридҳо, дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин кирдор бо ошкор намудани моҳияти он (аз ҷумла дар м. 335 КҶ ҶТ) бо истилоҳи «гузаштан» ифода карда мешавад. Истисно, меъёрҳои дахлдори кодексҳои ҷиноятии Молдова ва Ӯзбекистон мебошанд. Дар Молдова мафҳуми «гузариш» [13] барои ошкор намудани моҳияти кирдори ҷиноятӣ ва дар Ӯзбекистон мафҳумҳои «даромад», «баромадан» ва «гузариш» [14] истифода мешаванд. Бояд гуфт, ки ин мафҳумҳо пештар дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шуравӣ (КҶ ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1935/1961) истифода мешуданд.

Ҷумҳурии Беларус назар ба моддаи дахлдори КҶ ҶТ ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро нисбатан васеътар шарҳ додааст [11]. Дар он моҳияти амали гузаштани ғайриқонунии сарҳад бо ишора ба воситаҳои (асбобҳои) содир кардани он шарҳ дода шудааст. Рӯйхати онҳо хеле васеъ аст: мошини автомобилӣ, киштии навигатсионӣ (худгард), киштии омехта (дарёву баҳр) (худгард), киштии хурди муҳаррикдор, бо муҳаррики берунӣ, гидросикл ё лижаи реактивӣ, ҳавопаймои дорои муҳаррик. Чунин бархӯрд аз нуқтаи назари интиқодӣ меъёри ҳуқуқиро аз ҳад зиёд пурбор карда, даркро душвор мегардонад, аз ин рӯ ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 335 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад нест. Бояд зикр намуд, ки дар дигар давлатҳои пасошуравӣ, дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор нишондодҳои воситаҳои (асбоби) содир кардани ҷиноят вуҷуд надоранд.

Дар меъёрҳои Кодексҳои ҷиноятии Эстония [3], Латвия [4], Гурҷистон [7], Қирғизистон [8], ва Беларус [11] мушаххас баён нашудааст, ки таҳти гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ чиро бояд фаҳмид. Масалан, дар КҶ Украина, ғайриқонунӣ будан аз мавҷудияти мақсади махсус вобаста аст [10]. Дар Кодекси ҷиноятии Украина [10], Қазоқистон [12], Озарбойҷон [5], Русия [15], Арманистон [6] ва Туркманистон [9], чуноне ки дар м. 335 КҶ ҶТ [1] ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад бо набудани ҳуҷҷати муайяншуда ё иҷозати зарурӣ зикр шудааст, алоқаманд мебошад.

Хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳад тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ гуногун аст. Он метавонад ба надоштани баъзе ҳуҷҷатҳо, иҷозатномаҳо, гузаштани сарҳад бидуни гузаштан аз назорати сарҳадӣ, содир намудани ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблӣ дар сурати мавҷуд будани зарари маъмурӣ ё ошкор накардан вобаста бошад.

Ҳамин тавр, хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳад тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ гуногун аст. Он метавонад ба надоштани баъзе ҳуҷҷатҳо, иҷозатномаҳо, гузаштани сарҳад бидуни гузаштан аз назорати сарҳадӣ, содир намудани ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблӣ дар сурати мавҷуд будани зарари маъмурӣ вобаста бошад.

Дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии баррасишаванда аломатҳои ҳуҷҷатҳо ва иҷозатномаҳое, ки мавҷуд набудани онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаманд аст, бо тарзҳои гуногун тавсиф карда мешаванд. Дар Тоҷикистон ҳуҷҷатҳоро – муайян [1], дар Озарбойҷон [5], Арманистон [6] ва Туркманистон [9] – муқарраршуда, дар Русия ҳуҷҷатҳоро ҳуҷҷатҳои эътиборнок [15], дар Қазоқистон – бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё ҳуҷҷатҳои ба шахсони сеюм тааллуқдошта [12] ва дар Украина – ҳуҷҷатҳои дахлдор ё дорои маълумоти бардурӯғ [10], меноманд.

Дар Тоҷикистон иҷозатнома – зарурӣ муқаррар шудааст [1]. Дар Русия [15], Арманистон [6] ва Туркманистон [9] дар тасдиқи меъёрҳо иҷозатномаҳо – дахлдор зикр карда мешаванд. Дар Русия ба таври илова дар бораи тартиби гирифтани онҳо, ки қонун муқаррар кардааст, нишон дода мешавад.

Тавре зикр гардид, хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳадро метавон бо гузаштан аз сарҳад бидуни гузаштан аз назорати сарҳадӣ рабт дод. Ҳамин тариқ, дар қонуни ҷиноятии Молдова гузаштан аз сарҳадро ба ҷуз аз назорати сарҳадӣ ё пинҳонӣ аз он, ғайриқонунӣ медонанд.

Хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳад метавонад хусусияти омехта дошта бошад. Масалан, дар КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон гузаштан аз сарҳад бидуни ҳуҷҷатҳои муқарраршуда ё берун аз нуқтаи назорати сарҳади давлатӣ ғайриқонунӣ эътироф шудааст [5]. Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, қасдан гузаштан аз сарҳад, берун аз нуқтаи назорати сарҳади давлатӣ бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё бо роҳи фиреб истифода бурдани ҳуҷҷатҳои тааллуқдоштаи шахсони сеюм, бо вайрон кардани тартиби муқарраршуда, ғайриқонунӣ мебошад [12]. Дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон хусусияти ғайриқонунӣ будани ин кирдор бо вайрон кардани тартиби муқарраршудаи гузариш аз сарҳад ифода мешавад [14]. Дар кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои Беларус [11], Гурҷистон [7], Қирғизистон [8], Эстония [3] ва Латвия [4] ин ҳолат тамоман ошкор нашудааст.

Ҳамин тариқ, дар аксари мавридҳо фарқияти байни шаҳрвандони давлатҳои дахлдор, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд танҳо дар тартиби гузаштани сарҳади онҳо муқаррар карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, дар кодексҳои ҷиноятии Русия [15], Беларус [11] ва Ӯзбекистон [14] шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун субъектҳои махсуси ҷиноят мебошанд. Аз ҷумла, чунин муқарраротро дар КҶ Ҷумҳурии Беларус пешбинӣ шудааст [11]. Мувофиқи он, барои қасдан гузаштани ғайриқонунии сарҳади Беларус, ки аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, то ба охир расидани мӯҳлати манъи вуруд аз қаламрави Ҷумҳурии Беларус депорт ё хориҷ карда шудааст, содир карда мешавад. Ба сифати сахттарин шакли ҷазо барои содир намудани чунин кирдорҳо маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ки мӯҳлати ниҳоии он панҷ сол аст (агар аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, то 7 сол).

Инчунин, дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои собиқ ИҶШС ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят шахсони мансабдор ҷудо карда мешаванд: шахсоне, ки бо истифода аз ваколатҳои хизматиашон ҷиноят содир кардаанд (Беларус) [11]; аз ҷониби шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад (Ӯзбекистон) [14]. Илова бар ин, шахсе, ки қаблан барои ҳамин гуна ҷиноят маҳкум шудааст (Беларус), ретсидивисти хавфнок (Ӯзбекистон) низ ба сифати субъекти махсус пешбинӣ шудааст.

Ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ ба сифати аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти баррасишаванда, чунин кирдорҳоро пешбинӣ намудаанд: аз ҷониби гурӯҳи шахсон (Гурҷистон, Латвия, Эстония ва Украина); аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ (Эстония); аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон); гурӯҳи муташаккил (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Қирғизистон, Туркманистон); гурӯҳи ҷиноятпеша (Қазоқистон); бо истифодаи зӯроварӣ ё бо таҳдиди истифодаи он ё якҷоя бо зӯроварӣ (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Молдова, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Туркманистон); бо истифодаи зӯроварӣ ё бо таҳдиди истифодаи он нисбати шахси адои хизмати сарҳадӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии ӯ хатарнок нест (Қирғизистон); такроран (Ӯзбекистон, Туркманистон, Украина); тавассути пешрафт (Ӯзбекистон); бо истифода аз силоҳ (Молдова); бо зӯроварӣ ё истифодаи силоҳ (Украина).

Аз ҷониби субъектҳои алоҳида: аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои ҳамин гуна ҷиноят маҳкум шудааст (Беларус) [11]; ретсидивисти хавфнок (Ӯзбекистон); шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки аз кишвар депорт ё ихроҷ карда шудааст (Беларус); шахсе, ки вурудаш ба қаламрави Украина манъ аст (Украина) [10]; шахсе, ки ҳуқуқи ворид шуданаш ба кишвар маҳдуд шудааст (Ӯзбекистон) [14]; шахси мансабдоре, ки аз ваколатҳои расмӣ истифода мебарад (Беларус) [11]; шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад (Ӯзбекистон); шахсе, ки берун рафтанаш аз қаламрави давлат манъ аст (Латвия) [4].

Ба андешаи мо, такмили меъёри мавҷудаи КҶ ҶТ бо роҳи ворид кардани аломатҳои бандубастшаванда, ба монанди қонунгузории Русия, Беларус, Латвия ва Ӯзбекистон аз қабили субъекти алоҳидаи ҷиноят мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамин тавр, дар мавриди ҷавобгарӣ барои содир кардани ин ҷиноят, дар ҳама кишварҳои собиқ ИҶШС, ба истисноъи Туркманистон, ҷарима ҳамчун шакли сабуктарин ва маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун сахттарин ҷазо пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Ҷумҳурии Туркманистон корҳои ислоҳӣ ҳамчун навъи сабуктарини ҷазо пешбинӣ шудааст [9]. Ғайр аз ин навъҳои ҷазо, монанди меҳнати бемузд ба нафъи ҷамъият дар КҶ Молдова пешбинӣ шудааст [13].

Ҳамчун ҷазои сахттарин барои ҳолатҳои бандубастшавандаи ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ гуногун аст. Маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол (Ӯзбекистон ва Беларус) ва маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 10 то 15 сол (Ӯзбекистон ва Тоҷикистон) пешбинӣ шудааст. Ҷазои иловагӣ ба муҳлати муайян маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва мусодираи молу мулк, инчунин бо хориҷ намудани шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд аз қаламрави давлат ба муҳлати то 5 солро дар бар мегирад.

Дар алоҳидагӣ, бояд дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад тибқи қонунгузории Украина таваққуф кард. Чунки диспозитсияи м. 332[2] КҶ Украина гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатиро ба чунин шакл пешбинӣ намудааст: «бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат ё шахсе, ки вурудаш ба қаламрави Украина манъ аст ё аз ҷониби намояндагони қувваҳои мусаллаҳ ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлати таҷовузкор бо ҳар роҳе берун аз ҳудуди қаламрави гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Украина ё дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Украина бидуни ҳуҷҷатҳои дахлдор ё ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти бардурӯғ бо маҳрум сохтан то се сол ҷазо дода мешавад» [10]. Санксияҳои қ. қ. 1, 2 ва 3–и м. 332[2] КҶ Украина дар тафовут аз м. 335 КҶ ҶТ фақат як навъи ҷазоро пешбинӣ намудааст – маҳрум сохтан аз озодӣ. Дар санксияҳои қ. қ. 1 ва 2–и м. 335 КҶ ҶТ қонунгузор ду намуди алтернативии ҷазоро (ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ) ва дар қ. 3–и ҳамин модда бошад, се навъи алтернативии ҷазоро муқаррар кардааст – маҳрум сохтан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва машғул шудан ба фаъолияти муайян [1].

Асоси махсус барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар моддаҳои дахлдори ҳамаи қонунҳои ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ, ба истисноъи Қазоқистон, Украина, Латвия ва Эстония пешбинӣ шудааст. Масалан, дар Тоҷикистон, инчунин дар Русия,

Арманистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи паноҳгоҳи сиёсӣ аз сарҳад убур мекунанд, дахл дорад. Дар Беларус ин асос васеътар аст: он инчунин ба шахсоне дахл дорад, ки барои мақоми гуреза ё ҳимояи иловагӣ ё паноҳгоҳ муроҷиат мекунанд [11]. Дар Молдова гузаштани ғайриқонунии сарҳад ба шаҳрвандони хориҷие, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқи паноҳандагӣ омадаанд, инчунин ба шахсоне, ки ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон шудаанд, татбиқ намегардад [13]. Дар Гурҷистон бошад, нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд, ки ба қаламрави он омадаанд ва тибқи Конститутсияи Гурҷистон ба мақомот дархости паноҳандагӣ мекунанд, дахл надорад, агар дар кирдори онҳо аломатҳои дигари ҷиноят мавҷуд набошад [7]. Моддаи мазкур инчунин ба шахсоне дахл надорад, ки агар ин кирдорҳо аз ҷониби онҳо то гирифтани мақоми ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон бо сабаби қурбонии хариду фурӯши одамон содир шуда бошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло оид ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои собиқ ИҶШС ҷиҳати пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ, мо ба чунин хулоса омадем, ки қонунгузории ҷиноятии кишварҳои номбурда бо қонунгузории Тоҷикистон умумияти зиёд доранд. Умуман, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии миллии давлатҳои зикргардида дорои хусусиятҳои хосси мубориза бар зидди ин намуди ҷиноят мебошанд. Ин ҳам ба кодификатсияи қонунгузории таҳлилшаванда ва ҳам ба наздикии сохтори кодексҳои ҷиноятӣ, тақсими онҳо ба қисмҳо ва дар мавридҳои алоҳида ба фаслҳо, бобҳо ва моддаҳо ҳамчун вобастагӣ ва умумияти таърихӣ иртибот дорад. Моддаҳои дахлдори кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ кирдорҳоеро пешбинӣ намудаанд, ки аз аҳаммияти қонуни ҷиноятии ҳифзи сарҳади давлатӣ аз гузаштани ғайриқонунӣ шаҳодат медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки меъёрҳои қонунҳои ҷиноятии аксари кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ пешбининамуда, дар умум ба м. 335 КҶ ҶТ монандӣ доранд. Тафовути асосӣ аз м. 335 КҶ ҶТ дар он аст, ки дар бархеи онҳо вайрон кардани қоидаҳои гузаштан аз сарҳад бо нишон додани субъект, муқаррар шудааст, ки ба назари мо ин дуруст аст. Дар ҳамин ҳол, дар қонунгузории бархе аз ин кишварҳо равишҳои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштани сарҳади давлатӣ вуҷуд доранд, ки метавонанд барои такмили қонуни ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон истифода шаванд.

Таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии меъёрҳои ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро ҷамъбаст намуда, зарур мешуморем, ки баъзе хусусиятҳои қонунгузории хориҷиро, ки онҳо аз қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд, қайд кунем:

1. Аз номгӯйи аломатҳои бандубастшавандаи кодексҳои номбурда ба м. 335 КҶ ҶТ илова намудани чунин нишонаи бандубастшаванда, ба монанди меъёри КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон зарур аст: «дар асоси ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё бо роҳи фиреб истифода бурдани ҳуҷҷатҳои ба шахсони сеюм тааллуқдошта».

2. Масъалаи ба мақсад мувофиқ будани дар қонунгузории дохилӣ инъикос намудани хавфи бештари ҷамъиятии кирдорҳои мавриди назар, аз ҷумла таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи «1) аз ҷониби шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад; 2) аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи воридшавияш ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо тартиби муқarrаргардида маҳдуд карда шудааст»-ро ба м. 335 КҶ ҶТ, ба манфиати кор аст.

3. Яке аз ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ, ба монади шахси мансабдоре, ки аз ваколатҳои расмӣ истифода мебарад (Беларус) вобаста ба фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок мебуд, агар дар м. 335 КҶ ҶТ низ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ муқаррар карда мешуд.

4. Ба м. 335 КҶ ҶТ илова намудани меъёри м. $332^2$ КҶ Украина «бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат», ба андешаи мо, мувофиқи мақсад аст. Пешбинӣ нагардидани аломати мазкур дар м. 335 КҶ ҶТ самаранокии мубориза бар зидди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро коҳиш медиҳад.

5. Татбиқи таҷрибаи мусбати қонунгузорони Русия оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Гузаштан аз сарҳади давлатӣ ҳангоми ворид шудан ба Русия аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки вуруди онҳо ба Русия барои баръало гунаҳгор будан, бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории ФР, иҷозат дода намешавад», баҳри пешгирӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ин ҷиноят зарур мебошад.

6. Дар эзоҳи м. 335 КҶ ҶТ илова намудани таҷрибаи қонуни ҷиноятии ҷумҳуриҳои Молдова ва Гурҷистон дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «ба шахсоне, ки қурбонии хариду фурӯши одамон шудаанд, татбиқ намегардад» ё «моддаи мазкур ба шахсоне низ дахл надорад, ки агар ин кирдорҳо аз ҷониби онҳо то гирифтани мақоми қурбонии хариду фурӯши одамон бо сабаби қурбонии хариду фурӯши одамон содир шуда бошанд».

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ - *Бобоҷонзода И.Ҳ.***

## АДАБИЁТ


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. -№574. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/ (санаи мурочиат: 22.12.2022).
2. Минакова Ю.А. Уголовная ответственность за незаконное пересечение государственной границы по законодательству России и других стран СНГ (сравнительный аспект). С.167-175. Законность и правопорядок в современном обществе. Уголовное и уголовно-исполнительное право // Войсковая часть, г. Москва.
3. Пенитенциарный кодекс Эстонии от 06.06.2002 г. (с изменениями и дополнениями по состоянию на 08.05.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://www.juristaitab.ee/sites/www.juristaitab.ee/files/elfinder/ru-seadused/%2008.05.2022.pdf. (дата обращения: 15.03.2023).
4. Уголовный Закон Латвии от 17 июня 1998 года (с изменениями, внесенными по состоянию на 20.06.2019 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://lawyer-khroulev.com/wp-content/uploads/2019/09/ugolovnij/zakon-latvii.pdf. (дата обращения: 15.03.2023).
5. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.11.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30420353#pos=4;-213 (дата обращения: 25.12.2022).
6. Уголовный кодекс Республики Армения от 18.04.2003. [Электронный ресурс]. URL: http://www.parliament.am/legislation.php?ID=1349&lang=rus&sel=show (дата обращения: 22.12.2022).
7. Уголовный кодекс Грузии от 22 июля 1999 года №2287-вс. [Электронный ресурс]. URL: http://www.matsne.gov.ge (дата обращения: 22.12.2022).
8. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (дата обращения: 25.12.2022).
9. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.04.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31295286 (дата обращения: 25.12.2022).
10. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года № 2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 18.10.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109 (дата обращения: 25.12.2022).
11. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984 (дата обращения: 25.12.2022).
12. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 № 226-V(с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/m/amp/document/NULL .(дата обращения: 26.12.2022).
13. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 29.07.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923#pos=4275;-97. (дата обращения: 25.12.2022).
14. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 25.12.2022)
15. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 №63 ФЗ. [Электронный ресурс]. URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (дата обращения: 22.12.2022).


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ ОИД БА ҒАЙРИҚОНУНӢ ГУЗАШТАН АЗ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ


Мақола ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои пасошуравӣ бахшида

шудааст. Ба андешаи муаллиф, барои хубтару беҳтар ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани амнияти миллӣ, зарурияти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои мазкур дар бораи танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноятҳо дар самти мубориза бар зидди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ барои таҳкими қонунгузории амалкунандаи кишвар аҳаммияти зиёд дорад. Дар қонуни ҷиноятии муосир, таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, барои он зарур аст, ки дар қонунгузории як қатор давлатҳо ба ин масъала нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶТ диққати бештар дода шудааст. Аз ин рӯ, ҷиҳати такмили қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ барои таҳлил аҳаммияти махсус доранд. Зеро ин кишварҳо, мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаблан дар ҳайати ИҶШС буданд ва онҳо дорои умумияти муҳимми таърихӣ дар самти танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятии масъалаҳои марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ мебошанд. Имрӯз онҳо ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ, дорои қонуни ҷиноятии худ мебошанд ва таҳлили муқоисавии қонунгузории онҳо метавонад барои бартараф намудани камбудиҳо ва мукаммалгардонии қонуни ҷиноятии ҶТ асос гардад. Тамоюлҳое, ки дар ин кишварҳо барои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ истифода мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода шуда, умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо бо назардошти таҷрибаи мавҷудаи хориҷӣ муайян гардида, роҳҳои имконпазири такмили қонунгузории ҷиноятии феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҷиноятӣ, сарҳади давлатӣ, ғайриқонунӣ гузаштан, қонунгузорӣ, таҳлили муқоисавӣ, давлатҳои пасошуравӣ.

## СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВ О НЕЗАКОННОМ ПЕРЕСЕЧЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАНИЦЫ

Статья посвящена сравнительно-правовому анализу уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы по уголовному законодательству Республики Таджикистан и других постсоветских государств. По мнению автора, для более эффективной защиты национальных интересов и обеспечения национальной безопасности на необходимом уровне важно изучение опыта этих стран по правовому регулированию ответственности за совершение преступлений в направлении борьбы с незаконным пересечением государственной границы для усиления действующего законодательства страны. В современном уголовном праве сравнительно-правовой анализ необходим в первую очередь потому, что законодательство ряда государств уделяет этому вопросу большее внимание, чем уголовное законодательство Республики Таджикистан. Поэтому в целях совершенствования уголовного законодательства Республики Таджикистан особое значение для анализа имеют уголовные законы постсоветских стран. Потому что эти страны, как и Таджикистан, раньше были в составе СССР и имеют важную историческую общность в направлении уголовно-правового регулирования вопросов, связанных с незаконным пересечением государственной границы. Сегодня они как самостоятельные субъекты международного права имеют собственное уголовное право, и сравнительный анализ их законодательства может стать основой для устранения недостатков и совершенствования уголовного права Республики Таджикистан. Анализируются тенденции, которые используются в этих странах для установления уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы, определены их общность и отличительные черты с учетом имеющегося зарубежного опыта, описаны возможные пути совершенствования действующего уголовного законодательства Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** уголовная ответственность, государственная граница, незаконное пересечение, законодательство, сравнительный анализ, постсоветские государства.

## COMPARATIVE-LEGAL ANALYSIS OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE POST-SOVIET STATES ON ILLEGAL CROSSING ACROSS THE STATE BORDER

The article is devoted to the comparative-legal analysis of criminal responsibility for illegally crossing the state border based on the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and other post-soviet states. In the opinion of the author, in order to better protect national interests and ensure national security at the necessary level, it is important to study the experience of these countries regarding the legal regulation of responsibility for committing crimes in the direction of the fight against illegal crossing of the state border to strengthen the current legislation of the country. In modern criminal law, a comparative-legal analysis is necessary primarily because the legislation of a number of states pays more attention to this issue than the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. Therefore, in order to improve the criminal law of the Republic of Tajikistan, the criminal laws of the post-Soviet countries are of special importance for analysis. Because these countries, like the Republic of Tajikistan, were previously part of the USSR and they have an important historical commonality in the direction of legal-criminal regulation of issues related to illegal crossing of the state border. Today, as an independent subject of international law, they have their own criminal law, and a comparative analysis of their legislation can be the basis for eliminating shortcomings and improving the criminal law of the Republic of Tajikistan. The trends that are used in these countries to establish criminal responsibility for illegally crossing the state border are analyzed, their commonality and distinguishing features are determined taking into account the existing foreign experience, and possible ways of improving the current criminal legislation of the Republic of Tajikistan are described.

**Keywords:** criminal responsibility; state border; illegal crossing; legislation; comparative analysis; post-soviet states.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Насруллоев Хайриддин Тошмуродович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025,

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: (**+992) 939-29-22-99**. E-mail: **khayriddin.nasrulloyev@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Насруллоев Хайриддин Тошмуродович*** **-** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова, Национальная академия наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: (**+992) 939292299.** E-mail: **khayriddin.nasrulloyev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nasrulloev Khayriddin Toshmurodovich*** **-** Institute of philosophy, political science and law named after. A. Bahovaddinov of National Academy of Science of Tajikistan, applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: **(+992) 939292299.** E-mail: **khayriddin.nasrulloyev@mail.ru**

**ТДУ: 340.1(575.3)**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Аҳёзода Ш.Т.*
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асоси ҳуқуқии муқовимат ба экстремизми иттилоотиро маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи гуногун вобаста ба муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб ба танзим медароранд. Зеро муқовимат ба экстремизм ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз қабили иттилоотӣ, психологӣ, фаҳангӣ-динӣ, адабӣ-маърифатӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз ин ҷост, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатиро дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ доираи васеи қонунҳои дохилии кишвар, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ташкил медиҳанд.

Асоси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, ки меъёрҳои он «қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, бевосита амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба Конститутсия мухолифанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд».

Новобаста аз он ки дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ эътироф гардида, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд, эътиқодҳои динии хусусияти экстримистидоштаи бархе аз шаҳрвандон, ки дар доираи ҷаҳонбинии инфиродии онҳо дуруст менамоянд, аммо аз нуқтаи назари ҷавҳари аслии дини мубини Ислом ва ақли солим онҳо хушунатомез ва ҷангҷӯй мебошанд, дар доираи талаботи банди 3 моддаи 14 Конститутсия маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Зеро эътиқодҳои динии хусусияти экстремистидоштаи муосир на танҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, балки ба тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд. Вобаста ба масъалаи мазкур дар моддаи 7 Конститутсия муқаррар шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон якпорчагӣ ва дахлнопазирии ҳудудашро таъмин менамояд.

Муқаррароти моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро, ки мақсад ё амали онҳо барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ, вайрон кардани якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, халалдор сохтани амнияти давлат, таъсиси додани воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, барангехтани кинаву адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва динӣ, поймол кардани ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ равона мебошанд, манъ мекунад.

Аммо имрӯзҳо фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва технологияҳои муосири иттилоотӣ барои содир намудани садҳо ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта равона карда шудааст.

Вобаста ба предмети омӯзиши мақолаи мазкур истилоҳоти хусусияти умумҳуқуқидоштаро дар қонунгузории миллӣ дар ин самт мавриди омӯзиш қарор медиҳем, чунки маҳаки асосии муйянкунандаи мазмуну моҳияти истилоҳи “экстремизми иттилоотӣ” ин мафҳумҳои “экстремизм”, “иттилоот”, “ВАО”, “шабакаҳои алоқаи барқӣ”, “интернет” ва дигар мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд мебошанд. Таҳлили мафҳумҳои дар боло зикршуда дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавлид ё ба вуҷуд омадани мафҳуми экстремизми иттилоотӣ мусоидат менамояд, чунки дар илми

ҳуқуқшиносӣ мафҳуми мазкур нав буда, дар доираи қонунгузории миллӣ инъикос нагардидааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки дар дар доираи қонунгузории миллӣ мафҳуми экстремизми иттилоотӣ ҷой надошта бошад ҳам, лекин таҳлили баъзе аз қонунҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар онҳо аломатҳои экстремизми иттилоотӣ баръало намоён аст ва меъёрҳои онҳо хавфу хатари экстремизми иттилоотиро мушаххасан таҷассум менамоянд.

Масалан, моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» меъёри мушаххасеро дар муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ муқаррар намуда, интишори маълумот ё ахборе, ки барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ташвиқоти ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, халалдор кардани тамомияти арзӣ ва мустақилияти давлат даъват мекунад, манъ кардааст” [12].

Ҳамчунин, тибқи моддаи 11 Қонуни ҶТ “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”, ки ваколатҳои субъектҳои ба экстремизм бевосита муқовиматкунандаро ба танзим медарорад, меъёрҳои алоҳидаро дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ муқаррар намуда, ваколатҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти мазкур муайян намудааст, ки инҳоянд:

- ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ тамоми шабакаҳои интернетӣ ва сомонаҳои иҷтимоиро тахти назорат қарор медиҳад;

- дар сурати ошкор кардани маводи хусусияти экстремистидошта иттилооти мазкурро ба мақомоти амнияти миллӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба салоҳияти онҳо пешниҳод менамояд:

- аз рӯйи тамоми хизматрасониҳои алоқа тариқи шабакаи интернет, аз ҷумла сомонаҳои иҷтимоӣ мониторинг гузаронда, дар сурати зарурати пешгирӣ намудани фаъолияти экстремистӣ шабакаҳои зикршударо маҳдуд ё бозмедорад;

- дар самти пешгирӣ намудани муқовимат ба экстремизм бо мақомоти дахлдори давлатӣ ҳамкорӣ менамояд;

- ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода (амалиётҳои ҷангӣ, террористӣ, экстремистӣ ва офатҳои табиӣ), ки ба амнияти давлат хатар доранд, барои истифодаи афзалиятнок, маҳдуд ва боздоштани тамоми хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва намудҳои дигари алоқа, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ҳуқуқ дорад;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии амаликунандаи фаъолияти хизматрасонии алоқа, аз ҷумла интернет-провайдерҳоро уҳдадор менамояд, ки нигоҳдории иттилооти хусусияти экстремистидоштаро дар муҳлати то 6 моҳ дар серверҳояшон таъмин намоянд.

Дар баробари ду қонуни дар боло зикршуда моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ки уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд ном дорад, дар баробари дигар уҳдадориҳо падару модарро бо мақсади пешгирии экстремизми иттилоотӣ уҳдадор намудааст, ки аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода шудани интернетро назорат намуда, тамошои филмҳои, экстремистӣ ва террористӣ, мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд [12]. Новобаста аз он ки меъёри мазкур хусусияти тарбиявӣ дорад, лекин баҳри пешгирӣ намудани экстремизми иттилоотӣ дар байни хурдсолон ва ҷавонон нақши муҳимро иҷро карда метавонад. Таҳлилҳои криминологӣ собит намудаанд, ки яке аз сабабҳои содиршавии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дар байни хурдсолон ва ҷавонон ин аз назорати ҷиддии падару модар дур мондани онҳо мебошад.

Дар баробари қонунҳои дар боло зикршуда Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин низ таҷассумкунандаи хавфу хатар доштани экстремизми иттилоотӣ мебошанд.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сиёсати худро дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо

ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда, дар раванди ҷаҳонишавӣ ба вуқуъ омадани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм ва киберҷиноятҳо зарурати давра ба давра такмил додани қонунгузории ҷиноятиро тақозо намудааст [6].

Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин низ зарурати қабули онро аз талабот ва омилҳои гуногун вобаста медонад, ки дар баробари дигар омилҳо хавфи баландро касб намудани экстремизми иттилоотӣ мебошад, ки инҳоянд:

- воридшавии бенизоми адабиёти динию мазҳабӣ ва маводи электронӣ, видеоӣ ва шунавоии дорои хусусияти таблиғотӣ, ки дар солҳои охир аз ҷониби намояндагони равияву мазҳабҳои навпайдои исломӣ ва ғайриисломӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, нигаронии ҷомеа ва мақомоти давлатиро ба вуҷуд овардааст. Ҳолати мазкур метавонад сабаби пеш омадани бенизомии комил дар бозори адабиёти динӣ, паҳн гаштани таълимоти дорои хусусиёти ифротӣ дар байни наврасону ҷавонон ва барангехтани низоъ ва хусумати динӣ дар ҷомеа гардад. Ба танзим даровардани раванди воридот, табъу нашр, интишор, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин ашёву маводи таъиноти динӣ аз ҷумлаи муҳимтарин воситаҳои танзими вазъи шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ ба ҳисоб мераванд;

- дар фазои иттилоотӣ ва фарҳангии Тоҷикистон паҳн шудани барномаҳои гуногуни диниву мазҳабӣ тавассути интернет ва шабакаҳои моҳворавӣ, ки барангезандаи мафкураву ғояҳои ифротӣ маҳсуб ёфта, ба муҳити динии мо мутобиқ нестанд, боиси нигаронии ҷомеа гардидааст;

- дар пайи тавсеа ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, воситаҳои иттилоотӣ ва доман паҳн кардани мухолифати ғояву ақидаҳои гуногуни динӣ, муҳити динии суннатии кишвар ба дастгирии давлат эҳтиёҷ пайдо кардааст [5].

Чуноне дар боло зикр шуд, бинобар сабаби он, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамчун воситаи паҳн намудани идеологияи экстремистӣ “иттилоот,“воситаҳои ахбори омма”, «шабакаҳои алоқаи барқӣ» ва “интернет” арзёбӣ гардидаанд, муайян сохтани доираи мазмуни истилоҳоти зикргардида, аз манфиат холӣ нест.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” мафҳуми иттилоот чунин ифода ёфтааст: “маълумот дар бораи шахс, ашё, факту ҳодисаҳо, зуҳурот, равандҳо ва мулоҳизаҳо доир ба онҳо, сарфи назар аз шаклҳои манзур гардидаашон” [10]. Мувофиқи муқаррароти моддаи 1, банди 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи иттилоот” бошад, дар зери мафҳуми иттилоот маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи мазмун ба мафҳуми болозикр қариб ҳамсон мебошанд [11].

Дар моддаи 1, банди 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар зери мафҳуми ахбори оммавӣ “(иттилооти оммавӣ) - хабарҳо ва маводи чопӣ, аз он ҷумла садоию симоӣ ва дигар маълумот дар бораи шахс, ашё, далелҳо, воқеаҳо, падидаҳо ва инчунин ақидаҳо аст, ки тавассути воситаҳои чопӣ, аудиоӣ ва видеоӣ барои доираи васеи истифодабарандагон паҳн мегарданд” [12].

Дар банди 5 моддаи 1 Қонуни мазкур дар зери мафҳуми воситаҳои ахбори омма - «матбуоти даврӣ, ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудио ва аудиовизуалӣ мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд”. Аз мазмуни ВАО чунин бармеояд, ки ин навъи хизматрасонӣ дар доираи кишвар нисбатан назоратшаванда мебошад ва барои шунавандагон ва бинандагон манзур доштани маълумоти зарурӣ иҷозатномаи расмии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ лозим аст [12].

Аз мазмуни мафҳуме, ки дар Қонуни дар боло зикршуда муқаррар гардидааст, бармеояд, ки он бо назардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ набуда, нашрияи шабакавӣ (интернет)-ро фаро намегирад.

Агар аз нигоҳи муқоисавӣ ба қонунгузории Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон назар андозем, дар робита ба масъалаи матраҳшуда хусусияти пешрафта дошта, муқаррароти Қонунҳои онҳо нисбатан ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошанд.

Тибқи моддаи 2, банди 2 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» таҳти мафҳуми воситаҳои ахбори омма – нашрияи чопии даврӣ, нашрияи шабакавӣ (интернетӣ), канали телевизионӣ, канали радио, барномаи телевизионӣ, барномаи радиоӣ, видеобарнома, кинохроника, шакли дигари паҳнкунии даврии иттилооти оммавӣ бо номи доимӣ (номгузорӣ) фаҳмида мешавад [15].

Тибқи моддаи 2, банди 15 Қонуни дар боло зикршуда таҳти мафҳуми нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) (сетевое издание) сайти дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии «Интернет», ки тибқи Қонуни ВАО ҳамчун воситаи ахбори омма ба қайд гирифта шудааст, фаҳмида мешавад.

Тибқи моддаи 1, банди 4 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон "Дар бораи воситаҳои ахбори омма", таҳти мафҳуми воситаи ахбори омма - нашрияи чопии даврӣ, канали телевизион ё радио, филмҳои ҳуҷҷатӣ, сабтҳои аудиовизуалӣ ва дигар шаклҳои паҳнкунии даврӣ ё доимии иттилооти оммавӣ, аз ҷумла захираҳои интернетӣ фаҳмида мешавад [16].

Тибқи моддаи 1, банди 8-1 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон "Дар бораи воситаҳои ахбори омма" таҳти мафҳуми нашрияи интернетӣ – захираи интернетие, ки дар мақомоти ваколатдор расмиёти бақайдгирӣ гузаштааст, ки инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ҷойгир аст, фаҳмида мешавад [16].

Аз мазмуни мафҳумҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки он нашрияҳое шабакавие, ки дар давлат ба таври расмӣ ба қайд гирифта шудаанд (аз қабили сайтҳои интернетӣ) ҳамчун ҷузъи ВАО махсуб меёбанд ва масъулияти нашр ва паҳн кардани маълумот ба зиммаи сармуҳаррир ва муҳаррири чунин шабакаҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, эҳтимолияти нашр ва паҳн намудани идеологияи экстремистӣ дар ин маврид камтар мегардад. Чуноне дар боло зикр намудем, дигар бартарии мафҳуми болозикр дар он аст, ки мафҳумҳои дар қонунҳои дар боло зикршуда ба талаботи замони муосир мутобиқат мекунанд, чунки дар даҳсолаи охир таваҷҷуҳи мардум нисбат ба дигар намуди ВАО камтар гардида, баръакс дар бештари мавридҳо иттилоотро бештар аз нашрияҳои шабакавӣ дастрас мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии қонунгузории (дар самти ВАО) як қатор давлатҳои ИДМ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳуми ВАО, ки дар дар банди 5 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» муқаррар гардидааст, ба таҷдид эхтиёҷ дорад, чунки нашрияҳои шабакавӣ (интернетӣ) аз мадди назар дур мондаанд. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми ВАО дар шакли нав бо чунин тарз дар Қонуни мазкур ворид гардад: "воситаҳои ахбори омма - матбуоти даврӣ, нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудиоӣ, аудиовизуалӣ ва шакли дигари паҳнкунии даврии иттилооти оммавӣ бо номи доимӣ (номгузорӣ) мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд".

Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", мафҳуми нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) бо чунин тарз илова карда шавад: таҳти мафҳуми нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) – сайти дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии «Интернет», ки дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шудааст ва инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, фаҳмида мешавад.

Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи барқӣ», таҳти мафҳуми алоқаи барқӣ – ҳар навъи интиқол ё қабули нишонҳо, ишоратҳо, матни хаттӣ, тасвирҳо, садоҳо ё ҳар намуди иттилоот тавассути воситаҳои радиоэлектронӣ, низомҳои ноқилӣ, оптикӣ ё электромагнитии дигар фаҳмида мешавад [13].

Зери мафҳуми «шабакаи алоқаи барқӣ» бошад, дар Қонуни мазкур низомҳои технологии интиқол ва таҷҳизоти коммутатсионӣ ё самтӣ ва манбаъҳои дигаре, ки тавассути воситаҳои радиоэлектронӣ, таҷҳизот, низомҳои ноқилӣ ва ғайриноқилӣ, оптикӣ ё электромагнитии дигар, аз ҷумла шабакаи моҳворавӣ, шабакаҳои собит (коммутатсияи хаттӣ ва пакетӣ, аз ҷумла интернет ва IP-телефонӣ) ва сайёри заминӣ, шабакаҳои барои радиошунавонӣ ва телевизион истифодашаванда, инчунин шабакаҳои кабелӣ, ки новобаста аз намуди иттилооти интиқолшаванда, ишоратҳоро таҳвил медиҳанд, фаҳмида мешавад [13].

Вобаста ба масъалаи мазкур зикр намудан лозим аст, ки дар моддаи 189 КҶ ҶТ ба кор бурдани истилоҳи "истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет" ва дар моддаҳои 307 ва 307. (1) КҶ ҶТ ба кор бурдани истилоҳи "истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет", яъне сарфи назар намудани истилоҳи шабакаҳои алоқаи барқӣ мувофиқи мақсад нест. Зеро дар банди 10 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2013 таҳти № 492 тасдиқ шудааст, чунин омадааст: «Бо мақсади инкишоф додани қонунгузории ҷиноятӣ, ки татбиқи он ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд месозад, мафҳумҳои асосии он бояд аз нигоҳи илмӣ дуруст пешниҳод карда шаванд» [6].

Талаботи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» моро водор месозад, ки мутобиқати мазмуни якхелаи истилоҳоти ҳуқуқиро дар тамоми низоми қонунгузории миллӣ нигоҳ дорем [14].

Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи алоқаи барқӣ», таҳти мафҳуми интернет – шабакаи ҷаҳонии иттилоотию коммуникатсионии электронӣ фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми «шабакаи алоқаи барқӣ» чунин бармеояд, ки мафҳуми он нисбат ба мафҳуми интернет васеътар буда, дилхоҳ алоқаи коммуникатсиониро (паёмакҳои телефонӣ, рамзҳо, тасвирҳо, инчунин алоқаҳои интернетӣ ва 1Р-телефонӣ), сайёри заминӣ аудио ва видеоро низ фарогир мебошад.

Дар мавриди муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ, яке аз омилҳои асосӣ, ки боиси тарғиботи бесобиқаи иттилооти экстремистӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ дар ин самт гардидааст, ин ба таври васеъ истифода гардидани шабакаи алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет (хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ) маҳсуб меёбад, ки онҳо бояд зери таъсири чораҳои ҳуқуқии пешгирикунанда қарор гиранд.

Аз ин лиҳоз, талаботи фасли 2 банди 18 зербанди 8 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 моро муваззаф месозад, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти истифодабарии шабакаи алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет (хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ) ва баррасии илмӣ-назариявии истилоҳоти ҳуқуқӣ дар ин самт диққати махсус зоҳир намоем.

Дар Стратегияи мазкур истилоҳоти "кибер-экстремизм", "кибер-терроризм", "технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ", "воситаҳои ахбори омма" ва калимаҳои ба онҳо алоқаманд истифода гардидаанд, ки барои равшан сохтани табиати умумиҳуқуқии "экстремизми иттилоотӣ" дар алоқамандӣ ва ҳамгироӣ бо мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятии "экстремизм" яке аз ҷанбаҳои асосии омӯзиши мавзуи матраҳгардидаро ташкил медиҳанд. Зарурати дар чунин шакл масъалагузорӣ намудани мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки экстремизми иттилоотӣ хусусияти байнифаннӣ дошта, барои ошкор сохтани аломатҳои ҳуқуқии ҷиноятии он, баррасӣ намудани нуктаҳои гуногуни қонунгузории ватанӣ дар ин самт амри зарурист, зеро мувофиқи талаботи техникаи қонунгузорӣ истилоҳоти ҳуқуқӣ бояд дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти системавӣ дошта бошанд[6].

Талаботҳои зарурӣ вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани тафаккур ва дигар намуди фаъолияти экстремистӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" аз 12 майи соли 2007, № 258 (м.14), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" аз 26 марти соли 2009, № 489 (б.б. 5-8. м. 4), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" аз 13 ноябри соли 1998, № 680 ва дигар қонунҳои соҳавӣ ҷойгузин мебошанд, ки фаъолияти дилхоҳ ҳизбу ҳаракатҳо, иттиҳодияҳои динӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки максадҳо ё амалиёти онҳо барои бо роҳи зуроварӣ сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва барангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ, хусумати миллӣ, нажодӣ ва маҳалгароӣ равона мебошанд, манъ карда шудаанд.

Барои дарки воқеии мафҳуми экстремизми иттилоотӣ назар андӯхтан ба этимологияи мафҳуми экстремизм ва табиати ҳуқуқии он мувофиқи матлаб аст, зеро ихтилофи назарҳо вобаста ба дарки воқеии табиати ҳуқуқии экстремизм дар тули

даҳсолаи охир ба яке аз проблемаҳои муҳимми илмӣ ва пайдо шудани мушкилот дар сатҳи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст.

Маъмулан, мафҳуми экстремизм аз калимаи лотинии «exstremus» - сарчашма гирифта, маънои «пайравии ақидаву чораҳои қатъӣ (ниҳоӣ) (маъмулан дар сиёсат)-ро дорад» [17,с.942]. Мафҳуми мазкур дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» низ ба чунин маъно оварда шудааст [23, с.667].

Ҳ.С. Сафаров [20,с.23], Т.Ш.Шарипов [26,с.47], М.П. Ҳайдарзода, [25,с.124], И.А. Сазонов [21,с.115], зери мафҳуми «ақидаву чораҳои қатъӣ» идеологияеро мефаҳманд, ки имконияти истифодабарии зӯровариро барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ сафед мекунад». Дар ин ҳолат ба сифати аломати «қатъӣ» мавҷудияти ғояҳое баромад мекунад, ки зӯровариро раво медонанд.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020 таҳти №1655, зери мафҳуми экстремизм «ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст», фаҳмида мешавад. Дар банди 2 моддаи 1 Қонуни мазкур бошад, табиати пурратари ҳуқуқии "экстремизм" дар зери истилоҳи "фаъолияти экстремистӣ" кушода шудааст, ки чунин аст: "Фаъолияти экстремистӣ - фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд" [8].

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» бошад, мафҳуми "фаъолияти экстремистӣ" боз ҳам васеътар ифода ёфтааст. Яъне, ба «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» экстремистӣ ҳисобида мешавад», амалҳои экстремистии зерин марбут дониста шудаанд:

- бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо;
- барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва мунокишаҳои иҷтимоӣ, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё содир кардани ин ҳаракатҳо бо роҳи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;
- амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд;
- амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд;
- ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо;
- паст задани шаъну эътибори миллӣ;
- вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин;
- ҷалб намудан барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, инчунин омӯзондани мафкураи экстремистӣ;
- монеъ шудан ё маҷбур кардан ба тағйир додани хусусияти фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо;
- истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё ташкилоти дигари давлатӣ ва наздикони онҳо бо мақсади қасос гирифтан барои он амалҳое, ки бо иҷрои фаъолияти хизматӣ вобаста бошад, ё ин ки хатари истифодаи зӯроварӣ вобаста ба ин асосҳо;
- ташвиқот ва ба намоиши оммавӣ гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилотҳои аз ҷониби суд экстремистӣ эътирофшуда;

- даъвати оммавӣ барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ ё интишори маводи экстремистӣ, инчунин тайёр кардан ва нигоҳ доштани онҳо бо мақсади паҳн намудан;

- нашр ва (ё) паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти экстремистӣ дар воситаи ахбори омма, шабакаи интернет, воситаи алоқаи барқӣ.

Аз мазмуни ҳуқуқии мафҳуми «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва дигар истилоҳоти бо онҳо алоқаманд бармеояд, ки ин истилоҳот хусусияти комплексӣ дошта, дар маҷмуъ, теъдоди зиёди ҷиноятҳои хусусияти экстремистиро дар худ таҷассум менамоянд.

Муҳаққиқи ватанӣ М.П. Ҳайдарзода қонунгузории амалкунандаи зиддиэкстремистиро баррасӣ намуда, зери мафҳуми "ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта" аз рӯйи объекти таҷовуз кирдорҳои хавфноки ҷамъиятиеро эътироф менамояд, ки "дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади маҳдуд сохтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вайрон кардани тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионӣ ва сулҳу амнияти байналмилалӣ равона буда, дар содир намудани як ва ё якчанд ҷиноятҳои дар моддаҳои 143, 157, 158, 160, 188, 189, 237, $237^{1}$, 242, 243, 307, $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$, $307^{4}$, $401^{1}$ КҶ ҶТ пешбинишуда зуҳур меёбанд" [25,с.58].

Ба андешаи мо, аз мадди назари муаллиф эътироф намудани моддаи 398 КҶ ҶТ ба ҳайси ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дур мондааст, новобаста ба он ки сулҳу амнияти байналмилалиро М.П. Ҳайдарзода дар мафҳуми пешниҳодкардааш ҳамчун объекти таҷовузи ҷиноятии экстремизм эътироф кардааст. Бар замми ин, дар диспозитсияи моддаи мазкур ангезаҳои экстремизм (ангезаҳои миллӣ, этникӣ, нажодӣ ва динӣ) бо таври возеҳу равшан ифода ёфтаанд.

Ӯ зери мафҳуми ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта кирдорҳои зиддиҳуқуқиеро дар назар дорад, ки хавфи ҷамъиятии онҳо камтар буда, дар асоси ангезаҳои миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ бо мақсади вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, паст задани обрӯ ва эътибори шахсият аз рӯйи ангезаҳои номбурда содир карда мешаванд ва дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Вобаста ба истифодаи истилоҳоти умумиҳуқуқии «экстремизм», «фаъолияти экстремистӣ» ва «фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» экстремистӣ ҳисобида мешавад» зикр кардан ҷоиз аст, ки дар маҷмуъ ҳар се истилоҳот ҷанбаҳои гуногуни як падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқиро бо номи "экстремизм" таҷассум менамоянд. Аммо, чи тавре ки қаблан дарҷ намудем, истифода намудани истилоҳоти гунонун барои дарҷ намудани табиати ҳуқуқии як кирдор мувофиқи матлаб нест [5].

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аксарияти олимон бар он назаранд, ки ҷавҳари асосии экстремизмро даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона мебошанд, ташкил медиҳанд, ки табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ доранд.

Дар ҳамин радиф мавқеи В.А. Абдуҳамитов комилан дуруст аст, ки мегӯяд: "Мафҳуми дар моддаи 3 Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» пешбинишуда, бо талаботи моддаи 22 КҶ ҶТ, ки дар он шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, мухолифат мекунад. Зеро мутобиқи моддаи 22 КҶ ҶТ, субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ аст, лекин қонунгузор дар моддаи 3 Қонуни қаблии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» ба сифати субъекти ҷиноят шахсони ҳуқуқиро низ пазируфта буд [1,с.76]. Вобаста ба масъалаи зикршуда М.П. Ҳайдарзода қайд менамояд ки бинобар дар КҶ ҶТ мавҷуд набудани таркиби мустақили ҷинояти "экстремизм" ва дар доираи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани кирдорҳои маъмурии дорои хусусияти экстремистидошта, дар сатҳи қонунгузорӣ истифода бурдани мафҳуми "фаъолияти экстремистӣ"-ро авлотар медонад [23,с.32]. Аммо, ба андешаи мо, бояд дар Қонуни навини Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»

танҳо як мафҳуми умумиҳуқуқии “экстремизм”, аниқтараш “фаъолияти экстремистӣ”, ҷойгузин бошад ва он фарогири ҳам табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизм бошад. Аммо дар доираи КҶ ҶТ барои дарҷ намудани аломатҳои таркибии падидаҳои экстремистӣ танҳо истилоҳи ҳуқуқии “ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта” истифода гардаду халос. Танҳо бо ҳамин роҳ мо доираи табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизмро мушаххастару аниқтар гардонда метавонем. Чунин мавқеъ дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ва Кодекси моделии ИДМ мустақил низ побарҷо аст.

Аз таҳлили таркибҳои ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта (моддаҳои 157, 158, 160, 185, 188, 189, 237, $237^{1}$, 242, 243, 307, $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$, $307^{4}$,, $401^{1}$ КҶҶТ) чунин бармеояд, ки маҳаки асосии тамоми ҷиноятҳои хусусияти экстремистидоштаро табиати ҳуқуқии ҷиноятии моддаҳои 307 КҶ ҶТ ва 189 КҶ ҶТ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар амалӣ сохтани даъватҳои оммавӣ (дар айни замон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ) бо мақсади барнгехтани кинаву адоват аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, маҳалгароӣ ва ба амал овардани даъваҳои оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ зуҳур меёбанд.

Тибқи банди 5-уми моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳангоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва оғозкунии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти экстремистидошта ангеза ва мақсади содиркунии ҷиноят ба назар гирифта шаванд [3]. Чунки набудан ё исбот нашудани мақсад, ки аломати бунёдии таркиби асосии бисёре аз ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта аст, баҳодиҳии ҳуқуқии кирдорро тибқи ин гурӯҳи моддаҳои КҶ ҶТ ва ба зуҳуроти экстремизм мансуб донистани онро истисно мекунад.

Аз ин ҷост, ки мутахассисини соҳа дар зери мафҳуми умумиҳуқуқии экстремизм “фаъолияти пинҳонӣ ё ошкорои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва иттиҳоди ҷиноятиро, ки бо мақсади барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, сиёсӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва маҳалгароӣ, паст задани обрӯ ва эътибори шахс ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар асоси ангезаҳои номбурда ва ё ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ равона мебошанд, мефаҳманд [18,с.10-28]. Чи тавре ки маълум мегардад, ба ҳайси яке аз аломатҳои асосии экстремизм барангехтани кинаву адоват ва ангезаҳои экстремистӣ баромад менамоянд, ки онҳо маҳаки асосии тамоюл ва хусусиятҳои асосии кирдорҳои маъмурӣ ва ҷиноятии экстремистиро ташкил медиҳанд, новобоста аз он ки ақидаҳои экстремистӣ ба таври оммавӣ ва ё пӯшида паҳн карда мешаванд.

Т.А. Корнилов бо ҷонибдорӣ аз нуқтаи назари С.В. Борисов менависад, ки ҷинояти хусусияти экстремистидошта муносибати манфии аз доираи раводиди ҷамъият баромадаро нисбати гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва (ё) намоянагони онҳо дар назар дорад, ки бар кина ё адоват нисбати ин гурӯҳҳо ва фардҳои дахлдор асос ёфтааст. Чунин муносибати манфӣ бо аломати фарқкунандаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва намояндагонашон, аз қабили пайравӣ аз идеология, равияи сиёсӣ, мансубияти миллӣ, нажодӣ, динӣ ва ғайра муайян шудааст, мазмуни қасди шахси гунаҳгор хоҳиши содир намудани кирдори хавфи ҷамъиятидоштаро маҳз нисбати гурӯҳҳои мазкур ва (ё) намояндагонашон ва (ё) вобаста ба мавҷудияти онҳо дар бар мегирад. Зимнан шахси гунаҳгор дарк мекунад, ки дар рафтори ғайриқонунии худ вай кина ё адоватро зоҳир мекунад ва хоҳони намоиш додани онҳост [2,с.21-22; 7,с.34].

Чи тавре ки дар боло дарҷ карда шуд, экстремизми муосир табиати ҳуқуқи маъмурӣ ва ҷиноятӣ дошта, падидаҳои экстремистӣ бо суръати кайҳонӣ ба воситаи ахбори омма, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет ташвиқу тарғиб карда шуда, ҷомеаро бо хатарҳои муосир мувоҷеҳ месозанд. Аз ин ҷост, ки бо мақсади дар зинаҳои аввал пешгирӣ намудани тафаккури экстремистӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ба Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта моддаи нав бо номи барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (моддаи $462^{1}$ ) аз 17.12.20с., №1726 ворид карда шуд, ки диспозитсияи он ҳаракатҳоро дар шакли барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну

эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет содир шуда бошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят дар бар мегирад.

Дигар кирдоре, ки ки дар он қисман аломатҳои экстремизми иттилоотӣ инъикос ёфтаанд, ин моддаи 374. КҲМ ҶТ (Тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад. Дизпозитсияи моддаи мазкур дар баробари дигар кирдорҳо барои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардан, нигоҳ доштан, ворид кардан, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопӣ, ки дорои маълумот ва маводи таблиғотиву ташвиқотии зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, ҳимояи терроризм ва экстремизм, инчунин дигар маҳсулоти чопии манъшуда, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷавобгарии маъмуриро муқаррар намудааст.

Аз мазмуни моддаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки табиати маъмурии экстремизми иттилоотӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ҳангоми набудани аломати ҷиноят;
- маълумоти экстремистӣ ба воситаи ахбори омма ва дигар маҳсулоти чопӣ паҳн карда мешавад;
- чунин маълумот маводи таблиғотиву ташвиқотиро вобаста ба зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, халалдор кардани тамомият ва мустақилияти давлат, заиф кардани амнияти давлат, ҷанг, барангехтани хусумати иҷтимоӣ, нажодпарастӣ, миллӣ ва мазҳабӣ, ҳимояи терроризм ва экстремизм;
- барои паҳн намудани маълумоти экстремистӣ ҷавобгарии маъмуриро на танҳо нисбати шахсони воқеӣ, балки нисбати шахсони ҳуқуқӣ низ муқаррар намудааст.

Дар робита ба масъалаи мазкур бояд қайд намуд, ки агар ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 462[1] КҲМ ҶТ пешбинишуда (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) пурра фарогири аломатҳои экстремизми иттилоотӣ бошад, пас 374. КҲМ ҶТ (Тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон) қисман аломатҳои экстремизми иттилоотиро доро мебошад, чунки диспозитсияи моддаи мазкур дар баробари тафаккури экстремистӣ фарогири маълумоти дорои мазмуну мундариҷаи хориҷ аз экстремизм мебошад, аз ҷумла, таблиғи на ҳама намуди бераҳмӣ ва зӯроварӣ (масалан, терроризм, одамкушӣ, таҷовуз ба номус ва ғ.), маълумоти дорои сирри давлатӣ ва ё фисқу фуҷур, маводи парнографӣ дар сатҳи қонунгузорӣ падидаҳои экстремистӣ эътироф гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, мушаххас гардонидани табиати кирдорҳои маъмурии хусусияти экстремистидошта, дар доираи моддаи мазкур барои татбиқи амалии ин муқарраротимодда мусоидат хоҳад кард. Бар замми ин, аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки маълумоти экстремистӣ танҳо ба воситаи ахбори умум ва ё дигар маводи чопӣ паҳн карда мешавад, аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки дар бештари ҳолатҳо маълумоти экстремистӣ ба воситаи шабакаи интернет паҳну ташвиқ карда мешавад, ки он дар сатҳи қонунгузорӣ ВАО эътироф карда намешаванд.

Дар қисми 2 банди "г" моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307[1] КҶ ҶТ, қисми 3 моддаи 307[3] КҶ ҶТ аломатҳои экстремизми иттилоотии дорои табиати ҳуқуқии ҷиноятӣ - бо истифодаи ВАО ё шабакаи интернет ва дар қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ - бо истифодаи ВАО ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет ҷойгузин мебошанд. Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои экстремизми иттилоотӣ танҳо пас аз татбиқ гардидани ҷавобгарии маъмурӣ дар давоми сол фаро мерасад.

Бо назардошти омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар боло зикршуда ва мазмуни моддаи 374 КҲМ ҶТ, қисми 2 банди "г" моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307[1] КҶ ҶТ,

қисми 3 моддаи 307³ КҶ ҶТ ва қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ хулосаву пешниҳодоти зерини табиати экстремизми иттилоотиро мушаххас гардонида, барои мукаммал сохтани қонунгузории зиддиэкстремистӣ мусоидат менамоянд:

1. Экстремизми иттилотӣ дорои табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, мафҳум ва моҳияти он дар доираи маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти байнифаннӣ ва байниидоравидошта дарку эҳсос карда мешавад.

2. Айни замон аломатҳои таҷассумкунандаи табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ дар доираи моддаҳои 462¹ ва 374 КҲМ ҶТ (қисман), қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ, қисми 2 банди "г" моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307¹ КҶ ҶТ ва қисми 3 моддаи 307³ КҶ ҶТ муайян гардидаанд, ки барои дарки воқеии онҳо муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», "Дар бораи иттилоот" "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот", "Дар бораи алоқаи барқӣ" "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", "Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ" ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хизмат менамоянд.

3. Аломатҳои таҷассумкунандаи табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотии дар доираи моддаҳои 462¹ ва 374 КҲМ ҶТ (қисман), қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ, қисми 2 банди "г" моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307¹ КҶ ҶТ ва қисми 3 моддаи 307³ КҶ ҶТ пешбинигардида, бо мақсади деференсатсиякунонии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятии кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мукаммалсозиро дар сатҳи қонунгузорӣ тақозо менамоянд, аз ҷумла:

а) диспозитсияи қисми 1 моддаи 374 КҲМ ҶТ дар баробари табиати маъмурии экстремизми иттилоотӣ кирдорҳои маъмуриеро фарогир мебошад, ки аз нуқтаи назари илмӣ ва талаботи қонунгузории зиддиэкстремистӣ дорои хусусиятҳои экстремистӣ нестанд;

б) истилоҳи ҳуқуқии таҷассумкунандаи мазмуну моҳияти воситаҳои паҳнкунандаи мафкураи экстремизми иттиоотӣ дар моддаи 374 КҲМ ҶТ, қисми 2 банди "г" моддаи 307 КҶ ҶТ, қисми 2 моддаи 307¹ КҶ ҶТ, қисми 3 моддаи 307³ КҶ ҶТ ва қисми 1 моддаи 189 КҶ ҶТ духӯра ва ихтилофомез таҷассум гардидаанд.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми ВАО дар шакли нав бо чунин тарз дар Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма"ворид гардад: "воситаҳои ахбори омма матбуоти даврӣ, нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) ҳамчунин агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудиоӣ, аудиовизуалӣ ва шакли дигари паҳнкунии даврии иттилооти оммавӣ бо номи доимӣ (номгузорӣ) мебошанд, ки дар як сол на камтар аз як маротиба тавассути эфир ё кабел паҳн мешаванд".

5. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", мафҳуми нав бо номи нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) бо чунин тарз илова карда шавад: таҳти мафҳуми нашрияи шабакавӣ (интернетӣ) – сайти дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии «Интернет», ки дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шудааст ва инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, фаҳмида мешавад.

6. Барои дарки амиқ ва ҳамаҷонибаи шакл ва намудҳои экстремизм, табиати маъмурӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии он бо мақсади ошкорнамоӣ ва пешгирии ин падидаи номатлуби ҷомеа, назар андухтан ба асосҳои ҳуқуқии минтақавӣ ва байналмилалии муқовимат ба он ҷолиби диққат мебошад.

**Муқарриз: н.и.х, дотсенти Академияи ВКД ҶТ -Сафарзода Ҳ.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуҳамитов В.А. Мубориза бар зидди экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва қонунгузорӣ / В.А. Абдуҳамитов // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. -Душанбе: Маориф, 2015. -С.176.
2. Борисов С.В. Сущность преступлений экстремистской направленности / С.В. Борисов // Мировой судья. -М.: Юрист, 2009. -№4. -С.21-22.

3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри с. 2009, № 564 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.08.2023с).
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.08.2023с.).
5. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2018, № 1042. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mmk.tj/ (санаи муроҷиат: 30.08.2023с.).
6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2013, таҳти № 492 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.08.2023с.).
7. Корнилов Т.А. Международные аспекты противодействия экстремизму: дис. ... канд. юрид. наук / Т.А. Корнилов. -М.: Всерос. науч.-исслед. ин-т МВД РФ, 2011. -161 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2-юми январи соли 2020, №1655 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023 с.).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2-августи соли 2011, №762 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с.).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот” аз 18 июни соли 2008, №411 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с.).
11. Қонуни ҶТ “Дар бораи иттилоот” аз 10 майи соли 2002, №55 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с.).
12. Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 марти соли 2013, №961 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с.).
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи барқӣ» аз 22.06.2023. №1978 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с.).
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, № 1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 31.08.2023с).
15. Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» аз 27.12.1991 № 2124-1 (дар таҳрири 13.06.2023) // [Манбаи электронӣ]. https://www.garant.ru/ (санаи муроҷиат: 28.08.2023с.).
16. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи воситаҳои ахбори омма”. [Манбаи электронӣ]. https://online.zakon.kz/lawyer (санаи муроҷиат: 28.08.2023с.).
17. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка: 72500 слов и 7500 фразеологических выражений / С.И. Ожегов и Н.Ю. Шведова; Рос. акад. наук, Ин-т рус. яз.; Рос. фонд культуры. [Изд. 2-е, испр. и доп.]. -Москва: АЗЪ, 1993. -955 с.
18. Политология: Краткий тематический справочник. -Белгород: ООНИ и РИД Белгородского ЮИ МВД России, 2005. -С.105; Новейший политологический словарь / авт.-сост. Д.Е. Погорелый [и др.]. -Ростов н/Д: Феникс, 2010. -С.265; Краткий политический словарь / коллективный автор, В.П. Абаренков [и др.]. -6-е изд., доп. -М.: Политиздат, 1989. -С. 275.
19. Сафаров Х.С. Основы антитеррористической деятельности правоохранительных органов Республики Таджикистан: монография / Х.С. Сафаров. -Душанбе: Ирфон, 2010. -С.23.
20. Сазонов И.А. Политический экстремизм и проблема его категориального осмысления / И.А.Сазонов // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2000. -№2. -С.115.
21. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 1 июни соли 2021. -№187 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «ADLIA» - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Версия 7.0.
22. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. -Ҷ. 2. Зери таҳрири С. Назарзода [ва диг.]. - Машҳад-Душанбе: ҶММ «Ксерокслend» бо ҳамкории интишороти «Сухангустар», 2008. -944 с.
23. Ҳайдарзода М.П. Баъзе андешаҳо перомуни шакл ва намудҳои экстремизм // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. -№3(31). -С.124.
24. Ҳайдарзода М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С. -Душанбе: ЭР-граф 2021. -212 с.
25. Шарипов Т.Ш. Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», «натсионализм» ва «сепаратизм» / Т.Ш. Шарипов, Х.С. Сафаров // Осори Академия. - Душанбе: Шарқи озод, 2015. -№4(28). -С.47.

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, стратегияҳо ва консепсияҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ қабул шудаанд ва истилоҳоти хусусияти умумиҳуқуқидошта дар қонунгузории миллӣ (“экстремизм”, “иттилоот”, “воситаҳои ахбори омма”, “шабакаҳои алоқаи барқӣ”, “интернет” ва дигар мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд) дар самти мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд, ки муайян намудани мазмун ва мухтавои мафҳумҳои зикршуда ба тавлид ё ба вуҷуд омадани мафҳуми экстремизми иттилоотӣ мусоидат менамояд, чунки дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми мазкур нав буда, дар доираи қонунгузории миллӣ инъикос нагардидааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки экстремизми иттилоотӣ дорои табиати ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, мафҳум ва моҳияти он дар доираи маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти байнифаннӣ ва байниидоравидошта дарку эҳсос карда мешавад. Муаллиф муътақид аст, ки пешниҳодҳои дар мақолаи мазкур дарҷгардида баҳри рушди қонунгузории миллӣ ва дар ин замина баҳри муқовимати босамар ба экстремизми иттиллоотӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Калидвожаҳо:** экстремизм, эктремизми иттилоотӣ, иттилоот, ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, интернет, муқовимат, асосҳои ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СОПРОТИВЛЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОМУ ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены нормы Конституции Республики Таджикистан, законы, стратегии и концепции, принятые в Республике Таджикистан в направлении противодействия информационному экстремизму, а также положения общего характера в национальном законодательстве («экстремизм», «информационный экстремизм»). », «средства массовой информации», «сети связи электричество», «интернет» и другие связанные с ними понятия) проанализированы и обсуждены в этом направлении, определение значения и содержания упомянутых понятий способствует порождению или появлению понятия информационного экстремизма, поскольку данное понятие является новым в юридической науке и не отражено в национальном законодательстве. Автор приходит к выводу, что информационный экстремизм имеет административно-правовую и уголовно-правовую природу, а его смысл и сущность понимается и ощущается в рамках совокупности нормативных правовых актов междисциплинарного и межведомственного характера. Автор полагает, что представленные в статье предложения будут способствовать развитию национального законодательства и в этом контексте эффективному противодействию интеллектуальному экстремизму.

**Ключевые слова:** экстремизм, информационный экстремизм, информация, СМИ, сети электронных коммуникаций, Интернет, сопротивление, правовые основы.

## LEGAL BASIS OF RESISTANCE TO INFORMATION EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan, laws, strategies and concepts adopted in the Republic of Tajikistan in the direction of countering information extremism, as well as general provisions in national legislation (“extremism”, “information extremism”). ", "mass media", "electricity communication networks", "Internet" and other related concepts) are analyzed and discussed in this direction, determining the meaning and content of the mentioned concepts contributes to the generation or emergence of the concept of information extremism, since this concept is new in legal science and is not reflected in national legislation. The author comes to the conclusion that information extremism has an administrative-legal and criminal-legal nature, and its meaning and essence is understood and felt within the framework of a set of normative legal acts of an interdisciplinary and interdepartmental nature. The author believes that the proposals presented in the article will contribute to the development of national legislation and, in this context, to effectively countering intellectual extremism.

**Keywords:** extremism, information extremism, information, media, electronic communications networks, Internet, resistance, legal framework.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо*** - Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психология. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3. E-mail: **Aheev89@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ахёзода Шохрух Табарукшо*** - Академия МВД Республики Таджикистан, доцент кафедры уголовного право, криминологии и психологии. **Адрес**: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мастонгулов, 3. E-mail: **Aheev89@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ahyozoda Shohrukh Tabaruksho*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Adjikistan, dotsent of Department of Criminal Law, Criminology and Psychology. **Address**: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mastongulov street 3. E-mail: **Aheev89@mail.ru**

ТДУ: 336.145.2

# АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯИ САЗОДИҲИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

*Алиев И.И.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ барои субъекти ҳуқуқвайронкунӣ оқибатҳои номатлуб дошта, ба ӯ азоби маънавӣ ё руҳӣ мерасонад ва мақсади сазоро пайгирӣ мекунад. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон ва шаҳрванд, функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсондӯстӣ, адолат, баробарӣ, қонунӣ ва мутаносибӣ бештар ҷавоб медиҳад. Барои аз догмаҳо ва стереотипҳое, ки худи мафҳумҳои «сазо» ё «функсияи сазодиҳӣ» ба вуҷуд меоваранд, халос шудан лозим аст, ки ҷазоро на аз рӯйи принсипи эталон, балки дар асоси принсипҳои муосири ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дида бароем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳоти дигаре низ мавҷуданд, ки барои ифодаи ин мафҳум истифода мешаванд: функсияи ҷаримавӣ; функсияи ҷазодиҳӣ; функсияи репрессивӣ. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ У.А. Азиззода [2,с.413], У.А. Абдурашидов [1,с.190], З.Х. Зокирзода, [9,с.105], Т.Ш. Шарипов [26,с.223] ва дигарон бошад, мафҳумҳои “сазо” ва “сазодиҳӣ” мавриди истифода қарор гирифтаанд. М.П. Трофимова дуруст қайд кардааст, ки «мафҳуми ҷазо танҳо хусусиятҳои ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос мекунад». Истилоҳи «таъқиб» бо амалҳои ғайриқонунии мақомот алоқаманд аст ва ҷарима танҳо яке аз чораҳои таъсиррасонӣ ба ҷинояткор мебошад [23,с.18].

Бояд тазаккур дод, ки мавҷудияти функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар ба мавҷудияти мақсади ҷазо вобаста аст. Сазо барои ноил шудан ба мақсадҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарур аст. Фаъолияти муътадили ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо дар натиҷаи таъсири якчанд функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконпазир аст. Баъзе олимон бар он андешаанд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аслан, дар алоҳидагӣ амал карда наметавонанд, масалан функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд дар як вақт бо функсияи тарбиявӣ ба амал бароварда шавад [15,с.55-62]. Дар бораи таъсири мутақобилаи функсияҳои сазодиҳӣ ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан ронда, онро метавон бо якчанд омилҳо муайян кард, ки боиси паст шудани самаранокии таъсири тарбиявӣ ва баъзан тамоман набудани он мегардад. Якум, таъсири аз ҳад зиёди сазодиҳӣ, на аз сабаби хавфи ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунӣ. Дуюм, табдил додани таъсири тарбиявӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба шакли проформа. Сеюм, вайрон кардани принсипҳои фардӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам аз ҷониби қонунгузор ва ҳам аз ҷониби иҷрокунандаи ҳуқуқ дар назар дошта шудааст [18,с.55]. Мавриди зикр аст, ки мутобиқати функсияи сазодиҳӣ ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Агар сазо ба қонун мувофиқат накунад, дар он сурат иҷрои самарабахши функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро тасдиқ кардан мумкин нест, зеро, онро субъекти мазкур ё беадолатона мешуморад, ё барои расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ кифоя нест, чунки хусусияти таъсири тарбиявӣ ба намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мӯҳлати амалишавии он вобаста аст.

Ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ бояд вокуниши давлатро ба бор орад. Ин вокуниш дар муҷозоти ногузири гунаҳкор ва дар барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад. Сазо ҳамчун аксуламали ногузир на ба хотири худ, балки ба хотири ҷанбаи дигари ногузир амалӣ мешавад – то дар оянда субъект вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо вайрон накунад [24,с.69-75; 25, с.24-23].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи ҷавобгарии конститутсионӣ, як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаъолона баррасӣ мешавад. Шакли маҷбурии амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, чун дар дигар соҳаҳо, дар ҳуқуқи конститутсионӣ, илова бар ин, дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудааст. Ҷавобгарии конститутсиониро метавон ҳамчун ҷавобгарӣ барои вайрон кардани меъёрҳои конститутсионӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи қонунҳои конститутсионӣ муайян кард. Моҳияти сазои ҷавобгарии конститутсионӣ дар он аст, ки шахсе, ки мақоми конститутсионӣ дорад, бар хилофи иродаи худ, дар шакли маҷбурӣ аз он маҳрум карда

мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ баъзан иҷрои сазои дар меъёри ҳуқуқии конститутсионӣ зикргардидаро ифода мекунад. Чунин муҷозот бекор кардани дахлнопазирӣ, аз вазифа озод кардан (истеъфо) мебошад. Масъулияти Ҳукумат дар назди Президент муқаррар шудааст, ки масалан, он ҳақ дорад, ки ҳар вазирро бидуни зикри сабаб аз кор озод кунад.

Объекти умумии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятист, аммо таъсир ба объекти умумӣ танҳо дар натиҷаи таъсиррасонӣ ба объектҳои бевосита имконпазир аст. Таъсири сазодиҳӣ ба тағйир додани мақоми ҳуқуқии субъект нигаронида шудааст. Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои мухталифи субъектҳо боиси тағйир ёфтани мақоми ҳуқуқии он мегардад. Ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молумулкӣ, меҳнатӣ, шахсии ғайримолумулкии субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд ҳамчун объекти бевоситаи таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баромад кунанд. Натиҷаи чунин таъсир қатъ гардидани муносибатҳои алоҳидаи конкретии ҷамъиятӣ ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҳуқуқие мебошад, ки пеш вуҷуд надоштанд. Дар натиҷаи таъсири функсияи сазодиҳӣ маҳдудшавии вазъи ҳуқуқӣ ба амал меояд [14,с.111-134].

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таҳким ва рушди динамикаи муносибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Ба ин муносибат суоле ба миён меояд, ки оё функсияи сазодиҳиро ба муносибатҳои ҳуқуқии аллакай мавҷуда равона кардан мумкин аст? Мо нишон додем, ки функсияи сазодиҳӣ ба қатъ ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои гуногун нигаронида шудааст, аммо татбиқи ин ҳуқуқҳо берун аз муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, функсияи ҷазодиҳӣ боиси тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунанда мегардад. Дар баробари ин, таъсири сазо боиси пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ мегардад, ки то лаҳзаи содир шудани ҷиноят вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, объектҳои таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқиро на танҳо ба умумӣ ва мустақим тақсим кардан мумкин аст. Бо истифода аз аломатҳое, ки мазмуни ин объектро ҳамчун меъёри таснифот тавсиф мекунанд, метавон объектҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, моликият, ташкилӣ, иҷтимоӣ, меҳнатӣ, шахсии ғайримолумулкии таъсиррасонии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо кард. Дар асл, функсияи сазодиҳӣ метавонад якбора ба якчанд объект таъсир расонад. Объектҳои таъсиррасонии ҷазо вобаста ба кадом соҳаи ҳуқуқ ҳуқуқу озодиҳои муайянро ба танзим медарорад, ба ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра тасниф мешаванд.

Хусусияти таъсири сазо ва доираи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ мешаванд, аз марҳилаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста аст. Агар шакли маҷбурии давлатии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз лаҳзаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ дар шакли уҳдадории таҳти маҳдудиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ қарордошта ба вуҷуд омада бошад, пас дар ин марҳила ҳеҷ гуна оқибатҳои номатлуби воқеӣ вуҷуд надорад ва худи функсияи сазодиҳӣ дар статика вуҷуд дорад. Бе амали саривақтӣ ва салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ он рушд карда наметавонад. Иҷрои функсияи сазодиҳӣ аз маҳкум кардани ҷинояткор оғоз мешавад. Д.А. Липинский дуруст қайд мекунад, ки шуури ҷинояткор ҳамчун объекти мушаххаси таъсири ҷазо амал мекунад [14,с.113]. Руҳияи маҳкумшаванда вайронии олами ботинии ӯро нишон медиҳад. Гунаҳгор бояд азоби маънавӣ бинад. Аммо, ба монанди ҳама гуна унсурҳои субъективӣ, он метавонад вуҷуд надошта бошад ё набошад, зеро ҳамон ҷазоро аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм метавон баъзеҳо ҳамчун дарди тоқатфарсо, ранҷу азоб ва дигаронро ҳамчун як нороҳатии ночиз қабул кунанд [14,с.114].

Иҷрои минбаъдаи функсияи сазодиҳӣ аз бисёр ҷиҳат ба маҳкум кардани шахс вобаста аст. Айбдорӣ дар хукм ё санади дигари татбиқи ҳуқуқ зикр шудааст, вале дар баробари ин, ин санад инчунин нишон медиҳад, ки шахси гунаҳкор бояд то кадом андоза маҳдудиятҳои ҳуқуқиро паси сар кунад. Таъсири сазо ба субъект дар он зоҳир мегардад, ки бояд ба ӯ азоби маънавӣ расонад. Аз бисёр ҷиҳат, тавассути азобҳои маънавӣ мақсади ислоҳи ҳуқуқии маҳкумшуда ба даст меояд. Охир, азобу уқубати маънавие, ки ба ин мавзуъ оварда шудааст, ӯро водор мекунад, ки олами ботинии худро аз нав дида бароянд, муносибатҳои зиддиҷамъиятии худро ислоҳ кунад. Ин бори дигар чунин тезисро тасдиқ мекунад, ки сазо барои сазо нест, сазо барои ислоҳ ва тарбияи ҷинояткор зарур аст.

Аз сабаби он ки шуури ҳуқуқвайронкунанда (дунёи ботинии ӯ, муносибатҳои гуногуни ахлоқӣ) падидаи субъективӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои гуногуне, ки бо функсияи сазодиҳӣ маҳдуд карда шудаанд, падидаҳои воқеияти объективӣ мебошанд, бинобар ин, функсияро ба берунӣ ва дохилӣ тақсим кардан мумкин аст. Функсияи сазодиҳӣ метавонад ҳам таъсири мустақим ва ҳам бавосита дошта бошад. Дар робита ба ин, объектҳои таъсири сазоро метавон ба мустақим ва ғайримустақим тақсим кард. Масалан, иттилооти ҳуқуқӣ дар бораи ҷазо додани ҷинояткор ба муҳити наздики ӯ низ таъсир мерасонад, вале эҳтимолан, на сазодиҳӣ, балки хусусияти пешгирию тарбиявӣ дорад, аммо чунин таъсири пешгирикунанда ва тарбиявӣ аз ҳисоби татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки функсияи сазодиҳӣ метавонад ҳам ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ба муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир расонад. Аз ин рӯ, объектҳои амали ҷазоро метавон ба танзимшаванда ва бо қонун танзимнашаванда ҷудо кард. Ҷавобгарии конститутсионӣ мисли дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вазифаи сазодиҳиро иҷро мекунад, вале дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Таъсири бевоситаи Конститутсия, ки дар он мукаммал гардидани ҳуқуқҳои табиии инсон, уҳдадорӣ ва ҷавобгарии давлат ва шахсони мансабдори он ба ҷавобгарии конститутсионӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Мавқеи махсуси ҷавобгарии конститутсиониро хусусияти муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда, таъсири мақсаднок ба рушди қонунгузорӣ, қувваи олии ҳуқуқии Конститутсия муайян мекунад.

Масъалаи функсияҳои ҷавобгарии конститутсионӣ баҳснок аст. Н.В. Витрук вобаста ба мақсади функсионалии ҷавобгарии конститутсионӣ функсияҳои ҷавобгарии конститутсиониро ҷудо кардааст, ки яке аз онҳо функсияи сазодиҳӣ ба шумор меравад [8,с.441-442]. Ба андешаи мо, ҷавобгарии конститутсионӣ ҳам функсияи сазодиҳӣ ва ҳам барқароркунандаро иҷро мекунад, бинобар ин, барои ба барқарорсозанда ва сазодиҳанда тақсим кардани ҷавобгарии конститутсионӣ аз эҳтимол дур нест. Ҳар як чораи ҷавобгарии конститутсионӣ ҳам функсияи сазодиҳӣ ва ҳам барқароркунанда дорад. Хусусиятҳои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ дар асосҳо, объектҳои таъсиррасонӣ, субъектҳо ва усулҳои татбиқи он ифода мегарданд.

Асоси воқеии ҷавобгарии конститутсиониро ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ, дар маҷмуъ, ҳамаи аломатҳои он ташкил медиҳад. Ба андешаи А.Ю. Александров, асоси татбиқи чораҳои ҷавобгарии конститутсионӣ ин иҷро накардани уҳдадориҳои конститутсионии худ аз ҷониби субъектон мебошад [3,с.9]. Мафҳуми «иҷро накардани уҳдадориҳо» мафҳуми «ҳуқуқвайронкунӣ»-ро иваз намекунад. Илова бар ин, он аз мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ маҳдудтар аст. Якум, ҳуқуқвайронкунандаи конститутсионӣ метавонад вазифаи ба зиммааш гузошташударо номатлуб иҷро намояд. Сониян, ҳуқуқвайронкунӣ метавонад ҳам амал ва ҳам беамалӣ бошад. Сеюм, асоси ҷавобгарӣ метавонад ҳуқуқвайронкунӣ дар маҷмуи тамоми аломатҳои он (объект, субъект, тарафи объективӣ ва субъективӣ) бошад [13,с.12-19].

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ ба мақоми конститутсионии шахсони мансабдор таъсир мерасонад ва метавонад субъектҳои дорои ваколатро аз муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, ки онҳо иштирокчии он буданд ва бо амали худ вайрон кардаанд, хориҷ кунад. Дар натиҷаи фаъолияти иҷрои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ доираи моликияти шахсони мансабдор метавонад маҳдуд шавад, зеро онҳо аз кафолату имтиёзҳое, ки вобаста ба мансаби худ доро буданд, маҳрум мешаванд. Объектҳои таъсири функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ бештар аз намуди санксияи ҷавобгарии конститутсионӣ вобаста мебошанд [10,с.7].

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои функсияи сазодиҳии ҷавобгарии конститутсионӣ дар субъектҳои махсуси таъсиррасонӣ, хусусиятҳои усулҳои татбиқ, объектҳои таъсиррасонӣ ва қоидаҳои мурофиавии татбиқи он ифода меёбанд.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бо маҷбуркунии давлатӣ зич алоқаманд аст. Бо ёрии функсияи сазодиҳӣ маҷбуркунии давлатӣ объективӣ карда мешавад, ки дар маҳдудиятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ки барои ҷинояткор ба вуҷуд меояд, ифода меёбад. Барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ он усули императивиро истифода мебарад, ки қобилияти субъектро барои амалӣ намудани

ҳуқуқҳои гуногун маҳдуд мекунад. Бо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муттаҳид намудани функсияҳои наве, ки қаблан вуҷуд надоштанд, дар шакли императивӣ рафтори ҷинояткорро ба танзим медарорад ва вайрон кардани ин функсияҳо боиси пурзӯр шудани таъсири ҷазо мегардад.

Роҳҳои мушаххаси иҷрои функсияи сазодиҳӣ хеле гуногунанд: ин муқаррар кардани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, маҳкумкунӣ, маҳдуд шудани ҳуқуқи моликият, маҳдуд шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғайра. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асосии таъсиррасонии ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, рафтор ва шуури гунаҳкор вобаста ба қонунҳои рушди ҷомеа мебошад.

Вале олимони алоҳида ҳанӯз ҳам андешаеро баён мекунанд, ки ҷазо мақсади сазоро дунболагирӣ менамояд. Ҳамин тавр, ба ақидаи А.А. Мамедов, «сазо (подош) бояд мақсади ҷазо эътироф гардад. Ба ҷинояткор бояд азобу кулфат расонида шавад, вагарна ҷазо ҳам ҷазо нахоҳад буд» [16,с.28]. Дар ҳақиқат ҳам, ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ бо худ, ҳатман, унсурҳои маҷбуркунӣ, зӯрӣ, яъне сазои ҷинояти содиршударо дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, ҷазои ҷиноятӣ бо сазо барои ҷинояти содиршуда мебошад ва онҳо аз ҳамдигар вобастагӣ доранд. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, вақте ки сухан дар бораи ҷазо ва сазо меравад, бояд маънои инҳо дуруст дарк карда шавад, зеро таҳлили семантикии (маъноии) калима аз он иборат аст, ки ҷазо ва сазо ба ҳамдигар монанданд. Бинобар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ бояд ҷазо ва сазо муқобили ҳамдигар монда нашаванд: яке ҳамчун ҷазо ё чораи маҷбуркунӣ ва дигаре ҳамчун мақсади ҷазо [9,с.105]. Ҳам ҷазо ва ҳам сазо аломатҳои асосии чораи давлатиро доранд, ки дар маҷбуркунӣ ифода меёбанд [9,с.105].

Мақсади ҷазоро метавон ба сифати самтҳои асосии фаъолиятҳои системаи пенитенсиарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи давлат донист, ки аз сӯйи қонунгузор бо мақсади кам кардан ва коҳиш додани динамикаи содири ҷиноят ва мубориза бар зидди сар задани ҷиноятҳои ретсидив ва ҳамчунин эҷоду таъмини шароити босуботи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар муқаррар карда шудаанд. Дар ин миён, набояд шакли махсуси қаноатмандии ҳам ҷомеа ва ҳам шахсони аз ҷиноятҳои мухталиф зарардидаро фаромӯш намуд (ҳатто дар сурати ба назар гирифта нашудани ин нукта ҳамчун мақсади ҷазо, ки он усулан дуруст ҳам ба ҳисоб меравад, ҳар ҳукми судии содиршуда нисбати шахси ҷиноят содирнамуда, дар байни оммаи мардум, агар қазияи судӣ инъикоси васеъ ёфта бошад, як навъ қаноатмандӣ аз эълони ҳукм ва маҳкум шудани ҷинояткорро ба миён меоварад, ки ин, дар навбати худ, боиси афзоиши эътибору обрӯи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ мегардад; ҷиноят содир шудааст, ҷинояткорон баъд аз содир шудани ҷиноят дастгир ва маҳкум шуданд, яъне система ба таври муназзам амал мекунад). Аз рӯйи қаринаи м. 46 КҶ ҶТ, мақсадҳои ҷазоро метавон ба категорияи умумиҷамъиятӣ (барқарор намудани адолати иҷтимоӣ), тарбиявӣ (ислоҳи маҳкумшаванда), умумиогоҳӣ (пешгирии умумӣ ва пешгирии махсус) тақсим намуд. Шахсони аз рӯйи ҷиноят маҳкумшаванда, набояд дар руҳияи эҳтиром ба ҳар шахс, балки дар руҳияи эҳтиром ба шахс, ки тобеи қонун ва риояткунандаи муқаррароти қонун дар ҷомеа ҳастанд, тарбия шаванд (ин дар муассисаҳои вобаста ба системаи пенитенсиарӣ як масъалаи мубраму муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар ин маконҳо, дар бештари маврид, шахсоне аз миёни маҳкумшудагон мехоҳанд мавриди эҳтиром қарор бигиранд, ки руҳияи ошкору назарраси зиддиҷамъиятӣ доранд). Дар марҳалаи муосири ҶТ аҳаммияти мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ аз унсурҳои зерин иборат аст. Мақсадҳо асосу пояҳои сиёсати ҷиноятии давлат дар соҳаи муқовимат бо ҷинояткориро ба таври умумӣ муайян месозанд. Ҳатто омӯзиш ва ошноии сатҳии мафҳум ва мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ тасаввури ба истилоҳ мушаххасеро дар бораи вазъи сиёсати ҷиноятии репрессивии давлат, низоми сиёсӣ ва институти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба вуҷуд меоварад.

Воситаҳои ноилшавии мақсадҳои мавриди назар, ба таври умда тавассути неруи маънавӣ ва иҷтимоиву иқтисодии шахсият ва фарди дорои қудрату тавони инкишофу худсозӣ таъмин мегардад. Системаи таъмини мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ, ки он илова бар ин, бояд сатҳи зарурии дастовардҳои илмӣ (дар соҳаи психология, педагогика, махсусан

пенитенсиарӣ, ҳамчунин психатрия ва илми тибб)-ро дар бар гирад, ҳамчунин аз ин қоида истисно нест. Нақш ва аҳаммияти потенсиали илмӣ дар раванд ва ҷараёни ноилшавӣ ба мақсадҳои дар худ доштаи ҷазои ҷиноятӣ, барои мисол, дар Амрико низ эътироф мегардад ва ба он аз сӯйи коршиносон ва муҳаққиқони соҳа аҳаммияти фавқулода зиёд дода мешавад. Ҳарчанд тавре ки дар боло қайд шуд, қонунгузории Амрико бо кифоят намудан ба муқаррар шудани ҷазои умумӣ барои кирдорҳои ҷиноятӣ, маъмулан дар амал мақсадҳои ҷазоро танзим намекунад. Дар ИМА, аз ин нигоҳ, донишмандону муҳаққиқоне чун Ч. Беккариа ва Д. Бентам, ки дар зимн муаллифони доктринаи тарси ҷазо (мақсади системаи адлия пешгирӣ намудан аз тарзи зиндагии ҷиноятӣ ва ғайриқонунӣ дар миёни аъзои ҷомеа бо ин истидлол, ки арзиши таъини ҷазо аз арзиши содир намудани ҷиноят болотар аст) ба ҳисоб мераванд, маъруфу машҳуранд.

Албатта, ҳангоми иҷрои ҷазо, махсусан, вақти маҳрум шудани шахс аз озодӣ, шахси маҳкумшуда маҳкумияти худро метавонад ҳамчун як шакли ба истилоҳ "қасдгирӣ" алайҳи худ аз сӯйи давлат пиндорад. Табиист, ки дар чунин ҳолат чунин шахсон аз маҳрум гардидан аз озодӣ, ҳам ҷисман ва ҳам ба таври маънавӣ ранҷ мебаранд, баъзеҳо дар натиҷа ба таври умум ба зиндагии ояндаи худ пас аз раҳо шудан аз зиндон ва баромадан ба озодӣ бо нигоҳи дигар назар мекунанд, ислоҳ мегарданд. Дар баробари ин, баръакси чунин ҳолат, шахсони дигар метавонанд дар натиҷаи гузаронидани давраи маҳкумият дар зиндон, дар оянда тамоми арзишҳои маънавиву ахлоқии пазируфташуда дар зиндагиро нодида бигиранд. Вале ҳамаи ин дар маҷмуъ, ба мақсадҳои ҷазо дохил намегарданд, зеро он натиҷаи "таъсири ба ҳамроҳ дошта"-и иҷрои ҷазо маҳсуб мешавад. Муқаррар намудани мақсади ҷазо бояд бо имкони потенсиалии амалисозии он мутобиқат дошта бошад. Дар ин робита, нуктаи осебпазиртарин мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ба ҳисоб меравад, зеро баҳисобгирии мизон ва дараҷаи амалисозии онҳо имконнопазир аст. Вале бо вуҷуди ин, метавон тавассути боло бурдани сатҳи саводи умумӣ ва дониши ҳуқуқии аҳолӣ ва ҳамчунин тавассути фаъолиятҳои матбуотӣ ва кор гирифтан аз воситаҳои ахбори умум, шароити мусоидро барои пазируфтани мақсадҳои ҷазо аз сӯйи ҷомеа фароҳам овард. Ба ин нукта ишора менамоем, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон майл ва самтгирии мутаносиб нисбат ба нозукиҳои сиёсати ҷиноятӣ ва мақсадҳои ҷазо ба назар намерасад ва ба ин далел барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба сифати мақсади ҷазо тавассути шаҳрвандони аз илми ҳуқуқ ноогоҳ ва бехабар пазируфта намешавад. Афзоиши таваҷҷуҳ ба мақсади ҷазо метавонад дар ҷомеа таъсири мусбати иҷтимоӣ дошта бошад, агар ҳукмҳои судӣ доир ба парвандаҳои ҳассоси ҷиноятӣ на аз мавқеъ ва ҷойгоҳу эътибори шахсӣ, сабабҳо ва эътиқодоти фардии шахси маҳкумшаванда, балки бо дар назар гирифтани зарари расонидашуда ва имкониятҳои мавҷуд барои рафъ, ҷуброн ва кам кардани ин зарар арзёбӣ гарданд.

Мақсадҳои ҷазо ба таври баробар шиддати таъсири ҷазо ва ислоҳу тарбияи маҳкумшударо нарму ҳамвортар месозанд, бартарии навъи мушаххаси таъсирро дар муқоиса бо навъи таъсири дигар аз байн мебаранд. Ҳарчанд таъсири тарбиявии ҷазо ба маҳкумшуда мустақиман ба ҳангоми иҷрои ҷазо аз сӯйи маҳкумшуда сурат мегирад, вале ҳадафмандии ин ё он унсур тавассути мақсадҳои дар қонун муқарраргашта муайян мегардад. Аз ҷиҳати он ки қонунгузор на дар мазмуну муҳтавои ҷазо ва на дар мақсадҳои он ба ҷазо таъкид накардааст, маълум мегардад, ки интихоби ҷазо ҳамчун қасос ва интиқом дар ин ҷо истистност. Мувофиқи нуктаи дар боло зикрнамудаи А.А. Толкаченко, он фақат метавонад таъсири ба ҳамроҳдоштаи раванди ичрои ҷазо маҳсуб шавад. Дар айни замон, диққати асосӣ бояд ба масъалаи барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содири ҷиноят равона гардад [21,с.48-49].

Мақсадҳои ҷазо нақши нишондиҳандаи самаранокии ҷазоро ифода менамоянд. Дар сурати дар қонун муайян нагардидани мақсади ҷазо, таҳлил ва арзёбии натиҷаи ҷазои истифодашаванда дар нисбати маҳкумшуда имконнопазир аст. Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ҳамчун мақсади ҷазо, бори аввал дар қ. 2, м. 46 КҶ ҶТ соли 1998 оварда шуда буд ва то ҳол мустаҳкам гардидааст [9,с.21]. Мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ дар сурати иҷро, нишондиҳандаи тағйироти мусбат дар фаъолиятҳои соҳавии мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад: фаъолияти муқаррарии адлия, сатҳи

баланди рушди маънавиёти ҷомеа, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, ҳифзи манфиатҳои шахси зарардида ва дигар шаҳрвандон, омилҳои дигари таъсиргузор ба иҷрои принсипҳои қонуният ва адолат. Ба ақидаи олимони соҳибмактаб Т.Ш. Шарипов ва А.И. Сафарзода ҷазо ҳамчун воситаи барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба аъзои ҷамъият қонеъшавии ахлоқӣ мебахшад, новобаста аз он ки ҷазо қобилияти барқарор намудани намудҳои муайяни зарарро надорад [27,с.150-151].

Ҳамин тариқ, функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо аломатҳои зерин тавсиф мешавад:

–он яке аз самтҳои асосии таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад;

–мақсади ҷазоро ҳамчун мақсади асосӣ барои худ ва максадҳои тарбия, пешгирӣ, барқароркуниро ҳамчун мақсадҳои иловагӣ пеш мебарад;

–маҷбуркунии давлатиро дар ҳуқуқҳои мушаххас эътироз мекунад;

–роҳҳои конкретии амалӣ гардондани онҳоро дорад;

–хусусияти таърихан тағйирёбанда дошта, бо қонуниятҳои рушди ҷамъият муайян карда мешавад;

–қобилияти мустаҳкам кардан, расмисозии динамикаи муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин тағйир додан ва қатъ намудани муносибатҳои ҳуқуқии мавҷударо дорад;

– хусусияти муҷозоткунанда дорад, яъне боиси оқибатҳои ногувор барои ҷинояткор мегардад.

Мавриди зикр аст, ки таҳлилу баррасии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи маъмурӣ низ аз аҳаммияти илмию амалӣ бархӯрдор мебошад. Гурӯҳи дигари ҷазоҳое, ки шакли ҷазои маҷбурии ҷавобгарии маъмуриро доранд, ҷазоҳое мебошанд, ки ба маҳдуд кардани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, маҳрум кардани онҳо аз ваколатҳои муайян нигаронида шудаанд. Масалан, ин маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус мебошад, ки нисбати шахсони ҳуқуқӣ барои дағалона ё мунтазам вайрон кардани тартиби истифодаи ҳуқуқи махсус истифода мешавад. Ин метавонад бекор кардан ё боздоштани амали иҷозатномаро дар бар гирад. Илова бар ин, бекор кардани (бозхонди) иҷозатнома боиси пурра аз ҳуқуқи истифодабарии он маҳрум кардан маҳсуб мешавад ва аз ин рӯ, аз ин муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ хориҷ шудани субъект дар назар дошта мешавад. Боздоштани амали иҷозатнома барои пешгирӣ кардани рафтори ғайриқонунии субъект дар давраи маҳдуд пешбинӣ шудааст. Агар бекор кардани иҷозатнома амали якдафъаина ва бебозгашт бошад, ки оқибати он дар ҳеҷ ҳолат ба шахси ҳуқуқӣ имкон намедиҳад, ки бо ин ё он намуди фаъолият машғул шавад.

Дар таҳқиқоти олимони соҳаи граждани тамоюли ба ҷойи аввал гузоштани функсияи барқарорсозӣ ва инкор кардани функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ мушоҳида мешавад [12,с.51;4,с.19]. Муҳаққиқони дигар бо баъзе далелҳо мавҷудияти функсияи сазодиҳиро эътироф намуда, чунин мешуморанд, ки «функсияи сазодиҳӣ (ҷаримавӣ) тавассути ҷарима (ҷарима, пеня, ноутуворона) иҷро мешавад» [17,с.43; 20,с.99; 7,с.38].

Маълум аст, ки фурӯшанда барои иҷро накардан ё ба таври бояду шояд иҷро накардани уҳдадориаш ҷиҳати ба харидор додани мол ва ба харидор додани ҳуқуқи моликияти мол ҷавобгар аст. Иҷро накардани уҳдадории ба харидор додани моли фурӯхташуда метавонад мутобиқи қонунгузории гражданӣ боиси саркашии харидор аз иҷрои шартнома гардад, яъне яктарафа бекор кардани шартнома маҳсуб мешавад. Чунин қатъкунӣ мувофиқи иродаи яке аз тарафҳо сурат мегирад. Аз як тараф, он боиси барҳам додани ҳуқуқи харидор ба мол мегардад ва маҷбурӣ аст, аз тарафи дигар, он танҳо бо қарори харидор як тарафи шартнома ба амал меояд, ки дар он мавқеи фурӯшанда дар бораи қатъ кардани мол ба назар гирифта нашудааст. Ҳамин тариқ, фурӯшанда низ маҷбур мешавад, ки тибқи қарори харидор аз ҳуқуқҳои аз ин муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ бармеоянд, инчунин харидорро аз даст диҳад. Ин қатъи шартномаро ҳамчун ҷавобгарии гражданӣ шакли маҷбурӣ мебахшад. Ҷавобгарии гражданӣ функсияи сазодиҳиро иҷро мекунад, аммо на ҳама олимон бо ин мавқеъ розӣ ҳастанд. Ба назар чунин мерасад, ки барои инкор кардани функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ ягон асос нест ва ба мадди аввал гузарондани функсияи барқароркунӣ сунъӣ мебошад.

Ҷавобгарии гражданӣ дорои тамоми хусусиятҳое мебошад, ки мавҷудияти функсияи сазодиҳиро нишон медиҳанд [22,с.12].

Ҳамин тариқ, функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ дар шакли маҷбурӣ ба амал бароварда мешавад, агар дар баробари моле, ки ассортименти он ба шартнома мувофиқ бошад, ба харидор моли вайрон кардани ассортимент дода шавад. Харидор дар баробари дигар вариантҳои рафтор ҳуқуқ дорад аз ҳамаи моли дар ассортимент ва бар хилофи ассортимент додашуда даст кашад. Саркашии харидор аз қабули мол ва пардохти он маънои пурра ё қисман иҷро накардани шартномаро дорад, ки мутаносибан пурра ё қисман қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқиро ифода менамояд.

Агар дар шартнома шарти мукаммал будани мол мавҷуд бошад, фурӯшанда барои додани моли номатлуб ҷавобгар аст. Харидор метавонад ба мол фурӯхтани нарх (ба таври мутаносиб кам кардани нархи харид) ё пурра кардани молро талаб намояд. Агар фурӯшанда молро дар муҳлати мувофиқ ба итмом нарасонад, харидор ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва баргардонидани арзиши харидро талаб намояд (шартномаро бекор кунад). Кодекси граждании ҶТ имкони маҷбур кардани харидорро барои қабули мол пешбинӣ мекунад, ки ин ҳам шакли маҷбурии ҷавобгарии гражданӣ мебошад. Функсияи сазодиҳандагии он дар сурати аз ҷониби харидор қабул накардани мол ва аз ҷониби фурӯшанда аз иҷрои шартнома саркашӣ кардани он амал мекунад.

Дар бораи шакли маҷбурии иҷрои функсияи сазодиҳӣ на танҳо талаби яке аз тарафҳо дар бораи бекор кардани шартнома, балки ҳамчун қоидаи умумӣ бо талаби яке аз тарафҳои шартнома қатъ намудани шартнома бо қарори суд ба амал бароварда мешавад. Танҳо дар сурати аз ҷониби тарафи дигар ба таври ҷиддӣ вайрон кардани шартнома ё дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ё шартнома иҷозат дода мешавад. Шакли маҷбурии амалишавии функсияи сазодиҳӣ метавонад дар дигар намуди шартномаҳо – шартномаи меҳнатӣ низ амал кунад. Ҳамин тариқ, агар фармоишгар сарфи назар аз огоҳии саривақтӣ ва оқилонаи пудратчӣ дар бораи корношоямӣ, пастсифати масолеҳи пешниҳодкардаи фармоишгар, дар бораи оқибатҳои номусоид барои фармоишгар риояи дастурҳои ӯ дар бораи усули иҷрои кор ва ғайра мавод ва ҳуҷҷатҳои техникиро иваз намекунад ва барои бартараф кардани ҳолатҳое, ки ба корношоямии кор таҳдид мекунад, чора намебинад, пас пудратчӣ ҳуқуқ дорад аз иҷрои супориш даст кашад.

Ҳамин тариқ, фармоишгар аз ҳуқуқи гирифтани натиҷаи кори тибқи шартнома фармоиш додашуда маҳрум мегардад. Омӯзиши функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ нишон медиҳад, ки он бо роҳи маҳкум кардани ҳуқуқвайронкунанда, рафторе, ки дар натиҷаи он ба ӯ зарари молумулкӣ ё ташкилӣ расонида мешавад, сурат мегирад. Маҳдудшавии доираи моликият, маҳдудиятҳои ташкилӣ, маҷбур кардан ба рафтори қонунӣ натиҷаи таъсири функсияи сазодиҳӣ буда, худи функсияи сазодиҳӣ ҳуқуқи қатъ кардан, тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ ва ба он марбути ғайримулмулкиро ифода мекунад [11,с.129-132].

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ дар шакли маҷбурӣ дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки фармоишгар дар иҷрои кор ба пудратчӣ ёрӣ надиҳад ё уҳдадориҳои муқобили шартномаро иҷро накунад. Он гоҳ пудратчӣ ҳуқуқ дорад на танҳо ҷуброни зарар, аз ҷумла хароҷоти иловагиро, ки дар натиҷаи бекористии он ба амал омадааст, балки инчунин тағйир додани шартҳои шартномаро аз ҷиҳати муҳлати иҷрои кор ва зиёд кардани нархи дар шартнома пешбинишуда талаб намояд. Дар ин ҷо функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ дар баробари функсияи ҷубронсозӣ қисман ба амал бароварда мешавад. Далели дигаре вуҷуд дорад, ки дар бораи мавҷудияти функсияи сазодиҳӣ шаҳодат медиҳад. Агар чораҳои ҷавобгарии гражданӣ хусусияти барқароркунанда дошта бошанд, он гоҳ барои тарафи дигар молу мулк ё соҳаҳои дигарро маҳдуд карда, ҳуқуқвайронкунанда ногузир зарар мебинад. Аломати сазодиҳии ҳуқуқи гражданӣ таъсири манфии онҳо ба ҳуқуқвайронкунанда мебошад, ки дар кам кардан, маҳдуд кардан ё маҳрум кардан аз фоида ё манфиатҳои молумулкӣ зоҳир мегардад [6,с.4].

Бояд тазаккур дод, ки таъсири сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ махсусан дар ноустуворона ба таври равшан зоҳир мешавад. Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағи пулие мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян карда шудааст, ки қарздор дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла ҳангоми ба таъхир андохтани иҷро

вазифадор аст ба кредитор диҳад ва дар адабиёти ҳуқуқи гражданӣ хусусияти мураккаби ноустуворона қайд гардидааст, яъне он инчунин вазифаи сазодиҳиро иҷро мекунад [19,с.59; 5,с.26]. Дар баробари ин, ҳарчанд ба назар ғайриодӣ ба назар мерасад, функсияи сазодиҳии ҷавобгарии гражданӣ низ метавонад дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда шавад. Ин қатъи уҳдадориҳо бо асосҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома мебошад. Инчунин, тарзи ихтиёрии амали функсияи сазодиҳии ҷавобгарии граждаииро пешбинӣ мекунад, зеро худи харидор аз додани мол ва пардохти ҳаққи он дар сурати аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани шартҳои шартнома даст кашидан аз ҷониби харидор пешбинӣ шудааст. Шартномаи пудрат масъулияти пудратчиро пешбинӣ мекунад, ки дар он шакли ихтиёрии қисман иҷрои функсияи сазодиҳӣ дар шакли мутаносиби кам кардани нархи барои кор муқарраршуда ё ҷуброни хароҷоти фармоишгар мавҷуд аст, камбудиҳоро бо интихоби фармоишгар бартараф намояд. Иҷрои уҳдадориҳо дар шакли ноустуворона, (ҷарима ва пеня) сурат мегирад. Ноустуворона ва уҳдадории ҷуброни зиёнро метавон ҳамчун сазо гуфт, ки азбаски уҳдадории пардохти ҷарима ва ҷуброни зиён натиҷаи амали ғайриқонунӣ ва гунаҳкоронаи контрагент мебошад. Нисбати ҳарду намуди муҷозоти молумулкӣ метавон дар бораи сазо ҳамзамон ибрози андеша намуд [5,с.29].

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ барои субъекти ҳуқуқвайронкунӣ оқибатҳои номатлуб дошта, ба ӯ азоби маънавӣ ё руҳӣ мерасонад ва мақсади сазоро пайгирӣ мекунад. Мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиётҳо ба таври мухталиф пешниҳод ва омехта мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, вале ба андешаи мо, истифодаи мафҳуми сазодиҳӣ қобили қабул мебошад. Функсияи сазодиҳӣ дар ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад, вале таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба чашм мерасад. Функсияи сазодиҳӣ дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ –Азиззода У.А.**

## АДАБИЁТ


1. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.А. Абдурашидов. -Душанбе, 2011. – 190 с.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. …д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015. – 413 с.
3. Александров, А.Ю. Конституционно-правовая ответственность органов государственной власти субъектов РФ: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.02 / Александров А.Ю. – М., 2003. – С. 9.
4. Бестугина, М.А. Социальная обусловленность и назначение гражданско-правовой ответственности в современных условиях (Теоретический аспект): автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / Бестугина Марина Александровна. – Л., 1986. – 24 с.
5. Брагинский, М.И. О функциях неустойки в хозяйственных отношениях / М.И. Брагинский, В.И. Иванов // Проблемы совершенствования советского законодательства. – М.: ВНИИСЗ, 1977. – Т. 10. – 166 с.
6. Быков, А.Г. Роль гражданско-правовых санкций в осуществлении хозяйственного расчета: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.03 / Быков Анатолий Григорьевич. – М., 1967. – 16 с.
7. Варкалло, В. Об ответственности по гражданскому праву / В. Варкалло // Возмещение вреда: функции, виды, граница. Пер. с польск. В.В. Залеского. Под ред., вступ. ст. С.Н. Братуся. – М., 1978. – 329 с.
8. Витрук, Н.В. Конституционное правосудие в России / (19910-2001 гг.): Очерки теории и практики / Н.В. Витрук. -М.: Норма: ИНФРА–М, 2001. -592 с.
9. Зокирзода, З.Х. Мусодираи молу мулк њамчун намуди љазои љиноятї: дис. ...ном. илм. њуќуќ: 12.00.08 / Зокирзода Зафар Хайрулло. – Душанбе, 2020. – 176 с.
10. Кабанов, П.А. Особенности карательной функции конституционной ответственности / П.А. Кабанов // Материалы XII Международной научно-практической конференции: в 4-х томах. Том 2. Волжский университет имени В.Н. Татищева. – 2015. – С. 16–23.
11. Комаров, С.А. Карательная и восстановительная функции гражданско-правовой ответственности: взгляд представителей науки теории государства и права / С.А. Комаров, Д.А. Лапинский // Государство и право. – 2018. – № 9. – С. 129–132.
12. Константинов, В.С. Правовые вопросы материального стимулирования деятельности предприятий / В.С. Константинов, С.Т. Максименко. – Саратов, 1981. – 95 с.
13. Лучин, В.О. Конституционные деликты [Текст] / В.О. Лучин // Государство и право. – 2000. – №1. – С. 12–19.
14. Липинский, Д.А. Юридическая ответственность. Монография / Д.А. Лапинский. – Тольятти: Изд-во ВУиТ, 2002. – 400 с.

15. Липинский, Д.А. Лекция: юридическая ответственность, санкции и меры защиты / Д.А. Липинский, А.А. Мусаткина // Вестник Орловского государственного университета. Серия: Новые гуманитарные исследования. – 2010. – № 4. – С. 55–62.
16. Мамедов, А.А. Справедливость назначения наказания / А.А. Мамедов. -СПб.: Изд-во «Юридический центр-Пресс», 2003. – 144 с.
17. Мамутов, В.К. Предприятия и материальная ответственность / В.К. Мамутов, В.В. Овсиенко, В.Я. Юдин. – Киев: Наукова думка, 1971. – 190 с.
18. Мелкумян, М.Г. Взаимодействие воспитательной функции юридической ответственности с регулятивной, превентивной и карательной функцией / М.Г. Мелкумян // Вектор науки ТГУ. Серия: Юридические науки. – 2014. – № 1 (16). – С. 54–57.
19. Петров, И.Н. Характерные черты гражданско-правовой ответственности / И.Н. Петров // Уч. зап. ВНИИСЗ. – Вып. 20. – 1970. – С. 51–65.
20. Слесарев, В.Л. Объект и результат гражданского правонарушения / В.Л. Слесарев. – Томск, 1980. – 167 с.
21. Толкаченко, А.А. Уголовно-правовые и уголовно-процессуальные основания исполнения уголовного наказания. В кн.: Уголовно-исполнительное право / А.А. Толкаченко. -М.: Пенатес-Пенаты, 2004. -С.48–49.
22. Трафимова, М.П. Функции юридической ответственности: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.01 / Трофимова Марина Павловна. – Самара. 2000. – 209 с.
23. Трофимова М.П. Функции юридической ответственности [Текст]: автореф. дис. …канд. юрид. наук: 12.00.01 / Трофимова Марина Павловна. – Саратов, 2000. – 26 с.
24. Хачатуров, Р.Л. Вопросы международно-правовой ответственности / Р.Л. Хачатуров // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – 2009. – №1. -С.69-75.
25. Хачатуров, Р.Л. Ответственность в современном международном праве / Р.Л. Хачатуров // Право и политика. – 2005. – № 8. – С. 24–43.
26. Шарипов, Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов [ва диг.] // Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. –222 с.
27. Шарипов, Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов [ва диг.]. - Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – 223 с.

## АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯИ САЗОДИҲИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола масъалаи амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ барои субъекти ҳуқуқвайронкунӣ оқибатҳои номатлуб дошта, ба ӯ азоби маънавӣ ё руҳӣ мерасонад ва мақсади сазоро пайгирӣ мекунад. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои табиии инсон ва шаҳрванд, функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсондӯстӣ, адолат, баробарӣ, қонунӣ ва мутаносибӣ бештар ҷавобгӯ мебошад. Барои аз догмаҳо ва стереотипҳое, ки худи мафҳумҳои «сазо» ё «функсияи сазодиҳӣ» ба вуҷуд меоваранд, халос шудан лозим аст, ки ҷазоро на аз рӯйи принсипи эталон, балки дар асоси принсипҳои муосири ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дида бароем. Муаллиф бар он назар аст, ки мутобиқати функсияи сазодиҳӣ ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад. Агар сазо ба қонун мувофиқат накунад, дар он сурат иҷрои самарабахши функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқиро тасдиқ кардан мумкин нест, зеро онро субъекти мазкур ё беадолатона мешуморад, ё барои расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ кифоя нест, чунки хусусияти таъсири тарбиявӣ ба намуди чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мӯҳлати амалишавии он вобаста аст. Муаллиф нишон медиҳад, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ барои субъекти ҳуқуқвайронкунӣ оқибатҳои номатлуб дошта, ба ӯ азоби маънавӣ ё руҳӣ мерасонад ва мақсади сазоро пайгирӣ мекунад. Мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиётҳо ба таври мухталиф пешниҳод ва омехта мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, вале ба андешаи мо, истифодаи мафҳуми сазодиҳӣ қобили қабул мебошад. Функсияи сазодиҳӣ дар ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад, вале таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба чашм мерасад. Функсияи сазодиҳӣ дар шакли ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** функсия, функсияи сазодиҳӣ пешгирӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, шакли амалисозӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сазо, ҷазо, субъект, азоби маънавӣ.

## РЕАЛИЗАЦИЯ КАРАТЕЛЬНОЙ ФУНКЦИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье рассмотрен вопрос реализации карательной функции юридической ответственности. По мнению автора, карательная функция юридической ответственности представляет собой один из видов функций юридической ответственности, который по своему содержанию и сущности имеет неблагоприятные последствия для субъекта правонарушения, причиняя ему нравственные или психические страдания, и преследует цель наказания. По мере развития общества, укрепления естественных прав, свобод человека, а также гражданина карательная функция все больше отвечает требованиям гуманности, справедливости, равноправия, законности и соразмерности. Для того чтобы избавиться от догм и стереотипов, создаваемых самими понятиями «кара» или «карательная функция», необходимо рассматривать наказание не по принципу талиона, а исходя из современных принципов права и юридической ответственности. Автор придерживается мнения, что соответствие оценочной функции нормам правомерности обеспечивает основу для эффективной реализации воспитательной функции. Если кара не соответствует закону, то эффективное выполнение воспитательной функции юридической ответственности не может быть подтверждено, так как субъект считает ее либо несправедливой, либо недостаточной для

достижения целей юридической ответственности, поскольку характер воспитательного эффекта зависит от вида меры юридической ответственности так же как и срок ее реализации. Автор показывает, что карательная функция юридической ответственности является одним из видов функций юридической ответственности, которые по своему содержанию и сущности влекут за собой неблагоприятные последствия для субъекта правонарушения, причиняют ему нравственные или психические страдания и преследуют цель наказания. Хотя понятие кара было представлено и использовано в литературе по-разному, на наш взгляд, использование понятия карательная функция допустимо. Карательную функцию можно увидеть во всех видах юридической ответственности, но ее эффект более заметен в уголовной и административной ответственности. Функция вознаграждения реализуется в добровольной и принудительной форме.

**Ключевые слова**: функция, карательная функция, профилактика, правонарушение, форма реализации, юридическая ответственность, кара, наказание, субъект, моральные страдания.

**IMPLEMENTATION OF THE PUNITIVE FUNCTION OF LEGAL RESPONSIBILITY**

The article considers the issue of implementing the punitive function of legal responsibility.According to the author, the punitive function of legal responsibility is one of the types of functions of legal responsibility, which, in its content and essence, has adverse consequences for the subject of the offense, causing him moral or mental suffering, and pursues the goal of punishment. As society develops and the natural rights and freedoms of man and citizen are strengthened, the punitive function increasingly meets the requirements of humanity, justice, equality, legality and proportionality. In order to get rid of the dogmas and stereotypes created by the very concepts of “punishment” or “punitive function”, it is necessary to consider punishment not on the principle of a talion, but on the basis of modern principles of law and legal responsibility.The author is of the opinion that the compliance of the evaluative function with the norms of legality provides the basis for the effective implementation of the educational function. If the punishment does not comply with the law, then the effective implementation of the educational function of legal liability cannot be confirmed, since the subject considers it either unfair or insufficient to achieve the goals of legal liability, since the nature of the educational effect depends on the type of measure of legal liability and depends on the period of its implementation.The author shows that the punitive function of legal responsibility is one of the types of functions of legal responsibility, which, in their content and essence, entail adverse consequences for the subject of the offense, cause him moral or mental suffering and pursue the goal of punishment. Although the concept of punishment has been presented and used in the literature in different ways, in our opinion, the use of the concept of a punitive function is acceptable. The function of the punitive function can be seen in all types of legal liability, but its effect is more noticeable in criminal and administrative liability. The function of remuneration is implemented in a voluntary and compulsory form.

**Keywords:** function, punitive function, prevention, offense, form of implementation, legal responsibility, punishment, punishment, subject, moral suffering.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Алиев Исмоил Исмонович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Алиев Исмоил Исмонович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина, 63. Телефон: **(+992) 985-51-55-59**. E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

**Information about the author:** ***Aliev Ismoil Ismonovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, assistant of the Department of Law and Public Administration. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddi-63, Phone: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@list.ru**

ТДУ: 343.542-1

# ПОРНОГРАФИЯИ КӮДАКОН ДАР ИНТЕРНЕТ: МАФҲУМ, ОҚИБАТ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ОН

*Давлатзода Комрон Давлат*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инкишофи технологияи компютерӣ ва ба вуҷуд омадани равзанаи ягонаи иттилоотӣ, ба ғайр аз ҷанбаҳои муфид барои ҷомеаи муосир боз як қатор мушкилоти навро ба вуҷуд овард, ки на танҳо масъалаҳои иқтисодӣ, балки масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро, низ тахти хатари ҷиддӣ қарор медиҳад. Аз ҷумлаи чунин мушкилот, истифодаи васеи технологияи компютерӣ ва шабакаи интернет ҳангоми содир кардани ҷиноят ба шумор меравад. Таҷрибаи тафтишӣ ва судии давлатҳои пешрафта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷинояткорон шабакаи интернетро ҳамчун воситаи содир намудани намудҳои гуногуни ҷиноят фаъолона истифода мебаранд.

Мавриди зикри хос аст, ки масъалаи таъмини ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон дар замони муосири инкишофи низоми демократии ҷомеа нақши аввалиндараҷаро касб намудааст. Чунки кӯдакону ҷавонон қишри асосии ҷомеа буда, рушди ин табақаи аҳолӣ ба ояндаи ҳар давлат алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар робита бо ин, омӯзиш, таҳлил ва мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба таъмини инкишофи муътадил ва фаъолияти ҳаётии кӯдакон равона шудааст, яке аз самтҳои дурнамои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии таъминкунандаи ҳимояи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон ба шумор меравад [16,с.203].

Рушди босуръати технологияҳои компютерӣ, системаҳои телекоммуникатсионӣ, ки ба як ҷузъи маъмули муносибатҳои ҷамъиятии тамоми соҳаҳои ҳаёт табдил ёфтааст, на танҳо заминаҳое ба вуҷуд овард, ки ба содир намудани ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, балки шароит фароҳам овард, ки қисми зиёди ҷиноятҳо тавассути киберфазо содир шаванд. Дар ин раванд ҷиноятҳои дуздидани технологияҳои нав, таблиғи порнографияи кӯдакона дар интернет тобишҳои нав пайдо мекунад [10,с.10-11]. Ҳамин тавр, яке аз намудҳои нави киберҷиноятҳо, ин паҳн кардани порнографияи кӯдакона тавассути интернет мебошад.

Охири асири XX – аввали асри XXI дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ ҷиноятҳои вобаста ба паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона мунтазам меафзояд. Ин кирдорҳои ғайриқонунӣ на танҳо ба пояҳои ахлоқи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, балки ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҳам аҳолии калонсол ва ҳам кӯдакон (наврасон) низ, халал мерасонанд. Бинобар ин, имконияти васеи истифодаи интернет, механизми содир шудани бисёре аз ҷиноятҳоро комилан дигаргун намуда, гурӯҳ ва намудҳои нави ҷиноятҳоро ба вуҷуд овард. Фаъолияти шахсони содиркунандаи паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона дар амал шакли муташаккилонаро соҳиб гашта, хусусияти байниминтақавӣ ва трансмиллиро доро мебошад, зеро омӯзиш ва паҳншавии маводи марбут ба порнографияи кӯдакона дар арсаи байналмилалӣ нишон дод, ки ин кирдор хусусияти тиҷоратиро касб намудааст [4,с.213]. Ба андешаи коршиносон, беш аз 44% кӯдаконе, ки аз интернет истифода мебаранд, бо маводи порнографӣ ва дигар маводҳои номатлуб ва 40% кӯдакон бо дархостҳои мустақими аз ҷониби одамони бо онҳо хоҳиши вохӯрии шахсӣ дошта дучор мешаванд, аз ин миқдор 14% кӯдакон воқеан кӯшиш менамоянд, ки ба чунин посуххо ҷавоб диҳанд ва бо онҳо вохӯранд. Ба ақидаи равоншиносон бошад, тамошои тасвирҳои порнографӣ метавонад дар афроди дорои равони шаклногирифта ё ноустувор рафтори ғайриҷамъиятиро ба вуҷуд оварда, онҳоро барои содир намудани ҷиноят водор намояд [1].

Аз ин лиҳоз, хусусиятҳои зерини паҳн кардани порнографияи кӯдаконро дар интернет метавон тасниф намуд: Якум, зӯроварӣ нисбати кӯдак – ҷалби ғайриқонунӣ ба фаъолияти фоҳишагӣ бо наворбардорӣ ва паҳнкунии чунин кирдорҳо. Дуюм ин ки тамошои маводи порнографӣ, бо дарназардошти арзишҳои ахлоқӣ ва руҳӣ, бояд ҳамчун шарикӣ дар таҷовузи кӯдакон ба шумор равад [2,с.342-345]. Бояд қайд намуд, ки Конвенсияи Шурои Аврупо «Оид ба киберҷиноятҳо», Протоколи иловагӣ ба Конвенсия

оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки ба фурӯши кӯдакон, фоҳишагии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон дахлдор, инчунин Низомномаи чаҳорчӯбаи Шурои Иттиҳоди Аврупо «Оиди мубориза бо истисмори ҷинсии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона», тайёр намудан, паҳн кардан, нигоҳ доштани порнографияи кӯдаконаро қатъиян маҳкум менамоянд ва мубориза бо ин падидаҳои номатлубро яке аз ҳадафҳои асосии давлатҳои аъзо мешуморанд.

Дар ин замина, Эъломияи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1959 низ, пешбинӣ менамояд, ки бо ҳар роҳу воситаҳои имконпазир ҳифзи иҷтимоии кӯдакон таъмин карда шавад ва ҳамаи имконияту шароитҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо роҳҳои солим ва мақбул, дар шароити озод ва арзанда, баҳри аз ҷиҳати ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ва рӯҳӣ рушд ёфтан ва ба воя расидани кӯдакон фароҳам оварда шаванд. Конвенсияи СММ соли 1989 «Оид ба ҳуқуқҳои кӯдак» [6,с.64-95] муқаррар менамояд, ки ҳама давлатҳо бояд ҳуқуқи кӯдакро эҳтиром ва таъмин созанд; ҳамаи чораҳои заруриро баҳри таъмини ҳимояи кӯдакон аз ҳамаи шаклҳои поймолшавии ҳуқуқ ва ҷазо андешанд (моддаи 2). Кӯдак аз лаҳзаи таваллуд дорои он ҳуқуқҳое мебошад, ки шахси болиғ дорост. Сониян, дар моддаи 19 омадааст, ки давлатҳо уҳдадоранд ҳама чораҳои заруриро баҳри ҳифзи кӯдак аз ҳама шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таҳқир ё суиистифода, вуҷуд надоштани ғамхорӣ ё муносибати бепарвоёна, муносибати дағал ё истисмор аз ҷониби волидайн, васиён, парасторон ва ҳар шахсе, ки барои кӯдак ғамхорӣ мекунад, андешанд.

Бо дарназардошти он ки масъалаи фароҳам овардани шароитҳо барои инкишофи дуруст ва фаъолияти ҳаётии кӯдакон ба аҳли башарият аҳаммияти умумиҷаҳонӣ дорад, 30 сентябри соли 1990 дар иҷлосияи 45-уми Ассамблеяи Генералии СММ Декларатсияи умумиҷаҳонӣ дар бораи таъмини ҳаёт, ҳифз ва рушди кӯдакон [11] ва нақшаи амалҳо оид ба амалӣ кардани Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар бораи таъмини ҳаёт, ҳифз ва рушди кӯдакон дар солҳои 90-ум қабул гардиданд. Бандҳои 18-19 ин Нақша ба нақши оила дар ҳаёт, рушд, тарбияи кӯдак диққати махсус медиҳанд. Махсусан, дар ин санад зикр мегардад, ки «бояд ҳама чораҳоро баҳри пешгирии ҷудо намудани кӯдакон аз оилаҳояшон андешид, ҳатто агар онҳо бо сабаби ҳолатҳои фавқулода ба амал омада бошанд ё он барои манфиати худи онҳо анҷом дода шуда бошанд, бояд чораҳои таъминкунандаи ғамхории оилавӣ дар доираи оилаҳои дигар ё ҷойгир кардани кӯдак дар муассисаҳои махсус дида баромада шуда, илова бар ин, бояд аҳаммияти зарурӣ ба он дод, ки кӯдак вобаста ба имконият дар муҳити фарҳангии худ, ба воя расиданро давом диҳад».

Ҳамзамон, моддаи 9 Конвенсияи Шурои Аврупо «Оид ба киберҷиноятҳо» (минбаъд Конвенсия) ҳар як давлати аъзоро уҳдадор намудааст, ки дар қонунгузории миллии худ кирдорҳои зеринро, ки ба паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона равона гардидааст, ҳамчун ҷиноят эътироф намоянд:

1. Тайёр намудани порнографияи кӯдакона бо мақсади паҳнкунӣ тавассути системаи компютерӣ.
2. Пешниҳод ё дастрас кардани порнографияи кӯдакона тавассути системаи компютерӣ.
3. Паҳн кардан ё интиқол додани порнографияи кӯдакона тавассути системаи компютерӣ.
4. Харидории порнографияи кӯдакона тавассути системаи компютерӣ барои худ ё шахси дигар.
5. Нигаҳдории порнографияи кӯдакона, ки дар системаи компютерӣ ё дар васоити нигаҳдории компютер ҷойгир аст [7].

Таҳлили меъёрҳои Конвенсияи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки мафҳум ва аломатҳои мушаххаси «маводи порнографӣ» ба порнографияи кӯдакона алоқаманд, муқаррар нагардида, хусусиятҳои танзими ҳуқуқиро вобаста ба содир намудани кирдори мазкур, ба қонунгузории миллии кишварҳои аъзои Конвенсия вогузор менамояд.

Мазмуни ин меъёри (моддаи 9) Конвесия дар моддаи $241^1$ Кодекси ҷиноятии ҶТ пурра пешбинӣ гардидааст. Аммо, ҷинояти паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона, барои ҷомеаи Тоҷикистон нав ба шумор меравад. Аввалин маротиба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2014 таҳти №1066 ба

КҶ ҶТ ворид карда шуд [8]. Моддаи 241[1] КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан ва (ё) гузаронидан тавассути Сарҳади давлатии ҶТ бо мақсади паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғонро пешбинӣ мекунад [5]. То тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ аз 14 марти соли 2014, ин меъёр ҷавобгарии ҷиноятиро барои тайёр кардан, нигоҳ доштан, интиқол додан аз Сарҳади давлатӣ бо мақсади паҳн кардан, намоиши оммавӣ ё таблиғ, паҳн кардан, намоиши оммавӣ ё таблиғи мавод ё ашёи дорои аксҳои порнографии кӯдакон пешбинӣ карда буд. Тибқи таҳрири нав, дар қисми дуюми ин модда аломати махсус пешбинӣ шудааст: яъне «бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (аз ҷумла интернет)».

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷа ба мо маълум менамояд, ки онҳо бо дарназардошти арзишҳои миллӣ чунин кирдорҳоро порнографияи кӯдакона эътироф менамоянд. Чунончи, қисми 5 моддаи 197-и Кодекси ҷиноятии Швейтсария порнографияи кӯдаконро ҳамчун нашрияҳо, сабтҳои овозӣ, аксҳо, тасвирҳо, дигар ашёи ба ин монанд, муносибати шаҳвонӣ бо кӯдакон, ё амалҳои зӯроварӣ тавсиф мекунад [15,с.213-214].

Мувофиқи моддаҳои 426-428-и Кодекси ҷиноятии Туркия, мафҳуми порнографияи кӯдакон «ҳар гуна тасвирҳои мазмуни хусусияти шаҳвонидошта, ки дар бедор кардан ва истифода намудани хоҳишҳои шаҳвонии одамон, таҳқир намудани ҳисси шарм», ифода гардидааст [14,с.272-275].

Аз таҳлили меъёрҳои мазкур метавон нишонаҳои зерини «порнография»-ро, ҳангоми паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона ҷудо намуд: инъикосёбии иштироки кӯдак дар фаъолияти шаҳвонӣ; тасвири воқеии кӯдак, ки ба фаъолияти шаҳвонӣ алоқаманд аст.

Ба андешаи Т. Сайтарли, паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона дар киберфазо бо чунин тарзҳо ба роҳ монда мешавад: аввалан, тайёр намудани маводҳои порнографӣ бо ҷалби кӯдакон ва паҳн кардани ин мавод тавассути интернет, инчунин дастрасӣ ба онҳо, сониян, вақте яке аз кирдорҳои дар боло зикргардида бо истифодаи компютерҳо ё шабакаҳои иттилоотию компютерӣ содир шуда бошад [12,с.35-40].

А.П. Дяченко ва Е.И. Симбал бар он андешаанд, ки дар баробари аломатҳои умумии дар қонунгузории дохилии ҳар як давлат мавҷудбуда (аз ҷумла тайёр намудани маводҳои порнографӣ, паҳн кардани ин мавод тавассути интернет), мувофиқи мақсад аст, ки аломати дигар «тасвири порнографии кӯдак», пешбинӣ гардад, чунки яке аз тарзҳои содиршавӣ чунин кирдорҳо дар киберфазо мебошад [3,с.115].

Ба андешаи В.Н. Куликов, порнография ҳамчун як намуди тасвири шаҳвонӣ, ки мавзуи он амалҳои фосиқона, танфурӯшӣ, зӯроварӣ, педофилия, зоофилия ва ғайра мебошад [9,с.18].

Лозим ба ёдоварист, ки то ҳол таҷрибаи зарурии тафтиши ҷиноятҳои паҳн кардани маводи порнографияи кӯдакона тавассути интернет вуҷуд надорад, ки ҳадди ақал фаъолияти ошкорсозӣ, фошнамоӣ ва тафтиши чунин парвандаҳоро баҳри ҳалли чунин камбудиҳо мутамарказ намуда, имконпазир намояд. Мушкилии дигар дар мубориза бар зидди ҷинояти паҳн кардани маводи порнографияи кӯдакона тавассути интернет, дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди содиршавии ҷинояти мазкур тавассути технологияи компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ сурат мегирад. Оиди мушкилии механизми содиршавии ҷинояти мазкур ҳама асосҳои кофӣ мавҷуданд, аз ҷумла воситаҳои хоси шартҳои ҷиноят, рафти паҳншавии амиқи маълумот, намуди махсуси пайҳои ҷиноят, дар фаҳмиши анъанавӣ мавҷуд набудани ҷабрдида аз ҷиноят ва монанди инҳо [13,с.159-166].

Омили дигари ба таҷрибаи тафтиши ҷинояти мазкур таъсиррасонанда, ин паҳн кардани маводи порнографияи кӯдакона тавассути шабакаи интернет ба ҳисоб меравад, ки новобаста аз он дар ин самт, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шудаанд. Аз ҷумла, барои тафтиш, ошкор ва мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки тавассути интернет содир мегарданд, моҳи ноябри соли 2013 дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон як воҳиди махсуси оперативӣ – шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва соли

2015 дар сохтори мақомоти прокуратура – шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии ҶТ таъсис дода шудааст. Самтҳои асосии фаъолияти шуъбаҳои мазкур, дар таъмини амнияти иттилоотии кормандони (мутахассисони) ширкатҳои саноати IP (операторони алоқаи мобилӣ, барномасозон ва ғайра) ва шаҳрвандон ифода мегардад. Аз ин рӯ, ин ширкатҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, метавонанд аз дастгирии иттилоотии (нигоҳдории) мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд ва мақомоти салоҳиятдори давлатӣ бошад, дар навбати худ, аз технологияи ин ширкатҳо зимни мубориза бар зидди чунин ҷиноятҳо, ки дар ҷараёни ҳамкорӣ дастрасии заруриро ба захираҳои ин ширкатҳо тақозо менамояд, бо мақсадҳои оперативӣ, тафтишӣ ва расмӣ истифода бурда метавонанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки мушкилоти аз ҳама муҳим, истифодаи «донишҳои махсус» дар исбот намудани ҳолати содир намудани ҷинояти паҳн кардани маводи порнографияи кӯдакона тавассути интернет ба шумор меравад [17,с.67-70]. Ин ба масъалаи иштироки мутахассисон ва коршиносони (экспертони) соҳаҳои гуногун дар ошкор, тафтиш намудан ва мубориза бар зидди ҷинояти мазкур алоқаманд мебошад.

Хусусияти содиршавии ҷинояти паҳн кардани маводи порнографияи кӯдакона тавассути интернет чунин аст, ки вобаста ба ҳар як ҳолати содиршавии ҷиноят, муфаттиш маҷбур аст бо қарори ваҷҳнок бо коршиноси соҳаи дахлдор муроҷиат намояд. Чунин сабабро бо ҳолатҳои зерин асоснок кардан мумкин аст: мавод ё предметҳои порнографияи кӯдакона, ки тавассути интернет паҳн карда мешаванд, ба сифати аломати асосии таркиби ҷиноят баромад намуда, ҳамзамон яке аз ҳолатҳое ба шумор меравand, ки бояд исбот карда шаванд. Чунин ҳолат хусусияти хосси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, восита ва тартиби баррасии маълумот дар бораи чунин категорияҳои ҷиноятҳоро муайян менамояд. Дар ин маврид, ба сифати ҳодисаи муайяншавада, дар мавод ва ё предметҳои бадастоварда, ҳолати хусусияти порнографӣ доштан ва дар онҳо акс ёфтани шахси бараъло ноболиғ, яъне шахсе, ки ба синни 18-солагӣ нарасидааст, баромад менамояд. Ба сифати нишонаҳои бадубасткунандаи таркиби ҷинояти мазкур бошад, он ҳолатҳое баромад менамоянд, ки дар мавод ё предметҳои (акс ва маводҳои) порнографӣ мумкин аст, шахси бараъло ба синни 14-солагӣ нарасида, тасвир шуда бошад. Маълум аст, ки на муфаттиш ва на таҳқиқбаранда салоҳияти ҳалли чунин масъаларо надоранд, зеро чунин ҳолат ба соҳаи «дониши махсус» алоқаманд аст.

Гузаронидани чунин намуди таҳқиқот бо дарназардошти хусусияти хосси ин ҷиноятҳо бисёр мушкил ва меҳнатталаб буда, ҷалби мутахассисон дар соҳаҳои гуногунро, ба монанди: равоншинос, ҷимоъшинос (сексолог) ва санъатшиносро талаб менамояд. Бояд тазаккур дод, ки мутахассисони мазкур дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавҷуд нестанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурияти муроҷиат намудан ба коршиносони муассисаҳои дигар пеш меояд (масалан Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи ҶТ), ки ё хароҷоти иловагӣ ва ё вақти зиёдро талаб менамояд, ва бо сабабҳои маълум чунин тартибот бо як қатор масоил алоқаманд аст.

Дар ин муассисаҳо усули муайяни гузаронидани чунин таҳқиқот мавҷуданд, ки аз рӯйи он объектҳои таҳқиқшаванда ҷиҳати алоқаманд будан ва ё набуданашон ба маводҳо ё предметҳои хусусияти порнографидошта бо акси кӯдак муайян карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки зимни таҳқиқот нишонаҳои расмии зерин бояд ба инобат гирифта шаванд: нишон додани ҳаракатҳои алоқаи ҷинсӣ бе алоқаи наздики ҷисмонӣ (намоиши урёни узвҳои таносули кӯдак, кӯдаки урён, урён ҳаракат намудани ӯро назорат ва ё сабт намудан, расми урёни ӯро гирифтан); нишон додани олотҳои ҷинсии кӯдак, маҷбур намудани ӯ барои даст расонидан ба олотҳои ҷинсии калонсолон ва навозиши маҳрамона (ё шаҳвонӣ); нишон додани ҳаракатҳои алоқаи ҷинсӣ бо истифодаи қувваи ҷисмонӣ.

Ҳангоми муайян намудани синну соли кӯдаке, ки дар расм ва сабти видеоӣ дарҷ гардидааст, чунин ҳолатҳо ба монанди қади кӯдак дар алоқамандӣ бо шахси болиғ, ба ҳам баробарии инкишофи бадани кӯдак ва монади инҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Хусусияти асосии ҷиноятҳои паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона дар он ифода мегардад, ки он дар зери таъсири буҳрони маънавӣ, идеологӣ, тарғиби парастиши ҷинсӣ ва шаклҳои гуногуни алоқаи ҷинсӣ асос ёфтааст, ташаккул меёбад.

2. Сабаби паст будани самаранокии чораҳои мубориза бар зидди ҷинояти паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона, пеш аз ҳама, дар мавҷудияти талаботи устувор ба порнографияи кӯдакона дар сомонаҳои интернетӣ мебошад, ки ин омил боиси афзоиши содиршавии ҷиноятӣ мазкур мегардад.

3. Порнография, аз ҷумла тасвири кӯдак, яке аз воситаҳои барангехтани ҳисси шаҳвонӣ буда, тамошои пайвастаи он, на танҳо ба пайдо шудани эҳтиёҷоти аз ҳад зиёд ба алоқаи ҷинсӣ, балки ба инкишофи вобастагии шахс аз тамошои он оварда мерасонад.

4. Аз таҳлили адабиётҳои соҳавӣ метавон нишонаҳои зерини паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдаконаро ҷудо намуд: иникосёбии иштироки кӯдак дар фаъолияти шаҳвонӣ; тасвири воқеии кӯдак, ки ба фаъолияти шаҳвонӣ машғул аст.

5. Порнографияи кӯдакона дар интернетро метавон як навъ истисмори ҷинсии кӯдакон бо истифода аз васоити мухталиф эътироф намуд, зеро дар натиҷаи он на танҳо пояҳои ахлоқи ҷамъиятӣ хароб мегарданд, балки ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҳам аҳолии калонсол ва ҳам кӯдакон (наврасон) низ халал ворид мегардад.

**Муқарриз: д.и.ҳ. профессори ДМТ - Назаров А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. [Манбаи электронӣ]. URL: www.refworld.org/cgi-bin/texis/vtx/rwmain/opendocpdf.pdf?reldoc-y&docid-4ab0d37d2 [санаи муроҷиат: 27.05.2023].
2. Абашидзе А.Х. Борьба с использованием новых технологий в целях торговли детьми и их сексуальной эксплуатации / А.Х. Абашидзе, К.О. Кебурия, А.М. Солнцев // Евразийский юридический журнал. – 2017. – №11. -С.342-345.
3. Дьяченко А.П. Имплементация положений Европейской конвенции о защите детей от сексуальной эксплуатации и посягательств сексуального характера в уголовное и уголовно-процессуальное законодательство России / А.П. Дьяченко, Е.И. Цымбал // Уголовное право. -2013. -№2. -С.115.
4. Зазирная М.М. Преступления в сфере оборота порнографических материалов и предметов: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Зазирная Мария Максимовна. –М., 2016. -213 с.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.05.2023).
6. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак бо қатъномаи 44/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардида, барои имзо, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ кушода аст. Аз 02 сентябри соли 1990 эътибор пайдо кардааст. Конвенсияи мазкур аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 октябри соли 1993 ба тасвиб расида, аз 25 ноябри соли 1993 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо кардааст // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2018. -С.64-95.
7. Конвенция о компьютерных преступлениях. -Будапешт, 23 ноября 2001 года. [Электронный ресурс]. URL: https:// www.coe.int/ru/web/impact-convention-human-rights/convention-on-cybercrime#:~:text (дата обращения: 29.05.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 14 марти соли 2014, таҳти №1066.
9. Куликов В.Н. Предмет как орудие преступления, предусмотренного статьей 242 УК РФ // Российский следователь. 2005. № 3.: С. 18.
10. Маҷидзода Ҷ.З., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). -Душанбе, 2019. - С.10-11.
11. Официальный отчет 45-й сессии Генеральной Ассамблеи ООН. – 1990. – №625/А -45/625. [Электронный ресурс]. URL: http://www.un.org/ru/ga/documents/gares.shtml. (санаи муроьиат: 02.11.2020).
12. Сайтарлы Т. Детская порнография и педофилия в Интернете // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. Выпуск 1. - Запорожье, 2004 - С. 35-40.
13. Смагоринский Б.П. Особенности расследования изготовления материалов с порнографическими изображениями несовершеннолетних, совершенных с использованием информационно-телекоммуникационных технологий / Б.П. Смагоринский, В.Б.Вехов, А.Н. Мартынов // Вестник Волгоградской академии МВД России, 2012. -№ 1 (20). -С. 159-166.
14. Уголовный кодекс Турции. – СПб, 2003. – С. 272-275.
15. Уголовный кодекс Швейцарии. – СПб, 2002. – С. 213-214.
16. Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон. дис. … номзади илмҳои ҳуқуқ: 12.00.08 / Шарипов Саймузаффар Саймузаффарович – Душанбе, 2020. – 203 с.

17. Шиенов В.П. Методологические вопросы предупреждения детской порнографии / В.П.Шиенов, П.Л.Боровик // Вестник академии МВД Республики Белорус, 2014. - №1. (27). - С.67-70.

## ПОРНОГРАФИЯИ КӮДАКОН ДАР ИНТЕРНЕТ: МАФҲУМ, ОҚИБАТ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ОН

Дар мақолаи мазкур порнографияи кӯдакон дар интернет: мафҳум, оқибат ва масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бо он мавриди таҳқиқ қарор нд Имконияти васеи истифодаи интернет, механизми содир шудани бисёре аз ҷиноятҳоро комилан дигаргун намуда, гурӯҳ ва намудҳои нави ҷиноятҳоро ба вуҷуд овард. Фаъолияти шахсони содиркунандаи паҳн кардани маводи марбут ба порнографияи кӯдакона дар амал шакли муташаккилонаро соҳиб гашта, хусусияти байниминтақавӣ ва трансмиллиро доро гардид. Ҳамчунин, дар мақола бо дарназардошти омӯзиши вазъият ва оқибатҳои паҳн намудани порнографияи кӯдакон дар интернет, аз ҷумла, барои тафтиш, ошкор ва мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки тавассути интернет содир мегарданд, самтҳои асосии фаъолияти Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳиди махсуси оперативии он – шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ва шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии ҶТ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** порнографияи кӯдакон, интернет, шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, киберфазо, ҷиноят, муҳофизат, тасвирҳои порнографӣ, технологияи компютерӣ, истисмор, мубориза.

## ДЕТСКАЯ ПОРНОГРАФИЯ В ИНТЕРНЕТЕ:ЗНАЧЕНИЕ, ПОСЛЕДСТВИЯ И УГОЛОВНО-ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ БОРЬБЫ С НЕЙ

В данной статье рассмотрено детская порнография в сети Интернет: понятие, последствия и уголовно-правовые вопросы борьбы с ней. Широкие возможности использования Интернета полностью изменили механизм совершения многих преступлений и породили новые группы и виды преступлений. Деятельность лиц, причастных к распространению материалов, связанных с детской порнографией, получила организованный межрегиональный и транснациональный характер. Также в статье с целью изучения ситуаций и последствий распространения детской порнографии в сети Интернет, в том числе для расследования, выявления и пресечения преступлений, совершенных посредством сети Интернет, проанализированы основные направления деятельности Управления по борьбе с организованной преступностью МВД РТ и его специального оперативного подразделения – отдела по борьбе с преступлениями в сфере информационной безопасности и отдела по борьбе с киберпреступлениями Генерального прокуратура РТ.

**Ключевые слова:** детская порнография, интернет, информационные и телекоммуникационные сети, киберпространство, преступность, защита, порнографические изображения, компьютерные технологии, эксплуатация, борьба.

## CHILD PORNOGRAPHY ON THE INTERNET: SIGNIFICANCE, CONSEQUENCES AND CRIMINAL LEGAL ISSUES, FIGHTING IT

This article discusses child pornography on the Internet: the concept, consequences and criminal law issues of combating it. The broad possibilities of using the Internet have completely changed the mechanism for committing many crimes and have given rise to new groups and types of crimes. The activity of persons involved in the distribution of materials related to child pornography has assumed an organized character and is of an interregional and transnational nature. Also, in order to study the situation and consequences of the spread of child pornography on the Internet, including for the investigation, detection and suppression of crimes committed via the Internet, the article analyzes the main activities of the Department for Combating Organized Crime of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, and its special operational units - department for combating crimes in the field of information security and the department for combating cybercrime of the General Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: child pornography, internet, information and telecommunications networks, cyberspace, crime, protection, pornographic images, computer technology, exploitation, combat.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Таджикский нациаональный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** - Tanjik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

ТДУ: 342.7

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

*Солеҳи Раззоқ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити кунунии иқтисодии Тоҷикистон, бинобар зарурати татбиқи як қатор лоиҳаҳо соҳаи сохтмон дар рушди иқтисодии мамлакат аҳаммияти хосса дорад. Бе танзими дурусти (муайян кардани) вазъи ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон дигаргунсозӣ ва навсозии соҳа ва ба ин васила ноил шудан ба ҳадафҳои зарурии стратегӣ ғайриимкон аст.

Барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон заминаи ҳуқуқиро, ки вазъи ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самтро муайян мекунад, ба низом даровардан, муайян кардани сарҳад ва нуқтаҳои робитаи падидаҳои ҳуқуқии гуногунро муайян кардан, имкони назорати давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи субъектонро зарур аст.

Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон яке аз самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ - падидаи нав дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад, ки бо ҷаҳонишавии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат алоқаманд аст.

Фаъолияти сохтмонӣ як намуди фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ танзим карда мешавад. Дар баробари ин, сохтмон яке аз намудҳои асосии фаъолияти шаҳрсозӣ буда, бо меъёрҳои қонунгузории шаҳрсозӣ низ танзим карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки муносибати байни мафҳумҳои «фаъолияти шаҳрсозӣ», «сохтмон» ва «фаъолияти сохтмонӣ»-ро муайян намоем.

Дар доираи фаъолияти шаҳрсозӣ фаъолият оид ба рушди ҳудудҳо, аз ҷумла шаҳрҳо ва дигар нуқтаҳои аҳолинишин, ки дар шакли банақшагирии ҳудудӣ, шаҳрсозӣ, банақшагирии ҳудуд, тарҳрезии меъморӣ ва сохтмонӣ, сохтмон, таъмири асосӣ амалӣ карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрсозӣ – назарияву амалияи банақшагирӣ, сохтмони бино ва иншоот дар маҳалҳои аҳолинишин мебошад, ҳудудҳои байни маҳалҳои аҳолинишин, ки ба амалисозии маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоӣ, сохтмонию техникӣ, меъморию бадеӣ, санитарию беҳдоштӣ ва экологӣ равона шудаанд. Фаъолияти шаҳрсозӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи банақшагирии шаҳрсозии рушди ҳудудҳо, маҳалҳои аҳолинишин, муайян кардани намудҳои истифодаи қитъаҳои замин, истеҳсоли мавод ва маснуоти сохтмонӣ, корҳои ҷустуҷӯию муҳандисӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва таҷдиди биноҳо ва иншоот.

Дар баробари ин, дар қонунгузории муосир мафҳуми истилоҳи «фаъолияти сохтмонӣ» вуҷуд надорад.

Тавре ки аз таърифҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, сохтмон як навъ фаъолияти шаҳрсозӣ мебошад. Аён аст, ки ин мафҳумҳо баробар нестанд, зеро банақшагирии шаҳр ба ғайр аз сохтмон, масалан, банақшагирии минтақа, минтақабандии шаҳр ва ғайраро дар бар мегирад.

Танзими ҳуқуқии сохтмон бо ёрии қонунгузории гражданӣ ва шаҳрсозӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти умумиро оид ба шартномаҳои сохтмон муқаррар мекунанд ва ғайра.

Дар баробари ин, танҳо меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои мураккаби ҷамъиятиро, ки вобаста ба сохтмон инкишоф меёбанд, таъмин карда наметавонанд. Масалан, ҳангоми сохтани баъзе навъҳои биноҳо меъёрҳои конунгузории шаҳрсозӣ ва талаботи қоидаҳо ва ҳоидаҳои асосии бинокории зеринро ба назар гирифтан лозим аст.

Шахсоне, ки сохтмон, азнавсозӣ, таъмири асосии объектҳои сохтмони асосиро анҷом медиҳанд (минбаъд - шахси анҷомдиҳандаи сохтмон) метавонанд шахси воқеӣ ё ҳуқуқие бошанд, ки аз ҷониби лоиҳакаш ё фармоишгар дар асоси шартномае, ки дорои ҳуҷҷатҳои иҷозат мебошад, ҷалб карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар айни замон қонунгузорӣ ба ҷойи иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти сохтмонӣ аз ширкати сохтмонӣ гирифтани шаҳодатномаро дар бораи қабул ба намудҳои кор оид ба сохтмон, азнавсозӣ, таъмири асосии иншооти сохтмонии асосие, ки ба бехатарии сармоя таъсир мерасонанд, пешбинӣ менамояд.

Мафҳумҳои «сохтмон» ва «фаъолияти сохтмонӣ» умумияти зиёд доранд. Сохтмон, инчунин фаъолияти бинокориро субъекти махсуси ҳуқуқи шаҳрсозӣ — пудратчиро ба амал мебарорад. Натиҷаи фаъолияти сохтмон, инчунин натиҷаи сохтмон объекти сохтмони асосӣ (бино, иншоот, сохтмони нотамом) мебошад, ки ҳуқуқ ба он бояд ба қайд гирифта шавад. Аммо аз ҷҳхати мазмун мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ» назар ба мафҳуми «сохтмон» васеътар аст.

Сохтмон, чунонки аз худи мафҳум дида мешавад, бевосита бо сохтани биноҳо, иншоот, (аз ҷумла дар ҷойи объектҳои сохтмони асосӣ вайроншуда) алоқаманд аст.

Фаъолияти сохтмонӣ на танҳо сохтмони мустақим, балки аз ҷониби таҳиякунанда иҷрои вазифаҳои муайян ва талаботи қонунгузории шаҳрсозӣ вобаста ба омодагӣ ба сохтмон, иҷро ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, инчунин бақайдгирии ҳуқуқ ба натиҷаи сохтмонро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти сохтмонӣ бояд ҳамчун маҷмуи амалҳои пайгирона ва ҳатмии таҳиякунанда вобаста ба омодагӣ ба сохтмон, таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, сохтмони мустақим, инчунин бақайдгирии ҳуқуқ ба натиҷаи сохтмони пешбинишуда фаҳмида шавад.

Дар баробари ин, меъёрҳои ҳуқуқи граждании ва шаҳрсозӣ дар як вақт дар танзими ҳуқуқии фаъолияти сохтмонӣ иштирок мекунанд. Ҳамин тариқ, меъёрҳои Кодекси гражданӣ муқаррароти умумӣ дар бораи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳамчун субъектҳои асосии фаъолияти сохтмонӣ, инчунин муқаррароти умумӣ оид ба шартномаи сохтмон муқаррар карда мешавад. Меъёрҳои қонунгузории шаҳрсозӣ мақоми ҳуқуқии ин субъектҳоро муайян мекунанд (масалан, мафҳуми чунин субъектро ҳамчун «фармоишгар» муайян мекунанд), хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии онҳоро муқаррар мекунанд (масалан, тартиби гирифтани шаҳодатномаи қабул) ба намудҳои сохтмон, азнавсозӣ, таъмири асосии объектҳои сохтмони ташкилоти худтанзимкунӣ, ки ба бехатарии объектҳои сохтмони асосӣ таъсир мерасонанд), инчунин муқаррар намудани регламентҳои техникӣ, кодексҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ, ки барои риоя ҳатмӣ мебошанд.

Тавре қайд гардид, субъектҳои фаъолияти сохтмонӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

Субъектҳои фаъолияти сохтмонӣ метавонанд ба ҳайси зерин баромад кунанд:

- фармоишгарон;
- таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ;
- пудратчиён;
- истифодабарандагони объектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ.

Субъектҳои фаъолияти сохтмонӣ ҳуқуқ доранд аз мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ оид ба таҳия ва қабули қарорҳои вобаста ба банақшагирии дарпешистода, сохтмон ва таҷдиди маҳалҳои аҳолинишин, низом ва ҳудудҳои онҳо, ки қобилияти таъсир расониданро ба фаъолияти шаҳрсозии онҳо дорад, иттилоот гиранд.

Субъектҳои фаъолияти сохтмонӣ вазифадоранд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замини ба онҳо барои истифодаи таъиноти мақсаднок додашударо истифода баранд, инчунин ба объектҳои мероси фарҳангӣ, манзараҳои табиӣ ва сунъӣ зарар нарасонанд, ба амале, ки муҳити зистро вайрон мекунад, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои дигари фаъолияти шаҳрсозиро халалдор менамояд, роҳ надиҳанд.

Фармоишгарони фаъолияти шаҳрсозӣ метавонанд мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд.

Фармоишгарони фаъолияти шаҳрсозӣ ҳуқуқ доранд:

- таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоянд ва барои таҳияи онҳо шартнома банданд;
- пудратчиёни сохтмони объектҳоро интихоб намоянд ва бо онҳо шартнома банданд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигарро амалӣ намоянд.

3. Фармоишгарони фаъолияти шаҳрсозӣ ӯҳдадоранд:

- қонунгузории соҳаи шаҳрсозиро риоя намоянд;
- лоиҳаи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро, ба истисноი ҳуҷҷатҳое, ки тибқи моддаи 64 Кодекси шаҳрсозӣ аз экспертиза гузаронидани онҳо ҳатмӣ нест, барои гузаронидани экспертизаи давлатӣ бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти экспертиза пешниҳод намоянд;
- назорати техникии ҷараёни таҳияи лоиҳа, мутобиқати корҳои иҷрошудаи сохтмониро ба лоиҳа ва сифати сохтмон таъмин намоянд;
- ҳангоми татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ назорати муаллифиро ба роҳ монанд;
- экспертизаи лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро, ба истисноი ҳуҷҷатҳое, ки тибқи моддаи 64 Кодекси шаҳрсозӣ аз экспертиза гузаронидани онҳо ҳатмӣ нест, бо тартиби муқарраргардида таъмин намоянд;
- ҷараёни лоиҳакашӣ ва назорати техникии сифати сохтмонро назорат кунанд;
- иҷрои назорати муаллифиро ҳангоми татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ таъмин намоянд;
- тайёрии саривақтии ҳуҷҷатҳои ибтидоию иҷозатдиҳӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро таъмин намоянд.

Фармоишгарони фаъолияти шаҳрсозӣ метавонанд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳо бошанд.

Таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ метавонанд шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ бошанд, ки фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

Таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ ҳуқуқ доранд:
- таркиб ва ҳаҷми ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии таҳияшавандаро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян созанд;
- дар озмунҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ иштирок намоянд;
- назорати муаллифиро ҳангоми татбиқи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ амалӣ намоянд;
- дар бораи боздоштан ё манъ кардани корҳои сохтмонӣ, васлгарӣ ва корҳои махсус, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон зарар мерасонанд ва барои аз байн бурдани объектҳои мероси фарҳангӣ таҳдид менамоянд, ҳангоми риоя накардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқгардида ва талаботи меъёрӣ, инчунин ба манфиати ҷамъият, давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар мерасонанд, пешниҳод манзур намоянд;
- ҳангоми зарурат ба ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии тасдиқшуда дар мувофиқа бо фармоишгар, мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ ва экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ бо тартиби муқарраргардида тағйиру иловаҳо ворид намоянд;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амалҳоро иҷро кунанд.

Таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ уҳдадоранд:
- таҳияи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;
- бо тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии барои фармоишгарон таҳиянамударо бо онҳо ва дигар мақомоти дахлдор мувофиқа намоянд.

Таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ метавонанд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигар низ бошанд.

Пудратчиёни фаъолияти шаҳрсозӣ метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд, ки фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунанд.

Пудратчиёни фаъолияти шаҳрсозӣ ҳуқуқ доранд:
- дар таҳияи қарорҳои нави конструктивии биноҳо, иншоот ва дигар объектҳо иштирок намоянд;
- дар мувофиқа бо таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ, фармоишгарон ва мақомоти экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ ба ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ тағйироте ворид намоянд, ки ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои техникию иқтисодӣ бе паст кардани симои меъморию бадеӣ ва ҳалли конструктивии биноҳо, иншоот ва объектҳои дигар равона гардидаанд;
- аз таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ маслиҳатҳои техникии заруриро гиранд;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амалҳоро иҷро намоянд.

Пудратчиёни фаъолияти шаҳрсозӣ уҳдадоранд қонунгузории шаҳрсозиро риоя кунанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло зикршуда, хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст.

Аввалан, дар натиҷаи таҳлили мафҳумҳои «сохтмон», «фаъолияти шаҳрсозӣ» ва «фаъолияти сохтмонӣ» камбудии қонунгузории муосир ошкор гардид, ки айни замон мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ» дар қонунгузорӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки таърифи мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Ҳамин тариқ, фаъолияти сохтмонӣ бояд ҳамчун маҷмуи амалҳои пайгирона ва ҳатмӣ аз ҷониби пудратчӣ вобаста ба омодагӣ ба сохтмон, иҷро ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, бевосита сохтмон, инчунин бақайдгирии ҳуқуқ ба натиҷаи сохтмони пешбинишуда фаҳмида шавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ, дотсенти ДМТ - Мирзозода П.**


### АДАБИЁТ

1. Ганеев Р.Р. О сущности градостроительного права и его связях с гражданским правом / Р.Р. Ганеев // Евразийский юридический журнал. - 2010. -№2(21).
2. Предпринимательское право. Правовое регулирование отраслей реального сектора: учебное пособие для бакалавриата и магистратуры / Г.Ф. Ручкина [и др.]. Под ред. Г.Ф. Ручкиной. - 2-е изд., перераб. и доп. -М.: Издательство Юрайт, 2018. -192 с. http://www.iprbookshop.ru/68931.html
3. Разуваев А.А. Экспертиза как средство повышения эффективности процесса правореализации (вопросы теории и практики): автореф. дис. ... канд. юрид. наук / А.А. Разуваев. -Саратов, 2006.
4. Романов Ю.А. Правовое положение саморегулируемых организаций в строительной сфере по законодательству Российской Федерации: автореф. дисс...канд. юрид. наук / Ю.А. Романов. –М., 2012.
5. Сальникова Л.В. Договоры в строительстве с комментариями / Л.В. Сальникова. -М.: Ось-89, 2006. -368 с.
6. Технический регламент о безопасности зданий и сооружений: Федеральный закон от 30 декабря 2009 г. № 384-ФЗ // СЗ РФ. - 04.01.2010. - № 1.
7. Ткач А.Н. Комментарий к Федеральному закону "О лицензировании отдельных видов деятельности / А.Н. Ткач. -Москва: Юридический Дом "Юстицинформ" 2003.
8. Челышев М.Ю. Основы учения о межотраслевых связях гражданского права / М.Ю. Челышев. -Казань: Изд-во Казан. гос. ун-та, 2008.
9. Юшкевич С.П. Договор строительного подряда / С.П. Юшкевич. -М.: Ось-89, 2006. -400 с.
10. Шохин Д.В. Сущность и назначение разрешительной системы / Д.В. Шохин // Вестник Московского университета. Сер. 11. Право. 2010. -№6.
11. Шашкова, А.В. Предпринимательское право: учебник для академического бакалавриата / А.В. Шашкова. -М.: Издательство Юрайт, 2018 -247 с. http://www.iprbookshop.ru/68931.html
12. Щенникова Л.В. Институт самовольной постройки в свете задач градостроительства и архитектурной деятельности в Российской Федерации / Л.В. Щенникова // Закон. - 2008. -№11.
13. Эриашвили Н.Д. Предпринимательское право: учебник для студентов вузов / Н.Д. Эриашвили; под ред. Н.М. Коршунова, Н.Д. Эриашвили: -М.: ЮНИТИ, «Закон и право». -2-е изд., перераб. и доп. - Закон и право, 2003.
14. Юхнин А. Организационно-правовая форма СРО как юридического лица / А. Юхнин // Журнал российского права. - 2011. -№19.


### ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ СОХТМОНӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ


Дар мақола масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии фаъолияти сохтмонӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф варианти шахсии таърифи мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ»-ро пешниҳод намуда, марҳилаҳои асосии фаъолияти сохтмонӣ ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳоро тавсиф менамояд. Дар асоси маводи дар мақола зикршуда, хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст. Аввалан, дар натиҷаи таҳлили мафҳумҳои «сохтмон», «фаъолияти шаҳрсозӣ» ва «фаъолияти сохтмонӣ» камбудии қонунгузории муосир ошкор гардид, ки айни замон мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ» дар қонунгузорӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки таърифи мафҳуми «фаъолияти сохтмонӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Ҳамин тариқ, фаъолияти сохтмонӣ бояд ҳамчун маҷмуи амалҳои пайгирона ва ҳатмӣ аз ҷониби пудратчӣ вобаста ба омодагӣ ба сохтмон, иҷро ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, бевоситаи сохтмон, инчунин бақайдгирии ҳуқуқ ба натиҷаи сохтмони пешбинишуда фаҳмида шавад.



**Калидвожаҳо:** ташкилотҳои сохтмонӣ, вазъи ҳуқуқӣ, таҳлили мафҳумҳои «сохтмон», «фаъолияти шаҳрсозӣ» ва «фаъолияти сохтмонӣ», камбудии қонунгузории муосир.


### ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ СТРОИТЕЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ КАК СУБЪЕКТА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В статье раскрываются актуальные вопросы правового регулирования строительной деятельности. Автор представляет свой личный вариант определения понятия «строительная деятельность» и описывает основные этапы строительной деятельности и особенности их правового регулирования. Прежде всего, в результате анализа понятий «строительство», «градостроительная деятельность» и «строительная деятельность» выявлены недостатки современного законодательства, что в настоящее время понятия «строительная деятельность» не существует. в

законодательстве. Поэтому предлагается закрепить определение понятия «строительная деятельность» на законодательном уровне. Таким образом, под строительной деятельностью следует понимать совокупность последовательных и обязательных действий подрядчика, связанных с подготовкой к строительству, оформлением и утверждением необходимой документации, непосредственным строительством, а также оформлением прав на ожидаемый результат строительства.

**Ключевые слова:** строительные организации, правовой статус, анализ понятий «строительство», «градостроительная деятельность» и «строительная деятельность», недостатки современного законодательства.

## LEGAL STATUS OF CONSTRUCTION ORGANIZATIONS AS BUSINESS ENTITIES

The article reveals current issues of legal regulation of construction activities. The author presents his personal version of the definition of the concept of "construction activity" and describes the main stages of construction activity and the features of their legal regulation. First of all, as a result of the analysis of the concepts of "construction", "urban planning activity" and "construction activity", the shortcomings of modern legislation were identified, that at present the concept of "construction activity" does not exist. in legislation. Therefore, it is proposed to consolidate the definition of the concept of "construction activity" at the legislative level. Thus, construction activity should be understood as a set of sequential and mandatory actions of the contractor related to preparation for construction, preparation and approval of the necessary documentation, direct construction, as well as registration of rights to the expected result of construction.

**Keywords:** construction organizations, legal status, analysis of the concepts of "construction", "urban planning activity" and "construction activity", shortcomings of modern legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Солеҳи Раззоқ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-21-25-65**

**Сведения об авторе:** ***Солех Раззок*** - Таджикский национальный университет**,** докторант Ph.D кафедры предпринимательского и коммерческого права. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе,проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-21-25-65**

**Information about the author**: ***Soleh Razzok*** - Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Entrepreneurship and Commercial Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-21-25-65**

**УДК: 343-21.7(575.3)**

# ПРИМЕНЕНИЕ ПРИНЦИПА NE BIS IN IDEM В УГОЛОВНОМ ЗАКОНЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Сафарзода Анвар Ислом, Камолов Х.С.***
**Таджикский национальный университет**

Реализация уголовно-правовых положений и их эффективность во многом зависят от того, как будут использованы базисные положения, определяющие характер и сущностные характеристики, позволяющие познать те или иные явления общественной жизни, установить их взаимосвязь и взаимообусловленность. Востребованным и научно признанным является сформулированный правовой доктриной институт правовых принципов вообще и принципов международного уголовного права в частности.

Развитие и дальнейшее совершенствование международного уголовного права будут эффективными, если международное сообщество создаст отвечающие социальным потребностям правовые инструменты, базирующиеся на правовых принципах. Однако проводимые научные исследования не позволили решить многочисленные проблемы в отношении принципов международного уголовного права и таким образом создать научную основу для разработки принципов национального уголовного законодательства [6,с.452].

Специфика отрасли международного уголовного права, безусловно, требует разработки и собственной системы принципов. Особое значение данное обстоятельство приобретает в свете указания ст. 21 Римского Статута, закрепляющего возможность использования «в соответствующих случаях, применимые международные договоры, принципы и нормы международного права, включая общепризнанные принципы международного права вооруженных конфликтов» [10,с.16]. При этом слово "принцип" происходит от латинского слова "principum", означающего основу, фундамент, на котором строятся научные законы и другие юридические документы. Принципы права - это руководящие нормы права, определяющие содержание и направления правового регулирования. Они выступают в качестве ведущих концепций и идей для законодателей и субъектов тех или иных отраслей права [16,с.15]. Представляется, что принципы международного уголовного права следует определить как систему основополагающих идей, положений и установок, определяющих общую основу развития и применения норм международного уголовного права.

Общепризнанные принципы уголовного права были впервые сформулированы в Уставе ООН [13], Уставе Нюрнбергского трибунала[14], впоследствии получили свое развитие и закрепление во Всеобщей Декларации прав человека [1], Международном пакте о гражданских и политических правах [8], Декларации о принципах международного права 1970 года [2], Заключительном акте совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе 1975 г.[5], проекте кодекса преступления против мира и безопасности человечества [10], затем кодифицировались в Римском Статуте Международного Уголовного Суда [11]. В указанных правовых актах провозглашаются незыблемые правовые положения – принципы, а именно:

- право на жизнь. Жизнь человека охраняется законом, и никто не может быть произвольно лишен жизни;
- запрет на применение смертной казни. Смертная казнь как исключительная мера наказания применяется только за особо тяжкие преступления в соответствии с законом. Приговоренные к данному виду наказания имеют право просить о помиловании или смягчении наказания;
- запрет на применение пыток. Никто не должен подвергаться пыткам или жестоким бесчеловечным или унижающим достоинство обращению и наказанию;
- право на личную свободу. Все люди рождаются равными в своих достоинствах и правах и имеют право на признание их правосубъектности. Они имеют право свободно передвигаться и выбирать себе местожительство в пределах любого государства, покидать любую страну, включая свою собственную, и возвращаться в свою страну обратно;

- право на гласное рассмотрение дела в суде. Для определения прав и обязанностей при предъявлении обвинения каждый человек имеет право на основе полного равенства на то, чтобы его дело было рассмотрено гласно и с соблюдением всех требований справедливости и беспристрастным судом; - право на личную неприкосновенность. Никто не может быть подвергнут произвольному аресту, задержанию или изгнанию иначе как на основании и в соответствии с процедурами, установленными законом, предъявленным ему уголовным обвинением;

- презумпция невиновности. Человек считается невиновным до тех пор, пока его виновность не будет установлена законным порядком в суде; — право на пересмотр судебного приговора. Осужденный за какое-либо преступление имеет право на пересмотр дела в вышестоящей судебной инстанции согласно закону;

- право на безвозмездное пользование услугами переводчика. Лицо, не владеющее языком, на котором осуществляется судопроизводство, то есть разбирательство в суде, имеет право на бесплатную помощь переводчика; — право на равную защиту. Все люди равны перед законом и имеют право без всякого различия на равную защиту закона от какой бы то ни было дискриминации и от какого бы то ни было подстрекательства к такой дискриминации;

- право на восстановление нарушенных прав. Каждый человек имеет право на эффективное восстановление в правах компетентными и национальными судами в случае нарушения его основных прав, предоставленных ему Конституцией или законом. Названные принципы трансформированы в принципы международного уголовного права, а также в национальное законодательство, что свидетельствует о неразрывной связи и взаимообусловленности уголовно-правовых систем;

- Справедливость (Ne bis in idem). Нельзя судить дважды за одно и то же преступление.

- Принципы устовновлени в части 3. ст. 22-33 Римского Статута Международного Уголовного Суда

Принцип ne bis in idem является одним из основополагающих принципов, отражающих «справедливость» в международном уголовном праве и запрещающих повторное осуждение лица за совершение одного и того же преступления по международному уголовному праву. В полной версии этот принцип представлен в ст. 9 Проекта кодекса преступлений против мира и безопасности человечества, состоящего из двух частей:

1. Никто не может подвергаться судебному преследованию или наказанию за преступление, если это лицо было осуждено или оправдано каким-либо международным судом.

2. Никто не может быть привлечен к ответственности или наказан за совершение преступления, если это лицо уже было осуждено или оправдано. Если национальный суд вынес обвинительный акт, то обязательно условие его исполнения [10].

При определении этого принципа Комиссия международного права ООН исходила из того, что одно преступление может повлечь только одно последствие в виде наказания. В противном случае наказание по международному уголовному праву будет неограниченным [3].

Нельзя не согласиться с позицией А.В. Наумова о том, что справедливость в уголовном праве, выражающаяся в возможности однократной ответственности за одно преступление, "аккумулирует" в себе другие важнейшие принципы – ведь все они характеризуют определенный аспект справедливости в уголовном праве, без которого нет справедливости права в целом. Таким образом, справедливость можно рассматривать и как обобщающий принцип, и как обобщающее начало уголовного права[9,с.60]. Такое положение вещей полностью характерно и для международного уголовного права.

Однако формулировка принципа справедливости имеет глубокие правовые последствия. Факт совершения преступления в соответствии с международным уголовным правом влечет за собой ответственность лица по международному уголовному праву или национальному уголовному праву (поскольку в большинстве стран включая Руспублики Таджикистан нормы международного уголовного права имплементированы в национальное законодательство). При этом принцип «нельзя судит дважде зо одно и то же» является своеобразным регулятором возникновения, развития и реализации охраняемых правоотношений в международном уголовном праве.

По сути, если к лицу, совершившему преступление, применена норма национального уголовного права, то исходя из этого принципа, оно не может быть наказано по международному уголовному праву, и наоборот. И в данном случае принцип справедливости является критерием понимания сущности особенностей правоотношений в международном уголовном праве.

Учитывая, что этот принцип воплощает справедливость, международное уголовное право прямо исключает его в силу «недобросовестного» применения уголовно-правовых норм (международных или национальных).

В ч. 3 ст. 20 Статута Международного уголовного суда есть положение о возможности повторного рассмотрения дела в Международном суде в отношении лица, с которым национальный (или иной) суд обошёлся явно несправедливо:

А) Судебное разбирательство назначено «в целях защиты лица от ответственности за преступления, подсудные Суду»;

Б) Судебное разбирательство проводилось иным образом, т.е. независимо или беспристрастно, когда не было реальной цели «привлечь к ответственности соответствующее лицо» [12].

Однако наличие или отсутствие оснований для использования таких исключительных положений полностью зависит от усмотрения Международного Суда. Такое положение юридически допустимо, поскольку основанием для повторного судебного разбирательства (но уже международного) является тот факт, что лицо не было осуждено национальным судом за преступление, в котором оно подозревалось. Фактически рассматриваемым принципом является не невозможность повторного привлечения к суду за преступление, а невозможность осуждения лица за одно и то же преступление. При этом основанием для снятия с осуждения может быть «искусственная» уголовная оговорка, которая по нормам международного уголовного права рассматривается как общеуголовное деяние.

В соответствии с ч. 4 ст. 9 проекта Кодекса преступлений против мира и безопасности человечества, лицо, предстающее перед национальным судом и осужденное в одной стране, может повторно предстать перед судом другой страны и быть осужденным при наличии таких обстоятельств:

а) если деяние, послужившее основанием для вынесения решения судом иностранного государства, совершено на территории этого государства;

б) если это государство является «основной жертвой преступления» [10].

Это исключение (в настоящее время оно только предполагается - потому что оно есть в проекте Кодекса) не имеет официальной правовой основы, поскольку негативная правовая оценка деяния уже есть в решении другого суда. «Повторное признание вины» судом требует только учета приговора, вынесенного судом первой инстанции.

Однако такие правила прямо противоречат применимым международным нормам. Например, в соответствии с Европейской конвенцией о передаче судопроизводства по уголовным делам (15 мая 1972 г.) «Лицо, в отношении которого вынесено окончательное и подлежащее исполнению решение по уголовному делу, не может преследоваться в судебном порядке или быть осуждено и к нему не может применяться санкция за то же деяние в другом Договаривающемся государстве: А) Если оно было оправдано; Б) Если налагаемая санкция: i полностью применена или применяется, или ii полностью или в отношении ее непримененной части подпала под помилование или амнистию, или iii не может более применяться в силу срока давности; В) Если суд осудил правонарушителя, не наложив санкцию" [4].

Принцип ne bis in idem имеет большое значение в возникновении и реализации отношений охраняемых прав в международном уголовном праве. Одним из субъектов охраняемых прав в международном уголовном праве является физическое лицо, совершившее деяние, признаваемое преступлением по международному уголовному праву. Государство или юридическое лицо, совершившее деяние, считающееся преступлением, подлежит судебному преследованию в соответствии с международным правом.

Какие права и обязанности присущи физическому лицу, совершившему деяние, как субъекту правоотношений в международном уголовном праве? Принцип индивидуальной

ответственности прямо указывает на то, что такой человек, прежде всего, обязан нести ответственность за свои действия, то есть терпеть любые негативные последствия, обусловленные его действиями.

С точки зрения процессуальных отношений такое лицо имеет много прав (на справедливое рассмотрение дела, пользование услугами защитника и переводчика и т. особенность человека как субъекта. В правоотношениях его юридическая обязанность заключается в том, чтобы нести ответственность за свои действия.

Второй субъект материально-правовых отношений в международном уголовном праве – это субъект, который имеет некоторые права и обязанности по отношению к первому; что он учитывает нормы международного уголовного права при осуществлении таких прав или обязанностей. Применение норм международного уголовного права может осуществляться прямо и косвенно - через реализацию положений национального уголовного законодательства и в соответствии с положениями международного уголовного права. В обоих случаях применение международного уголовного права осуществляется национальными правоприменительными органами или международными правоприменительными органами (международный суд, международный военный трибунал).

Судя по прямым указаниям документов международного уголовного права, международные суды обычно являются органами, «дополняющими национальную систему уголовного правосудия» [12]. Поэтому, как правило, статус международного уголовного суда как субъекта правоотношений носит «вторичный» характер.

Таким образом, физическое лицо как нарушитель в отношении охраняемых прав сталкивается с двумя правоприменительными органами: 1) национальным (приоритетным) и 2) международным.

Охраняемые правоотношения в международном уголовном праве носят особый «ступенчатый» характер - нарушителю соответствуют два субъекта правоприменения. В то же время международные правоприменительные органы «действуют» для осуществления своего права на осуществление уголовного преследования по международному уголовному праву, если это невозможно или национальные правоприменительные органы отказываются от осуществления этого полномочия.

В то же время международные правопримительные органы «действуют» для осуществления своего права на осуществление уголовного преследования по международному уголовному праву, если это невозможно или национальные правоприменительные органы отказываются от осуществления этого полномочия.

Такая невозможность может возникнуть по ряду причин, в том числе:

• отсутствие в национальном законодательстве соответствующих критериев, квалифицирующих преступление и подлежащих наказанию в соответствии с применимым международным уголовным правом;

• нежелание отечественного правоприменителя напрямую применять нормы национального уголовного права или международного договора.

В таких случаях правоотношения реализуются путем разрешения правовых споров непосредственно международными органами. Например, согласно с требованием Статута Международного уголовного суда, МУС не вправе принимать дело к своему производству (осуществлять свои права как субъекта правоотношений по международному уголовному праву), если:

а) то же дело расследуется государственными судебными органами, производится (рассматривается).

б) если принято мотивированное решение государственного правоохранительного органа о прекращении преследования лица; в) если лицо осуждено национальным судом за совершение деяния [12];

По общему правилу национальный правоприменительный орган становится субъектом правоотношений в международном уголовном праве, если:

а) преступление совершено на территории данного государства;

б) преступным деянием был причинен "большой ущерб";

в) лицо, совершившее такое деяние, является гражданином этого государства.

Однако практика международного уголовного права знает примеры, когда правоотношения, возникающие в связи с совершением преступления, не носят субъективного «ступенчатого» характера. В этом случае правоотношения возникают и развиваются автоматически непосредственно между лицом, совершившим деяние, и международными правоприменительными органами без участия каких-либо национальных правоприменительных органов. Данный вид правоотношений в международном уголовном праве имеет место при создании исключительных органов международной юстиции, которые специально направлены на расследование и наказание над совершившими преступлениями (например, военные трибуналы Нюрнберга и Токио, ad hoc трибуналы по бывшей Югославии и Руанде) [7].

Следует отметить, что в уголовном законодательстве Республики Таджикистан применяется принцип ne bis in idem. Согласно требованиям Уголовного кодекса Республики Таджикистан, никто не может нести уголовную ответственность дважды за одно и то же преступление [15]. Это означает, что принцип ne bis in idem, изложенный в статье 35 Кодекса преступлений против мира и безопасности человечества, полностью имплементирован в Уголовном кодексе Республики Таджикистан (принцип справедливости).

Учитывая это, можно сказать, что принцип ne bis in idem уже присутствует в п. 2 ст. 8 УК РТ в том же значении, что и в ст. 35 Проекта кодекса преступлений против мира и безопасности человечества.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Всеобщая Декларация прав человека Ст. 1-30. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru
2. Декларация о принципах международного права от 24 октября 1970 года.
3. Доклад Комиссии Международного права о работе ее сорок шестой сесии от 2 мая-22 июля 1994. [Электронный ресурс]. https://www.legal-tools.org/
4. Европейская конвенция о передаче судопроизводства по уголовным делам (15 мая 1972 г.) Часть 5 ст.35. [Электронный ресурс]. https://rm.coe.int/1680072d62
5. Заключительный акт совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе от 1 августа 1975 г Часть 1 п.(а). [Электронный ресурс]. https://www.osce.org/
6. Кузнецов А.П. Принципы международного уголовного права / А.П. Кузнецов. - С.452.
7. Лобанов Сергей Александрович докторская диссертация на тему «Международная уголовная ответственность за военные преступления» ст.52
8. Международный пакт о гражданских и политических правах Часть 3. Статья 6-27. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru
9. Наумов А.В. Российское уголовное право: курс лекций: в 3 т./ А. В. Наумов. - М., 2011. -Т. 1. -С. 60.
10. Проект кодекса преступления против мира и безопасности человечества. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru
11. Римский Статут Международный Уголовный Суд С.16. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru/law/icc/rome_statute(r).pdf
12. Статут Международного уголовного суда ч.3 ст. 20. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru/law/icc/rome_statute(r).pdf
13. Устав ООН ст.2. [Электронный ресурс]. https://www.un.org/ru
14. Устав Международного Военного Трибунала в Нюрнберге от 8 августа 1945 Ст.6. [Электронный ресурс]. https://csdfmuseum.ru/
15. Уголовный кодекс Республики Таджикистан ст.8 https://continent-online.com/
16. Safaroda A.I., Kamolov Kh.S., Jurakhonov B.A. The criminal law of Tajikistan Dushanbe-2021 P.15


## ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ NE BIS IN IDEM ДАР ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақола ба яке аз принсипҳои асосии илми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ принсипи адолат (ne bis in edem)-и ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ нақши принсипи адолат бағоят бузург аст. Принсипи мазкур сарчашмаи худро аз лоиҳаи Кодекси ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният аз соли 1996 гирифтааст. Таъиноти принсипи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода мегардад, ки ҳар шахсе, ки ҷиноят содир менамояд, бояд як маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардад. Масалан, агар шахс дар қаламрави дигар давлат ҷиноят содир намояд ва дар ҳамон давлат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардида бошад, давлати дуюм наметавонад ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дуюмбора ҷалб намояд, ё ин ки агар шахс аз ҷониби Суди ҷиноятии байналмилалӣ маҳкум гардида бошад ва он ҷазоро адо намуда бошад, баъд аз бозгашт ба давлати худ новобаста аз намуди ҷинояти содиркардааш, дуюмбора ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда намешавад. Бояд қайд намоем, ки принсипи мазкур бо тарзҳои гуногун дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ҷаҳон аллакай ифодаи худро ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки заминаи қабули қонунҳои онро

принсипҳои қонуният, баробарии ҳама дар назди қонун, инсондӯстӣ, адолат ва демократизм ташкил медиҳад, дар самти татбиқ намудани меъёру принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пешсаф мебошад. Яке аз он принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон қабул гардида, дар қонунгузории миллӣ ҷорӣ карда шудааст, ин принсипи адолат (ne bis in idem) мебошад. Принсипи мазкур аллакай дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтааст. Тибқи б.2-и моддаи 8-и КҶҶТ ҳеҷ кас барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда намешавад. Муқаррароти мазкур манбаи худро аз моддаи 12-и Лоиҳаи кодекси ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният гирифтааст, ки тибқи он ҳеҷ кас наметавонад барои ҷинояти зидди сулҳ ва амнияти башарият, ки аз ҷониби суди ҷиноятии байналмилалӣ ниҳоят маҳкум ё сафед карда шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ аз нав ҷалб карда шавад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи ҷиноятии милли, хукуки чиноятии байналмилалӣ, Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, принсипи адолат, Суди байналмилалии ҷиноятӣ, Низомномаи Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ, мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаи миллӣ, Кодекси ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амниятӣ инсоният.

## ПРИМЕНЕНИЕ ПРИНЦИПА NE BIS IN IDEM В УГОЛОВНОМ ЗАКОНЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена одному из основных принципов науки международного уголовного права, принципу справедливости (ne bis in edem). В системе принципов международного уголовного права очень важна роль принципа справедливости. Этот принцип берет свое начало из проекта кодекса преступлений против мира и безопасности человека 1996 года. Назначение данного принципа выражается прежде всего в том, что каждое лицо, совершившее преступление, должно нести ответственность за содеянное. Например, если лицо совершает преступление на территории другого государства и преследуется за преступление в этом государстве, второе государство не может преследовать его за то же преступление, или если лицо было осуждено Международным уголовным судом и отбыло это наказание, однако после возвращения в свою страну, независимо от вида совершенного им преступления, оно не будет привлечено к ответственности за одно преступление дважды. Следует отметить, что этот принцип уже по-разному выражен в уголовном законодательстве стран мира. Республика Таджикистан как полноправный член мирового сообщества, законы которого основаны на принципах законности, равенства всех перед законом, гуманности, справедливости и демократизма, имеет высокие позиции в реализации норм и принципов международного права. Одним из принципов международного уголовного права, принятых странами мира и имплементированных в национальное законодательство, является принцип справедливости (ne bis in idem). Этот принцип уже нашел свое выражение в уголовном законодательстве Республики Таджикистан. Согласно ч. 2 ст. 8 УК РТ никто не может быть привлечен к уголовной ответственности дважды за одно и то же преступление. Это положение вытекает из статьи 12 Проекта кодекса преступлений против мира и безопасности человечества, согласно которой никто не может быть судим за преступление против мира и безопасности человечества, в совершении которого он уже был окончательно осужден или оправдан международным уголовным судом.

**Ключевые слова:** Национальное уголовное право, международное уголовное право, принципы международного уголовного права, принцип справедливости, Международный Уголовный Суд, Статут Международного Уголовного Суда, Национальные правоприменительные органы, Кодекс преступлений против мира и безопасности человечества.

## APPLICATION OF THE PRINCIPLE OF NE BIS IN IDEM IN THE CRIMINAL LAW OF TAJIKISTAN

The article is devoted to one of the basic principles of the science of international criminal law, the principle of justice (ne bis in edem) of international criminal law. In the system of principles of international criminal law, the role of the principle of justice is very important. This principle originates in the 1996 Draft Code of Crimes against Peace and Security of Mankind. The purpose of this principle is expressed primarily in the fact that every person who has committed a crime must be held responsible for what he has done. For instance, if a person commits a crime in the territory of another state and is prosecuted for the crime in that state, the second state cannot prosecute him for the same crime, or if a person has been convicted by the International Criminal Court and has served that sentence, but after returning to his country, regardless of the type of crime he has committed, he will not be prosecuted twice for the same crime. It should be noted that this principle is already expressed in different ways in the criminal legislation of countries around the world. The Republic of Tajikistan as a full-fledged member of the world community, whose laws are based on the principles of legality, equality before the law, humanity, justice and democracy, has a high position in the implementation of the norms and principles of international law. One of the principles of international criminal law adopted by the countries of the world and implemented in national legislation is the principle of justice (ne bis in idem). This principle has already found its expression in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. According to part 2 of Article 8 of the Criminal Code, no one may be prosecuted twice for the same crime. This provision follows from article 12 of the Draft Code of Crimes against the Peace and Security of Mankind, according to which no one may be tried for a crime against the peace and security of mankind of which he has already been finally convicted or acquitted by an international criminal court.

**Keywords:** National criminal law, International criminal law, principles of international criminal law, principle of justice, International Criminal Court, Statute of International Criminal Court, National law enforcement agencies, Code of crimes against peace and security of mankind and etc.,

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафарзода Анвар Ислом -*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905-88-63-63.** E-mail: **Anvar_safarov85@mail.ru**
***Камолов Хуршедулло Субҳонқулович –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистент, кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 554-45-29-29.** E-mail: **Khurshedullo.97@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сафарзода Анвар Ислом –*** Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, кафедра уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 905-88-63-63.** E-mail: **Anvar_safarov85@mail.ru**
***Камолов Хуршедулло Субхонкулович –*** Таджикский национальный университет, ассистент, кафедра уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 554-45-29-29.** E-mail: **khurshedullo.97@mail.ru**

**Information about authors:** ***Safarzoda Anvar Islom*** – Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 905-88-63-63.** E-mail: **Anvar_safarov85@mail.ru**
***Kamolov Khurshedullo Subkhonkulovich*** – Tajik National University, assistant, Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Faculty of Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 554-45-29-29**. E-mail: **khurshedullo.97@mail.ru**

# СИЁСАТШИНОСӢ - ПОЛИТОЛОГИЯ

ТДУ: 327.8(7/8+581)

# СИЁСАТИ БЕРУНИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР АФҒОНИСТОН: ТАҲАВВУЛ ВА ТАҒЙИРИ ШАКЛ ВА МОҲИЯТИ ОН

*Нуриддинов Р. Ш.*

**Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия**

Барои дарки дурусти сиёсати давлатҳои Ғарб таҳти роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ибтидои асри XXI зарур ва бисёр муносиб аст, ки таърихи фаъолияти берунии ин кишварҳоро дар самти Шарқ дар маҷмуъ ва Афғонистон дар алоҳидагӣ дар нимаи дуюми асри XX аз мавқеи имрӯза арзёбӣ намуд. Чунки, мутаассифона, бо сабабҳои маълуми айнӣ ва зеҳнӣ – дастрас набудани сарчашмаву адабиёти мансуб ба муаллифони афғонӣ ва эронӣ, маҳдуд будани донишмандон ва коршиносони мактабҳои илмии Иттиҳоди Шуравӣ дар доираи адабиёти ба забони русӣ чопгардида, ҷой доштани мушкилоти истифодаи сарчашмаҳо бо хатти форсӣ, кӯр-кӯрона пайравӣ намудан аз мавқеи донишмандони ғарбӣ ва ғайра – бисёр маводҳои зарурӣ вобаста ба сиёсати берунии Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар минтақаи мазкур аз гардиши илмӣ берун мондаанд.

Таҷриба исбот менамояд, ки новобаста аз заҳмати бузурги олимону донишмандони тоҷик дар солҳои охир ва хусусан кӯшиши гурӯҳи маҳдуди донишмандон дар чорчӯбаи собиқ Институти шарқшиносӣ – имрӯза Институти мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин Энсиклопедияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба гардиши илмӣ ворид намудани сарчашмаву адабиёти бо хатти форсӣ таълифгардида, ки барои илмҳои гуногуни миллӣ бениҳоят лозиманд, олимону коршиносон баҳри ғанӣ намудани мактаби илмии тоҷик бо маводу далелҳои нав корҳои зиёдеро бояд анҷом диҳанд.

Аз ин рӯ, дар маводи илмӣ ва таҳлилии мазкур мехостем дар бораи сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон ва минтақа дар асоси адабиёти дарихтиёрдошта ва қабл аз ҳама бо роҳи ба гардиши илмӣ ворид намудани осори Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос ("Таҳаввулоти сиёсии ҷиҳоди Афғонистон: аз авоили саври соли 1357 то охири соли 1365 ҳиҷрӣ". Дар се ҷилд. Кобул, 1385 (2006). – 1876 саҳифа) диққати коршиносон ва ҳаводорони таърих ва сиёсати имрӯзаи Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро дар самти Афғонистон ҷалб намоем.

Бояд таъкид намуд, ки мо асосан ба ҷилди аввали китоби муаллифи мазкур бештар диққат хоҳем дод, чунки он ба фаъолияти байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар минтақа ва хусусан Афғонистон бахшида шудааст. Бартарии китоби Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос аз он иборат аст, ки муаллиф бо мақсади ба воқеият наздик намудани таҳлили хеш аз сарчашмаҳое, ки дорои муҳри махфӣ буданд васеъ истифода бурдааст. Инчунин, арзиши китоби зикргардида аз он иборат аст, ки муаллиф кӯшиш намудааст, ки аз мавқеи усули илмӣ-танқидӣ, раванду ҳодисаҳои давраи муайяни таърихи муносибатҳои Афғонистонро бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Барои мисол, Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос иштибоҳот ва ғафлатзадагии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва тамоми Ғарбро дар мисоли шинохти ҳукумати Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон дар соли 1978 таҳлил намуда, чунин менависад: "Воқеият ин аст, ки ғарбиҳо бо таваҷҷуҳ ба собиқаи истеъмориашон дар Машриқзамин ва хусусан Афғонистон фикр мекарданд, ки ҳама чизро медонанд. Вале дарки эшон аз авзои минтақа комилан куҳна ва норасо буд. Ба ҳамин сабаб яке баъди дигаре режими дастнишондаи Москавро дар Кобул ба расмият шинохтанд. Ҳарчанд ин режим барои манофеи Ғарб хушоянд набуд ва қалбан аз рӯйи кор шудани он нохушнуд буданд, мааҳазо (бо вуҷуди ин – *Н.Р.*) аз умқи моҷаро ва моҳияти режим ва гардонандагони он, то муддатҳо иттилои кофӣ надоштанд" [13].

Аз дидгоҳи муаллифи мазкур, сарчашмаи бехабариҳо ва ғафлатзадагии Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка на танҳо дар Афғонистон, балки дар тамоми

Шарқ аз он иборат аст, ки онҳо дар як ҳолати кибру ғурур, ҳавобаландӣ, беэътиноии беасос нисбат ба сарнавишти мардумони дигар қарор дошта, асири андешаҳои маҳдуд ва ғалати хеш буданд. Илова бар ин, ғарбиҳо ва хусусан америкоиҳо бо сабабҳои дар боло зикргардида дар тамоми кишварҳое, ки ҳузур доштанд, бо мардуми одӣ ва ҷомеаи он ҷо наздикӣ ва алоқаи мустаҳкам барқарор намекарданд.

Як гурӯҳи донишмандон чунин ақида доранд, ки Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо сабабҳои дар боло зикргардида қобилияти дарки воқеияти Шарқро надоранд. Гурӯҳи дигари олимон чунин мешуморанд, ки Ғарб дар маҷмуъ ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар алоҳидагӣ, намехоҳанд Шарқро бидонанд. Онҳо мехоҳанд, ки бо зӯрӣ, фитна, фиреб ва ғорат ин ҷо танҳо ҳукмфармоӣ кунанд. Аз ин рӯ, Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар тамоми Шарқ асосан бо гурӯҳҳои ҳокими дастнишондаи хеш пайвандии муайян барқарор мекарданд, ки он ҳам он қадар устувор ва пойдор набуд. Намунаи равшани чунин сиёсати Ғарб, хиёнат ва гурехтани Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз Афғонистон дар моҳи августи соли 2021 ба шумор меравад.

Таҷриба исбот менамояд, ки хусусан шинохти америкоиҳо аз Машриқзамин бисёр маҳдуд ва ғалат буд. Дар бораи сабабҳо ва омилҳои чунин муносибати Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка нисбат ба Шарқ Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос таъкид менамояд, ки "меъёри огоҳӣ ва дониш ва киёсат (уҳдабароӣ – *Н.Р.*) дар машраби (эътиқоди – *Н.Р.*) америкоиҳо фақат фаҳмидани забони англисӣ ва пӯшидани никтоӣ ва дришии муди рӯз буд" [13].

Дарвоқеъ, омӯзиши сиёсати байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Шарқ гувоҳи он аст, ки кормандони Департаменти давлатӣ, Раёсати марказии истихборот ва дигар сохторҳои масъули ин кишвар дар муносибат бо дигарон одатан зудбоварӣ аз худ нишон медиҳанд. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки америкоиҳо ба онҳое, ки ҳар чӣ бештар дурӯғ мегӯянд, лоф мезананд ва худнамоӣ мекунанд, зуд моил мешаванд ва бовар мекунанд. Бинобар ин, америкоиҳо дар бисёр маврид ҳангоми татбиқи сиёсати берунии давлати хеш дар кишварҳои Шарқ, ки аз назари сиёсӣ, иҷтимоӣ, тамаддунӣ ва ғайра аз воқеияти Иёлоти Муттаҳидаи Америка фарқ менамоянд, иштибоҳ мекунанд. Илова бар ин, бояд таъкид намуд, ки иштибоҳоти америкоиҳо на танҳо ба зарари худашон мебошад, балки ин омил дар сарнавишти миллатҳо ва халқҳои дигар дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таъсири манфӣ ворид менамояд.

Ба ақидаи гурӯҳи коршиносон, маҳз надоштани огоҳии дуруст ва комил аз вазъи Миср дар замони Ҷамол Абдулносир (солҳои 1958–1961 номи расмии давлати Миср – Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб, буда иттиҳоди Миср ва Сурияро дар бар мегирифт ва баъдан солҳои 1961–1971 бо номи расмии Ҷумҳурии Миср машҳур буд) боиси ба иштибоҳот роҳ додани Раёсати марказии истихбороти Иёлоти Муттаҳидаи Америка гашт, ки барои сиёсати берунии Вашингтон таъсири эҳсосотӣ дошт. Дар натиҷаи хатогиҳои Департаменти давлатӣ ва Раёсати марказии истихбороти Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҷонибдорони Иттиҳоди Шуравӣ ва андешаҳои коммунистӣ бо роҳбарии Ҷамол Абдулносир дар Миср дар кишварҳои зикргардида ба қудрат расиданд.

Ба ақидаи коршиносони Афғонистон, маҳз сиёсати нодуруст, ноогоҳона, ҳавобаландона, мағруронаи хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҳам дар самти Миср дар замони ҳукмронии Ҷамол Абдулносир ва ҳам дар самти Афғонистон дар давраи низоми ҷумҳурии Муҳаммад Довудхон, ҳардуи онҳоро, ки аз сиёсати нимароҳа ва духӯраи Вашингтон норозӣ буданд, ба доираи таъсири Иттиҳоди Шуравӣ моил намуд.

Ба андешаи мо, чунин таҷрибаи манфӣ дар сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар асри XXI низ боиси ба ҳам наздик омадани кишварҳои гуногун гардид. Барои мисол, сиёсати нодурусти берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка нисбат ба амалиёти махсуси низомии Федератсияи Россия оид ба кумак расонидан ба сокинони рустабори Донбасс боиси он гашт, ки иттиҳоди кишварҳои зиддиамрикоӣ – Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея ва ғайра ташаккул ёфт. Болотар аз ин, Ҷумҳурии Туркия, ки аъзои

Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ аст, бо Федератсияи Россия муносибатҳои наздики сиёсӣ – дипломатӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ ва ғайра барқарор намуд.

Дар натиҷаи сиёсати нодурусти берунии Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ин давра нисбат ба Федератсияи Россия дар гардиши илмии сиёсӣ мафҳумҳои нав ворид гардиданд – аз қабили "Ғарби ақаллият" ва "Шарқи аксарият". Бояд иқрор гашт, ки аввалин бор дар амалияи татбиқи сиёсати "Ҷанги сард" (ё " Ҷанги сардтарин" – ба ибораи коршиносони Ҷумҳурии Халқии Хитой – *Н. Р.*) Ғарб дарвоқеъ дар ҳолати ақалият қарор гирифт ва баръакс бештари кишварҳои Шарқ, ки аксариятро ташкил менамоянд, Федератсияи Россияро бо "фармонравоии" Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ё маҳкум накарданд, ё мавқеи бетарафиро ишғол намуданд, ё онро пуштибонӣ намуданд. Ҳолати мазкур дар мавридҳои бисёр дар кишварҳо ва минтақаҳои дигари дунё дар доираи сиёсати байналмилалии Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҷой дошт ва дорад.

Як гурӯҳи коршиносон чунин хулоса менамоянд, ки бар асари камбуду норасоиҳои дипломатҳо ва афсарони истихборотӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар он ҳолат ва ҷое, ки бояд зӯрӣ ва хушунатро истифода мекард, нармиш ва бетафовутӣ аз худ нишон медиҳад ва ҷое, ки ҳавсала, диққат ва эътиноро талаб менамояд, қарорҳои манфӣ ва саросемаворона қабул менамояд. Барои мисол, дар мисоли сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар самти Афғонистон тамоми омил ва далелҳои зикргардидаро мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз хусусияти диққатҷалбкунандаи сиёсати берунии абарқудратҳо ва хусусан Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар аксари кишварҳои Шарқ аз он иборат аст, ки иттилоот ва гузоришҳое, ки сохторҳои дахлдори Вашингтон аз сафоратҳои худ дар Кобул, Исломобод ва Теҳрон дарёфт мекарданд, аз он раванду ҳодисаҳо ва воқеияте, ки дар Афғонистон, Покистон ва Эрон мегузашт, бениҳоят фарқ мекард.

Бояд таъкид намуд, ки тамоми раванду ҳодисаҳои Афғонистон дар сарчашмаҳои расмӣ, гузоришҳои дипломатҳо, кормандони Раёсати марказии истихборот ва адабиёти илмии нашргардидаи олимони мактаби илмии Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо дарназардошти сабабҳои дар боло зикргардида мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки аз нигоҳи моҳият ва мазмун аз осори муаллифони Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои аз доираи таъсир ва нуфузи Вашингтон дур ба куллӣ фарқ менамоянд. Аз назари донишмандони афғонӣ, эронӣ ва покистонӣ низ, сохторҳои дахлдори Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҳатто дар бораи сабабҳо, ангезаҳо, унсурҳои сар задани низои Афғонистон аз соли 1975, ки то ба имрӯз аз як марҳалаи бадбахтии мардуми ин кишвари ҷафодида ба марҳалаи дигар ва вазнинтари он мегузарад, роҷеъ ба муқовимат ва растохези халқи боғурур, истиқлолхоҳ ва озодипарасти он, сиёсати ҳокимони Кобул, кишварҳои минтақа, дар маҷмуъ тасаввуроти равшан ва иттилооти дақиқ надоштанд. Аз ин рӯ, муносибатҳои байнидавлатӣ ва ғайридавлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо низомҳои дастнишондаи худ дар Кобул ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ – ҳарбие, ки онҳо дастгирӣ мекарданд, он қадар пойдору устувор ва самимӣ набуданд.

Бо дарназардошти омилҳои зикргардида барои мо андешаронии Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос дар бораи сиёсати Иёлоти Муттаҳидаи Америка нисбат ба равандҳои солҳои 70-80-уми асри XX хеле диққатҷалбкунанда ба шумор меравад. Барои мисол, муаллифи мазкур менависад, ки "А. Дабс – сафири Америка дар Кобул, ки аз нақшаи русҳо комилан огоҳӣ дошт ва барои ҷалби диққати кишвараш дар масъалаи Афғонистон пофишорӣ мекард, 14 феврали соли 1979 тавассути дастгоҳи давлат рабуда шуд ва ба қатл расид. Дар қатли ӯ полис, КГБ, қувваҳои амниятии Кобул муштаракан даст доштанд, вале онро ба гурӯҳе аз муборизини мухолифини худ нисбат доданд. Ва бад ин тартиб хостанд ҳам савоб ва ҳам ҷаримаи ҳарду ба даст оянд ва Американро ба ҷое бикашанд, ки дар оянда аз кумак ба размандагони мусулмон ва зидди режими русӣ, ҳимоят кунад" [13].

Аз дидгоҳи мо, дар матни зикргардида чанд тазод ҷой дорад: якум, гӯё А. Дабс – сафири Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон аз нақшаи Иттиҳоди Шуравӣ дар ин кишвар комилан огоҳӣ дошт ва барои ҷалби диққати Вашингтон дар масъалаи Афғонистон пофишорӣ мекард; дуюм, гӯё бо роҳи қурбон кардани сафири мазкур неруҳҳои манфиатдор ба чанд ҳадафи худ – ба низои Афғонистон ҳамчун тарафи фаъоли

он ҷалб намудани Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ба даст овардани кумакҳои молӣ, моддӣ ва низомӣ-техникии Вашингтон ва муттаҳидини ғарбӣ ва минтақавии он ноил гаштанд; сеюм, ба рақобати ошкорои Москва ва Вашингтон дар Афғонистон асос гузошта шуд.

Ба ақидаи мо, сафири зикргардидаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон ба ҳеҷ ваҷҳ дар бораи нақшаҳои Иттиҳоди Шуравӣ огоҳии комил дошта наметавонист. Дар ин бора на танҳо коршиносон ва афғоншиносони Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бисёр кишварҳои дигар, балки сиёсатмадорон ва олимони америкоӣ ва дигар давлатҳои ғарбӣ низ навиштаанд ва мо дар ин бора ин ҷо фикрронӣ карданӣ нестем.

Барои мо он нуқта ҷиҳати таҳлил муҳим аст, ки Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос дар бораи ба низои Афғонистон кашидани Иёлоти Муттаҳидаи Америка чунин менависад. "... хостанд ҳам савоб ва ҳам ҷаримаи ҳарду ба даст ояд ва Америкаро ба ҷое бикашанд, ки дар оянда аз кумак ба размандагони мусулмон ва зидди режими русӣ, ҳимоят кунад" [13]. Аммо муаллиф фикри худро идома намедиҳад ва ошкор намесозад, ки кадом гурӯҳҳо – дохилӣ ё хориҷӣ бо ин амали хеш – куштори сафири Вашингтон дар Кобул чӣ мехостанд, яъне кадом ҳадафҳоро таъқиб мекарданд. Чунки бо дарназардошти ҳодисаҳои таркиши сафоратҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар шаҳри Найроби – пойтахти Кения ва Дор-ул-Салом – пойтахти Танзания 7 августи соли 1998 ва хусусан амали террористии 11 сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк, ки сару садоҳои гуногун ва саволҳои то кунун бе ҷавоби бисёрро ба миён овардаанд, ин аввалин ишораи даст доштани хадамоти махсуси Вашингтон ба куштори сафири хеш баҳри амалӣ сохтани ниятҳои геостратегии Қасри Сафед дар минтақаи Шарқи Наздик аз ҷониби муаллифи афғонӣ ба шумор меравад. Ин мавзуъ метавонад мисли дигар мавзуъҳои зикргардида ва бисёр масъалаҳои баҳснок аз ҷониби коршиносон дар таҳлилҳои баъдӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор бигирад.

Тавре ки мо дар боло зикр намудем, арзиши асари Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос "Таҳаввулоти сиёсии ҷиҳоди Афғонистон: аз авоили саври соли 1357 то охири соли 1365 ҳиҷрӣ" [13] аз он иборат аст, ки муаллиф аз сарчашмаҳои дорои муҳри махфӣ буда ба таври васеъ истифода намудааст. Гарчанде Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос чӣ тавр ва аз куҷо ба даст овардани ин сарчашмаҳоро нишон намедиҳад, ӯ маводҳои махфии сафоратҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро дар Кобул, Теҳрон ва Исломобод, инчунин матнҳои пурраи санадҳои Сенат, Конгресс ва Департаменти давлатии он кишварро чун иқтибос овардааст. Ба андешаи мо, новобаста аз он ки ин сарчашмаҳо ба солҳои 70-90-уми асри XX дахл доранд, онҳо то имрӯз аҳаммияти илмии худро аз даст надодаанд ва ба гардиши илмӣ ворид намудани ин санаду маводҳо барои омӯзиши раванду ҳодисаҳои ибтидои асри XXI аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ доранд. Ба андешаи гурӯҳи муайяни коршиносон, сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон имрӯз танҳо шакли худро дигар кардааст, моҳияти он бетағйир боқӣ мондааст.

Муаллифи асари мазкур таъкид менамояд, ки пас аз фоҷеаи куштори сафири Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон, аксари сиёсатмадорон ва коршиносони минтақа ва ҷаҳон чунин фикр мекарданд, ки Вашингтон воқеияти раванду ҳодисаҳои Афғонистонро ба хубӣ ва дақиқ арзёбӣ намуда, даст ба иқдомоте хоҳад зад. Вале хилофи он чи ки интизор мерафт, Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка қарор қабул кард, ки барномаҳои расонидани кумакҳои гуногуни худро ба Афғонистон, ки баъд аз ҳодисаи зикргардида муддате ба таъхир афтода буданд, таҷдиди назар кунад ва идома диҳад. Илова бар ин, сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Кобул, хоҳони идома ва густариши кумак ба Афғонистон буданд ва аз Департаменти давлатӣ инро талаб мекарданд. Маҳз зери таъсири омилҳои зикргардида, мақомоти олии сиёсӣ ва ҳуқуқии Иёлоти Муттаҳидаи Америка – Қасри Сафед ва Сенат – қарори худро ҷиҳати иҷозати идома додани кумак ба Афғонистон бо далелҳои гуногун асоснок мекарданд.

Мо дар ин ҷо бо мақсади барои хонандагони гиромӣ оммафаҳм будани фикррони, сарчашмаҳое, ки муаллифи мазкур бо истифода аз ибораҳои дар забони илмии тоҷикӣ на он қадар маъмул, матнҳои ҷавобгӯйи мақсади навиштани мақолаи мазкурро дар доираи забони адабии тоҷикӣ, бо риояи мазмун ва муҳтавои матни аслӣ шарҳ хоҳем дод.

Барои мисол, санади шумораи 25, шумора: 4236 аз таърихи 2 июни соли 1979, (мутобиқи моҳи ҷавзои соли 1357), ки аз сафорати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар

Кобул ба номи Котиби давлатии ин кишвар ба шаҳри Вашингтон фиристода шуда буд, аз рӯйи муҳри махфӣ барои истифодаи хизматӣ пешбинӣ гардида буд. Санади мазкур ба мавзуи "Лоиҳаи ислоҳии маҷлиси Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар бораи кумак ба Афғонистон" бахшида шуда, аз даҳ банд иборат аст.

Тавре ки дар боло ишора намуда будем, дар банди якуми санади мазкур муҳри махфии матн "Барои истифодаи хизматӣ" муайян гардидааст.

Матни банди дуюм бо калимаи "Хулоса" оғоз гардида, бо он ба поён мерасад ва дар он омадааст, ки пешниҳодоти аъзои Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка Пол Истон дар бораи "Қонуни мусоидати имрони байналмилалии соли 1979" боиси пуштибонии сафорати Вашингтон дар Кобул гардидааст. Аммо, Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка нигаронӣ аз он менамояд, ки комилан маълум нест – оё пешниҳодоти мазкур ҷавобгӯйи манфиатҳои Вашингтон дар тамоми минтақа ҳаст ё не?

Дар банди сеюми ин санад омадааст, ки Сенат ва Департаменти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка барои ба даст овардани иттилооти дақиқ аз ҳодисае, ки бо рабудан ва қатли фоҷеаноки сафири ин кишвар А. Дабс дар Кобул анҷомидааст, манфиатдор буда, Ҷумҳурии Демократии Афғонистонро таҳти фишор қарор медиҳанд, то дар ин масъала майлу рағбати Вашингтонро дастгирӣ намояд. Аммо, муаллифони пешниҳоди мазкур – намояндагони Сенат таъкид менамоянд, ки онҳо боварии комил надоранд, ки ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистон муносибати хешро ба ин ҳодиса – қатли сафири Вашингтон А. Дабс – эътироф намояд ва аз Иёлоти Муттаҳидаи Америка узрхоҳӣ намояд, то чӣ расад ба ин, ки масъулияти қатли сафирро ба уҳда бигирад.

Он андеша дар банди зикргардида қобили таваҷҷуҳ аст, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка бар зидди низомҳои ғайри қобили дарку фаҳмишашон, дар ҳамон давра низ сиёсати таҳримиро амалӣ менамуданд.

Дар банди чоруми ин санад зикр мегардад, ки Вашингтон бо ин пешниҳодот, қабл аз ҳама, манфиатдор ба он аст, ки баъд аз куштори сафири хеш А. Дабс Ҷумҳурии Демократии Афғонистон тамоми кормандони ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро дар доираи имконияти хеш таҳти ҳимоя қарор диҳад. Намояндагони Сенат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи дипломатҳо ишора намуда, менависанд, ки Ҷумҳурии Демократии Афғонистон барои таъмини амнияти кормандони тамоми муассисаҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америка, аз ҷумла кордори Вашингтон дар Кобул ҷиҳати иҷрои корҳои расмияшон, вазифадор аст. Онҳо тақозо менамоянд, ки Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ҳамчунин як муҳофиз барои автобусҳои мударрисони америкоӣ таъин намояд. Аз ҷониби дигар, намояндагони Сенат воқеъбинона изҳор менамоянд, ки барои ҳама кормандони ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Кобул тақозои муҳофиз имконнопазир аст. Онҳо инчунин дарк менамоянд, ки бо дарназардошти вазъияти бавуҷудомада ҳеҷ роҳи пешгирӣ намудани ҳамлаи террористӣ бар зидди ҳайати ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон, ки ба хубӣ тарҳрезӣ шуда бошад ва муваффақият надошта бошад, вуҷуд надорад. Сарфи назар аз ин, намояндагони Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка тақозо менамоянд, ки чанд нафар муҳофиз аз сӯйи ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистон барои ҳимояи корпуси дипломатии Вашингтон дар Кобул бояд таъин карда шавад.

Дар банди панҷуми санади мазкур омадааст, ки яке аз чеҳраҳои асосии ҳодисаи қатли А. Дабс, сардори Раёсати корҳои дохилии Кобул Саид Довуд аз вазифа озод ва ба мансаби дигар интиқол карда шуд. Аммо барои аъзои Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка яқин нест, ки оё интиқоли Саид Довуд як навъ таназзули мансабу рутбаи ӯ аст ё ба вазифа ва рутбаи баландтар таъин гардидани мавсуф?

Банди шашуми ин санад ба арзёбии андеша ва мавқеи шахсии А. Дабс дар бораи Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, алоқамандии ӯ барои манфиатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ин кишвар бахшида шудааст.

Дар ин банд барои мо он чиз ҷолиби диққат аст, ки намояндагони Сенати Вашингтон бо такя ба ақидаи А. Дабс таъкид менамоянд, ки ӯ қабул дошт, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон манфиатҳои ночиз дорад. Бинобар ин А. Дабс эҳсос мекард, ки ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар мавриди Ҷумҳурии

Демократии Афғонистон бояд дар дараҷаи аввал дар бораи таъмини суботи минтақавӣ таваҷҷуҳзоҳир кунад. Ӯ муътақид буд, ки Афғонистон набояд ба як омили бесуботӣ дар минтақа мубаддал гардад. Барои мо аз ҳама муҳим он андеша ба шумор меравад, ки А. Дабс Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро даъват менамуд, ки бояд бо кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои озоди минтақа ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон дар интихоби роҳи дигари рушд, ба ғайр аз Иттифоқи Советӣ ҳамкорӣ намояд. Ба ибораи дигар, ӯ Вашингтонро водор месохт, ки барои дур сохтани Ҷумҳурии Демократии Афғонистон аз доираи таъсири Иттифоқи Советӣ иттиҳоди минтақавии "вассалони" хешро таъсис диҳад.

Тавре ки равандҳои баъдии Афғонистон ва атрофи он исбот намуданд, ба Вашингтон муяссар гардид, ки иттиҳоди тавонои зидди Москваро аз ҳисоби кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик ва Миёна, Африкаи Шимолӣ ва ғайра таъсис дода, манфиатҳои геополитикии худро амалӣ намояд.

Банди ҳафтуми санади зикргардида ба он бахшида шудааст, ки Ҷумҳурии Демократии Афғонистон дар ҷараёни беш аз як соли мавҷудияти хеш бо суръати ниҳоят баланд ба Иттифоқи Советӣ наздик шуда, се кишвари ҳамсояи худ – Эрон, Покистон ва Хитойро ба мудохила ба корҳои дохилии худ, хусусан авҷ гирифтани норизоиятии гурӯҳҳои муайяни ҷомеа ва ҷангҳои дохилӣ дар ҳудуди кишвар, муттаҳам намудааст. Инчунин зикр гардидааст, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка то кунун ҳеҷ нишонаи далолаткунандаи тағйири сиёсати Ҷумҳурии Демократии Афғонистонро дар самти ҳамкорӣ бо Иттифоқи Советӣ надоранд. Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҳамчунин ҳеҷ гуна аломатҳои коҳиш ёфтани фаъолияти неруҳои зидди низоми Ҷумҳурии Демократии Афғонистонро дар ихтиёр надоранд.

Ба андешаи мо, ин ҷо ишора барои ташаккули муҳити носолим дар атрофи низоми Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, ки бар хилофи манфиатҳои Кобул ва Москва буда, ҷавобгӯйи манфиатҳои геополитикии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва иттифоқчиёни он ба шумор мерафт, ҷой дорад. Аз ҷониби дигар, бо дахолати Иёлоти Муттаҳидаи Америка муносибатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Демократии Афғонистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой мураккаб гардиданд ва омили мазкур боиси маҳдуд гардидани пояҳои иҷтимоии ҳукумати нави Кобул ва баръакс, васеъ гардидани доираи тарафдорони мухолифини низоми Ҷумҳурии Демократии Афғонистон гашт, ки дар оянда оқибатҳои манфӣ ба бор овард.

Дар банди ҳаштуми санади мазкур омадааст, ки новобаста аз омилҳои манфии дар банди қаблӣ зикргардида ва хусусан мавқеи аксаран зидди америкоии роҳбарони низоми Кобул, ки бар хилофи манфиатҳои Вашингтон дар Афғонистон амал мекунанд, Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар доираи сиёсати президенти кишвар, қабл аз ҳама, бо мақсади таъмини амнияти минтақавӣ ба сиёсати расонидани кумакҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон идома хоҳад дод. Ин ҷо намояндагони Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка таъкид менамоянд, ки дар хориҷи Афғонистон ва инчунин дар дохили он кишвар ҷонибдорони идомаи кумаки Вашингтон ба мардуми ин кишвар вуҷуд доранд.

Он нуктаи ин банд ҷолиби диққат аст, ки намояндагони Сенат таъкид менамоянд, ки мо бояд як омили муҳимро дар назар дошта бошем – ягон кишвари минтақавӣ пешниҳод накардаанд, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка тамоми кумакҳои худро бо Афғонистон қатъ кунанд. Ба андешаи онҳо, баръакс тамоми кишварҳои минтақа дарк менамоянд, ки идомаи кумакҳои ҳамаҷонибаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба низоми Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ҷавобгӯйи манфиатҳои онҳост. Чунки ҳузури иқтисодӣ ва молиявии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон яке аз омилҳои муҳимми таъмини оромиву субот дар ин кишвар ва минтақа хоҳад буд. Аз ҷониби дигар, чунин ҳузур ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка имкон медод, ки ба воситаи сохторҳои худ дар Афғонистон аз раванду ҳодисаҳои ин кишвар огоҳӣ дошта, яке аз иштирокчиёни таҳаввули саҳнаи сиёсии минтақа боқӣ монанд.

Ба андешаи мо, Иёлоти Муттаҳидаи Америка манфиатҳои геополитикии худро дар минтақа бо истифода аз вазъияти баамаломадаи Афғонистон кӯшиш мекард, ки зери пардаи пуштибонии дастаҷамъии кишварҳои Шарқи Миёна ва Ҷанубӣ, амалӣ созанд.

Банди нуҳуми санади мазкур ба он бахшида шудааст, ки Вашингтон инчунин бо дарназардошти таъмини идомаи таҳсили 15 нафар донишҷӯёни афғонӣ, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва 23 нафари дигар, ки дар донишгоҳи америкоии дар Бейрут ҷойгир буда аз руйи ихтисоси муҳандиси хатти интиқоли газу нафт таҳсил мекарданд, бояд ҳузури иқтисодӣ ва молиявии худро дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон давом диҳанд. Чунки онҳо аз замони ҳукмронии ҳокимони собиқи Афғонистон – Муҳаммад Зоҳиршоҳ ва Муҳаммад Довудхон дар донишгоҳҳои мазкур дар доираи лоиҳаҳои америкоӣ таҳсил мекарданд ва қатъ намудани кумакҳои молиявӣ аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Америка боиси қатъи таҳсили онҳо мегардид ва тавре ки намояндагони Сенат менависанд, "дар ҳоле, ки ин амр – ба сари қудрат омадани Ҳизби демократии халқи Афғонистон, хатои онҳо нест. Дар охири банди мазкур зикр мегардад, ки ин амр ба нафъи ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка хоҳад буд".

Банди даҳум ва охирони санади мазкур "Натиҷагирӣ" ном дошта, дар он намояндагони Сенат аз Департаменти давлатӣ интизорӣ мекашанд, ки Конгрессро дар бораи ба президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка додани салоҳияти бештар ҷиҳати татбиқи пешниҳодҳои Пол Астун бовар кунонад, то роҳбари Қасри Сафед аз тариқи идомаи расонидани кумакҳои молӣ ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон манфиатҳои Вашингтонро дар ин кишвар ва минтақаи мазкур хубтар ҳимоя намояд.

**Хулоса,** таҳаввул ва тағйири шакл ва моҳияти сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро дар Афғонистон баррасӣ намуда, метавон натиҷагирӣ намуд, ки сиёсати Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Шарқ дар маҷмуъ ва Афғонистон дар алоҳидагӣ аз ибтидо амалан нодуруст ва иштибоҳпазир буд. Намунаи равшани заифии сиёсати берунии Вашингтон дар муносибат бо давлатҳо ва халқҳои Шарқ санадҳои Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба стратегияи Қасри Сафед дар Афғонистон баъд аз инқилоби моҳи апрели соли 1978 ва эҷоди низоми ҷумҳурии демократии ба Иттифоқи Советӣ наздик бо роҳбарии Ҳизби демократии халқи Афғонистон ба шумор меравад, ки мо дар боло зикр намудем, чунки:

- мактуб ва гузориши мазкур дар воқеъ заъифии мантиқ, бардошт, бехабарӣ ва ноогоҳии Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро нисбат ба ҳодисаи 27-уми апрели соли 1978, ба сари қудрат расидани Ҳизби демократии халқи Афғонистон, таъсиси низоми нав – Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, нуфузи Иттифоқи Советӣ дар ин кишвар, раванду ҳодисаҳои минтақавӣ ва ғайра нишон дод;
- нотавонӣ ва хушбоварии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар дарки моҳияти низоми нави Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, сарҳади пешравии Иттифоқи Советӣ дар равандҳои дохилии Афғонистон ва минтақа низ ба хуби инъикос ёфта буд;
- мавқеи ишғолнамудаи Иёлоти Муттаҳидаи Америка нисбат ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон ба таври ошкоро исбот менамояд, ки Вашингтон аслан ба хотири ҳимояи манфиатҳои геополитикии хеш дар минтақаи мазкур дар солҳои аввали ҳукумати Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон барои идома додани барномаҳои имдодӣ ва расонидани кумакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ба Кобул, омодагӣ нишон дода буд;
- таҳлили сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар самти Ҷумҳурии Демократии Афғонистон исбот менамояд, ки Вашингтон аз ибтидо фаъолияти байналмилалии худро зери пардаи ғамхорӣ нисбат ба миллатҳо ва ранҷу бадбахтии онҳо амалӣ мекунад. Тавре, ки Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос менависад, на танҳо марги сафири Иёлоти Муттаҳидаи Америка А. Дабс дар Афғонистон, балки агар дунё ба хун тар шавад ва ҳамаи кормандони сафорат ва дигар сохторҳои америкоӣ дар Кобул аз ҷониби низоми нави коммунистии ин кишвар хориҷ карда шаванд ҳам, Вашингтон танҳо бо мақсади рақобат бо Иттифоқи Советӣ дар ин минтақа ҳузури иқтисодӣ ва молиявии хешро идома хоҳад дод;
- бояд таъкид намуд, ки бар хилофи ҳузури амалии Иттифоқи Советӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ин кишвар хоҳиши ҳамкорӣ доштани худро зери ниқоби дастгирии молиявии таҳсили чанд муҳассили афғонӣ дар донишкадаҳои худ яке аз далелҳои асосӣ мешумурданд. Аммо намояндагони Сенат ҳаргиз бовар намекарданд, ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо ин кумакҳои ночизи худ

метавонанд садди роҳи афзоиши нуфузи Иттифоқи Советӣ дар Афғонистон ва минтақа шаванд.

### АДАБИЁТ


1. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник. Под редакцией А. Торкунова. -М.: Аспект-Пресс, 2017. – 400 с.
2. Лаптева Е.В. К вопросу об истории антироссийских санкций // Историко-экономические исследования. 2017. -№4. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-ob-istorii-antiros siyskih-sanktsiy (дата обращения: 06.09.2022).
3. Международные отношения и мировая политика. Учебник. Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016. -304 с.
4. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. -М.: Аспект Пресс, 2017. –160 с.
5. Нуриддинов Р.Ш. Историческая память Востока и антироссийские санкции Соединенных Штатов Америки против Российской Федерации [Электронный ресурс]. URL: https://centrasia.org/newsA.php?st=1662543360 (дата обращения: 20.03.2023).
6. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2017. -576 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе, 2020. -258 с.
8. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие [Текст] / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2016. -352 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Таҳаввули муносибатҳои Шарқ нисбат ба сиёсати Ғарб / Р.Ш. Нуриддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. -№3. -С.290-298.
10. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: Эр–граф, 2016. -352 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ таҳлилӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми такмилёфта / Р. Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: Эр–граф, 2018. -490 с.
12. Нуриддинов Р.Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -388 с.
13. Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос. Таҳаввулоти сиёсии ҷиҳоди Афғонистон: аз авоили саври соли 1357 то охири соли 1365 ҳиҷрӣ. Дар се ҷилд / Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос. -Кобул, 1385 (2006). -1876 с.


### СИЁСАТИ БЕРУНИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР АФҒОНИСТОН: ТАҲАВВУЛ ВА ТАҒЙИРИ ШАКЛ ВА МОҲИЯТИ ОН


Дар бораи сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон ва минтақа дар асоси адабиёти дарихтиёрдошта ва қабл аз ҳама бо роҳи ба гардиши илмӣ ворид намудани осори Шир Аҳмад Носири Ҳақшинос муаллиф диққати коршиносон ва ҳаводорони таърих ва сиёсати имрӯзаи Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро дар самти Афғонистон ҷалб менамояд. Аз назари муаллиф, сиёсати Ғарб бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар Шарқ дар маҷмуъ ва Афғонистон дар алоҳидагӣ аз ибтидо амалан нодуруст ва иштибоҳпазир буд. Намунаи равшани заифии сиёсати берунии Вашингтон дар муносибат бо давлатҳо ва халқҳои Шарқ санадҳои Сенати Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба стратегияи Қасри Сафед дар Афғонистон баъд аз инқилоби моҳи апрели соли 1978 ва эҷоди низоми ҷумҳурии демократии ба Иттифоқи Советӣ наздик бо роҳбарии Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон ба шумор меравад.



**Калидвожаҳо:** сиёсати берунӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Афғонистон, Раёсати марказии истихборот, ҳадафҳои геополитикӣ, минтақа, Осиёи Марказӣ.


### ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА СОЕДИНЕННЫХ ШТАТОВ АМЕРИКИ В АФГАНИСТАНЕ: ЭВОЛЮЦИЯ И ИЗМЕНЕНИЕ ЕЕ ФОРМЫ И СУЩНОСТИ


На основе имеющейся литературы и в первую очередь вводя в научный оборот труды Шир Ахмад Носира Хакшинос, автор данной статьи обращает внимание специалистов и любителей истории на современную политику Соединенных Штатов Америки в отношении Афганистана. С точки зрения автора, политика Запада, возглавляемая Соединенными Штатами Америки, на Востоке в общем и в Афганистане в частности изначально была практически неправильной и ошибочной. Ярким примером слабости внешнеполитического курса Вашингтона по отношению к странам и народам Востока являются документы Сената США о стратегии Белого дома в Афганистане после апрельской революции 1978 года и создания близкого к Советскому Союзу демократического республиканского строя под руководством Народно-демократической партии Афганистана.



**Ключевые слова:** внешняя политика, Соединенные Штаты Америки, Афганистан, Центральное разведывательное управление, геополитические цели, регион, Центральная Азия.

**FOREIGN POLICY OF THE UNITED STATES AMERICA IN AFGHANISTAN: EVOLUTION AND CHANGING ITS FORM AND ESSENCE**

On the foreign policy of the United States of America in Afghanistan and the region, based on the available literature and, first of all, introducing the works of Shir Ahmad Nosira Haqshinos into scientific circulation, the author of this article draws the attention of specialists and lovers of history and today's policy of the United States of America towards Afghanistan. From the author's point of view, the policy of the West, led by the United States of America, in the East in general and in Afghanistan in particular, was initially practically wrong and erroneous. A vivid example of the weakness of Washington's foreign policy towards the countries and peoples of the East are the documents of the US Senate on the strategy of the White House in Afghanistan after the April 1978 revolution and the creation of a democratic republican system close to the Soviet Union under the leadership of the People's Democratic Party of Afghanistan.

**Keywords:** foreign policy, United States of America, Afghanistan, Central Intelligence Agency, geopolitical goals, region, Central Asia, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддинов Раймалихон Шабозович* –** Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор. **Суроға:** 630102, Россия, шаҳри Новосибирск, кӯчаи Нижегородская, 6. E–mail**: rshn1995@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Раймалихон Шабозович* –** Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации, доктор политических наук, профессор. **Адрес:** 630102, Россия, город Новосибирск, ул. Нижегородская, 6. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinov Raimalikhon Shabozovich* –** Russian Presidential Academy of National Economy and Public Administration, doctor of polirical science, professor. **Address: 630102,** Russia, Novosibirsk, Nizhegorodskaya street 6. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

ТДУ: 323.22/.28

# РОҲУ УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Ҳасанов Б.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Дар шароити имрӯза муносибатҳои ҷамъиятӣ, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва суботи сиёсии ҷомеа зери таъсири омилҳои гуногун қарор мегиранд. Айни замон ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, инқилоби чоруми саноатӣ, бештар гардидани шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҳама бештар ба ҳаёти ҷамъиятӣ таъсиргузор шудаанд. Дастовардҳои нави илму техника дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ тадриҷан мавриди истифода қарор гирифта, на танҳо муносибатҳои мазкурро тағйир медиҳанд, балки дар дохили системаи сиёсӣ низ дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд оварда, акторҳои сиёсиро маҷбур месозанд, ки технологияи сиёсии худро ба талаботи давру замон мутобиқ гардонанд. Бинобар ин, дар чунин шароит роҳу усулҳои таъмини суботи сиёсӣ низ бояд бо назардошти дигаргуниҳои муҳити берунаи системаи сиёсӣ ташаккул дода шаванд.

Роҳу усулҳои таъмини суботи сиёсӣ дар аксар маврид ҳамчун унсури таркибии системаи сиёсӣ дониста мешаванд [6,с.17]. Аммо дар баробари ин, онро ҳамчун фаъолияте бояд тасаввур кард, ки барои амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегӣ, яъне таъмини суботи сиёсӣ равона гардидааст. Муайян кардани мақсадҳои таъмини суботи сиёсӣ, ё самтҳои амалишавии ин гуна фаъолият барои маркази қабули қарорҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки самаранокии роҳу усулҳои таъмини суботи сиёсӣ аз он вобастагии зиёд дорад. Дар шароите, ки демократикунонӣ системаи сиёсии кушодаро ташаккул медиҳад ва зери таъсири рушди ҷомеаи иттилоотӣ қабули қарорҳои сиёсӣ равшантар мегардад, рақобати давлатҳо ва субъектҳои дигари ҷаҳонӣ дар арсаи байналмилалӣ шадид гардида, муҳиммияти таъмини суботи сиёсӣ ва дарёфти роҳу усулҳои нави онро бештар менамоянд. Масалан, мақсадҳое, ки барои муқовимат бо таъсиррасониҳои беруна равона шудаанд, зимни амалишавии худ роҳу усулҳои мушаххасро пайгирӣ менамоянд. Аммо мақсадҳое, ки барои фаҳму дарки оқибатҳои манфии таъсиррасонии беруна равона мешаванд, усулҳои ба он мувофиқро тақозо мекунанд.

Дигаргуниҳои ҷаҳони муосир ба системаҳои сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд ва дар бисёре аз мавридҳо ноустувории унсурҳои таркибии онро бештар месозанд. Бахусус системаҳои сиёсие, ки ба дигаргуниҳои муҳити беруна хеле суст мутобиқ мешавад, ё ин ки онҳоро дарк намекунад, ниҳоятан устувории ниҳодҳои сиёсии худро аз даст медиҳанд. Чунин ҳолатро сиёсатшиноси амрикоӣ Г. Киссинҷер мушоҳида намуда, қайд мекунад, ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккули муносибатҳои нав дар фазои маҷозии интернет ҳамаи таҷрибаҳои таърихиро зери суол қарор медиҳад ва таҳдиду хатаре, ки аз он бармеоянд, бо мушкилиҳои зиёд муайян карда мешаванд [8,с.447]. Дар чунин шароит мушоҳида кардан мумкин аст, ки халалдор гардидани устувории системаи сиёсӣ ба таври дарозмуддат ба амал меояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тули ду даҳсолаи охир зери таъсири як қатор омилҳо, аз ҷумла ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, рушди технологияҳои иртиботӣ, тағйирёбии манзараи геополитикии олам таъсири омилҳои беруна ба суботи сиёсии ҷомеа бештар гардида истодаанд. Алоқамандии ҳамаи субъектҳои таъсиррасонро, ки дар шакли ниҳодҳои ғайридавлатӣ зоҳир мешаванд, то дараҷаи муайян ба таври ғайримустақим эҳсос намудан мумкин аст. Ба акторҳои ғайридавлатии хориҷӣ ниҳодҳои зеринро шомил намудан мумкин аст: ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳои динӣ ва ҳаракатҳои фаромиллии динию этникӣ, ниҳодҳои ғайридавлатии соҳаи маориф ва фарҳанг, шабакаҳои иҷтимоӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ, ҷамъиятҳо ва гурӯҳҳои фазои маҷозӣ. Субъектҳои мазкур ба раванди иҷтимоишавии шахс, маданияти сиёсии шаҳрвандон, ҷаҳонбинӣ, рафтори сиёсӣ ва майлу рағбати одамон таъсири амиқ мерасонанд.

Муқоисаи фаъолнокии субъектҳои хориҷие, ки ба равандҳои сиёсӣ, қарорҳои сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ таъсиррасонӣ мекунанд, имкон медиҳад, ки субъектҳои таъсиррасонии

беруна вобаста ба усулҳои истифоданамудаи онҳо гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар шароити имрӯза чунин ниҳодҳо, ба монанди давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ибодатхонаҳо, артиш, ниҳодҳои тарғиботӣ (ВАО)-ро ба субъектҳои анъанавӣ дохил намудан мумкин аст. Онҳо ҳама вақт дар равандҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ нақши муҳим мебозиданд. ВАО-и электронӣ ҳамчун неруҳои таъсиррасони иттилоотӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун миёнаравони ҳалли низоъ субъектҳои нави таъсиррасонӣ ба шумор меравaнд. Сохторҳои фаромиллӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ (журналистикаи шаҳрвандӣ), субъектҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ (масалан, блогерҳо), ки дар натиҷаи рушди интернет ва тавсеаи ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадаанд, субъектҳои навтарини таъсиррасонӣ ба шумор меравaнд.

То солҳои наздик давлат субъекти асосии таъсиррасонии хориҷӣ ба шумор мерафт. Зеро ҳама гуна таъсиррасонӣ ба муҳити берунаи давлат аз ҷониби худи давлат бармеомад, онҳо барои анҷом додани ин мақсад захираҳо ва воситаҳои заруриро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Айни замон низ дар фаъолияти қариб ҳамаи субъектҳои хориҷӣ манфиатҳои давлати мушаххас, ё манфиатҳои элитаи ҳукмрони он давлатро мушоҳида кардан мумкин аст. Субъектҳои ғайридавлатӣ аз ҷониби давлати мушаххас дастгирӣ гардида, дар низоми манфиатҳои онҳо метавонанд мавқеи намоёнро ишғол кунанд. Аммо боз ҳастанд субъектҳое, ки фаъолияти худро мустақилона ба роҳ мемонанд.

Муҳаққиқоне, ки нақши сиёсии ширкатҳои фаромиллиро омӯхтаанд, шаклҳои гуногуни амалишавии манфиатҳои иқтисодии онҳоро нишон медиҳанд. Масалан, ширкати «Exclusive Analysis» [15], ки соли 2003 таъсис ёфтааст, на танҳо хусусияти фаромиллӣ дорад, балки фаъолияти он барои ҳимояи манфиатҳои ширкатҳои фаромиллӣ равона карда шудааст. «Exclusive Analysis» ширкати истихборотие мебошад, ки дар миқёси ҷаҳон хавфҳои сиёсии соҳаи тиҷоратро ояндабинӣ менамояд. Шабакаи васеи сарчашмаҳои маълумотгирӣ ва методологияи хосса ба ин ширкат имкон медиҳад, ки дар бораи соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ба ширкатҳои фаромиллӣ ояндабиниҳои аниқу дақиқро пешниҳод намояд. Аз ҷумла, ояндабинӣ дар бораи бозори суғурта, хизматрасониҳои молиявӣ, бонкҳо, саноати нафту газ, авиатсия, саноати кӯҳӣ, ҳукуматҳо, ташкилотҳои гайриҳукуматӣ, ВАО ва ғ. ба ширкатҳои фаромиллӣ пешниҳод карда мешавад. Ҷойгоҳи ширкатҳои фаромиллӣ дар равандҳои сиёсӣ ва роҳу усулҳои таъсиррасонии онҳо дар асари Д. Ергин ба таври муфассал таҳқиқ гардидааст [7].

Нақши сиёсӣ ва технологияи таъсиррасонии шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Д.Г. Балуев таҳқиқ гардидааст. Ба андешаи ӯ, дар ҳамаи кишварҳои олам шабакаҳои иҷтимоӣ ҷузъи таркибии ҷомеаи шаҳрвандӣ гардидаанд [2]. ВАО-и электронии замони муосир, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ моҳиятан на демократӣ ва на ғайридемократӣ мебошанд. Чунин унсури иҷтимоӣ метавонад ҳардуи хислатҳоро дошта бошад, яъне аз мавқеи истифодабарӣ ва самти фаъолияти онҳо шакли зоҳиршавии фаъолияти онҳоро муайян намудан мумкин аст. Гузашта аз ин, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и электронӣ дар ҳама гуна режими сиёсӣ метавонад ба сифати субъекти таъсиррасон баромад намояд ва ба системаи сиёсии мушаххас таъсир расонад. Ба ин масъала як гурӯҳ сиёсатшиносони ватанӣ таваҷҷуҳ намуда истодаанд. Барои мисол, дар таҳқиқоти Х.Қ. Сафарализода ба манфиати киҳо ва бар зарари киҳо будани шабакаҳои иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Ҳатто барои анҷом додани ҷангҳои иттилоотӣ ва тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ истифода шудани шабакаҳои иҷтимоӣ муайян карда шудааст [12; 13].

Шабакаҳои иҷтимоӣ навъе аз иртиботи оммавӣ мебошад, ки дар заминаи интернет ташаккул меёбад. Муҳаққиқи амрикоӣ Б. Солис шабакаҳои иҷтимоиро воситае медонад, ки тавассути онҳо одамон иттилооти мавриди назарро меёбанд, мехонанд ва шарҳ медиҳанд. Дар чунин ҳолат омезиши ниҳодҳои иҷтимоӣ бо технологияҳои ҷадид ба амал меояд, ки дар натиҷаи он монолог ба диалог табдил меёбад [11]. Бояд қайд намуд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ барои амалӣ намудани назарфиребии афкори ҷамъиятӣ ва таъсир расонидан ба рафтори одамон иқтидори хеле баланд доранд. Дар се шакл зоҳир гардидани чунин иқтидори шабакаҳои иҷтимоиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Иқтидори иттилоотӣ. Шабакаҳои иҷтимоӣ иттилооти рӯзмарра ва мубрамро, ки барои одамон ҷолиби диққат аст, бо суръати хеле баланд интиқол медиҳанд ва паҳн менамоянд.

2. Иқтидори иртиботӣ. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни гурӯҳи мушаххаси одамон муносибатҳои боэътимодро ташаккул медиҳанд ва ҳар узви гурӯҳ худро дар низоми муносибатҳои мазкур нисбатан мустақил эҳсос менамояд.

3. Иқтидори иҷтимоию психологӣ. Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ одамон талаботи иҷтимоии худро қонеъ менамоянд, онҳо нисбат ба масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ зоҳир намуда, худро субъекти муҳимми равандҳои иҷтимоӣ тасаввур кардан мехоҳанд, зеро шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки шахс худро дар як вақт ҳам аудитория ва ҳам муаллиф тасаввур намояд. Ҳамин тариқ, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ба вуҷуд овардани иртиботи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати аввал ба назар чунин менамояд, ки истифодаи он гӯё фаъолияти касбию ҳадафнок нест, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёре аз мавридҳо шабакаҳои мазкур ба манфиати субъектҳои гуногун истифода мешаванд ва фаъолони онҳоро низ дар ин самт манфиатдор менамоянд.

Ташкилотҳои динӣ дар шароити тавсеаи ҷаҳонбинии дунявӣ технологияи ҳамкориҳои байналмилалии гуманитариро истифода намуда, ба ин васила аҳаммияти сиёсӣ ва таъсири байналмилалии худро нишон додан мехоҳанд [9; 10]. Сиёсатшиноси рус В.А. Ачкасов чунин тамоюлотро мушоҳида намуда, шабакаҳои фаромиллии динию этникиро низоми муносибатҳои гуногунсатҳае медонад, ки берун аз сарҳадоти миллию давлатӣ ташаккул меёбад. Ӯ субъектҳои ин навъи муносибатҳоро ба таври зерин муайян кардааст: 1) умумиятҳои этникие, ки барои ҳуқуқҳои гурӯҳӣ, худмуайянкунии этникӣ ва динии худ мубориза мебаранд (диаспораҳои глобалӣ, муҳоҷирон, гурезагон, ташкилотҳое, ки онҳоро намояндагӣ мекунанд); 2) ҳукумати кишварҳое, ки умумиятҳои этникию диниро пуштибонӣ мекунанд; 3) ҳукумати кишварҳои пазиро; 4) ташкилотҳои динию этникии кишварҳои пазиро; 5) ташкилотҳои динию этникии кишварҳои умумиятҳои этникию динӣ; 6) гурӯҳҳои гуногуни ғайрирасмӣ; 7) шахсони алоҳида. Шабакаҳои фаромиллии динию этникӣ хусусиятҳои минтақавию глобалии низоъҳои маҳаллиро ташаккул медиҳанд ва онҳоро дар сатҳи муносибатҳои байналмилалӣ мебароранд [1].

Ҳамин тариқ, шабакаҳои фаромиллии динию этникӣ сабабгори ба амал омадани низоъҳо гардида, қодиранд, ки системаи сиёсии ҷомеаро ноустувор намоянд. Хусусияти байналмилалӣ гирифтани низоъҳои этникию динӣ натиҷаи истифодабарии технологияи нави таъсиррасонӣ ба шумор меравад. В.А. Ачкасов қайд менамояд, ки «дар ҷаҳони имрӯзаи бо ҳамдигар алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста низоъҳои динию этникии дохилидавлатӣ дар аксар маврид хусусияти минтақавию байналмилалӣ касб менамоянд. Дар чунин шароит ҷаҳонишавии низоъҳо ва бештар гардидани дахолати субъектҳои беруна афзоиш меёбад. Чунин низоъҳо иқтидори зиёди бесуботкунанда доранд ва на танҳо давлатҳои ҳамсоя, балки субъектҳои байналмилалиро ба низоъҳои баамаломада ворид менамоянд» [1].

Тули солҳои охир субъектҳои хориҷие, ки барои вайрон намудани суботи сиёсӣ омилҳои этникию диниро истифода мекунанд, бо роҳу усулҳои анъанавӣ маҳдуд намегарданд. Онҳо имкониятҳои ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, гурӯҳҳои шабакавӣ ва бӯҳрони ғояҳои дунявиро ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар чунин шароит шахсоне, ки иҷтимоишавии онҳо дар фазои маҷозии интернет сурат мегирад, ба воқеиятҳои замона муносибати нофаъол дошта, иттилооти зиёди интиқолёбандаро бе мавқеи танқидӣ қабул менамоянд. Аз ин рӯ, чунин ашхос объекти таъсиррасонии беруна қарор мегиранд. Маҳз дар чунин ҳолатҳо иқтидори таъсиррасонии сиёсии субъектҳои ғайридавлатӣ ва фаромиллӣ афзоиш меёбад. Олими рус Д.Г. Балуев қайд менамояд, ки «тавсеаи интернет на танҳо миллиардҳо нафарро бо ҳаҷми бузурги иттилоот таъмин намуд, балки ба онҳо имконият дод, ки андешаи худро баён созанд ва новобаста аз давлат амалҳои дастаҷамъона анҷом диҳанд» [2]. Чунин шакли иртибот дар фазоҳои иттилоотии алтернативие, ки муносибати аъзоёни он аз ҷониби давлат танзим намегардад, ба амал меояд. Бинобар ин, пайдоиш ва ташаккулёбии фазоҳои иттилоотии алтернативӣ ба суботи сиёсии ҷомеа мустақиман таҳдид менамояд. Фазои иттилоотии алтернативӣ маҷмуи бойгониҳо ва захираҳои иттилоотӣ, воситаи ба амал баровардани иртиботи иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотие мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои мушаххас ба вуҷуд оварда шуда, барои қонеъ намудани талаботи иттилоотии доираи муайяни одамон равона мешавад. Аммо барои таъмини суботи сиёсӣ муҳим ин аст, ки фазои иттилоотии умумӣ

ташаккул дода шавад ва субъектҳои он дар асоси қоидаҳо ва принсипҳои умумӣ амал намоянд. Дар баъзе мавридҳо зери таъсири омилҳои гуногун эътимоди одамон ба иттилооти расмӣ кам мегардад ва аз ин рӯ, онҳо дар ҷустуҷӯйи иттилооте мешаванд, ки аз таъсири ҳокимияти давлатӣ берун мондаанд. Дар чунин шароит одамон ба фазоҳои иттилоотии алтернативӣ меафтанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ одамон имконият доранд, ки иттилооти алтернативиро дастаҷамъона муҳокима намоянд ва бо иттилооти расмӣ муқоиса созанд. Иштирокчиёни чунин муҳокимаронӣҳо метавонанд миллионҳо нафар бошанд. Замоне ки дар байни муҳокимачиён сарвар пайдо мешавад, онҳоро ба марҳилаи фаъоли амалҳои сиёсӣ сафарбар менамояд.

Таҳқиқу омӯзиши фазоҳои иттилоотии алтернативӣ бо роҳу усулҳои гуногун метавонад анҷом дода шавад. Яке аз чунин усулҳо технологияи мониторинги фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ ва дигар субъектҳои фазои маҷозӣ мебошад. Дигаргуниҳои замони муосир нишон медиҳанд, ки сохтори ВАО бо унсурҳои таркибии онҳо ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта истодаанд, аз ҳама муҳим нақш, мавқеъ ва вазифаҳои ҳар як унсури ВАО ба таври номутавозин шакл гирифта истодаанд. Барои мисол, дар замони имрӯза шаҳрвандони қаторӣ ба рӯзноманигор табдил ёфта истодаанд, онҳо аллакай дар ташаккули рӯзномаи раванди сиёсӣ иштирок мекунанд, ба афкори иштироккунандагони шабакаҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таъсири амиқ мерасонанд. Онҳо дар заминаи технологияҳои нави иртиботӣ (масалан, шабакаҳои иҷтимоӣ) имкони сохтани саҳифаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои алтернативии паҳн намудани иттилоотро доранд. Дар чунин шароит монополияи ВАО-и анъанавӣ дар самти интиқоли иттилоот ва иттилоъраонӣ ба таври ҷиддӣ осебпазир мегардад.

Айни замон зарурати шабакаҳои иҷтимоиро низ бояд ба инобат гирифт. Шабкаи интернет ифодагари фарҳанги озодӣ мебошад ва иртиботи озод ва тарзи зиндагии озодро тақозо менамояд. Технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ ба одамон имконият медиҳанд, ки муошрати худро ба таври нав ба роҳ монанд ва дастаҷамъона кореро анҷом диҳанд. Чунин рисолатро дар марҳилаҳои пештараи таърихӣ телеграф, телефон ва телевизион анҷом медод [18]. Ҳарчанд блогерони имрӯза барои тағйир додани рафтори сиёсии мушаххас фишангҳои молиявӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ надошта бошанд ҳам, онҳо ба хонандагони худ иттилооти навро пешкаш намуда, ба афкори онҳо таъсир мерасонанд [19]. Мутахассисони соҳа иброз медоранд, ки «тахминан 30 сол пеш сиёсатмадорон, ситораҳои соҳаи шоу-бизнес, варзишгарон ташаккулдиҳандагони афкори ҷамъиятӣ ба шумор мерафтанд ва манфиатҳои ҷамъиятӣ бошанд, дар заминаи фаъолияти онҳо шакл мегирифтанд. Имрӯз бошад барои ба даст овардани ҷонибдорон ва мухлисони зиёд шарт нест, ки дар майдони бозии футбол араќи ҷабин резӣ. Ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ садҳо ташаккулдиҳандагони афкори ҷамъиятӣ пайдо мегардад ва чунин ҳолат боиси пайдоиши бозори нав гардидааст» [3]. Ғайр аз ин, мушоҳидаи солҳои охир нишон медиҳад, ки субъектҳои хориҷӣ таъсири «неруи нарм»-и худро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ мемонанд [14].

Муваффақияти технологияҳои таъсиррасонии субъектҳои хориҷӣ ва иштироки одамон дар фазоҳои иттилоотии алтернативӣ на танҳо аз омилҳои беруна, балки аз мушкилиҳо ва дигаргуниҳои дохилии системаи сиёсӣ низ вобаста мебошад. Дар раванди дигаргуниҳои ҷаҳони муосир дар дохили системаҳои сиёсӣ як қатор мушкилиҳое пайдо мегарданд, ки ҳалли муваффақонаи онҳо ҷиҳати таъмини суботи системаи сиёсӣ мусоидат менамояд. Мушкилиҳои дохилии системаи сиёсиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Қафомонии ниҳодҳои сиёсӣ аз дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз суръати рушди муҳити берунаи системаи сиёсӣ. Дар чунин шароит системаи сиёсӣ хавфҳо ва таҳдидҳои дохилию берунаро саривақт баҳогузорӣ карда наметавонад, қарорҳои дахлдор саривақт қабул намегарданд, системаи сиёсӣ ба таъсиррасониҳои беруна низ саривақт тавaҷҷӯҳ зоҳир карда наметавонад. Ба ин масъала сиёсатшиноси амрикоӣ С. Хантингтон таваҷҷуҳи зиёд додааст. Ба андешаи ӯ, «дигаргуниҳо сарчашмаҳои анъанавии нуфузи сиёсӣ ва ниҳодҳои сиёсии анъанавиро вайрон месозанд. Дигаргуниҳои мазкур масъалаи ташкил намудани асосҳои ягонагии сиёсӣ ва ниҳодҳои нави сиёсиро, ки самаранокӣ ва

легитимияти ҳокимият аз онҳо вобаста аст, мураккаб мегардонанд. Суръати баланди сафарбарии иҷтимоӣ ва афзоиши фаъолнокии сиёсии аҳолӣ ва баръакс, суръати пасти ташаккулёбии ҳаёти сиёсӣ ва ниҳодикунонӣ ба мушоҳида мерасад» [17]. Ба ибораи дигар, «чи қадаре ки суръати дигаргуниҳои сифатӣ бештар бошад, ҳамон қадар сатҳи ноустувории ниҳодҳои сиёсӣ зиёдтар мегардад» [17,с.45].

Барои равшану возеҳ намудани паҳлуҳои муҳимтарини ин масъала таҳқиқоти олимони соҳа, бахусус онҳое, ки ташаккули системаҳои сиёсии замони муосирро омӯхтаанд, хеле зарур мебошад. Барои мисол, олими немис Клавдий Грос иброз медорад, ки бо дарёфти роҳу усулҳои коҳиш додани сарфаи вақт устувории системаи сиёсӣ тадриҷан ҳифз карда мешавад. Яъне, субъектҳои сиёсӣ бояд ба талабу дархости шаҳрвандон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар муддати кӯтоҳ қарорҳои сиёсӣ қабул кунанд [20]. Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки барои нигоҳ доштани устувории ҷомеа усулҳои идоракунӣ бояд тадриҷан тағйир дода шаванд ва мухлати қабули қарорҳои сиёсӣ бояд кам карда шавад. Дар маҷмуъ, К.Грос ба хулосае меояд, ки дар натиҷаи тавсеаи интернет ва бештар шудани телефонҳои ҳушманд раванди ташаккулёбии андешаҳои сиёсии шаҳрвандон низ бо суръати баланд ба амал меояд.

Масъалаи бештар намудани суръати қабули қарорҳо дар шароити рушди технологияҳои ҷадид ҳанӯз солҳои 1960-ум аз ҷониби асосгузори назарияи системаҳои кибернетикӣ Н. Винер пешниҳод гардида буд. Ба андешаи ӯ, «мошинҳои электронӣ нисбат ба одамон чандин маротиба бештар ҳаракат мекунанд ва дар иҷроиши корҳо дақиқтар мебошанд. Ба он нигоҳ накарда, ки мошинҳои электронӣ аз ҷониби одамон пайваста танқид мешаванд, чунин нигоҳи танқидӣ ҳеҷ самарае надорад, зеро он дертар зоҳир мегардад. Бинобар сабаби хеле суст амал намудани одамон, назорати мошинҳои электронӣ аз ҷониби одамон ҳеҷ самарае намедиҳад» [21].

Ҳамин тариқ, бо рушди технологияҳои нави ҷомеаи иттилоотӣ масъалаи бо суръати баланд ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ, арзишҳои ҷомеа, қафомонии ниҳодҳои сиёсии ҷомеа дар самти истифодабарии технологияҳои нави электронӣ, ҳамзамон масъалаи ба оҳистагӣ ба амал омадани қабули қарорҳои сиёсӣ мубрам ва рӯзмарра мегарданд. Аз рушди соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ қафо мондани рушди ниҳодҳои сиёсӣ, ба оҳистагӣ таваҷҷуҳ намудан ба талаботи шаҳрвандон сабабҳои дохилии халалдор шудани суботи системаи сиёсӣ ба шумор мераванд.

2. Ниҳодҳои сиёсӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ барои ташаккул додани муносибатҳои мутақобила бо соҳаҳои дигар дар сатҳи зарурӣ омодагӣ надорад. Ниҳодҳои сиёсӣ барои иҷроиши вазифаҳои худ манбаъҳо ва захираҳои навро дар сатҳи зарурӣ истифода бурда наметавонанд. Дар чунин шароит субъектҳои сиёсати давлатӣ дар як вақт ҳам дар муҳити воқеӣ ва ҳам дар фазои маҷозӣ амал карда наметавонанд. Дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ниҳодҳои сиёсӣ худро дар фазои маҷозӣ дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ карда наметавонанд, зеро ҳанӯз ҳам намедонанд, ки ба фазои мазкур чи гуна ворид шаванд ва фаъолнокии худро баланд бардоранд. Чунин ҳолат сабабҳои худро дорад. Зеро сарҳади фазои маҷозӣ аз доираи системаҳои сиёсӣ даҳҳо маротиба фарохтар аст ва хусусияти миллии он камтару хусусиятҳои глобалиаш бештар мебошад.

Олими фаронсавӣ Ж. Бодрийяр қайд намуда буд, ки қоидаҳои нави муошират ва муносибат мавқеи субъектро заиф, мавқеи объектро имконпазир мегардонад [4,с.164]. Дар чунин шароит қоидаҳои нави иштироки ҷомеа дар ҳаёти сиёсӣ ташаккул меёбад, ки дар заминаи он ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ қисман вазифаҳои ниҳодҳои сиёсиро иҷро мекунанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ муносибати муташаккилонаи ниҳодҳое мебошад, ки ба таври горизонталӣ ва дар асоси созишномаҳои мушаххас зоҳир мегардад. Иштирокчиёни низоми муносибатҳои мазкур баробарҳуқуқанд. Вазифаҳои нави ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити дигаргуншавии ҷомеа аз ҷониби В.В. Буряк ба таври муфассал таҳқиқ гардидааст [5].

3. Заиф гардидани вазифаи иҷтимоикунонии сиёсӣ масъалаи хеле ҷиддии дохили системаи сиёсӣ мебошад. Дар натиҷа меъёрҳо ва арзишҳои рафтори сиёсӣ аз ҷониби одамон дарк намегарданд, раванди ҳамгироии одамон дар низоми муносибатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба амал намеояд. Маданияти сиёсии ҷомеа бо мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба

рӯ гардида, бо воқеияти замона худро дар сатҳи зарурӣ мутобиқ гардонида наметавонад. Агар ниҳодҳои сиёсӣ вазифаҳои иҷтимоикунонии худро иҷро карда натавонанд, хавфи бештар шудани таъсири субъектҳои беруна, ба амал омадани равандҳои дезинтегратсионӣ дар дохили системаи сиёсӣ ва ҳатто эҳтимоли бо марказҳои берунаи идоракунӣ ҳамкорӣ кардани унсурҳои таркибии дохили система бештар мешавад.

Заиф гардидани вазифаҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ на танҳо аз вазъияти нохуби ниҳодҳои сиёсӣ ва масъалаҳои тарбияи идеологӣ вобаста аст, балки аз рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, бахусус аз тағйирёбии нақш ва вазифаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бармеояд. Натиҷаи таҳқиқоти равоншиносон А.Ш. Тхостова ва К.Г. Сурнова нишон медиҳад, ки аз меъёр зиёд истифода намудани технологияҳои ҷадид ва фарҳанги муосир метавонад ба вайроншавии раванди иҷтимоикунонии шахс оварда расонад [16]. Масалан, шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои компютерӣ, маҷаллаҳои рекламавӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар раванди бо суръати баланд ба амал омадани дигаргуниҳои сохторӣ маводи фаровони эмпирикӣ ҷамъоварӣ мегардад, ки онҳоро зимни таҳқиқи масъалаҳои суботи сиёсӣ, омода намудани маводи таҳлилӣ барои коркард ва қабули қарорҳои сиёсӣ, зимни интихоби технологияҳои таъмини суботи сиёсӣ истифода намудан зарур аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити тағйирёбии воқеиятҳои имрӯза технологияҳои таъмини суботи сиёсӣ бояд барои ба даст овардани таъсири амиқ ва дарозмуддат равона карда шаванд. Бе ноил шудан ба чунин таъсир, маркази қабули қарори сиёсӣ маҷбур мешавад, ки технологияҳои вокуниши фаврии вазъиятро, ки ба ноил шудан ба таъсири зуд, вале кӯтоҳмуддат нигаронида шудааст, истифода барад. Мутаассифона, чунин муносибат зери таъсири фаъолияти субъектҳои беруна ба ташаккули омилҳои устуворкунандаи системаи сиёсӣ мусоидат намекунад. Дар шароити муосир табдил додани воқеият мутобиқи мақсади муайян ва ҳолати матлуби системаи сиёсӣ, ташкили ҳамкории оқилонаи субъектҳои системаи сиёсӣ, омӯхтан, ҷамъоварӣ кардани иттилоот дар бораи имкониятҳои технологии раванди таъмини устувории системаи сиёсӣ вазифаҳои муҳимтарини технологияҳои таъмини суботи сиёсӣ мебошанд. Технологияҳои таъмини суботи сиёсӣ бояд ба иқтидори таҳдиди беруна мувофиқат намоянд. Ба мақсад мувофиқ будани усулҳо, захираҳои татбиқшаванда, мувофиқати онҳо бо шароити кунунӣ, бо афзалиятҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷомеа хеле муҳим мебошанд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ- Сафарализода Х.Қ.**

## АДАБИЁТ


1. Ачкасов В.А. Новые факторы и акторы дестабилизации международных отношений. - URL: http://polit.msu.ru/pub/XXI-2/4/00.pdf (дата обращения: 12.01.2023 г.)
2. Балуев Д.Г. Политическая роль социальных медиа как поле научного исследования. – URL: http://ifets.ieee.org/russian/depository/v16_i2/html/18.htm
3. Битва за лидеров мнений: как блогеры стали выгоднее любой рекламы [Электронный ресурс]. – URL: http://www.forbes.ru/karera-i-svoy-biznes/345727-bitva-za-liderov-mneniy-kak-blogery-stali-vygodnee-lyuboy-reklamy (дата размещения: 12.09.2022 г.)
4. Бодрийяр Ж. Фатальные стратегии / Ж.Бодрийяр. - М.: Рипол-классик, 2017. - С.164.
5. Буряк В.В. Глобальное гражданское общество и сетевые революции / В.В. Буряк. - Симферополь: ДИАЙПИ, 2011. - 150 с.
6. Гришин О.Е. Технологии политической деятельности: сущность и потенциал применения: дисс. …канд. полит. наук / О.Е. Гришин. – М., 2001. – С. 17.-62.
7. Ергин Д. Добыча: Всемирная история борьбы за нефть, деньги и власть / Д.Ергин. – М.: Альпина Паблишер, 2014. – 944 с.
8. Киссинджер Г. Мировой порядок / Г. Киссинджер. – М.: Издательство АСТ, 2016. – С.447, 450.
9. Комлева В.В. Религиозные институты в международном гуманитарном сотрудничестве / В.В. Комлева // Этносоциум. - 2017. - №6. - С.154-166.
10. Комлева В.В. Религиозные институты как регуляторы нравственной парадигмы в геополитике // Миссия конфессий. - 2017. - №24. - С.8-15.
11. Макротренды в бизнесе. Как стать компанией новой волны, создавая эмоции, привлекающие клиентов. – URL: http://www.academia.edu/7914848/ (дата обращения: 12.01.2023 г.)
12. Сафарализода Х.К. Польза и вред социальных сетей // Международные отношения и безопасность. – 2022. –№ 4 (4). –С.31-49.

13. Сафарализода Х.К. Вызовы и угрозы социальных сетей // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 314-325.
14. Сафарализода Х.К. Мягкая сила как инструмент реализации интересов и способ нейтрализации угроз // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №7. – С.288-300.
15. Сомонаи расмии ширкати «Exclusive Analysis». – URL: http://www.exclusive-analysis.com
16. Тхостов А.Ш. Влияние современных технологий на развитие личности и формирование патологических форм адаптации: обратная сторона социализации / А.Ш.Тхостов, К.Г. Сурнов //Психологический журнал. - 2005. - Т.25 (№6). - С. 16-24.
17. Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах / С. Хантингтон. -М.: Прогресс-Традиция, 2004. – 444 с.
18. Howard, R. The Virtual Community: Homesteading on the Electronic Frontier (2nd Edition). -Cambridge: MIT Press, 2000. – 325 p.
19. Clay, S. Here Comes Everybody: The Power of Organizing Without Organizations. – Penguin Press, 2008. -336 p.
20. Gros C. Complex and Adaptive Dynamical Systems. - Springer, 2015;
21. Wiener N. Some Moral and Technical Consequences of Automation // Science, New Series7 1960. - Vol. 131. -№ 3410 (May 6). -P. 1355-1358.

## РОҲУ УСУЛҲОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар ҳама давру замон таъмини суботи сиёсӣ барои ҳамаи давлатҳо аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар замони муосир зери таъсири дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ, бахусус дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи ҷаҳонишавӣ суботи сиёсии ҷомеа осебпазир гардида, ба халалдор гардидани рушди минбаъдаи давлатдорӣ ва ноустувор гардидани системаи сиёсӣ оварда мерасонад. Дар мақолаи мазкур муаллиф таъмини суботи сиёсиро дар чунин замина таҳлилу таҳқиқ намуда, субъектҳои нави таъсиррасонро нишон додааст. Омӯзиши ин масъала нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза аз ҳама бештар ба суботи сиёсии ҷомеа субъектҳои хориҷӣ таъсир мерасонанд. Бахусус дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ фазоҳои алтернативии иттилоотӣ пайдо мегарданд, ки онҳо ба афкори ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар мақола сарчашмаҳои дохилӣ ва хориҷии таъсиррасонии иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Инчунин, таъсири иттилооти фазои воқеӣ ва фазои маҷозӣ низ аз ҳам ҷудо карда шудаанд. Омӯзиши ин масъала нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза таъсири субъектҳои фазои маҷозӣ ба афкори ҷамъиятӣ хеле зиёд аст. Дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ субъектҳои гуногуни манфиатдор дар фазои маҷозии интернет фаъол гардида, иқтидори таъсиррасонии онро самаранок истифода намуда истодаанд. Бинобар ин, барои он, ки суботи сиёсии ҷомеа дар шароити имрӯза таъмин гардад, бояд унсурҳои таркибии системаи сиёсии ҷомеа таҳдиду хатарҳоро саривақт ошкор намуда, безарар гардонанд. Инчунин, ниҳодҳои таркибии системаи сиёсӣ бояд барои безарар намудани таҳдидҳо иқтидори зарурӣ дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** суботи сиёсӣ, афкори ҷамъиятӣ, таъмини суботи сиёсӣ, системаи сиёсӣ, субъектҳои таъсиррасони хориҷӣ, фазои иттилоотии алтернативӣ, низоъҳои динию этникӣ.

## ПУТИ И СОПОСОБЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Для всех государств обеспечение политической стабильности всегда имеет стратегическое значение. В настоящее время под влиянием социальных и политических изменений, особенно в условиях развития информационных технологий и расширения глобализации, политическая стабильность общества стала уязвимой, что приводит к срыву дальнейшего развития государственности и нестабильности политической системы. В данной статье автор анализирует и исследует обеспечение политической стабильности в этом контексте и показывает новые субъекты воздействия. Изучение данного вопроса показывает, что в современных условиях на политическую стабильность общества наибольшее влияние оказывают иностранные субъекты. Особенно в процессе формирования информационного общества появляются альтернативные информационные пространства, оказывающие серьезное влияние на общественное мнение. В статье показаны внутренние и внешние источники информационного воздействия. Также разделены источники информации реального пространства и виртуального пространства. Изучение данного вопроса показывает, что в современных условиях влияние субъектов виртуального пространства на общественное мнение очень велико. В условиях становления информационного общества различные заинтересованные субъекты проявляют активность в виртуальном пространстве Интернета и эффективно используют его потенциал влияния. Поэтому для обеспечения политической стабильности общества в современных условиях необходимо, чтобы составные элементы политической системы общества своевременно выявляли угрозы и нейтрализовали их. Также составляющие институты политической системы должны иметь необходимые возможности для нейтрализации угроз.

**Ключевые слова:** политическая стабильность, общественное мнение, обеспечение политической стабильности, политическая система, иностранные влиятельные лица, альтернативное информационное пространство, религиозные и этнические конфликты.

## WAYS AND METHODS TO ENSURE POLITICAL STABILITY IN MODERN CONDITIONS

For all states, ensuring political stability is always of strategic importance. At present, under the influence of social and political changes, especially in the context of the development of information technologies and the expansion of

globalization, the political stability of society has become vulnerable, which leads to the disruption of the further development of statehood and the instability of the political system. In this article, the author analyzes and explores the provision of political stability in this context and shows new subjects of influence. The study of this issue shows that in modern conditions, foreign entities have the greatest influence on the political stability of society. Especially in the process of formation of the information society, alternative information spaces appear that have a serious impact on public opinion. The article shows the internal and external sources of information impact. The sources of information of real space and virtual space are also separated. The study of this issue shows that in modern conditions the influence of the subjects of virtual space on public opinion is very high. In the conditions of the formation of the information society, various interested subjects are active in the virtual space of the Internet and effectively use its potential of influence. Therefore, to ensure the political stability of society in modern conditions, it is necessary that the constituent elements of the political system of society promptly identify threats and neutralize them. Also, the constituent institutions of the political system must have the necessary capabilities to neutralize threats.

**Keywords:** political stability, public opinion, ensuring political stability, political system, foreign influential persons, alternative information space, religious and ethnic conflicts.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанов Бахтиёр*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: (**+992) 985-91-55-51**

**Сведения об авторе:** ***Хасанов Бахтиёр*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: (**+992) 985-91-55-51**

**Information about the author:** ***Hasanov Bakhtiyor*** – Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Political Science. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: (**+992) 985-91-55-51**

ТДУ: 32 (091)

# СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА МАСОИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Ғафуров Қ.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Амният ва сулҳу суботи минтақавӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ташкил ва фаъолияти зерсохторҳои робитаҳои байналмилалии Осиёи Марказӣ мебошад.

Амнияти минтақавӣ унсури асосие мебошад, ки амнияти байналмилалиро ташкил ва таъмин менамояд. Он зерсистемаи байналмилалӣ-ҳуқуқие мебошад, ки сулҳу субот ва амалигардонии тадбирҳои дастаҷамъонаи аъзоёни ҷомеаи минтақавиро таъмин мекунад, ки баҳри пешгирӣ, маҳдуд ва бартарафкунии таҳдидҳои гуногун ба сулҳу субот, инчунин барқароркунии он ҳам дар ҳудуди минтақаи худ ва ҳам берун аз марзи он равона карда шудаанд. Ба вазъи амнияти митнақавӣ ҷобаҷогузории маркази қувваҳо дар ҳудуди минтақа, инчунин манфиатҳои мутақобилаи ҷонибҳои асосии неруҳои ташкилкунандаи ҷомеаи нави ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд.

Алоқамандии мутақобилаи амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ ба мавҷудияти хусусиятҳои умумии рушди онҳо мусоидат мекунад, ки бо тамоюлоти ҷаҳонишавӣ ба миён омада, бо шаклҳои зиёди фарқияти онҳо, махсусияти минтақавӣ мувофиқанд.

Ба вазъи амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчунин тамоюлоти умумии рушди ҳолат дар фазои пасошуравӣ таъсири худро мерасонад, ки бо нигоҳдории робитаҳои байнидавлатии ҳанӯз дар даврони собиқ Шуравӣ тавлидшуда ва ташаккулёфта ба миён омадаанд. Сӣ сол қабл тақсимшавии собиқ ИҶШС ба вуқуъ омад ва то ҳол тафриқаи муносибатҳои сиёсии байни аъзоёни ИДМ идома доранд.

Алгоритми асосии амнияти минтақавӣ низоми байналмилалию ҳуқуқии он мебошад, ки маҷмуи тадбирҳои мураттабсохтаи байналмилалию ҳуқуқӣ ва ҳарбию сиёсии давлатҳои минтақаро дар бар гирифта, баҳри таъмини сулҳу субот, маҳдуд ва бартарафкунии таҳдидҳои мухталифи вайроншавии сулҳу субот, инчунин барқароркунии он ҳам дар ҳудуди минтақа ва ҳам берун аз он равона карда шудаанд.

Масъалаи амнияти минтақавӣ ҳам хусусияти хориҷӣ ва ҳам дохилӣ дорад. Яке аз масъалаҳои асосӣ ташкили низоми ягонаи амнияти минтақавӣ мебошад. Ин, бо назардошти мухталифии манфиатҳои кишварҳо дар ташаккули иқтисодӣ ва сиёсии минтақа, воқеан ҳам мушкилоти муайянеро ба миён меорад. Имрӯз масъалаи ташкили чунин низом ба миён меояд, ки оё он то кадом дараҷа вазъи муосири геополитикиро инъикос мекунад ва ба равандҳои ҷаҳонишавӣ таъсир мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки мушкилоти таъмини амнияти минтақавӣ на танҳо масъалаи асосии кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки масъалаи мубрами Россия, Чин, Иттиҳоди Аврупо ва ИМА низ мебошад. Ин таваҷҷуҳ комилан маълум аст, зеро ҳалли ин мушкилот барои таъмини амнияти ин кишварҳо, бахусус дар даврони афзудани созмонҳои террористӣ аҳаммияти хосса дорад. Маълум аст, ки терроризм таърихи тулонӣ дошта, дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар минтақаи Осиёи Марказӣ, таъсири манфӣ дошт. Кишварҳои мухталифи ҷаҳон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бар зидди ин падидаи номатлуби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастаҷамъона муқовимат намоянд. Дар минтақаи мо низ ташкилотҳои сатҳи байналмилалӣ, ба мисли Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) бар зидди ҳама гуна таҳдидҳо ба амнияти минтақа тадбирҳои назаррас меандешанд.

Алҳол СҲШ 18 кишварро муттаҳид менамояд, ки дар ҳудуди онҳо тахминан 45%-и аҳолии сайёра сукунат дорад. Имрӯз таъсири СҲШ ба равандҳои геополитикии Осиёи Шарқӣ, Марказӣ, Ҷанубӣ ва Шимолӣ хеле бузург аст. Имрӯзҳо мо шоҳиди он гаштаем, ки дар муқовимат ба таҳдиду чолишҳои нави ҷаҳонӣ бозингарони сиёсии минтақавӣ мекӯшанд аз неруҳои беруна истифода намоянд ва бештар дар стратегияи онҳо истифодаи ҷониби сеюм дар назар дошта шудааст. Аммо, бидуни суботи дохилӣ, ба даст овардани амнияти воқеӣ дар минтақаи Осиёи Миёна ғайриимкон мебошад.

Маълум аст, ки вазъи географии минтақаи Осиёи Марказӣ ҷанбаҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Аз як тараф, давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи роҳҳои тиҷорати байни

Шимол ва Ҷануб, Шарқу Ғарб ҷойгир аст, ки аз мавқеи иқтисодӣ хеле муфид аст. Аз дигар тараф, қаламрави ин кишварҳо дар байни ҳамсояҳои тавоно – Россия дар шимол, Чин дар шимол, кишварҳои муҳимми исломӣ – Афғонистон, Эрон ва Покистон – дар ҷануб ва ҷанубу ғарб ҷойгир аст. Бо даст овардани мустақилият аз ҷониби давлатҳои Осиёи Марказӣ масъалаи геостратегии пештар он қадар маълумнабуда – сарбастагии географии Осиёи Марказӣ хеле возеҳтар зоҳир гашт. Минтақаи мазкур нисбати воридоти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар канор буда, ба роҳҳои обии байналмилалӣ баромади бевосита надорад. Бо назардошти вазъи геополитикии худ, давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз як тараф, кӯшиш доранд на танҳо бо ҳамдигар, балки бо ҳамсояҳои тавоно (пеш аз ҳама Россия, Чин) ҳамкориҳоро ба танзим дароранд, аз дигар тараф, барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ роҳҳои навро ҷустуҷӯ намоянд.

Бояд қард, ки масъалаи таъмини сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ имрӯзҳо маҷмуи масъалаҳоеро ифода мекунад, ки пеш аз ҳама, бо масъалаҳои зерин алоқаманданд [9,с.2]:

- бо бадшавии вазъи иқтисодӣ дар минтақа;
- бо коррупсия, хазинадӯздӣ ва ҷиноятгорӣ;
- масъалаҳои обию энергетикии дар минтақа ҳалнашуда, ки метавонанд ба мунокишаҳои байнидавлатӣ мусоидат намоянд;
- мавқуфгузории масъалаҳои ҳудудие, ки бо ҳудудҷудокунӣ ва нишонагузории сарҳадҳо алоқаманд мебошанд;
- ҳалнашавандагӣ ва шиддатёбии масъалаҳои байни милатҳо.

Дар марҳилаи ҳозира, бо тамоюли пайдоиши падидаҳои бухронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва паҳншавии пандемияи КОВИД-19, мушкилоти давлатҳое, ки "пешсафон"-и ислоҳоти муваффақи иқтисодӣ ҳисобида мешаванд, шиддат гирифтааст. Дар иртибот ба вазъи амниятии Осиёи Марказӣ, мо метавонем сохторҳои сершумореро дар ин минтақа номбар намоем, ки сулҳу суботро дастгирӣ мекунанд. Воқеан, ин барномаю нақшаҳо ба манфиатҳои бозингарони ҷаҳонӣ (Россия, ИМА, Чин, Иттиҳоди Аврупо) хеле муносиб мебошанд: онҳо рӯзномаи кориро тибқи таҳияи стратегияҳои амнияти ИДМ, СААД, СҲШ, НАТО ташкил медиҳанд. Илова бар ин, мушоҳида карда кардан мумкин аст, ки тамоюлоти ҳамгироӣ, талошҳои дастаҷамъӣ, ташкили минтақаҳои "муштарак"-и масъулияти ин сохторҳо ҷой доранд.

Дар шароитҳои муосир амнияти миллӣ на танҳо аз қувваҳои мусаллаҳ, балки аз як қатор омилҳои дигар – иқтидори иқтисодӣ, саноати рақобатпазир, сифати низоми маориф, некуаҳволии шаҳрвандон ва кайфияти онҳо ва амсоли инҳо низ вобаста аст. Маҳз дар чунин вазъият аҳаммияти СҲШ дар рушди амнияти минтақавӣ меафзояд. Вале СҲШ бошад, аз ибтидо як сохтори ғайримутамарказ мебошад, ки бояд мушкилоти ҳукмронии ҳарбӣ-сиёсии ягон қувваро ба миён наорад.

Чор даҳсола қабл навъҳои мухталифи эпидемия ва қочоқи маводи мухаддир новобаста аз зарарҳои онҳо ҳамчун масъалаҳои ғайрисиёсӣ ба назар гирифта мешуд ва аз ҳамин сабаб ба тавri зӯроварӣ ҳал карда намешуданд [2,с.230].

Ба мавҷудияти созмонҳои мухталифи байниминтақавӣ дар Осиёи Марказӣ нигоҳ накарда, танҳо СҲШ метавонад дар оянда кафолати амният дар минтақа гардад.

Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун созмони минтақавию байналмилалӣ вижагиҳои худро дорад. Шомил будани давлатҳои абарқудрате, ба мисли Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба СҲШ имкон медиҳад, ки дар арсаи сиёсати байналмилалӣ нақши бориз дошта бошад ва дар ҳалли масоили минтақа ва ҷаҳон фаъолона мавқеъгирӣ намояд. Узвияти ин давлатҳо ба СҲШ имкон фароҳам меоварад, ки самтҳои стратегии рушд, мақому тасмимгириҳои он дар фазои зери масъулияти созмон ва муносибатҳои байналмилалӣ шоиста бошад. Мавқеъгирии СҲШ дар ҳаллу фасли масоили бавуҷудомада эҳтирому эътироф гардад.

«Ҷаҳони имрӯзаро бе СҲШ тасаввур намудан душвор аст», – иброз намудаанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо оҷонсии «Синхуа». Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки бо талошҳои якҷояи ҳамаи кишварҳои аъзои СҲШ мунтазам мавқеи худро ҳамчун кафолати амният ва субот дар минтақа таҳким дода, ба омили комили сиёсати байналмилалӣ, шарики тавоно, ояндадор

ва ватанӣ дар минтақаи Осиё табдил меёбад. Ба шумори дастовардҳои рушд ва устувории СҲШ тайи солҳои охир Президенти Тоҷикистон ташкили минтақаи воқеан ҳам васеи амният ва боварӣ дар тули сарҳади давлатҳои минтақа, ташкили пойгоҳҳои устувор баҳри ба даст овардани ҳадафҳои асосии Созмон, анҷом додани раванди ташкили мақомоти доимиамалкунандаи СҲШ мансуб донистанд. Тибқи ақидаҳои Сарони давлатҳо, СҲШ баҳри консепсияи нави амният мубориза бурда, ҷонибдори принсипҳои амнияти умумӣ, ворид нашудан ба иттиҳод, муқобилат накардан, бар зидди кишварҳои сеюм мебошад.

Дар доираи Созмон аъзоёни он, асосан, бахри ҳамкориҳо дар самти амният талош доранд, на бо мақсади ҳарбӣ.

Таърихи ташкили СҲШ аз баимзорасонии Созишнома дар бораи пурзӯргардонии эътимод дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ, ки 26 апрели соли 1996 дар Шанхай ва Созишнома дар бораи ба таври муштарак кам кардани қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои сарҳадии 24 апрели соли 1997 дар Москав баимзорасонидашуда оғоз шуда буд. Аз ҳамин лаҳза сар карда раванди баррасии масъалаҳои таъмини амнияти минтақа оғоз шуд. Ба сифати амалҳои муштарак оиди дар амал татбиқ намудани созишномаҳои зикршуда нахустасоси «иродаи шанхайӣ» хизмат намуд, ки эътимоди мутақобила, манфиатҳои дуҷониба, баробарӣ, эҳтиром ба манфиатҳо ва ақидаҳои якдигар, машваратҳои мутақобила, баромад ба ҳамдигарфаҳмӣ тавассути якдилӣ ва ризоияти ихтиёронаи иҷрои аҳдномаҳоро дар бар мегирад [15,с.2].

Тавре ки дар Эъломияи таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай омадааст: «Ҳадаф аз таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай, пеш аз ҳама, таҳкими робитаҳои дӯстона ва анъанаҳои неки ҳамсоягиву эътимоди кишварҳои аъзо, тавсеаи ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ, инчунин такон бахшидани робитаҳо дар соҳаҳои энергетикаву нақлиёт, маорифу муҳити зист ва дигар самтҳои афзалиятноки ҳаёти ҷомеа буда, саъю талоши муштарак дар роҳи таҳкими амният ва сулҳу субот дар минтақаву ҷаҳон, мусоидат ба ташаккул ва бунёди низоми нави байналмилалии демократӣ ва аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ адолатнок аз мақсадҳои асосию стратегии он ба шумор меравад».

Сарони давлатҳои узви СҲШ ҳамчунин ба Аҳдномаи мубориза алайҳи терроризм, экстремизм ва сепаратизм имзо гузошта, оид ба натиҷаҳои мулоқот иттилоия интишор намуданд. Дар айни замон, ин ташкилот муваззаф аст, ки ба чолишҳои нави замон саривақт вокуниш намуда, омодагии худро барои масъулият барои таъмини амният ва ташаккули умумии минтақа изҳор намояд [3].

14-15 июни соли 2001 дар Шанхай вохӯрии байни сарони шаш давлат – Россия, Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор гашт, ки дар он оиди ташкили Созмони Ҳамкории Шанхай – иттиҳоди нави минтақавӣ эълон карда шуд, ки ҳамчун ҳадафҳои худ таҳкими эътимоди мутақобилаи байни давлатҳои аъзо, дӯстию рафоқат; ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои самараноки байни онҳо дар самтҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ, маориф, энергетикӣ, нақлиётӣ, экологӣ ва дигар соҳаҳо; нигоҳдорӣ ва таъмини сулҳу субот, амният дар минтақа эълон менамуд. Ғайр аз ин, дар саммити Шанхай Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм ба имзо расонида шуд, ки барои муқобилати дастаҷамъии ҳамаи кишварҳои минтақа бар таҳдид ва чолишҳои нав асосҳои ҳуқуқиро гузоштааст.

Ҷаҳонишавии хатарҳо зарурати таҳияи лоиҳаҳои навро барои стратегияи амниятӣ пеш меорад. СҲШ метавонад ба сохторе табдил ёбад, ки манфиатҳои бозигарони асосии ҷаҳонӣ ва давлатҳои минтақаро муттаҳид сохта, дар арсаи сиёсии ҷаҳонӣ барои иштирокчии баробарҳуқуқ шудан кӯшиш намояд. Дар айни замон Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи СҲШ ва ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ бо кулли кишварҳои сулҳпарвари сайёра муносибату равобитро беш аз пеш тавсеа мебахшад.

Таъмини амният ва субот дар марҳилаи муосир на танҳо барои минтақаи Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Бар ивази шаклҳои маъмулии таҳдиди чолишҳо шаклҳои нав – терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, савдои маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккилона, киберҷиноятҳо ба майдон омаданд [7,с.6].

Тайи солҳои охир ҳодисаҳои номатлуби зикршуда шаклҳои нав ба навро соҳиб гашта, қатъитар мегарданд. Дар аксари кишварҳо экстремизми зӯроварӣ ташаккул меёбад, ки ба сулҳ ва амнияти байналмилалӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад.

Барои мубориза бо таҳдиду чолишҳои зикршуда тақвияти пойгоҳи ҳуқуқӣ дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, аз он ҷумла ворид намудани муқаррарот дар бораи қабули ҷазоҳои сиёсӣ дар санадҳои байналмилалӣ нисбати давлатҳое, ки ба терроризм, гузаронидани тафтишоти байналмилалии амалиётҳои террористӣ ва муҳокимаи амалҳои мухолифи роҳбарони сиёсӣ ва ҳарбӣ дар суди байналмилалӣ, фондҳои хайрия, соҳибкорон ва дигар ашхосе, ки ба терроризм ва экстремизм мусоидат мекунанд, зарур аст [8]. Ба муборизаи шадид бар экстремизм нигоҳ накарда, дар даврони ҷаҳонишавӣ сол то сол ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта афзуда, шумораи ашхосе низ меафзоянд, ки ин амалҳои нангинро содир мекунанд. Маълум аст, ки ҳамлаи террористон, сепаратистон ва экстремистони байналмилалӣ ба таври возеҳ бо мақсади номуътадил намудани вазъи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешаванд. Ғайр аз таҷовузи бевоситаи ҳарбӣ, терроризм кӯшиш дорад фаъолияти зараровари динию идеологиро амалӣ гардонад.

Аз ин сабаб, бо мақсади беҳтар гардонидани ҳамкории мутақобила дар мубориза бо терроризм, сепаратизм, экстремизм, қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, инчунин муҳоҷирати ғайриқонунӣ, сохтори зиддитеррористии минтақавӣ (РАТС) таъсис дода шуд, ки 7 июни соли 2002 мақоми ниҳоди доимиамалкунандаи СҲШ-ро гирифта, вазифаҳои асосии он инҳо мебошанд: коркарди пешниҳодҳо ва тавсияҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзо дар самти зикршуда дар бораи рушди ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм барои сохторҳои мувофиқи СҲШ, инчунин кишварҳои аъзои СҲШ; ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти ба РАТС аз кишварҳои аъзои СҲШ доир ба масъалаҳои мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм, сохторҳо, сарварон ва иштирокчиёни онҳо, дигар ашхоси бо онҳо мансуббуда, инчунин сарчашмаҳо ва роҳҳои маблағгузории онҳо, ҳамкорӣ дар омодагӣ ва гузаронидани тамринҳои зиддитеррористӣ ва фаврӣ-тактикӣ; ҳамкорӣ дар омодагирӣ ва гузаронидани дигар тадбирҳои фаврию ҷустуҷӯӣ доир ба мубориза бар зидди се қувваи бадӣ - терроризм, сепаратизм ва экстремизм [13,с.138].

Аз соли 2004 дар Тошканд кумитаи Иҷроияи РАТС амал мекунад. дар соли 2005 мактаби намояндагони доимии давлатҳои аъзои СҲШ дар назди РАТС таъсис дода шуд. Пойгоҳи аҳдномавию ҳуқуқии ҳамкориҳо дар ин соҳа низ Қоидаҳои амалиёти Шурои РАТС-и СҲШ, Созишнома дар бораи бонки маълумотҳои сохторҳои зиддитеррористии Минтақавии СҲШ, Созишнома дар бораи таъмини ҳифзи иттилооти махфӣ дар доираи РАТС-и СҲШ (соли 2004), Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм (соли 2005), Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ошкорсозӣ ва бастани роҳҳои воридшавии ашхосе, ки ба фаъолияти террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ мансубанд ва Созишнома дар бораи ҳимояи техникии иттилоот дар РАТС-и СҲШ (соли 2006), Конвенсияи СҲШ бар зидди терроризм (соли 2009) ва Низомнома дар бораи тадбирҳои сиёсӣ –дипломатӣ ва механизмҳои таъсири СҲШ ба вазъияте, ки ҷаҳон, амният ва сулҳу суботро дар минтақа зери хатар қарор додааст. Дар саммити моҳи июни соли 2012 дар Пекин нашри нави ин санад тасдиқ карда шуд. Дар рушди муқаррароти изҳороти Муштараки байни котиботи СҲШ ва СММ (соли 2010) моҳи майи соли 2014 аз ҷониби Котиботи СҲШ дар якҷоягӣ бо Кумитаи иҷроияи РАТС гузориш ба Раёсат доир ба масъалаҳои бесилоҳкунии СММ нисбати иҷрои Муқаррароти [A/RES/67/44] Ассамблеяи Генералии СММ аз 3 декабри соли 2012 «Дар бораи чораҳое, ки дар доираи СҲШ, доир ба роҳ надодан ба террористон нисбати ба даст овардани яроқи қатли ом» пешниҳод карда шуд [12].

Имрӯзҳо РАТС сохтори асосие мебошад, ки вазифаҳои муҳимро дар самтҳои афзалиятноки муқобилат бар хатарҳои терроризм, сепаратизм ва экстремизм иҷро мекунад.

Вобаста аз он ки ҷиноятҳои фаромарзӣ қисми ҷудонашавандаи терроризм ва экстремизм мебошанд, дар Созмон механизми ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилӣ ва амнияти ҷамъиятии давлатҳои аъзои СҲШ доир ба муқобилат бо ҷиноятҳои муташаккилонаи фаромарзӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ фаъол гардонида шуд. Бо ин

мақсад дар Ҷаласаи вазирони корҳои дохилии давлатҳои аъзои СҲШ 18 майи соли 2009 дар Екатеринбург Суратҷаласа дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ ба имзо расонида шуд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдиди дигар гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва истифодаи ҳудуди Тоҷикистон бо ин мақсад ба ҳисоб меравад. Дар ин самт Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар доираи чунин созмонҳо, мисли ОДКБ, СҲШ, ОБСЕ ва СММ самаранок мешуморад. Такмили шакл ва усулҳои ҳамкориҳои мутақобила, пойгоҳи ҳуқуқии амалҳои муштарак муҳим аст. Дар Аҳднома дар бораи дӯстию рафоқат, дӯстию ҳамкории дарозмуддат, ки соли 2007 ба имзо расонида шуд буд, қайд карда шуда буд, ки давлатҳои аъзои СҲШ «робитаҳои дарозмуддати дустию рафоқат, дустию ҳамкориро дар соҳае ташакул медиҳанд, ки тибқи принсипҳо ва меъёрҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ барои Ҷонибҳои аҳдбаста манфиатнок аст» [1].

Тирамоҳи соли 2021 дар шаҳри Душанбе, дар доираи намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ саммити ҷашнии Созмон баргузор гардид. Рамзӣ будани чорабинии мазкур дар он ифода меёфт, ки маҳз дар саммити Душанбе аз ҷониби «Панҷгонаи Шанхай» дар соли 2000, нахустин маротиба ақидаи таъсиси созмони минтақавӣ садо дода буд. Тули 20 соли гузашта аз лаҳзаи ташкилёбии СҲШ. Он на танҳо ба мактаби муҳимми тарҳрезии амнияти минтақавӣ, балки омил ва олоти таъмини суботи минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ гашта буд.

Нишасти Душанбегии СҲШ вижагиҳои худро дошт. Агар онҳоро паҳлуи ҳам гузорем, чунин ба назар мерасад:

1. Ин ҳамоиш, чи хеле ки болотар зикр карда шуд, ҷашнӣ буда, ба 20-солагии СҲШ бахшида шуда буд.
2. Имсол Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсати Созмони Ҳамкории Шанхайро ба уҳда дорад.
3. Ҳудуди СҲШ васеъ гардид, ба раванди қабули Ҷумҳурии Исломии Эрон оғоз бахшида шуд. Давлатҳои Қатар, Миср, Арабистони Саудӣ ҳамчун шарикони муколама ба СҲШ қабул карда шуданд. Шумораи давлатҳои аъзои СҲШ ба 21 адад расид.
4. Ба ҳам рост омадани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай.
5. Бори нахуст дар таърихи Созмони Ҳамкории Шанхай аз натиҷаи Саммити Шурои сарони давлатҳо 30 қарору санад қабул гардид. Иҷлосияи СҲШ дар шаҳри Душанбе аз ин ҷиҳат сермаҳсултарин ҳамоиш ба шумор меравад.
6. Бори нахуст дар таърихи СҲШ Суруди Созмон (Гимн) дар фарҷоми ҷаласа садо дод. Муаллифи Суруди СҲШ ҳамватани мо, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Раиси Иттифоқи бастакорони Тоҷикистон Амирбек Мӯсозода мебошад. Гимни Созмонро Оркестри симфонии кинематографистони Федератсияи Русия зери раҳбарии дирижёр, Ҳунарпешаи халқии Рус Сергей Скрипка иҷро намуд. Ин воқеаи фараҳбахш, ки мояи ифтихори ҳар шаҳрванд аст, бо тасмимгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт.
7. Нахустин бор аст, ки мулоқоти сарони кишварҳои узви СҲШ ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ (СААД) барпо гардид ва он пурра ба муҳокимаи қазияи Афғонистон ва тасмимгириҳои давлатҳои узви ҳарду Созмон нисбат ба таҳдиду чолишҳои он бахшида шуд.
8. Аз натиҷаҳои фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи раёсат дар СҲШ натиҷагирӣ карда шуд ва он чун раёсати муваффақ арзёбӣ гардид.

Баъди муҳокимаи сарони давлатҳо аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои пешниҳодшуда қарору санадҳо қабул гардиданд, ки шумораашон ба 30 расид.

Аз охири соли 2020 ва оғози соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси Раиси Созмони Ҳамкории Шанхай ба раванди омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба 20-солагии Созмони Ҳамкории Шанхай шуруъ намуд ва нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуд.

Санади дигари муҳим Консепсияи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай барои солҳои 2020–2021 мебошад, ки дар он ҳадафҳои асосии раёсати Тоҷикистон дар СҲШ ба таври зайл муқаррар карда шуда буданд:

- Таҳкими дӯстӣ ва ҳамсоягии нек байни давлатҳои узви СҲШ.
- Рушди минбаъдаи «руҳияи Шанхай».
- Нигаҳдории сулҳ, амният ва субот дар минтақа.
- Густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ.
- Таҳкими эътибор ва тақвияти мавқеи байналмилалии СҲШ.
- Такмили заминаи шартномавӣ ва ҳуқуқии Созмон.
- Тавсеаи афзорҳои ҳамкорӣ.

Бояд тазаккур дод, ки Нақшаи чорабиниҳои асосии раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай барои солҳои 2020–2021, ки 8 октябри 2020 тасдиқ шудааст, қариб сад чорабинии гуногунсамтро дар бар мегирад. Иҷрои ин чорабиниҳо имкон дод, ки ҳамоиши сарони давлатҳои СҲШ дар Душанбе бомувафақият ҷараён гирад.

Хулоса. Ба рушди ҳолат ва вазъияти низоми амнияти минтақавӣ вазъи геополитикии минтақа ва ҷузъиёти тавсифдиҳандаи минтақавию географӣ, геотаърихӣ, геоиқтисодӣ ва геостратегии он таъсири муҳим мерасонад.

Таҳлили низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

Якум, дар замони ҳозира рушди вазъи геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ аз он далолат мекунад, ки афзоиши он ҳамчун минтақаи аҳаммияти калидидошта дар кори таъмини амнияти байналмилалӣ ва зерминтақавӣ ба миён омада истодааст.

Вазъият дар минтақаҳое, ки Осиёи Марказиро иҳота кардаанд, бо қобилияти баланди муноқишавӣ тавсиф дода шуда, метавонад ҳамчун омили хориҷии вайронкунандаи сулҳу субот баромад намояд. Дар навбати худ, оиди Афғонистон бошад, ки дар он зиёда аз чиҳил сол ҷанги шаҳрвандӣ давом меёбад. Ин вобастагии байниҳамдигарӣ метавонад сабабгори ҷалбшавии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар амалигардии тадбирҳо доир ба таъмини на танҳо амнияти минтақавии худ, балки амният дар минтақаҳои ҳамсоя ва надикҷойгирбуда гардад.

Дуюм, вазъи геополитикӣ дар худи минтақаи Осиёи Марказӣ, мисли дигар минтақаҳои ҷаҳон, бо мавҷудияти мухолифатҳои ҳалношудаи байнидавлатӣ тавсиф дода мешавад. Ба беҳбудии ҷиддии робитаҳои байнидавлатии байни кишварҳои минтақа, ки баҳори соли 2017 мушоҳида карда мешуд, нигоҳ накарда, то ба ҳол мухолифатҳои солҳои қаблӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла баҳсҳои минтақавӣ ва марзӣ ҳалли ниҳоии худро наёфтаанд. Масъалаҳои мавҷудаи ҳалношудаи шуғли аҳолӣ дар давлатҳо, масъалаҳои демографӣ ва байналмилалӣ бо таъсири оқибатҳои бухронҳои умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва пандемия метавонанд сабабгори афзудани муноқишаҳои дохилӣ гарданд, ки дар навбати худ, бо таъсири омилҳои мухталифи номатлуб робитаҳои сиёсати хориҷиро шиддатнок намоянд.

Сеюм, таҷрибаи ҳамкориҳои мутақобилаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бо баъзе созмонҳои байналмилалӣ доир ба масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки барои онҳо ҳамкориҳо бо ИДМ ва СҲШ афзалиятнок аст. Ин бо дарназардошти як қатор ҳолатҳо ба миён омадааст, пеш аз ҳама, бо дарназардошти он, ки онҳо созмонҳои минтақавӣ мебошанд ва тамоми қаламрави Осиёи Марказиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти дараҷаи таҳдид ва чолишҳои мавҷудаи амнияти минтақавӣ дар давлатҳои минтақа неру ва захираҳои кифоя барои муқобилати онҳо дар ҳудудҳои миллӣ ҷой надорад. Ин зарурати иштироки онҳоро дар қабул ва амалигардонии тадбирҳои дастаҷамъие муайян мекунад, ки аз ҷониби чунин созмонҳо, мисли ИДМ ва СҲШ гузаронида мешаванд ва фаъолияти онҳо бахри муътадилгардонии вазъ ва таъмини амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ равона карда шудааст.

Дар ҳолате ки, агар СҲШ дарвоқеъ хоҳиши ба даст овардани музаффариятҳоро дар масъалаи мубориза бо таҷовуз ва зӯроварӣ намояд, пас роҳи ягонаи имконпазир баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои мутақобилаи фаврии давлатҳои аъзо дар раванди гузаронидани тамринҳои муштараки зиддитеррористӣ мебошад. Ва оне, ки минбаъд давлатҳои аъзои Созмон бо ин падидаи номатлуб мубориза мебаранд ё не, бевосита аз ояндаи рушди Созмони Ҳамкории Шанхай ва пурзӯргардии нақши вай доир ба масъалаҳои нигоҳдории сулҳу амният дар минтақа вобаста аст.

**Муқарриз: н.и.т., дотсенти ДМТ – Раҳмонов М.**

## АДАБИЁТ


1. Аҳдномаҳо дар бораи рафоқат, дӯстӣ ва ҳамкории давлатҳо – аъзоёни Созмони Ҳамкории Шанхай: 16 августи соли 2007 дар шаҳри Бишкек қабул карда шудааст. Pavlodar.com. [Манбаи электронӣ].
2. Гаджиев К.С. Геополитика / К.С. Гаджиев. – М.: Международные отношения, 1997. – С. 271.
3. Гафуров К.С. Теоретические, исторические и политические аспекты формирования ШОС / К.С.Гафуров, Р.Ш. Нуриддинов // Сборник статей по материалам XCII международной научно-практической конференции. “Инновационные подходы в современной науке”. –М.: Интернаука, 2021. -№8(92).
4. Кирсанов Г.В. Шанхайская Организация Сотрудничества: правовые аспекты развития региональных антитеррористических институтов / Г.В. Кирсанов // Журнал Российского права. -2004. -№ 3.
5. Клименко А.Ф. Россия и ШОС: аспекты сотрудничества в сфере обороны и безопасности // Россия и многосторонние структуры АТР. 2009.
6. Моисеев Л.П. Через ШОС снимается масса проблем / Л.П. Моисеев // Международная жизнь. -2010. -№ 6.
7. Олимов М.А. Особенности становления национальной безопасности стран Центральной Азии и роль Шанхайской организации сотрудничества / М.А.Олимов, К.С. Гафуров // Сборник статей XXXI Международной научно-практической конференции «WORLD SCIENCE: PROBLEMS AND INNOVATIONS»,30 апреля 2019 г., -Пенза, 2019. -С.211-214.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2015. [Манбаи электронӣ]: URL: http://mmk.tj/img/payom 2015.doc
9. Салимов Ф. Н. Стратегия ШОС по формированию и укреплению стабильности в Центральной Азии / Ф. Н. Салимов, Р. А. Абдуллозода. - Душанбе, 23.08.2021.
10. Созишнома байни давлатҳо - аъзоёни СҲШ дар бораи сохторҳои минтақавии зиддитеррористӣ аз 7 июни соли 2002 // МЖМП. -2003. -№ 1.
11. Стратегия развития Шанхайской организации сотрудничества: проблема обороны и безопасности. Монография. Сост. А.Ф. Клименко. -М., 2009.
12. Ҳамкориҳо дар соҳаи амният дар доираи СҲШ (маводи маълумотӣ)-Вазорати корҳои хориҷии ФР.
13. Шаклеин, В. В. ШОС: проблемы обеспечения безопасности и противодействия терроризму в Центрально-Азиатском регионе / В. В. Шаклеин // Актуальные проблемы права: материалы I Междунар. науч. конф. (г. Москва, ноябрь 2011 г.). -Москва: Ваш полиграфический партнер, 2011. -С. 137-140.
14. Шанхайская конвенция о борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15 июня 2001г. // МЖМП. -М., 2003.
15. Эмомалӣ Раҳмон: СҲШ ба тамоми ҷаҳон мустақилияти худро нишон дод // http://khovar.tj/rus/archive/300-emomali-rahmon-shos-pokazala-vsemu-mirusvoyu-sostoyatelnost.html


## СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА МАСОИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Дар мақола нақши СҲШ дар таъмини амнияти миллӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст. Дар ҳоли ҳозир дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои созмонҳои минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ ба ҳам мепайвандад, ки ба мушкилоти таъмини амният мусоидат мекунад. Равандҳои ҳамгироии минтақавии мураккаб ва гуногунҷанбаи Осиёи Марказӣ дорои хусусиятҳои мухталиф аст, ки ба мушкилоти марбут ба мутобиқшавии давлатҳо ба воқеияти нави геополитикӣ дар шароити сохтмони ҳамгироӣ асос ёфтааст. Бо назардошти вазъи геополитикии минтақа зарурати ташаккули сохторҳои ҳамгироӣ ба миён омад, ки бозингарони асосии минтақавиро намояндагӣ карда, дар шаклҳои гуногун ҳамчун механизми машваратҳо ва созишномаҳои бисёрҷониба дар таъмини амният ва суботи минтақавӣ хидмат мекунанд. Нишон дода шудааст, ки алгоритми асосии амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ низоми ҳуқуқии байналмилалии он мебошад, ки маҷмуи тадбирҳои муратаби байналмилалии ҳуқуқӣ ва низомию сиёсии давлатҳои минтақаро дар бар мегирад, ки ба таъмини сулҳ, бартарафсозӣ ва рафъи таҳдидҳои гуногуни халалдоркунандаи сулҳу субот, инчунин барқарор намудани он, чи дар дохили минтақа ва чи берун аз он, нигаронида шудаанд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки таъмини амнияти миллӣ дар Осиёи Марказӣ бидуни ҳамгироии минтақавӣ ғайриимкон аст, зеро давлатҳои минтақа мустақилона ба таҳдиду чолишҳо муқобилат карда наметавонанд ва рафъи монеаҳои воқеии мавҷуда ба ҳамгироии минтақавӣ дар марҳилаи мазкур танҳо бо истифода аз захираҳои Созмони Ҳамкории Шанхай имконпазир аст.



**Калидвожаҳо:** СҲШ, созмони минтақавӣ, амнияти бехатарӣ, ҳамгироӣ, Осиёи Марказӣ, терроризм, экстремизм, сепаратизм.


## ШАНХАЙСКАЯ КООРДИНАЦИОННАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ И ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


В статье рассматривается роль ШОС в обеспечении национальной безопасности в Центрально-Азиатском регионе. В настоящее время в Центральной Азии пересекаются интересы региональных и внерегиональных организаций, оказывающих влияние на проблемы обеспечения безопасности. Сложные и многообразные региональные интеграционные процессы в Центральной Азии носят противоречивый характер, в основе которого лежат трудности, связанные с приспособлением государств к новым геополитическим реалиям в условиях интеграционного строительства. Исходя из геополитической ситуации в регионе, возникла потребность в формировании интеграционных структур, которые представляли бы основных региональных игроков и в разных

форматах служили бы механизмом многосторонних консультаций и соглашений в обеспечении региональной безопасности и стабильности. Показано, что главным алгоритмом региональной безопасности в Центральной Азии является ее международно-правовая система, включающая совокупность упорядоченных международно-правовых и военно-политических мер государств региона, направленных на обеспечение поддержания мира, локализацию и устранение различных угроз нарушению мира, а также его восстановление, как в пределах своего региона, так и за его пределами. В статье проанализирована и показано, что в Центральной Азии обеспечение национальной безопасности невозможно без региональной интеграции, поскольку государства региона не способны самостоятельно противостоять угрозам, и преодоление объективно существующих препятствий региональной интеграции на данном этапе возможно только с помощью использования ресурсов Шанхайской организации сотрудничества.

**Ключевые слова:** ШОС, региональная организация, региональная безопасность, интеграция, Центральная Азия, терроризм, экстремизм, сепаратизм

**SHANGHAI COORDINATION ORGANIZATION AND REGIONAL SECURITY ISSUES IN CENTRAL ASIA**

The article discusses the role of the SCO in ensuring national security in the Central Asian region. At present, the interests of regional and non-regional organizations intersect in Central Asia, influencing the problems of ensuring security. Complex and diverse regional integration processes in Central Asia are of a contradictory nature, which is based on the difficulties associated with the adaptation of states to new geopolitical realities in the conditions of integration construction. Based on the geopolitical situation in the region, there was a need to form integration structures that would represent the main regional players and in various formats serve as a mechanism for multilateral consultations and agreements in ensuring regional security and stability. It is shown that the main algorithm of regional security in Central Asia is its international legal system, which includes a set of ordered international legal and military-political measures of the states of the region aimed at maintaining peace, localizing and eliminating various threats to disturb the peace, as well as its restoration, both within the region and outside it. The article analyzes and shows that ensuring national security in Central Asia is impossible without regional integration, since the states of the region are not able to independently confront threats, and overcoming the objectively existing obstacles to regional integration at this stage is possible only through the use of the resources of the Shanghai Cooperation Organization.

**Keywords:** SCO, regional organization, regional security, integration, Central Asia, terrorism, extremism, separatism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғафуров Қосим Сафархонович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 98-730-25-85.** E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Гафуров Косим Сафархонович*** - Таджикский национальный университет, доктор PhD. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 98-730-25-85.** E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gafurov Kosim Safarkhonovich*** **-** Tajik National University, PhD, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone**: (+992) 98-730-25-85.** E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**

ТДУ: 327.29

# МОТИВАТСИЯИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ МУБРАМИ ЗАМОНИ МУОСИР

*Бойматова Л.К.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Асоси дилхоҳ мақомотро одамон ташкил медиҳанд, зеро маҳз онҳо истифодаи самараноки ҳама гуна намуди захираҳои дар он бударо таъмин менамоянд ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва рақобатпазирии онро муайян мекунанд.

Роҳбарияти мақомот метавонад, сохтори оптималиро ҷустуҷӯ кунад ва системаи самараноки расонидан ва коркарди иттилоотро ташкил диҳад, нақша ва дурнамои беҳтаринро коркард кунад, инчунин муосиртарин таҷҳизотро насб кунад ва технологияҳои замонавиро истифода кунад. Вале ҳамаи ин кори самаранокро, дар ҳолате ки корманд аз уҳдаи вазифаи худ баромада натавонад, уҳдадории худро мувофиқи талабот иҷро накунад ва ё дар коллектив рафтори худро дуруст ба роҳ намонад ва бо меҳнати худ барои ба мақсади ниҳоӣ расидан кумак карда натавонад, таъмин карда наметавонад.

Хоҳиши инсон ва омодагии ӯ барои иҷрои вазифаи худ яке аз омилҳои калидии расидан ба муваффақияти фаъолияти ин ё он ташкилоту муассиса мебошад [2].

Фаъолияти бомуваффақияти мақомот бештар аз роҳбар вобаста аст, ки дар навбати худ бояд захираҳоро, аз ҷумла захираҳои инсониро дуруст идора карда тавонад. Кормандон бояд ба фаъолият ҷалб карда шаванд, омода бошанд, ки кори худро иҷро кунанд. Роҳбар инчунин бояд ба кормандонаш дуруст таъсир расонад, вазифаю ҳадафҳоро равшан ба миён гузорад, то тобеон вазифаҳои худро равшан дарк кунанд ва корро самаранок иҷро кунанд. Ҳамаи ин системаи самарабахши хавасмандгардонии меҳнат мебошад.

Агар роҳбар хуб донад ва дарк кунад, ки кормандонро ба амал кардан чӣ водор мекунад, бар хилофи маҷбуркунӣ, ки таъсир ва назорати доимиро тақозо мекунад, роҳбарии кормандонро тавре сохтан мумкин аст, ки худи онҳо кӯшиш кунанд, ки кори худро ба таври хуб ва самаранок ба ҷо оваранд.

Роҳи дурусти идоракунии самараноки шахс тавассути фаҳмидани ҳавасмандии ӯ аст. Агар роҳбар донад, ки дар асоси рафтори ӯ кадом мақсадҳо истодаанд, шахсро маҳз чӣ ба харакат медаророад, чӣ ӯро ба амал водор мекунад, пас, дар ин ҳолат мумкин аст системаи самарабахши шаклу усулҳои идоракунии одам тартиб дода шавад [3].

Донистан лозим аст, ки ангезаҳои муайян чӣ гуна ба вуҷуд меоянд ва бо кадом роҳҳо ангезаҳоро бедор кардан мумкин аст.

Кормандони сохторҳои давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ мисли дигар категорияҳо низ хусусияти хосси худро доранд, ки дар сиёсати кадрҳо онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Зери мафҳуми ҳавасмандгардонии шахс ба фаъолият, дар шакли умумӣ, маҷмуи неруҳои пешбарандае, ки шахсро ба иҷрои амалҳои муайян водор мекунанд, фаҳмида мешаванд. Ин қувваҳои беруна ва дохилии инсон буда, ӯро водор месозанд, ки амалҳои муайян ё ғайриогоҳонаро анҷом диҳад [4].

Мотиватсия ин раванди ҳавасмандкунии худ ва дигарон барои ноил шудан ба ҳадафҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.

Ба ин тариқ, мотиватсия ба меҳнат сабабҳо, далелҳо, асосҳо ба манфиати фаъолияти меҳнатӣ мебошанд.

Метавон чунин бигӯем: мотиватсия шахсро ба амалҳои мушаххаси мақсаднок водор мекунад. Ин ҳолати ботинист, ки рафтори инсонро муайян мекунад [5].

Ду намуди мотиватсия вуҷуд дорад: мусбат ва манфӣ. Мотиватсияи мусбӣ ин хоҳиши шахс барои ноил шудан ба муваффақият дар фаъолияти худ мебошад. Он одатан фаъолияти бошууронаро дар бар мегирад ва ба таври муайян бо зуҳури эҳсосоти мусбӣ нисбат ба шахсоне, ки бо онҳо кор мекунад, алоқаманд аст.

Мотиватсияи манфӣ ҳама он чизест, ки бо истифода аз норизоиятӣ, ғайримақбул, маҳкумкунӣ алоқаманд аст ва чун қоида, на танҳо ҷазои моддӣ, балки равониро низ ба бор меорад. Ҳангоми мотиватсияи манфӣ, шахс мекӯшад, ки аз нокомӣ дур шавад. Одатан, тарси ҷазо боиси пайдоиши эҳсосоти манфӣ мегардад, ки дар натиҷаи он майл надоштан ба кор дар ин соҳаи фаъолият пайдо мешавад.

Аз сабаби он ки фаъолияти мақомоти давлатӣ хусусияти махсус дорад, мотиватсия дар идоракунии давлатӣ унсури мураккабтар ва муҳимтар мегардад. Хусусияти фаъолият дар дараҷаи баланди масъулият ва дар айни замон кухнашудаи раванди ташкили меҳнат ва паст будани ҳавасмандии моддии коркунон аст.

Бо рушди дуруст ва ташаккули низоми ҳавасмандгардонӣ сатҳи маҳсулнокии меҳнати хизматчиёни давлатиро баланд бардоштан ва онро дуруст ташкил кардан мумкин аст, ки ин, дар навбати худ, боиси самараноктар иҷро шудани уҳдадориҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва баланд шудани садоқати мақомоти давлатӣ, дар маҷмуъ ба манфиатҳои ҷомеа ва коҳиши сатҳи коррупсия мегардад [6].

Агар дар бораи хизмати давлатӣ сухан ронем, он барои одамоне, ки барои ба даст овардани субот дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ саъй доранд, хеле ҷолиб аст.

Ҳамчунин, хизмати давлатӣ барои як қисми аҳолии қобили меҳнат ҷанбаҳои ҳам ҷолиб ва ҳам манфӣ дорад. Имтиёзҳое, ки аз ҷониби хадамоти давлатӣ дода шудаанд, аз корманд масъулияти бештарро талаб мекунанд: зарурати дар ҳолати омодагии доимӣ будан -даъвати таъҷилӣ берун аз вақти корӣ, таъхирнопазирӣ ва иҷрои супоришҳои аз ҷониби роҳбарияти болоӣ додашуда, риояи талабот оид ба ифшо накардани маълумот, бахусус маълумоте, ки ба «сирри давлатӣ» мансуб аст, мутобиқат ба дараҷаи тахассус, риояи талаботи бехатарии молу мулк, омода будан ба тамдиди ғайринақшавӣ (дар сурати ихтисор шудани вазифаи ишғолкарда, бекор кардани шартнома ва имкони тамдиди онтанҳо дар маҳаллаи дигар ва ғайра).

Мушкилоти асосии хизмати давлатӣ дар замони муосир аз он иборат аст, ки аз душвориҳое, ки дар соҳаи танзими меҳнати хизматчиёни давлатӣ мавҷуданд, ба миён меоянд. Пеш аз ҳама, маоши нисбатан паст дар муқоиса бо бахши тиҷоратӣ аст ва тамоми системаи мукофотпулӣ ба собиқаи корӣ асос ёфтааст. Гузашта аз ин, мотивҳои шахсони алоҳида ба таври назаррас тағйир ёфта, мотиватсияи хизматчиёни давлатӣ дар сатҳи паст боқӣ мондааст, зеро муқарароти одӣ ва дастури вазифавӣ дигар кофӣ нестанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки рушд ва такмили низоми ҳавасмандгардонии меҳнатӣ дар хизмати давлатӣ имрӯз мавзуи доғ буда, илова бар ин, он ба тамоми низоми такмили хизмати давлатӣ дар кишвари мо таъсир мерасонад.

Таснифи зерини мотиватсия вуҷуд дорад:

- мотиватсияи беруна - як намуди мотиватсияе, ки бо ягон мафҳуми фаъолият алоқаманд нест, балки ба ҳолатҳои беруна (рухсатӣ, подош, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ.) асос ёфтааст;

- мотиватсияи ботинӣ - як намуди мотиватсия мебошад, ки бо моҳияти фаъолият (эҳсосоти мусбат, таҷриба, эътироф, худшиносӣ, шавқу рағбат, омӯхтани усулҳои нав ва ғ.) алоқаманд аст;

-мотиватсияи мусбӣ - дар асоси мотиватсияе, ки таъсири мусбат дорад (вазифаҳои самаранок иҷрошуда метавонанд ба болоравии мансабӣ, афзоиши музди меҳнат, эътирофи коллектив, мукофотпулӣ ва ғ. мусоидат кунанд);

- мотиватсияи манфӣ - асоси он таъсири манфӣ мебошад (иҷро накардани уҳдадориҳо ва вайрон кардани таҷҳизот дар ҷараёни кор, ки боиси муҷозоти пулӣ, маҳкумияти коллектив, норозигии муштарӣ, ҷарима, аз кор озод кардан ва ғайра мегардад);

- мотиватсияи устувор -– эҳтиёҷоти табиии шахс (хомӯш кардани ҳисси гуруснагӣ, ташнагӣ, имконияти либоспӯшӣ, пӯшидани пойафзол ва ғ.);

- мотиватсияи ноустувор - ин намуди мотиватсия ба дастгирии доимии беруна ва таъкидкунӣ ниёз дорад (тамокукаширо бас кардан, тарзи ҳаёти солим ва ғайра) [7].

Ғайр аз ин, ҳавасмандӣ метавонад моддӣ (хоҳиши зиёд кардани даромад, музди меҳнат ё сатҳи баландтари зиндагӣ) ва ғайримоддӣ (эҳтиром ба ҳамкорон, болоравии мансабӣ) бошад.

Бояд қайд кард, ки намудҳои мутақобили мотиватсия метавонанд бенавбат амал кунанд ва инчунин сарҳадҳои аниқ надошта бошанд, зеро аксар вақт корманд метавонад, масалан, ҳангоми иҷрои кори худ, ҳам аз мотиватсияи дохилӣ ва ҳам мотиватсияи беруна истифода кунад.

Роҳҳои татбиқи моделҳои мотиватсионии ҳайат аз нақши мақомоти (муассисаи) давлатӣ, сиёсати дурусти он оид ба ҳавасмандгардонии раванди меҳнат, инчунин аз маблағгузории ҷудошуда барои рушд ва ҳавасмандгардонии кормандони мақомоти давлатӣ вобаста аст. Истифодаи салоҳиятнок ва самараноки барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман, на танҳо иҷрои уҳдадориҳои хизматии ҳар як корманд, балки ҳамоҳангии кори тамоми сохторҳои давлатӣ вобаста аст. Кормандони хадамоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар қадар касбӣ бошанд, сиёсати давлат ҳамон қадар муваффақ мешавад.

Хизматчиёни давлатӣ, пеш аз ҳама, дар фаъолияти худ бояд ба манфиатҳои миллӣ, конеъ гардондани онҳо, инчунин ба инкишоф ва мустаҳкам намудани системаи умумиҷахонии давлатию ҷамъиятӣ нигаронида шаванд. Масалан, сарнозир-ревизор дар соҳаи назорати молиявӣ ва буҷетӣ риояи қонунгузории буҷетӣ аз ҷониби ташкилотҳоро бо мақсади таъмини назорат аз болои маблағҳои буҷетӣ назорат мекунад, истифодаи онҳоро мувофиқи таъинот назорат мекунад ва ба пайдоиши схемаҳои коррупсионӣ монеъ мешавад.

Фаъолияти мақомоти давлатӣ аз он вобаста аст, ки хизматчиёни давлатӣ то кадом андоза хуб кор мекунанд, амали онҳо то кадом андоза зуд ва саривақтӣ аст, инчунин он аз тахассус, муташаккилӣ, таҷриба, маҳорат, эҷодкорӣ, ташаккули ҳамаҷониба ва ғайраҳо вобаста аст.

Ҳамаи ин сифатҳо ба шарофати сиёсати кадрӣ барои мотиватсия ва ҳавасмандгардонии кормандони ташкилот ташаккул меёбанд. Хизматчиёни давлатӣ қобилиятҳои маърифатиро инкишоф медиҳанд, ки ба васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо, ошкор кардани қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд, ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва мураккаб, таҳия ва пешниҳод кардани лоиҳаҳо, барномаҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва давлатӣ зоҳир мегарданд.

Ҳавасмандгардонии моддӣ омили пурзӯртарини хавасмандгардонӣ буда, дар хизмати давлатӣ ин гуна хавасмандкуниҳо бештар ҷой доранд:

- ҳама намуди пардохтҳои нақдӣ (музди меҳнат, мукофотпулӣ, иловапулӣ, индексатсия, барои солҳои хизмат дар хизмати давлатӣ ва дигар намудҳои пардохтҳое, ки дар сохторҳои давлатӣ пардохт мешаванд);

- навъҳои гуногуни ҳавасмандгардонии моддии ғайрипулӣ (пардохти алоқаи мобилӣ, додани мошини хидматӣ барои истифода, сафарҳои имтиёзнок, хӯроки имтиёзнок дар давоми рӯзи корӣ, додани роҳхатҳо дар рӯзҳои истироҳат дар санатория (барои фарзандони кормандон – ба лагерҳо) ва дигар хизматрасониҳо, ки дар доираи сиёсати кадрӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешаванд);

- расман эътироф намудани хизматҳо, таъриф - ҳавасмандгардонии корманд барои меҳнати ӯ, таваҷҷуҳ ва таъкид намудани аҳаммияти кори ӯ (ба вуҷуд овардани эҳсоси зарурат, ивазнашаванда будан дар раванди кори муассиса);

-мукофот - ҳавасмандгардонӣ бо истифода аз ифтихорнома, медал, сипоснома, диплом, яъне дастгирии маънавӣ аз ҷониби роҳбарият;

-болоравии мансабӣ як намуди махсуси ҳавасмандгардонии меҳнат аст, зеро он на танҳо барои кӯшиш ба худшиносӣ, эътироф аз ҷониби коллектив таъсир мерасонад, балки инчунин бо назардошти системаи музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ба зиёд шудани ҳаҷми музди меҳнат мусоидат мекунад.

Тадбирҳо оид ба мотиватсияи хизматчиёни давлатӣ аз ҷониби сиёсати кадрии ташкилоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули фазои мусоид ва бароҳати иҷтимоӣ-психологӣ дар байни кормандон мусоидат мекунанд, ки мутаносибан ба руҳияи кормандон, дар маҷмуъ, таъсир мерасонанд. Сиёсати доимии ҳавасмандгардонии меҳнат

дар ин роҳ ба кормандон имконият медиҳад, ки аҳаммият ва нақши худро дар коллектив на танҳо дар дохили шуъба, балки тамоми коллективи ташкилоти давлатӣ ҳис кунанд.

Як шахс наметавонад ҳамеша як мотив дошта бошад. Ҳаёт доимо тағйир меёбад ва дар зери таъсири он шахсият ва мотивҳои бо он алоқаманд, ҳамчун системаи қувваҳои ҳавасмандкунанда тағйир меёбанд. Дар асоси илми мотиватсия муайян кардан мумкин аст, ки барои чӣ роҳбар ҳангоми ҳалли вазифаи муайяни идоракунӣ ин ё он тактикаи рафторро интихоб мекунад, дар ҳоле ки фаъолияти бошуурона нишон дода, барои расидан ба мақсад саъй мекунад [8].

Барои ба даст овардани натиҷаи хуби истеҳсолӣ шавқу ҳаваси коргарон ва барои ҳар чӣ бештар истифода бурдани кувваи одам онҳоро ҳавасманд кардан лозим аст.

Дар бораи ҳавасмандкунӣ сухан ронда, бояд гуфт, ки роҳи ягонаи "беҳтарин" вуҷуд надорад. Одамон эҳтиёҷот ва ҳадафҳои гуногун доранд. Одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ ба таври гуногун рафтор мекунанд. Он чизе, ки барои як шахс қобили қабул аст, метавонад барои дигараш комилан номувофиқ бошад. Ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки дар амал иҷро кардани ин вазифаи муҳимтарини идоракунӣ хеле душвор аст [9].

Исбот шудааст, ки системаи хуби банақшагирифташудаи мотиватсия, ки дар ҳамаи сатҳҳо яке аз омилҳои асосии фаъолияти ташкилот мебошад, кафолати фаъолияти самаранокро дода метавонад.

Назарияи менеҷменти ҷопонӣ мегӯяд: «Менеҷменти Хошен» (яке аз тарҷумаҳои ин истилоҳ ба мисли «найзаи тез» садо медиҳад), тамоми кӯшишҳои кормандони ширкат бояд якҷониба бошанд: рисолати ширкат, стратегия, вазифаҳои аз ҷониби ҳар як бахш ҳалшаванда ва ҳар як корманд бояд дар як нуқта ҷамъ шаванд, ки ба ҳадафи ширкат то ҳадди имкон наздик бошад ва пешравии онро таъмин намояд.

Нақши муҳимро дар мотиватсияи рафтори хизматии хизматчиёни давлатӣ болоравии мансабӣ мебозад. Вақтҳои охир тамоюли афзоиши шавқу рағбати ҷавонон ба карера дар хизмати давлатӣ ба назар мерасад. Дар шароити афзояндаи номуайянии аҳолӣ дар таъмини шуғли кафолатнок дар сохторҳои шаҳрвандӣ, қисми муайяни ҷавонон ба чунин кафолатҳо дар муассисаҳои давлатӣ умед мебанданд, ки дар он ҷо онҳо низ болоравии касбии худро дар назар доранд.

Барои ҷомеа имрӯз муҳим аст, ки аксарияти кулли кормандони сохторҳои қудратӣ худро шахсоне меҳисобанд, ки моҳиятиислоҳотхоҳии замони моро мусбат дарк намуда, софдилона меҳнат мекунанд ва барои баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ ва сарвати моддии худ саъй мекунанд.

Имрӯз баҳси асосӣ оид ба таҷдиди сохтори хизмати давлатӣ ба ҷорӣ намудани шаклҳои мотиватсияи музди меҳнат, низоми баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, механизмҳои тағйирпазири қабул ва аз кор озод кардан, таҳияи асосҳои шартномавӣ ва ташаккули захираи кадрҳои хизмати давлатӣ нигаронида шудааст.

Дар баланд бардоштани самараи кори мақомот омили ошкорбаёнӣ низ нақши калон мебозад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, кормандон дар бораи вазъи корҳо ҳар қадар маълумоти пурратар дошта бошанд, ҳамон қадар онҳо бо стратегияи он хубтар шинос шаванд, вазифаҳои худро ҳамон қадар садоқатмандона иҷро мекунанд.

Барномаҳои иҷтимоӣ бояд дар сектори давлатӣ васеъ ҷорӣ карда шаванд. Дар солҳои охир нақши кумакпулӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ ҳамчун қисми даромади умумии коргарон ба таври намоён зиёд шуда истодааст. Коршиносон бар ин назаранд, ки имтиёзҳо ва пардохтҳо моҳияти муваққатӣ, иловагӣ буданро аз даст додаанд. Онҳо на танҳо барои худи коргарон, балки барои оилаи онҳо ҳам эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим гардиданд [1].

Усули иловагии ташаккули мотиватсияи хизматчии давлатӣ ин ғамхорӣ дар бораи мансаби ӯ мебошад. Хадамоти кадрӣ аз банақшагирии мансаб ҳамчун омили ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ кам истифода мебаранд. Бисёре аз мансабдорон дурнамои фаъолияти расмии худро намедонанд. Инро, пеш аз ҳама, дар камбудиҳои кор бо захираҳои кадрӣ, дуюм, бо номувофиқ будани баҳоҳо, тасаввуроти хизматчӣ ва ташкилот дар бораи имкониятҳои потенсиалии кормандон ва ниҳоят, навоварӣ дар хизмати давлатӣ шарҳ медиҳанд. Агар дар натиҷаи интихобот ба мақомоти давлатӣ роҳбари нав таъин шавад, вай чун қоида, кормандони худро меорад, ба сохтор ва ҳайати кормандон ислоҳот медарорад. Ва он гоҳ умеди бисёр кормандон дар бораи болоравии

мансабӣ ба таъхир мемонад. Вобаста ба ин, масъалаи баҳодиҳии объективӣ ба фаъолияти касбии кормандон аҳаммияти хосса дорад.

Ҳамин тариқ, мотиватсия маҷмуи қувваҳои пешбарандаест, ки шахсро ба иҷрои амалҳои муайян водор мекунанд. Ин қувваҳо дар берун ва даруни инсон буда, ӯро водор месозанд, ки амалҳои муайян ё огоҳона анҷом диҳад. Онҳо ҳадду шаклҳои фаъолиятро муқаррар намуда, самти фаъолиятро муайян мекунанд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян нигаронида шудааст.

Равшан аст, ки системаи хуби банақшагирифташудаи мотиватсия, ки дар ҳама сатҳҳои шахсӣ устувор аст, яке аз омилҳои асосии кафолати фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мебошад.

**Муқарриз:н.и.с., дотсенти АИДПҶТ –Эргашева Ф.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Базаров Т.Ю. Управление персоналом: Учебник для вузов / Т.Ю. Базаров. Под ред. Т.Ю. Базарова, Б.Л. Еремина. -2-е изд., перераб. и доп. -М: ЮНИТИ, 2002. -560 с.
2. Виханский О.С. Менеджмент: учебник. -5-е изд. Стереотипн / О.С. Виханский, А.И. Наумов. -М.: Магистр: ИНФРА-М, 2014. -576 с.
3. Дряхлов Н. Куприянов. Системы мотивации персонала в Западной Европе и США // Международный журнал проблемы теории и практики управления. №2, 2002.
4. Дизель, П.М. Поведение человека в организации: Пособие для шк. бизнеса / П.М. Дизель. Пер. с англ. Пол М. Дизель, Уильям Мак-Кинли Раньян. - Москва : Фонд "За экон. грамотность", 1993. – 269 с.
5. Егоршин А. П. Управление персоналом: Учебник для вузов. - 4-е изд., испр. / А. П.Егоршин. -Н.Новгород: НИМБ, 2003. - 720 с.
6. Зайцева О.А. Основы менеджмента: Учеб. пособ./ О.А. Зайцева, А.А. Радугин, К.А. Радугин, Н.И. Рогачева. -М.: Центр, 2008.
7. Резник С.Д. Организация труда руководителя / С.Д.Резник, В.А. Елин // СОЦИС. - 2000. -№12.
8. Розанова В.А. Психология управления. Учебное пособие / В.А. Розанова. -М.: ЗАО "Бизнес-школа "Интел-Синтез". - 1999. - 352 с.
9. Служебная карьера: учебно-методическое пособие. Под ред. Е.В.Охотского. -М.: Экономика, 1997.
10. Спиридонова С.Н. Оценка результативности труда персонала: проблемы и возможности повышения / С.Н. Спиридонова // Государственное управление. Электронный вестник. - 2006. -№8. -5 с.
11. Тавокин Е.П. Государственные служащие: Самооценка эффективности, деловых и нравственных качеств / Е.П. Тавокин //Мониторинг общественного мнения. - 2010. - №2. - с.6-21.
12. Тростин А.С. Мотивация в структуре человеческого капитала / А.С. Тростин // Вестник социально-политических наук. Сборник научных трудов. Вып. 5. - Ярославль: Изд-во ЯрГу, 2005. - С.94-98.
13. Тростин А.С. Человеческий капитал и роль мотивации в его функционировании: автореф.дис. кандидата экон. Наук: 08.00.02/А.С. Тростин; Ярославский гос. ун-т им. П.Г.Демидова. - Ярославль, 2007. - 24 с.
14. Ценности культуры и модели экономического поведения: Научная монография. Под ред. Н.М. Лебедевой, А.Н. Татарко. - М.: Издательство «Спутник+», 2011.
15. Юпитов А.В. Отбор кадрового состава государственной гражданской службы: современные механизмы, принципы и процедуры / А.В. Юпитов, О.Б.Бекасов, В.С. Пономарева. Препринт WP8/2004/02. -М.: ГУ ВШЭ, 2004. -55 с.


## МОТИВАТСИЯИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН МУШКИЛОТИ МУБРАМИ ЗАМОНИ МУОСИР


Фаъолияти меҳнатӣ ҷанбаи муҳимтарини ҳаёти инсон мебошад. Он худтасдиқкунии шахсият ва ба амал баровардани тамоми имкониятҳои онро таъмин месозад. Самаранокии фаъолияти касбӣ бо ҷузъҳои берунӣ ва дохилии он бештар ба мотиватсияи мутахассис алоқаманд аст. Тавассути фаҳмидани мотиватсияи ӯ идоракунии самараноки шахс ба роҳ монда мешавад. Танҳо бо донистани он, ки шахсро чӣ бармеангезад, ба фаъолият равона месозад, кадом мотивҳо асоси амалҳои ӯ шуда метавонанд, системаи муассири шаклҳо ва усулҳои идоракунии инсонро таҳия намудан имконпазир мегардад. Барои ин донистан лозим аст, ки ин ё он ангезаҳо чӣ гуна ба амал меоянд ва бо кадом роҳу воситаҳо онҳоро ба ҳаракат даровардан мумкин аст. Мотиватсияи фаъолияти меҳнатии хизматчиёни давлатӣ системаи таъсири маҷмуии омилҳои беруна ва дохилӣ ба кормандон барои расидан ба ҳадафҳои мақомоти давлатӣ мебошад. Мотиватсияи инсон ба фаъолият, дар шакли умум, ҳамчун маҷмуи қувваҳои ҳаракаткунанда, ки инсонро барои иҷрои амалҳои муайян водор менамоянд, фаҳмида мешавад. Ин қувваҳо ӯро маҷбур месозанд, ки ихтиёран ва ё беихтиёр баъзе амалҳоро иҷро кунад. Онҳо дар берун ва дохили инсон ҷойгиранд. Мақсади муаллиф аз таҳияи мақолаи мазкур дар баррасии асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии мотиватсияи меҳнатии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



**Калидвожаҳо:** хизмати давлатӣ, хизматчии давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мотиватсияи меҳнат, қабул ва баҳогузории ҳайат, озмун, аттестатсия, ротатсия, иқтидори кадрӣ, мақомоти давлатӣ.

**МОТИВАЦИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЛУЖАЩЕГО КАК АКТУАЛЬНАЯ ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОСТИ**

Трудовая деятельность является важнейшей стороной жизнедеятельности человека. Она обеспечивает наиболее полную самореализацию личности и актуализацию всех ее возможностей. С мотивацией специалиста в большей степени связана и эффективность профессиональной деятельности, с её внешней и внутренней составляющей. Через понимание его мотивации лежит путь к эффективному управлению человеком. Только зная то, что движет человеком, что побуждает его к деятельности, какие мотивы лежат в основе его действий, можно попытаться разработать эффективную систему форм и методов управления человеком. Для этого необходимо знать, как возникают или вызываются те или иные мотивы, как и какими способами мотивы могут быть приведены в действие. Мотивация трудовой деятельности государственных служащих рассматривается как система комплексного воздействия внешних и внутренних факторов на сотрудников для достижения целей организации. Мотивация человека к деятельности, в самом общем виде, понимается как совокупность движущих сил, побуждающих человека к осуществлению определенных действий. Эти силы заставляют его осознанно или же неосознанно совершать некоторые поступки. Они находятся вне и внутри человека. В данный момент основная дискуссия по модернизации госслужбы направлена на введение мотивирующих форм оплаты труда, более гибких механизмов найма и увольнения, системы оценки деятельности госслужащих, развития контрактных основ и формирования кадрового резерва госслужбы. Существует набор мероприятий, которые нацелены на использование методов, характерных для современной корпоративной практики в государственной кадровой политике. Целью автора разработки данной статьи является рассмотрение научно-теоретических и методологических основ мотивации труда государственных служащих в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** государственная служба, государственный служащий, Республика Таджикистан, мотивация труда, прием и оценка кадров, конкурс, аттестация, ротация, кадровый потенциал, государственные органы.

**PUBLIC SERVANT MOTIVATION AS A TOPICAL ISSUE OF OUR TIME**

Employment is the most important aspect of human activity. It ensures the fullest self-realization of a person and the actualization of all his/her capabilities. The effectiveness of professional activity and its external and internal components are to a large extent related to a specialist's motivation. Through understanding his motivation lies the path to effective human management. Only knowing what drives a person, what motivates him/her to act, what motives underlie his/her actions, one can try to develop an effective system of forms and methods of human management. This requires knowing how motives arise or are caused, and how and in what ways they can be actuated. The motivation of civil servants is seen as a system of complex influence of external and internal factors on employees to achieve the goals of the organization. Motivation of a person to activity, in its most general form, is understood as a set of driving forces that induce a person to perform certain actions. These forces cause a person, consciously or unconsciously, to do certain things. They are are outside and within the individual. At the moment, the main discussion on the modernization of the civil service is aimed at introducing motivational forms of remuneration, more flexible recruitment and dismissal mechanisms, a system of performance evaluation of civil servants, development of contractual framework and formation of a civil service talent pool. There is a set of measures that aim to use the methods characteristic of modern corporate practices in public human resources policies. The purpose of the author of this article is to review scientific-theoretical and methodological bases of civil servants' employee motivation in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** civil service, civil servant, Republic of Tajikistan, employee motivation, recruitment and assessment, competition, attestation, rotation, personnel potential, public authorities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бойматова Лино Комилҷоновна*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33

**Сведения об авторе:** ***Бойматова Лино Комилджоновна*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**,** ассистент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33

**Information about the author:** ***Boymatova Lino Komiljonovna*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant at the Department of Human Resource Management. **Address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir street, 33

ТДУ: 323.2(575.3)

# СИЁСАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

*Бобоев А.Ш.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таърихи ИҶШС 21 декабри соли 1991 бо таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) хотима ёфта, Тоҷикистон, ба монанди дигар собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ барои пешравӣ ба соҳибистиқлолии воқеӣ, конститутсионализм ва муосиркунонии иҷтимоӣ ба ҳокимияти қонунии давлатӣ ниёз дошт. 24 ноябри солии 1991 интихоботи мустақим, алтернативии Президенти ҷумҳурӣ гузаронда шуд, ки дар он Раҳмон Набиев ба ҳайси Президенти мамлкат интихоб мешавад. 10 сентяби соли 1991 Шурои Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тағйири номгузории Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон"-ро қабул мекунад, ки тибқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйири ном кард. Ҳамин тариқ, раванди тавлиди конститутсионии давлати нави мустақил, ки вориси ҳуқуқии ҶШС Тоҷикистон ва ИҶШС ба ҳисоб мерафт, оғоз меёбад.

Ҳамчун марҳилаи махсуси ин раванд қабули ду санади моҳиятан конститутсионӣ - "Эъломия оид ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [3] ва Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" [3] аз 9 сентябри соли 1991 гардид. Дар Эъломия возеҳан таъкид шуда буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд муносибатҳои худро бо ҳамаи мамлакатҳо дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ба давлати мустақил хос мебошад, ба роҳ мемонад [3].

Бори аввал шаҳрвандии ягона муқаррар карда шуда, гуногунии шаклҳои моликият бо эъломияи эълоншуда ба ҳукми конститутсионӣ дохил шуда, хатти фаъолияти давлат ба низоми мустақилонаи иқтисодӣ бо сиёсати худии молиявию қарзӣ, андозӣ ва гумрукӣ таҳким меёфт.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон, ки дар он акнун аҳолӣ асосҳои демократияи воқеиро аз худ карда, раванди тадриҷии шиносшавӣ бо унсурҳои алоҳидаи ғояҳои давлатии ҳуукӣ ба амал меомад, таъсири анъанаҳои авлодию қабилавӣ ва динӣ хел пурқувват буда, анъанаи парламентаризм, конститутсионализм комилан вуҷуд надошта, ҳисси эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон инкишоф наёфта буд, ки ин ҳама аз стаҳи пасти фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ шаҳодат медод. Имкон дорад, аз ин ҳамин сабаб дар Тоҷикистон гузариш ба давлати муосири демократӣ аз тариқи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқуъ пайваст. Роҳи ягонаи халосӣ аз буҳрони амиқ, қатъи ҷанги шаҳрвандии бародаркуш давъвати ҷаласаи Шурои Олӣ буда, моҳи ноябри соли 1994 ҷаласаи XVI-и он дар шаҳри Хуҷанди собиқ вилояти Ленинобод (ҳоз. вилояти Суғд) баргузор мегардад. Дар ин ҷаласа ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардида, 6 ноябри соли 1994 бошад, ӯ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешавад. Дар он айём Тоҷикистон давраи мураккабтарини таърихи худро гузаронида, ҳатто худи давлатдории миллӣ зери хатар қарор гирифта буд.

Ба туфайли хатти фаъолияти бемайлони Президенти кишвар ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар саросари мамлакат, аз ноҳияҳои дурдаст сар карда, то марказ, ҳокимияти қонунӣ барқарор карда шуда, Тоҷикистон ба марҳилаи нав - давраи барқароркунии сиёсат ва иқтисод ворид мешавад. Қатъ гардидани ҷанги шаҳрвандӣ, мусолиҳа байни тарафаҳои даргир имкониятҳои навро барои таҳкими давлати нав ба вуҷуд оварданд. Дар назди давлати ҷавони мустақил мушкилиҳои зиёд пеш омаданд. Дар солҳои аввал парлумони Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимтарини ҳуқуқиро қабул кард, ки дар ташаккули давлати демократии ҳуқуқӣ нақши муҳимро бозиданд.

Ба рӯйдоди таърихӣ қабули Конститутсияи давлати мустақили Тоҷикистон табдил ёфт, ки дар иродаи халқ - бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ инъикос ёфта буд. Бо мурури вақт халқ намояндагони худро ба мақоми олии ваколатдор ва қонунгузори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳои демократиро таъмин намуда, минбари озоди изҳори иродаи вақилони халқӣ ба шумор мерафт, интихоб намуд.

Пас аз истиқрори сохти конститутсионӣ дар мамлакат низоми бисёрҳизбӣ ба рушдёбӣ шуруъ карда, соли 1996 дар мамлакат ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти худ шуруъ намуданд.

Бунёди давлати ҳуқуқбунёд мақсад ва вазифаи муҳимтарини стратегии ислоҳот дар Тоҷикистон ба шумор мерафт. Ин вазифа, бо назардошти он, ки заминаи ҳуқуқии ҳаёти ҷумҳурӣ пас аз оғози ислоҳоти бозорӣ ва пошхӯрии давлатдории иттифоқӣ низ вайрон шуда, аз "порча"-ҳои низоми қонунгузории ИҶШС иборат буд, мураккаб буд.

Ташаккули низоми нави танзими ҳуқуқӣ дар давлати ҷавони мустақил бо душвориҳои зиёд алоқаманд буд. Вазъият бо он мураккаб мегардид, ки дар ниҳодҳои ҳокимияти давлатии Тоҷикистон мубориза шадид оид ба масъалаҳои он, ки чӣ тавр ва кӣ бояд норасоиҳои ҳуқуқиро пурра кунад ва дар кадом асос давлатдории нави ҷумҳурӣ, низоми ҳуқуқии он бунёд карда шаванд, қатъ намегардид. Дарсҳои ин мубориза, ва умуман тамоми таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлати ҳуқуқбунёдро танҳо дар асоси тақисмоти ҳокимият бунёд кардан мумкин аст. Амалисозии ин принсип ба суиистифода аз ҳокимият монеа эҷод карда, шаҳрвандро аз худсарии шахсони мансабдор ҳимоя карда, заминаҳоро барои фаъолияти самарабахши сохторҳои давлатӣ фароҳам меорад. Назарияи муосири илмии тақсимоти ҳокимият натиҷаи инкишофи чандасринаи давлатдорӣ, ҷустуҷӯйи механизмҳои муассиртаре маҳсуб меёбад, ки ҷомеаро аз зулму истибдод муҳофизат мекунанд.

Татбиқи принсипи тақсимоти ҳокимият мавҷудияти ҷилавгириҳо ва зидгузориҳоро пешбинӣ менамояд. Ҳар яке аз шохаҳои ҳокимият: қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ вазифаҳои худро дошта, бо салоҳиятҳои дахлдор ваколатдор карда мешавад. Шохаҳои ҳокимият дар татбиқи ваколатҳои худ мустақил ва новобаста буда, имконияти ҳамдигарро ҷилавгирӣ ва назорат карданро доро мебошанд. Ҳеҷ яке аз онҳо ҳуқуқ надорад вазифаи дигариро ба ухдаи худ гирад, аммо онҳо ҷудо аз ҳамдигар низ амал карда наметавонанд. Се шохаи ҳокимият бояд ҳамдигарро пурра карда, алоқаҳо ва мувофиқати заруриро нигоҳ дошта, организми ягонаи сиёсиеро ташаккул диҳанд, ки ба нафъи халқ фаъолият мекунад.

Айни замон принсипи тақсимоти ҳокимият дар баробарии ҳуқуқии ҳар яке аз се шохаи ҳокимият зоҳир шуда, ин баробарӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар яке аз онҳо - қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, соҳаи фаъолияти худро дорад, ки ба он шохаи дигар ҳуқуқ надорад дастдарозӣ кунад. Ҳокимияти қонунгузор, ки бо парлумон муаррифӣ шудааст, дорои ҳуқуқи истисноии қабули қонунҳои давлат, аз ҷумла дар самти сиёсати дохилии он мебошад.

Фаҳмиши муосири соҳибистиқлолии давлат ҳосил аз соҳибистиқлолии халқ ва истиқлолияти мамлакат дар ҳамаи ҷиҳатҳо мебошад. Зимнан, иродаи халқ механизми асосии давлати демократӣ ба ҳисоб рафта, давлат ҳамчун намояндаи расмии халқ иродаи шаҳрвандони худро ифода карда, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои онҳоро танҳо дар вақте дар ҳаҷми пурра таъмин карда метавонад, ки агар мустақил бошад.

Соҳибистиқлолӣ дар ягонагӣ, истиқлолият ва волоияти ҳокимияти давлатӣ зоҳир мешавад. Ҳамчун давлати мустақил давлате шуморида мешавад, ки пуррагӣ ва ҷудонашавандагии ҳокимияти худро дар тамоми ҳудуди худ таъмин намуда, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона татбиқ менамояд. Ба ибораи дигар, истиқлолияти давлат маънои мустақилияти онро дар ҳалли ҳам масъалаҳои сисёсати дохилӣ, ҳам сиёсати хориҷӣ, дар муносибатҳои тарафайн бо давлатҳои дигар дорад.

Давлати мустақил мустақилона шакли ҳукмронӣ, шакли сохти давлатӣ, низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, самтҳои асосии ташкили худидоракунии маҳаллиро муайян карда, шароитро барои масъулияти мутақобилаи давлат ва шахсият фароҳам меорад. Давлати соҳибистиқлол низомҳои молиявӣ, пулӣ, бонкиро мустақилона ташкил карда, якпорчагии ҳудудӣ, инчунин қонуният ва тартиботро таъмин менамояд. Он, тибқи қонунҳои мавҷуда, артишро таъсис дода, сохти конститутсионӣ, мустақилият ва якпорчагии давлатро муҳофизат мекунад. Волоияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди қонунҳои амалкунанда амалӣ карда мешавад.

Ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузариш аз як сохти иҷтимоию иқтисодӣ ба сохти дигар, дигаргунии куллии арзишҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ боиси зарурати таҳия ва истифодаи механизмҳои нави таъминоти ҳуқуқии идоракунии

давлатӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат гардиданд. Аммо вазъияти сиёсии дар оғози солҳои 1990-ум ташаккулёфта дар мамлакат ба рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва танзими самараноки ҳуқуқии онҳо мусоидат накард. Қонунҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС қабул шуда буданд, ғайринизом ва гуногунсоҳа буданд. Инчунин, вазъияти мураккаби дар он вақт ташаккулёфтаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кандашавии муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ, беқурбшавии пул, норасоӣ ва мавҷуд набудани маблағҳои пулӣ, заиф ва кандашавии робитаҳои пешинаи шартномавӣ, номукаммалӣ ва ихтилофоти қонунгузории дохилӣ ва ҳолатҳои дигарро низ ба назар гирифтан лозим аст. Аз ин рӯ, дар назди давлати мустақил, дар қатори ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, вазифаи таҳия ва истифодаи механизмҳои нави ҳуқуқии татбиқи он истода буд. Ин ба он вобаста буд, ки дастёбӣ ба истиқлолият ва дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои озоди сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ мавҷуд будани қонунгузории мукаммал, босифат ва самарабахши миллиро, ки дар пояҳои конститутсионии демократия ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда асос ёфтааст, тақозо мекард.

Қайд кардан заурр аст, ки дараҷаи таъсири санади меъёрии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ аз шароити дар он лаҳза вуҷуддошта вобаста буд. Яъне, худи ҳамон як санади меъёрии ҳуқуқӣ метавонад самарабахш амал кунад ё дар натиҷаи номутобиқатӣ ба шароити пайдошуда умуман амал накунад.

Дар солҳои аввали истиқлолият, ғайр аз вазъиятҳои мураккаби сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки омилҳои асосии эҷодкунандаи монеаҳо дар рушди қонунгузорӣ ба ҳисоб мерафтанд, ҳолатҳои дигаре, ки ба ин раванд таъсир мерасониданд, аз ҷумла масъалаҳои интихоби соҳаи муносибатҳои танзимшаванда, муайян кардани мақсадҳо ва арзишҳои иҷтимоии онҳо, баҳисобгирии принсипи муносибати низомнок, интихоби воситаҳо ва методҳои дахлдори танзими ҳуқуқӣ, риояи қоидаҳо ва меъёрҳои техникаи қонунгузорӣ, асосноккунии фаъолияти қонунгузорӣ ва ғайра низ вуҷуд доштанд. Дар робита ба ин, рушди қонунгузорӣ дар давраи истиқлолият нобаробар буд. Вобаста ба тағйири вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ он марҳила ба марҳила такмил ва инкишоф меёфт.

Дар айни замон, тасаввурот дар бораи мафҳум ва моҳияти қонунгузорӣ дар солҳои истиқлолият якхела набуд. Аз дидгоҳи назариявӣ, таърифи қонунгузорӣ дар адабиёти ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ҳам дар фаҳмиши танг, ҳам дар фаҳмиши васеъ дода мешавад [1,с.31; 15,с.243; 14,с.17-19]. Дар фаҳмиши танг ин танҳо қонунҳо буда, дар фаҳмиши васеъ - қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои байналмилалии меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба ҳисоб меравад.

Ташаккул ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити барои мамлакат махсус ва зери таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ, инчунин вазъи дохилӣ ва хориҷӣ бо суръати тез сурат мегирифтанд. Бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои зеринро фарқгузорӣ кардан мумкин аст: 1) сс. 1991 - 1994; 2) сс. 1995 - 2000; 3) аз с. 2000 то айни замон.

Дар давраи ибтидоии рушди қонунгузорӣ (аз 9 сентябри соли 1991 - рӯзи эълони истиқлолияти мамлакат ва то 6 ноябри соли 1994 - рӯзи қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол) Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 1991 “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” [7], аз 23 декабри соли 1991 “Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 10 марти соли 1992 “Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1992 ва ғайра қабул карда шуданд. Мақсади асосии онҳо ба тартиб даровардани муносибатҳои нави ҷамъиятие, ки дар давраи истиқлолият ба вуҷуд омада буданд, аз ҷумла муайян кардани сиёсати ягонаи гумрукӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар соҳаи интиқоли молҳо ва корҳои дигар, бознигарии нархҳои харид ба маҳсулоти кишоварзӣ дар робита ба муносибатҳои нави бозаргонӣ, ба низом даровардани андозбандии даромадҳои шаҳрвандони машғул бо соҳибкори инфиродӣ, инчунин ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии фаирориён ба ҳисоб мерафтанд. Дар он давра Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе санадҳои қонунгузорӣ дар ин марҳила бо мақсади идора кардани вазъияти мураккабе, ки дар мамлакат ташаккул ёфта буд, қабул шуда буданд. Аз ҷумлаи онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озод кардани шахсоне, ки ҷиноятҳо ва амалҳои ғайриқонуниро дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои муноқишаҳои мусаллаҳона содир кардаанд, аз масъулияти ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ” мебошад. Дар худи ҳамин вақт як қатор қонунҳое қабул карда шуданд, ки мафҳумҳо ва намудҳои монеаҳо, низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагидор ва шаклҳои рақобаи ғайри поквиҷдонона, мафҳумҳо ва намудҳои андозҳое, ки аз ҷониби шахсон ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ пардохта мешаванд, гарав ҳамчун методи таъмини уҳдадориҳо ва муносибатҳои дигари мутақобилаи субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла ба тартиб даровардани муносибатҳо миёни онҳо ва давлатро муайян мекарданд. Ба онҳо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 1993 “Дар бораи корхонаҳо”, аз 27 декабри соли 1993 “Дар бораи низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 27 декабри соли 1993 “Дар бораи маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рушди рақобат”, аз 27 декабри соли 1993 “Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 20 июли соли 1994 “Дар бораи асосҳои низоми андоз”, аз 20 июли соли 1994 “Дар бораи суғурта” ва ғайра мансуб мебошанд.

Маҳз қабули Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба марҳилаи навбатӣ дар таҳия, қабул ва такмили қонунҳо гардид. Бо эътирофи Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, Конститутсия асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқҳо, озодиҳо, уҳдадориҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ваколатҳои Маҷлиси Олӣ (Парлумон), Президент, Ҳукумат, ҳокимиятҳо, судҳо ва прокуратураҳои маҳаллиро муайян кард. Мутобиқи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит барои рушди ҳокимияти давлатӣ ва такмили давлати мустақил фароҳам оварда шуда, шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимият, инчунин нақши ҳокимияти қонунгузорӣ дар қабул ва такмил додани қонунгузорӣ муайян карда шуданд. Маҳз Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун асоси иқтисоди мамлакат мавҷудияти якҷояи шаклҳои гуногуни моликиятро эътироф карда, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медод. Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ, зиндагӣ, шаъну шараф ва ҳуқуқҳои дигари табиии инсонро дахолатнопазир эълон карда, давлатро уҳдадор месохт ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва муҳофизат кунад.

Зарурати такмили қонунгузорӣ бо мақсади мураттабсозии фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва мутобиқсози онҳо бо муқаррароти асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, як қатор қонунҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд, ки ҳаёти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро танзим мекарданд, ки аз ҷумла: қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1994 “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” [10], аз 3 ноябри соли 1995 “Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [4], аз 4 ноябри соли 1995 “Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [5], Кодекси хоҷагидории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 1997, Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, Қонунҳои Ҷумухурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 “Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасониҳо”, аз 12 декабри соли 1996 “Дар бораи хариди молҳо, маҳсулот, корҳо ва хизматрасониҳо”, аз 12 декабри соли 1997 “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ва ғайра мебошанд.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ноябри соли 1998 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 июни соли 1999 - қисми якуми кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 декабри соли 1999 - қисми дуюми онро қабул кард. Кодекси гражданӣ асосҳои ҳуқуқии иқтисоди миллӣ ва хусусиятҳои ташаккули онро муайян кард. Қонунҳои зикргардида муносибатҳои граждании субъектҳои гуногунро танзим карда, шаклҳои

